Х. МИРЗОЗОДА

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Х. МИРЗОЗОДА

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

(Аз даврai қадим то асри XIII)

*Китоби I (I)*

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
1987

М 65 ББК 83.3(0) 9Я73
8 тоҷик 1 (075)

**Мирзозода Холиқ**

М 65 Таърихи адабиёти тоҷик: (Аз давраи қадим то асри XIII).— Душанбе: Маориф, 1987. Қитоби 1 (I).

**Мирзозода Холик**

История Таджикской литературы.

**ББК 83.3(0) 9Я73**
**8 тоҷик 1(075)**

**М $\frac{4703000000 - 913}{М 504(13) - 87}$ 69 — 87**

© Нашриёти «Маориф», 1987.

# ҚИСМИ I

## МАДХАЛ

Илми адабиётшиносӣ аз таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, танқиди адабӣ ва матншиносӣ иборат мебошад. Чӣ тавре ки аз таърих маълум аст, ҳар халқ дар баробари бо халқҳои дигар алоқаи иқтисодӣ, илмӣ ва адабӣ доштан дорои таърихи хоси иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ, маданӣ ва санъати худ низ мебошад.

Халқи тоҷик аз ҷумлаи халқҳоест, ки дорои маданият, санъат ва адабиёти бои қадимӣ мебошанд. Вай дар қатори халқҳои бузургу хурди дунё дар симои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино. Носири Хисрав, Берунӣ, Хайём, Саноӣ, Аттор, Румӣ, Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва ғайра барои бою ғанӣ гардондани хазинаи маданияти ҷаҳонӣ ҳиссаи арзанда гузоштааст. Адабиёти тоҷик алоқамандона бо тафаккури бадеии халқҳои дигар инкишоф ёфтааст. Бузургии халқ на бо миқдори он, балки бо мероси адабию маданиаш муайян карда мешавад. Масалан, халқи тоҷик бо симоҳои бузурги соҳаи илм, санъат ва адабиёти худ, ки ба хазинаи маданияти ҷаҳонӣ додааст, фахр менамояд.

**Предмати таърихи адабиёти тоҷик***

Адабиёти тоҷик як қисми маданияти маънавии халқҳои эронӣ буда, бо таърихи маданияти он алоқамандона омӯхта мешавад. Ин ҳол имконият медиҳад, ки ба қадри ҳол адабиётро дар алоқаи инкишофи маданияти умумии халқ омӯзем.

Предмети таърихи адабиёти тоҷик адабиёти онро аз замонҳои қадим то давраи ҳозира, ки пояи баланди тараққиёти адабиёти ӯст, меомӯзад. Таърихи адабиёти тоҷик ба ду ҳиссаи асосӣ ҷудо мешавад: яке адабиёти то Революцияи Октябрь, дигаре адабиёти замони советӣ, ки сифатан нав аст.

---

* Азбаски силсилаи китобҳои дарсии барои мактабҳои олӣ бо номи «Таърихи адабиёти тоҷик» чоп шудааст, калимаи «форсу тоҷик» танҳо бо «тоҷик» ифода ёфт.

Қонуниятҳои инкишофи ин ду адабиёт аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Хусусиятҳои инкишофи адабиёти давраи то револю-цияро, ки дорои ғояҳо, ҷараёнҳо, равияҳо ва муборизаи ба ҳам зид мебошад, зиддиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии синфҳои антагонистии он ҷамъият муайян менамояд. Маълум аст, ки синфҳои иртиҷоию тараққипарвар, истисморшавандаю истис-моркунанда мундариҷаи хислати реакционӣ ва прогрессивии адабиёти он даврро низ ба вуҷуд овардааст. Пас, таърихи ада-биёти тоҷик аз таърихи муборизаи ҷараёнҳои адабӣ ва мунда-риҷаи ғоявии онҳо иборат аст. Фанни таърихи адабиёти тоҷик ҳам дар асоси таълимоти ленинии мавҷудияти ду маданият дар ҳар маданияти миллӣ ба омӯхтани адабиёт наздик шуда, аз он унсурҳои тараққипарвареро, ки ба инкишофи адабиёту мада-нияти советии шаклан миллию мазмунан социалистӣ ёрӣ ме-расонад, меомӯзад.

Таърихи адабиёти тоҷик пайдоиш, инкишоф ва сукути ҷа-раёнҳо, равияҳо ва жанру шаклҳои адабиро дар шароитҳои таърихӣ, дар ҳолати таърихиаш меомӯзад. Он аз рӯи ақидаи А. М. Горький, ки «ибтидои каломи бадеӣ дар фольклор аст», моро аз сайри адабиёти даҳанакии халқ, аз пайдоиши адаби-ёти хаттии давраи қадим то ба пояи имрӯзаи тараққиёти ада-бӣ меорад. Эпос ва лирика дар адабиёти тореволюционӣ жан-ри асосии адабиёт буд. Эпоси мифологӣ, сурудҳо, ривоятҳо, қиссаҳо, латифаҳо ва ҳикояҳо, қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, мухаммас, мусаддас, мусаммат, мураббаъ, мусаллас, таркиб-банд, тарҷеъбанд, мустазод, маснавӣ, достон аз шаклҳои маш-ҳур ва бисьёр паҳншудаи адабиёти тореволюционии тоҷик ме-бошад.

Таърихи адабиёти тоҷик масалҳо, қиссаҳои ҳазору як шаб, ҷангномаҳо, саргузаштҳо — ёддоштҳо, сафарномаҳо, таърихҳои бо забони адабӣ-бадеӣ навишташуда, асарҳои шеършиносӣ, таз-кираҳо ва тарҷумаро, ки як намуди алоқаи адабии халқҳост, низ дарбар мегирад. Курси таърихи адабиёти тоҷик адабиёти гузаштаро дар шакли обзорӣ ва монографӣ омӯхта, анъанаи тараққипарвари онро пеш аз ҳама дар мадди назар дорад.

**Давраҳо ва пояҳои инкишофи таърихи адабиёти тоҷик**

Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, таърихи адабиёти тоҷик ба ду хиссаи асосӣ — то ин-қилоб ва баъди инқилоб ҷудо мешавад. Ин қисмҳо дар навбати худ ба давраҳо ва пояҳо тақсим мешаванд. Давраҳои адабиро бояд давраҳои тараққиёти ҷамъият — формацияҳои иҷтимоӣ муайян намояд, зеро маданияти моддӣ ва маънавии одамон ва шуури онҳо вобаста ба иқтисодиёт, муносибатҳои истеҳсолӣ, воқеаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳаёти моддии ин ё он формацияи ҷамъиятӣ инкишоф меёбад.

Чунон ки марксизм-ленинизм таълим медиҳад, «Одамон дар истеҳсолоти ҷамъиятии худ ба муносибатҳои муайян ва зарурии бо иродаи худашон вобаста набуда ба муносибатҳои истеҳсолии

дохил мешаванд, ки ин муносибатҳо ба зинаи муайяни инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи моддии онҳо мувофиқ меоянд. Маҷмӯи ин муносибатҳои истеҳсолӣ таркиби иқтисодии ҷамъиятиро, базиси реалиеро ташкил мекунад, ки бар болои ин базис надстройкаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ воқеъ аст ва шаклҳои муайяни шуури ҷамъиятӣ ба ин базис мувофиқ меоянд. Тарзи истеҳсолоти ҳаёти моддӣ сабабгори умуман процессҳои социалӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаёт мегардад. Шуури одамон ҳастии онҳоро муайян намекунад, балки баръакс, ҳастии ҷамъиятии онҳо шуури онҳоро муайян мекунад*». Таърихи адабиёти то революцияи тоҷикро мувофиқи шароитҳои таърихӣ ба адабиёти давраи қадим (аз давраҳои қадим то асри VIII мелодӣ), давраи феодалӣ (аз асри VIII то асри XX — то Революцияи Октябрь) ҷудо кардан лозим меояд.

Азбаски ҳудуди давраҳои қабилавӣ ва ғуломдориро аз ёдгориҳои адабии он давр муайян кардан душвор аст, адабиёти ин даврро шартан «адабиёти қадим» меномем. Аммо адабиёти давраи феодалиро ба пояҳои зерин тақсим намудан мумкин аст: Адабиёти замони пайдоиши муносибатҳои феодалӣ — асрҳои VIII—IX; адабиёти замони барқарор ва устуворшавии феодализм — асри X; адабиёти замони инкишофи феодализм — асрҳои XI—XV, адабиёти замони таназзули феодализм — асрҳои XVI ва ибтидои XX.

Пас аз рӯи таълимоти марксизм-ленинизм таърихи адабиёт қисми узвии таърихи тараққиёти халқу ҷамъият бошад ҳам, масъалаи ба давраҳо тақсим кардани он, аз як тараф, ба таърихи тараққиёти ҷамъият, аз тарафи дигар, ба хусусиятҳои хоси тараққиёти адабиёт алоқаманд аст. Азбаски адабиётшиносии тоҷик пеш аз революция ба мафҳуми имрӯзааш вуҷуд надошт, ба ин маънӣ бештар шеършиносиро мефаҳмиданд. Мувофиқи илми марксистӣ-ленинӣ омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик баъд аз Инқилоби Октябрь оғоз ёфт ва муайян намудани давраҳои тараққиёти таърихи адабиёти тоҷик ба адабиётшиносии советии тоҷик муяссар шуд.

**Аз таърихи омӯхта шудани адабиёти тоҷик**

Таърихи омӯхта шудани адабиёти гузаштаи тоҷик ду давраи асосӣ дорад: пеш аз Революцияи Октябрь ва баъд аз он. Дар айни замон бояд қайд кард, ки дар гузашта омӯзиши ин адабиёт дар Шарқу Ғарб фарқ дошт. Адабиётшиносии форсу тоҷик аз навиштани тазкираҳо, китобҳои шеършиносӣ оғоз ёфтааст. Масалан, дар асоси «Риторика»-и Арасту, поэтикаи Ибни Сино, баъд «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад Родуёнӣ (асри XI), «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот (вафоташ 1182—1183), «Ғоят-ул-арӯзайн»-и Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ (асри XI—XII), «Ал-мӯъҷам фи маоир-ул-

---

* *К. Маркс.* Сарсухан ба «Доир ба танқиди иқтисоди сиёсӣ». *К. Маркс, Ф. Энгельс.* Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 1. Душанбе, 1963, с. 374.

ашъор-ул-Аҷам»-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ (асри XIII, таълифи санаи 1217—1218), «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насриддини Тусӣ (ваф. 1229—1230), «Рисолаи қофия»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Арӯз»-и Сайфии Бухороӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Ҳусайн Воизи Қошифӣ (асри XV), «Бадоеъ-ус саноеъ»-и Атоуллои Ҳусайнӣ (асри XV), «Ҷамъи мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ (асри XVI), «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-и Низомиддин Аҳмади Ҳусайнӣ (таълиф 1650), боби ҳафтуми «Ҳафт қулзум»-и Қабулмуҳаммад, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин (асри XIX) ва ғайраҳо навишта шудаанд.

Кӯшишҳои аввалини адабиёти бадеиро маънидод кардан дар «Қобуснома»-и Кайковус (асри XI) ва дар мақолаи дуюми «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарандӣ (асри XII) мушоҳида мешавад, ки ҳоло ин асарҳо ба дараҷаи системанокии назарияи адабиёт нарасида буданд.

Пеш аз революция таърихи адабиёт ба мафҳуми имрӯзааш фахмида намешуд. Тазкираҳо, ки як навъ таърихи адабиёт ба шумор мераванд, аз маълумоти нокиси тарҷумаи ҳол ва баъзе нақлу мулоҳизаҳои ҷузъии адабию танқидӣ иборат буданд. Аввалин тазкира «Ятимат-уд-даҳр»-и Ас-Саолибӣ (асри XI) мебошад, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Нахустин тазкира ба забони форсӣ-тоҷикӣ «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (охири асри XII ва аввали асри XIII) аст. Сипас пасу пеш тазкираҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, равзаи (боби) ҳафтуми «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ, «Тӯҳфаи Сомӣ» (асри XVI), «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасани Нисории Бухороӣ (асри XVI), «Музокир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ (асри XVII), «Тазкираи майхона»-и Абдумӯъмин (асри XVII), «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод (асри XVIII), «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар (асри XVIII), «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят (асри XIX), «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ (асри XIX), «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ (асри XIX), «Қомус-ул-аълом»-и Шамсиддин Сомибек (асри XIX), «Афзал-ут-тазкор фи зикр-иш-шуаро ва-л-ашъор»-и Афзалии Бухороӣ (ибтидои асри XX), «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё (ибтидои асри XX) ва ғайраҳо ба майдон омаданд. Муаллифони тазкираҳо анъанаи тазкиранависии асрҳои пешинаро давом додаанд. Чи асарҳои назариявӣ оид ба шеършиносӣ ва чи тазкираҳо ба дараҷаи умумии адабиётшиносии пеш аз инқилобии Аврупо нарасида, дорои нуқсонҳои ғоявию назариявӣ (монанди биографизм, догматизм, субъективизм, формализм, суруду мусиқию шеърро аз илҳоми рӯҳии илоҳӣ маънидод кардан ва ғайра) бошад ҳам, ба ҳар ҳол фанну дониши адабиётшиносӣ, тафаккури назариявӣ ва эстетикии замони худ мебошанд, ки ба тараққиёти ин соҳаи дониши инсонӣ таъсири манфиатбахше расонидаанд ва онҳо ҳоло ҳам аҳамияти илмию таърихии худро то андозае гум накардаанд.

Қисми дигари сарчашмаҳои адабиётшиносӣ баъзе асарҳои

таърих, ёддоштҳо, сафарномаҳо ва баёзҳо мебошанд, ки аз онҳо фактҳои ҷудогонаи адабӣ, унсурҳои назарияи адабиёт, маълумотҳои тарҷумаиҳолии нависандагонро дарьёфтан мумкин аст. Ба ҳамаи асарҳои номбаршуда ҳамчун сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ, таърихӣ назар карда истода, ба онҳо аз нуқтаи назари танқидӣ наздик шудан лозим аст.

Омӯзиши забон, адабиёт, санъат ва таърихи Шарқ дар Ғарб шарқшиносӣ (ориентале) ном дорад ва он аз асри XVIII оғоз ёфтааст. Ҷустуҷӯҳои шарқшиносии Ғарб, пеш аз ҳама, бо футӯҳоти мустамликахоҳии капитализми он ва тараққиёти сохти буржуазии Европа алоқаманд аст. Қатъи назар аз майлҳои шовинистии европацентризми аксарияти шарқшиносон, ки афкори адабию илмиро бештар ба Ғарб ва таассуби динию тасаввуффиро ба Шарқ нисбат медоданд, дар бобати нашри асарҳои форсӣ-тоҷикӣ, тартиб додани каталогҳо, тарҷумаи ҳол, ҷамъ намудани фактҳои адабӣ, тарҷумаҳо аз забони форсӣ ба забонҳои ғарбӣ, қисман тадқиқоти назариявӣ, омӯхтан ва кашф намудани забонҳо ва хатҳои қадим ҳиссаи муайяне доранд, вале ҳанӯз ба дараҷаи илми адабиётшиносии марксистӣ-ленинӣ нарасида буданд, зеро аз як тараф, ба моҳияти адабиёти Шарқ бояду шояд сарфаҳм нарафта буданд, бинобар ин дар афкори онҳо баъзе хато ва вайронкориҳо дида мешуданд. Аз тарафи дигар, ба масъалаҳои фаҳмиши адабиёти бадеӣ аз нуқтаи назари адабиётшиносии буржуазӣ, ки он адабиётро берун аз синфҳо — ҳамчун ҷараёни умумӣ, аз нуқтаи назари фактология ва объективизми буржуазӣ меомӯхт, рафтор мекарданд. Бо вуҷуди ин, барои ҷамъ намудани фактҳо асарҳои шарқшиносони Ғарб ҳамчун сарчашмаи илмӣ ва адабӣ хизмати бесазое доранд. Асарҳои машҳуртарин шарқшиносони Ғарбу рус Артур Кристенсен, Ҳ. Эте, Дармстетер, Эдуард Браун, В. Бартольд, Крымский ва бисьёр дигарон ҳамчун сарчашмаҳои боэътибори илмӣ истифода мешаванд.

**Омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик баъд аз Революцияи Октябрь**

Революцияи Социалистии Октябрь ба рӯи халқи тоҷик дари илму дониши нави замонавӣ — марксистӣ-лениниро кушод, ӯро аз ақибмонии асри миёна озод намуд, ба роҳи тараққиёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, илмии нав раҳнамун кард. Бо ёрии методи илмию назариявии адабиётшиносӣ ва шарқшиносии советии рус ва халқҳои дигари СССР адабиётшиносии тоҷик аз пояи то инқилобиаш ба зинаи нав — адабиётшиносии советии марксистӣ-ленинӣ бардошта шуд. Ибтидои адабиётшиносии советии тоҷик аз китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ, ки синтези анъанаи тазкиранависӣ ва ибтидои адабиётшиносии советист, оғоз ёфтааст.

Ин китоб бори аввал мафҳуми «адабиёти тоҷик»-ро ба афкори илмӣ дохил кард. Ҳар чанд ки китоби мазкур масъалаи мероси адабиро бо сабаби шароити таърихии онрӯза ҳал накардааст ва дар он таъсири назарияи ҷараёни умумии тазкира-

навишӣ идома ёфтааст, вале аввалин шуда, шуури миллӣ, баъз унсурҳои адабиётшиносиро ба афкори илмии халқи тоҷик дохил кард ва дар назди он вазифа гузошт, ки адабиёти тоҷикро бо усули марксистӣ-ленинӣ омӯзад: «Ин китоб ғайр аз маҷмӯаи намунаҳои адабии ҳазорсола будан дигар моҳият надорад... Аз ин намунаҳо фоида бурда ба усули марксистӣ таърихи адабиёт навиштан... хизмати ҷавонони фаъолро мунтазир аст»*. Баъд аз ин омӯзиши адабиёти тоҷик аз мақолаҳо, китобҳои қироат барои мактабҳо оғоз ёфт. Дар бобати омӯхтани мероси классикон як муддат ҷараёни зидди марксистии инкоркунандаи мероси адабӣ — пролеткульт халал расонид. Аммо муборизa бо пролеткульт, маърӯзаи В. И. Ленин дар съезди II комсомол ва соли 1934 ҷашн гирифтани ҳазорсолагии зодрӯзи Абулқосим Фирдавсӣ дар миқьёси СССР ва ҷаҳон ба омӯзиши васеи саромадони сухани адабиёти форсу тоҷик роҳи васеъ кушод. Дар ин роҳ С. Айнӣ бо рисолаи «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1935) қадами аввалин гузоштааст.

«Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), ки давоми анъанаи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнист, бо усули ба масъалаҳои саргуми мероси адабӣ ва назарияи ҷараёни умумӣ хотима дода, принципи марксистӣ-ленинии омӯхтани мероси адабӣ ва намояндагони адабиёти классикии тоҷикро дар асоси принципи таърихӣ ба миён гузошт.

Барои аз нуқтаи назари марксистӣ омӯхтани эҷодиёти классикҳои адабиётамон рисолаҳои С. Айнӣ «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ», «Шайх-ур-раис Абӯалӣ ибни Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Мирзо Абдулқодири Бедил», «Алишери Навоӣ» ва ғайра сармашқҳои аввалини адабиётшиносони ҷавон буд. Ҳамин тавр, адабиётшиносии нави тоҷик оғоз ёфт ва тарафт ривоҷ гирифт, инкишоф ёфт, мустаҳкам шуд ва ҳоло ҳамчун ҷузъи муҳим ва як қисми ҷудонашавандаи адабиётшиносӣ ва шарқшиносии советӣ мебошад.

Сарчашмаи назарияи адабиётшиносии советии тоҷик таълимоти марксизм-ленинизм, асарҳои адабиётшиносон ва шарқшиносони русу халқҳои дигари СССР мебошад. Имрӯз адабиётшиносӣ ва шарқшиносии советии тоҷик ба соҳаи муҳим ва мустақили соҳаи илми гуманитарӣ мубаддал гашта, намояндагони он ба воя расидаанд.

Ҳоло бо омӯзиши илмӣ ва нашри осори классикҳо на танҳо институти шарқшиносӣ ва институти тадқиқоти илмии забон ва адабиёти АФ Тоҷикистон, балки ҳамаи институтҳои педагогӣ, университет ва ғайра машғуланд. Дар мавзӯъҳои ин адабиёти нопайдоканор рисолаҳои илмию тадқиқотӣ, корҳои дипломӣ ва номзадию докторӣ навишта шуда истодаанд.

Бо омӯхтани хазинаи бои адабиёти классикии форсу тоҷик

* *Садриддин Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, с. 616—617.

олимони шарқшиноси советии рус ва дигар халқҳои СССР низ машғуланд ва дар ин кори хайр ба адабиётшиносии советии тоҷик ёрии беғаразона мерасонанд.

Аз солҳои 30—40-ми асри XX сар карда маркази омӯзиши адабиёти форсу тоҷик, ки то ин вақт Ғарб ба ҳисоб меёфт, ба Шарқ кӯчид. Омӯзиши ин адабиёт, баробари он ки дар Тоҷикистони Советӣ ва дигар марказҳои тадқиқотии СССР хеле авҷ гирифт, дар Эрон, Афғонистон ва қисман Ҳиндустону Покистон ҳам рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аз ҷумла, номҳои Шиблии Нӯъмонӣ (Ҳиндустон), Сайид Нафисӣ, Хонларӣ, Фурӯзонфар, Алиаскари Ҳикмат, доктор Шафақ, Забеҳулло Сафо, Ғанизода (Эрон) ва дигаронро ба забон гирифтан мумкин аст, ки дар ин масъала хизматҳои калоне кардаанд. Аммо бояд қайд кард, ки дар аксари асарҳои адабиётшиносии Шарқи хориҷӣ таъсири тазкиранависии гузаштагон, олимони шарқшиноси буржуазии Ғарб ва идеологияи исломӣ хеле зиёд аст. Онҳо аз адабиётшиносии марксистӣ дуранд, адабиётро ҳамчун ҷараёни ягонаи умумӣ меомӯзанд. Вале методи эҷодии фактологии онҳо, ба шарти аз нуқтаи назари танқидӣ рафтор намудан, ба тадқиқотчии советӣ материали фаровоне дода метавонад.

Ба ҳамин тариқ, адабиёти форсу тоҷик чи дар СССР ва чи дар хориҷа предмети адабиётшиносӣ гардидааст. Дар мактабҳои миёна ва олӣ мувофиқи плани хониш ва программаи муайян омӯхтани адабиёти классикӣ ба инкишофи оянда омӯзиши ин адабиёт ва оммавӣ гардонидани он ёрии калон мерасонад. Ба оммаҳои васеи халқ, ки бо шарофати Ҳокимияти Советӣ сар то сар босавод аст, расонидани хазинаи бои адабиёти классикӣ аз афзалияти сохти советӣ мебошад.

**Таълимоти марксизм-ленинизм дар бораи омӯхтани мероси маданӣ ва адабӣ**

Масъалаи муносибат ба мероси маданию адабӣ ва онро муайян кардан нисбатан нав буда, қисми таркибии таълимоти революционии марксизм-ленинизм аст ва он асосҳои методологии адабиётшиносии советӣ, аз ҷумла фанни таърихи адабиётро муайян мекунад. Таълимоти мазкур, ки масъалаҳои дар ҷамъияти дорои синфҳои ба ҳам зид ва ҳукмронии синфи ҳоким, дар ҳар маданияти миллӣ мавҷуд будани ду маданият, моҳияти синфӣ доштани мундариҷаи адабиёт, муносибати идеологияи социалистӣ ба мероси маданӣ, аҳамияти мероси маданӣ ва аз он барои ба вуҷуд овардани маданияти пролетарӣ аз нуқтаи назари танқидӣ фоида бурдан, ҳуқуқи халқҳо ва миллатҳо ба мероси маданию адабӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ба адабиётшиносиву санъатшиносӣ роҳ нишон медиҳад ва дар айни замон намунаи ибрат ҳам мебошад.

Ҷамъияти синфии истисморчигии инсонҳо ва таърихи он аз ҷараёни ягонаи таърих иборат набуда, муборизаи қувваҳои ба ҳам зидди антагонистиро дар бар мегирад. Чӣ тавре ки марк-

сизм таълим медиҳад, «таърихи ҳамаи ҷамъиятҳое, ки то ҳоло вуҷуд доштанд, таърихи муборизаи синфҳо буд»*.

Аз ин гуфтаҳо маълум аст, ки шуур ва тафаккури синфҳои антагонистӣ ҳархела, ба ҳам зид ва оштинопазир буда, муносибати онҳо ва мафкураашон ба адабиёт ва маданият як хел нест. Ҳар синф мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва манфиатҳои синфии худ маданияти давраашро меофарад ва ба якдигар таъсир мегузаронад. Аз ин ҷост, ки ин гуна рафтор ва мафкураи синфӣ моҳияти санъат, адабиёт ва характери онро муайян менамояд. Ба ин тариқ, ҳар синф санъат, адабиёт ва маданияти худро ба вуҷуд меоварад. Аз ин рӯ, барои ҳамаи синфҳо санъату адабиёт ягона нест. Он бояд ё ба синфҳои истисморшаванда ва ё истисморкунанда хизмат кунад. Ҳар чанд ки ин мафҳумҳо дар осори адибон ва адабиётшиносони давраи феодалии адабиёти тоҷик қариб дида намешавад, вале дар гуфтори онҳо ифодаи ибтидоии ин афкор мушоҳида мегардад. Носири Хисрав дар шеъри «Дар мазаммати шуаро» ва Саноӣ дар шеъри «Дар ҳаққи шоирони бад» оид ба синфи ҳоким ва ба манфиатҳои шахсӣ хизмат кардани шоирони феодалии дарбор сухан рондаанд:

Зи маънӣ ҷони ишонро хабар нест,
Суханшон ҷуз барои симу зар нест.
*Носири Хисрав*

Носири Хисрав ҳамчун шоири халқӣ ба синфи ҳоким хизмат накардан:

*Ман онам, ки дар пои хукон нарезам,*
*Мар ин қимати лафзи дурри дариро.*

ва Низомӣ ба халк хизмат карданро талқин намудааст:

Куш, то халқро ба кор ой,
То ба ҳулқат ҷаҳон биёрой.

В. И. Ленин соли 1905 дар мақолаи «Ташкилоти партиявӣ ва адабиёти партиявӣ» моҳияти синфии адабиёти ба як гурӯҳи ками аз фарбеҳӣ ва серравғанӣ нафасгардонро фош намуда, инкишоф додани адабиётеро, ки ба миллионҳо оммаҳои меҳнаткаш хизмат менамояд, пеш рондааст.

Синфҳои истисморкунанда ва мафкурабардорони онҳо одатан моҳияти синфӣ ва ба синфҳо хизмат кардани санъат ва адабиётро рӯпӯш карда, дар бораи санъат ва адабиёти «соф», шиори «санъат барои санъат» ва «маданияти умумимиллӣ» мелаққанд. Мақсади ин гуна пардапӯшӣ рӯпӯш кардани манфиатҳои синфи истисморкунанда, халқро гӯл задан ва аз аслиҳаи буррои муборизаи синфӣ — санъат ва адабиёт маҳрум кардан

---

* *К. Маркс ва Ф. Энгельс.* Манифести Партияи Коммунисти. Душанбе, 1968, сах. 33.

аст. Чи революционер-демократҳои рус, чи пешвоёни ҳаракати коммунистӣ Маркс, Энгельс, Плеханов ва Ленин бо шиори «санъат барои санъат» ва мафҳуми ғалати санъати «соф» муборизаи фаъол бурдаанд ва роҳи дурусти ба санъату адабиёти гузашта муносибат карданро нишон доданд. «Адабиёт ба ин ё он ҷараёни ғояҳо хизмат накарда наметавонад: Ин ҳол вазифаест, ки аз тартиботи он ба вуҷуд меояд, инҳо ҳамин хел вазифаҳоеанд, ки агар адабиёт аз он вазифаҳо даст кашиданӣ бошад ҳам, аз баҳри он гузашта наметавонад. Қасоне, ки тарафдорони назарияи санъати «соф» буда, онро ким-чӣ хел як чизи ба ҳодисаҳои зиндагонии ҳаррӯза бегона гӯён маънидод мекунанд ё фиреб хӯрданд, ё ки муғамбирӣ мекунанд».*

В. И. Ленин дар мақолаи «Мулоҳизаҳои танқидӣ оид ба масъалаи миллӣ» (1913) чунин навишта буд: «Дар ҳар як маданияти миллӣ унсурҳои лоақал инкишофнаёфтаи маданияти демократӣ ва социалистӣ мавҷуданд, зеро дар ҳар як миллат оммаи меҳнаткаш ва истисморшаванда ҳаст, ки шароити зиндагонии вай ногузир идеологияи демократӣ ва социалистиро ба вуҷуд меоварад. Аммо дар ҳар як миллат маданияти буржуазӣ (ва аксаран боз маданияти сиёҳгурӯҳчигӣ ва клерикалӣ) ҳам ҳаст ва дар айни ҳол ин дар шакли танҳо, «унсурҳо не, балки дар шакли маданияти ҳукмрон мебошад**». Ҳар чанд ки ин гуфтаи В. И. Ленин бевосита ба маданияти давраи буржуазӣ-капиталистӣ мансуб аст, вале ба маданияту адабиёти давраи феодалӣ низ татбиқшаванда мебошад. Вақте ки мо ба эҷодиёти шоирони майлҳои феодалию клерикалӣ ва шоирони майлҳои халқӣ менигарем, дурустии ин таълимоти марксистӣ-ленинӣро мебинем.

Ҳар як адиб ба сифати намояндаи синфе ё гурӯҳи иҷтимоие ба майдони адабиёт мебарояд. Ин мавқеи ӯро на аҳволи иҷтимоӣ, шоири дарбор будан ё набудан, мансубияти синфии ӯ, балки фаъолияти ҳаётӣ, майлҳои ғоявӣ-мафкуравӣ, ҷаҳонбинӣ, моҳияти эҷодиёт ва хизматҳои объективонаи вай муайян менамояд. Агар адиб ростгӯиро шиору равиши эҷодии худ қарор диҳад, чунон ки Саъдӣ гуфтааст:

Далер омадӣ, Саъдиё, дар сухун,
Чу теғат ба даст аст, коре бикун.
Бигӯ он чӣ донӣ, ки ҳақ гуфта беҳ,
На ришватситонию на ришвадеҳ,

ба ҷаҳонбинии ҳамзамони ҳокими худ маҳдуд нашуда, худаш нахоҳад ҳам, ба он муқобил мебарояд. Барои мисол аз адабиёти тоҷик — Носири Хисрав, Ҷомӣ, аз адабиёти Франция —

---

* *Н. Г. Чернышевский.* Избранные литературно-критические статьи. М., 1955, с. 11.
** *В. И. Ленин.* Асарҳо, ч. 20, саҳ. 8—9.

А. Бальзак, аз адабиёти рус — Л. Толстой ва дигаронро мисол овардан кифоя аст. Ин гуна нависандагон адибони бузурганд ва адибони бузург бояд ҳамеша ягон ҷиҳати ҳаракати инқилобии халқро акс кунонанд. Беҳуда нест, ки В. И. Ленин Толстойро «Оинаи революцияи рус» номидааст. «...Агар дар пеши мо санъаткори ҳақиқатан бузург бошад, пас, ӯ мебоист ақаллан баъзе аз ҷиҳатҳои муҳими революцияро дар асарҳои худ акс мекунонд»*.

Мақолаи В. И. Ленин дар бораи Л. Толстой намунаи барҷастаи омӯзиши мероси адабии классикҳо мебошад. Вай зиддиятҳои дар ҷаҳонбинии ӯ мавҷудбударо таҳлил намуда, ҳам ҷиҳатҳои пурқувват ва ҳам сусти эҷодиёташро равшан нишон додааст.

Аз ин чанд мисол фаҳмидан душвор нест, ки дар ҷамъияти синфии антагонисти маданияти ягонаи ба ҳама баробар хизматкунанда вуҷуд надорад, балки чӣ тавре ки В. И. Ленин таълим додааст, ду маданияти ба ҳам зид мавҷуд аст, ки яке ба истисморкунандагон, дигаре ба истисморшавандагон мансуб аст, яке иртиҷоӣ ва дигаре тараққипарвар мебошад. Дар бораи ду маданият ва прогрессивӣ будани маданияти оммаҳои меҳнаткаш сухан ронда, чӣ хеле ки В. Г. Белинский меомӯзад, фаромӯш кардан лозим нест, ки «на ҳамаи чизҳо дар халқ халқист». Дар ақидаҳои халқии халқи дар муборизаҳо оҷиз, нотавон, шикастхӯрдаю шалпаршуда, монанди ақидаи тарки дунъё ва худоҷӯӣ, ҳиссиётеро ёфтан мумкин аст, ки иртиҷоӣ ва зидди халқист, вале баръакс лаҳзаҳое ҳам мешавад, ки дар ақидаи синфи ҳоким ақидаҳоеро пай бурдан мумкин аст, ки моҳияти прогрессивӣ доранд. Пас, дар маданияти миллӣ халқият ва ақидаи халқӣ он аст, ки ба ҳаракати озодихоҳии халқ, ба прогресс, ба манфиати халқу миллат ва инсоният хизмати фоидабахш кунад.

Баробари масъалаи мероси адабӣ ва маданӣ масъалаи гузашта, ҳозира, анъана қимати таърихӣ ва ғайра ба миён меояд. Маълум аст, ки ҳар ҷамъият мувофиқи сохти иқтисодӣ ва иҷтимоии худ мувофиқи завқ ва фаҳмиши худ маданияте ба вуҷуд меорад. Масалан, маданияти давраи қадим, ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ, социалистӣ ва ғайра. Маданият ва адабиёту санъати як формация баробари барҳам хӯрдани он аз байн нарафта, балки ҷиҳатҳои прогрессивӣ ва умумиинсонии худро ба ҷамъияти нав медиҳад. Ҷамъияти нав ҳам, дар баробари инкор ва тарк кардани қисме аз он, барои дар ҳаёт устувор ва мустаҳкам гардидани худ аз он маданияти меросӣ на танҳо даст намекашад, балки истифода мебарад, онро инкишоф медиҳад ва мувофиқи эҳтиёҷоти маънавии худ ба он умри дубора мебахшад, аз нав месозад. Аммо ҳар чизе ки аз ҷамъияти пешин боқӣ мондааст, мерос шуда наметавонад. Мерос он чизест, ки ба

* *В. И. Ленин.* Асарҳо, ч. 15, с. 200.

ҷамъияти нав манфиатнок бошад ва ё онро бо роҳи аз худ намудан ва аз нав сохтан инкишоф додан мумкин бошад. Маданияти гузашта чунин ёдгориҳое дорад, ки дорои хислатҳои умумиинсонӣ буда, аз ҷамъияте ба ҷамъияти дигаре мегузарад ва дар онҳо орзуи наҷиби инсоният акс ёфтааст. Ба ин қисм ёдгориҳо ёдгориҳои санъати Юнон, Ҳинд, харобаҳои маданияти эрониёну тоҷиконро далел овардан мумкин аст. Дар фаҳмидани ин ёдгориҳо лаҳзаи муҳим он аст, ки онҳо чӣ тавр ҳоло ҳам ба хонанда завқи бадеӣ бахшида метавонанд ва баъзе аз онҳо то кунун бо санъати баланди офариниши худ дастнорасанд.

Мероси мадании ҳар давр барои ҳамон давр мувофиқи шуури одамони он ба вуҷуд меояд ва он дар давраҳои баъдӣ айнан қабул намешавад, балки мувофиқи шароити нави таърихӣ ва одамони он тағьир меёбад ва мувофиқи мазмуну шакли нав дар шуури одамон сайр мекунад.

Мероси адабию маданӣ дар ҷамъияти советии социалистӣ баъди Инқилоби Октябрь, мувофиқи декрети Совети Комиссарони Халқӣ, аз 22-юми ноябри соли 1922, ба моликияти халқ мубаддал карда шуд. Ба ҳамин тариқ, социализм ва революцияи он мероси маданиро на танҳо инкор накард, балки бо душманони он (пролеткультчиён) мубориза бурд ва онро ба истифодаи умумии халқ дод. Зеро мувофиқи ақидаи В. И. Ленин «фақат дар сурате коммунист шудан мумкин аст, ки кас зеҳни худро бо дониши ҳамаи он сарватҳое, ки инсоният ҳосил кардааст, бой кунад»*. Дар баробари ин, В. И. Ленин таълим медиҳад, ки ба маданияти гузашта танқидӣ ва аз нуқтаи назари ду маданият дар ҳар маданияти миллӣ нигоҳ кунем, аз он унсурҳои демократиашро интихоб намоем.

Дар бораи мероси маданӣ ва гузаштагони он сухан ронда, фаромӯш кардан лозим нест, ки онҳо дар ҷамъияти синфии антагонистӣ, озод набудани оммаи меҳнаткашон, набудани озодии сухан ва маҳдудиятҳои таърихии замони худ, дар зери таъсири идеологияи синфи ҳоким асарҳояшонро эҷод кардаанд, бинобар ин мо аз онҳо на бояд он чизҳоеро талаб намоем, ки дар замонашон имконнопазир буд. Масалан, дар асрҳои миёна дараҷаи шуури иҷтимоии оммаи халқ аз ғояи адолатталабӣ аз синфҳои ҳоким, ки ақидаи прогрессивии халқист, боло рафта буд. Аз ин рӯ, аз нависандагони он давра — Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва ғайра талаб кардани тасвири ғояҳои инқилобӣ мумкин нест, ҳамчунин ба маънои инқилобӣ тавзеҳ додани ақидаҳо ноҷоиз аст. Дар афкори иҷтимоӣ, илмӣ, маданӣ ва эстетикии онҳо лаҳзаҳое монанди инсонпарварӣ, халқпарварӣ, меҳнат ва донишдӯстӣ, тавсифи ишқи пок, зебоӣ ва ғайра мавҷуданд, ки ҳамчун хислатҳои умумиинсонӣ аз як давра ба давраи дигаре аз ҷумла ба замони социализм мегузаранд

* *В. И. Ленин.* Асарҳо, ҷ .31, саҳ. 297.

ва мо онҳоро мувофиқи талаботи замони ҳозира қабул ва инкишоф медиҳем. Қисмати осори классикон асосан дар ин гуна ғояҳо ва шаклҳои бадеию эстетикӣ мебошад.

**Аҳамияти ҷаҳонии адабиёти тоҷик**

Адабиёти бадеии форсу тоҷик яке аз бойтарин хазинаи маданияти маънавии ҷаҳон аст. Қатъи назар аз адабиёти қадимии он, ки намунааш то замони мо кам мондааст, адабиёти давраи феодалии он (асрҳои IX—XV ва XVI—XX) бо намояндагони барҷаста ва асарҳои адабии ҷаҳониашон ба ганҷинаи маданияти инсонӣ ҳиссаи арзанда ва қиматбаҳо гузоштааст. Онҳо дар гузашта ва ҳозира предмети омӯзиши аксари халқҳои ҷаҳон буданд ва мебошанд ва ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои Фирдавсӣ, Хайём, Ҷомӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва ғайра. Ин адабиёт на танҳо аз адабиёти тараққипарвари замонҳои худ таъсир гирифтааст (масалан, аз арабӣ, ҳиндӣ ва ғайра), балки таъсири ғоявӣ, бадеӣ ва эстетикӣ ба он адабиётҳо низ расонидааст. Масалан, ба адабиёти ҳиндӣ, туркӣ, арабӣ, гурҷӣ, озарӣ, арманӣ, франсавӣ, англисӣ, немисӣ, русӣ ва ғайра. Ин таъсир дар шароити инкишофи васеи робитаҳои адабӣ, дар айни замон низ давом дорад.

Адабиёти давраи то инқилоб, махсусан, давраи классикии он, ғояҳои тараққипарварӣ, афкори фалсафӣ, дидактикӣ ва эстетикии замонашро дар асарҳои бузург ва образҳои барҷастаи бадеӣ акс кунонидааст, ки имрӯз дар тарбияи адабию бадеӣ, дидактикӣ ва эстетикии одамони тараққипарвари ҷаҳон, ба тарбияи наслҳои навраси советӣ хизмати шоиста хоҳад кард. Ин адабиёт бо ғояҳои ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, душманбадбинӣ, рационализм, меҳнатдӯстӣ ва панду ҳикматҳои оқилонаву халқиаш бузургу пурқувват аст ва сирри пурзӯри таъсиргузорониаш низ дар ҳамин аст. Намояндагони барҷастаи ин адабиёт бо ғоя ва эстетикаи баланди асарҳои худ дар қатори намояндагони бузурги адабиёти дунё — Гомер, Эсхил, Софокль, Шота Руставели, Данте, Гёте, Пушкин, Байрон, Л. Толстой ва дигарон меистанд. Адабиёти баландсанъати халқи тоҷик, ки ба анъанаҳои бои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва ғайра асос ёфтааст, мисли худи он дар замони советӣ умри дубора ёфт. Аз ин рӯ, халқи тоҷик онро мисли гавҳараки чашм қимат дошта, адабиёти шаклан миллию мазмунан социалистии худро дар шароити социализми ғолиб, дар асоси анъанаҳои тараққипарварона ва навоваронаи даврони ҳозира инкишоф дода истодааст.

# I. АДАБИЁТИ ДАВРАИ ҚАДИМИ ФОРСУ ТОҶИК ТО АСРИ VIII

**Маҳалли сукунат ва аҷдодони қадимии халқи тоҷик**

Чӣ тавре ки кофтуковҳои археологӣ ва асарҳои илмии таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, эрониёни Шарқӣ, аз ҷумла тоҷикон, аз халқҳои қадимии Осиёи Миёна мебошанд. Онҳо на аз омезиши халқҳои ғайри этникӣ, балки аз омехта шудани қавмҳои гуногуни эрониёни Шарқ — суғдиҳо, хоразмиҳо, бохтариҳо, парфиянҳо, сокҳо ва массагетҳо ташаккул ёфтанд. Номи маҳалли сукунати қадимии онҳо дар китоби муқаддасашон «Авасто» зикр ёфтааст. Номи он маҳалҳо бо номи ҳамин халқҳо вобастагӣ дорад. Масалан: Суғдиана, Хаворасмия, Бохтариана, Паркана (Фарғона), Чоч ва ғайра. Мардумони кишвар тадриҷан аз ҳаёти шикорчигӣ ба ҳаёти бодиянишинӣ — чорводорӣ ва сипас ба ҳаёти муқимии деҳқонӣ ва ҳунармандӣ гузаштаанд.

Осиёи Миёна аз замонҳои хеле қадим (чанд ҳазор сол пеш аз милод) гаҳвораи маданияти моддӣ ва маънавии инсонӣ буда, ба хазинаи маданияти ҷаҳон ҳиссаи арзандае гузоштааст. Қавмҳои эронӣ дар ҳудуди Осиён Миёнаи зимонҳои қадим давлатҳои қабилавӣ ва иттиҳодияҳои давлатии халқҳои эрониёни шарқиро ташкил кардаанд. Дар асоси ҳаёти муқимӣ аввал деҳаҳо ва баъд қалъаву шаҳристон ва шаҳрҳо пайдо шудаанд, ки қадимтарини онҳо Мароканд (Самарқанд), Уструшана—Истаравшан (Ӯротеппаи ҳозира), Багдо (Балх), Муру (Марв), Бухоро, Нисоим, Александрия—Эсхата (Хуҷанд — Ленинободи ҳозира) ва ғайра буданд. Ҳаёти иҷтимоии онҳо сохти ҷамъияти қабилавӣ, ғуломдорӣ (то асри IV—V милодӣ) ва ибтидои пайдоиши ҷамъияти феодалӣ (асрҳои V—VII) буд. Халқҳои қадимии Осиёи Миёна дар ҳолати маҳдуди қалъабандӣ набуда, бо халқҳои қадимии Ҳиндустон, Хитой, Эрон, Юнон, Рум, Миср, Бобул, Сурия ва ғайра алоқаҳои савдо, маданӣ ва илмӣ доштаанд. Дар асоси ҳаёти моддӣ ва иҷтимоии онҳо ҷаҳонбинии динӣ, маданӣ, санъат ва адабиёт ба вуҷуд омад.

**Ҳаёти маданӣ, санъат ва архитектура**

Аз замонҳои хеле қадим забони аҳолии Осиёи Миёна аз шева, лаҳҷа ва забонҳои гуногуни нажоди эронӣ иборат буд ва он дар илм забони форсии қадим ном дорад. Чӣ тавре ки

таърихнависи Юнони Қадим — Страбон бо ҳам монандии забонҳои Эрони Ғарбӣ, Мидиён, Эрони Шарқӣ, Суғдиён, Бохтариён ва Хаворасмияро қайд кардааст, сайёҳи Хитой — Сима-Цян (асрҳои II—I пеш аз милод) низ хабар додааст, ки аҳолии ин кишвар аз сарҳади Хитой — Паркана то Парфия бо забони ба ҳам фаҳмо гуфтугӯ мекарданд, ки он забони эрониёни Шарқи ё ки бобоёни тоҷикон буд. Ин забон ҳамон вақт забони умумии халқ шинохта шуда буд. Тадриҷан бо кӯчида омадан ва истилои туркҳои кӯчманчӣ забони туркӣ ҳам паҳн мешавад, вале макони аслии халкҳои туркизабон Туркистони Шарқӣ, Муғулистон ва Сибирь буд. Дар натиҷаи муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ аз қадим алоқаи забонҳои эронӣ ва туркӣ пайдо шудааст, вале таъсири забони эронӣ ба туркӣ зиёд аст.

Аз замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳои Эрон (асрҳои V—IV п. аз м.) хати оромӣ дар Эрон ва Осиёи Миёна ҷорӣ шудааст. Дар вақти истилои Искандари Македонӣ хати юнонӣ ҳам ба Осиёи Миёна паҳн шуд. Ғайр аз ин хати мехӣ низ амал мекард, ҳамаи инҳо дар корҳои расмии давлатӣ истифода мешуданд. Дар асоси хати оромӣ хати суғдӣ, хоразмӣ ва дар асоси хати суғдӣ — уйғурӣ ва ғайра пайдо шудаанд. Намунаи қадимии хатҳои суғдӣ аз теппаи Талли Барзу (Самарқанд), Турфон (Туркистони Шарқӣ), кӯҳи Муғ (саргаҳи Зарафшон) ва ҷойҳои дигар ёфт шудааст. Ба ҳамин тариқ, хатҳои эрониёни шарқӣ — тоҷикон дар асрҳои пеш аз милод ихтироъ шудаанд.

Донишҳои қадимии эрониёни Шарқӣ — тоҷикон бо муваффақиятҳои хоҷагӣ ва ҳаёти мадании онҳо алоқаи зич дошт. Масалан, бино кардани иморатҳо, қасрҳо, ибодатхонаҳо, кофтани каналҳо, корезҳо, об кардани маъдан, ихтирои шиша — оина, сафарҳои дуру дарози савдо (тиҷорат), сохтани киштиҳо, донистани обу ҳаво, тараққии ҳунармандӣ ва ғайра бе илм намешуд. Дар ин бора, ҳатто, дар мифи Ҷамшед ишораҳое ҳаст, ки аз рӯи нақшаҳои панҷоҳсола илму дониш ва корҳои хоҷагиро тараққӣ додаанд. Ҳамаи инҳо илмҳои риёзиёт, ҳисоб, ҳандаса, тиб, химия, физика, ҳайат, нуҷум, ҷуғрофия, геодезия ва ғайраро талаб мекард. Ақидаи сайёрапарастӣ ва тақдири худро аз фалак донистан илми ситорашиносӣ — нуҷумро ҳам пайдо кардааст, ки бештар бо илми ҳайат омехта буд. Мавҷудияти тақвим (колендарь)-и суғд нишон медиҳад, ки илми астрономия вуҷуд доштааст. Дар бораи илмҳои қадимӣ, асарҳои илмӣ ва олимони соҳаҳои гуногун, ки ҳамаи онҳоро истилои араб хароб кардааст, Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Ал-осор-ул-бақия ва ин-нал-курун-ил-ҳолия» маълумоти муфассал додааст.

Натиҷаҳои хуби кофтуковҳои археологии зиёде, ки дар шаҳрҳои Осиёи Миёна гузарондаанд, аз илми хеле баланди архитектураи дуньёи қадим хабар медиҳад. Дуньёи қадим аз санъати мусиқӣ, рақс, кандакорӣ, сарояндагӣ, ҳайкалтарошӣ, рассомӣ, санъати тасвирӣ, хаттотӣ, заргарӣ ва дигарҳо маҳрум не, бой будааст. Осори санъати онҳо дар музейҳои советӣ ва ҷа-

ҳон маҳфузанд. Санъати қадимии ватанамон бо санъати қадимии халқҳои дигар вобастагии зич дорад. Осори санъати қадим ва донишҳои онҳоро истилои араб хароб кардааст.

**Ақидаҳои ичтимой, динӣ ва фалсафии дуньёи қадим**

Таърихи ҷамъият, маданият ва афкори фалсафии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон хеле дуру дароз аст*.

Таърихи дар илм сабтнашуда ва сабтшудаи ин халқҳо дар китоби асотир (мифология) ва таърихи қавмҳои эронӣ (аз он ҷумла тоҷикон) «Худойнома» ва «Шоҳнома» акс ёфтааст. Осиёи Миёна ва Эрон дар замонҳои қадим дорои давлатҳои сохти ғуломдорӣ ва феодалӣ буданд. Ин кишвар дар он замон дорои хоҷагии бои зироатӣ, ҳунармандӣ, тиҷоратӣ буда, дар Шарқ бо мамлакатҳои Хитой, Ҳиндустон, дар Ғарб бо давлатҳои Бобул, Рум ва Миср алоқаи иқтисодӣ ва маданӣ дошт.

Асарҳои бисьёри илмӣ ва адабие, ки аз маданияти қадимии халқхои мо боқӣ мондаанд, аз тараққии илм ва маданияти нисбии халқҳои ин сарзамин гувоҳӣ медиҳанд. Дар Эрони сосонӣ вуҷуд доштани анҷумани дониш (академия), инкишофи илмҳои гуногун, мавҷудияти китобхонаҳои бой, аз юнонӣ, сурияґӣ, ҳиндӣ ва ғайра тарҷума шудани асарҳои бисьёр, аз ҳар гӯшаву канори дуньёи мадании онрӯза дар Эрон ва Осиёи Миёна ҷамъ омадани олимон ва ғайра ба инкишофи илмҳои дуньёӣ ва динӣ роҳ кушода буданд. Асарҳои илмӣ, фалсафӣ ва адабии халқҳои эронӣ низ ба забонҳои дигари халқҳои дуньёи қадим тарҷума мешуданд. Ҳамаи ин кӯшишҳо ба тараққиёти илмӣ, мунозираҳои динӣ, фалсафӣ ва илмӣ роҳ мекушоданд. Дар он муборизаҳо манфиати табақаҳои гуногуни ҷамъияти онрӯза акс ёфтааст.

Пеш аз пайдо шудани оини зардуштӣ (маздоясно) халқҳои эронӣ ба чизи қувваҳои табиӣ ва ҷисмҳои осмонӣ, ки ба онҳо сифатҳои илоҳӣ дода шуда буданд, эътиқод доштанд. Онҳо аз

---

* Ниг. *В. В. Струве.* Родина зароостризма. Материалы по истории таджиков и Таджикистана. Сб. 1. Сталинабад, 1945; *А. М. Богоутдинов.* Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад, 1961 (введение); *М. С. Асимов, Г. А. Ашуров, М. Д. Динаршоев.* Религиозно-философская мысль таджикского народа с древнейших времен до становления феодализма. ЭСТ. Душанбе, 1984; *Забеҳулло Сафо.* Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ, Теҳрон, 1336 ҳ, ш.; *Забеҳулло Сафо.* Таърихи адабиёт дар Эрон. 1338 ҳ. ш., ҷ. 1; *Эҳсони Табари.* Андешаи диалектикии тазод ва набарди зиддайн дар Маздо ясно. Дар маҷаллаи «Дуньё», нашри соли 2, № 9, 1960; *Эҳсони Табари.* Сайри тафаккури фалсафӣ дар Эрон. «Дуньё», нашри соли 3, № 3, 1962; *Муҳаммад Муин.* Маздо ясно ва таъсири он дар адабиёти порсӣ. Теҳрон, 1326 ҳ. ш; *Артур Кристенсен.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим. Теҳрон, 1336 ҳ. ш. (тарҷумаи Забеҳулло Сафо); *Артур Кристенсен. Эрон* дар замони Сосониён. Теҳрон. Ширкати чопи ранга, 1337 ҳ, ш. (тарҷумаи Ёсуми); *Е. Э. Бертельс.* История персидско-таджикской литературы. М., 1960; *Х. Мирзозода.* Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик. Душанбе, 1966; *Б. Г. Гафуров.* «Таджики». М., 1972; *Х. Мирзозода.* Нуқтаи назари зиддидинӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик. Душанбе, 1978.

худоҳои худ наметарсиданд, балки бо роҳи парастиш ба худ ёрӣ ва мадад металабиданд. Худои аввалини ориён осмони соф ва муҳити олам будааст. Онро дар забони санкскрит ва китоби муқаддаси динии ҳиндӣ «Риг видо» «диёуқ» номидаанд, ки дар забонҳои хеле зиёди ҳинду аврупой ин калима чи аз ҷиҳати шакл ва чи маъно ба ҳамдигар монананд. Масалан, дар лотинӣ — «деус», франсавӣ — «диеу» ва форсӣ-тоҷикӣ — «дев» аст. Баъдҳо ҷои ин калимаро «Воруна» ишғол кардааст. Ба ин қисм калимаи тавсифии «асура» ё ки «аҳура» ҳамроҳ карда шудааст, ки маънояш «бузург ва валинеъмат» аст. Ба калимаи «Воруна» гоҳо калимаи «виҷва ведас»-ро, ки маънояш «ҳамадон» аст, илова кардаанд. Офтобро чашми Воруна[1] (осмон) мешуморидаанд[2]. Оташи шакли барқро писари ӯ ва ситораҳоро ҷомаи пурнақшу нигори подшоҳии он тасаввур мекарданд. Воруна танҳо қувваи зоҳиркунандаи қувваҳои моддӣ не, балки дорои қувваи маънавӣ ҳам будааст. Вай қувваи барқароркунандаи замину осмон, эҷодкунанда ва нигоҳдорандаи тартибот, бахту саодати дунъё мебошад, ки аз он қонунҳо берун рафтан гуноҳ будааст ва ибтидои каҷҷию костӣ мешудааст. Бинобар ин, аз даргоҳи ӯ афви гуноҳро талабидан лозим будааст, зеро вай раҳмкунанда аст. Бадтарини гуноҳҳо — дурӯғ гуфтан аст. Осмон ё ки Воруна зоҳиркунандаи азаматиҳост[3].

Воруна дар китоби «Риг видо» ҳамчун қувваи ба тартиб даровbooрандаи интизоми моддӣ ва маънавии олам маънидод шудааст. Вай бо нурҳои вуҷуди худ сирҳои торикии оламро равшан мекунад. Фармоишҳои ӯ раднашаванда ва қувваaш шикастнопазир аст, аммо агар гуноҳкорон аз кардаи худ пушаймон шуда, тавба кунанд, гуноҳашонро мебахшидааст. Аз ин хислатҳо маълум мешавад, ки Воруна ҳам мисли Митра (Меҳр, Офтоб) аз худои табиат будан болотар баромада, аҳамияти иҷтимоӣ ва илоҳӣ касб кардааст. Аз рӯи гуфтаи олими шарқшиноси аврупоӣ Мийя маънои Воруна ба мафҳуми қонун наздик будааст. Аз хислати илоҳии Митра ва Воруна мафҳуми «Рта» фаҳмида мешавад, ки маънояш «олам ва низоми абадии табиат» ва он низомест, ки дар парастиши худоён ва ташрифоварӣ дар назди онҳо лозим аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки маънои он «ҳақиқат ва қонун» будааст.

Дар ақидаи қадимии динии ҳиндуҳо низ «Рта» ба Воруна вобаста дониста шудааст, яъне вай нигоҳдорандаи тартиботи шаклӣ ва маънавии олам аст. Онҳо «Рта»-ро халқкардаи Воруна медонанд. Ин алоқа ва ягонагии тасаввури қадимии динии эрониёну ҳиндуён аз он вақтҳо мондааст, ки ин ду халқ ҳанӯз аз ҳам ҷудо нашуда буданд. Дар номаҳои подшоҳони Сурияи қадим Амарна (1400 п. аз м.) номи чор худо қайд шудааст: Митра (дар санскрит), дар «Авасто» — Митра, Воруна, Индра ва Носатуас. Митра, ки ба маънои дӯстӣ аст, худои равшанӣ мебошад ва дар шакли одами мусаллаҳи нуқрарангест, ки аз сару рӯи ӯ нур борида меистад. Вай дар ароба — фойтуни худ

нишаста осмонро сайр мекунад ва ба муборизоне, ки равшаниро аз лашкари худои зулмат муҳофизат мекунанд, ёрӣ мерасонад. Митра ҳамчун худои нур хислати табиӣ дошта бошад ҳам дорои хислати иҷтимоӣ низ мебошад ва бештар аҳамияти илоҳӣ ба худ гирифтааст. Ин худо (Митра) ба худои бобулии «Шамс» (Офтоб) ва худои осмони юнониҳо Аполлон бисьёр монанд аст. Номи Митра ва Ворунаро пешу ақиб гирифтан ҳам мумкин аст, зеро қадри онҳо паст намешавад. Онҳо низому қонуни дурусти дуньёро ҳифз мекунанд, якҷоя назораткунандаи кору дилҳои инсонанд. Ҳамаро мебинанд, медонанд. Ба ҳамдигар чунон наздиканд, ки дар як аробаи осмонӣ нишаста ҳаракат ва сайру гашт мекунанд ва дар давидан гӯё як рӯҳанд. Митра ва Воруна — осмони мунавваранд.

Ба ҳамин тариқ, Митра ва Воруна дар ақидаи эрониёни қадим ҷуфти худоҳои неканд, аммо Индра (ки маънояш «шиддат» аст) худои раъд мебошад ва чун Носатуас ба гурӯҳи худоҳои бад дохил мешавад ва онҳоро «Даёва» (дев) меноманд, вале ҳар ду ҳам парастида мешаванд. Индра бисьёр шуҷоъ ва дар байни худоён бузургтарини ҷангҷӯён аст. Вай пурхӯр ва шаробхӯри бузург аст. Шикамашро аз хӯрок пур мекунад, то ки ба душман ҳуҷум намояд ва ӯро мағлуб созад. Вай ҳангоми мастиаш шикастнопазир аст. Ҷанговарон пеш аз даромадан ба ҷанг аз вай мадад металабанд. Ӯ низ тартиботи дуньёро нигох медорад ва айбдорону гунаҳкоронро ҷазо медиҳад. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки дар гурӯҳи худоҳои нек — Митра ва Воруна, бо характери худ, гурӯҳи одамон — эрониёни қадимро, ки дорои ҳаёти муқимӣ ва тамаддуни нисбатан такомульёфта буданд, акс кунонидаанд. Худоҳои бадӣ низ предмети парастишанд, вале мавриди парастиши гурӯҳи дигари эрониёнанд, ки характери одамони ваҳшитабиат, яғмогар ва роҳзанонро, ки дар байни бодиянишинон будаанд, инъикос намудаанд. Ин ду гурӯҳ, намояндаи ду сохти хоҷагӣ — ҳаёти муқимӣ ва бодиянишинонанд, ки аз ҷиҳати сохти хоҷагӣ бо ҳам зид буданд, Ин худоҳо дар байни қабила ва қавмҳои муқимӣ боиси тавсиф, вале дар қавми бодиянишин предмети маломат ва сарзаниш мебошанд.

Дар қатори ин худоҳо худои оташ Одирвон низ вуҷуд дорад ва яке аз номҳои барқ (тундар) аст. Онро писари Осура ва Воруна мешуморанд, ки аз осмон ҳамчун худои оташ фуруд омадааст. Адри (ҳоло озар) дар забони санскрит ба маънои «шӯъла» омадааст. Дар бораи оташ сурудҳо эҷод шудаанд. Адри сифати худои оташ мебошад.

Ғайр аз инҳо, боз тасаввурҳои зиёде ҳастанд, ки бо табиатпарастии халқҳои эронӣ алоқамананданд. Масалан, абрҳои боранда дӯсти инсон шуморида шудаанд. Онҳо занони Асура, модари барқ мебошанд. Онҳо кашонандаи бори гарони обҳои муқаддас ба ҳар тарафанд. Абрҳоро аз ҷиҳати гурӯҳ-гурӯҳ шуда

гаштан ва борон додан ба говҳои ширдор ва подаи говон, ба духтарон ва занон ташбеҳ медоданд.

Абрҳои беборонро душмани бади худ мешумориданд. Вритра, ки маънояш «пинҳонкунанда ва дузд» аст, шири абри борандаро пинҳон карда намегузорад, ки онҳо ширашон — боронро ба замин резанд. Вритраҳан, ки дар форсии нав «Баҳром» шудааст, худои бузургест, ки ба Вритра ҳуҷум карда, аз абр борон меорад. Индра душмани Вритра аст, ки бо найзаи оташини худ ӯро пора карда, боронро берун меоварад. Аҳӣ яке аз аҳриманҳост, ки дар кӯҳҳо макон кардааст. Аҳӣ раъди сиёҳ аст, бӯрон ва тӯфон ба вуҷуд меорад. Ҳазорон печу ҳалқа дорад. Мисли девор ба сӯи осмон рафтааст. Вай девҳоро ба ёрии худ ҷеғ мезанад. Индра бо ин девҳо ҳам дар ҷанг аст. Аз абри сиёҳи мудҳиш — Аҳӣ образи Ажидаҳака ба вуҷуд омадааст, ки дар афсонаи Фаридун дар шакли мори сесар тасвир ёфтааст ва бо Фаридун низоъ доранд[4].

Эрониёни қадим ба саума ё ки ҳаома (номи гиёҳе, ки аз он шарбати масткунанда ҳам мекашидаанд) эътиқод доштанд, ки он барои иззати нафс ва рӯҳбаландии инсонҳо лозим будааст ва ин ба табиат ва қувваҳои он аз ҷиҳати хиссиёти рӯҳӣ ва маънавӣ алоқа доштани мардумони ҷаҳони куҳанро инъикос кардааст. Саума гиёҳи соқадоре будааст, ки шарбати сафеди ширмонанд доштааст. Онро ҷӯшонда шарбат мегирифтаанд ва то ки нағзтар даргирад. Саума дар тасаввури эрониёни қадим шароби гиёҳест, ки ба рӯҳ қувват мебахшидааст. Агар аз он нӯшанд, нағзтар меҷангидаанд. Дар вақти ба худоҳо дуо хондан ва ба онҳо, қурбонӣ додан бо он зиёфат мекардаанд. Сaумаро низ ба дараҷаи қувваи муқаддас ва худоӣ медонистаанд, зеро вай ҳам некӯкор ва ҳам қаҳҳору ҷаббор будааст ва онро дар вақти ғазаб нӯшиданро хатарнок мешумориданд. Аз ин ҷо, масъалаи одобу ахлоқ пеш омадааст, ба андоза[5] нӯшидани саумаро тавсия кардаанд. Ба андозае нӯшидани бода ва саума ба бадан ва рӯҳи инсонӣ сифатҳои хубӣ мебахшидааст. Гӯё бо ин восита қувваи фавқи инсонӣ ба рӯҳу бадани шахс ҳулул мекардааст. Ин қувваро худо дар танаи саума ҷой додааст, мегуфтанд. Вай дӯст ва қарини худоёну инсон аст.

Масъалаи дигаре, ки дар ақидаи пеш аз исломии аҷдодони эронӣ вуҷуд дошт — таъсири сухан аст ва он бо дуоҳо алоқа доштааст. Ин мафҳумро калимаи «мантра» ифода кардааст. Ин калима, ки ибора ва ифодаҳои пуртаъсирро дар бар мегирад, ҳоло дар Эрон дар шакли «мантр» ифода ёбад ҳам, мафҳумаш гум шудааст. «Мантра» мувофиқи хоҳиши инсон ва иҷрои қонунҳои табиат ба амал оварда мешавад ва гумон мекарданд, ки гӯё байни хоҳиши инсон, дуоҳои ӯ ва табиат ҳамфикрӣ ва мувофиқат вуҷуд дошта бошад. Инсон дуои боридани боронро дар вақти хушкӣ мехонад ва он «қабул» шуда, борон меборад. Ӯ дар вақти торикӣ хоҳиши равшанӣ мекунад, он гоҳ баъд аз муддате равшанӣ пайдо мешавад, зеро торикию равшанӣ

ҳамчун ҳолати табиӣ ҷои якдигарро иваз карда меистанд. Бо ибораи дигар, инсон ҳар хоҳишу эҳтиёҷи оддие, ки дорад, дар зимни дуои худ баён мекунад. Табиат бо амалиёти стихиявии худ гӯё он хоҳиши инсонҳоро, ки бе дуо ҳам ба амал оварда меистад, ба ҷо меорад, вале инсон гумон мекунад, ки табиати «сеҳрангези» дорои маънои илоҳӣ онро мувофиқи дуоҳои ӯ, ки дар он хоҳиши вай ифода ёфтааст, иҷро кардааст.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулосае бармеояд, ки аҷдодони қадимии мо ба қувваҳои табиат эътиқод доштаанд ва он бо зиндагонии ҳаррӯзаашон алоқаманд будааст. Эътиқод ба қувваҳои табиат тадриҷан худоҳои табииро ба вуҷуд овардааст ва он ба бутпарастӣ мубаддал гашт. Ҷиҳати мусбати ин эътиқод дар он аст, ки қувва ва предметҳои табиат ҳамчун қувваи офаридагори ҳаёт пеш ронда шудаанд, ки аз ин ақидаи мавҳумӣ (абстрактӣ) тадриҷан ҷаҳонбинии зарвония инкишоф ёфтааст, вале ҷиҳати манфии ин ақида дар ин аст, ки ба предметҳои моддии табиат мафҳуми рӯҳӣ — илоҳӣ дода, онҳоро ба дараҷаи худоӣ бардоштаанд. Инкишофи минбаъдаи ин ақидаҳо ба диндории илоҳӣ ва ҷаҳонбинии идеалистӣ — мавҳумии бовар кардан ба қувваҳои фавқуттабиа оварда расонидааст.

Худоҳои қадим — худопадар — **Зарвона акарана** (замони беканор), худомодар — **Воруна,** писарони онҳо **Митра, Индра,** шоҳдухтари осмон — Усҳаҳ, ки худои субҳ аст, ҳаёти оилавии одамони замони қадимро акс кунонидаанд. Масалан, осмонро, ки ҳамеша ҷовид аст, падар мешумориданд.

Худоҳои табиии эрониёни қадим ба ду гурӯҳ ҷудо мешудаанд: Давиа (дар «Авасто»— даёва)-ҳо ва Асура (аҳура)-ҳо, ки онҳо баробарҳуқуқ буда, ҳар ду ҳам парастида мешудаанд. Чандин аср пеш аз ба пайғамбарӣ омадани Зардушт Аҳура Маздо (сурури доно) аз байни худоҳои гурӯҳи дуюм худои олӣ интихоб карда мешавад. Даёваҳо тадриҷан аз дараҷаи худоӣ афтида, ёридиҳандаи Аҳриман шуда мемонанд. Бо вуҷуди ин, баъд аз ислоҳоти Зардушт ҳам ақидаи санавияи Маздо ясно давом дошт, ҳар чанд ки маздопарастӣ ақидаи якхудоӣ (ваҳдат) буд. Ақидаи табиатпарастӣ моҳияти дуақидавӣ (санавия) дошт ва ба қувваҳои неку бад эътиқод бастанро тарғиб мекард, ки он низ натиҷаи инъикоси қувваҳои ба ҳам зидди табиат дар шуури одамон буда, вале онро ҳанӯз дарк карда натавониста буданд.

Чӣ тавре ки тадқиқотчиёни динҳои қадимии Эрон ва Осиёи Миёна нишон медиҳанд, се фирқаи динии санавия вуҷуд доштааст: яке Маздо яснои зардуштист, ки Урмуздро нигоҳбони некиҳо аз бадӣ ва Аҳриманро эҷодкори бадиҳо — нопокӣ, торикӣ ва ғайра мешуморид. Гурӯҳи дуюм мазҳабе буд, ки онро «дусо моёдо ниҳ» (дини бадомӯз) меномиданд. Пайравони ин дин худоро ҳам манбаи бадӣ мешумориданд. Ақидаи онҳоро ваҳдати вуҷуд номидан мумкин аст, зеро ба як офаридагор бовар доштаанд. Сеюм дини «Ятӯ киҳ» (ҷодуӣ) буд, ки пайра-

вонаш худоро манбаи бадиҳо мепиндоштанд. Ба Аҳриман қурбонӣ медоданд, то ки ӯро ба худ ром ва аз худ розӣ кунанд ва Урмуздро ҳам тавсиф мекарданд. Аз сабаби он ки маздопарастӣ тадриҷан ба дини расмии давлатии собитқадам мубаддал шуд, девпарастон ва ҷодупарастонро таъқиб намуданд. Он гоҳ пайравони ин динҳо ба таъқиботи сахти Хшоёршоҳи ҳахоманишӣ дучор гардида, ба тарафи ғарбии Эрон муҳоҷират карданд. Хшоёршоҳ дар навиштаҳои худ қайд кардааст: **«Сарзаминҳое буданд, ки пештар девонро мепарастиданд. Ба хости Аҳура Маздо маобиди девпарастон «давиа дона»-ро бо хок яксон кардам ва фармон додам: ту девонро нахоҳӣ парастид»*:** Дар авалҳо зарвонпарастию девпарастӣ омехта буд. Он лаҳзаҳои меҳрпарастӣ, ки «кронос зурвон»-ро сардори ҳамаи худоён, яъне падар[6] мешуморад, ақидаи зарвонӣ аст ва он лаҳзаҳое, ки барои Аҳриман қурбонӣ доданро талаб менамояд — девпарастӣ мебошад.

Ба ҳамин тариқ, чӣ тавре ки таъқиботи асуропарастӣ дар Ҳинд сабаби оппозиция ва пайдоиши ақидаи моддиюни Ҳинд лока ята[7] гардида буд, ҳамин тавр, оппозицияи девпарастӣ ба муқобили маздопарастӣ боиси пайдоиши афкори фалсафии моддиюни оппозиционии зарвонӣ гардид, ки аз он зарвония ҷудс шуда баромадааст. Ин ҷо як ҳақиқати ҷолиби диққатро бояд қайд намоем: Агар дар аввали кор зиддиятҳои иҷтимоии ҷамъияти дуньёи қадим дар натиҷаи тасаввуроти мавҳуми инсонҳо боиси дар осмон ба вуҷуд омадани худоҳо ва сиришту ахлоқи онҳо гардида бошанд, дар шароити дигар ин мафҳумҳо дар тезонидани зиддиятҳои иҷтимоӣ ва табақавӣ ёрӣ расонидаанд. Сабаби пайдоиш ва таъсири дар байни табақаҳои васеи халқ паҳн гардидани ақидаи моддиюни ва даҳригии зарвони ва лока ята ҳамин тавр аст.

Пеш аз он ки дар бораи оинҳои оппозиционӣ, илҳоду бидъат[8] ва алоқаи ғоявии онҳо бо ақидаҳои дигар сухан ронда шавад, бояд каме дар бораи оини зардуштӣ[9] таваққуф намуд.

Дини зардуштӣ, ки бо номи асосгузор ё ки пайғамбари он Иброҳим Зардушт[10] вобастагӣ дорад, пеш аз милод[11] дар шаҳри Балх[12] пайдо шуда, дар Осиёи Миёна ва Эрон паҳн ёфтааст. Аз порчаҳои боқимондаи китоби «муқаддас»-и зардуштӣ «Авасто» маълум мегардад, ки дини мазкур ҳамчун мафкураи сохти хоҷагии деҳқонӣ дар чараёни гузаштан аз сохти хоҷагии бодиянишинӣ ба хоҷагии деҳқонӣ ба вуҷуд омадааст. Ин маъниро аз порчаҳои боқимондаи **«Авасто»**, ки мурочиати Зардушт ва ҷавобҳои **Аҳура Маздоро** акс кунонидааст, дидан мумкин аст.

**Саволи Зардушт:** *«Аз ту мепурсам, ба ростӣ ба ман бифармо, эй парвардигори олами ҷисмонӣ Аҳурамаздо, куҷост он макони дигар, ки боиси шодӣ ва зебоии замин гардидааст?*

**Ҷавоби Аҳура Маздо:** *Ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ*

---

* Маҷ. «Дуньё», нашр соли 3,1341 ҳ. ш., № 1, саҳ. 58.

*маскан, оташкада ва барои ҳайвонот ҷое сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои дастаҳои ҷангии нағз бошанд. Он вақт дар макони онҳо ҳайвоноти бисьёр, хайру баракат, чарогоҳ, зан, ҷавонмардон, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат муҳайё хоҳад шуд».*

Дар таълимоти зардуштӣ ба хок (замин) низ эътибори махсус дода шудааст. Замин дар он ҷой ва аз он касон шод аст, ки *«аз ҳама бисьёртар ғалла, алаф ва дарахтони мевадор рӯёнида шуда, заминҳои хушк обьёрӣ ва ботлоқҳо ба киштзор мубаддал шудаанд». Эй одаме, ки ту маро бо дасти чапу рост ва росту чап мерониӣ ва кишт мекунӣ, ман ба тарзи доимӣ ба ту ёрӣ мерасонам, хӯрокворӣ ва ғалладона ва ҳар чизе, ки тавонам, ба ту хоҳам дод». «Он касе, ки ғалла мекорад, кори муқаддасе ба ҷо овардааст».*

Сабабҳои пайдоиши оини зардуштӣ мисоли ҳамаи динҳо аз ҳаёти реалии инсонҳо ғизо гирифтааст, вале тарзи тафаккури он низ мисли ҳамаи динҳои дигар идеалистӣ ва хаёлӣ мебошад.

Чӣ тавре ки дар боло дидем, пеш аз оини зардуштӣ дар Осиёи Миёна ва Эрон ақидаҳои динӣ ва худоҷӯӣ дар шакли парастиши предметҳои табиӣ — офтоб, об, оташ ва ғайра амал мекарданд. Зардушт ғояи якхудоиро пеш ронд. Ғояи якхудоӣ ҳаракат ва кӯшишҳои муттаҳидшавии халқҳои эрониро, ки аввало дар Эрони Шарқӣ — Осиёи Миёна (Ариана, Бохтар, Суғд, Марв, Хоразм, Хуросон) ба вуҷуд омада буд, акс кунонидааст. Бесабаб нест, ки дар «Авасто» маҳз номи ҳамин вилоятҳо зикр шудаанд ва аввалин маркази динӣ ва давлатии халқҳои эронии замони Зардушт шахри Балх қарор гирифта буд, ки онро зардуштиёни қадим, мисли хонаи Каъбаи мусулмонон, муқаддас мешуморидаанд. Бузургтарин оташкада, ки «Навбаҳор» ном дошт ва қиблаи яздонпарастон шуморида мешуд, дар Балх воқеъ буд. Ҳар подшоҳе, ки аз зардуштиён ба тахт мебаромад, аввало ба хонаи муқаддас—оташкадаи «Навбаҳор» рафта, дар назди оташи муқаддас, дар назди мӯбади мӯбадон (рӯҳонӣ ва донишманди дини зардуштӣ) ба худои олӣ — Аҳура Маздо қасам ёд мекард. Ин маъниро аввалин шоири ба назмдароварандаи достонҳои афсонавӣ ва қаҳрамонӣ Абӯмансур Муҳаммади Дақиқӣ (937—977) дар достони «Рафтани Лӯҳросп ба Балх ба парастиши Яздон ва бар тахт нишастани Гуштосп» баён кардааст:

Чу Гуштоспро дод Лӯҳросп тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.
Ба Балхи гузин шуд бар он «Навбаҳор»[13],
Ки яздонпарастон бад-он рӯзгор,
Мар он хонаро доштандӣ чунон,
Ки мар Маккаро тозиён ин замон.
Бад-он хона шуд шоҳи яздонпараст,
Фуруд омад он ҷову ҳайкал будаст...
Ҳаме буд сӣ сол пешаш ба пой,
Бад ин сон парастид бояд худой.

*Дақиқӣ*

Аз тасвири Дақиқӣ дар достонҳои «Пайдо шудани Зардушт ва гузидани Гуштосп ва Лӯҳросп ва ҳамагӣ сарварони Эрон кеши ӯро», «Боз гаштани Гуштосп ба Балх ва фиристоданаш Исфандиёрро ба гирди ҷаҳон барои ҳувайдо кардани дини Зардушт» маълум мегардад, ки дини зардуштӣ аз аввали пайдоиши худ ақидаҳои дар шакли предметҳо вуҷуд доштани худоро барҳам зада, характери умумии илоҳӣ ва давлатӣ касб карда, барои паҳн шудани худ аз давлати шоҳӣ ёрӣ гирифтааст. Дар айни замон, дини зардуштӣ низ барои бархам задани ҳукуматҳои майдаи қабилаҳо, барои ташкили давлати марказӣ ва подшоҳии ягонаи эрониёни қадим ҳамчун аслиҳаи мафкуравӣ хизмат кардааст. Дар навиштаҳои Дориюш Аҳура Маздо ҳамчун қувваи илоҳӣ, ки ба Хшоёршоҳ подшоҳӣ додааст, тасвир ёфтааст. Вай ҳар бор, ки ба ҷанги зидди ёғиҳо ва фатҳи мамлакате мерафт, аз Аҳура Маздо ёрӣ мехост. Ҳокимият ва ғолибияти худро аз ӯ медонист. Дар чунин ҳолат, халқҳои мазлум ва истилошуда метавонистанд Аҳура Маздоро предмети нафрати худ қарор диҳанд, ки вай ба подшоҳони золим «ёрӣ мерасонад». Мо дар навиштаҳои мехии Дориюш дар кӯҳи Бесутун ва нақши Рустам чунин порчаҳоро мехонем, ки алоқаи дину давлатро акс кунонидаанд: Дориюш подшоҳ мегӯяд:... «Ҳар кӣ диндор буд, ӯро муҳофизат мекардам ва ҳар кӣ бедин буд, ӯро танбеҳ менамудам». «Лашкар ба Арманистон фиристодам... ҷанг карданд. Урмузд маро иноят кард, ёғиҳоро шикаст додам». «Шахсе Деҳьёздод ном дар мамлакати Порс ёғӣ шуд ва лашкари порси ман, ки дур аз ман буданд, ҳам ёғӣ шуда, атрофи ӯ рафтанд. Ман лашкар фиристодам ва Урмузд иноят кард, тамоми онҳоро шикаст додам»*...

Аз ин порчаҳо маълум мешавад, ки подшоҳон барои пахш кардани шӯришкунандагон (ёғиҳо), забти мамлакатҳои дигар (Арманистон) ва бединҳоро ҷазо додан аз номи дин ва Аҳура Маздо истифода кардаанд ва корҳои зиддихалқиашонро қонунӣ гардондаанд. Дар бораи алоқаи дину давлат Фирдавсӣ чунин гуфтааст:

Чунон дину давлат ба якдигаранд,
Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.
На бе тахти шоҳӣ бувад дин ба пой,
На бе дин бувад шахриёрӣ ба ҷой.

Одатан пайдоиши ғояи якхудоӣ (тавҳид) бо пайдоиши давлати марказии дорои подшоҳи ягона — шоҳаншоҳ алоқаманд аст. Сабаби пайдоиши якхудоиро Ф. Энгельс ба таври классикӣ эзоҳ додааст, ки он ба дуруст фаҳмидани сабабҳои таърихии дини якхудоии зардуштӣ дар Эрони то милод (асрҳои VI—III ва Арабистон (асри VII баъд аз милод) ёрӣ мерасонад: **Агар**

---

* *Мирзо Мӯҳсин Иброҳимӣ.* Намунаи адабиёти Эрон. Боку. Қисми 1, 1922, с. 15—16.

**подшоҳи ягона намешуд, ҳеҷ гоҳ якхудой ҳам ба миён намеомад. Ягонагии худои ба ҳодисаҳои бешумори табиат назораткунанда ва муттаҳидкунандаи қувваҳои зиддиятноки табиат танҳо нусхаи подшоҳи золими шарқӣ аст, ки аз афти кор ё ки дар ҳақиқат одамони ба манфиатҳои худаш зидбударо муттаҳид гардониданӣ аст»*.**

Пас оини якхудоии зардуштӣ ҷараёни муттаҳидшавии эрониёни қадим, кӯшишҳои барҳам додани давлатҳои майда, ташкили давлати ягонаи шоҳаншоҳӣ ва дар зери фармони як ҳукумат ҷамъ намудани вилоятҳои эрониро, ки дар замонаш ҳодисаи прогрессивии таърих мебошад ва ба муқобили душманони чунин давлат ва якшавӣ равона карда шудааст, акс менамояд. Ин ғоя баъдҳо дар «Худойнома»-и замони Сосониён (224—651) ва дар «Шоҳнома»-и давраи Сомониён (875—999) ба таври мукаммал акс ёфтааст. Ақидаҳои динӣ ва **фалсафии Зардушт** дар китоби **«Авасто»**, ки асоси онро мифология (асотир) ташкил медиҳад, инъикос ёфтааст.

Аз рӯи ақидаи оини зардуштӣ, Аҳура Маздо[14] худои яккаву ягона ва олӣ буда, олами моддиро ба вуҷуд овардааст: *«Худои бузург Урмузд, ин дуньёро офаридааст ва заминро офаридааст ва одамро офаридааст».*

Дар ин гуфтаҳо аллакай муҳокимаи фалсафӣ мушоҳида мешавад, зеро ақидаи фалсафӣ дар замонҳои гузашта бо динҳо алоқамандӣ доштааст: «Фалсафа аввал дар доираи шакли шуури динӣ кор карда шуда, аз як тараф, динро, чӣ тавре ки ҳаст, барҳам мезанад ва аз тарафи дигар, худаш бо мундариҷаи мусбаташ ҳанӯз фақат дар ҳамин ҳудуди динии идеали кунонидашудаи ба забони тафаккур гузаронидашуда ҳаракат мекунад**».

Баъзе аз донишмандон даъво доранд, ки Зардушт баъд аз ҷорӣ намудани аҳурапарастӣ худоҳои табииро рад ва инкор кард, гурӯҳи девонро тағьир дод ва ба ҷои онҳо худоҳои дигар ба вуҷуд овард, ки дар гирди Аҳура Маздо ҷамъ омадаанд. Онҳо шаш ададанд ва бо номи «Амурта спонта» машҳур буда, олами моддиро идора мекардаанд ва ҳар кадом як вазифаро адо менамудааст: 1. Вуҳумана — нигаҳбони ҳайвонҳои фоидабахш. 2. Уврта ваҳшита — посбони оташ. 3. Хшашра вариа — нигоҳбони маъданиёт. 4. Спута араматн — посбони замин. 5. Ҳарватот — нигаҳбони саломатӣ ва дӯстӣ. 6. Амуртатот — посбоникунандаи обу гиёҳҳо.

Баъзе олимони шарқшинос аз вуҷуди ин худоҳо, ки дар «госоҳо» ё ки «готҳо»-и «Авасто» ном бурда шудаанд, ба чунин хулоса омадаанд, ки аз олами моддӣ нигоҳбонӣ кардани онҳо аломати боқимондаи хислатҳои моддии ҷиҳати илоҳии онҳоянд

---

* *К. Маркс* и *Ф. Энгельс.* Соч., т. 21, стр. 45.
** *К. Маркс.* Теория прибавочной стоимости. Қисми 1. М., 1955, с 18.

ва ин алоқаи бо олами моддӣ доштаашонро ҳодисаи нав ва навоварӣ меноманд. Албатта, алоқаи бо олами моддӣ доштаи ин худоҳо бо ҳаёти моддӣ алоқаманд будани пайравонашонро нишон медиҳад ва гуфтаи К. Марксро, ки «дин аз замин озуқа мегирад», тасдиқ менамояд.

Инкишофи минбаъдаи ҳаёти моддӣ ва маънавии одамон — аз ҳаёти бодиянишинӣ ба ҳаёти муқимӣ гузаштан, нисбатан баланд рафтани шуури мардумро аз табиатпарастӣ ба аҳурапарастӣ, ки худои ягонаи мавҳумист, овардааст. Таълимоти дини зардуштӣ бо моҳияти фалсафии худ дуақидавӣ (дуалистӣ) буда, ба гурӯҳи ақидаҳои санавия дохил мешавад,[15] зеро як гурӯҳи худоҳо бо сардории Аҳура Маздо аз ҷавҳари пок ва хубиҳо иборатанд ва гурӯҳи дигар бо сардории Анграманию (Аҳриман) аз ҷавҳари палид иборат буда, офаридагори бадиҳо мебошанд. Масалан: нур, борон, об, оташ, фаровонҳосилӣ, сиҳатӣ, меваҳо, ҳайвоноти фоидабахш, осоиштагӣ, сулҳу сафо ва ғайра офаридаи Аҳура Маздо аст. Торикӣ, марг, хунукӣ, касалӣ, вабо, ҳайвонҳои дарранда, ҷанг, ҳашаротҳои зараррасон, зулму золимӣ ва ғайра эҷоди Аҳриман аст.

Ин ду эҷодкор дорои фариштаҳои шашгона мебошанд, ки хоҳиши онҳоро ба ҷо меоранд ва ба ҳамдигар зид гузошта шудаанд.

Дар таълимоти зардуштӣ зиддиятҳои ҳаёти моддӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ ба тарзи диалектикаи ибтидоиаш акс ёфтааст. Оини зардуштӣ ҳам мисли динҳои дигар ақидаи ғалати фантастикии одамон дар бораи табиат ва ҷамъият буда, урфу одатҳои хеле зиёде дорад, ки баъзе аз онҳо монанди алас кардан, аз болои гулхан ҷаҳидан, дар сари қабр, мурдахона, ҷои касал ва дар баъзе ҷойҳои «хавфдор» нӯкча даргирондан ҳанӯз боқист. Гӯшти мурдаҳоро ба саг ва паррандаҳои ҳаромхӯр дода, устухонро сӯхта дар кӯзача ва ё устухонҳоро дар тобутчаи сафолин андохта гӯр карда, мурдаро бо мум печонида дар хок гузоштан ва ғайра нишон медиҳад, ки дар оини зардуштӣ зинда шудани мурдаҳоро эътироф намекардаанд, аммо дар банди 43—44 Ёшта дар бораи рӯзи растохез — киёмат, дӯзах ва биҳишт сухан рафтааст. Зардуштиҳо мисли ҳиндиҳо ақида доштаанд, ки рӯҳ абадӣ буда, ба ҷисмҳои дигар интиқол хоҳад шуд. Дар сари қабр, дар дахмаҳо барои арвоҳи мурда хӯрок мондан ва шамъ гирондан аломати он аст, ки дар ақидаи зардуштиҳо арвоҳ зиндааст ва ҳатто, хӯрок мехӯрад.

Зиддиятҳои дохилӣ, мубориза ва ягонагии онҳо қонуни ҳаёт ва тафаккуранд. Ҳар чанд ки дини зардуштӣ ба дини давлатӣ ва собитқадам мубаддал гашта буд, вале аз замонҳои қадим дар дохили он муборизаҳои мазҳабӣ, ақидавӣ ва майлҳои аз он берун рафтан (илҳод) сар шуда буд, ки муборизаи дар ҷамъияти онрӯзаи қавмҳои эронӣ вуҷуддоштаро акс мекунонд. Мӯбадони собитқадами зардуштӣ барои суннат — қонуну қоидаҳои қадимии зардуштӣ мубориза мебурданд ва тарафи муқобил

ҳам доштанд. Ягона ақидаи оппозиционӣ ба муқобили маздопарастии собитқадам — ақидаи зарвонӣ[16] аст, ки дорои ҷаҳонбинии фалсафии материалистӣ ҳам буд.

**Ақидаи зарвония**

Қалимаи «зарвон» дувоздаҳ аср пеш аз милод вомехӯрад. Маълумотҳо дар бораи Зарвон ва писарони ӯ аз «Авасто» оғоз ёфтааст. Аммо номи ӯ дар яснои 30-юм ва банди 5-уми готҳо, ки дар бораи ду гавҳари аввала — худоёни ҳамзод — бародарони тавъам Урмузд ва Аҳриман сухан меравад, ёд карда нашудааст, вале тадқиқотчиён тахмин мекунанд, ки Зарвон падари онҳост. Дар «Авасто»-и мавҷуда Зарвон дар баъзе мавридҳо ҳамчун эзид зикр шудааст, ки мепарастиданд. Дар назари Зардушт маниши нек (Спунта манию) ва маниши бад (Ангра манию) ҳамзод будаанд ва ҳар ду ба воситаи як худованд, ки номи ӯ маълум нест, ба вуҷуд омадаанд. Ин худованди замон ва макони мутлақу беинтиҳост.

Дар «Авасто» «Зарвона акарана» ба маънии замони беканор буда, худои марг ва посбони пули чинут (пули сироти зардуштиён) аст, ки аз он рӯзи қиёмат рӯҳи мурдагон мегузаштаанд. Пас, Зарвон дар «Авасто», аз ҷумлаи худоёнест, ки ӯро парастиш мекардаанд.

Дар замони Ҳахоманишиҳо дар ин бора фикрҳои гуногун мавҷуд будааст. Баъзеҳо онро худованди макон (савоша) ва баъзе замони мутлақ (зарвон) шуморидаанд.

Аввалин касе, ки аз олимон, нависандагон ва файласуфони хориҷӣ «Зарвон»-ро дар асараш ном бурдааст, шогирди Арастотолис — Еудемос Рҳодес мебошад, ки дар нимаи дуюми асри IV п. аз м. зиндагӣ кардааст. Ӯ дар бораи зарвониён чунин гуфтааст: **«Дар миёни муғон ва ҳамаи нажоди ориёнӣ (эронӣ) мафҳуми бадеии вуҷуд ва ҳақиқатро баъзе макон ва баъзе замон (яъне Зарвон) меноманд, ки аз он ду гавҳар падид омадааст: яке холиқи хайр, дигаре холиқи шарр ва ё бинобар ба қавли баъзе аз онон пеш аз ин ду гавҳар: нур ва зулмат пайдо шудааст. Аз ин (яъне ду гавҳари дугона) маншаи ихтилоф ва таноқуз дар олами табиат шудаанд, ки дар ибтидои амр ихтилофе бо якдигар надоранд»*.**

Ин маълумот ба дасти олимони ҳозира аз нақли Дамаскиус, ки яке аз файласуфони ишроқиюн (навафлотунӣ) буда, дар ҷумлаи ҳафт тан насронии гуреза дар дарбори Анӯшервон (асри VI м.) паноҳ ёфта буданд, расидааст. Аз рӯи нақли шогирди Арасту зарвония бояд дар охири салтанати Ҳахоманишиҳо ва ибтидои фаъолияти Искандари Македонӣ паҳн шуда бошад. Ин гумон аз ҳақиқат дур аст, зеро дар яке аз оятҳои «Авасто» (30-юм, банди 3) гуфта шудааст, ки Урмузд ва Аҳриман ду гавҳари ҳамзоданд. Агар чунин аст, онҳо бояд падар дошта бо-

---

* *Артур Кристенсен.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим. Теҳрон. Тарҷумаи Забеҳулло Сафо, 1336 ҳ. ш., с. 125.

шанд. Ин падар ҳамон падар аст, ки дар зарвонпарастӣ ӯро медонанд ва хеле қадим аст. Ғайр аз ин, «Зарвон»-ро ном бурдани шогирди Арасту чунин маъние надорад, ки зарвония дар замони ӯ пайдо шудааст, балки аз вуҷуд доштани чунин мазҳабе, ақидае хабар медиҳад.

Дар асри аввали қабл аз милод, дар навиштаҳои подшоҳони искандарӣ (слевкавиҳо) Антиохаи I Куможный дар бораи ба худоҳои юнонӣ ва эронӣ итоат кардани худ сухан ронда, ҳамаро даъват кардааст, ки ба замони мутлақ (замони беинтиҳо) ё ки «Зарвона акарана»[17] пайравӣ намоянд*.

Ниҳоят кам будани ҳуҷҷат ва бурҳонҳо вуҷуд доштани зарванияро ба зери шубҳа гузорад ҳам, манбаъҳои замони Сосониён мавҷудияти ин ақидаро ва бисьёр вақтҳо оини расмӣ-давлатӣ гардидани онро тасдиқ менамоянд. То замони ислом дар авҷ будани оини зарвонӣ аз он ҳақиқати таърихӣ низ маълум аст, ки Монӣ (асри III м.) дар таълимоти худ Зарвонро худои бузурги худ номидааст ва Урмуздро зердасти у медонад. Дар порчаҳои монавиёни эронӣ, суғдӣ ва уйғурӣ Зарвон ба унвони нахустин холиқ дониста шудааст.

Дар асри III м. Зарвон ба мартабаи илоҳӣ бардошта шудааст. Аммо дар баъзе давраҳо дар натиҷаи муборизаҳои мазҳабӣ таълимоти зарвония аҳамияти худро гум мекард. Аз ин ҷост, ки дар китоби мазҳабии давраи паҳлавӣ, ки усули дини зардушист, Зарвон на ҳамчун худои аввалин ва падари Урмузду Аҳриман, балки яке аз худоҳои камаҳмият шуморида шудааст. Дар китоби «Минуги хирад», ки дар охири давраи Сосонӣ навишта шудааст, дар бораи ақидаи зарвонӣ чунин маълумот дода шудааст: «Ҳамаи корҳои ҷаҳон ба қазо ва замон машити олияи Зарвон, ки вуҷудаш қоим ва фармонравонияш тӯлонист, боз бастааст»**. Дар китоби «Уламои ислом» ҳам гуфта шудааст, ки дар оини зардуштӣ ақидае ҳаст, ки ғайр аз замони махлуқ, замони холиқиро низ эътироф кардааст.

Дар замони сосониён се дини халқҳои эронӣ шӯҳрат доштааст. Яке аз онҳо маздопарастии собитқадам аст, ки ба таълимоти аслии маздой ё ки зардуштӣ пайравӣ мекард. Асоси таълимоти он нуру зулмат буда, ақидаҳои дигарро мулҳидӣ (бединӣ) шуморида, пайравонашро таъқиб менамуд. Дигаре ақидаи зарвонӣ буд, ки пайравонаш замонро худои бузург ва падари Урмузду Аҳриман медонистаанд. Сеюмӣ вотукон — ҷодуӣ аст, ки ҳам Урмузд ва ҳам Аҳриманро мепаристидаанд. Пас, ҷодувон дар байни маздопарастӣ ва зарвонӣ, ки бо ҳам ихтилоф доштанд, оини миёнарав будаанд. Ақидаи зарвонӣ ва вотуконро оппозиция ба дини собитқадами маздопарастӣ бояд донист.

Қайд кардан зарур аст, ки зарвонӣ аз қадим боз ҳамчун

* Ҳамон асар, с. 127.

** *Артур Кристенсен.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим, с. 127, 128, 137.

оин ва фалсафаи оппозиционӣ ба муқобили маздопарастӣ давом намуда, дар ҳар давр мувофиқи шароити замонаш нуқтаи назари табақаҳои норозии ҷамъиятро ифода намудааст. Ин ақида дар замони Сосониён ҳам зиддиятҳои иҷтимоӣ ва эътирози табақаҳои гуногуни ҷамъияти тоисломии халқҳои Осиёи Миёна ва Эронро акс кунонидааст. Дар китоби «Минуги хирад» марди ҳунарманд мулҳид ва рафтори ӯ бединӣ шуморида шудааст. Аз ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки зарвонпарастӣ ва равияи моддиюни он маҳз дар байни табақаҳои ҳунарманду аҳли касб паҳн шуда, ҳолати рӯҳии онҳоро акс кунонидааст. Ин ҳол ба он монанд аст, ки табақаи поёни мардуми Ҳинд фалсафаи «лока ята»-ро ба вуҷуд оварда буданд.

Дар охир он ҳақиқатро низ бояд қайд кард, ки ин оинҳо дар дохили худ фарқҳо ҳам доштаанд ва зиддиятҳои чуқури дохилиро нишон медоданд. Яке аз он оин ва андешаи фалсафӣ ҳамин оини зарвония аст.

Зарвония ба ду шоха ҷудо шуда буд: *зарвонияи мазҳабӣ* ва *зарвонияи фалсафии моддӣ,* ки бо ҳам зиддият ва мубориза дошт. *Зарвонияи мазҳабӣ.* Асоси ин ақида дар он аст, ки пеш аз ба вуҷуд омадани махлуқоти осмон ва рӯи замин вуҷуде бо номи «Зарвона акарана» ҳамчун тақдир ё ки фарр мавҷуд буд. Вай дар муддати ҳазор сол қурбонӣ (фидия)-ҳо дод, то ки аз вай писаре таваллуд шавад ва номашро Урмузд (Аҳура Маздо) гузорад ва ӯ осмону замину чизҳои ба онҳо даркориро офарид. Баъд аз ҳазор сол ба кӯшишҳои худ шак овард ва фикр кард, ки оё баъд аз ин қадар садақадиҳиҳо дорои Урмузд ном писаре хоҳад шуд ё на? Балки ранҷҳояш беҳуда хоҳад рафт? Дар он ҳол, ки саргарми ин хаёлот буд, аз нутфаи хирад Урмузд ва аз шакку шубҳа ва каму костиҳо Аҳрмьён ё ки Аҳриман дар шиками ӯ пайдо шуданд.

Вақте ки Зарвона акарана аз ин ҳоли худ хабардор шуд, гуфт: Аз ду писар, ки дар шиками мананд, ҳар кадом пештар ба назди ман ояд, подшоҳи ҷаҳон хоҳад шуд. Урмузд ин андешаи падарро ба бародари худ Аҳриман гуфт. Вай зуд шиками падар (Зарвон)-ро шикофт ва худро ба ӯ расонд. Зарвон ӯро нашинохт ва пурсид, ки: кистӣ? Аҳриман гуфт: Ман писари туам. Зарвон гуфт: Писари ман хушбӯй ва дурахшандаву нуронӣ аст, ту торик ва бадбӯй ҳастӣ. Дар вақти гуфтугӯ Урмузт (Урмузд), ки бо бӯи хуш ва дурахшанда таваллуд ёфта буд, ҳозир шуд. Зарвон ӯро зуд шинохт. Дастаи чӯбро, ки дар даст дошт ва ҳангоми ситоиш ба кор мебурд, ба Урмузд дода гуфт: То имрӯз қурбониҳо барои ту додам, акнун ту бояд барои ман қурбонӣ диҳӣ ва ӯро муқаддас гардонид. Дар ин ҳол Аҳриман гуфт: Магар ту аҳд накарда будӣ, ки ҳар як аз ду писарам, ки бори аввал ба назди ман ояд, ба ӯ подшоҳии оламро медиҳам? Зарвон барои он ки аз қавли худ нагардад, гуфт: Эй вуҷуди нопок ва бадкирдор, баъд аз ман нӯҳ ҳазор сол подшоҳӣ аз они туст, баъд аз он Урмуздро бар ту фармонфармо хоҳам кард ва

нӯҳ ҳазор сол подшоҳӣ мекунад ва ҳар чӣ мехоҳад, мекунад. Он гоҳ ҳар ду бародари тавъам (дугонак) ба халқ намудани махлуқоти худ оғоз карданд. Ҳар чӣ Урмузд меофарид хуб, дуруст ва рост буд ва ҳар чӣ Аҳриман эҷод мекард, бад, номақбул ва саркаш буд.

Дар нақли дигаре гуфта шудааст, ки Зарвон пас аз таваллуди Урмузд, ридои сафеди рӯҳониятро ба вай дод ва ӯро роҳбари рӯҳонии осмон гардонид. Пас аз таваллуди Ахриман ҷомаи хокистарранги ҳирсу ҳасадро ба ӯ дод, то ки нӯҳ ҳазор сол подшоҳи олами моддӣ бошад. Се ҳазор сол аз замони маҳдуд, ки ҳамагӣ 12 ҳазор сол аст ва он гӯё умри дуньёи моддӣ мебошад, гузашт. Қувваҳои неку бад ба мубориза тайёр шуданд ва дар майдони осмон мунтазир буданд. Дар ин вақт Зарвон бо Аҳриман аҳд мебандад, ки агар ба муқобили Урмузд нафрати офаридагорро наёвард, боз нӯҳ ҳазор сол, ки аз умри дуньёи моддӣ боқӣ мондааст, хоҳад зист ва баъд аз он бо тобеонаш ҳалок хоҳад шуд, қиёмат намудор хоҳад гашт ва сурати ҳастӣ аз ҳар гуна палидиҳо пок шуда, ба замони бекарон мепайвандад ва дар он ҳал шуда меравад.

Дар усули оини митроӣ, ки давоми назарияи муғони зарвонимазҳаб аст, дар масъалаи раъйи низоми илоҳӣ ва асоси чизҳо чунин ақидае вуҷуд дошт, ки дар он тасаввуре дар бораи замони мутлақ ё ки бениҳоят (зарвона акарана) мавҷуд буд ва ӯро баъзан Крунус соақулум ё ки Қаюн[18] низ меномидаанд. Одатан, ин вуҷудро ба тақлиди яке аз мавҷудоти табиӣ тасвир мекардаанд: Уро дар шакли сари шере, ки даври ҷисмашро море печонда гирифтааст, таҷассум мекунонанд. Миқдори зиёди чизҳое, ки ҳангоми таҷассум кунонидан ба вай илова мекарданд, чунин маънӣ доштааст, ки хислат ва сифатҳои ӯ аниқ ва маҳдуд набудааст. Дар дасти ӯ, монанди худоҳои бадқаҳр ва ҳоким, асоси фармонфармоӣ мавҷуд будааст ва дар ҳар дасти ӯ калиде ҳаст ва он чунин маънӣ дорад, ки вай соҳиби осмон аст ва дарҳои осмонро ӯ хоҳад кушод. Пӯзаи ҷоғи нимкушодааш, ки фуки хавлангезашро нишон медиҳад, аломати қувваи харобиовари замон аст, ки он ҳамаи чизҳоро фурӯ мебарад ва ба дамаш мекашад. Болҳояш рамзе аз тезии суръати гашти ӯст. Ҳайвону хазандае (море), ки ҳалқаю печи он вайро фушурдааст, ишора ба дурии ҳаракати мадори Офтоб аст, аломатҳои минтақаи бурҷҳо, ки дар ҷисми ӯ нақш бастааст, нишонаи фаслҳост, ки ифодаи ходисаҳои рӯизаминӣ аст ва рамзе аз абадӣ гузашта истодани солҳоянд.

Аз ин нақлҳои дорои хислатҳои мифологӣ маълум мегардад, ки шохаи мазҳабии Зарвония бештар ҷиҳатҳои динӣ ва хаёлии ин ҷараёнро инкишоф дода, аз ҷаҳонбинии ҷараёни материалистӣ ва атеистии он дурӣ ҷустааст. Дар ҷараёни мазҳабии Зарвония мафҳуми сайёраҳои наҳс ва бехаракат (савобит) ҳастанд. Зарвон, ки сипехр (осмон) ҷасади ӯст, ҳам адл дорад ва ҳам сарнавишт аст. Урмузду Аҳриман ҳам аз дасти тақдири ӯ

халосӣ надоранд. Зарвониҳо баръакси маздопарастон, ки ба ҷабри табиӣ ва озодии ирода эътиқодманд буданд, ҳамаро аз тақдир медонистанд. Дар китоби «Бунд ҳишн» «замон аз ҳар ду офариниш (яъне Урмузд ва Аҳриман) пурқувват аст» ва дар китоби «Минуги хирад» «ҳар некӣ ва бадие, ки ба мардумон ва офаридагони дигар расад, аз ҳафту дувоздаҳ[19] расад ва дар ҷои дигар бидон ва огоҳ бош, ки кори дуньё мувофиқи ҳукми азалии замона ва сарнавишт меравад, Зарвония подшоҳ ва даранги худой (дерпоянда ва худофарида) мебошад», гуфта шудааст.

Байти зерини Фирдавсӣ гӯё аз забони зарвониён сухан меронад:

Нигаҳ кун бад-ин гумбади тезгард,
Ки дармон аз ӯясту з-ӯяст дард.

Ин ақида тафаккури зарвонимазҳаб аст, ки қазову қадар, ризо ва таслимро пеш меронад ва минбаъд дар адабиёти давраи феодалӣ фикру андешаҳоро банд карда буд.

Дар ақидаи зарвонияи мазҳабӣ аз хислатҳои худои маънавӣ ва исломӣ асаре нест. Зарвон бештар ба табиат монанд аст. Вай зоҳиркунандаи интизому қонуну бахту қудрати подшоҳист. Мо (яъне инсонҳо) баъд аз сарои сипанҷ ба манзили даранг (сустӣ — олами марг) меравем, ки гавҳари он замони бекарон аст. Дар он ҷо барои корҳои савобу гуноҳ на музде ҳаст ва на ҷазое. Пас, дар оини Зарвонӣ лаззати ирфонӣ (тасаввуфӣ), завқу шавқи биҳишт, ҳамчунин ваҳшату даҳшати дӯзах, ки дар дини мусулмонӣ мавқеи калон дорад, нест.

Вақте ки аз ҳастии моддӣ 12 ҳазор сол гузашт, олам аз гардиш ва ҷунбиш «мемонад» ва он гоҳ Зарвони бекарон, ки на худро мешиносад ва на ба корҳои савобу гуноҳони мо нигарон аст, ба ҳолати оромии ҷовидонӣ — бақои аслии худ бармегардад.

Зарвон дар ҳолати мутлақи худ зоҳиркунандаи макон, замон ва қувваи ақл аст. Замону макон сарчашмаи моддӣ ва кору фаъолият шинохта шудаанд. Аммо хирад омили ғайриоддӣ мебошад. Хирад устуворӣ ва қадимигарӣ надорад, чунки дар давраи баъд аз пайдоиши ҷаҳон ва аз нафси илоҳии худ бохабар шудани Зарвон ба зуҳур омадааст. Дар ин фикр унсури материалистонаи дувумин пайдо шудани ақл, ки бар хилофи ақидаи идеализм аст, мушоҳида мешавад. Дар ин ҷо дар қатори ақидаҳои дигари мазҳабӣ кӯшишҳои ибтидои ҷаҳони моддӣ ва табииро ҳамчун офариниш маънидод кардан низ дида мешавад, ки он моҳияти идеалистӣ дорад. Дар китоби «Уламои ислом» оташу обро ҳамчун асли ҳастӣ аз Урмузду Аҳриман пеш гузоштани зарвониҳо асосҳои ақидаи моддиюнӣ доштани онҳоро нишон медиҳад. Дар «Китоб-ул-фасл» ва «Ал-танбия валашроф» (Масъудӣ) маҷусиён[20] ба қадим будани панҷ асл:

Урмузд, Аҳриман, замон, макон ва «тоҳм» ё ки «тухм» (ҳаюлои аввалӣ) эътиқодманд буданд. Аз «макон» ва «замон» мурод ҳамон Зарвон аст. Тухмро қадимӣ донистани зарвониён ҷолиби диққат аст, зеро асоси андешаи моддиюнӣ дорад. Мувофиқи ақидаи маҳдуд, яъне ба асли моддӣ вобаста будани сипеҳр маҳдудияти макони беинтиҳо ҳам пайдо шудааст. Аз ин сабаб, ки замон дар ҳолати маҳдуди худ (замони даранги худоӣ) ба тухмаи сипеҳр (моддаи аввала) ҳулул менамояд ва аз ҳамаи марҳилаҳои ҷанин (тухмбандӣ) мегузарад, дар охир дар шакли комили бадани Зарвон, ки ҳамон сипеҳр ё ки ҳаёти моддист, намудор мегардад. Аз ин гуфтаҳо хулоса мебарояд, ки сипеҳр маҳдуду фанопазир аст, вале ҷавҳари моддӣ абадӣ ва азалӣ мебошад. Ин усули маърифат дар роҳи ҷаҳоншиносии моддӣ қадами ҷиддиест. Инҳо иқдомҳои аввалини фалсафаи материализми ибтидоӣ мебошанд.

Ақидаи зарвонимазҳаб иродаи инсонро ба таври мутлақ рад мекунад ва бахтро аз ҳама баланд мегузорад. Бахт дар ақидаи Зарвониён ваҷҳе аз Зарвон аст, ки кавн ва маконро фаро мегирад. Инсон ҳам мисли офаринишҳои табиӣ дар ҷанги сарнавишт аст. То ақидаи ҷабр ва зарвониёни моддиюн ва даҳрӣ роҳ дур нест, вале зарвонимазҳаб дар ақида бадбин ва лоадрӣ аст, ки идеалистӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, зарвония бо ақидаиниммоддӣ ва илҳодомези худ ба пайдоиши фалсафаи моддиюн ва бехудоӣ роҳ кушодааст. Зарвониҳо инсонро ҳамчун олами хурд намунаи олами бузурги табиӣ медонанд. Ин гуна ҷаҳонбинӣ дар ақидаи фалсафаи «ведие»-и ҳиндӣ низ мавҷуд буд, ки баъд ба ақидаи лока ята гузаштааст ва дар афкори фалсафаии юнониёни қадим низ вуҷуд дошт. *Зарвонияи моддиюн* аз ақидаи умумии зарвонӣ ҳамчун опозицияи материалистии зидди идеалисти ба вуҷуд омадааст, ки баъдҳо ақидаи даҳриёни давраи исломӣ шуд. Баъзе матнҳои китоби «Бунда ҳишн» ва «Данкарт» дар дуньёи қадим вуҷуд доштани ин ақидаро тасдиқ менамоянд. Бо назарияи маздоӣ омехта будани лаҳзаҳои ҷудогонаи таълимоти зарвониёни моддиён шояд аз он сабаб бошад, ки сипеҳр (дуньёи моддӣ) тану ҷисми корманд буда, аз замони бекарон ба вуҷуд омадааст. Дар ақидаи зарвониён сипеҳр аввалин моддаест, ки тамоми мавҷудот зодаи ӯст. Аз рӯи ақидаи онҳо аз ҳаюлои аввал (ки дар паҳлавӣ тухм аст) сурати аввал — унсурҳои (ахшиҷҳои) чоргона, баъд сурати дуюм, яъне омезиши хосияти табиии чоргона (гарму хунуку хушку тар) ва аз он сурати сеюм, яъне зиндагӣ, наботот, ҳонварон ва инсонҳо ба вуҷуд омадаанд. Ҷаҳони моддӣ баъд аз гузаштани 12 ҳазор соли ҷаҳонӣ (кайҳонӣ) ба шаклу тану ҷисм омадааст, ки он натиҷаи бо замони бекарон омехта шудани мавҷудоти моддӣ мебошад. Замон ва макон ҷавҳари аслии ҳаётӣ ва тухми моддаанд. Замон ҳамчун модари одамӣ дар сурати низом ва қонун ҷараён дорад. Пас, дар он системаи таълимоти замон Зарвони худованд нест, балки омили физикӣ ва аслии табиату сипеҳр

аст. Зарвониён хислатҳои табиии чоргонаро аз сипеҳр (модда) медонанд, нурро ҳамроҳи аввали ҷуфти хислатҳо ва торикиро ҳамроҳи дуюми ҷуфти он мешуморанд. Баъд аз ин, сурати аввал: ҷунбиши вуҷуд ва унсурҳои чоргонаи табиӣ, ки ҳастии моддианд, ба вуҷуд омадаанд. Баъд аз ин, сурати дуюм, ки омезиши хосиятҳои табиист, ба амал омад. Баъд аз ин, сурати сеюм, ки аз ҷон ва сурати моддӣ иборат аст ва хосиятҳои табииро бо ҳам мепайвандад, зоҳир шуд, яъне набототу ҳайвону инсон ба вуҷуд омадаанд. Дар ин таълимот такомули табиӣ, ки ҷараёни ҳаёт аст ва ҷаҳонбинии материалистӣ мебошад, мушоҳида мешавад. Агар ин ақидаро бо назарияи машшои Арасту, ки баъд аз зарвониҳо ба вуҷуд омадааст, муқоиса намоем, ҷиҳатҳои афзалро мебинем. Ихтилофи аввал дар асли чизҳост. Асли чизҳо дар ҷаҳонбинии фалсафии зарвониёни моддиюн замон ва сипеҳр аст. Дар назари Арасту асли чизҳо сабаби аввал, яъне қувваи фоил ва ҳаракатдиҳанда аст, ки аз ҳоли сурат ва моддӣ хориҷ аст. Зарвониҳо бо вуҷуди ба замон такья намудан, аз замон худое намесозанд. Масъалаи дигари муқоисавӣ муносибати сурат ва модда аст. Дар ақидаи зарвония модда аз сурат пеш аст, яъне аввал модда (ҳаюло), баъд сурат (яъне ҷисм) аст. Дар фалсафаи Арасту сурат аз ҳаюло ва ҷисм пеш гузошта шудааст. Аз ин ду мисол маълум мешавад, ки назарияи фалсафии зарвония нисбат ба фалсафаи Арасту ё ки машоъ, бештар хусусияти материалистӣ дошта, пешрав мебошад. Аммо замонро ҷавҳари мустақил ва асоси модда шумоaccording рафтори илмӣ ва материалистӣ нест. Ин ҷо лаҳзае ҳаст, ки назарияи зарвонияи моддиюнӣ дар масъалаи асли омили ҳаёт аз зарвонимазҳаб ҳанӯз пурра ҷудо нашудааст, балки ақидаи ғалатро аз он мерос гирифтааст. Дар масъалаи замон назарияи Арасту ё ки машоъ илмӣ аст, зеро замонро андоза, қиёс, ҳаракат ва сукунати модда ё ки ҷисм мешуморад. Дар бисьёр масъалаҳои дигари фалсафаи материалистӣ, махсусан, дар масъалаи тараққиёт ва такомули тадриҷӣ назарияи зарвониҳо бо фалсафаи машшоин ҳамоҳангӣ дорад. Дар масъалаи ҳодис ва қадим будани модда ва олами моддӣ зарвонияи моддиюн аз мазҳабӣ гӯё фарқ накардааст, зеро модоме ки умри оламро 12 ҳазор сол муайян кардааст, олам ҳодис аст. Ин ҷо ду эҳтимол ҳаст: ё онҳо дар ин масъала ҳоло аз ҳамдигар ҷудо нашудаанд, ё ки андешаҳои дар ин бобат баёнкардаи зарвониҳои моддиюн ҳоло ёфт нашудааст, вале азбаски замонро тухми олами абадию азалӣ мешуморанд, олами моддӣ ҳам набояд ҳодис, балки қадим бошад, ки он гоҳ масъалаи ҳодис будан ба шакли модда, яъне ба ҷисмҳо дахлдор мемонад.

Дар китоби «Бунда ҳишн»-и паҳлавӣ ба ҷои замон рӯшноӣ ва оташ асоси олами моддӣ шинохта шудааст, ки низ бо ақидаи Ҳероклит, ки оташро асоси моддии олам медонад, ҳамоҳангӣ дорад, вале зарвония, ки тақрибан 600 сол пеш аз Ҳероклит ба вуҷуд омадааст, бояд аз назарияи Ҳероклит муқаддам бо-

шад. Мувофиқи ин назария, аз рӯшноии бекарон оташ, аз оташ бод, аз бод об, аз об хок пайдо шудааст. Дар асли таълимоти зарвония, ки дар китоби «Уламои ислом» акс ёфтааст, Зарвон аввал оташу обро мисли зану шавҳар халқ кард, гуфта шудааст. Рӯшноӣ ва торикӣ дар пайдо шудани ҷаҳон иштирок кардаанд.

Аз онҳо Урмузд ва Аҳриман рӯидаанд. Дар ин маврид он лаҳзаро қайд метавон кард, ки дар офариниши ҷаҳон модда аз руҳ пеш гузошта шудааст. Баъд аз ин, Зарвони бекарон тарҳи дуньёро рехта, худаш ба шакли замон даромадааст, сипеҳр тани Зарвон аст. Ҳамаи инҳо, ки мавҷудот ва офаридаи моддианд, бо ёрии низоми дуньё ё ки қонуни табиӣ идора карда мешаванд. Дар масъалаи ягонагӣ ва зиддияти ҳаёт заврониҳо аз таълимоти маздо ясно дур шуда, ба мафҳуми диалектикии ягонагии зиддиятҳо наздик омадаанд.

Масалан, зарвония таълим медиҳад, ки аз шубҳаи Зарвон — Аҳриман ва аз хирадаш — Урмузд ба вуҷуд омад. Пас, ду асли ба ҳам зид нур ва торикӣ, некӣ ва бадӣ аз як манбаъ сар задааст. Дар таълимоти санавияи маздо ясно ин ду асли ба ҳам зид аз якдигар ҷудоянд ва ҳеҷ чиз онҳоро бо ҳам намепайвандад. Зиддиятҳо ягонагии дохилӣ ба вуҷуд намеоранд, балки амали мустақилонае доранд. Зарвонияҳо, ки ягонагии диалектикии зиддиятҳоро пеш ронда, онҳоро аз як манбаи ягона медонанд, назарияи санавияи маздо ясноро рад кардаанд ва мафҳуми ягонагии диалектикиро пеш рондаанд.

Дар масъалаи ҷабру тақдир зарвонияи мазҳабӣ дар мавқеи тақдири илоҳӣ ва зарвонияи моддиюн дар ҷодаи ҷабри табиӣ меистад. Дар бобати ба тақдири инсонӣ таъсири рамзомези наҳсу саъд кардани фалак ва сайёраҳо ду ҷараёни зарвония аз ҳамдигар чандон фарқ накардааст. Дар масъалаи муносибат ва таъсир он фикрро метавон гуфт, ки зарвония бо фалсафаи материалистии Ҳинд ва бо гузашти замону алоқаи маданӣ бо Юнон робита ва ба ҳамдигар таъсире доштаанд, вале якеро аз таъсири дигаре донистан афкори фалсафии мустақили ҳар халқро инкор кардан аст. Масалан, алоқаи бо ақидаи ваҳдати вуҷуди дини бараҳман доштаи ақидаи зарвонимазҳабро инкор кардан мумкин нест. Ин алоқаро Берунӣ, ҳатто, дар асри XI қайд кардааст, ки дар назари бараҳманҳо дар ҳақиқат ҳамаи ашьё худоӣ ҳастанд: «Қавме бар ин ақидаанд, ки фоил замон аст, зеро ҳамчунон ки гӯсфанди басташуда ба ресмон иртибот дорад ва бо суст ва ё маҳкам кардани ресмон гӯсфанд ҳаракат мекунад, ҳоли мавҷудот ҳам бо замон ба ҳамин тариқ аст»*.

Алоқаи ин ҷараёнҳои фалсафӣ бо фалсафаи материалистии Юнони Қадим низ ҳамин тавр аст. Таъсири зарвонияи моддиюн ҳамчун афкори меросии фалсафӣ ба ҷараёнҳои фалсафии даҳриюн, тибоиюни давраи исломӣ хеле калон аст.

* *Артур Кристенсен.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим, саҳ. 24.

Маълумотҳо дар бораи зарвониён ноқисанд. Алалхусус, дар бораи зарвониёни то милод маълумот хеле кам аст. Мулоҳизаҳое, ки дар ин қисм дар боло рондем, хулосаҳои мухтасаре аз манбаъҳои мавҷуда мебошад. Бештарин мулоҳизаҳои дар бораи зарвониён рондашуда дар давраи Сосониён, ба асрҳои милодӣ мансубанд. Оқибати кори зарвониёни шохаи материалисти дар мубориза шадид бо дини расмии давлатии маздо ясно ва баъд аз истилои араб бо ислом хотима ёфт. Зарвония (қатъи назар аз шохаҳояш) дар замони сосониҳо гоҳ қувва мегирифт, гоҳ заиф мешуд ва баъзан ба оини расмии давлатӣ мубаддал мегашт. Табиист, ки ба равияи атеистӣ ва материалистии он рӯи хуш намедоданд. Равияи тараққипарварро табақаҳои поёнии ҷамъият инкишоф медоданд ва ҳимоят мекарданд.

Зарвониҳо дар замони Шопури сосонӣ хеле қувват гирифтаанд ва ба воситаи тарҷумаҳо аз Ҳинду Рум ҷаҳонбинии худро такмил медодаанд. Вақте ки дар асри III дину оинҳои ғайри зардуштӣ қувват мегирад, Баҳроми I ба воситаи мӯбади мӯбадони худ — Картер аввал Мониро ба илҳод айбдор карда, ба марг маҳкум менамояд ва баъд ба мазҳабҳои дигар ҳамла меоварад. Зарвониёни атеист ва материалист, ки «зандик»[21] номида шудаанд, таъқиб карда шуданд. Зарвониҳои материалист ва «зандикиён» пешбарандагони ақидаи даҳригӣ ва моддиюнӣ будаанд ва онҳо ҷаҳонбинии фалсафии худро бо материализми Юнон ва Ҳинд омехта, онро пурқувват карда буданд. Аммо шохаи мазҳабии зарвония ва пайравонашро, ки бо маздо ясно ҳамкорӣ доштанд, Баҳроми I ва Картер афв карданд. Шояд дар ҳамин давр бошад, ки Зарвон як муддат худои дуюмдараҷа шуморида шудааст. Дар «Авасто»-и мавҷуда ба ақидаи зарвонӣ кам таваҷҷӯҳ кардани нависандагони ин китобро чунин эзоҳ медиҳанд, ки «Авасто»-и давраи сосонӣ дар асоси «Авасто»»-и давраи Ашконӣ (солҳои 100 п. аз м. ва 226 м.) навишта шудааст ва гӯё ақидаи зарвонӣ дар давраи Ашконӣ суст шуда бошад. Ин ҳол на аз сабаби суст шудани «зарвония», балки аз он сабаб аст, ки китобҳои расмии динию оини зардуштии собитқадам ба зарвониҳо ва ақидаи зарвония назари душманона доштанд, бинобар ин ё онро бад мекарданд ва ё беаҳмият нишон медоданд. Ба фикри дурусти аксарияти тадқиқотчиён давраи сосонӣ ақидаи зарвонияи мутараққӣ ҷои худро ба маздо ясно надодааст, балки ҳамчун оппозиция давом мекард, қувват мегирифт ва мазмуни комилтари материалистӣ-атеистӣ пайдо мекард. Ин даъворо доираи васеи таъсири ин ақида тасдиқ менамояд. Масалан, ҳатто, подшоҳи сосонӣ — Яздигурди Базагар ба ин таълимот наздик шудааст. Мӯбадони зардуштӣ ӯро гунаҳгор ва муртад эълон кардаанд. Вазири ӯ Меҳр Нарса рисолае ба усули маздоӣ нависонд, ки нуқтаи назари зарвониро ба эътибор гирифтааст. Номи писарашро Зарвонофарида гузошт. Ӯро дар «Авасто»-и баъдтар навишташуда гумроҳ (состор) номидаанд. Яздигурди дуюм ҳам асарҳои зарвониҳоро мехонда-

аст ва рӯзи қиёматро афсона мешуморидааст. Аммо Анӯшервон (531—579), ки ба қувваҳои иртиҷӣ такья мекард ва дини маздо ясноро ба асос мегирифт, баъд аз саркӯб кардани маздакиҳо зарвониёнро, ки *«худоро шинохтан мумкин нест мегуфтанд»,* таъқиб мекард. Дамаскиюс, ки дар боло ном бурда будем, аз афкори фалсафии даврони Анӯшервон сухан ронда гуфтааст: *«Муғон замон ва маконро манбаи офариниш медонанд».* Пас, ақидаи зарвония дар асрҳои V—VI м. ҳам дар ривоҷ будааст. Мубориза ва шиддатнок ва душмании мӯбадони зардуштиро аз порчае, ки Мардон Фаррух дар китоби худ «Шиканд гумоник вичор» навиштааст, фаҳмидан душвор нест. *«Тарафдорони Зарвон мавҷудияти худоро инкор менамоянд ва худро аз иҷрои ирфу одатҳои динӣ озод мешумориданд. Барои мисол мо баъзе аз муҳокимаҳои беасоси онҳоро меоварем. Онҳо тасдиқ менамоянд, ки ин ҷаҳон бо ҳамаи ҳодисаҳо таркиби ҷисмонӣ, чизҳои зиддиятнок ва унсурҳои омехтааш арсаи тазоҳуроти замони боинтиҳо (Зарвон акаронак) мебошад. Онҳо ба ҷаннат ва дӯзах, ҷазо ва мукофоти илоҳӣ боварӣ надоранд. Онҳо ба рӯҳи абадзинда иқрор нестанд, ғайр аз модда чизи дигареро ҳақиқӣ намешуморанд»**.

Мубориза бо ақидаи зарвонӣ баъд аз сукути сосониён ва пайдоиши ислом тезу тунд шуд: яке ҳуҷуми зардуштиёни собитқадам буд, ки аз як тараф, ҳамчун душмани ақидавӣ будан ва аз тарафи дигар, барои муҳофизати худ аз ислом, ба муқобили зарвония ҳуҷум мекарданд, то ки рӯҳониёни ислом бо баҳонаи ҷараёне дар зардуштӣ будани зарвония ба оини зардуштӣ ва пайравони он ҳуҷум накунанд.

Мӯбадони зардуштӣ ақидаи зарвонияро ба бединӣ айбдор карда, ба таркиби таълимоти он дигаргунӣ даровардаанд. Қарор додаанд, ки ақидаи пешинагон аз китобҳои динӣ бароварда шавад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки аз чор се ҳиссаи «Авасто»-и давраи Сосонӣ, бештар қисми назариявии он хароб карда шудааст. Аз ин сабаб, яъне аз сабаби душмании ғоявӣ ва хиёнат ба фоидаи ислом, зарвониҳои атеист ва материалистӣ аз зарвониҳои мазҳабӣ ва зардуштиён тамоман ҷудо шудаанд ва ҷараёни нави давраи исломиро, ки даҳрия ном дошт, ташкил додаанд. Ақидаи зардуштии маздо ясно, аз тарафи дигар, барои ислом муқовимат кардан ба зарвония иттифоқ бастанӣ ҳам мешуд. Баъзе асарҳои аз ин давра мондагӣ «Бунда ҳишн», «Минуги хирад» ва ғайра бо ақидаи нимзарвонӣ ва ниммаздоясной навишта шудаанд. Матнҳои аслии зарвонӣ дар китоби «Уламои ислом», ки ҷавоби зарвонӣ ба уламои ислом мебошад (асри VII—VIII м.), акс ёфтааст.

Қувваи дигаре, ки баъд аз истилои араб ба зарвония ҳуҷум овард, ақидаи ислом буд, ки ҳамчун дини нав ва душмани ҷа-

* *Коллектив.* История философии. Политиздат. М., т. 1. 1946 с. 211—213.

ҳонбинии материалистӣ амал мекард. Ислом ба зарвония, аввало барои он ҳуҷум мекард, ки ҷараёни моддиюнӣ ва ақидаи пеш аз худ пайдошуда буд, бинобар ин, барҳам додани онро зарур медонист. Сабаби дигари ба зарвония ҳуҷум кардани ислом дар он буд, ки ин ақида дар дасти мухолифони ислом воситаи пурқуввати ғоявӣ буд. Ақидаи зарвонияи «сарнавишт» ба пайдо шудани ақидаи шадиди ҷабарияи исломӣ ёрӣ расонид. Муборизаи шадиди бар зидди зарвония бурдаи уламои ислом аз мулоҳизаҳои файласуфи идеалист Муҳаммад Ғазолӣ (1059—1111), ки дар китоби худ «Ал-мунаққиз мин-аз-залол» (наҷот аз залолат ва гумроҳӣ) дар бораи зарвониҳо рондааст, фаҳмидан мумкин аст: *«Онҳо гурӯҳи мутафаккирони қадиманд, ки офарандагори аз ҳама тавонoро эътироф намекунанд ва тасдиқ менамоянд, ки дунъё ҳамин тавр худ аз худ вуҷуд дошт ва офаридагор надорад. Ҳайвонот аз тухм, оила аз ҳайвонот аст ва он асрҳои аср ҳамин тавр хоҳад буд. Онҳо аҳли бидъатанд»**.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки дар афкори фалсафии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон аз замонҳои пеш аз ислом дар баробари ақидаҳои идеалистӣ ва динӣ, ҷаҳонбинии наздик ба атеистӣ ва материалистӣ низ вуҷуд доштааст.

Чӣ тавре ки марксизм-ленинизм таълим медиҳад, «оппозицияи инқилобии зиддифедалӣ дар тамоми асрҳои миёна давом ёфтааст. Вай вобаста ба шароитҳои замон гоҳ дар шакли мистика, гоҳе дар намуди бидъати ошкор ва гоҳ дар шакли шӯриши мусаллаҳона зоҳир мегардад»**. Ин гуфтаҳои Ф. Энгельс, ҳар чанд ки ба асрҳои миёна тааллуқ дорад, вале ба дунъёи қадим ҳам татбиқшаванда аст.

Дар таърихи муборизаҳои озодихоҳонаи халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон ҳар се шакли баромадҳои зидди синфи ҳоким мавҷуд аст. Шӯришҳои Маздак, хурамиҳо, Амарзӣ (дар Бухоро, соли 586 м.), Шерзод (дар Хоразм, асри VIII) ва ғайра, таълимоти мистикии Монӣ ва бидъати маздакӣ тасдиқи ин даъвоянд. Мистика ва бидъат, ки аввалҳо ба муқобили маздопарастии суннӣ ё ки собитқадам ва муассисаҳои динии он равона карда шуда буд, дар натиҷаи пастии шуур ва худшиносӣ, дар мубориза бо синфи ҳоким худро заифу нотавон ҳис кардани оммаҳои меҳнаткаш, дар набардҳои синфӣ ба мағлубияти аламангез дучор шудан ба вуҷуд омада буданд, зеро мағлубияти муборизаҳо, ҷазоҳои беҳадду ҳисоби ҷисмонӣ, маҳрумии озодию моддиро ба амал оварда, банду басти сиёсӣ ва иқтисодии ҳокимони қабилаҳо ва ғуломдоронро бетағйир мегузоштанд ва сабаби пайдоиши тазйиқот ва азоби рӯҳию маънавӣ ва ҳисси ноумедию маъюсӣ мегарданд.

---

* Иқтибос аз сарсухани нашри русии «Донишнамэ». Сталинобод, 1957. с 12.

** *Ф. Энгельс.* Крестьянская война в Германии. М., 1952, саҳ. 34.

Ҳокимияти «мутлақи» ғуломдорҳо, органҳои давлатӣ ва динии онҳо душмани асосии оммаҳои меҳнаткаш буданд. Бинобар ин, оммаҳои васеи халқ дар шаклҳои гуногун ба муқобили давлати ғуломдорӣ, дороии синфи ҳоким ва мафкураи динии онҳо, органҳову ходимони он ва муассисаҳои динии онҳо мебаромаданд. *«Маълум аст, ки дар ин шароитҳо, барои он ки ба сохти муносибатҳои иҷтимоии мавҷуда ҳуҷум кардан имконпазир гардад, бояд ҳамаи ҳуҷумҳои ба феодализм ва пеш аз ҳама, ҳуҷумҳои ба калисо карда мешудагӣ дар шакли умумӣ ифода шавад ва ҳамаи таълимоти иҷтимоӣ, сиёсӣ-инқилобӣ мебоист дар айни замон бештар бидъати худоҷӯӣ бошанд, зеро аз онҳо тамғаи муқаддасиро канда партофтан лозим буд»**. Аз ин ҷост, ки дар ин мубориза худи қувваҳои муборизабаранда ба таълимот ва ҳаракаташон шакли динӣ медоданд, то ки «...*ҳамаи таълимоти иҷтимоӣ шакли бидъати худоҷӯӣ дошта бошад»**. Ҳамин тавр, ҳаракатҳои зидди золимони оммаҳои халқ дар шакли бидъати динӣ ба вуҷуд меомад ва давом меёфт. Дар кризиси муносибатҳои иқтисодӣ бидъатҳои нави диниро ҷустуҷӯ мекарданд ва ба он ҳаракатҳо гоҳ муғони оппозиционӣ ва гоҳ намояндагони халқ роҳбарӣ мекарданд. Яке аз ин гуна динҳои бидъат, ки ба муқобили дини давлатии зардуштӣ ва давлати феодалӣ шудаистодаи Сосониён хуруҷ карда буд — оини Монӣ мебошад. Монӣ (215—275) аз оилаи давлатманд ва аз авлоди ашкониён (250 п. аз м.— 226 м.) Парфия буд. Вай файласуф ва рассоми машҳури халқҳои эронист, ки номи ӯ дар таркиби тавсифии «моникалам» ҳамчун рассом, наққош ва хаттот машҳур аст. Китоби намунаи суратҳо, нақшҳо ва хатҳо, ки «Арժанг» ном дорад, дар таърих машҳур аст. Таъсири ақида ва эҷодиёти Монӣ дар маданияти пеш аз исломӣ калон аст. Вай хати кӯҳнаи эрониро бо хати Сурия иваз кард ва онро ба забони форсии миёна мувофиқ гардонид, хати мониро суғдиҳо низ қабул карданд, ки дар зери таъсири хати суғдӣ халқҳои дигари Осиёи Шарқӣ хати худро тартиб додаанд. Нақшу нигори китобҳоро Монӣ эҷод кардааст. Дар бораи шахси донишманд будани Монӣ дертар Фирдавсӣ чунин гуфтааст:

Биёмад яке мард гӯё зи Чин[22],
Ки чун ӯ мусаввар набинад замин.
Ба суратгирӣ гуфт, пайғамбарам
Зи диноварони ҷаҳон бартарам.
Зи Чин назди Шопур шуд, бор хост,
Ба пайғамбарӣ шоҳро ёр хост.
Бад ӯ гуфт, к-ой марди суратпараст,
Ба яздон чаро охтӣ чирадаст?
Ба бурҳони сурат чаро награвӣ?
Ҳама панди диноварон нашнавӣ?

---

* *Ф. Энгельс.* Ҳамон ҷо.

Таълимоти мазҳабии Монӣ дар замони бӯҳрони сохти ғуломдорӣ ва пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Эрон дар байни пайравони динҳои гуногун ба вуҷуд омад ва аз он динҳо унсурҳои бисьёреро иқтибос кардааст, зеро мехост як дини умумӣ барои ҳама эҷод намояд. Масалан, аз дини зардуштӣ рӯҳи неку бад, аз дини Буддо интиқоли рӯҳ ва аз дини насронии ибтидоӣ гностицизм ва аз оини зарвонӣ худои олӣ Зарвонро қабул кардааст. Бинобар ин, мазҳаби ӯ характери синкритикӣ дорад. Таълимоти мазҳабии вай низ дорои характери дуалистӣ (санавия) аст ва ӯ онро аз таълимоти зардуштии муборизаи неку бад гирифтааст. Дини ӯ бо урфу одатҳои зардуштӣ алоқаи наздик дошт, бинобар ин, махсусан, дар Осиёи Миёна хеле зиёд паҳн шуд. Вай мазҳаби худро дар забони суриягӣ ва паҳлавӣ тарғиб мекард. У оини худро баъд аз сафари Ҳиндустон дар соли 242, дар замони подшоҳии Шопури I (246 м.), дар яке аз баромадҳои худ дар шаҳри қадимии Эрон Ктесифон эълон намуд ва даъво кард, ки дар ин дуньё рӯшноӣ асири торикӣ буда, ҷавҳари илоҳӣ ё ки рӯшноӣ, ки асли зиндагӣ ва эҷодиёт аст, дар банду басти чизҳои дуньёвӣ дар азоб мебошад. Вай мӯъҷизаи пайғамбаронро инкор менамуд. Дар таълимоти ӯ чор ё ки ҳафт бор ба ҷо овардани намоз талаб карда мешавад, вале аз худ зоҳир намудани хислатҳои бутпарастӣ, дурӯғгӯӣ, хасисӣ, қотилӣ, ҷиноятқорӣ, duздӣ, одамонро ба фиребу афсункорӣ ва сеҳру ҷоду ёд додан, дурӯягӣ дар дин ва дар ҳаёти ҳаррӯза ба бепарвоӣ роҳ додан манъ карда шудааст. Вай ба ин талабҳои худ боз ба чор чизи олӣ бовар карданро илова кардааст: ақл, худо, нур ва қувваи он. Аз рӯи таълимоти Монӣ инсон аз рӯҳи «некӣ ва бадӣ» иборат аст. Вазифаи инсон рӯҳи рӯшноиро аз рӯҳи торикӣ халос кардан аст. Мувофиқи таълимоти ӯ ин талаботро бо роҳи ба таври қатъӣ парҳезгорӣ, зоҳидӣ, гӯшанишинӣ ва тарки дуньё кардан ба даст овардан мумкин аст. Монипарастони «хос» бо касе бояд ба никоҳ надороянд ва рӯза гиранд. Онҳо бояд зиёда аз якрӯза захираи хӯрок ва бештар аз як либоси солона надошта бошанд. Ба одамони «хос»-и монипараст меҳнат кардан манъ аст. Оини Монӣ дар Сурия, Эрон, Осиёи Миёна ва қисман дар Хитой паҳн шуда буд. Рӯҳониёни динҳои зардуштӣ, насронӣ ва буддоӣ, ки бештар динҳои давлатӣ буданд, Монӣ ва пайравони онро ҳамчун одамони аҳли бидъат сахт таъқиб карданд. Худи ӯро баъд аз сафари Хитой дар соли 275 ба зиндон андохтаанд ва дар замони подшоҳии Баҳром — писари Ҳурмузд (273—276 м.) ваҳшиёна ба қатл расонида, пӯст канда, ба пӯсташ каҳ ҷой карда дар дарвозаи шаҳри қадими Эрон — Ҷундишопур овехта монданд. Таълимоти Монӣ бисьёр ҷиҳатҳои дар замони худ мусбат дошта бошад ҳам, ҳамчун таълимоти динӣ ва идеалистӣ аз ҷиҳатҳои хаёлӣ ва пуч низ холӣ набуд ва монанди ҳамаи динҳо афьюни халқ мебошад. Бо вуҷуди ин, *«монигӣ дар таърихи афкори иҷтимоӣ ва фалсафии халқҳои эронӣ роли муҳиме бози-*

*дааст, вай барои дар охири асри V ва аввали асри VI паҳн шудани таълимоти Маздак замина ҳозир кард»*.*

Дар соли 494 м. шӯриши Маздак дар шароите пайдо шуд, ки зулм ва истисмори феодализми навпайдошудаистода бар болои деҳқононе, ки аз тарзи ҳаёти ҳамбоӣ, яъне общинаи заминдорӣ маҳрум шуда, ба бандагии феодалҳо афтода буданд, аз ҳад афзуда буд. Ғайр аз ин, мамлакат дар зери бори ҷангҳои вазнин бо ҳаётала (эфталитҳо, с. 484 м.) дар Шарқ ва Пизонс (Византия) дар Ғарб беҳол шуда, аз ҳисоби зулму ҷабр ва хироҷҳои вазнин бар болои аҳолии кишвар қомати беҳолу мадорш худро ба зӯр рост медошт. Ҳамаи вазнинии ҳукумат, қӯшун, ашрофони муфтхӯр ва рӯҳониёни зардуштӣ ба сари деҳқононе, ки ба заминҳои амлокдорон вобаста карда шуда буданд, меафтод. Ба забона задани шӯриши маздакиён қаҳтсолии ҳафтсола ва ғалларо анбор кардани заминдорони калон баҳона шуд.

Маздак дар таълимоти худ дар бобати масъалаҳои ҷамъиятӣ ба барҳам задани нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сухан ронда, умумӣ кардани молу мулк ва барбод додани имтиёзи табақавии ашрофон ва синфи ҳокимро талаб мекард. Ин мазмунро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо ҳусни таваҷҷӯҳ нақл кардааст ва маълум мегардад, ки худи ӯ низ ҳамчун шоири инсондӯст ва халқпарвар ин ақидаро announcing мописандад:

Ҳамегуфт, ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Туҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Набояд, ки бошад касе барфузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.
Ҷаҳон рост бошад, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ ҳаром асту нохуб низ.
Зану хонаву чиз бахшида нест,
Туҳидаст кас бо тавонгар якест.
Ҳар он кас ки ӯ ҷуз ба ин дин бувад,
Зи яздон бад-он дев нафрин бувад.

Азбаски деҳқонони аз истисмори феодалӣ ва хироҷҳои вазнин хонахаробшуда общинаҳои аз байн гумшудаистодаи худро ҷаннати аз дастрафта мепиндоштанд ва дар зери фишори заминдорон азоб мекашиданд, гурӯҳ-гурӯҳ таълимоти Маздакро, ки ӯро мӯбади мӯбадон меномиданд ва рӯҳонии калон буд, қабул карданд. Маздак ба подшоҳ маслиҳат медод, ки дарҳои анборро ба рӯи мардуми гурусна кушояд ва одамони камбағалро даъват мекард, ки ғалларо гиранд:

Давиданд, ҳар кас ки буд гурсина,
Ба тороҷи гандум шуданд аз буна.
*Фирдавсӣ*

Ин ҳаракат салтанати ашрофон ва давлати сосонии ононро ба ларза овард. Ашрофони заминдори нимғуломдорӣ ва нимфеодалӣ бо ин ҳаракат созиш карда наметавонистанд, бинобар ин,

* *Богоутдинов А. М.* Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад, 1961, с. 17.

барои бархам додани ин ҳаракат ва таълимоти он роҳ ва баҳонаҳо меҷустанд. Қубод, бо баҳонаи он ки маздакиён ба номзади ҷонишини подшоҳ шудани писараш Анӯшервон Хусрави Парвези I (534—579) розӣ набуданд, бо Маздак мухолафат пайдо кард, бо ӯ муносибати худро вайрон сохт ва ба гуноҳи илҳод (аз дин берун рафтан) ӯро ба муҳокимаи (суди) динӣ дода, бо ёрӣ ва хиёнати рӯҳониёни калони зардуштӣ ва масеҳӣ таълимоти уро ба бидъат маҳкум кунонд. Вай дар соли 524 м. Маздак ва ҳазорон нафар иштирокчиёни ҳаракати Маздакиро мудҳишона бо қувваи лашкар ба қатл расонд ва баъд шӯришро пахш кард. Таърихнависҳои феодалӣ ва дарборӣ кӯшиш кардаанд, ки образи ӯро нафратовар карда нишон диҳанд. Мардуми камбағали гуруснаро бо тадбирҳои оқилонаи худ наҷот додани Маздак халқпарварӣ, инсондӯстии ӯро нишон дода, ба синфи ҳоким нафрат доштани вай, тарғиби баробарӣ дар иқтисодиёт ва ҳуқуқ, дорои ақидаи пешқадам будани ӯро акс кунонидааст. Таълимоти фалсафии Маздак заминаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад ва бо масъалаҳои замони худ алоқаманд аст. Аммо риштаҳои назариявии он бо чанд сарчашма вобастагӣ дорад. Муаллифи мақолаи «Маздаки Бомдодон» — Эҳсон Табарӣ ин алоқаро бо ду восита ба таълимоти Монӣ мерасонад. Бесабаб нест, ки маздакизмро давоми бевоситаи мантиқии таълимоти Монӣ мешуморанд. Чӣ тавре ки дар дини давлатии зардуштӣ оини монигӣ илҳод ва бидъат аст, ҳамон тавр ақидаи маздакӣ ҳам ба муқобили зардуштӣ мулҳидӣ ва бидъат ба шумор меравад, вале аз доираи таълимоти зардуштӣ тамоман дур нест, танҳо бидъати он аст. Ин даъворо суди ӯ тасдиқ менамояд.

Манбаи дуюми оини маздакӣ аз ақидаи мазҳабӣ ва фалсафии гностицизм (ирфонӣ) аст, ки дар асри II дар Ғарби Эрон ба вуҷуд омада, аз унсурҳои динии Шарқи Миёна ва Юнон таъсир гирифта буд.

Аз рӯи таълимоти динию фалсафии Маздак кувваи илоҳии неки ва равшани дорои ирода ва шуур буда, қувваи бадӣ ва торикӣ кӯр ва нодон аст. Дуньёи моддӣ аз омезиши рӯшноӣ ва торикӣ иборат мебошад. Аммо рӯшноӣ, бо вуҷуди ҳоло афзалияти куллӣ надоштан, бартарӣ дорад. Вазифа аз он иборат аст, ки бояд рӯшноӣ бар торикӣ ғалаба кунад. Аз ҳамин нуқтаи назар маздакиҳо бадбахтӣ, зиндагии бад, ҷангҳо, офатҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, ахлоқи ношоиста ва ғайраро, ки дар он замон васеъ доман паҳн карда буд, эҷоди рӯҳи торик мешуморанд ва онро душмани хислатҳои нек, ки офаридаи рӯҳи рӯшноӣ мебошад, медонистанд. Ақидаи санавияи маздакӣ таълимоти аслии зардуштист. Маздакиҳо ғалабаи рӯҳи бадро тасодуфӣ, вале ғалабаи рӯҳи рӯшноиро қонунӣ ва ҳатмӣ медонистанд, ки лаҳзаи некбинӣ дар таълимоти Маздак аст. Ин таълимот пайравони Маздакро дар мубориза бо қувваҳои бади зулмкунандаи ҷамъият далер, ҷасур ва рӯҳбаланд карда, ба ғалаба умед ва боварӣ ҳосил мекунонд. Аз ин ҷост, ки Маздак одамонро ба му-

боризаи фаъол даъват мекард, то ки нобаробарии иҷтимоиро, ки сарчашмаи бадбахтиҳост, барҳам зананд. Вай сарчашмаи ин бадбахтиҳо будани моликияти хусусиро фаҳмида буд ва дар ин фаҳмиши ӯ ҷои муҳим ин аст, ки бадбахтиҳоро аз сарчашмаи илоҳӣ не, аз ҷамъияти инсонӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, яъне аз моликияти хусусӣ, нобаробарии иқтисодӣ ва ҳуқуқи инсонӣ медонист. Аз ин ҷост, ки вай ба камбағалон додани мулки давлатмандонро роҳи дурусти барҳам додани нобаробарӣ ва бадбахтиҳо мешуморид. Пас, таълимоти Маздак танҳо пардаи динӣ дошт, ки дар зери он манфиатҳои иқтисодии инсонҳо меистод. Марксизм таълим медиҳад, ки дар зери пардаҳои динии шӯришҳои деҳқонон ва таълимоти фалсафии пешвоёни онҳо *«пеш аз ҳама сухан дар бораи манфиатҳои муайяни моддии синфӣ мерафт»* ва маънои муборизаи синфиро ифода мекард. *«Агар ин муборизаи синфӣ шакли динӣ дошта бошад, агар манфиатҳо, эҳтиёҷ ва талабҳои синфҳои ҷудогона дар зери ниқоби динӣ пинҳон шуда бошанд, чунин ҳолат характери корро ҳеҷ гоҳ тағьир намедиҳад ва онро вобаста бо шароити замон эзоҳ додан осон аст»**.

Маздак дар масъалаи назарияи нур ва торикӣ ба таълимоти Монӣ бисьёр лаҳзаҳои нав дохил кардааст. Яке аз онҳо ба ҷои таълимоти зоҳидии тарки дуньё ҷорӣ намудани некбинӣ, умед ва муборизаи фаъол аст. Маздак ғалабаи нурро зарурӣ ва торикиро тасодуфию муваққатӣ медонад ва дар ҷараёни муборизаи ин ду қувва ва пайдоиши ҷаҳони моддӣ, ки аз омезиши он ба амал омадааст, се давраро нишон медиҳад:

Аввал — бунди ҳишн. Дар ин давра нуру торикӣ омехта нестанд, ҳар кадом мустақиланд.

Дуюм — гумиз шан ё ки пояи омехтагӣ. Дар ин давр ин ду унсури ба ҳам зид омезиш меёбанд.

Сеюм — вичор шан ё ки аз ҳам ҷудо шудани нуру торикӣ аст.

Ин поя давраи муборизаҳои мардумон бо қувваҳои торикӣ аст.

Вазифаи муқаддас ва боифтихори нурро аз зулмат ва некиро аз бадӣ раҳоӣ додан ба зиммаи инсони некӯкор бор карда шудааст ва ин вазифа инсони мазлуму мафлуки бо ҳолати рӯҳияи ноумедӣ ва таъсири ақидаи зоҳидии тарки дуньё забунафтодаро ба муборизаи фаъол, озодихоҳӣ, барҳам задани зулм ва беадолатӣ даъват менамояд, то ки ӯ қувваи нурро бар маснади адолат нишонад. Лаҳзаи инқилобии ин таълимот дар ин аст, ки вай инсони мазлумро ба тезондани гузаштани давраи тасодуфии «гумиз шан» ва ба вуҷуд омадани замони «вичор шан» даъват менамояд. Ин назария лаҳзаи муҳими таълимоти халқии ниқоби динидоштаи Маздак аст, ки моҳияти муборизаи синфӣ дорад. Боварӣ ба ҳатмӣ будани мағлубияти зулм (ё ки

* *Ф. Энгельс.* Крестьянская война в Германии. М., 1952, с. 33.

зулмат) ва ғалабаи адолат (ё ки нур) ҷои дигари муҳими таълимоти Маздак аст, ки инсони мазлумро ба некбинӣ ва мубориза бурдан талқин менамояд. Таълимоти Маздак дар бораи адолат ва баробарӣ ба назарияи ӯ, ки нур ё адолатро қувваи некӣ медонад, асос ёфтааст. Ҷои муҳими таълимоти Маздак на танҳо дар ин аст, ки дар бораи адолат, баробарӣ ва некӯаҳволии оммаҳои васеи халқ сухан меронад, балки дар он ҳам мебошад, ки сабаби бадбахтӣ, роҳи барҳам задани он мубориза барои нест кардани торикӣ ва ғалабаи хушбахтиро низ нишон додааст. Маздак таълим медиҳад, ки Аҳура Маздо неъматҳои моддиро барои ҳамаи инсонҳо бетафовут офаридааст. Неъмати моддиро офаридаи худо донистан ақидаи динист, вале барои ҳама баробар донистан, ҳуқуқи зиёд гирифтан надоштани табақаи ашроф ва муфтхӯрро даъво намудан ақидаи халқиест, ки дар зери пардаи динӣ ифода ёфтааст. Ӯ дуруст фаҳмидааст, ки нодуруст тақсим шудани неъматҳои моддии ҷамъият сарчашмаи зулм аст ва роҳи ба адолат расидан барҳам задани ҳамин нобаробарӣ мебошад. Манбаи дониши Маздак дар бораи баробарии molу мулк аз тарзи ҳамбоӣ мебошад, ки дар замони ӯ вуҷуд дошт, аммо гузаштан ба муносибатҳои иқтисодии феодалӣ, ки дар он замон ҳодисаи мусбат ва пешрав буд, онро вайрон мекард, вале деҳқонон ба он тарзи ҳаёт бозгаштанро мехостанд ва Маздак онро тарғиб менамуд. Маздак дар ин маврид манфиатҳои иқтисодии деҳқонони меҳнаткашро ҳимоя кунад ҳам, андешаи пешравро ифода намекард ва чархи таърихро ба ақиб меронд. Аз ин рӯ, ақидаи прогрессивӣ (баробарӣ ва муштарак) номидашавандаи ӯ даъват ба коммунизми ибтидоӣ буда, пеши роҳи тараққиёти ҷамъиятро, ки минбаъд ба коммунизми илмӣ мебурд, мегирифт ва бинобар ин ҳам маънои ақибгардӣ дошт, вале дар айни ҳол оппозицияи зиддифеодалии деҳқононро ифода мекард. Дар масъалаи моддии дунё, ки аз кадом унсурҳо иборат аст, байни таълимоти Маздак ва Монӣ тафовут дида мешавад. Монӣ дунёро аз панҷ унсур иборат медонист, ки он манбаи рашку рақобат аст:

Бупечонд аз ростӣ панҷ чиз,
Ки доно бар ин панҷ н-афзуд низ:
Куҷо рашку кин асту хашму ниёз,
Ба панҷум, ки гардад бар ӯ чира оз.

*Фирдавсӣ*

Он панҷ унсур дар ақидаи Монӣ: асир (яъне фалак), насим, об, оташ, хок аст. Маздак ин унсурҳоро ба ақидаи деҳқонии ҳамбоии худ вобаста карда, миқдори онҳоро ба се овардааст: обу хоку оташ. Вай таълим медод, ки одамон ба хоҷагии деҳқонӣ вобаста мебошанд, пас, неъматҳои моддӣ ҳам азоии ҳамагон (аъзоёни общинаҳо) мебошад. Он гоҳ дигарон муфтхӯранд.

Маздак дуруст фаҳмидааст, ки яке аз решаҳои ҷанг, хашм, кина ва душманӣ дар ҷамъият ҳамин нобаробарист, ки дар

порчаи боло Фирдавсӣ ҳам ёдоварӣ кардааст. Аз байн рафтани онҳо дар ҷамъият оштӣ, дӯстӣ, бародарӣ ва меҳрро меафзояд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар он таваққуф кардан лозим меояд — масъалаи умумӣ кардани занон аст, ки онро аъёну ашроф ва рӯҳониёни зардуштӣ ҳамчун айби ҷиддии таълимоти Маздак маънидод кардаанд ва яке аз сабабҳои маҳкумиаш гашт. Дар масъалаи занушавҳарӣ нуқтаи назари ӯ ҳанӯз аниқ маълум нест. Он чизе ки то ҳол дар ин бобат мегӯянд, аз он сарчашмаҳо нақл мекунад, ки барои хира кардани образи равшани ин пешвои халқ равона гардидаанд. Аз рӯи нақлҳо Маздак дар қатори моликияти хусусӣ умумӣ кардани занро ҳам талаб кардааст. Ин масъаларо сарчашмаҳое, ки ба Маздак муносибати душманона доранд, ҳамчун нишонаи шаҳватпарастии ӯ ва ташаббускори вайрон кардани оила будани вай маънидод кардаанд. Аммо ин айбро ба вай наметавон баст, зеро ӯ шахси олим, фозил, пешвои халқ буда, аз хислатҳои разила дур буд.

Агар Маздак масъалаи умуми кардани занонро гузошта бошад (ки Фирдавсӣ аз забони ӯ «зану хонаву чиз бахшида нест» гуфтааст), манфиати оммаҳои меҳнаташро, ки аз нодорӣ, асирӣ ва бандаи табақаҳои гуногуни аристократӣ будан оила ташкил карда наметавонистанд, вале табақаи ҳокими ҷамъият дорои чандин зан, занони ҳарамӣ ва канизакони зиёде буданд, ба назар гирифтааст. Аз рӯи ифодаи Фирдавсӣ, ки «зан бахшида нест» мегӯяд, ҳамин маъно мебарояд, ки аъёну ашроф дар қатори молу мулки фаровони худ занону канизакони бисьёрашонро ҳамчун бахшидаи худо ба онҳо маънидод мекардаанд. Маздак ин даъворо рад кардааст: дар ақидаи ӯ, чӣ тавре ки неъматҳои моддӣ бахшидаи худо ба ҳама аст, зан низ аз они ҳама мебошад, яъне ҳама ҳақ доранд зандор шаванд ва оила ташкил намоянд. Пас, Маздак на ин ки оиларо, балки ҳуқуқи моликияти ашрофро, ки ба занҳо доштанд, инкор менамояд ва ин рафтори ӯ моҳияти халқӣ дорад, зеро муносибати феодалӣ ва ғуломдории бисьёрзаниро инкор менамояд, ба ташкили оилаҳо, мустаҳкам шудани онҳо ва зиёд шудани нуфузи мамлакат ёрӣ мерасонад. Муштарак будани занонро талаб кардани Маздак шояд таъсири он ҳақиқати таърихӣ ҳам бошад, ки дар замони зиндагии ӯ дар баъзе қабилаҳои эронӣ никоҳи гурӯҳӣ вуҷуд дошт. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки Маздак мехоҳад дар тартиботи оиладорӣ, махсусан, зандории аъёну ашроф, ки бисьёрзана буданд, ислоҳот дароварад, ҳад гузорад.

Таълими ахлоқии Маздак дар ду равиш намудор гаштааст: яке риёзат, дигаре ба касе озор нарасонидан. Дар масъалаи риёзат, ки аз қаноат ва нафсро пок нигоҳ доштан, камхӯрӣ ва ба ҳар вазнинӣ таҳаммул доштан иборат аст, таъсири таълимоти Монӣ дида мешавад. Аммо таълимоти зарарнарасонии ӯ ба таълимоти «аҳимса»-и ҷонинии ҳинд монанд аст ва ба таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафии вай мувофиқ нест, зеро иҷрои ин

таълимот бидуни озор додани соҳибони молу мулк муяссар наҳоҳад шуд. Пас, таълимоти озор надодан, ки Маздак пеш рондааст, манфиати мазлумони ҷамъияти синфиро дар назар дорад, яъне бо роҳи адолатхоҳӣ ва инсондӯстӣ ҳам ба онҳо ёрӣ доданӣ мешавад. Ҳар чанд ки ин маънӣ равияи заиф аст, вале хислатҳои инсонпарварии таълимоти ӯст. Хато будани таълими беозории ӯ аз он факти таърихӣ маълум аст, ки душманони ақидавиаш аъёну ашроф маздакиёнро бо ваҳшитарин усул нобуд карданд. Як гурӯҳ таърихшиносон таълимоти Маздакро ҳамчун ҳаракати коммунистӣ маънидод карда, онро «коммунизми маздакӣ» ё ки «коммунизми эронӣ» меноманд. Дар таълимоти Маздак, дар ҳақиқат, унсурҳои ақидаи прогрессивӣ мавҷуд аст, зеро моликияти хусусӣ ва имтиёзи синфи ҳокимро инкор кардааст. Ин гуна ҳаракат пеш аз марксизм дар Аврупо (дар программаи готии Лассал) низ мавҷуд буд, вале онро коммунизм номидан дар назди коммунизми илмӣ, ки асоси онро баъд аз пайдо шудани сармоядорӣ ва синфи коргар Маркс ва Энгельс эҷод кардаанд, маънои нисбӣ дорад. Ғайр аз ин, ҷаҳонбинии динии Маздак ва синфҳоро ба иттифоқ даъват кардани вай хилофи ақидаи коммунистӣ аст. Бо вуҷуди ин, таълимот ва шӯриши Маздак аз бузургтарин шӯришҳои халқии давраи пайдоиши феодализм ва таълимоти ибтидоии коммунистӣ буда, ба ҳаракатҳои халқии давраи пеш ва баъд аз ғалабаи ислом таъсир расондааст. Сардорони шӯриш ва ҳаракати халқии Бухоро — Амарзӣ, шӯриши Хоразм, Шерзод, ҳамчунин шӯриши хӯрамиҳо, Абӯмуслим, Муқаннаъ, исмоилиҳо ва қарматиҳо аз таълимоти Маздак таъсир гирифтаанд.

Халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон бо чунин шароити таърихӣ, муваффақиятҳои илмии дунёи қадим ва динҳову ҷаҳонбинии фалсафии гуногуни худ дар асри VII ба истилои арабҳо дучор шуданд, ки байрақи ғоявии он дини ислом буд.

**Адабиёти бадеии қадим**

Адабиёти бадеии қадим аз ду қисм иборат аст: фольклор ва осори хаттӣ. Мутаассифона, баъд аз истилои араб осори ҳар ду намуди адабиёт ҳам ба андозаи хеле каме боқӣ мондааст.

**Фольклор**

Аввали каломи бадеии ҳамаи халқҳо фольклор аст. Фольклор пояи аввали адабиёти хаттӣ мебошад. Халқе, ки дар замони қадим хат ва китоб дошта бошад, фольклори он боз ҳам қадимтар аст. Мавҷудияти онҳоро мифологияи қадим ва сурудҳои маросимӣ, ки дар китоби «Авасто» мавҷуданд, тасдиқ менамоянд. Мутаассифона, онҳо навишта нашудаанд ва агар шуда бошанд ҳам, нигоҳ дошта нашудаанд.

Фольклори қадим аз ҷамъияти ибтидоии инсонҳо сар карда тафаккури бадеӣ, тасаввури мафкуравии онҳоро, ки ҳоло хусусияти омехта (синкритикӣ) дошт, акс кунонидааст. Тақсимоти меҳнат ва инкишофи соҳаҳои гуногуни он, пояҳои тараққиёти зиндагӣ ба тараққиёти осори фольклорӣ ва санъат, пайдоиши

жанрҳои вай хизмат кардааст. Вобаста ба тараққиёти ҳаёти инсонӣ забони ӯ, завқи бадеии вай ва забони бадеии он, оламн ботинии ҳис, эҳсос, тафаккур ва такомули он ба пайдоиши жанр ва шаклҳои бадеии осори фольклорӣ сабаб шудааст. Фольклори қадим ҳам аз рӯи қонуни вариантҳо инкишоф ёфта, таҳаввулоти рӯҳӣ ва ғоявии давраҳои гуногуни дуньёи қадимро акс кунонидааст. Як қисми ин хазинаи бои халқ нобуд шуда бошад ҳам, қисми дигараш ё аз даҳан ба даҳан гузаштааст ва ё ба воситаи китобҳои оид ба таърих, масалан, асарҳо ва хотираҳои сайёҳони қадим Ҳеродот, Страбон, Харес Митиленский, Табарӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Масъудӣ, Берунӣ, маҷмӯаи ашъор ва афсонаҳо аз қабили «Худойнома», «Шоҳнома» ва китобҳои динӣ «Авасто» ва ғайра нигоҳ дошта шудаанд. Одатан, анъанаи таърихи адабиёти китобатӣ чӣ қадар бой шавад, як андоза фольклоришавии он ба вуҷуд меояд ва ё баръакс дар натиҷаи материалҳои фольклориро аз нав кор кардани адабиёти китобатӣ материали адабиёти хаттӣ ғанӣ мегардад. Масалан, сюжети достонҳо ва образҳои хеле зиёди «Авасто», «Худойнома», «Шоҳнома» ва ғайра, пур аз материалҳои фольклорист, вале моли адабиёти китобатӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, баъзе хусусиятҳои архаистии фольклори қадим нигоҳ дошта мешавад, ки ба воситаи онҳо бо фольклори қадим шинос мешавем.

Намунаи жанрҳои дигари фольклории қадим аз қабили сурудҳо ҳоло дар даст набошад ҳам, намунаи сюжети достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва афсонаҳо ба воситаи адабиёти китобатӣ мавҷуд аст. Агар баъзе аз достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва афсонаҳоро фольклоршиносии советӣ ҷамъ оварда бошад ҳам, таъриху ҳудуди онро аниқ муайян накардааст.

**Мифҳои қадим**

Чӣ тавре ки аз афкори иҷтимоӣ, динӣ ва фалсафии қадим маълум аст, инсонҳои қадим аз сабаби пастии шуур, камии дониш ва таҷриба, оддӣ будани асбоби истеҳсолот ва кам будани самараи меҳнат, оҷизӣ дар назди қонунҳои даркнашавандаи табиат моҳияти ҳақиқии олами моддиро дуруст ва чуқур нафаҳмида, дар зиндагии худ хеле азоб кашидаанд ва барои сабук кардани аҳволи зиндагии худ чизҳои афсонавӣ ва фантастикӣ бофтаанд: «Одами ибтидоӣ ҳам аз сахтии рӯзгузаронӣ, аз сахтии муборизаи табиат тамоман ба танг меомад»*.

Дар ҳақиқат, ҳодисаҳои табиӣ: раъду барқ, гирифтани моҳу офтоб, бӯрон, хунукии сахт, ҳайвонҳои ваҳшии дарранда, барфу борон, тӯфон, заминҷунбӣ, обхезӣ, оташфишонӣ (вулканҳо), қаҳтӣ, бекорӣ ва марги беамон барои инсони ибтидоӣ даҳшатангез буд, аз ин рӯ, инсон ба табиат тобеъ шуда, дар вай қувваи фавқуллода ва фавқуттабиаро тасаввур мекард, табиат дар назари ӯ аз қувваҳои ҷондор иборат менамуд ва онро ба сари худ ҳукмрон мешуморид.

* *В. И. Ленин.* Асарҳо, нашри чорум, ҷ. 5, с. 107.

Тадричан баъд аз пайдоиши ҷамъиятҳои табақавӣ, синфӣ, ҳолатҳои асирӣ ва ғуломӣ ба «зулми табиӣ» зулми иҷтимоиро ҳам бор кард. Ин ҳол ҳам аз сабаби надонистани қонуниятҳои ҷамъият ба майнаи оддии инсон бори дуюми гароне шуд. Инсон дар назди қувваҳои табиӣ ва иҷтимоии даркношуда заиф бошад ҳам, орзуҳои мубориза бо он ӯро дар достонҳои мифологӣ дар хаёл қавӣ гардонидааст. Аз ин ҷост, ки дар мифҳо ҳам оҷизӣ ва ҳам қуввати инсон акс ёфтааст.

**Образи Митра**

Шакли ин калима дар забони форсии қадим «миҳра», дар забони ҳозираи форсӣ ва тоҷикӣ «меҳр» (офтоб, афтоб) аст. Офтоб яке аз предметҳои парастиши (культи) бобоёни қадимии мост, ки он ба ҳаёти инсон, ҳайвонот ва тамоми олами зинда баҳраи зиёд мерасонад. Образи миҳра ё ки митра аз давраи сайёрапарастии халқҳои эронӣ боқӣ мондааст. Митра худои рӯшноӣ буда, ба инсонҳо нур, гармӣ ва ҳаёт мебахшад. Вай дар тасаввури парастандагонаш на танҳо бахшандаи нур, балки шахси фаъоли мусаллаҳест, ки ҳатто, дар аспу аробаи нуқрагини худ нишаста осмонро сайр мекунад, ба дили душманон даҳшат меандозад ва дӯстони худро аз офатҳои гуногун наҷот медиҳад. Ин образ аз худоҳои пеш аз ақидаи якхудоии аҳурамаздопарастӣ ба вуҷуд омада, дар ин дин инкор карда шуда бошад ҳам, дар китоби муқаддаси динии зардуштӣ «Авасто» ба сифати паҳлавони тавоное, ки қувваи беинтиҳо дорад, тасвир шудааст. Агар аз ин образ ҷиҳати мифологӣ ва фантастикиаш гирифта шавад, офтоб дар ҳақиқат манбаи энергияи беинтиҳоест. Вай дар тасвири «Авасто» душманон ва қувваи онҳоро маҳв менамояд. Бадани зиреҳи нуқрагин дорад, бинобар ин, тири душман ба бадани ӯ намегузарад ва бо қувваи шамол баргашта ба худи душманон мезанад. Митра қаҳрамони тирногузар, дар об ғарқнашаванда, дар оташ насӯзанда, бо ифодаи дигар мағлубнашаванда аст. Митра дар тасаввур ва тавсифи парастандагонаш на танҳо ҷанговари мағлубнашаванда, балки сардори лашкар ҳам мебошад: *«Мо Митраи лашкарро ба ҷанг тайёркунанда, ҷамъкунандаи ҷанговарон, лашкарро ба ҷанг мувофиқкунанда ва сафороянда, сафи душманро ба ларза оварда, дар сари лашкар истода ба ҷанг дароянда, аз ҳама тавоно ва сардори боқудрат саҷда мекунем... Митра дар ароба истода, аз камоне, ки аз устухон сохта ва аз ҷарми наввас таранг кашида шудааст, ҳазорон тир мепарронад. Тирҳои ӯ мисли фикр тез мепаранд, монанди фикр бо тезӣ ба сари девон мебаранд... Митра гурзи дурахшони худро бардошта мегардад, гурзи сад нешдор ва сад қиррадори ӯ ба душман зуд омада мезанад, душманро парча-парча мекунад. Гурзи ӯ аслиҳаи аз ҳама пурқувват буда, аз оҳани ҷилодор сохта шуда, аз болояш тилло пӯшонида шудааст. Ӯ ин тавр аслиҳаи аз ҳама пурқуввату яксонкунандаи ҳар гуна душманро бо дасти худ мебардорад...»*

Ёридиҳандагони Митра монанди худи ӯ паҳлавонони бокуд-

ратанд. Яке аз онҳо Вертрагна аст, ки онро Аҳура Маздо дар шакли хук сохтааст. «Мо ба Митра саҷда мекунем, Вертрагна ба назди вай давида меравад. Вай дорои ҷасади зебо ва дандонҳои тез буда, ҳар навъ ҷонварро бо як газидан гумном (несту нобуд) мекунад. Вай хуки дорои дандони хӯрокхӯрӣ, бисьёр бадҳайбат, боқувват, бағоят шух, аз ҳуҷум монданашаванда, тездав, оҳанпо, оҳанҷоғ аст. Вай бо далерӣ медавад, душманро парчаву пора мекунад, онҳоро мағлуб карда несту нобуд менамояд».

Ҳар дуи образ дорои тасвири романтики буда, дар муҷассамаи ёдгориҳои дигари халқамон, аз ҷумла ба муҷассамаи қаҳрамонҳои тавонои мисли шамол паридаравандае, ки аз хазинаи Амударьё ёфт шудааст, хеле монанд аст ва дар образи бадеии афсонавии он ақидаи сайёрапарастии халқҳои эронӣ акс ёфтааст.

**Образи Ардевисура Аноҳита**

Ин исми хос дар «Авасто» аз се калимаи сифат сохта шудааст: «Арде» — аз калимаи «аред» — маъняш боло баромадан, болидан ва фузудан, «сурва» — қодир ва тавоно, «Аноҳита» — «а», «не», «оҳит» — нопок ва олуда. Ҳарфи «н» овози иловагӣ аст. Пас, «аноҳита» — пок ва беолоиш аст. Ба ҳамин тариқ, ба маънои қувваи тавоною поку баланда аст. Ӯро, ҳатто «бағдухт Аноҳита» (духтари худо Аноҳита) ҳам номидаанд. Ин номи руд ва фариштаи об аст. Дар бораи ин руд дар «Авасто» чунин гуфта шудааст: «Ин рӯд он қадар бузург аст, ки тамоми обҳои руи замин, ки аз баландии кӯҳ ба баҳри «Фароҳ карт» мерезад, уқьёнусро ба ҷӯшу хурӯш меорад. Он рӯд рӯдест, ки тамоми зимистону тобистон як хел равон аст. Аз вай ҳазор рӯд ва дарьёҳо шохобҳо мегиранд. Рӯду дарьёи он баланду фарох аст. Савори тезрав дарозӣ ва атрофи онро дар 40 рӯз давр зада метавонад. Як бахри он қодир аст, ки саросари ҳафт кишварро сероб кунад. Дар атрофи ин бахр ва рӯдҳо барои Аноҳита қасрҳои ҳазорсутун, ҳазордарича ва дарахтон мавҷуд аст». Аноҳита талаффузи қадимаи сайёраи Ноҳид аст ва онро Зӯҳра ҳам меноманд, ки дар шакли духтари зебо буда, мутрибаи фалак мебошад. Маълум мешавад, ки ин образ ва мафҳуми он дар гузашти замонҳо дар тасаввури одамон тағьир ёфтааст. Дар бораи ӯ дар мифи кадим чунин гуфта шудааст: «Ардевисура Аноҳитаро дар шакли духтари доимо зебо, боқувват, хушқомат, камаршро баландбастагӣ, дорои зинати заррин ва либоси фарфардор дидан мумкин аст...»

Аноҳита зани ҷавон, хушандом, баландқад, зебо, чеҳраозода, некӯсиришт аст. Синааш баланд баромадааст, миёнаш бо камарбанд танг баста шудааст. Дар болои аробаи худ нишаста лаҷоми чораспи якранг ва якқадро дошта меронад. Аспҳои аробаи вай — бод, абр, борон ва жола. Аноҳита бо ҷавоҳирот оростааст, тоҷи заррине ба шакли чархе бар сар дорад, ки дар он сад гуна гавҳари нурпош кор фармуда шудааст. Дар атрофи

он тоҷ шилшилаҳои пурчин овехта шудааст. Тавқи заррин дар гардан ва гӯшвораҳои чоркунча дар гӯш дорад. Кафшҳои дурахшонро дар пойҳои худ бо бандҳои заррин маҳкам бастааст. Ҷомае аз пӯсти сӣ бабр пӯшидааст, ки медурахшад. Ҷомаи заррини пурчин ҳам пӯшида дар баландтарин табақаи осмон ором нишастааст. Аҳура Маздо ҷои ӯро дар кураи офтоб муқаррар кардааст. Аноҳита бо фармони парвардигор аз баландии осмон борон, барф, жола ва шабнам мебороонад. Вай бо таъсири дуои порсоён ва парҳезгорон аз фалаки ситоразор ва аз баландтарин қуллаи кӯҳҳо ба нишебӣ мешитобад, нуфтаи мардон ва занонро пок мегардонад, таваллуд кардани занонро осон мекунад, ширро соф менамояд, галаву рамаро зиёд мекунад, сар то сари кишвар аз партави ӯ — хушӣ, неъмат ва сарват баҳравар мегардад.

Аноҳита дар тасаввури пайравон ва парастандагонаш маъбудаи об, замин ва ҳосил аст. Дар мифи қадим ӯро ифодакунандаи зебоӣ ва нафосати инсон, ба қаҳрамонҳо қувватдиҳанда, комьёбибахшанда низ тасаввур кардаанд. Аноҳитаро эзиди обу замин ва ҳосилот донистани пайравонаш давраи деҳқонии занон ва модаршоҳиро акс кунонидааст. Ҳар дуи ин образи мифологи, чӣ Митра ва чи Анохита қувваҳои фавқуттабиаи мавҳумӣ набуда, аз ҳаёт, аз табиат гирифта шудаанд ва бо зиндагонии одамон алоқаи зич доранд, онҳо симоҳоеанд, ки аз байни одамон-баромадаанд. Агар аз онҳо сифатҳои мифологии романтикӣ гирифта шавад, одамони қадимаи тавоно, ки бо табиат ва душманони худ барои зиндагӣ ва осоиштагӣ мубoризаи қаҳрамонона бурда, ба мардум ёрӣ мерасонанд, боқӣ мемонанд ва онҳо асосҳои хаётӣ доранд, орзуҳои неки мардумро акс кунонидаанд, вале ба онҳо мафҳуми худоӣ додаанд, зеро «худо дар тасаввури ибтидоии одамон мафҳуми мавҳум ва ягон чизи абстракт набуда, балки як симои бисьёр реалӣ буд, ки бо ягон аслиҳа мусаллаҳ аст. Худо пири ягон хунар, устод ва ҳамкори одамон буд»*.

Чи образи Митра ва чи Аноҳита эҳтиёҷоти одамонро дар симо ва амалиёти худ акс кунонидаанд.

**Мифи Каюмарс**

«Қаюмарс» шакли тағйирёфтаи «Гайя маритан» дар «Авасто» буда, дар шакли «Гев Марс», «Гаю марс» ва «Говмард» ҳам талаффуз шудааст. Маълум мешавад, ки ин калима ба тағйироти шаклӣ-талаффузӣ дучор омадааст. Ин ном аз ду ҳисса иборат буда, этимологияи он чунин аст. «Гайя» — ҷон ва зиндагӣ аст. «Гӣ» дар таркиби «зиндагӣ» бо калимаи «гай» алоқаманд омадааст. «Зиндагӣ» шояд маънои «ҷони зинда»-ро ифода намояд. Маънои калимаи «маритан» — мурданӣ ва гузаштанӣ, яъне маҳкум ба мурдан ва аз олам гузаштан аст. Ин калима маънои «мардум» (инсон)-ро ифода кардааст. Азбаски охири умри ин-

---

* *А. М. Горький.* О литературе. М., 1953, с. 694.

сон мурдан аст, онро «маритан» «мурданӣ» «мардум» номидаанд. Аз ин калима дар «Авасто» калимаҳои зиёде сохта шудааст: «Марита», ки ба маънои «мурданӣ» (инсон) аст, дар забони паҳлавӣ «мартум», дар забони форсии нав «мардум» аст, вале маънои аслиро гум карда, инсон — одамро ифода мекардагӣ шудааст. Решаи аслии ин калима «Мар» ва ё «марта», «мурта» (марг ва мурдан) аст. Муқобили он «зиндагӣ» дар шакли «амурта» низ ифода шудааст. Ин ду калима «гайя» ва «марта» дар «Авасто» дар шакли алоҳида ҳам омадааст. Калимаи якум номи Қаюмарсро, калимаи дуюм маънои инсонро ифода кардааст. Аҷаб нест, ки калимаи «маритан» — «тани мурданӣ»-ро ифода кунад, ки низ маънояш «мардум» аст. Ба ҳамин тариқ, маънои «Қаюмарс» бояд «ҷони зинда» ва «тани мурданӣ»-ро ифода намояд, ки маънояш «одам» аст. Дар «Авасто» Қаюмарс инсони аввалин номида шудааст.

Дар бораи Қаюмарс (Гайя маритан) ду хел нақли мифологӣ вуҷуд дорад: Қаюмарс инсони аввал буда, ба гуфтаи Аҳура Маздо гӯш кард ва нажоди эрониён аз вай аст ва дар байни кӯҳҳо зиндагӣ мекард. Бинобар ин, ӯро «Гаршоҳ» (шоҳи кӯҳ) ҳам номидаанд. Дар китоби «Бундо ҳишн» дар бораи Қаюмарс чунин гуфта шудааст: Аҳура Маздо аввалин инсон Қаюмарсро офарид. Ӯ сӣ сол танҳо дар байни кӯҳҳо зиндагӣ кард. Дар вақти мурданаш аз аррапушти вай нутфае баромад ва бо ёрии шаъшааи офтоб соф гардида, ба мағзи хок дадромад. Пас аз чил сол ҳангоми меҳрмоҳ (ҷашни меҳргон) нутфа аз хок ба шакли гиёҳи душоха ё ки ду соқаи ревоҷи ба ҳампечида баромад. Баъд аз он аз шакли наботӣ ба шакли инсонӣ гузашт. Шаклашон ба ҳамдигар монанд буд. Яке нар—бо номи Машия ва дигаре мода—бо номи Машиёна. Баъд аз панҷоҳ сол онҳо бо ҳам изливоҷ карданд. Пас аз нӯҳ моҳ аз онҳо як ҷуфти нару мода таваллуд шуд. Аз ин як ҷуфт ҳафт писару духтар таваллуд шуданд, ки яке аз он ҷуфтҳо Сиёмак ва зани вай Носак аст. Аз онҳо як ҷуфти дигар таваллуд шуд, ки номи ҷинси мардаш—Фаравок номи ҷинси занаш — Фаравокаин. Аз онҳо понздаҳ ҷуфт фарзанд ба дунъё омад ва ҳамаи авлодони одамони ҳафт кишвар (рӯи ҷаҳон) аз ҳамин понздаҳ ҷуфтанд. Яке аз онҳо Ҳушанг ва зани вай Гузак мебошад. Нажоди эронӣ аз онҳост. Дар мифи дигаре, ки дар бораи Қаюмарс нақл шуддааст, ӯ «говмард» яъне ним гову, ним мард маънидод шудааст, тағораи сафолине, ки аз қалъаи Тали Барзу (Самарқанд) ёфт шудааст, дар рӯяш сурати Говмард ё ки Гавпошшо кашида шудааст, ки ҳамин маъниро тасдиқ менамояд.

Дар нақли дигари мифологӣ Қаюмарс аввалин вуҷудест, ки гӯё бо хоҳиши Аҳура Маздо аз вуҷуди гов ва мард (одам) офарида шудааст ва онҳо бо ҳам безиддият ва осоиштагӣ зиндагӣ мекардаанд. Аз рӯи тасвири қадимӣ говмардро душмани ашаддии инсоният — Аҳриман (Аграманиню) куштааст, вале аз нимаи дуюми ҷасади ӯ (гов) 55 хел дон, 12 хел сабзавот, гов-

меш, барзагов ва 272 ҳайвоноти фоиданок ба вуҷуд омадааст, аз қисми одамаш (мард) ҷинси зану мард ва маъдан пайдо шудааст. Аз ин тасвир дида мешавад, ки говмард асоси инсонҳо, ҳайвонот, наботот ва маъдан, яъне хаёти моддӣ тасаввур шудааст вай ҳоло хислати пурраи одамӣ надорад. Образи Говмардро дар аввалҳо ҳамчун қувваи илоҳии умумиҷаҳонии кул тасаввур мекардаанд.

Аммо образи мифологии ӯ дар давоми асрҳо мувофиқи шароити замон ва тасаввури оддамон чи дар фольклор ва чи адабиёти китобатӣ тағйир ёфта, ба шакли одами пурра даромадааст. Ҳар чанд ки дар ҳар ду миф Каюмарс офаридаи Аҳура Маздост, вале бо вуҷуди хислати мифологияш офариниши инсон, бар хилофи афсонаҳои минбаъдаи динҳо, як андоза моҳияти табиӣ-ҳаётӣ дорад, зеро бо такомулоти табиӣ (аз гиёҳи нутфаи Каюмарс рӯидани одамон) ва меҳнату шароити зиндагӣ (ним аз гов иборат будани Каюмарс) алоқаманд аст.

**Мифи Ҷамшед**

Талаффузи аввалаи ин ном «Йима» буда, баъдҳо ба он калимаи «хишата» (шед) ба маънои нур ва фурӯғ, ҳамроҳ шуда, тадриҷан аз ҷиҳати талаффуз тағйир ёфта, ҳоло ба шакли «Ҷамшед» омадааст. Дар «Авасто» ба вай сифати «хуват» (соҳиби ғалла ва рама) ва «сарира» (зебо ва хушшаклу шамоил) дода шудааст. Сифати аввалаи вай бо хоҷагии чорводорӣ — парваронидани чорпоён ва зиёд кардани онҳо алоқаманд аст. Вай дар «Авасто» писари Вийвангҳут номида шудааст, ки шакли дигари он «Виюнгҳон» аст. Калимаи «йима» ё ки «яма» дар «Авасто» ба маънои тавъам — ҳамзод омадааст. Дар тасаввури бараҳманҳои Ҳинд хам Яма ва ҳам Ямӣ аввалин ҷинсҳои нарина ва модинаи одамианд. Ҷамшед дорои хислати хайрхоҳӣ ва нияти наҷот додани инсони аз офатҳо ва расонидани роҳат, осоиштагӣ ба онҳост. Дар «Авасто» Ҷамшед ҳукмрони одил буда, дар замони подшоҳии ӯ пир шудан, мурдан, хунукии қаҳратун ва гармии сӯзон набудааст. Вай бо ёрии фариштаи об Аноҳита се бор дуньёро васеъ карда, дар он одамон, чорво ва хелҳои мурғонро зиёд кардааст. Аммо дар ин вақт аз Аҳура Маздо ба Ҷамшед хабар меоранд, ки дар давоми се сол зимистони хунуки қаҳратун шуда, ба одамон, чорвоҳо, гиёҳҳо, боғу бӯстон ва мурғон офат мерасад. Барфу яххо об шуда, замину замон, чарогоҳҳоро зер мекунад. Ҷамшед бо маслиҳати Аҳура Маздо боғе ба номи «Вар», ки дорои деворҳои баланд будааст, созонда, як қисми мардум, чорво, тухмҳо, мурғонро он ҷо ҷамъ карда, аз тӯфон халос кунонидааст. Вай ба мардум хонаву ҷой месозонад ва наҳру ҷӯйҳо мекобонад. Аз нав зиндагӣ барқарор мешавад. Ба ҳамин тариқ, дар мифология образи Каюмарс ҳамчун эҷодкори ҷаҳон, образи Ҷамшед ҳамчун тараққидиҳандаи он ва наҷотдиҳандаи халқ аз офатҳо буда, ҳар ду бар алайҳи душманони инсоният Ахриман ва девҳо муборизони қахрамон ва ҷонфидо ба шумор мераванд, вале охирулумр аз дасти Ахриман

кушта мешаванд. Амалиёти онҳо муборизаи некию бадӣ, рӯшноию торикӣ ва ғайраро акс кунонидааст. Душманони инсонҳо аз сабаби ҳоло мавҷуд набудани ҷамъияти синфӣ дар мифология дар шакли офатҳои табиӣ, ҷину аҷинаҳо, деву пари ва ғайра акс ёфта бошанд ҳам, аз як тараф, моҳияти ҳаётро кашф накардани одамон, аз тарафи дигар, барои бахту саодати инсон мубориза бурдан ва ба қувваи тавонои худ боварӣ доштани онҳоро нишон додааст.

**Достонҳои қаҳрамонӣ**

Ҳар чанд ки достонҳои қаҳрамонӣ бештар бо воқеаҳои таърихӣ алоқамананданд, дар айни замон аз гурӯҳи достонҳое мебошанд, ки як тарафашон ба мифология алоқаманд буда, аз тарафи дигарашон ба воқеаҳои таърихӣ мепайвананд. Достони қаҳрамонии Рустам ва Сиёвушро ба ин гурӯҳи эпоси халқӣ дохил кардан мумкин аст. Эпосҳои қаҳрамонӣ дар натиҷаи муборизаи озодихоҳӣ ва фидокоронаи ватандӯстӣ барои муҳофизати ватан бар зидди истилогарон эҷод гардидааст. Ба қисми достонҳои қаҳрамонии таърихии дуньёи қадим достони Тумарис, Шерак, Заррина ва Стариангияро мисол овардан мумкин аст.

**Достони Рустам**

Номи қадимаи Рустам аз калимаи «Раудтаҳм» буда, «рауд» — болидан, рустан, қад кашидан ва «таҳм» — қавиҷусса аст. «Рауд» тадриҷан бо «рост» — «рустан» иваз шуда, ҳамчунин аз калимаи «таҳм» «ҳ» афтода ба шакли «рустам» омадааст, ки маънояш «қавиҷуссаи баланд ва баландшаванда» аст. Образи Рустам ва афсонаву достонҳо дар бораи ӯ аз рӯи баъзе тадқиқотҳо (аз руи нақли китоби «Таърихи Сиистон») дар байни сокҳо — сикифҳое, ки дар аввалҳо дар соҳили рости дарьёи Сир зиндагӣ мекардаанд ва аз рӯи нақлҳои дигар дар байни суғдҳо эҷод гардидааст ва онро дар асрҳои VI—VII тахмин менамоянд. Дар бораи дар байни сокҳо ё суғдҳо, ки ҳамсояю халқи ба ҳам хеш буданд, пайдоиши ривоятҳо ҳеҷ ҷои шубҳа нест, аммо дар асри VI—VII эҷод шудани он шубҳанок аст, зеро таваллуд ва ба воя расидани ӯ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба давраи то таърих— аз авлоди Сому Золу Мизробшоҳу Рудоба нисбат дода шудааст. Онҳое, ки образи Рустамро ба асри VI—VII нисбат медиҳанд, мумкин аст, ки ӯро бо Рустами таърихии давраи Сосониёни замони истилои араб омехта бошанд, ки дар соли 639 дар ҷанги эрониёни сосонӣ бо арабҳо кушта шудааст.

Рустам дар тасвири порчаи суғдӣ ба тариқи зерин тавсиф шудааст: «...Рустам девҳоро то дарвозаи шаҳрашон пеш карда меравад. Девҳои бисьёре ҳалок — кушта мешаванд, боқимондаҳояшон дарвозаи шаҳрро мебанданд. Рустам бо ғалаба бармегардад. Девҳои аз Рустам мағлубшуда ба ғазаб омада, қарор медиҳанд, ки ба муқобили ӯ ҷангро давом дода, нохост ва бехабар ҳуҷум кунанд. Девҳои сершумор ба аспу аробаҳо, филҳо, хук, рӯбоҳ, саг ва морҳо савор шуда ба роҳ медароянд. Қисми хеле зиёди онҳо пиёда мераванд. Як қисмашон мисли кал-

хотҳо парвоз мекарданд... Аспи Рустам Рахш дар чарогоҳ ва худи ӯ баъд аз ғалабаи калон дар хоби ширин буд. Рахш аз дур пайдо шудани девҳоро дида Рустамро аз хоб бедор мекунад. Рустам бесаранҷом ва саросема нашуд. Вай барои девҳоро наздик овардан ва баъд нохост ҳуҷум кардан ба аспи худ савор шуда ба пеш ба ақиби худ нигоҳ карда асп давонда меравад. Девҳои ӯро пеш карда рафтаистода ба ғалабаи худ бовар карда, ҳар навъ бошад ҳам, ба зинда даст гирифтан ва сахт азоб додани ӯ қарор медиҳанд, аммо Рустам нохост бо аспи худ ба тарафи душманон ҳамла мекунад, ба онҳо монанди уқоб ҷанг мезанад. Девҳо бо ҳоли парешон сар ба гурехтан мениҳанд, бисьёрии онҳо мемуранд, қисми хеле зиёдашон ярадор мешаванд».

Дар ин эпизод як лаҳзае аз ҷангҳои ӯ ба муқобили девон тасвир ёфтааст. Вай дар ин тасвир қаҳрамони бемисле, ки инсонҳоро аз касофат, фалокат ва зулми девон наҷот медиҳад, тасвир ёфтааст. Вай дар мубориза бо девҳо ба камол расидааст ва ба паҳлавони шикастнопазиру абадзинда табдил ёфтааст. Нақлҳо дар бораи бо девҳо ҷангидани ӯ ба ақидаи санавияи (дуалистонаи) қадимаи халқҳои эронӣ, ки ҷаҳонро ба қувваҳои неку бад ҷудо карда, муборизаи онҳоро таъкид менамояд, асос ёфтааст. Девҳо дар тасаввури халқ бо сифати ҳама гуна қувваҳоп бади зиддихалқӣ тасвир шудаанд. Онҳо дар ҳолати ғолибият ҷабркунанда, асиркунанда, вале дар ҳолати мағлубият ба сифати асирони ҳарбӣ хизматгоранд.

Агар тасвири боло образи ибтидоии Рустам бошад, дар адабиёти китобатӣ, аз ҷумла чи дар «Шоҳнома»-и мансури Абулмуайяди Балхӣ ва чи Фирдавсӣ такомул ёфтааст, пурра гардидааст. Вай акнун дар бачагӣ — нӯҳсолагиаш бо Фили Сафед меҷангад. Вай бо аждаҳо, душманони ватан, подшоҳони золиму камақл меҷангад, силсилаи қаҳрамонҳоро тарбия мекунад, мамлакату халқро аз истилогарон наҷот медиҳад ва ғайра. Вай дар китоби «Баҳман яшта» ба муқобили истилогарони араб меҷангад. Дар достони «Ёдгори Зарирон» ва «Дарахти Асурик» (давраи парфиана, асрҳои I—III баъди милод) ва дар асрҳои VI—VIII «Шаҳристони Эрон» ба сифати инсоне, ки барои одамон шаҳрҳо месозад, тасвир ёфтааст.

**Достони Сиёвуш**

Номи қадимии Сиёвуш дар «Авасто» «Сияваршан» (дорандаи аспи сиёҳ) аст. Аз факти забонӣ маълум мешавад, ки на танҳо номаш, шояд худи образи ӯ низ борҳо тағйир ва такомул ёфтааст. Образи аввалаи ӯ дар мифологияи қадим ба сифати эзид офарида шудааст. Баъдтар ҳамчун подшоҳ тасаввур шудааст. Ӯ ҳомии одамони резишгоҳи миёна ва поёни дарьёи Омӯ будааст. Вай аз рӯи ақидаи мардумони қадими ин маҳалҳо аз духтари зебои

сеҳрангезе таваллуд шудааст. Ин духтар шояд, аз рӯи тахмин, Дриада (худо ва бонии ҷангалҳо) бошад. Сиёвуш дар тасвир ва тасаввур ҷавони зебо, ғаюр, боғайрат, савори моҳир ва мисли Рустам ҷанговари нотарс аст. Дар сараш кулоҳи заррин дорад. У аз туҳмат ва фиреби душманон кушта шудааст. Ин гуна тасвири Сиёвуш дар китобҳои қадими таърихӣ — дар китоби Наршахӣ — «Таърихи Бухоро» (асри X), «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва асарҳои Берунӣ ҳам нигоҳ дошта шудааст. Дар фольклор образи Сиёвуш аз мафҳуми эзидӣ ба мафҳуми қаҳрамони халқӣ даромадааст, яъне аз мафҳуми мавҳумиаш ба мафҳуми ҳақиқӣ мубаддал гаштааст. Ин маъниро нақли Наршахӣ, ки дар бораи мотам гирифтани аҳолии Бухоро дар солонаи Сиёвуш овардааст, тасдиқ менамояд. Сиёвуш умуман қаҳрамони дӯстдоштаи халқ буда, махсусан, дар байни аҳолии Бухоро хеле шӯҳрат доштааст. Мардуми суғди Бухоро ақида доштаанд, ки ҷасади у дар атрофи Бухоро дафн шудааст. Мардум дар рӯзҳои Наврӯз ба сари қабри вай омада, хурус кушта, қурбонӣ медодаанд ва сурудҳо мехондаанд. Дар ин бора Наршахӣ чунин маълумот додааст: «Аҳли Бухороро бар куштани Сиёвуш сурудҳои аҷиб аст ва мутрибон он сурудҳоро «Қини Сиевуш» гӯянд ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар гуяд, ки «аз ин таърих се ҳазор сол аст». «Мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳост, чунон ки дар ҳамаи вилоятҳо маъруф аст ва мутрибон онро суруд сохтаанд ва мегӯянд, қавволон онро «Гиристани муғон» хонанд ва аз ин сухан зиёдат аз се ҳазор сол аст». Агар ба ин рақам ҳазор соли дигар (сонӣ)-ро ҳамроҳ кунем, чор ҳазор сол боз образи Сиёвуш ва достони ӯ мавҷуд аст.

Достони Сиёвуш дар шакли такмильёфтааш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мавқеи калон дорад.

**Достони Томириса**

Достони эпикии онд ба подшоҳи массагетҳо— Томириса аз воқеаи таърихии ҷанги ӯ бо подшоҳи истилогари Ҳахоманишиҳои форс Курушн II, ки дар соли 530 пеш аз милод рӯй дода буд, гирифта шудааст. Пас, асоси таърихӣ дорад ва ба гурӯҳи қиссаҳои таърихӣ дохил мешавад. Томириса маликаи иттиҳоди қабилаҳои бодиянишини Эрони Шарқӣ буда, бинобар хурд будани писараш дар соҳили чапп дарьёи Аму подшоҳӣ мекард, мамлакатро ором ва осоишта нигоҳ медошт. Подшоҳи ҷаҳонгири форс Куруши II хост, ки ин мамлакати осоишта ва мардуми озодихоҳи онро ба худ тобеъ гардонад. Аввал ба Томириса найранге таклиф кард, ки зани ӯ шавад, аммо вай мақсади Курушро фаҳмид, ки ба ӯ худаш не, мамлакаташ лозим. Вай таклифро рад кард. Он гоҳ Куруш бо лашкари 200 ҳазорнафарааш ба кишвари массагетҳо ҳуҷум овард, таклифҳои сулҳҷӯёнаи Томирисаро қабул накард. Он гоҳ Томириса тактикаи ҷангии ақиб гаштан, паҳну пароканда кардани қувваҳои душман, ҷамъ намудани қувват ва фурсатро ба кор бурда, лашкар ва аҳолии худро ба серӯза роҳ ақиб бурд. Куруш бемалол аз дарьё гузашта, ҷойҳои холиро ишғол кард.

Куруш ҳам ҳилаи ҳарбӣ кор фармуда, дар манзиле таому шароб гузошта, каме ақиб гашт, як гурӯҳ лашкари массегетҳо бо сардории писари Томириса Спаргапис ҳуҷум карда омада, аз таому шароб серӣ хӯрда, маст шуданд ва ба даст афтоданд. Куруш писари Томирисаро ба шарте озод карданӣ шуд, ки подшоҳ таслим шавад. Аммо вай таслим нашуд ва дар ҷанги қаҳрамононае, ки бо лашкари форсҳо бурд, Куруш кушта ва лашкараш мағлуб гардид. Он гоҳ Томириса машкеро аз хун пур карда, сари буридаи Курушро ба болои он гузошта, дар митинги ғалаба гуфт: «Хун мехостӣ, хӯр, сер шав! Ватану халқи озоди мо таслим намешавад».

Сухани охирини Томириса асоси ғоявии ин эпоси таърихиро ташкил кардааст. Ин эпос як лавҳа аз манзараҳои таърихи қаҳрамононаи ҳалқҳои қадимии Осиёи Миёна аст, ки ба муқобили истилогарони хориҷӣ бурдаанд. Образи қаҳрамононаи Томириса дар дуньёи қадим мавқеи калони иҷтимоӣ доштани ҷинси занро нишон медиҳад, ки баъд дини ислом онро маҳдуд кардааст.

**Достони Шерак**

Мағлубияти шармандавори Куруши II ба авлодони минбаъдаи вай дарси ибрат нашуда буд, бинобар ин, подшоҳони Ҳахоманишӣ аз ниятҳои истилогаронаи худ даст накашида буданд. Подшоҳи Ҳахоманишӣ Дорои (512—485 п. аз м.) дар соли 519—518 п. аз м. барои забт намудани кишвари сокҳо азми ҷанг кард. Лашкари форсхо ба кишвари сокҳо наздик омад. Дар ин вақт яке аз саисҳои сок дар ҳолати хуншор — гӯшу бинӣ бурида, тану рӯй пур аз ҷароҳатҳои теғ ба назди подшоҳ — Дорои I омада, арз кард, ки сокҳо ба вай ин тавр муомилаи зишту ваҳшиёна карданд. Ӯ мехоҳад лашкари форсро бо роҳи наздик ба ақибгоҳи сокҳо барад, то ки зарбаи ногаҳонӣ зананд. Подшоҳ ба ҳилаи ҳарбии ӯ бовар карда, бо лашкари азимаш раҳсипор шуд. Баъд аз ҳафт шабонарӯз ба биёбони беобу долу дарахте рафтанд, ки аз мондагӣ, ташнагӣ ва гуруснагӣ на имконияти пеш рафтан буд, на ақиб гаштан. Лашкари бисьёре ҳалок гашт. Вақто ки Шеракро марг таҳдид мекард, гуфт: «Ман ғалабаро ба даст овардам, зеро барои халос кардани ҳамватанонам аз оқибатҳои бади истило форсҳоро ба гуруснагӣ ва ташнагӣ гирифтор кардам». Аз рӯи нақлҳо Дорои I ба ҷои баландие баромада аз худои офтоб Апполон борон металабад. Борон мебарад. Онҳое, ки аз мурдан монда буданд, машкашонро аз оби борон пур карда, аз марг наҷот меёбанд. Мисли достони Томириса асли нусхаи достони эпикии Шерак ҳам боқӣ намондааст. Мо дар ин бора аз рӯи нақлҳои таърихчиён ва сайёҳони юнонӣ Ктезий, Ҳеродот, Полиэн ва ғайра маълумотҳои мухтасар мегирем, ки мазмуни он достонҳоро ривоят кардаанд. Ҳамин гуна достонро Берунӣ дар бораи ҷонфидоии Зопир ном шахсе, ки аз эфталитҳо будааст, низ нақл кардааст.

Қаҳрамонии Шерак шакли дигари ватандӯстӣ ва озодихоҳии шӯълавари аждодони қадимамон мебошад. Дар достони Томи-

риса қаҳрамонӣ ва паҳлавони майдони ҷанг тасвир ёфта бошад, дар достони Шерак худқурбонкунии шахс барои халқу ватан, манфиати халқу кишварро аз манфиати шахсӣ афзал дидан ва ғайра ҷои асосиро ишғол кардааст. Дар ҳар ду достон ҳам образи реалистонаи ватандӯстони дуньёи қадим, ки баъдҳо аз авлод ба авлод гузаштааст, акс ёфтааст.

**Достони Заррина ва Стриангей**

Қиссаи аз ҷиҳати мундариҷа ноқис — нотамоми саргузашти ошиқона ва қаҳрамононаи Заррина ва Стриангейро таърихнависи сицилиягӣ Диодор (асри I п. аз м.) дар «Кутубхона» ном асараш аз рӯи ривояти таърихшиноси Юнони Қадим Ктезий (430—354 п. аз м.) нақл кардааст.

«Подшоҳи шакҳо (шояд сокҳо бошад) вафот карда, ба ҷояш зани ӯ малика Заррина подшоҳ мешавад ва ба қабила сардорӣ мекунад. Ин зани ботадбир ва шуҷоъ барои оромӣ ва осоиштагии қабила фидокориҳо мекунад. Дар байни Шак ва Модия (ё ки модҳо) ҷанги сахте мешавад. Дар ин ҷанг Заррина қаҳрамонии бемислу монанде нишон медиҳад, вале аз шоҳзодаи модӣ Стриангей захмдор мешавад. Стриангей, ки ба қаҳрамонӣ ва ҳусну латофати ӯ мафтун шуда буд, вайро ба асирӣ намегирад, намекушад. Баъд аз чанд вақт шоҳи Парфия ба Заррина хонадор ва мамлакати ӯро ба худ тобеъ карданӣ мешавад. Заррина ин таклифро рад мекунад, вале подшоҳи Парфия мамлакати шакҳоро зӯран забт карда, Зарринаро ба занӣ мегирад. Вале Заррина коре карда, аз дасти шоҳи Парфия наҷот ёфта, истиқлолияти қабилаи худро барқарор карданӣ мешавад. Дар ин муддат байни модиҳо ва парфиёниҳо ҷанги сахт шуда, аскарони бисьёри модӣ асир меафтанд. Заррина бо ёрии асирони ҳарбии модӣ бо подшоҳи Парфия ҷангида, роҳи халосиро фикр мекунад. Дар байни асирон Стриангей ҳам буд. Вай бо Стриангей як шуда, ба асирон сардорӣ карда, ба шоҳи Парфия ҳуҷуми ногаҳонӣ мекунад. Подшоҳ мағлуб, асирон озод, Заррина ҳам наҷот ёфта, қабилаи худро мустақил мекунад. Дар давоми ин воқеаҳо Стриангей Зарринаро дӯст медорад. Заррина ӯро ҳамчун қаҳрамони нотарс ва паҳлавони беназир ҳурмат кунад ҳам, бинобар зандор буданаш, таклифи хонадоршавиро рад мекунад. Стриангей ба ин ҳол тоб наоварда, худро ҳалок менамояд».

Қиссаи «Заррина ва Стриангей» қиссаи қаҳрамонӣ ва муҳаббат буда, шояд асосҳои таърихӣ ҳам дошта бошад. Заррина бояд яке аз қаҳрамонони шак ё ки сок бошад, зеро Ктезий қаҳрамонии Зарринаро махсус қайд карда, чунин маълумот додааст: «Шакҳо баъд аз вафоти Заррина дар шакли пирамида мақбара сохта, ба вай ҳайкали тилло мондаанд».

Образи Заррина образи зани фаъол, ватандӯст, озодихоҳ, дорои ишқ ва виҷдони пок буда, иродааш аз иродаи Стриангей боқувваттар аст. Стриангей ҳам образи шахси қаҳрамон, вафодор, ошиқ ва покдиҷдон аст, вале нисбат ба образи Заррина дар иродаи ишқӣ заиф аст.

Фарқи ин достон аз ду достони аввал дар он аст, ки ба хислатҳои қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ, фидокорӣ ба асирӣ таслим нашудан, мардонагӣ дар майдони ҷанг ва ғайра хислати ба нафси шаҳвонии зӯроварӣ тобеъ нашудан, ҳиссиёти ботинии ишқи поки шахсдӯстӣ, рафоқат ва ахлоқи пок дар образи Заррина, барои ҳиссиёти ишқи наҷибона ҳалок шудан дар образи Стриангей, яъне трагедияи ишқӣ илова гардида, рафтори зӯроварӣ, истилогарӣ, нафси шаҳвонӣ, барои манфиатҳои шахсӣ ва худписандӣ кӯшидан (дар образи подшоҳи Парфия) маҳкум карда шудааст. Дар ду достони аввал хислати ватандӯстӣ ва дар ин роҳ худкурбонкунӣ баланд аст.

**Қиссаи Зариадр ва Одатида**

Ин қисса оҳанги ишқи озоди ҷавонону духтарони замонҳои қадимиро, ки баробарии ҳуқуқи марду зан риоя карда мешуд, акс кунонидааст. Аз таърихчиёни Юнон — Ҳеродот ва Ктезий дар асарҳои худ қайд кардаанд, ки занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти қадимии халқҳо Осиёи Миёна, аз ҷумла массагетҳо, сокҳо, суғдҳо ва ғайра иштироки фаъол доштанд.

Аз сайёҳони Хитой — Чжан Цян (асри II п. аз м.) қайд кардааст, ки дар давлати Даван ё ки кишвари Паракана (Фарғона) мардон кори муҳимашонро бе маслиҳати занон намекарданд.

Дар қиссаҳо дар бораи ишқи Зариадр ва Одатида чунин нақл ҳаст: «Гуштосп ё ки Гистосп дар кишвари Модӣ ва бародари ӯ Зариадр дар мамлакате, ки баҳри Каспи лаби дарьёи Тананс (Сир) паҳн шуда буд, подшоҳӣ мекард. Дар соҳили рости дарьёи Тананс подшоҳи скифҳо ҳукмронӣ дошт. Духтари ин подшоҳ Одатида ва Зариадр ҳамдигарро дар хоб дида, ғоибона ошиқ мешаванд. Зариадр ба назди падари Одатида хостгор мефиристад. Омарг духтари ягонаи худро ба мулки бегона доданӣ намешавад. Зариард аз аҳди худ намегардад ва бо ёрии аробакаше аз дарьёи Тананс мегузарад. Омарг ба шарафи ҷавонони ҷанговари худ зиёфат медиҳад ва ба духтараш Одатида таклиф мекунад, ки аз ҳозирон ҷавонеро, ки хоҳӣ бо қадаҳи тилло май деҳ. Зариадр дар либоси скифҳо ба зиёфат расида омада буд. Одатида дар қадаҳи зарринн ба вай май медиҳад. Зариадр Одатидаро гирифта ба ватани худ бармегардад.

Аз рӯи навиштаҷоти таърихшиноси Юнони Қадим Ҳорес Митиленский, ки ҳамзамони Искандари Македонист, қиссаи Зариадр, Одатида ва Гуштосп дар байни қабилаҳои Осиёи Миёна чунон шӯҳрат доштааст, ки лавҳаҳои гуногуни сюжети ин достон дар рӯи деворҳои қасрҳо, ибодатхонаҳо ва хонаҳои хусусии мардуми диёр нақш бандонда будаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам аз ин гуна достону қиссаҳо истифода шудааст.

Дар қиссаи «Зариадр ва Одатида» соҳаи дигари ҳаёти инсонӣ ишқу муҳаббати ҷавонон, озодӣ, масъалаҳои оила ва никоҳи дилхоҳ, ки аз зиндагии қабилавист, акс ёфтааст. Ин тавр анъанаи аз рӯи шартҳо ҷавононро интихоб кардани духтарон,

ки аз анъанаҳои фольклорист, дар қиссаҳои дигар низ мушоҳида мешавад.

Аз руи ин ҳақиқати адабӣ дидан мумкин аст, ки Шарқи Қадим — ватани халқҳои эронӣ низ мисли Юнони Қадим гаҳвораи мифҳо, афсона ва қиссаҳо буда, қаҳрамонҳои он монанди қаҳрамонҳои «Иллиада» дар ибтидо мафҳумҳои худоӣ доштаанд. Аммо онҳо тадриҷан шакли (қиёфаи) инсонӣ гирифта бо қаҳрамони ҳиссиёти ишқӣ, хаяҷон, изтироб ва ғаму шодии ба зиндагӣ доштаи худ, ҳаёти халқро акс кунонидаанд. Боқӣ намондани матни ин достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ, ишқӣ ва сурудҳои дуньёи қадим имконият намедиҳад, ки дар бораи мундариҷа, сюжет, ғояҳои эстетикӣ ва шаклҳои бадеии он достонҳо тасаввури пурра пайдо кунем.

Дар давраи нави адабиёти халқҳои эронӣ, махсусан, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дар адабиёти даҳонӣ достони «Гурӯғлӣ» майдони ҷавлонгоҳи ин гуна сюжет ва қаҳрамонҳо гардидааст.

**Ёдгориҳои хаттӣ**

Ёдгориҳои хаттии қадим, вақте ки хат ихтироъ шуд, ба вуҷуд омад. Онҳо навиштаҷоти рӯи сангҳо (навиштаҳои кӯҳи Бесутун), девори қасрҳо (Тахти Ҷамшед), пӯсти ҳайвонот (нусхаи аввалини «Авасто»), дар рӯи чӯбҳо (хатҳо аз кӯҳи Муғ), асбобҳои маъданӣ, коғаз ва ғайра мебошанд. Онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Қайдҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳо ва китобҳои таъриху илмҳои гуногун.

2. Осори адабии чи мифологӣ, афсонавӣ, қаҳрамонӣ ва чи саргузаштҳои динию ошиқона. Ба сифати китобҳои қадим: «Авасто», «Бунда ҳишн», «Худойнома», «Пандномаки Анӯшервон», «Ӯйдурофнома», «Дарахти Асурик», «Динкард», «Ёдгори Зарирон», тарҷумаи паҳлавии «Қалила ва Димна» ва ғайраро дохил кардан мумкин аст, ки бештарини онҳо дар замони истилои араб сӯзонда шудаанд. Дар ин китобҳо воқеаҳои таърих, ҷаҳонбинии динӣ, фалсафӣ, илмӣ, урфу одатҳо, эътиқод ва ақидаҳо, ҳаёти иҷтимоӣ, нуқтаи назари эстетикӣ, ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои зиндагии одамони қадим акс ёфтааст. Календари аз кӯҳи Муғ ба даст омада ҳуҷҷати нодири астрономии бобоёни халқи тоҷик аст, ки дар заминаи илми суғдиёни қадим ба вуҷуд омадааст.

**«Авасто»**

«Авасто» яке аз ёдгориҳои қадимаи халқҳои эронӣ буда, ба давраи ҳазорсолаи аввали пеш аз милод мансуб аст. «Авасто» ба монанди «Забур» (китоби яке аз пайғамбарони дини яҳудӣ — Довуд аст), «Таврот» (китоби динии яҳудиён), «Инҷил» (китоби динии исавиён) ва «Қуръон» (китоби динии мусулмонон) буда, дар он қонун, қоида ва ҷаҳонбинии зардуштиён акс ёфтааст.

Талаффузи аслии «Авасто» «апастак» буда, маънои «асос»-ро ифода менамояд. Ҳоло, чи дар шакли «Авасто» ва чи «Аваста» талаффуз мешавад. Дар бораи замон ва макони эҷодшудаи

«Авасто» фикрҳо мухталиф аст, вале аксарият дар он ақидаанд, ки «Авасто» дар асри VI п. аз м. эҷод шудааст. Номи маҳалҳои географии дар боби «Вандевдат» ва «Яшт» зикршудаи Согдо (Сугд), Муру (Марв), Хаворасмия (Хоразм), Бағдо (Балх), Нисоим (наздикии Ашкобод), Ховайва (Ҳирот) ва ғайра нишон медиҳад, ки дар Осиёи Миёна эҷод шудааст. Дар бораи замони зиндагии Зардушт ва нисбати муаллифии ӯ ба «Авасто» низ фикрҳо мухолифанд. Асосгузори китоби «Авасто» пайғамбари маздопарастӣ Иброҳим Зардушт аст. Китоби «Авасто» дар замонҳои гуногун аз тарафи мӯбадони зардуштӣ аз нав кор карда шуда, ба он иловаҳои зиёде кардаанд. Аз рӯи маълумотҳои илмӣ ақидаи зардуштӣ дар кишвари суғдиён пайдо ва ба кишварҳои дигари Эронзамин паҳн шудааст. «Авасто» дар рӯи дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо хатти зар навишта шудааст. «Авасто»-ро бори аввал Искандари Македонӣ сӯзондааст. Баъд дар вақти ҳукмронии хонадони Аршакиҳо (дар «Шоҳнома» — Ашкониён) дар асри I п. аз м. дар замони подшоҳии Вологеси I аз нав барқарор карданд. «Авасто» дар асрҳои III ва IV м. — дар замони Сосониён — дар давраи Шопури II дар зери роҳбарии Атурпата Мехраспандан ба таври ҷиддӣ аз нав тартиб ва таҳрир шудааст, ки «Занд Авасто» ном дорад. «Занд Авасто» мухтасар ва шарҳи «Авасто» буда, ба ҳар боби он дахл дорад.

«Авасто» ва «Занд Авасто» баъд аз истилои араб бори дуюм нобуд карда шуд ва нусхаҳои он ҳамроҳи зардуштиёние, ки исломро қабул накарда, ба Ҳиндустон ҳиҷрат карда буданд, рафт. Пайравонаш «порсиён» номида мешаванд.

Забони «Авасто»— яке аз забонҳои қадимии эронӣ буда, унсурҳои он дар забонҳои эронӣ мавҷуд аст. Қаробати забони авастоӣ бо забони қадимии ҳиндӣ, ки забони китоби ҳиндии «Регвидо» мебошад, тасдиқ шудааст. Ҳамчунин наздикии он ба забони санскрит муайян гардидааст. Инро забоншиносоии муқоисавӣ исбот кард. Хати авастоӣ ба хати санскритии мурда монанд буда, ба хонанда ва шунавандагонаш номафҳум, забони дуою фотиҳа ва ибодати зардуштӣ мебошад. Хат ва забони «Авасто» асрҳои аср фаромӯш шуда буд. Илми таърихи асрҳои миёна дар бораи он маълумоти саҳеҳи илмӣ дода наметавонист, танҳо ба тариқи афсона нақлҳо мекарданд.

Хондани хат ва забони «Авасто»-ро дар асри XVIII шарқшиноси франсавӣ Анкетиль Доперрон, ки аз Франция ба Ҳиндустон омада, урфу одат, забон ва дини зардуштиёнро омӯхта буд, кашф кард. Аммо тарҷумааш ноқис буд, зеро баъзе масъалаҳоро нафаҳмидааст.

«Авасто» ба забони санскритӣ (ҳиндӣ) шарҳ ва тарҷума шудааст. Дар асри XVIII шарқшиноси франсавии номбурда, онро ба забони франсавӣ тарҷума ва нашр кард. Бо ин восита ба забонҳои дигар, аз ҷумла, ба забони русӣ ҳам тарҷума шуда аст. «Авасто» китоби динӣ, таърихӣ, фалсафӣ, қонунҳои ҷамъи-

яти табақавии ибтидоӣ, дар арафаи аз сохти хоҷагии бодиянишинӣ ба хоҷагии муқимии деҳқонӣ гузаштан, процесси муттаҳидшавии қабилаву қавмҳои эронӣ ба вуҷуд омадааст, ки асоси идеологи ва назариявии он — ҷаҳонбинии санавия (дуалистӣ) ва дини тавҳид — якхудоӣ мебошад: Асоси муборизаи неку бад ва умеди некбинонаи ғалабаи некӣ ва рӯшноӣ аз болои бадӣ ва торикӣ мундариҷаи ғоявии ин ҷаҳонбинӣ аст.

«Авасто» аз 21 китоб иборат аст. Аммо дар натиҷаи истилои Искандари Македонӣ ва арабҳо қисми зиёди он нобуд шуда, қисмҳои хеле камаш — бештар бобҳои динӣ ва дуоҳо боқӣ мондааст.

**Таркиб ва мундариҷаи «Авасто»**

Нусхаҳои то имрӯз боқимондаи «Авасто» дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд. Нусхаи машхур ва боэътимоди Копенгаген ду варианти асосӣ дорад: Яке танҳо худи «Авасто», дигар илова бо тарҷумаву шарҳи паҳлавии он. Ин вариант ба китобҳо (21), бобҳо ва фаслҳо тақсим мешавад. Аз рӯи ҳамин вариант «Авасто» аз таркиби зерин иборат аст:

«Авасто»-и давраи Сосониҳо аз ҳозирааш хеле калон будааст. «Авасто» 21 бобро дар бар мегирифтааст, ки ҳар яке аз ин бобҳо ба фаслҳо ҷудо мешаванд. Тадқиқотчии машҳури дини зардуштӣ Э. Вехт қайд кардааст, ки ҳамаи матнҳои «Авасто»-и давраи Сосониҳо бояд аз 345 ҳазору 700 калима иборат бошад. Аммо дар айни ҳол аз ин китоб танҳо 23 ҳазор калима боқӣ мондаасту бас. Ба ибораи дигар, «Авасто»-е, ки то имрӯз омада расидааст, аз чор як ҳиссаи баъд аз Сосониҳоро ташкил мекунад, ки он аз чунин фаслҳо иборат аст:

1. Ясно (қурбонӣ ва ибодат). 2. Яшт (ситоиш ва хушгуфторӣ). 3. Виндевдат—Вандидот (қонун ба муқобили девҳо). 4. Виспарат—Виспарад (ҳукмронии мутлақ). 5. Хурд Авасто (зорию илтиҷо).

Яке аз бобҳои муҳим ва калонтарини «Авасто» «Ясно» буда, ба 72 фасл тақсим мешавад. Чунончӣ, фаслҳои 1—2 — муқаддима, 3—8 — қонуну қоидаҳои ба ҷо овардани ибодат ҳангоми қурбонӣ, 9—11 — дуову дуруд дар бораи яке аз рустаниҳои муқаддас, 12—13 — ситоиши динии зардуштӣ ва таърихи ба вуҷуд омадани дуньёву тарҷумаи ҳоли Иброҳими Зардушт, 14—53 — ситоиш, мадҳ ва ҳамду саногӯиро дарбар мегирад. Бар замми ин, аз фасли 28 то фасли 53-ро «готҳо» — сурудҳо ташкил кардаанд. Ғайр аз ин, дар фасли 16 оид ба қонунҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқи граждании ва ниҳоят дар бораи хизматчиёни ҳарбӣ, дар фасли 18-ум оид ба ҳуқуқи омма, дар бораи оиладорӣ ва монанди инҳо сухан рафтааст, фаслҳои 54—56 — шарҳи готҳоро дарбар гирифтаанд, 57—58 — сурудҳо дар бораи муждарасониҳои худои Сраоша, 59 — дар бораи тарзи аз як қисми ибодат ба қисми дигараш гузаштан, 60 — фотиҳа ва дуои хайрро дарбар мегирифтааст, ки бо он файзу неъмат оварданро талаб мекунанд. 61 дуову дуруд дар бораи аз худ дур

кардани рӯҳи бад (девҳо), 62 дуову дуруд дар бораи ситоиши оташ, 63 —68 — дуову дуруд дар бораи ситоиши об, 69 —72 — дар бораи ба охир расидани ибодат сухан меравад. Чунон ки аз мундариҷаи боби «Ясно» маълум гардид, «Авасто» танҳо китоби муқаддаси динӣ набуда, балки ҳамчун асари фалсафӣ, адабию бадеӣ ва таърихӣ низ ҳисоб меёбад. Лекин, мутаассифона, аз бобҳои дар боло зикршуда то замони мо танҳо баъзе намунаҳои он боқӣ мондаасту бас.

Фасли «Ясно» аз «Готҳо» — сурудҳо (гимнҳо)-и Зардушт пайғамбар иборат буда, манзум аст ва қисми аз ҳама қадимии «Авасто» мебошад. Ҳар яке аз ин «Готҳо» аз 3 то 9 мисраъ иборат мебошанд. Чунончӣ: 1. Готаи Ахунавати 3-мисраӣ буда, ҳар як 7—9 ҳиҷоро дар бар мегирад. 2. Готаи Уштавати 5-мисраӣ ва 4—7-ҳиҷоӣ. 3. Готаи Спентаманью — 4-мисраӣ ва 4—7 ҳиҷоӣ. 4. Готаи Ваҳуҳшатра — 3-мисравӣ ва 4—7-ҳиҷоӣ. 5. Готаи Вахиштойшти — 2-мисраӣ ва 5—7-ҳиҷоӣ.

Готҳои зикршуда аз сурудҳои муноҷот иборат буда, ҳар як пайрави дини зардушт онҳоро азьёд медонистанд. Бо ин сурудҳо онҳо аз худои адолат дархост мекарданд, ки ба бандагонаш мадад расонад. Масалан, зардуштиён ба ин мазмун сурудҳо мехондаанд:

Аз куҷо ёбам паноҳ, ту паноҳдорӣ маро,
Аз шарикон дур кардан, ту бигир дасти маро,
Не мадад аз хамкасону не тасалло аз насаб,
Не ҳимоят аз бузургон, ту худат донӣ маро;
Аз ту мепурсам мадад, эй Ҳурмузи бахту сафо.

*(Фасли 2, «Ясно», с. 46,— тарҷума аз русӣ).*

«Яшт» боби дигари «Авасто» буда, дар он ҳам «готҳо» (сурудҳо) мавҷуд аст. Ин готҳо аз дуоҳои зардуштӣ ба ситоиши худоҳо ва мӯбадони он иборат буда, дар он унсурҳои мифологи зиёдтар аст. Назар ба ақидаи зардуштӣ, рӯҳ аз ҷиҳати хислат ва вазифа гуногун аст. Дар «Яшт» мӯътабартарини онҳо ситоиш ва эҳтиром карда шудаанд. Масалан, Ҳурмуз, Амшаспанд, Аша-Ваҳишта, Хаурватат, Ардивисура—Аноҳита, Хвар-Хшайт (дар забони адабии ҳозира низ офтобро ховар мегӯянд. Номи Хуросон ҳам, аслан аз Ховаристон, аз номи худои хварна гирифта шудааст), Моҳ, Сириус, Дрваспе, Митра, Сраоша ва монанди инҳо, ки қариб аз 20-то зиёданд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими «Яшт» он аст, ки дар он дар бораи қаҳрамонӣ, мардонагии одамизод ва предметҳои ҳаёти моддӣ сухан рафта, ба эҷод шудани достонҳои қаҳрамонӣ таҳкурсии мустаҳкаме гузоштааст. Масалан, дар фасли «Замияд-Яшт» (ситоиши замин) образи Хварна — худои неъмат ва фаровонӣ бо сифатҳои хос ифода гардидааст. Хварна аз рӯи мифологияи қадим гӯё дар шаклҳои гуногун пайдо шуда, кӯшиш мекардааст, ки ба инсон фаровонӣ ато намояд. Масалан, вай гӯё дар шакли

гусфанд, моҳӣ, парранда зуру тавоно ва ғайраҳо пайдо мешудааст, беҳуда нест, ки пайравони дини зардуштӣ маҳз барои ҳурмати худои Хварна дар қасрҳо ва ибодатхонаҳо сурати ҳайвонот ва паррандагонро кашида, ҳурмати онҳоро ба ҷо меовардаанд.

Дар боби «Замияд-Яшт» мурочиати ба худои Хварна кардаи зардуштиён батафсил зикр ёфтааст, ки яке аз намунаҳои он чунин аст:

Ба Хварнаи тавонои мӯҳтарам,
Ки ӯро биёфарид Ҳурмузи доно,
Сарам паст ба бузургии ту,
Ту олими ин ҷаҳони бузург.
Туро аз хама қавию бардаму мӯҳтарам,
Туро бахри мо Ҳурмуз биёфарад.
Ҳақиқатпаноҳу саховатманду раҳнамо,
Биёфарида бахти одаму ин мулку ҷо.

*(Аз русӣ мазмунан тарҷума шудааст)*

Чуноне ки аз мазмуни ин суруд маълум мегардад, гузаштагони форсу тоҷик дар симои худои Хварна образи мифологии мусбатро нишон дода истода, ӯро ҳамчун атокунандаи бахту саодат ёдоварӣ кардаанд, ки чунин образэҷодкунӣ дар ҷамъияти дуньёи қадим ҷолиби диққат аст. Дертар дар асоси чунин образҳо шоирони форсу тоҷик достонҳо эҷод карда, онро дар симои Рустам, Баҳром, Ҷамшед ва ғайраҳо тасвир намудаанд. Чунончӣ, Фирдавсӣ пас аз мутолиаи достонҳои мифологӣ ба образи Хварна диққати ҷиддӣ дода, дар «Шоҳнома» образи Ҳушангро ба миён овардааст, ки вай ба муқобили девҳо мубориза бурда, бахту саодати инсониро дар рӯи замин муҳофизат кардааст.

Дар фасли 19-уми «Яшт бо тасвир ёфтани образи Хварна хоҳиши зардуштиён, инчунин манзараи табиат ба воситаи образи сухан хело хуб ифода гардидааст:

Эй Хварнаи бузург — осмон,
Ки набошад ба мислат ҷаҳон.
Ту ҳомии давлату амният,
Аз ту зинда гашт адолият.
Анвои неъмату ноз зи туст,
Анбӯҳи одаму паррандаҳо зи туст.
Гул дар баҳору дарахтон зи туст,
Зебоию сабзу хуррамиҳо зи туст.
Қасе, к-ӯ кунад ёд гуфтори бад,
Набинад — камолу наёбад хирад,
Ту хозиру нозирӣ ҳар замон,
Ба бадгӯиҳои замона надода амон.
Ту сар баркашию занияш ба теғ,
Зи бадгӯй натвон кунӣ теғ дареғ.

*(Аз русӣ мазмунан тарҷума шудааст)*

Аз сатрҳои боло маълум мешавад, ки одамони қадим барои бархам додани қувваҳои бад ба Хварна муроҷиат карда, аз ӯ мададу оромӣ дархост кардаанд.

Образи дигари мифологии боби «Замияд—Яшт» Тахмаурупи мебошад, ки вай бо сифатҳои мусбаташ мавқеи калон дорад. Фирдавсӣ дар асоси ин қаҳрамон образи Таҳмураси девбандро офаридааст.

Дар боби «Яшт» образи Ема низ бо сифатҳои мусбат оварда шудааст. Назар ба қайдҳои «Авасто» Ема ҳамчун ҳукмрони замин ба майдон омадааст. Ема гӯё деҳқониро инкишоф дода, фаровонӣ ва фараҳмандиро ҳукмфармо гардонидааст. Фирдавсӣ Ема (Ема Хшайта)-ро дар «Шоҳнома» бо номи дигар, яъне Ҷамшед тасвир кардааст, ки яке аз образҳои баландмартаба мебошад.

Дар фасли «Замияд-Яшт» гуфта мешавад, ки дар замони Ема обхезие ба вуҷуд меояд, ки он ҳамаи дуньёро зер мекунад. Ҳурмуз барои аз фалокат нигоҳ доштани мавҷудоти рӯи замин ба Ема мефармояд, ки бо мум ва қир пеши роҳи обро маҳкам созад. Ема аз рӯи нишондоди Ҳурмуз амал карда, ҳама гуна мавҷудотро аз фалокати обхезӣ наҷот медиҳад. Бад-ин васила гӯё дар замони Ева инсоният аз ҳама гуна гуруснагӣ ва фалокатҳо раҳо меёбад. Аммо дар ниҳояти кор Ема гуноҳе содир карда, ба таъқиби Ҳурмуз гирифтор мешавад. Дар бораи гуноҳи Ема чизе гуфта нашавад ҳам, дар фасли 8 ва 32-юми «Ясно», чунин тарғиби Ема қайд шудааст «Ема шиенг чиҳнушо аҳмакенг гаош бага Хваремно», яъне Ема гуфт: «Ҳар чизе ки ба одам хуш ояд, бояд кушт, **ҳатто говро»**. Чунин фатво шояд боиси гуноҳи Ема шуда бошад, чунки дар дини зардуштӣ **куштани моли шохдорро гуноҳи азим медонистанд.**

Дар боби «Яшт» дигар образҳо низ ҳастанд. Масалан, Трайтаон, ки дар бораи ӯ ба таври умумӣ сухан рафтааст. Ин образ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо номи Фаридун тасвир шудааст. Образи дигар дар боби «Яшт» Креасп аст, ки он дар «Шоҳнома» — бо ким-кадом сабабе истифода нагардидааст. Образи дигари ин боб Франрасьян мебошад, ки он дар «Шоҳнома» Афросиёб номида шудааст.

Ба ҳамин тариқ, боби «Яшт» дар шакли назм навишта шуда, дар он сурудҳои дорои ақидаи зардуштӣ мавҷуд аст. Илова бар ин, дар боби «Яшт» сурудҳои таърихӣ низ мавҷуданд, ки дар омӯзиши ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии он давр ба қадри имкон маълумот медиханд.

Боби дигари «Авасто» «Вандидод» мебошад ва он иловаи боби «Ясно» ҳисоб меёбад. «Вандидод» ба 22 фасл тақсим мешавад ва ҳар яке аз ин фаслҳо дорои сюжет аст. Мазмуни ин фаслҳо аз сурудҳое иборат мебошанд, ки ба муқобили девҳо равона гардидаанд. Дар «Вандидод» масъалаҳои фалсафӣ, инчунин достонҳои сюжетнок низ мавҷуданд. Масалан, фасли аввал оид ба пайдоиши замин ва 18 мамлакати қадимии қаби-

лаҳои форсу тоҷик баҳс мекунад. Фасли дуюм дар бораи ба тахт нишастани Ема, чанд фасли дигар панду ахлоқ ва ғайраҳоро дарбар мегирад. Ин боб дар шакли саволу ҷавоби Зардушт-пайғамбар бо худо — Ахура Маздо навишта шудааст. Фаслҳои гуногун масъалаҳои рӯҳи нопок — девҳоро мағлуб кардан, аз гуноҳҳо пок шудан, унсурҳои мифҳо ва афсонаҳоро дарбар мегирад. Дар ин боб масъалаҳои динӣ ва ҳуқуқӣ низ мавҷуд аст. Ин қисм пурра аз «Авасто»-и қадим аст.

Боби чоруми «Авасто» «Виспрат,», баъдҳо «Виспарад» (соҳиби кулли ҷаҳон, офаридгор) аст, ки он аз 27 фасл иборат аст. Виспарад маҷмӯи сурудҳои наъту муноҷот ба Аҳура Маздо буда, расму одатҳои дини зардуштиро низ дарбар мегирад.

Боби «Хвартак Апастак», яъне «Хурд Авасто» ном дорад. «Хурд Авасто» боби навтарини «Авасто» буда, дар он муроҷиати зардуштиён ба худои равшанӣ — Аҳура Маздо акс ёфтааст. Ин боб дар замони Сосониҳо бо супориши Шопури II (309—379 милодӣ) аз нав кор карда шудааст. «Хурд Авасто» аз матнҳои хурде иборат аст, ки дар ситоиши Офтоб, Моҳ, Вархран ва дигар худоҳову мӯбадҳо эҷод ва суруда шудааст.

Ба ҳамин тариқ, «Авасто» сарчашмаи муҳими таърихие мебошад, ки дар бораи таърихи Эрониёни Шарқӣ, яъне Осиёи Миёна, Афғонистон ва як қисми Эрон, ки бо Осиёи Миёна ҳамсоягӣ дорад, маълумот медиҳад.

«Авасто», чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, пеш аз ҳама, китоби динист, вале аз унсурҳои илмӣ ва адабӣ низ холӣ нест. Ақидаи ваҳдат — якхудоӣ, ки идеяи якподшоҳиро акс кунонидааст, пеш аз ҳама, ду мақсадро ифода менамояд: яке талаби якподшоҳӣ, ки манфиати қисми тараққипарвари синфи ҳокимро бар зидди парокандагии ин синф акс кунонидааст. Ин талаб — марказият дар ҳокимият ҳама вақт дар таърих дорои моҳияти халқӣ буда, маънои прогрессивӣ дошт. Дигаре — ғояи муттаҳид кардани қавму қабила, забонҳо, урфу одатҳо ва ба вуҷуд овардани ягонагии халқият. Талаботи якдинӣ ва якхудоӣ таърихан мусбат аст, зеро динҳои бисьёр қабилаҳо ва аз ҳам ҷудоии онҳоро барҳам дода, онҳоро ба муттаҳидӣ меорад. Таълимоти зардуштии зиндашавӣ баъд аз марг, ҳисоботи рӯзи маҳшар, ҷаннату дӯзах, пули сирот ва ғайра, ки дар «Авасто» мавҷуд аст, сустии рӯҳии оммаҳои меҳнаткашро, ки бо ин роҳ ба золимон ҷазо доданӣ шуда, худро тасалло медоданд, акс кунонидааст, вале аз ин ақидаи ғалат синфи ҳоким истифода бурдааст. Пули чинвод (пули сирот) ва азоби гузаштани он золимонро бо азоби гӯру қиёмат тарсонда, онҳоро ба адолат даъват мекард ва дар айни замон мардумро ба иҷрои урфу одатҳо тарғиб менамуд. Чӣ тавре ки дар динҳои дигар ҳам мебинем, китоби «Авасто» бо ёрии шамшер паҳн кардани ақидаи зардуштиро тарғиб карда, ба намояндагони динҳои дигар нафрат ва адоват доштанро ифода намудааст. Дар китоби «Авасто» манфиати ом-

маҳои меҳнаткаш ҳам акс ёфтааст. Масалан: аз ҳокимон адолатталабӣ, дар рӯзи қиёмат аз золимон қассос гирифтан, худоро тарафдори мазлумон тасаввур намудан ва ғайра, ки дар ҷамъияти синфӣ ба вуҷуд меояд. Дар қисми готҳо ҳокимоне, ки ба душманон ва золимон ҷазоҳои сахт додаанд, мадх карда шудаанд. Дар ин ҳолат, аз як тараф, моҳияти синфии ҳокимонро нафаҳмидан, аз тарафи дигар, ба ҳокимон ва ҳокимият аз нуқтаи назари ҷамъияти бесинф ва халқӣ нигоҳ кардан акс ёфтааст.

Фаслҳои аввали «Виндеват» ба деҳқонӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ бахшида шудааст ва ин гурӯҳи одамон тавсиф, бодиянишинони ғоратгар сарзаниш карда шудаанд. Аз ин мазмун фаҳмидан душвор нест, ки дини зардуштӣ ва китоби он дар давраи аз зиндагонии бодиянишинӣ ба ҳаёти муқимӣ гузаштан, ки дар он вақт системаи хоҷагии прогрессивӣ буд, ба вуҷуд омадааст. Дар фасли аввали «Виндеват» дар бораи 16 мамлакати серҳосил (аксарият дар Осиёи Миёна мавҷуданд), ки офаридаи Аҳура Маздо ва мифи Ема (Ҷамшед) мебошад, ки ҷаҳонро се баробар васеъ карда, деҳқонӣ, боғдорӣ ва чорвопарвариро тараққӣ додааст, барои инсонҳо шароити маданӣ ба вуҷуд овардааст, сухан меравад. Фикрҳо дар бораи обод кардани замин, деҳқонӣ, чорвопарварӣ ва боғдорӣ, сохтани манзилҳо, ташкили оила дар саволу ҷавоби Зардушт ва Аҳура Маздо, яъне меъроҷи Зардушт ифода ёфтааст:

**Саволи Зардушт:** «Аз ту мепурсам, ба ростӣ ба ман бифармо, эй парвардигори олами ҷисмонӣ, Аҳура Маздо, куҷост он макони дигар, ки боиси шодӣ ва зебоии замин гардидааст?»

**Ҷавоби Аҳура Маздо:** «Ин гуна ҷой ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан, оташкада ва барои ҳайвонот ҷое сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои дастаи ҷангии нағз бошанд. Он вақт дар макони онҳо ҳайвоноти бисьёр, хайру баракат, чарогоҳ, зан, ҷавонмардон ва ҳама гуна нозу неъмат муҳайё хоҳад шуд».

Аз ин ҷавоб фаҳмидан душвор нест, ки дини зардуштӣ ва китоби он «Авасто» мардумро ба маданияти муқимии инсонҳо даъват менамояд. Аз ин рӯ, ба ин гуна ҷойҳо ва одамони он мадҳу сано гуфтааст. Масалан, он ҷо, муборак ва муқаддас аст, ки дар он «аз ҳама бисьёртар ғалла, алаф ва дарахтони мевадор рӯёнида шуда, заминҳои хушк обьёрӣ ва ботлоқҳо ба киштзор мубаддал карда шудаанд». «Замин ба он касе, ки дар вай бо дасти чапу рост ва бо ҳар ду дасти худ кор мекунад, монанди дилбари ҷавонест, ки дар хобгоҳи зинат додашуда нишаста барои дилдодаи худ фарзанд ва сарват меоварад». «Он касе, ки ғалла мекорад, кори муқаддасе ба ҷо овардааст».

Меҳнат ва ҳосили он ҳамчун кори хайр ба девон ва кори бади онҳо зид гузошта шудааст: «Ҳангоме ки ғалла аз замин сар мекашад, девҳо ба нола медароянд, вақте ки ғалларо мекӯбанд, девҳо дар роҳи гурез меафтанд, вақте ки онро хамир ме-

кунанд, девҳо маҳв мешаванд. Фаровонии ғалла девҳоро ҳамчунон мегурезонад, ки гӯё бо оҳани тафсон ба лаби онҳо зада бошанд».

Таълимоти зардуштӣ на танҳо ҳаёти осоиштаи деҳқонон, боғпарварон ва чорводорон, балки қаҳрамонии ин мардумро ба муқобили девон — эрониёни бодиянишин, ки дар қисмати шимолии Осиёи Миёна буданд ва бо мардуми ҳаёти муқимӣ ҷангҳои сахт доштанд, низ акс кунонидааст. Дар «Авасто» онҳо ахримани номида шудаанд, ки мулкашон дар шимол аст. Дар замони пайдоиш ва акнун паҳн шуда истодани оини зардуштӣ подшоҳи эрониёни шимолӣ Арҷосп (забткунандаи асп) пешвои аҳримани номида шудааст.

Дар «Авасто» дар бораи «саома» ва ё «ҳаома» ном гиёҳи муқаддас ва мӯъҷизанок низ сухан рафтааст, ки он оварандаи хайру барака, ба паҳлавонон қувватдиҳанда, ба занон фарзандҳои хуб бахшанда аст.

Асоси назариявии таълимоти фалсафаи «Авасто» ба назарияи дуалистии (санавияи) аз ду қувва — неку бад иборат будани дуньёи моддӣ ва мубориза онҳо иборат аст, ки офаридаи Аҳура Маздо мебошад. Ҳамаи тазодҳои олам — марг—зиндагӣ, гармӣ—сардӣ, равшанӣ—торикӣ, фаровонӣ—қаҳтӣ ва ғайра зуҳуроти он аст.

**Аҳамияти таърихӣ ва маърифатии «Авасто»**

Чӣ тавре ки аз маълумотҳои таърихӣ ва географии «Авасто» маълум шуд, ин китоб дар бораи халқҳои қадимии Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, ватани қадими эрониён, ҷойҳои пайдоиш ва паҳншавии дини зардуштӣ, урфу одат, тарзи ҳаёти хоҷагӣ, маданӣ, муборизаҳои озодихоҳии халқ, касбу кор, ҳунарҳо, дӯсту душманони ватан, табиат ва иқлим, ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар ва халқ маълумоти қиматбаҳое медиҳад. Аз китоби мазкур ҳолати харобшавии ҷамъияти ибтидоии қабилавӣ, пайдо шуда истодани ҷамъияти ғуломдорӣ ва феодалии якподшоҳӣ, ки таърихан прогрессивӣ буд, ҳамчунин процесси аз зиндагонии бодиянишинӣ ба ҳаёти муқимӣ гузаштани қавмҳои гуногуни эронӣ, кӯшишҳои заминҳои хушкро обьёрӣ кардан, ботлоқҳоро хушк карда ба замини зироат мубаддал намудан, обьёрии сунъӣ, зиёд кардани чарогоҳҳо, фаровон намудани чорво ва маҳсули меҳнати зироат, масъалаҳои мудофиаи ватан ва ғайра, ки ҳоло ҳам давом дорад, мушоҳида мешавад. Вай муборизаи қувваҳои неку бади ҷамъияту табиатро нишон дода, ба ғалабаи некиҳо, ки идеали инсони тараққипарвар мебошад, акс кунонидааст. Ин китоб бо услуби хос ва ҷаҳонбинии худ образи одамони неки ҷамъият — оммаҳои меҳнаткаш ва ҷанговарони қаҳрамони мудофиакунандаи одамони нек ва ҳаёти осоиштаи онҳо, ҳамчунин образи одамони бади ба ҷамъият зарароварро ба вуҷуд овардааст.

Агар аз таълимоти зардуштӣ моҳият ва ниқоби динӣ хориҷ карда шавад, бисьёртар маълумот дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ, ма-

данӣ ва иқтисодии мардуми асрҳои пеш аз милодӣ боқӣ мемонад, ки аҳамияти калони маърифатӣ дорад. Аз «Авасто» дар бораи ҷаҳонбинии фалсафӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, илмҳои космология, ҳайат, тиб, география, ҳунар ва маъданобкунию заргарии он замон маълумоти қиматбаҳое гирифтан мумкин аст.

Бо вуҷуди инҳо, дини зардуштӣ ҳам мисли ҳамаи динҳо дорои тарзи тафаккури фантастики буда дар бисьёр мавридҳо дуньёро ғалат маънидод мекунад ва асосан ба фоидаи синфи ҳоким хизмат мекард.

**Қимати адабии «Авасто»**

«Авасто» аз бисьёр ҷиҳатҳо қимати адаби ва бадеӣ ҳам дорад. Аввало ин китоб маҷмӯи як қисм сурудҳо ва достону афсонаҳои мифологӣ буда, дар бораи онҳо маълумот додааст. Дар «Авасто» образэҷодкунӣ, тафаккури бадеӣ, шаклҳои шеърӣ мушоҳида мешавад ва ақидаи ғалати олимони давраи исломии арабро, ки пеш аз ислом дар Эрон ва Осиёи Миёна шеър набуд, мегуфтанд, рад мекунанд. Дар «Авасто» забони образноки бадеӣ, воситаҳои тасвир ва образҳои персонажи инсонҳо, образҳои тамсилӣ, маҷозӣ ва мифологӣ мушоҳида мешавад. Вай як навъ маҷмӯи ёдгориҳои фольклори қадим мебошад, ки дар онҳо персонажҳои Қаюмарс, Йима ё ки Ҷамшед, Гаршосп, Гуштосп, Арҷосп, образи манфии девон ва Аҳриман ҷолиби диққат аст. Сурудҳои готҳо мавҷудияти шеъри қадим, шакли мураббаъ ва вазни ҳиҷоии онро исбот кард: Шеърҳои Яшт бештар 8, баъзан аз 10—12 ҳиҷо иборат аст:

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Йи, | ма, | ҳё, | хшат, | рё, | зур, | ва, | хе=8 |
| Ноид, | ао, | тём, | аон, | ҳа, | ноид, | гарё, | мём=8 |
| Ноид, | заур, | ва, | аах, | ҳа, | ноид, | мерёт, | йуш=8 |
| Ноид, | а, | рас, | ко, | даё, | во, | да, | то=8 |

*(Ясна, IX, фиқраи 5)*

Тарҷумаи таҳтуллафз:

Дар давраи Йимаи ҳукмрон боқудрат намешуд,
На хунуки сахт ,на гармои сӯзон, на офат,
Дар он на пирӣ буду на мурдан,
Ва на рашку ҳасаде, ки дев ба вуҷуд овардааст.

Дар шеърҳои авастоӣ ғайр аз ҳиҷо, зада мавқеи муайяне дорад. Ҷои қофия дар охири мисраъ шарт нест. Дар аввалу миёна ҳам меояд. Дар вай санъати такрор ба назар мерасад. Ин хусусият дар шеъри давраи форсӣ-тоҷикии нав ҳам дида мешавад, ки алоқаи бо шеъри қадимдоштаи онро нишон медиҳад.

Ба ҳамин тариқ, «Авасто» на танҳо китоби динӣ, балки намунаи шеъри қадим, маҷмӯаи суруд ва мифҳо, афсонаҳо, китоби таърих, фалсафа, илм, хату забон ва маданияти қадимии халқҳои форсу тоҷик низ мебошад.

**Ёдгории хаттии суғдӣ**

Баъзе аз ёдгориҳои суғдӣ характери тарҷумаи ҳолӣ доранд, баъзеашон ҳуҷҷатҳои расмианд. Яке аз онҳо тарҷумаи ҳикояте бо мазмуни буддоӣ аст, ки ҷолиби диққат мебошад. Маънои буддоӣ дар «Авасто» ба шакли «бути» ё «будӣ» вомехӯрад, ки дар он ба муборизаи зардуштӣ бо буддоӣ ишорат рафтааст.

Буддо дар асри III п. аз м. дар Осиёи Миёна таъсир гузаронидааст. Дар асри I давраи милод, дар замони Кӯшониҳо, ба Осиёи Миёна паҳн шудани маслаки буддоӣ факти таърих аст ва матнҳои он чи аз хитоӣ ва чи аз ҳиндӣ тарҷума шудааст. Матнҳои суғдии буддоӣ ба масъалаҳои ахлоқ бахшида шудааст. Масалан, «абхидхарма» маҷмӯи догмаҳои динист. Ҷатакҳо ҳикояҳои фантастикӣ буда, дар бораи бодисатваҳо, ки чӣ тавр мартабаи буддоиро ба даст овардаанд, нақл менамоянд. Онҳо маҷмӯаи пандҳо, афсонаҳо ва ҳикояҳо буда, бо эҷодиёти даҳонакии халқ алоқаи зич доранд ва дар бисьёр лаҳзаҳо лавҳаи зинда ва равшани ҳаётро акс кунонидаанд.

Яке аз матнҳои суғдӣ, ки мазмуни буддоӣ дорад ва дар он қонунҳои буддоиро тарҷума кардаанд, «Вессантра жатака» мебошад, ки аз 1513 сатр иборат мебошад. Дар он истилоҳоти буддоӣ бо транскрипцияи санскритӣ дода шудааст ва дар матни он калимаҳои ҷудогонаи юнонӣ во мехӯрад.

Саҳифаи аввал ва охири дастнавис гум шудааст. Аз рафти сухан маълум аст, ки саҳифаи аввали жатака аз афсона оғоз ёфтааст:

Подшоҳи кишвари Шивагхоша Шива фарзанд надошт. Вай ба худо саҷда ва тоату ибодати беҳисоб мекард, то ки худо ба ӯ фарзанд диҳад. Худо фарзанд дод, номи ӯро Судашан гузоштанд. Дар ин қисса дар бораи тарзи тарбия ва ба воя расидани Судашан, ба Мандра ном духтари зебо хонадор шудани ӯ, ду фарзанд дидани вай яке бо номи Каршнаян (писар) ва дигаре Ҷолин (духтар) сухан рафтааст. Боре шоҳзода аз қаср баромада гурӯҳи гадоёнеро дид ва бисьёр ғамгин шуд. Вай бо рухсати падараш ҳар чӣ онҳо мехостанд, дод. Ӯ ҳамаи чизҳоро, ба ғайр аз Раҷаварта ном фили сафеди подшоҳӣ, ки шаш хусусияти қиматбаҳо дошт, бахшида метавонист. Шоҳзода муддатҳои зиёде ба камбағалон бахшиш ва саховат кард. Овози саховати ӯ дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Боре, вақте ки ӯ аз қаср ба ҷое мерафт, ба барҳманҳо вохӯрд, ки аз ҳазорҳо фарсах роҳ омада буданд ва бахшидани маҳз ҳамон филро мехостанд, ки падараш манъ карда буд. Вай намехост хоҳиши мусофиронро рад намояд ва ҷуръат ҳам намекард, ки аз фармони падараш даст кашад. Ӯ барои зоҳиран худро сахӣ нишон додан, вале аз фармони падар нагаштан ва мусофиронро (бараҳманҳо) фиреб додан онҳоро ба филхона овард ва гумон дошт, ки онҳо филро фарқ накарда, яке аз онҳоро мегиранд. Аммо бараҳманҳо дониши ботинӣ доштанд, бо роҳи ҷодугӣ зуд фили даркорӣ Раҷа-

вартаро шинохта гирифтанд. Шоҳзода маҷбур шуд, ки онро ба мусофирон диҳад.

Подшоҳ Шива аз ин воқеа ғазаболуд шуда, маслиҳатчиҳояшро даъват кард, то ки ба кадом ҷазо маҳкум кардани писарашро муайян кунанд. Онҳо сахттарин ва даҳшатноктарин ҷазоро маслиҳат доданд, аммо Шива бо маслиҳати яке аз амалдорҳои раҳмдил писарашро ба кӯҳу биёбони Дандарак бадарға мекунад, ки дар он ҷо ҳайвонҳои дарранда ва шайтонҳо зиндагӣ мекарданд. Зани шоҳзода талаб мекунад, ки шавҳараш ӯро бо фарзандонаш ҳамроҳи худ гирад. Судашан ӯро манъ мекунад ва бо азобҳое, ки ба сараш меояду бояд вай шарик шавад, метарсонад. Аммо занаш арз мекунад, ки агар ӯро ҳамроҳаш нагирад, худро ҳалок мекунад, бачаҳои сағирмонда мемуранд ва ба ин тариқ, Судашан гунаҳкор ва сабабгори мурдани се кас мешавад. Шоҳзода маҷбур шуд, ки розӣ шавад. Вай оилаашро ба ароба бор кард, амалдори раҳмдили ба ӯ тарафгирикарда ба Шоҳзода як дона гули тиллоӣ дод, ки ҳазор сатател вазн дошт. Вай байрақи тиллоиеро, ки бо ҳафт санги қиматбаҳо зинат дода шуда буд, ба ароба маҳкам баста, аробаро бо захираи даҳсола хӯрок ва либос пур карда, баъд аз видои ботантана бо гирьяву нола ба роҳ даромад.

Вақте ки аз манзил дур рафтанд, ба бараҳмане вохӯрданд. Ӯ гуфт: шаҳри Шивагҳоша ба назди шоҳзодае рафта истодааст, ки дар саховат аз ҳеҷ чиз даст намекашад. Судашан саргузашти худро ба бараҳман мегӯяд. Вай аз ҳолати вазнини шоҳзода, ки дигар ҳеҷ чиз саховат карда наметавонад, ба замин афтида гирьяву нола мекунад. Судашан барои он ки ӯро ором кунад, гули тиллоии худро медиҳад ва ба ӯ орзӯи худро мегӯяд: Азбаски ӯ дар саховат аз ҳеҷ чиз даст намекашид, пушаймон намешуд, мехост дар оянда дар симои буддо таҷассум ёбад. Судашан боз ҳам роҳ мегардад ва ҳар замон ба бараҳманҳои нав ба нав дучор мешавад, ки аз роҳҳои дур бо нияти гирифтани садақа ва ҳадьяи қиматбаҳо меомаданд. Шоҳзода дар роҳ камкам ҳамаи чизҳояш, либос, асп — ҳатто аробаашро, ки савори он буд, ба одамони мӯҳтоҷ мебахшад. Вай бо зану бачаҳояш пиёда аз саҳрои мудҳиш мегузарад. Пояшон то устухонашон ҷароҳатнок мешавад. Онҳо дараҷаи пурраи беҳолӣ ва бедармонӣ мерасанд. Худои олӣ азобҳои онҳоро дида ба шакли мӯйсафеди бузургвор даромада, ба наздашон меояд.

Худо барои Судашан шаҳри бузурге, ки дорои қасрҳову хизматгорҳост, ба вуҷуд меорад. Мусофиронро хилъати илоҳӣ мепӯшонад ва онҳо як ҳафтаи пурра дам мегиранд, аммо рӯзи ҳаштум Шоҳзода ба ҳомии худ мегӯяд: «Падарам ба ман фармон додааст, ки ба кӯҳи Дандарак равам, ман фармони ӯро ба ҷо наоварда наметавонам. Иҷозат деҳ, ки роҳи худро давом диҳам, бузургии падарам аз нофармонии ман халалпазир нашавад». Мусофирон ба роҳ даромада, ба ақиби худ менигаранд, танҳо саҳрову биёбон ва хорҳои онро мебинанд.

Мусофирон дар кӯҳи Дандарак дарвешеро мебинанд, ки онҳоро ба кулбаи худ даъват мекунад. Судашан аз химчаҳо барои худ ҳамон тавр кулба месозад ва онҳо дар он ҷо баргҳо, алафҳо ва меваҳои ёбоӣ хӯрда зиндагӣ мекунанд. Ҳайвонҳои ваҳшӣ ба кулбаи ӯ даромада пойҳои Судашанро мелесанд. Боре у дар вақти ба меваѓундорӣ рафтани занаш ду фарзанди худро ба бараҳмане, ки ба кулбаи вай омада буд, ҳадья мекунад.

Вақте ки бараҳман фарзандони ӯро бурд, замин шаш бор ларзид, обҳои уқьёнуси бузург ҷӯшид ва худоҳо дар манзилҳои осмонии худ ба Судашан шаъну шараф гуфтанд. Зани шоҳзода аз гум кардани фарзандҳояш ба ғазабу ҳаяҷон меояд, вале баъд таскин меёбад.

Худои олӣ барои фаҳмидани он, ки бахшиши Шоҳзода ҳад дорад ё не, ба шакли бараҳмани нафратоваре даромада ба назди ӯ меояд ва аз вай занашро талаб мекунад. Судашан аз занаш маслиҳат мепурсад. Вай ҷавоб медиҳад: модоме ки ӯ фарзандонашро дареғ надошт, бигзор занашро ҳам бахшад. Шоҳзода аз дасти занаш дошта, ӯро ба барҳман медиҳад. Аммо вай ӯро намебарад, балки ба худи шаҳзода бармегардонад, то ки вайро то боз омаданаш муддате нигоҳ дорад.

Дар ин муддат бараҳмане, ки бачаҳоро гирифта буд, гирди ҷаҳонро сайр карда, дар фикри фурӯхтани онҳо шуд. Аммо онҳоро ҳеҷ кас намехарид, зеро харобу адову ҷабрдида буданд. Бараҳман бо бачаҳо тасодуфан ба шаҳри Шивагхоша меравад. Дар он ҷо онҳоро амалдори некӯкор мешиносад ва ба бобояшон хабар медиҳад, ӯ аз хурсандӣ аз тахташ меафтад. Шоҳ Шива мехоҳад, ки бачаҳоро гирад, вале бачаҳо аз вай хоҳиш мекунанд, ки онҳоро аз бараҳман муфт не, балки ба андозаи талаби ӯ харида гирад. Бараҳман пай бурд, ки аз ин муомила хеле баҳраманд шудан мумкин аст, бинобар ин хазор барзагови ахта талаб кард. Бачаҳо ба бобояшон нақл мекунанд, ки падару модарашон дар чӣ ҳоли сахтӣ дар кӯҳи Дандарак зиндагӣ мекунанд. Подшоҳи ба ҳаяҷономада ба он ҷо саворони худро фиристода, ба писараш фармон медиҳад, ки баргардад. Аммо шоҳзода ҷавоб медиҳад: «Ба ман фармон шудааст, ки дар ин ҷо даҳ сол истам, ҳол он ки акнун шаш сол гузашт. Ман ҳоло баргашта наметавонам. Он гоҳ подшоҳ барои онҳо як гурӯҳ вакилонро бо аспҳо, филҳо, либосҳои зебо ва чизҳои қиматбаҳо мефиристад. Танҳо баъд аз ин, Судашан розӣ мешавад, ки баргардад. Падараш тахтро ба вай дода, ба ӯ иҷозат медиҳад, ки чӣ қадар хоҳад, ҳадьяву бахшиш кунад.

Дар ин ҳикоят, чӣ тавре ки анъанаи жанри ҷатаки аст, Буддо ба шогирди дӯстдоштаи худ Ананде гуфтааст, ки ин ҳама бахшишҳо кам аст, худи ӯ аз ин зиёдашро додааст. Баъд Буддо ба Ананде нақл мекунад, ки худи ӯ дар яке аз шаклҳои пешинаи таҷассумьёбиаш бо Судашан якҷоя буд, Мандра зани имрӯзаи ӯ Ашодхара, он ҳама ҳайвонҳои дастомӯз шогирдонеанд, ки дар гирди ваянд.

Ҳар чанд ки аввалу охири ин ҳикоя каме гум шудааст, вале пуррагии сюжет ва мундариҷаи ғоявии он асосан нигоҳ дошта шудааст. Бо вуҷуди як андоза соддалавҳона будан, ҳикояи мазкур санъат ва маҳорати муайяне дорад. Агар лаҳзаҳои такрори ҳикоя (бараҳмани якуми ба назди Судашан омадагӣ аз сад фарсах, сеюм аз сесад фарсах ва ғайраро мустасно кунем, ривояти нависандаи асар хеле ҷондор ва серҳаракат аст*.

Ғояи асосии ҳикоят ва қаҳрамонҳои он, ки ба тавсиф ва таҷассуми некхоҳӣ, роҳатрасонӣ, ёрӣ ба дарвешон бахшида шудааст, ахлоқи некӯро тарғиб менамоянд. Нависандаи асар бахшиш ва ҳадьяро аз подшоҳон ва соҳибнеъматон зарур дониста аст, зеро дарвешон (бараҳманҳо) чизи мебахшидагӣ надоранд. Дар образи шоҳ Шива танқиди хасосат (фармони ғайриодилона ва пушаймонӣ аз он), дар образи амалдори некӯкор ва раҳмдил ақидаи дар байни ҳокимон мавҷуд будани одамони некӯхисол, дар образи маслиҳатчиёни шоҳ гурӯҳи «хӯш-лаббайгӯйҳо», ки андешаву мулоҳизаи солим надоранд, дар образи Шоҳзода ва зани ӯ садоқат ба хайру саховат, иродаи маҳкам, вафодорӣ, устуворӣ, некбинӣ, дар образи бараҳмани барои ду бача ҳазор барзагов гирифтагӣ хислатҳои ҳирс ва тамаъ ва ғайра инъикос ёфтааст. Ҳар чанд ки ҳикоя лаҳзаҳои динию афсонавӣ (ёрии Буддо ба Судашан) дорад, вале мундариҷаи он ба тавсифи ахлоқи нек — бахшиш, саховат, олиҳимматӣ ва худқурбонкунӣ дар роҳи халқи бенаво равона карда шудааст. Мундариҷаи ғоявии ҳикоя моҳияти халқӣ дорад ва ғояи аз синфи ҳоким талаби саховати моддӣ доштанро, ки рафтори дарвешона ва оҷизонаи халқ аст, акс кунонидааст ва он минбаъд дар адабиёти китобатӣ ва фольклор ҳам инкишоф ёфтааст.

Аз рӯи қайди профессор Е. Э. Бертельс, дар матни суғдии ҳикояти боло ҳамаи истилоҳҳои буддоӣ дар шакли транскрипцияаш нигоҳ дошта шудааст. Дар айни замон ба ҷои номи ҳиндии худои Браҳма дар ҳамаи матн **зрв** гузошта шудааст, ки маънои худои қадимии зардуштӣ «Зрвон» (замони беинтиҳо)-ро ифода менамояд. Ин ном дар матнҳои монигӣ ҳам ҳаст. Аз ин факт дар ин давр дар байни халқҳои қадимии Осиёи Миёна хеле зиёд паҳн шудани парастиши Зарвонро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар матни ҷатаки ба ҷои калимаи тоҷикии «тоҷ», калимаи «дидшх» дар шакли транскрипция нигоҳ дошта шудааст, ки калимаи юнонии «диадема»-ро ифода менамояд ва онро Фирдавсӣ дар шакли «деҳим» кор фармудааст.

Матни дигари буддоӣ дар забони суғдӣ «Сабаби сутра ва оқибати амалиёт» аст. Ин матн қонунҳои буддӣ «Қарми» (мукофоти амал)-ро хеле оддӣ накл менамояд. Сутра аз саволҳои Ананда ба Буддо, ки ҷаро одамон ҳам дар қиёфаи зоҳирӣ ва ҳам аҳволи иҷтимоӣ ва давоми умрашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, оғоз

---

* *Б. Э. Бертельс.* Нақл аз китоби «История персидско-таджикской литературы», с. 69—71.

ёфтааст. Буддо ба ин саволҳо ҷавобҳои хеле пурра ва ҳаматарафа дода, ҳамаи хусусиятҳои инсониро аз хулқу атвори гузаштаи ӯ эзоҳ додааст. Масалан, ҳар кас босабр бошад, зебо, ҳар кас хашмгин ва сабук бошад, бадафт таваллуд меёбад. Баъд аз ин, қайди ҳамин гуна фикрҳои дуру дарози бетартиб меояд. Баъзан нияти тартибдиҳандагони сутра хеле равшан намоён аст. Масалан, ҳар кас ки ба рӯҳониёни буддой беҳурматӣ ва беодобӣ кунад, албатта, дар ягон шакли нобоб таваллуд меёбад. Ҳар кас меваи боғи онҳоро дуздад, дар шакли ҳашароти дар ифлосиҳо зиндагикунанда таваллуд меёбад, ҳар кас чизи онҳоро дуздад, дар шакли барзагов, хар ва санги осиё таваллуд мешавад ва ғ.

Дар сутра мукофоти амал хеле соддалавҳона маънидод карда мешавад. Дӯстдори шикор бояд шағол ё гург таваллуд шавад. Зулмкунанда ва ғоратгари либоси одамон бояд як муддат дар дӯзахи яхин ва занҷири чархи бофандагӣ истиқомат кунад: ӯро, албатта, меҷӯшонанд ва луч мекунанд. Дар баъзе лаҳзаҳо байни ахлоқи инсон ва мукофоти амал ҳеҷ гуна алоқаи мантиқӣ дида намешавад.

Аҳамияти матни сутра аз ҷиҳати лексикӣ хеле калон аст, зеро дар он миқдори зиёди калимаҳоеро дидан мумкин аст, ки соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, махсусан, нуқсонҳо, бемориҳо ва айбҳоро акс кунонидааст.

Қиммати бадеии матнҳои буддоии забони суғдӣ баланд нест.

Агар тарҷума будани он матнҳоро ба ҳисоб гирем, масъала боз ҳам равшантар мешавад. Ин тарҷумаҳо дар назди тарҷумонии суғдӣ вазифаи ҷиддии тараққӣ додани забони модарии худ ва ба дараҷаи забони адабии қадимии Ҳинд — санскрит бардоштани онро гузоштааст.

Дар забони суғдӣ, дар қатори матнҳои буддой, матни адабии христианӣ ва монигӣ ҳам ҳаст. Дар ҳар се матн ҳам забон як хел аст*.

**Осори хаттии даврари парфиёнӣ**

Аз осори адабӣ-хаттии давраи парфиёнӣ «Аяткори Зарерон» хеле ҷолиби диққат аст. Ин асарро бори аввал дар соли 1890 эроншиноси Франция Э. Бенвенист нашр кардааст. Вай баъд аз тадқиқоти ҷиддӣ ба хулосае омадааст, ки ин асар аввал достон буда, дар замони сулолаи аршакиҳо (ашкониён — асрҳои III то ва III баъд аз милод) эҷод шудааст, вале баъдтар ба дасти рунавискунандаи бехабар аз сохти шеърии қадим ба наср гаштааст, аз ин рӯ, матн ва мисраъҳо вайрон гардида ба он иловаҳо карда шудааст. Агар кас бодиққат он иловаҳоро берун кунад, мисраъҳои аслии шашҳиҷогии қадим боқӣ мемонад. Ба ҳамин тариқ, кори тадқиқӣ ва матншиносии Э. Бенвенист асари адабии аввалини нисбатан калонҳаҷми форсӣ-тоҷикии давраи миёнаро дод. Ин асар аввалан исбот кард, ки ваз-

* Накл аз асари номбаршуда.

наш ҳиҷо буда, дар фольклори халқҳои хеле зиёди эронӣ нигоҳ дошта шудааст. Асари мазкур ҳам монанди шеърҳои «Авасто» қофия надорад, вале аз сабаби хусусияти аналитикии забони форсӣ ҷо-ҷо қофия — ҳамоҳангии калимаҳо худ аз худ пайдо мешавад. Масалан:

Ӯ пас он тахм спахпат
Так Зарēр чегон дит
Ку шах вишдак бӯт
Андарон андар шут.

Мазмунаш:

Баъд аз он ки спаҳбади шуҷоъ—
Паҳлавон Зарерро дид,
Ки шоҳ девона буд,
Ба андаруни оромгоҳ шуд.

Дар ин мисол калимаҳои охири мисраъ — дит (дид,) бӯт (буд) ва шут (шуд) на барои қофия омадааст, балки рафти ҷумлаҳои шеър аст. Мувофиқи талаби синтаксис мумкин аст, ки ҳамин тавр тақсим кардан ва ҷобаҷогузории калимаҳо оҳангеро ба вуҷуд меорад, ки қувваи таъсири маънавӣ дорад, бинобар ин, шоир мумкин аст, ки ҳамин тавр сохтро, ки қофияро ба вуҷуд меорад, қасдан дохил карда бошад.

(У) абак — тан дахēм
Вас зарр (у) вас саēм
У вас асп (е) нēвак
Ӯ гаҳ шаҳрдарих.

Мазмунаш:

Он вақт мо ба шумо медиҳем
Бисьёр зар ва нуқра
Ва бисьёр аспҳои нағз
Ва бисьёр тахтҳои подшоҳӣ.

Дар ин мисол «дахēм» (медиҳам) ва «саēм» (симҳо — нуқраҳо) на тасодуфӣ, балки барои ҳамоҳангӣ, қофиянокӣ омадааст. Пас, баъд аз истилои араб ба адабиёти забони дарӣ аз адабиёти араб дохил шудани тарзи қофиясозиро на ҳамчун ҳодисаи механикии тасвир, балки қувваи ёридиҳанда ба процесси аз нимқофиядорӣ ба қофиядорӣ гузаштан маънидод намудан ба ҳақиқати илмӣ ва таърихӣ мувофиқ аст, зеро дар матнҳои мазкур ҳам қофиянокии механикӣ ва ҳам кӯшишҳои қофиясозӣ мушоҳида мешавад. Қофиянокӣ дар шеъри халқии тоҷикӣ на аз шеъри арабӣ, ки ба халқ мафҳум набуд, балки аз ҷараёни тадриҷии қонунияти худи ҳамон забон ва адабиёт ба вуҷуд омадааст.

Оғози достони «Аяткори Зарерон» боқӣ намондааст. Тахмин

мекунанд, ки бояд аз нақли дини зардуштиро чӣ тавр қабул кардани подшоҳи Балх Виштосп сар шуда бошад. Баъд аз ин, дар нақл гуфта мешавад, ки подшоҳи бодиянишинони тӯронӣ Арҷосп, ки душмани Виштосп буд, ба назди ӯ сафири худро фиристод. Сипас, таҳдидҳои Арҷосп нақл ёфтааст, ки «агар Виштосп таклифҳои Арҷоспро қабул накунад, лашкари бузургеро мефиристонад, ки ҳамаи кабудиҳоро мехӯранд, ҳамаи хушкиҳоро месӯзонанд, хамаи чорвоҳову дупоҳоро мебаранд, онҳоро ба ғуломӣ мегиранд ва маҷбур мекунанд, ки корҳои вазнинро ба ҷо оранд». Виштосп ин дӯғу таҳдидҳоро шунида дудила мешавад, вале Зарири паҳлавон зуд ба пеш медарояд ва рухсат мепурсад, ки ба мактуби таҳдидомези ӯ чунин ҷавоб гӯяд:

Дар назди бешаи Сафед
Ба Марви зардуштӣ,
Ки на кӯҳ ҳасту на дарьё,
Дар ҳамон тахтзамини Хамун,
Ки дар он ҷо аспҳо метавонанд гурезанд,
Шумо ба он ҷо аз он тараф меоед,
Вале мо аз ин тараф меоем.
Шумо моро мебинед,
Мо шуморо мебинем
Ва он гоҳ мо ба шумо нишон медиҳем, ки
Девро чӣ тавр мекушанд.

Сафир чунин ҷавоби хаттиро гирифта меравад. Виштосп фармон медиҳад, ки дар кӯҳҳо оташи огоҳӣ (сигнал)-ро афрӯзанд ва дар ҳамаи мамлакат эълон кунанд, ки бигзор ҳамаи муғон оташи Баҳромро нигаҳбонӣ кунанд ва намоз хонанд, вале ҳамаи мардон аз даҳ то ҳаштодсола дар моҳи дуюм дар назди қасри Виштосп ҷамъ шаванд. Ҳар кас наояд, овехта мешавад. Лашкари бузурге бо филу уштуру аробаҳо ҷамъ мешавад, ки ғулғулаи он то осмон рафта мерасад:

Ғулғула то худи осмон,
Садои по то дӯзах мерасид.
Онҳо роҳҳоро таги по мекарданд,
Обро лой менамуданд,
Ҳамин тавр як моҳ
Обро хӯрдан мумкин набуд,
Рӯзона (аз чанг) рӯшноӣ набуд.

Паррандаҳо куҷо нишастанашонро намедонистанд:

Ба ғайр аз гӯши асп,
Ё нӯги найзаи тез,
Ё дар қуллаҳои баланди кӯҳсор
Рузро аз шаб фарқ кардан мумкин набуд.

Ин тасвири муболиғавии ҳаракати лашкар, ки хеле ҷолиби диққат аст, дар «Шоҳнома» ва «Абӯмуслимнома» во мехӯрад. Дар қасидаҳои хеле зиёди давраи адабиёти дарӣ тайёрии ҷанги

подшоҳон ҳамин тавр тасвир меёбад. Ин фикр аз араб омадани қасидаро инкор карда, анъанаи онро ба фольклори тоҷику форс бурда мерасонад. Баъд тасвири тайёрии ҷанг карда мешавад, бо супориши Виштосп Зарер аз ароба фаромада фармон медиҳад, ки ӯрдугоҳ созанд. Он гоҳ:

Ҷангу дуд, туман нишастанд,
Ситораҳову моҳ (аз нав) намудор шуданд.

Чодари подшоҳиро мезананд, Виштосп дар он ба тахт менишинад ва мефармояд, ки Ҷомоспи хирадмандро даъват кунанд ва ба ӯ мегӯяд:

Ту медонӣ,
Қай борон меборад.
Чанд қатра ба замин мечакад,
Ва чанд чакра ба болои чакра.
Қай алафҳо мешукуфанд
Кадом гул рӯзона.
Кадомаш шабона.
Ту абрҳоро ҳам медонӣ,
Чӣ гуна обро мебарад.
Гӯй, ки фардо чӣ мешавад:
Аз писарон ва бародарон
Кӣ зинда мемонад, кӣ мемурад?

Ин савол Ҷомоспи хирадмандро ба ҳаяҷон меорад. Вай хитоб мекунад: «Ман беҳтар, ки аз модар таваллуд намешудам, акнун ки таваллуд шудаам, беҳтар, ки дар ягон ҷои дур мемурдам, то ки подшоҳ ба ман ин гуна саволро намедод, зеро ман дар ин бора ба ту чизе гуфтан намехоҳам». Подшоҳ маҷбур мекунад, хирадманд розӣ мешавад, ки ба саволҳо ҷавоб диҳад, вале аз подшоҳ талаб мекунад, ки аввал аскаронро аз назди чодар ба андозаи таъсири якуним тири камон дур баранд. Виштосп илтимоси ӯро иҷро мекунад, он гоҳ Ҷомосп мегӯяд: «Рӯзе аскарон заду хӯрд мекунанд, бисьёр модарон аз фарзандонашон маҳрум мешаванд, бисьёр писарон бе падар мемонанд, бисьёр бародарон бародаронашонро гум мекунанд, бисьёр занон шавҳаронашонро аз даст медиҳанд»[23].

Ҷомосп нақли худро давом медиҳад: «Ҷодугари Видрафш омада ба ҷанг медарояд ва бо макр Зарири сипаҳбади далерро мекушад ва аспи ӯро мебарад». Виштосп ин пешгӯиро шунида карахт мешавад ва нохост аз ҷой ҷаста, дар як даст ханҷар ва дар дасти дигар шамшер ба Ҷомосп ҳуҷум ва хитоб мекунад:

Лаънат ба ту,
Ғуломи мурдори ҷодугарон!
Модари ту ҳам ҷодугар буд,
Падарат ҳам бутпараст буд.

Агар пеш қасам ёд намекардам, ки ба ту раҳм мекунам, ҳозир сар аз танат ҷудо мекардам:

Бо ин ду теғ саратро мебуридам,
Ва туро ба замин гӯр мекардам.

Аммо ҳаким оромона ҷавоб дод:

Аз замин бархез,
Бар тахт нишин,
Зеро бояд ба вукӯъ ояд
Он чӣ лозим аст, ки рӯй диҳад,
Он чизе, ки ман гуфтам.

Виштосп якраҳагӣ карда аз замин намехезад. Аскарон омада ӯро далолат мекунанд, ки ғам нахӯрад, зеро онҳо аз ҷанг наметарсанд ва ҳар кадом тайёранд, ки даҳ ҳазор душманро кушанд. Виштосп ба худ омада, қарор медиҳад, ки дар ин ҷо зуд қасри биринҷӣ созанд, ки бо оҳан маҳкам карда шуда бошад, то ки дар ҳолати зарурат дар ин ҷо пинҳон шаванд.

Ҳаким ба саволҳои Виштосп боз ҷавоб медиҳад, ки ҷанг ба душманон ҳам осон нест. Аз онҳо 132 лак кас кушта мешавад ва ғайр аз пешвои онҳо Арҷосп ҳеҷ кас зинда намемонад ва ҳатто, худи Арҷоспро:

Спендедат мегирад,
Дасту пой гӯши ӯро
Мебуррад, чашмашро кофта мегирад,
Ва ӯро ба хари бедум
Чаппа нишонда меравонад.

Ҷанг сар мешавад. Шоир ҷангҳои қаҳрамононаи Зарирро хуб тасвир менамояд:

Ҳамчун оташи илоҳӣ,
Вақте ки ӯ ба Най ҳуҷум мекунад,
Ҳатто ба вай шамол ҳам ёрӣ мерасонад.

Вақте ки Арҷосп дид, ки дар зери ҳамлаҳои марговари Зарир аскаронаш нобуд мешаванд, довталабонро даъват менамояд, ки бо ӯ ҷанганд. Вай ваъда медиҳад, ки ҳар кӣ Зарирро мағлуб кунад, духтараш Зарстанро ба занӣ медиҳад, ки дар мамлакат аз вай хушрӯйтар духтар нест. Ба даъват ҷодугар Видрафш ҷавоб медиҳад. Аммо Видрафш ба вай рӯ ба рӯ ҷангида натавониста аз пушташ мезанад.

Виштосп барои ҳалокати Зарир қасосгиронро даъват менамояд ва ваъда медиҳад, ҳар касе ки Видрафшро мағлуб кунад, духтари зебояш Ҳумакро ба занӣ медиҳад. Барои иҷрои ин вазифа писари Зарир Баствар ба даъват ҷавоб медиҳад. Виштосп ба ин ҷавони бетаҷриба рухсат намедиҳад, зеро марги бечунучаро ӯро интизор аст. Аммо Баствар розӣ нашуда, пинҳонӣ аз подшоҳи худ ба ҷанг меравад. Баствар ба болои ҷасади падараш хез зада баромада, ӯро ба «хук» (вараз — гуроз) ва аспашро ба Симурғ монанд карда, мегирьяд:

Ту мурда хобидаӣ
Ҳамчун аскари оддӣ.
Мӯйҳои чингила ва риши туро
Шамол меҷунбонад.
Тани бегуноҳат ҷароҳатнок кунонда шудааст,
Тахтапушти ту бо ҷанг пӯшидааст.

Баствар ба мурдаи падараш гирья карда, ба назди Виштосп бармегардад ва аз вай рухсати ба ҷанг даромаданро мепурсад. Ҷомоспи хирадманд ба подшоҳ маслиҳат медиҳад, ки ба ин ҷавони ҷанговар иҷозат диҳад, зеро бахт бо вай аст. Баствар ба ҷанг тайёр шуда истода, ба тирҳои худ қасам ёд мекунад.

Баствар меҷангад. Арҷосп ба вай аз кӯтал нигоҳ карда ҳайрон мешавад, ки ин бачаи даҳсола мисли Зерир меҷангад. Вай одамони бо Баствар ҷангталабро даъват карда, ин дафъа ба ғолибон дасти духтари дигараш Вехстанро ваъда медиҳад.

Ба ҷанг боз Видрафш мебарояд. Ҳолати ӯ аз рӯи анъанаи эпики дубора тасвир нашудааст, танҳо он сатрҳо, ки дар ҷанги зидди Зарир зикр шуда буд, такрор меёбад. Баъд аз ин, дар достон тасвири ғалабаи қаҳрамонони Эрон бар хионитҳо ва марги Видрафш меояд. Дар ҳамин ҷои матн воқеа бурида мешавад, зеро боқӣ намондааст.

Ин факти адабӣ аз он ҷиҳат қимат аст, ки дар замони қадим адабиёт, мисли асри IX—X, дар шимоли шарқии Эрон, яъне Осиёи Миёна оғоз ёфтааст ва адибони давраи Сосонӣ онро бештар аз нав кор кардаанд.*

«Аяткар Зарер» ё ки «Ёдгори Зарирон» намунаи адабиёти давраи Парфияна буда, ба мо маълумоти зиёде медихад:

1. Достонҳои қаҳрамонӣ бо унсурҳои мифологиаш аз фольклори қадим сар карда, ба воситаи «Авасто» аз қаъри асрҳо давом карда омадааст ва ба адабиёти нави форсу тоҷик расидааст. Достони қаҳрамонӣ муборизаи барои истиқлолияти ватан ва озодӣ бурдаи тоҷиконро идома додааст. 2. Достони қаҳрамонӣ муборизаи халқҳои эрониро ба муқобили истилогарон акс кунонидааст. 3. Дар достони қаҳрамонӣ ғояи подшоҳи одил, золиму ғоратгар, роли ҳакими донишманд дар назди подшоҳ, ки ғояи халқист, инъикос ёфтааст. 4. Достони мазкур дар дуньёи қадими халқҳои эронӣ вуҷуд доштани адабиёти бадеӣ, хаёлоти бадеи, қувваи образэҷодкунӣ, шеър ва шеърият, шакли алоқаи хоси бо фольклор доштаашро нишон додааст. 5. Дар масъалаи вазн (вазни ҳиҷоӣ) ва қофия аз ҳолати беқофиягӣ тадриҷан ба қофиянокӣ гузаштан фольклори қадим роли калон бозидааст. Достонҳои қадимаи қаҳрамонӣ заминаи миллӣ-халқӣ доранд.

**«Дирахти Асурик»**[24]

Ёдгори адабии дигари давраи парфиянхо асари бадеии «Дирахти Асурик» (Дарахти Осурӣ) ном дорад. Номи муаллифи достон мисли

* Нақл аз китоби номбаршуда, ниг. с. 108.

асарҳои хеле зиёди дуньёи қадим маълум нест. Сюжет ва мундаричаи достон ҳаётӣ буда, масъалаҳои хеле зиёдеро дарбар мегирад ва дорои аҳамияти этнографӣ мебошад, зеро аз тарзи зиндагӣ, асбобҳои истеҳсолот, рӯзгор ва истеҳсолоту маҳсулоти он давра маълумот медиҳад. Услуби асосии баёни фикр ва эҷоди образҳо муколама, мунозира буда, он байни дарахти Асурӣ ва буз сурат мегирад. Ин достон шояд аввалин асарест, ки бо услуби мунозира навишта шудааст ва ин услуб то имрӯз дар адабиёти форсу тоҷик давом дорад. Тарҷумаи чанд қитъа аз «Дарахти Асурӣ»: Дарахт дар мамлакати Сурия ба воя расидааст. Танаи он хушк, болояш (шохҳояш) сабз (тар), вале решаҳои он ба найшакар монанд аст, ҳосилаш ба ангур шабоҳат дорад, меваи он ширин аст. Вай дар мунозара бо бузи гӯё чунин мегӯяд: «Одамони одил ба дарахти баланд монананд. Ман дар бисьёр масъала аз ту афзалият дорам. Дар кишвари Хванирас[25] дарахте баробари ман нест, зеро, вақте ки ман дубора ҳосил медиҳам, меваҳои маро шоҳ мехӯрад. Ман фарши заврақам. Ман бофтаи (асоси) заврақ. Аз ман ҷорӯбча месозанд, ки бо он хона ва ҳавлиро мерӯбанд. Аз ман ӯғурча карда, ҷав ва биринҷ мекӯбанд. Аз ман боддарои пуфкунандаи оташ месозанд. Ман пайпоқи (чӯбини) деҳқонам. Ман як ҷуфт кафш (чӯбин) барои пойлуҷҳо мебошам. Аз ман арғамчин мебофанд, ки бо он пои туро мебанданд. Аз ман таёқ месозанд, ки гардани туро «мебӯсад». Аз ман мехи чӯбин месозанд, ки бо он туро меовезанд. Вакте ки туро дар сих бирьён мекунанд, ман шохҳои хушкам. Ман дар болои сари ҳокимон сояи тобистонаам, ман қанди деҳқон, асали ҳоким, аз ман аслиҳа месозанд, ман қуттии доруи донишмандам, ки аз шаҳр ба шаҳр ва аз табиб ба табиб мебаранд. Ман лонаи паррандагонам. Ман ба коркунони мондашуда соя меандозам, зеро дар замини тоза сабзидаам, одамони қадри маро дониста, ба муқобили ман кори бад (гуноҳ) намекунанд. Ман орзу мекунам, ки ҷараёни заррин биёяд, то ки мардумоне, ки май ва нони хӯрданӣ надоранд, меваҳои маро хӯранд, ки сарҳояш овезон аст».

Вақте ки Дарахти Осурӣ суханашро тамом кард, буз гуфт: «Ту бо ман чӣ хел дуру дароз мунозира кардӣ, ҳама шуниданд. Чӣ хел ту бо ман мусобиқа мекунӣ? Ҳамин ки мардум кардаҳои маро шуниданд, шармандагӣ барои суханҳои бемаъниат аз ту чӣ тавр меравад. (Ман суханҳоеро) мегӯям, ки чӣ тавр он шоҳи олиқадр хоҳиш карда буд: Бигзор подшоҳӣ, ки дар замони Ҷамшед хушбахтӣ буду аз он девон ба азоб меомаданд, бардавом бошад. Эй мардумон! Дарахт хушк аст, аз он чӣ дору (бошад) ва аз заррин будани шохҳои он чӣ фоида. Ту (фақат) барои бачагон офарида шудаӣ, ту ба меваҳои заррине, ки танҳо ба бачагон мебаранд, монанд ҳастӣ. Хирадманд касест, ки шунавоиаш ҳушьёр бошад. Агар (ту гӯӣ, ки) нисбат ба ту ҳосилро зиёдтар меорам, агар ман ба ту ҷавоб диҳам, худро сахт шарманда мекунам, зеро худтаърифкунии ту ба рад кардани ман наме-

арзад. Маро ба иди одамони порсӣ даъват менамоянд, ки онҳо ҳам мисли ту — ниҳоли хасаканд, байни дарахтон бефоидаанд. Агар ту ҳосил медодӣ, одамони порсо туро мисли говмеш ба чарогоҳ сар медоданд. Магар ман мисли ҳаромзодагон аз худ мамнунам? Гӯш кун Деви қадбаланди оз.[26] Ман аз бозе, ки халлоқ-подшоҳи шӯҳратманди олиқадр Урмузди саховатманд ба ӯ ғолиб омадаам. Бе тавассути ман, ки буз ҳастам, киҳо ба Урмузди саховатманд чӣ хизмати лоиқ мекунанд, зеро аз ман ионат мекунанд. Дар вақти ба худо ва Гошурун[27] фаришта ҳамаи чорпоёни тезгард сачда кардан қувват аз ман меояд. Он бори либосе, ки ман буз ҳастам, дар пушти худ мекашам, ғайр аз ман, ба каси дигар ғайри имкон аст. Камарбанде, ки аз чавоҳирот мурассаъ аст, аз ман мекунанд. Ман пойафзоли чармини амалдорҳои порсо, дастпӯшаки подшоҳон ва маҳрами онҳо мебошам. Аз ман машки об месозанд ва халтаи обӣ, дар саҳрову биёбон дар рӯзҳои гарму сӯзон об аз ман хунуку яхоб аст. Аз ман ба нақора пӯст мекашанд, бо он дилпурона ба чашн тайёрӣ мебинанд ва аз ман чашни бузургро оро медиҳанд. Мушкро ҳам аз ман месозанд, ки аз он ҳокимони порсо, идоракунандагон ва сардорони вилоятҳо сару ришашонро муаттар мегардонанд. Онхо бузургӣ ва хоксорӣ ба даст меоранд. Аз ман бозубанди нома,[28] китобу дафтари рӯйхати котибон месозанд, ба рӯи ман менависанд. Аз ман шишаи чармин, ки (даҳонашро) мебанданд, месозанд... ҳамчунин аз ман халтаи чармин месозанд ва аз пашми буз хубтарин либос мекунанд, ки онро амалдорон дар китфашон партофта мегарданд. Аз ман зертанг ва забартанг месозанд, ки бо он зинро мебанданд, то ки бар болои он Рустаму Исфандиёр ба фили калон ва фили чанги нишинанд. Ман камарбанде мешавам, ки онро дар бисьёр чангҳо ба кор мебаранд. Мана, ман бо сарватҳоям ҳамин таврам. Аз ман ғайр аз ман, ки буз ҳастам, дигареро мисли ман сохтан душвор аст. Аз ман сумкае месозанд, ки савдогарони парҳезгор дар он нон, писта, ҳам панир, ҳам равғани дунбаи хӯрданибоб, ҳам кофур, ҳам мушки сиёҳ, ҳам абрешими хоми тахорӣ ва бисьёр либосҳои зебо ва ороиши духтаронро андохта, ҳатто то мулки Эрон мебаранд. Аз ман буттача, падами сафед, ташкуки зебо ва либоси амалдоронро месозанд. Ман хамин тавр, монанд ба пайкари духтарон, ки гардану синаи онҳоро тавсиф менамоянд. Танҳо ман ҳамин тавр хешовандони ман ҳам. Ба пайкарҳо расидани мо бӯи хуши монанди бӯи гули садбарги чаҳон медиҳад. Дар дӯши ман... ду шох ҳаст... Аз ман ҳалво мекунанд. хуроки бемарг аст, ки онро ҳам ҳокимон, ҳам пешвоёни кӯҳҳо ва ҳам амалдорон мехӯранд. Ман ягонаам ва ҳам аз ту афзалам, эй Дарахти Осурӣ! Аз ман шир ва ҳам панир, ҳам бачагон ва ҳам калонсолон аз ман ғалла ва зардоб мегиранд. Вақте ки чанг, ҳам ғиччак, ҳам барбат, ҳам танбӯр менавозанд, ҳамроҳи ман месароянд. Ман яккаву ягонаам, бале аз ту афзалам, эй Дарахти Осурӣ! Вақте ки нархи бузро муайян карда, ба бо-

зор меоранд, ҳар касе ки даҳ дирам надорад, ба буз наздик намеояд, вале туро бачагон ба ду пул мехаранд. Аммо туи рӯҳан азобдида ва ба ҳаяҷон афтода аз?.. партофта мешавӣ. Фоида ва хайру эҳсони ман ҳамин тавр аст, бахшиш ва кори неки ман, ки аз мани буз бармеояд ва ҳамчунин дар он тарафи замин, ки зиндагии васеъ ҳаст. Чунин аст суханони тиллоии ман, ки дар назди ту гуфтаам, чунон ки гарди хазина дар назди хум ё ки хуки ахта пошанд ё ки дар пеши уштури девона навозанд Аз аввал ин тавр мекунанд, яъне аз аввали офарида шудани кӯҳ... ман ин алафи хушбӯй, тару тозаи кӯҳиро мехӯрам ва аз оби хунуки ҷӯй менӯшам. Ҳар кас, ки сахт гурусна бошад, туро аз (реша) меканад». Буз бо ғалаба рафт*.

Ҳар чанд ки дар гуфтаҳои буз ҷо-ҷо пардаи динӣ пӯшонида шудааст ва он аз рӯи тасаввури одамони онвақта ҳатмист, вале қувваи бузурги маънавӣ дорад, зеро ғалабаи аҳли меҳнат бар аристократи мутакаббиру худписанд ба амал оварда шудааст. Шакли тамсилии достон аз жанри тамсилии адабиёти қадим гувоҳӣ медиҳад. Образи тамсилии буз образи меҳнаткаши чорводорест, ки бо обу ғизои кӯҳӣ қаноатманд буда, бо маҳсулоти худ ба аҳли ҷамъият фоидаи бисьёр меорад ва тануманду саломат аст. Ҷолиби диққат аст, ки Дарахти Осурӣ соҳиби танаи хушк, решаи пӯсида буда, фақат зоҳиран сабз аст. Дарахти баланди танахушки зоҳиран шоху баргҳояш сабз образи аристократияи сохти ғуломдорӣ ва феодалӣ буда, мағзашон пуч, зоҳиран зебо, вале худписанду мағрур мебошанд. Он лаҳза низ ҷолиби диққат аст, ки Дарахти Осурӣ бегона — ғайри ватанӣ мебошад. Шакли муборизаи ду гурӯҳ — мунозира хеле фаъол ва зинда истифода шудааст. Ҳар кадом барои исботи даъвои худ далелҳо аз зиндагии ҳаррӯзаи мардум ва талаботи он меоранд, вале бузро ғолиб баровардани муаллифи достон ҳусни таваҷҷӯҳи ба оммаҳои меҳнаткаш доштаи онро ифода кардааст ва ин ҳусни таваҷҷӯҳи ӯ дар ифодаҳои пур аз истеҳзову тамасхурҳои буз дар бораи Дарахти Осурӣ инъикос гардидааст. Масалан: «Агар ту ҳосил медодӣ, одамони порсо туро мисли говмеш ба чарогоҳ сар медоданд», «ман магар мисли ҳаромзодаҳо аз худ мамнунам!» «Чунин аст суханҳои тиллоии ман, ки дар назди ту гуфтаам, мисли он ки чанги хазинаро ба назди хум ва ё хуки ахта пошида бошанд ё ки дар пеши уштури девона чанг навохта бошанд» ва ғайра. Ифтихормандии аҳли меҳнат дар назди онхое, ки зиндагии муфтхӯрона ва худписандона доранд, дар гуфтаҳои буз ифода ёфтааст: «Ман аз ту афзалам, эй Дарахти Осурӣ!...» «Суханҳои тиллоии ман ҳамин тавр аст» ва ғайраҳо.

Аз ин ифодаҳои маҷозӣ, киноявӣ, тавсифӣ ва зоҳиран ҳазлу шӯхӣ оҳанги ҳиссиёти халқӣ шунида мешавад: «Ман ба болои коркунони мондашуда соя меафканам» ва ғ. Дар достон ифо

---

* Матн аз асари *И. С. Брагинский.* «История таджикской и персидской литературы». М., 1972, с. 144—145. Ба таври интихоб иқтибос шуд.

даҳои бадеии маҷозӣ низ мавҷуд аст: «Гардани бузро бӯсидани таёқ», яъне бо таёқ ба гардани буз задан.

Дар достони «Дарахти Асурик» тасвири реалистонаи зиндагӣ мавқеи калон дорад ва фактҳои тасвир аз ҳаёти зиндаи халқ гирифта шудааст: «Аз ман ҳам шир, ҳам панир; ҳам бачагон ва ҳам калонсолон аз ман фалла ва зардоб мегиранд».

Дар достони мазкур мавҷудияти вазну ҳиҷо мушоҳида мешавад, вале миқдори ҳиҷоҳои мисраъ на ҳамеша баробар:

Дарахт ё в руст ҳаст / / тар о шаҳр сурик=4+6=10,
Бунаш хушк ҳаст / / сараш ҳаст тар=4+4=8.
Решак над монёт / / бараш монёт ангур=5+6=11,
Ширин бар абарёт / / мартоман (васнёд)=6+5=11.

Аз ин порчаи шеърии «Дарахти Асурик» маълум мешавад, ки дар ин достон на танҳо вазни ҳиҷо, қофиябандии нисбатан озод (монёт, абарёт) ва радиф (ҳаст — ҳаст) бештар дар феълҳо ва суффиксҳо низ мавҷуд аст.

**Адабиёти форсии миёна**

Аз адабиёти форсии миёна — адабиёти асрҳои III—VII — давраи ҳукмронии сосониён (бештар дар Эрони Ғарбӣ ва Шарқӣ (Хуросон ва Балх), давраи эфталитҳо ва хоқонҳои турк (бештар дар Осиёи Миёна) ба забони суғдӣ, хоразмӣ вуҷуд дошт. Адабиёти мазхаби Монӣ низ ба ҳамин асрҳо дахл дорад, вале ба забонҳои гуногун: оромӣ, паҳлавӣ, суғдӣ ва ғ. эҷод шудааст. Дар ин давр осори динӣ, илмӣ, ахлоқӣ, адабӣ ва ғайра хеле зиёд будааст.

Адабиёти чи илмию динӣ ва чи адабии ин давр дорои алоқаи синкритикӣ буда, унсурҳои маданияти халқҳои эронӣ, юнонӣ, румӣ, сурияӣ, хитоӣ, ҳиндиро ба дараҷае ба ҳам омехтааст ва давоми анъанаи гузаштагони худ низ мебошад.

**Адабиёт ба забони паҳлавӣ**

Бо вуҷуди ба таъқиботи сахти мутаассибонаи истилогарони араб дучор шудани маҳсули тафаккури эҷодии давраи форсии миёна, қисме аз он ё ба воситаи пайравони дини зардуштӣ ва ё ба тавассути тарҷума ба забони арабӣ боқӣ мондааст, ки аз афкори бои илмӣ, адабӣ ва фалсафии ин давр гувоҳӣ медиҳад. Дуруст аст, ки бештарини асарҳо мундариҷаи динӣ дорад, вале олами бои маънавии халқ ва нависандагони он замонро акс кунонидааст. Номи муаллифони китобҳо маълум нест.

Бештарини китобҳои динии забони паҳлави тарҷума аз забони авастоӣ ва шарҳу тафсири матнҳои ахлоқӣ ва динӣ мебошад. Тарҷума ва шарҳи «Авасто» дар забони паҳлавӣ «занд» ё ки «позанд» номида шудааст.

Яке аз асарҳои насри динии ин давр «Артак Виразнамак» (китоб дар бораи Артак Вираз) аст. Муаллифи ин китоб ҳоло маълум нест. Дар мисоли саёҳати қаҳрамони асар Артак Вираз ба он дунъё — осмон масъалаҳои хеле зиёди динӣ, ахлоқӣ, ҳаётӣ ва ҳуқуқи динии пайравони дини зардуштиро акс кунонида-

аст. Риштаи асосии ғоявии асар нишон додани корҳои бад ва нек, мукофоти он дар осмон (он дуньё) дӯзаху биҳишт ва ҳолати бандагон ва хулосаҳо аз он аст. Чунон ки дар асар нақл шудааст, Вираз ба сифати намояндаи муғон интихоб шудааст, то ки ӯ ба сифати вакили арвоҳҳо ба «он дуньё» равад аз он ҷо ба пайравони оташкадаи зардуштӣ пандҳои маздоӣ биёрад, зеро замони ӯ давраи таназзул буда, одамони замонаш ба дин кам эътиқод доштаанд ва гуноҳ зоҳир мекардаанд. Аз ин фикр ҳувайдост, ки таъсири дини маздоӣ дар асрҳои III—VII бо таъсири ақидаҳои илҳодии оппозиционии зарвония, монӣ, маздакия, христианӣ ва шароитҳои иқтисодию иҷтимоии замон, махсусан, ҷангҳои пай дар паи сосониён бо давлати Рум суст шудааст, бинобар ин, муаллифи китоб ният дорад, ки мавқеи ин динро мустаҳкам намояд.

Вираз дар иҳотаи муғон ва аскарон дар «тахти валигӣ» нишаста, шарбати банг хӯрда, ба хоб меравад, дар ин ҳолат рӯҳи ӯ ба «он дуньё» рафта мебинад, ки ба мурдагон чӣ тавр мукофот медиҳанд. Рӯҳи ӯ баъд аз ҳафт рӯз ба замин бармегардад ва Вираз аз хоб бедор шуда ба котиб мефармояд, ки аҷоиботи дидаи ӯро нависад. Муаллифи китоб ҷазоҳои мудҳиши рӯзи қиёматро ботафсил навиштааст ва ба ҳар гуноҳу ҷазои он фасли алоҳида ҷудо кардааст, ки оғозу анҷоми онҳо якхела аст. Фариштаи хабарҳо Суруш ва рӯҳи оташи муқаддас Артур бо Вираз ҳамсафар буданд. Онхо бо Вираз гуноҳи ҳар як гунаҳкорро, ки дар зиндагӣ зоҳир карда буданду барои он ҷазо дидаанд, шарҳ медоданд. Ҷазоро шайтонҳо бо сахтгирии рафтори бераҳмона, ки ҷазодиҳии ваҳшиёнаи замони сосониёнро акс кунонидааст, ба ҷо меоварданд[29].

Ба ин муносибат дӯзахи даҳшатангезро чунин тасвир мекунад: «Ман ҷоғи болои ҳориси дӯзахро дидам, ки ба чуқурии мудҳише монанд аст. Қасро ба ҷои бисьёр танги бадвоҳима, торикии даҳшатноке, ки дастро дароз карда роҳро палмосида ёфтан мумкин аст, мебарад. Он ҷо чунон бадбӯй аст, ки ҳар шахси аз он ҳаво нафасгиранда зуд ба қафо гаштан мехоҳад. Дилаш, беҳузур мешавад, меафтад ва мемурад. Аз сабаби гармӣ ва тангии нафасгир кас дар он ҷо истода наметавонад».

Азбаски ақидаи муғони зардуштӣ дар қатори ҷазои ҷисмонӣ ва азоби дӯзах мукофоти амали нек ва адолатхоҳиро ҳам талқин мекард, дар қатори азоби дӯзах аз бегуноҳ фарқ кардани гунаҳкор ва роҳати ҷаннатро ҳам ваъда мекард. Масалан, мардеро, ки ба зани ҳамидаи худ хиёнат кардааст, ҷазо медоданд. Ҷазо ба ҳамаи аъзои бадани ӯ паҳн мешуд, вале ба пояш не, зеро ӯ вақти ба хонаи он зан омадан ҳайвони зарарнокеро зеру маҷақ карда буд, бинобар ин пои ӯ аз гуноҳ ва ҷазо озод аст. Пои гунаҳкори дигаре ҳам ҷазо дода нашуд, зеро вай бо ҳамин пои худ ба барзагови ахтаи коркардаистода пахол партофта буд ва ғайра. Бар хилофи дӯзах биҳишт (хуварита) ҳамчун мукофоти некӣ ба тариқи зерин тасвир ёфтааст: «Вақте ки ман

ба ҷаннат қадами сеюм гузоштам, мо ба он ҷое омадем, ки сокинони хуварита буданд. Онро олитарин нур номидаанд. Ман дар болои тахт ва қолин рӯҳи порсоёнро дидам ва дар он ҷо касонеро дидам, ки нури онҳо мисли нури офтоб буд ва ман аз Суруши муқаддас ва арвоҳи Атура пурсидам, ки «ин ҷо чӣ гуна ҷой аст ва инҳо кадом арвоҳҳоянд?» Суруши муқаддас ва арвоҳи Атура ҷавоб доданд: «Ин ҷо роҳи офтоб аст. Ин арвоҳи одамоне, ки дар ин ҷо ҳастанд, онҳо ҳамон касонеанд, ки дар дуньё нағз ҳукмронӣ, подшоҳӣ ва идораи корҳоро кардаанд».

Ин нақлҳо мафҳуми динӣ дошта бошад ҳам, моҳияти тарбиявӣ, ахлоқӣ ҳам дорад, барои кори нек — мукофоти нек, барои кирдори бад — ҷазои бадро тавсия менамояд. Подшоҳони некӯкорро дар ҷаннат дидани Артак Вираз, маънои тарбиявӣ ва адолатталабӣ, даъват ба адолатро дорад ва дар айни замон ҳокимони золимро бо азоби дӯзаҳ метарсонад, ки дорои маънои мистикӣ буда, ҳиссиёт ва ақидаи оммаҳои оҷизи халқро акс кунонидааст. Дар ҷазои сахту мудҳиши дӯзах инъикоси он қину азобҳоеро, ки ҳокимону подшоҳони гузашта ба душманони худ медоданд, дидан мумкин аст.

Муаллифони гуногун вақти пайдоиши ин асарро ба таври мухталиф ба қалам додаанд. Дар нусхаи паҳлавӣ замони эҷоди ин асар ба замони таназзули ин ақида нисбат дода шудааст. Дар нусхаи «Позанд» ба замони баъд аз вафоти Зардушт — давраи ҳукмронии Виштосп нисбат додаанд. Дар тарҷумаи форсии нав ба замони Ардашери Попакон (асри III) нисбат дода шудааст. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, азбаски муаллифи китоб аз замони худ, суст шудани ақидаи динӣ ва зиёд шудани гунаҳкорон шикоят мекунад, бояд ба давраи танназзули ақидаи зардуштӣ дахл дошта бошад.

Китоби «Виразнамак» («Артак Виразнамак»)-ро аз ҷиҳати сюжет ба китоби «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте нисбат медиҳанд, вале аз ҷиҳати шакли бадеӣ, бузургии ҳаҷм ва вазифаҳое, ки Данте дар пеш гузоштааст, муқоиса намудан душвор аст.

**Пандномаҳо**

Адабиёти қадим, алалхусус, давраи форсии миёна пур аз асарҳои панду ҳикмат аст, ки онро (ҳ)андарз ё ки «пандномак» меномиданд. Аз рӯи нақлҳо мӯбади зардуштӣ Атурпат писари Маҳраспандонро муаллифи китоби «Андарзи Атурпата Маҳраспандон» мешуморанд, ки ба писари ӯ Заратухшт бахшида шудааст. Китоби «Пандомаки Заратухшт»-ро ба ин шахс нисбат медиҳанд, ки номи дигари он «Читак андарзи Заратухшт» буда, мазмунан маҷмӯаи пандҳои муаллимони аввали дин аст. Дар ин асар дар баробари таълимоти асосии динӣ, пандҳои ахлоқу одоб низ дода шудааст.

Асари дигаре, ки низ ба Атурпат нисбат медиҳанд, китоби «Вочак ёчанди Атурпата Маҳраспандон» (якчанд сухани Атурпат писари Маҳраспандон) аст. Дар ин бора (ҳарчанд ки муаллифаш чандон аниқ нест) мӯбади машҳури замони Хусрави

Парвези I — Анушервон (531—579) Бахтофарид, ки бо Атурфанбағ китоби ҳодисаҳои Зардуштиро тартиб додаанд, маълумот медиҳад. Бахтофарид якҷоя бо мӯбадони дигар «Авасто»-ро тафсир кардааст ва дар мунозирае, ки бо Маздак ташкил дода, ӯро зуран маҳкум карда буданд, иштирок кардааст. Аз номи Хусрави I — Анӯшервон ҳам пандномае боқӣ мондааст, ки «Андарзи Хусрави Қаватон» ном дорад.

Асари дигари равияи панду ҳикмат «Авьёткори Чомоспик» аст, ки ба асри IV дахл дорад. Дар асари мазкур муколамаи Виштосп ва домоди Зардушт Ҷомосп оварда шудааст, ки муаллиф ақидаи худро дар муколамаи онҳо ифода намудааст. Тартиби муколама ин аст, ки подшоҳ савол медиҳад, мӯбад Ҷомосп ҷавобҳои пешгӯёна медихад. Подшоҳ дар бораи тақдири ояндаи Эрон, давлат ва дини он савол медиҳад. Ба ин муносибат муаллиф маълумотҳоро аз таърих, ҷуғрофия ва этнография дохил кардааст. Ӯ дар бораи таърихи халқҳои мавҷудаи ҳиндуҳо, хитоиҳо, туркҳо, арабҳо, барбариҳо; ҳамчунин дар бораи халқҳои хаёлии гӯшу чашмашон дар сари синаашон, почакаҷ. сагкаллаҳо ва ғайра нақл менамояд. Вай инчунин дар бораи одамони ҷойҳои мифологӣ, аз қабили Қангдиз ё Гандиж, ки Сиёвуш дар Тӯрон сохта буд, қасри зери заминии Йима (Ҷамшед) дар Эрон-ваҷ ва ғайра маълумот медиҳад. Дар ин китоб рӯйхати подшоҳони сосонӣ дода шудааст. Охири китоб бо тасвири байрақи пайғамбарони оянда, писарони Зардушт ва тасвири қиёмат анҷом ёфтааст. Охирзамони муаллиф истилои арабро ифода мекунад ва аҷаб нест, ки таҳрири охирини он дар солҳои аввали истилои мусулмонӣ дар Эрон итмом ёфта бошад.

Дар китоби «Ваҳуман яшт» ваҳйе, ки Аҳура Маздо дар бораи ояндаи Эрон, подшоҳии Эрон ва дини он ба Зардушт гуфтааст, ҷолиби диққат мебошад. Давраҳои ҷудогонаи таърихи дини Маздо Ясно ба тарики рамз ба шохҳои дарахт монанд карда шудааст. Шохи тиллоӣ — давраи аввали дини маздоӣ — замони подшоҳии Виштосп, шохаи нуқрагин — замони набераи вай Артахшери кайшоҳ, шохаи пӯлод — давраи Хусрави I, шохаи оҳанин — давраи ҳукмронии девҳо, ки насли Оша мебошанд. Шояд аз давраи охирин истилои араб ба назар дошта шуда бошад. Дар ваҳйи дигар таърих ҳафт шох дорад, гуфта шудааст. Аз ин ваҳйҳо маълум мешавад, ки дар Эрони Қадим мафҳуми асри тиллоӣ, нуқрагӣ ва оҳанӣ вуҷуд доштааст, ки дар ҳар кадоми он «кулли явмин батар» гуфтагӣ барин, халқ бояд душвориҳои сахтро аз сар гузаронад. Дар китоби «Ваҳуман яшт» дар бораи Маздак низ маълумоти мухтасар дода шудааст.

**Корномаки Артахшери Папакон**

Корномаки Артахшери Папакон аз китобҳои оид ба таърих ва саргузашти подшоҳон аст. Асари мазкур тахминан дар соли 600 м. эҷод шуда, дар бораи асосгузори давлати сосонӣ Артахшери Папакон (224—240) маълумот медиҳад. Ин асар

асоси таърихӣ дошта бошад ҳам, унсури нақлҳои халқӣ ва афсонавӣ, монанди ҷанги Артахшер бо аждарҳо низ ба он дохил шудааст. Аз рӯи нақл Артахшер писари Сосон ном чӯпон буда, насли худро ба охирин подшоҳи хонадони ҳахоманишиҳо — Доро мерасонад. Сосон хизмати ҳокими вилояти Форс Папакро, ки дастнишонандаи подшоҳи парфиянҳо буд, адо мекард. Боре Папак Сосон ва аломати пешакии ӯро дар хоб дид. Вақте ки ӯ кӣ будани насли Сосонро фаҳмид, духтарашро ба занӣ дод ва бачаи онҳоро, ки Артахшер ном дошт, ба худ писархонд кард. Артахшер дар ҷавонӣ ҳамаи ҳунару санъати шоҳзодагиро ёд гирифт. Баъд ӯро подшоҳи охирини аршакӣ (ашконӣ) — Ардаван дар дарбори парфиянҳо нигоҳ дошт. Ардаван ва оилаи вай ба Артахшер бо назари таҳқир нигоҳ мекарданд. Боре ҳангоми шикори гӯрхар бо писари Ардаван ба баҳс афтод, зеро шоҳзода шикори моҳиронаи ӯро аз они худ эълон кард. Подшоҳ тарафи писари худро гирифт, ба сифати ҷазо Артахшерро ба саисхона фиристод ва ба шикор иштирок кардани ӯро манъ кард. Вале Артадухт ном канизак, ки ба Артахшер ошиқ шуда буд, сирри пешгӯии мунаҷҷимҳои дарборро ба ӯ гуфт: Ҳар кӣ дар ин рӯзҳо дарборро тарк кунад, подшоҳи Эрон хоҳад шуд. Қанизак аз дарбор чизҳои зарурнро гирифта, ҳамроҳи Артахшер ба Форс мегурезад. Ардаван онҳоро таъқиб кард, вале бефоида буд. Артахшер дар Форс аскар ҷамъ карда, ҳокимони атрофро мағлуб ва тобеъ кард ва дар яке аз ҷангҳои шадид Ардаванро кушта, подшоҳи тамоми Эрон шуд ва хонадони Сосониёнро ба тахт гузошт. Ин нақл варианти қадимии ин достон аст. Баъдҳо ба он лаҳзаҳои зиёде аз адибони Юнон, Арманистон ва Эрон ҳамроҳ шуда, онро хеле тағьир дод. Забони қисса содда ва услуби он ҷолиби диққат аст. Дар замони ҳукмронии Сосониён қиссаву достонҳои зиёди таърихӣ ба майдон омаданд: «Маздакнома», «Вахрам чопеннамак» ва ғайра.

**«Сиёсатнома»-ҳо**

Ҳамчун анъана дар замони Сосониён низ адабиёте, ки ба ҳокимон ва шоҳон дар бораи чӣ тавр идора кардани давлат маълумот диҳад, бисьёр буд. Вале мутаассифона аз онҳо танҳо дар феҳрастҳои арабӣ ном боқӣ мондааст. Масалан, «Тоҷномак», «Оинномак» (тарҷумаи ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ), «Гоҳномак», «Чатранномак», «Ганҷи шойгон»-и Бузургмеҳр писари Бахтиган ва ғайра. Дар ин давр мактубот низ мавҷуд будааст. Масалан, рисола-мактуби Мӯбад Тансар, мактуб-рисолаи ӯ ба подшоҳи Табаристон — Гуштосп дорои аҳамияти сиёсӣ ва динӣ буда, маълумоти қимати таърихӣ дорад ва тахминан дар соли 570 навишта шудааст. Мактуб таҷрибаи сиёсию динии идора кардани давлат, ба муқобили саркашҳо чӣ тавр мубориза бурдан, меросӣ будани тоҷу тахт, муносибати подшоҳи подшоҳон ба хонадонҳои авлодӣ ва олирутба ва ғайраро акс кунонидааст. Намунаи дигари сиёсатномаи ин давр «Васиятнома»-и Ардашер аст.

Ғайр аз ин, дар замони номбаршуда «Пешинаконнамак» низ мавҷуд аст, ки китоб дар бораи бобоён мебошад. Азбаски ҳоло ин китоб ба даст надаромадааст, мазмуну мундариҷаи он маълум нест. Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк (асри XI) аз ин китоб нақлҳо оварда шудааст. Дар муҳити дарбор қиссае эҷод шудааст, ки «Хусрави Қаватану ретаке» (маҳрам) ном дорад. Дар ин қисса нақл карда шудааст, ки ҷавоне аз рӯи илм, дин, мусиқӣ, бозиҳо, санъати саворӣ, шикор ва хаттотӣ тарбия ёфта, аз подшоҳон талаб мекунад, ки ӯро имтиҳон кунанд. Баъди саргузаштҳои романтикӣ, ки ӯ дар давоми он ду шерро доштааст, ҳокими вилоят таъин мешавад. Чӣ тавре ки мебинем, дар ин повести дилхушкунанда намунаи пурраи рыцарӣ, ки то охири умр ба ҳокими худ бовафо будан аст, мисли Зарир ва писари ӯ Ботсвар, ки ба дараҷаи талаботи кодекси рыцарӣ ва санъати дарбор расидааст ва мисли Артахшер дорои қувват ва ҷӯшу хурӯш аст, ҳамчунин монанди маҳрам ба хоҷаи худ содиқ мебошад, тасвир ёфтааст.

Дар байни асарҳои мансури ба ҳаёти дуньёвӣ бахшидашуда боз ду асари дигарро қайд кардан мумкин аст: яке — «Шаҳристонҳои Эрон», дигаре «Авдиҳау Сахикиха Сакастан» (Аҷоибот ва муъҷизаҳои Сиистон). Асари якум номгӯи шаҳри давлати Эрон ва асосгузорони онро дарбар гирифтааст. Дар китоб нақл карда шудааст, ки аксарияти шаҳрҳоро, аз ҷумла, сосониён буньёд кардаанд. Охирин шаҳр Бағдод номида шудааст, ки халифаи дуюми аббосӣ Ҷаъфар ал-Мансур буньёд гузошта буд. Дар қисса он лаҳза ҷолиб аст, ки ба қадимӣ будани афсона ва нақлҳои Эрон давраи аввали зардуштӣ ишорат карда шудааст. Дар ин нақл дар бораи дарьёи Гилманд, ки дар «Авасто» тавсиф шудааст, дар бораи кӯли Фараздон ва Ҳомун (ки он ҷо Қайансих номида шудааст), ки дар он ҷо оилаи Зардушт зиндагӣ кардаасту фариштаҳо онро бонӣ мекунанд, сухан рафтааст. Дар ҳикоятҳо дар бораи кӯҳи Отдаштар, зебоиҳои ҷои пайғомбарони ояндаи зардуштӣ, ки бояд баъд аз ҳар ҳазор сол пайдо шаванд ва охирини онҳо Сушьёнт, ки судьяи рӯзи ҳисобот — қиёмат мебошад, низ сухан рафтааст.

Китоби ҳаҷман хурди «Чатрангнамак» дар бораи аз Ҳиндустон оварда шудани шоҳмот ва дар Эрон ихтироъ гардида, ба Ҳиндустон фиристода шудани тахтаю донаи бозии нард сухан меравад. Подшоҳи Ҳиндустон Девасарм ба Хусрави Анӯшервон донаҳои шоҳмот ва дигар тӯҳфаҳои қиматбаҳо фиристода, таклиф менамояд, ки моҳият ва қоидаи бозии инро эзоҳ намояд ё ки хироҷи бисьёре диҳад. Бузургмеҳр* дар давоми се рӯз на танҳо ба моҳият ва бозии он пай бурд, балки бозии нав — нардро ихтироъ карда, ҳамроҳи худ тӯҳфаҳои зиёде ба Ҳиндустон бурд ва ҳамон таклифро, ки шоҳи Ҳинд карда буд, пешниҳод

---

* Баъд аз вафоти подшоҳ вориси ӯ Охрмузди IV Бузургмеҳрро бо айбе ба қатл расонидааст.

намуд. Дар дарбори шоҳи Ҳинд мисли Бузургмеҳр вазири бофаросат набуд, ки ба бозии нард сарфаҳм равад ва подшоҳро дастгирӣ кунад. Бинобар ин, дар ин мусобиқа Девасарм мағлуб шуд ва ба давлати Эрон хироҷи калоне дод. Аз ин китоб алоқаи маданию дипломатии қадимии Эрону Ҳиндустон маълум мешавад. «Чатранг»-и дар Ҳинд ихтироъшуда (дар санскрит «чатурангам» — чор намуди лашкар: пиёда, савора, филҳои ҷангӣ ва аробаи дучархаи ҷангиро акс кунонидааст.

**«Матагдани ҳазар датестан»**

Аз рӯи мундариҷаи порчаҳои боқимондаи ин асар (китоби ҳазор қарори судӣ) маълум мегардад, ки дар давраи форсии миёна аз корҳои ҳуқуқ ва суд бохабар буда, онро дар китоби махсус қайд кардаанд ва дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатии замонро акс кунонидаанд. Масалан, аз порчаҳои ин китоб мо дар бораи аҳволи табақаи хизматчиён, ҳуқуқ ва муносибати байни ҳамдигарии онҳо, даромади занон, бунакгузорӣ ва пулдиҳӣ, васият ба бачагон, вазифаи амалдорон ва ғайра маълумот мегирем. Қисме аз порчаҳои боқимондаи ин китоб дар соли 1901 дар Бомбай нашр шудааст ва аз он пай бурдан мумкин аст, ки ин китоб мансуб ба коргузории судии давраи Сосониён бахшида шуда ба ёрии коркунони суд мураттаб гардидааст. Дар шарқшиносии Ғарб исбот шудааст, ки ҳамин гуна кодекс барои насрониҳо ҳам кор карда шудааст. Коркунони қозихонаи (суди) давраи сосонӣ дар бораи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳуқуқи зану шавҳар, ҳолати ғуломон ва ғайра маълумоти аҷиби ҷолиби диққат медиҳад. Ҳар чанд ки дар ин давр оила коллективона будааст, вале оилаҳои танҳо — хусусӣ ҳам вуҷуд доштаанд. Зан ва ғулом предмети ҳуқуқ будаанд. Агар дар хавлӣ чанд зан бошад, яке аз онҳо имтиёзнок ва соҳибхона (хоҷазан) мешудааст. Дар мамлакат чунин ҳуқуқ ҳам будааст, ки падар ба духтари худ, писар ба модар ва додар ба хоҳари худ хонадор шаванд. Шавҳар зани худро соҳиби молу мулки худ мекардааст, вале он дар айни замон метавонистааст, ки занро сар дода, ба марди дигар диҳад. Аз ин асар дар бораи аҳвол ва корҳои хоҷагии қишлоқ низ маълумот гирифтан мумкин аст. Масалан, барои он ки ғулом киштукор кунад, хӯҷаин ба у замин ҷудо карда медод, вале азбаски ғулом ба замин вобаста карда шудааст, хӯҷаин метавонист, заминро якҷоя бо ғулом фурӯшад ва ё ҳадья кунад.

Дар кодексҳои муносибати байниҳамдигарӣ як силсила таъиноте мавҷуд аст, ки бо калоншавандаҳо чӣ тавр муомила карданро талқин менамояд. Ҳамчунин намунаи ақди никоҳ мавҷуд аст. Дар ақди никоҳ вазифаҳои тарафайн ва барои зан додани 3000 дирҳами нуқра таъкид карда шудааст ва ғайра.

**Фарҳангҳо**

Дониши филологии давраи сосонӣ дорои фарҳанг (луғат) низ будааст, ки аз зарурат ва талаботи зиндагӣ — омӯхтани забон, тарҷума ва ғайра ба миён омадааст. Аз фарҳангҳои ин давр «Фарҳанги

оим» ва «Фарҳанги паҳлавик» боқӣ мондааст. Ғайр аз ин, аз харобиҳои шаҳри қадимии Турфон порчаи фарҳанге ёфт шудааст. «Фарҳанги оим» барои шарҳи паҳлавии лексикаи «Авасто», ки забонаш дар ин вақт аллакай кӯҳнаву номафҳум шуда буд, тартиб дода шудааст. «Фарҳанги паҳлавик», чи тавре ки аз номаш маълум аст, луғати забони паҳлавӣ, порсии миёна мебошад. Лексикаи забон ба қисмҳо баробар ҷудо карда шудааст. Дар баъзе қисмҳои ин луғат вазифаи луғати тафсирӣ низ бор карда шудааст. Масалан, шарҳи баъзе ҳодисаҳои табиат, замин, қабатҳои он, обҳо, меваҳо, таомҳо, сабзавот, ҳайвонот, паррандаҳо, ҳайвонҳои дарранда, қисмҳои аъзои бадан, мансабҳо, касбҳо, аслиҳа, санъати котибӣ, номи маъданҳо, истилоҳоти хешутаборӣ, қисмҳои нутқ, муайянкунандаи вақт, моҳҳо ва рӯзҳо.

Он чиз барои филологҳо ҷолиб аст, ки калимаҳое, ки бо аломатҳои оддӣ (забони модарӣ) хондани он душвор аст, ба таври гетерограмма навишта шудаанд.

**Назми форсии миёна, лирика ва мусиқӣ**

Агар дар навиштаҳои боло адабиёт ба маънои васеъаш маънидод шуда бошад, ин ҷо ба маънои танги ин мафҳум, яъне адабиёти бадеӣ сухан меравад. Дар бораи дар адабиёти қадим мавҷуд будани асарҳои бадеӣ, пеш аз ҳама, шоирони давраи адабиёти форсии нав — дарӣ шубҳа мекарданд, зеро адабиёти бадеии дарӣ бо шакли баланди техникӣ, бадеӣ ва санъатҳои шеърии худ дар пояи баланди назм меистод, ки дар он таъсири шаклу бадеияти назми араб кам набуд ва ин назм бо вазни арӯз, ки пеш аз ҳама, дарозию кӯтоҳии овозҳоро ба ҳисоб мегирад, эҷод шудааст. Шубҳае нест, ки назми қадим ва давраи форсии миёна ба талабҳои бадеӣ ва техникии назми дарӣ ҷавоб дода наметавонад, вале ин фикр чунин маънӣ надорад, ки назм дар адабиёти қадим вуҷуд надошт. Чунон ки аз мисолҳои боло дида шуд, ҳар чанд ки мунтазам нест, назм мавҷуд буд, қофия ҳам дошт ва бештар роли онро оҳангнокӣ ва нимқофиягӣ (ассонанс) адо мекард. Вазн дар асоси миқдори ҳиҷо эҷод мешуд, вале миқдори ҳиҷои мисраъҳо як хел нест — аз 5 то 11 ҳиҷо. Ҳатто, дар як шеър ҳиҷои мисраъҳо, махсусан, назми вазндори монигӣ як хел набуд. Масалан, донишмандони адабиёти қадим дар китоби «Бунда ҳишн» дар яке аз матнҳо — гимнеро, ки ба Зурван (Зарвон) бахшида шудааст, ин хусусиятро мушоҳида намудаанд. Исбот шудааст, ки дар гимнҳои монигӣ шеър мавҷуд аст ва худи Монӣ ҳам шеър мегуфтааст. Аз гимни ба Зурвон бахшидашуда чор банд мавҷуд аст. Ду банди аввал думисраӣ, боқимондааш — чормисраӣ мебошад. Дар ду банди аввал ҳар мисраъ 11 ҳиҷо дорад, банди сеюм 9 ҳиҷо, дар банди охирин 8 ҳиҷо. Ҳар мисраи бандҳо қофия дорад.

Дар адабиёти дарӣ расм шуда буд, ки ибтидои назмро аз Баҳроми Гӯр (420—438) донанд, ки гӯё байти аввали назми форсии навро ӯ сурудааст. Соҳиби тазкираи «Лубоб-ул-албоб» — Муҳаммад Авфӣ қайд кардааст, ки дар шаҳри Бухоро

девони шеърҳои Баҳроми Гӯрро дидааст ва хондааст. Давлатшоҳ пайдоиши шеърҳои форсиро ба давраи ҳукмронии Хусрави II нисбат додааст. Аммо ҳамаи ин муаллифҳо ва дигарон аз назми форсии қадим бештар назми дариро дар назар доштанд ва онро аз ҷиҳати қадимӣ будан ба назми араб зид мегузоштанд, вале дар бораи назми ҳақиқии давраи форсии қадим ва миёна маълумоти ҷиддии таърихӣ надоштанд, гуфтаҳои онҳо бештар хислати нақлу ривоятӣ дошт. Мавҷудияти назми қадимро илми нави шарқшиносии Аврупо аввалин шуда исбот кард. Назм на танҳо аз давраи Сосониён, аз замони Зардушт, балки аз фольклори қадим оғоз ёфтааст. Дар замони Ҳахоманишиҳо дар мактаб хондани достонҳои қаҳрамониро таърихнависони Юнони Қадим қайд кардаанд. Назмӣ будани достони давраи парфиянӣ «Ёдгори Зарирон» ва «Дарахти Осурӣ»-ро исбот кардаанд. Олимон даъво доранд, ки назми парфиёнӣ ба адабиёти Арманистони қадим таъсир кардааст. Таърихнависи қадимии арманӣ Мойсей Хоренский дар бораи мавҷудияти гимн оид ба Андраро, ки арманҳо ӯро эҳтиром мекардаанд, нақл кардааст. Ин гимн аз ҷиҳати боигарии образҳо матнҳои муқаддаси ҳиндугии қадимро, ки он аз хаёлоти бадеӣ бой будааст, ба хотир меорад. Ҳатто, факти дар замони ашкониён эҷод шудани достони «Вис ва Ромин» ва аз нисбатан хеле соддалавҳона эҷод шудан ва баланд набудани бадеияти варианти паҳлавии он шикоят кардани Фахриддини Гургонӣ боз як гувоҳи мавҷудияти назм дар дуньёи қадим аст. Махсусан, дар бораи мавҷудияти назми лирикӣ, ки бо оҳанги мусиқӣ чи дар доираҳои васеи халқ ва чи дарбори подшоҳон бо оҳанг хонда ва навохта мешуд, ҷои шубҳа нест. Ҳайкали сангин се мутрибаи давраи Кӯшонӣ ҳам ин маъноро тасдиқ менамояд. Суруд ва мусиқӣ дар замони қадим ҳам аз пешаҳои дӯстдоштаи халқҳои эронӣ буд. Ин маънӣ чи аз фольклори қадим ва чи аз гимнҳои готҳои «Авесто маълум аст. Аз рӯи нақли «Қорнома» Ардашери I сурудро бо оҳанги мусиқӣ ҳамоҳанг карда мехондааст. Монӣ ба суруд баҳои баланд медодааст ва ба ибодатхонаҳои худ навохтани мусиқиро ҷиддан тарғиб мекардааст, зеро ба олами ҳиссиёти инсонӣ таъсири амиқе дорад. Дар замони подшоҳии Хусрави II Парвез (591—628) назм ва мусиқӣ ба пояи баланди худ расид. Дар ин бора китобҳои арабӣ ва давраи форсии нав маълумот медиҳад. Базму айши дарбориён бо сурудхонӣ, рақс ва мусиқӣ мегузашт, ки «Сроти Хусравоник» ном доштааст. Шеър барои сурудан кам набуд. Қасрҳо, мӯбадхонаҳо — оташкадаҳо аз асбоби санъат пур буданд. Дар шеърҳо дабдабаи шоҳӣ, худи шоҳ, зан ё ки маҳбубаи ӯ Ширин, асби сиёҳранги ӯ Шабдез, аскарони шоҳ, байроқи шоҳии ковьёнӣ, ки бо сангҳои қиматбаҳо зинат дода шуда буд, Фили Сафеди подшоҳ, тахт ва боғу қасрҳои шоҳӣ ва «хазинаи говмешӣ»-и ӯро (ки аз сад зарфи тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо иборат аст) васф мекарданд. Аз рӯи нақлҳо ин хазина аз они Искандари Македонӣ

буда, онро деҳқони оддӣ ёфтааст. Ин ганҷро «ганҷи ватавурт» меноманд, ки юнониҳо дар вақти муҳосираи Искандарияи Миср бо киштӣ ба Царгради Юнон фиристода буданд, вале боди мухолиф киштиро ба соҳили баҳри Миёназамини қаламрави эрониҳо оварда буд. Мутрибон ҳамаи ин маъниҳоро тавсифкунон месароиданд. Дар замони Хусрав се мутриби номӣ будаанд: Нигиса, Барбуд ва Саркаш. Баъзе маъхазҳо Нигиса, баъзеи дигар Барбудро аввалин бастакори «сурудхонии хусравонӣ» меноманд. Онҳо мутрибони дарбор будаанд. Ватани онҳоро баъзе Марв, баъзе Нишопур ва баъзе Ҷаҳрами назди Шероз медонанд. Саркаш, ки сардори сурудхонҳои дарбор ва рақиби Барбуд мебошад, аз истеъдод ва обрӯи шоирию навозандагию хонандагии рақиби худ Барбуди ҷавон хавф дошт ва бинобар ин, кӯшиш мекард, ки ӯро ба дарбор наздик намонад. Он гоҳ вай роҳи зиракиро пеш гирифт — дар рӯзе, ки подшоҳ бояд дар боғи худ базм ташкил диҳад, дили боғбонро ёфта, либоси сабз пӯшида, ба зери гулбунҳо пинҳон шуд. Вақте ки шоҳ қадаҳи якумро нӯшид, Барбуд суруди «Яздон африд» (Яздон офарид)-ро хонд, вақте ки қадаҳи дуюмро нӯшид, суруди «Партови Пархар», ҳангоме ки қадаҳи сеюмро нӯшид суруди «Сабз андар сабз»-ро хонд. Подшоҳ, ки аз зебоии овоз ва суруди хонанда ба ваҷд омада буд, фармон дод, ки сурудхонро ёбанд. Барбуд баъд аз тамом кардани хониш худ аз зери гулбун баромада ба шоҳ таъзим кард. Баъд аз ин, ӯ сурудхон ва шоири дарбор шуд[30].

Аз рӯи нақлҳо ҳафт силсилаи суруди хусравонӣ, «сӣ лаҳн», 360 суруд будааст, ки ҳар яке дар як рӯзи сол (рӯзи базм) хонда мешудааст ва онҳо чандсад сол давом кардаанд. Миқдори сурудҳои ӯ ба миқдори рӯзҳои ҳафтаҳои моҳ ва моҳҳои сол мувофиқ ва баробар будааст. «Яздон офарид», ҳар чанд ки дар базмҳо суруда мешуд, вале мазмуни динӣ дорад ва ба ҳиссиёти динии шунавандагонаш лаззати маънавӣ мебахшид. Як силсила аз ин сурудҳоро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» зикр кардааст, ки мазмуни ҳаётӣ доранд. Масалан: «Пайкори гурд», «Кини Сиёвуш», «Кини Эраҷ», «Боғи Шаҳриёр», «Аврангик» (дар бораи тахти шоҳӣ), «Ҳафт ганҷ», «Наврӯзи бузург», «Сарвистон», «Арвайишни хваршет» (зебоии хуршед), «Нӯшлабинон», «Моҳ андар кофан» (моҳ дар болои кӯҳ) ва ғ. Аз номи сурудҳо маълум мешавад, ки мавзӯи сурудҳо хеле гуногун аст: Дар онҳо аз мавзӯи динӣ сар карда то мавзӯи дабдабаи шоҳӣ, айшу нишоти шоҳон, мавсими сол, идҳо, паҳлавонӣ, манзараҳои табиат, лирикаи ишқӣ ва ҳиссиёти олами ботинии инсон акс ёфтааст.

Дар феҳрастҳои арабӣ номи хеле зиёди китобҳо, ки ба жанрҳои дигари адабиёти форсии миёна дахл дорад, зикр шудааст. Ал-Масъудӣ дар бораи асарҳои «Саки саран» (шояд «соқисароён» бошад), достони «Ҷанги Рустам бо Исфандиёр», китоби «Ҳазор афсона», «Фарза ва Симас» маълумот медиҳад. Таърихнавис Ҳамзаи Исфаҳонӣ ин достонро ба гурӯҳи 70 асари дав-

раи ашкониён, ки гӯё тарҷума будаанд, мансуб карда, «Синдбоднома»-ро низ ба ин гурӯҳ дохил кардааст. Дар китоби феҳрасти Ан-Надим бештар номи қиссаҳои вақтхушкунанда зикр ёфтааст. Масалан, қиссаи «Дар бораи Доро ва бути тилло», «Дар бораи Рӯзбеҳи ятим», «Дар бораи хирс ва рӯбоҳ», «Дар бораи Намруд — подшоҳи Вавилония» ва ғайра. Китоби аввал нусхаи асл ва ё тавъами «Қиссаи даҳ вазир» мебошад. Сураи 31-уми қуръон ин достонро ном набурда бошад ҳам, ба ин савдогар дар рӯзи қиёмат ҷазои сахти илоҳиро пешгӯӣ кардааст. Маълумот дар бораи вазни шеъри қадим, дар маъхазҳои юнонӣ мушоҳида мешавад. Дар китоби муаллифи юнонӣ, ки дар бораи вазни шеъри шоир Гефастион навиштааст, вазни шеъри ӯро, ки Ионикус а майоре (——VV) мебошад, низ «перскус» (форсӣ) номидааст.

Адабиёти паҳлавии давраи Сосонӣ дорои достонҳои эпикии қаҳрамонӣ низ будааст. Дар замони хукмронии Сосониён «Авиаткари Зареран» (Ёдгори Зарирон) ҳамчун достони қаҳрамонӣ, фидокорӣ, садоқат ба давлат, подшоҳ ва халқу ватан аз нав кор карда шудааст. Ин факти адабӣ дар он замон рӯй дод, ки дар соли 484 давлати бодиянишинони ҳаётала (эвталитҳо ё ки гунноҳи сафед) ба Эрони Сосонӣ таҳдид мекард, бинобар ин, барои баланд бардоштани рӯҳи ватанпарварии халқ ва садоқат ба подшоҳ ин асарро аз паҳлавии парфиянӣ ба паҳлавии сосонӣ гардондан лозим буд. Дар айни ҳол воқеаи таърихии давраи сосонӣ — ҳуҷуми эвталитҳои тӯронӣ ба Эрон ба воқеаи ҷанги Арҷоспи тӯронӣ ва Гаршоспи эронӣ монанди дошт..

Аз рӯи нақлҳо Хусрави I Анӯшервон фармон додааст, ки манбаъҳо ва ҳикоятҳое, ки дар бораи подшоҳони Эрон аст, ҷамъ кунанд ва ба шакли китоби подшоҳон дароваранд. Дар замони Яздигурди III (633—651) феодали хурд Донишвар бо муғ Фаррухван ва ходими дарбор Ромин бо номи «Хватайнамак» («Худойнома») таърихи Эронро аз замони қадим то замони Хусрави II (628) навиштаанд. Ибни Муқаффаъ онро дар асри VIII ба забони арабӣ тарҷума кард. Якчанд муаллифони зардуштӣ онро дар асри X ба забони форсии нав тарҷума карданд. Ин асар барои ҳама муаррихон ва нависандагони минбаъда сарчашмаи муҳим гардид. «Хватайнамак»-и тарҷумаи арабӣ ва форсии нав пурра нест, зеро тарҷумонҳо ихтисор кардаанд. Ғайр аз ин Ал-Масъудӣ дар бораи китоби дигари таърихи мусаввири Эрон нақл дорад. Вай нақл кардааст, ки соли 915 дар шаҳри Истахр дар хонаи яке аз амалдорон китоби суратноки таърихи Эронро дидааст, ки он копияи нусхаи китобест, ки соли 731 аз хазинаи подшоҳони форс ёфт шудааст ва дар рӯи пӯсти тунук бо оби тилло, нуқра ва мис бо сурати подшоҳони қадим, ки дар санги қасру кӯҳҳо ҳаст, навиштаву кашида шудааст. Дар замони пеш аз исломӣ мавҷуд будани китоби «Анал» (дар арабӣ «Китоб-ус-сияр ват-таворих»)-ро таърих нависи византиягӣ Агафий (570) қайд намудааст.

**Китобҳои мазҳабӣ дар давраи паҳлавӣ**

Гуруҳи дигари асарҳо китобҳои мазҳабианд, ки ҳамчун осори мазҳабҳои зидди дини расмии зардуштӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумла, ҳаракати Маздак ва инъикоси ақидаи ӯ дар адабиёти давраи сосонӣ. Яке аз ин гуна китобҳо асари Маздак «Деснад» ном дорад, ки дар он ақидаи мазҳабии худро акс кунонидааст, вале беному нишон шудааст, зеро баъд аз ҷазоҳои бераҳмонаву ваҳшиёнае, ки аристократияи Эрон ба маздакиҳо раво дида буд, ин асар сӯзонда шудааст. Дар забони арабӣ «Қитоб Маздак» ном асаре ҳаст, ки ба нусхаи асли «Маздакнамак»-и форсии миёна монанд аст ва хислати насри бадеӣ — беллитристикаро дорад. Дар ин китоб ҳаракати Маздаку маздакиён ва оқибати кори онҳо бо супориши синфи ҳоким бо майлҳои тенденционӣ навишта шудааст. Мундариҷаи мухтасари ин китоб аз рӯи китобҳои «Сиёсатнома» ва «Форснома» маълум аст.

Аз рӯи ин китоб Маздак муғест, ки бо роҳи тафсири ҳаққонии Авасто гӯё одамонро ба гумроҳӣ бурда, дурӯғгӯӣ кардааст, то ки боварии Қубод ва табақаи болоро ба даст орад. Вай бовар мекунондааст, ки ӯ метавонад бо рӯҳи оташи муқаддас сӯҳбат кунад ва аз ӯ маслиҳат гирад ва рӯҳ бо ӯ бо овози инсонӣ гап мезанад. Вай дар оташкадаи худ яке аз наздиконашро пинҳон кардааст, то ки бо вай гуфтугӯ кунад ва фармоишҳои худоро иҷро намояд. Ба Маздак муяссар шуд, ки подшоҳ Қубодро ба гап дарорад, вале шоҳзодаи ҷавон Анӯшервон бо роҳи фиреб ва сӯиқасд ӯ ва дӯстонашро ба банд гирифта, қир мекунад. Ибн-ул-Муқаффаъ ин китобро ба арабӣ даровард ва Абан-ал-Лахиқӣ онро ба таври бадеӣ аз нав кор кардааст.

Ҷараёни дигар зарвония аст, ки нисбат ба дини расмии зардуштӣ илҳод ва бидъат шуморида шудааст. Аз порчаҳои ҷудогонаи адабии форсии миёна маълум мешавад, ки бисьёр асарҳо аз таҳрири зарвониҳо гузаштааст. Аз ҷумла, «Бунда ҳишн». Аммо асарҳои зарвонӣ ҳам ҳамчун асарҳои оппозиционӣ нобуд карда шудааст.

**Адабиёти хаттӣ дар Осиёи Марказӣ**

Чӣ тавре ки кофтуковҳои археологӣ дар Самарқанд, Хоразм, Панҷакент ва Турфон (Туркистони шарқӣ) нишон дод, дар ин кишварҳо низ адабиёти хаттӣ ва шаклҳои гуногуни санъат мавҷуд будааст, ки онро истилои араб нобуд кардааст. Сюжети расмҳое, ки дар девори шаҳрҳои қадим дида мешавад, аз адабиёти бадеии онҳо низ гувоҳӣ медиҳанд. Дар замони истилои араб осори маданӣ ва адабии кишварҳое, ки ба муқобили истилогарони араб зиддияти сахт нишон дода буданд, нобуд карда шудаанд. Адабиёти бои ин давр бештар мазмуни динӣ (монигӣ, христианӣ, буддоӣ ва зардуштӣ) дошта бошад ҳам, анъанаи адабиёти хаттиро давом додааст. Ин асарҳо ба забони суғдӣ, хоразмӣ, форсии миёна ва ӯйғурӣ навишта шудаанд.

**Ёдгориҳои хаттии монӣ**

Манбаъҳои гузашта хабар медиҳанд, ки аз Монӣ ҳафт асар мондааст. Шаштои он ба забони суриягӣ ва дигаре, ки «Шопуракан» ном дошт ба яке аз забонҳои форсии миёна навишта ба подшоҳи Эрон Шопури I бахшида шудааст. Муаллифи «Ал-феҳрист»-и арабӣ Ан-Надим дар охири асри X имконияти ба даст овардани китобҳоро гуфтааст, вале Берунӣ дар асри XI аллакай душвор будани ёфтани ин китобҳоро қайд намуда, танҳо аз Хоразм ёфт шудани онҳоро зикр кардааст.

Ал-Ғазанфари Табрезӣ дар бораи асари Монӣ «Китоби азаматҳо» сухан ронда, қайд кардааст, ки ин китоб пур аз ҳикоятҳо дар бораи паҳлавонони азамат мисли Сом ва Наримон мебошад, шояд ин номҳоро Монӣ аз «Авасто»-и Зардушт гирифта бошад. Аз осори ақидаи Монӣ дар шеваи ҷанубию ғарбӣ, шимолу ғарбии форсии миёна, паҳлавии шарқӣ, баъзан тарзи баёни суғдӣ, туркӣ парчаҳое боқӣ мондаанд, ки мундариҷаи гуногун дорад. Мо дар онҳо гимнҳои динӣ, ибодатӣ, таълимот дар бораи пайдоиши системаи олам, порчаҳо аз тарҷумаи ҳоли Монӣ, афсонаҳо дар бораи аввалин тарғиботчиёни ақидаи Монӣ, баҳсу мунозира бо пайравони ақидаи ғайри ақидаи Монӣ ва ғайраро мебинем. Дар онҳо хислати афсонавии таълимоти динӣ акс ёфтааст. Яке аз порчаҳои шеърии боқимонда хусусияти лирикӣ дорад. Аз порчаҳои дигар ҳам дидан мумкин аст, ки онҳо дар ибтидо хислати шеърӣ доштаанд ва нусхаҳои аслии он ба забони оромӣ навишта шудаанд. Пас, ин асарҳо аз ҷиҳати забон ҳам якхела нестанд.

Барои тасдиқи он даъво, ки дар адабиёти ифодакунандаи ақидаи монигӣ шеърҳои лирикӣ ва умуман лирика вуҷуд дошт, порчаи зерин, ки дар бораи Товус (Фрашсмурве) аст, ҷолиби диққат мебошад:

| | |
|---|---|
| Хвархшед ё рошан | Хуршеди равшан |
| Роченд уд бразенд | Медурахшад ва метобад |
| Мурван бамеван | Паррандагон пагоҳон |
| Назенд кавотар | Кабӯтар ҳам навозиш мекунад. |
| Уд пурмаҳ ё браза | Ба моҳи тобон |
| ач танвар ай драхт | ба танаи он дарахт |
| ой назенд шадиҳӣ | ба вай хурсандона шодӣ мекунанд |
| Фрашемур ё висн (ранг) | ва товуси пурнақшу нигор ҳам. |

Чӣ тавре ки дида мешавад, шакли шеърӣ мисли шеъри парфиянӣ дар беқофиягӣ ва ҳиҷоӣ будани вазн аст. Вале, агар дар назми эпикии парфиянӣ мисраъҳо кӯтоҳ бошад, ин ҷо мисраъ дароз ва ёздаҳҳиҷогии қатъӣ буда, ба рукнҳои 5 ва 6-ҳиҷогӣ тақсим шудааст. Дар ин шеър дар бораи кадом дарахт сухан рафтааст, маълум нест, мумкин аст, ки дар бораи «дарахти зиндагӣ» мулоҳиза ронда шудааст ё умуман дарахт ҳамчун предмети табиӣ тасвир шуда бошад, зеро онро равшан кардани офтобу моҳ, дар болояш нишастани кабӯтар, дар наздаш гашту-

гузор доштани товус, дар порчаҳои дигари шеърӣ дар бораи гулу булбули анъанавӣ сухан ронда шудааст. Аз ин порча ҳиссиёти лирикии шахс, табиат ва зебоидӯстии ӯ намудор мегардад, ки ба қатори шеърҳои эпикӣ ва тоату ибодат, лирикаи пейзаж ҳам мавқеи муайяне пайдо кардааст. Агар порчаҳои хеле зиёди ин адабиёт ёфт мешуд, аз мундарича ва санъати бои он хабар додан мумкин буд. Монӣ як силсила мактубҳо дорад. Пайравони ӯ маҷмӯаи хеле калони дар шакли мактуб навишташуда доштаанд, ки аксарияти онҳо аз рӯи ривоятҳо ба қалами ӯ мансубанд, аммо тадқиқотчиёни адабиёти монигӣ бо ном ба ӯ мансуб буданд, вале дертар аз тарафи пайравонаш навишта шудани онҳоро қайд намудаанд.

Дар адабиёти акскунандаи ақидаҳои монигӣ ба ҳикоят ва тамсил бештар аҳамият дода шудааст. Дар байни порчаҳои аз Турфон ёфташуда порчаҳои адабии насрие ҳам ҳаст, ки масъалаҳои ахлоқии доир ба зиндагӣ акс ёфтааст. Дар яке аз порчаҳо (№ 5) ҳикояте аст, ки қаҳрамони он модар буда, ба мурдаи фарзанди худ бисьёр гирья мекунад: «Ман то ҳол намедонистам, ки ба мурдани писарам гирья карда, рӯҳи ӯро куштаам. Баъд аз ин дигар гирья намекунам, то ки рӯҳи ӯ зинда бошад». Ин масъалаи дар ҳикоят аксьёфта аз таълимоти дини зардуштист, ки ба мурда бисьёр гирья карданро гуноҳ мешуморид. Мо ин таъсири Мониро дар эҷодиёти Рӯдакӣ ва Саъдӣ мебинем. Дар яке аз ҳикоятҳои монимазмуни суғдӣ нақле ҳаст, ки сӯрохкунандаи гавҳар рӯзи дароз барои хоҷаи худ уд менавохт ва бегоҳӣ аз ӯ ҳаққи хизмат талаб мекард. Ин сюжет аз адабиёти Ҳинд омадааст ва дар варианти «Қалилаву Димна»-и арабӣ акс ёфтааст.

Яке аз асарҳои Монӣ, ки дар мавзӯи догмаҳои динист, «Шоҳпуракан» мебошад, ки вай онро ба забони форсии миёна навиштааст. Китоби дигари ӯ «Авангельон» (фариштаҳо) ном дорад. Дар бораи ин китоб муаллифон гуфтаанд, ки китоби мазкур 12 боб дорад[31]. Азбаски ороиши китоб санъати дӯстдоштаи Монӣ буд, бояд ба ҳар гуна нақшу нигор оро дода шуда бошад ва яке аз сабабҳои дар асрҳои миёнаи мусулмонӣ шӯҳрат баровардани китоби дигари ӯ «Артанг» («Аржанг») дар ороиши китоб аст. Монӣ санъаткори бузург буд.

Санъати бисьёр зебои китобородиҳии форсу тоҷик аз замони Сосониён ин ҷониб дар ҷаҳон машҳур аст. Мониро шӯҳратдиҳандаи ин санъат мешуморанд ва китоби ӯ «Артанг» ё ки «Аржанг»-ро, ки гӯё дар кадом як ғоре дар Туркистон эҷод кардааст, намунаи беҳтарини он медонанд. Ин китобро инъикоси ақидаи космологии Монӣ, ки бо суратҳо оро дода шудааст, мешуморанд. Монӣ дар китоби худ драмаи ҷаҳонро аз ибтидои вохӯрии рӯшноию торикӣ ва муборизаи онҳо оғоз намуда, то фоҷиаи аввалин одам, ки аз ҷаннат ронда шудааст ва тавлиди худоҳо ва муборизаи онҳо бо қувваҳои бад овардааст. Дар асри XI мавҷуд будани «Аржанг»-ро Абулмаолӣ дар соли 1091

дар Ғазна қайд намудааст, вале ҳоло аз он нишонае боқӣ намондааст. Ақидаи Монӣ дар забони суғдӣ ҳам акс ёфтааст. Ин ҳуҷҷатҳо ва ҳикояҳо бештар дар қисмати Туркистони Шарқӣ, кӯчаи Лоб-нор, Қаробалгасуни Уйғуристон (дар навиштаҷоти яке аз хоқонҳои турк), ҳамчунин дар садди Чин, дар райони Дуньхуан ёфт шудааст, ки ба асри IV мансуб мебошанд. Баъзе порчаҳои тарҷумаи суғдӣ дини христианиро, қисми дигаре дини буддоиро акс кунонидааст. Маълум мешавад, ки ин забон чи дар байни суғдиҳо ва чи халқҳои дигар, ки ба онҳо бештар мафҳум будааст, вазифаи тарғиботи диниро адо намудааст. Ҳамин гуна ҳуҷҷатҳо ба забони хоразмӣ ва соқӣ низ мавҷуд аст. Бештари онҳо тарҷума буда, он ҳам хеле кам мебошад. Ба забони суғдӣ ва хоразмӣ бояд асарҳои илмӣ ва адабӣ бисьёр бошанд, вале онҳо дар замони истилои араб, сипас, турку муғул сӯзонда шудаанд*.

**Хулосаҳо:**

1. Халқҳои эронӣ нисбатан аз қадимтарин сокинони Осиёи Миёна ва Эрон буда, маданияти бои онҳо дар ҳамин сарзамин аз давраҳои куҳан ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст. Эрониён (аз он ҷумла тоҷикон) ба гурӯҳи Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷудо мешаванд, вале бо баъзе фарқҳо бо ҳам алоқаи зичи забонӣ, фарҳангӣ, урфу одат ва ҷаҳонбинию ақидавӣ доштанд. Онҳо ҳамчун ду шохи як тана бо халқи қадимии ҳинд халқи ба ҳам хеш (Ҳинду Эрон) буда, дорои робитаи наздике дар забон, маданият, адабиёт ва ақидаҳои иҷтимоию динӣ буданд.

2. Ҳаёти иҷтимоӣ аз ҷамъияти бесинфи қабилавӣ, ҷамъияти общинагӣ ба ҷамъияти ғуломдорӣ ва оғози ҷамъияти феодалии асри VI—VII расида, дар ҳамин ҷараён ҷаҳонбинии иҷтимоӣ, динӣ ва фалсафии ин халқҳо бо ҳамаи зиддиятҳо ва шохаҳояш ташаккул ёфтааст.

3. Халқҳои эронӣ дар ҷаҳонбинӣ аз табиатпарастӣ (сайёрапарастӣ) ба воситаи ислоҳоти бузурги Зардушт ба дини тавҳид — якхудоии маздопарастӣ омадаанд. Дини ваҳдат натиҷаи пайдоиши кӯшишҳои муттаҳидшавии халқ, ташкили давлати ягонаи шоҳаншоҳӣ, гузаштан аз ҳаёти бодиянишинӣ ба ҳаёти муқимии деҳқонӣ, сохтани деҳаву шаҳрҳо ва ҳаёти маданӣ мебошад. Дини маздопарастӣ дини расмии давлатӣ буда, зарвонияи мазҳабӣ ва фалсафӣ, монигӣ, маздакӣ ва ғайра илҳоди оппозиционии он мебошанд.

4. Забони халқҳои эронӣ гуногун буда, се давраи асосиро гузарондааст ва халқ мувофиқи он хат ихтироъ намуда, адабиёти китобатӣ ба вуҷуд овардааст. Забони форсии қадим (забони «Авасто»), форсии миёна (паҳлавии шарқӣ ва ғарбӣ) форсии дарӣ мебошад. Дар ин байн забонҳои дигари қадимӣ аз қабили суғдӣ, соқӣ, хоразмӣ, курдӣ ва ғайра мавҷуд буданд.

* Мазмун аз китоби *Ян Рипка.* История персидско-таджикской литературы. М., «Прогресс», 1970.

Забонҳои дигаре низ буданд, ки хат ҳам доштанд, дар шароитҳои муайяни таърихӣ забони адабӣ шудаанд.

5. Адабиёти бадеии халқҳои эронӣ аз фольклор, мифҳо, афсонаҳо ва сурудҳо оғоз ёфта, дар Авасто ба хат гузаштааст. Таърихи хати халқҳои эронӣ хати авастоӣ, мехӣ, оромӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмиро медонад ва бо ин хатҳо адабиёт низ мавҷуд буд.

6. Дар дуньёи кадим адабиёт ҳам ба маънои васеаш ва ҳам ба маънои тангаш вуҷуд дошт: осори кандакории расмӣ — давлатии рӯи санг (дар Тахти Ҷамшед, Тахти Доро, Кӯҳи Бесутун, Нақши Рустам), асарҳои оид ба таърихи мамлакат, асарҳои динӣ, ҳуқуқшиносӣ, панду ҳикмат, мактубот, сиёсатномаҳо — чӣ гуна идора кардани давлат ва ғайра ба гурӯҳи адабиёти ба маънои васеаш дохил буданд. Достонҳои қаҳрамонӣ, мифологӣ, сурудҳои динӣ, ишқӣ-лирикӣ, ҳикоятҳо ва саргузаштҳо адабиёти маънои тангро ташкил медод. Дуньёи қадим ба ҳар ду маъно ҳам дорои адабиёт буд.

7. Дар адабиёти қадим суруд бо мусиқӣ баробар инкишоф ёфтааст ва хусусияти синкритикӣ дошт. Суруду мусиқӣ ба воситаи санъати мутрибӣ ба амал оварда мешуд.

8. Ақидаи пеш аз истилои араб шеърро надонистани эрониёни қадим ғалати маҳз аст. Дуруст аст, ки шеър он санъат ва ҳусну латофате, ки шеъри форсии нав дошт, нагирифта буд, вале шеъри хоси эрониёни қадим, ки дорои вазни ҳиҷоист, мавҷуд буд. Шеър дар шакли сурудҳои динӣ, лирикӣ ва достонҳои қаҳрамонӣ, ишқию қаҳрамонӣ вуҷуд дошт. Миқдори ҳиҷоҳо дар шеърҳои лирикӣ ва эпикӣ фарқ дошт, қофия ба мафҳуми имрӯзааш вучуд надошт, вале унсурҳои оҳангнокӣ пайдо шуда, тадриҷан такомул меёфт. Рубоӣ ва мураббаъ хоси фольклори халқҳои эронӣ буд.

9. Насри илмӣ, бадеӣ, дидактикӣ, саргузаштҳои таърихӣ ва динӣ дар шакли омехта вуҷуд дошт, вале ҳар кадом дорои хусусиятҳои худ мебошад.

10. Чӣ тавре ки халқҳо ва давлатҳои қадим бо ҳар восита ба якдигар алоқаи иқтисодӣ ва сиёсӣ доштанд, ҳамон тавр дар соҳаи маданият, илм, санъат ва адабиёт ҳам робитаи муайяне байни халқҳои қадими Шарқу Ғарб вуҷуд дошт ва ба якдигар таъсир мегузаронд. Мисоли он маданияти давраи эллинизм аст. Чунин алоқа бештар бо роҳи тарҷума ва омӯхтани санъату ҳунари якдигар ба вуҷуд оварда шудааст. Масалан, муаллифи китоби Денкард хабар медиҳад, ки Шопури 1 фармон дод, ки аз адабиёти юнонӣ ва ҳиндӣ китобҳо тарҷума кунанд. Ақидае ҳаст, ки сюжети «Артак Вираза» чанд сад сол пеш аз Сосониён аз адабиёти Ғарб ба Шарқ таъсир гузарондааст. Тарҷумаи «Панҷа тантра»-и ҳиндӣ («Калилаву Димна») бо ташаббуси табиби сосониён Барзу, ки Нишопурӣ ба қалам дода шудааст, аз ҳиндӣ ба амал оварда шуд. Аз эрониёни қадим

масъалаҳои илмӣ ва фалсафиро омӯхтани Юнони Қадим факти таърихист, вале ҳоло омӯхта нашудааст.

11. Қомьёбиҳои илму адабу санъати ба худ хоси дуньёи қадимро истилои араб ва идеологияи он дини ислом хароб кард.

12. Байни забон, илм, адабиёт ва санъати дуньёи қадим робитаҳо бо баъзе фарқҳо канда нашуда давом ва инкишоф ёфтааст.

13. Чӣ тавре ки ташкили аввалин давлатҳои эронӣ дар Эрони Шарқӣ воқеъ гардидааст, ҳамон тавр сарчашма ва макони аввалин адабиёт, санъат ва маданияти онҳо дар Шимолу Шарқи Эрон, Осиёи Миёна ва Афғонистон мебошад.

## ТАВЗЕҲОТ

1. Ин калимаро дар замони қадим дар шакли «Варуна» ҳам талаффуз мекардаанд (саҳ. 18).

2. Ин ақида ҳамчун боқимондаи ақидаи қадимӣ дар адабиёти бадеии давраи феодалӣ акс ёфтааст (саҳ. 18):

> Гарчи хуршеди фалак чашму чароғи олам аст,
> Рӯшноибахши чашми уст хоки пои ту.
>
> *Хофиз*

3. Баъд аз ғалабаи ислом дар ақидаи ирфонӣ ин ақидаро рад кардаанд (саҳ. 18):

> Осмон, гӯ, мафрӯш ин азамат, к-андар ишқ
> Хирмани маҳ ба ҷаве, хӯшаи Парвин ба ду ҷав.
>
> *Ҳофиз*

4. Ба мор ташбеҳ карда шудани абри сиёҳ дар адабиёти классикӣ ҳамчун анъанаи қадим дар баъзе шеърҳо акс ёфтааст (саҳ. 20):

> Баромад ба кӯҳ абри Мозандарон,
> Чу мори шиканҷеву моз андар он.
>
> *Фирдавсӣ*

5. Ин маънӣ ба адабиёти классикӣ ҳам гузаштааст (саҳ. 20):

> Сӯфӣ ар бода ба андоза хӯрад, нӯшаш бод,
> В-арна андешаи ин кор фаромӯшаш бод.
>
> *Хофиз*

6. Дар мифологияи Юнони Қадим Зеус-падар — худои худоён аст ва ба Кронус монандӣ дорад (саҳ. 22).

7. «Лока ята» аз калимаи ҳиндии «локесуаутаҳ» буда, маънояш «он чӣ дар байни мардум шоеъ аст» ё ки «фалсафаи мардум» мебошад. «Лока ята» материализми ибтидоиест, ки дар байни табақаи оддии мардуми Ҳинд паҳн шуда буд. «Лока ята»-ро ба маънои «ҷаҳон» ва «олам» ҳам шарҳ медиҳанд. Ин ҷараёни фалсафӣ пеш аз таърихи милод бар зидди мистикаи дини буддоӣ ба вуҷуд омадааст (саҳ. 22).

8. «Бидъат» аз калимаи арабии «бидъата» буда, маънояш дар дин чизи наве пайдо кардан аст. «Бидъат» мазҳаби диниест, ки бар зидди дини ҳукмрони давлатӣ баромадааст (саҳ. 22).

9. **Шахси Зардушт.** Як гурӯҳ тадқиқотчиён Зардуштро шахси мифологӣ, афсонавӣ, ғайритаърихӣ ва қувваи ёридиҳандаи Аҳура Маздо мешуморанд. Пайравони дар Ҳинд будаи вай порсҳо ва гурӯҳи дигари олимон ӯро шахси таърихӣ ва пайғамбари маздоӣ шинохта, замони зиндагиашро асри VII—VI то милод ва солҳои ҳаёташро 628—551 п. аз м. тахмин кардаанд*. Ҳоло фикри дуюм тасдиқ карда мешавад. Ӯро сорбон ё ки соҳиби уштури зард (зара уштура) ва аз авлоди Спидама мешуморанд. Номи падараш Паурушоспа, номи модараш Дугдова будааст. Вай тахминан дар 42-солагиаш пайғамбар шудааст. Зардушт аслан ба табақаи рӯҳониён мансуб буда, одами давлатманд набудааст. Ин маъниро аз шеъри ҳасбиҳолии дар китоби «Авасто» будаи ӯ фаҳмидан мумкин аст:

1. Ман дар кадом замин пинҳон шавам, ба куҷо равам, ниҳон шавам?
Маро аз ҳамватанонам ва ҳамқабилаҳоям пеш мекунанд. Сардори авлод
ҳам ба ман хусни таваҷҷуҳ надорад.
Ва ҳукмдорҳои саҷдакунанда ба дуруғ ҳам.
Ман чӣ тавр марҳамати туро ба даст орам, эй Аҳура Маздо?!

2. Ман медонам, ки барои чӣ, эй Маздо, муваффақият надорам:
Ман чорво кам дорам, одамон кам дорам.
Ман дар назди ту зорӣ дорам, ба ман назар кун, Аҳуро!
Ёрие, ки дуст ба дуст медиҳад, бифрист!
Ва воситаи Аша[32] ба ман ёд деҳ, ки чӣ тавр фикри некро
ба даст орам!**

*(Ясна, 46)*

Аз ин шеъри тарҷумаиҳолӣ пай бурдан мумкин аст, ки аз табақаи дорои ҷамъият набудааст, зеро молу мулк, чорво ва ғуломон надорад. Чӣ тавре ки дар аввали корҳо ба ҳамаи пешвоёни динҳо ва ақидаи иҷтимоию фалсафӣ бемуваффақиятиҳо рӯй медиҳад, бо Зардушт ҳам рӯй додааст — пешвоёну рӯҳониёни динҳои кӯҳнаи ҳукмрон ва ҳокимони ба онҳо итоаткунанда одатан дини навро зуд қабул намекунанд, ба муқобили

* Тарҷумаи таҳтуллафз аз русӣ. Е. Э. Бертелс. История персидско-таджикской литературы. М., 1960, с. 59—54.

** *Ричард Фрай.* Наследие Ирана, с. 53.

пешвои нав ва пайравони он мебароянд, мубориза мебаранд, бадарға ва ҳасбу зиндон мекунанд. Дар банди аввал аз ватан ва ҳамқабилаҳо бадарға карда шудани ӯ, танҳову зор будани вай, аз назари мардум пинҳон шудани ӯ, оворагӣ, сарсонӣ акс ёфтааст. Аз муроҷиат ва зориҳои вай ба Аҳура Маздо, ки ба ӯ ёрӣ ва қувват диҳад, садои одами оҷизу нотавони ҳақиқӣ, ки дар корҳои амалии худ чорае надорад, ҳис карда мешавад. Аммо Зардушт ба душвориҳо нигоҳ накарда, оини зардуштиро бо наздиконаш қабул карда, дар шаҳри Балх ибодатхона — оташкадаи ба номи Меҳрбурзинро бино намудааст, (княз) Гуштосп буд. Дар ин бора шоир Дақиқӣ дар «Шоҳнома»-и худ дар боби ба тахт нишастани Гуштосп ва пеш аз он ба оташкадаи «Навбаҳор» рафтани ӯ, ки аломати қабули дини зардуштист ва ба Зардушт имон овардани вай аст, маълумот додааст:

Чу Гуштоспро дод Лӯҳросп тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.
Ба Балхи гузин шуд бар он «Навбаҳор»,
Ки яздонпарастон бад он рӯзгор
Мар он хонаро доштандӣ чунон,
Ки мар Маккаро тозиён ин замон.

Зардушт зану фарзанд ҳам доштааст. Ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи ӯ дар Балх ҷараён дошт, вале баъд аз 35 соли пайғамбариаш дар 77-солагӣ бо дасти душмани ғоявиаш Балатнарса ном шахс кушта шудааст. Аммо дар Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар бораи ҳангоми шаҳри Балхро забт кардани Арҷосп, дар оташкадаи Нӯшозар бо ҳамроҳии 80 нафар мӯбадони зардуштӣ кушта шудани ӯ маълумот дода шудааст:

Шаҳаншоҳ Лӯҳросп дар шаҳри Балх,
Бикуштанду шуд рӯзи мо тору талх
В-аз он ҷо ба Нӯшозар андар шуданд,
Раду ҳарбудро ҳама сар заданд.
Зи хун-шон фурӯзанда оташ бимурд,
Чунин бадкуниш хор натвон шумурд.

Зардушт ба муқобили сардори қабилаҳо, рӯҳониёни динҳои кӯҳна ва қурбониҳои хунин баромада, ақидаи дар замони худ прогрессивиро пеш ронда, мардумро ба хоҷагии деҳқонӣ, чорводорӣ, ҳаёти маданӣ, мудофиаи он аз тахту тозҳои ғоратгаронаи ҳарбии қабилаҳои бодиянишин даъват карда, ба ташкили давлати ягонаи пурқуввати марказӣ ва якшавии халқҳои эрониёни шарқӣ, ки дар замони ӯ набуд, даъват мекард.

Аз рӯи нақлҳо худи Зардушт «Авасто»-ро нанавиштааст, онро баъд аз кушта шудани ӯ шогирдон ва пайравонаш ба тартиб даровардаанд. Дар аксарияти сарчашмаҳо «Авасто»-ро асари ӯ медонанд. Аз рӯи мундариҷаи ин асар вай шахси босавод, файласуф, ҷамъиятшинос, ҳуқуқшинос, таърихшинос, шоир ва носир аст. Тафаккури бадеӣ, абстрактии фалсафӣ ва

ичтимоии ӯ, ки дар «Авасто» фароҳам омадааст, ки дар аксарияти китобҳои динӣ дида намешавад, касро дар ҳайрат мегузорад, ки дар он замони қадим тафаккури мардум ва фаҳмиши он ба ин дарача расидааст (саҳ. 22):

3. Қай, эй Маздо, вақти баромади офтоб меояд,
То ки чаҳон Ашаро ба дасти худ орад?
Начотдиҳандагони пурқуввату нотиқони доно кай меоянд?
Онҳо барои фикрҳои нек ба ёрии кӣ меоянд?
Ба ман (меоянд), зеро маро ту, о Армата, интихоб
кардаӣ, барои ба охир расидани он (фикрҳои нек).

*(Ясна, 46)*

10. Навиштаи ин ном хеле зиёд аст: Зардушт, Зардҳуш, Зардҳишт, Зартушт ва ғайра. Аксарият ақида доранд, ки он аз калимаи «зара уштура» (дорандаи уштури зард) буда, шояд лақаби ин пайғамбар бошад (саҳ. 22).

11. Асри ба пайғамбарӣ омадани Зардушт аниқ маълум нест. Байни солҳои 1000—600 — пеш аз милод тахмин мекунанд (саҳ. 22).

Аз рӯи гуфтаи Абурайҳони Берунӣ 258 сол пеш аз омадани Искандари Македонӣ аст. Искандар дар соли 330 ба Эрон омадааст. Агар ба ин рақам 258-ро ҳамроҳ кунем, 588 мешавад. Ин солҳо ба солҳои подшоҳии Гуштосп, ки аввалин шуда дини зардуштиро қабул кардааст ва солҳои Куруши Қабири Ҳахоманишӣ, ки онро паҳн кардааст, мувофиқат мекунад.*

12. Дар бораи чои таваллуди Зардушт фикрҳо гуногун аст. Баъзе онро Мидия — шимолу ғарбии Эрон — Озарбойчони Эрон мешуморанд ва гӯё баъд ба Эрони Шарқӣ омада бошад. Аксарият дар он ақидаанд, ки чои таваллуди ӯ Балх аст ва таълимоти вай аввал дар Бохтар паҳн шудааст (саҳ. 22).

13. Бар хилофи ақидаи аксарияти маъхазҳо муаллифи китоби «Маздо ясно ва таъсири он дар адабиёти форсӣ» «Навбаҳор»-ро оташкадаи зардуштиён не, буткадаи буддопарастон номидааст, ки баҳсталаб аст (саҳ. 23).

14. Ин калима аз таркиб ва маънои зерин иборат аст: «Аҳура»-аслан «асура» аз он «асу-аҳу» ба вучуд омадааст. Маънояш «мавло» ва «сарвар» аст. «Маздо» аз калимаи «мадҳа» буда, маънояш дониш ва хуш аст. Ба ин тариқ маънои «Аҳура Маздо»— сарвари доно, ҳушьёр ва огоҳ аст (саҳ. 25).

15. Ҳар чанд ки дар маздопарастӣ ду қувваи офаридагор эътироф шудааст, вале азбаски аз ин ду қувва танҳо яктоаш офаридагори некӣ парастида мешавад, маздопарастиро дини яктоӣ-ваҳдат номидан мумкин аст. (саҳ. 26).

16. Шаклу талаффузи ин калима зиёд аст: зарвон, зуравон, зервон, зрвон, ҳамаи ин шаклҳо як маъно—«замон»-ро ифода менамояд (саҳ. 27).

---

* *Ричард Фрай.* Наследие Ирана. М., 1972, с. 52—53.

17. Дар «Авасто» ин калима шакли «зуран акарана»-ро ҳам дорад (саҳ. 28).

18. Дар замони феодализм «Қаюн»-ро «Қайвон», «Зуҳал» меномиданд ва ситораи наҳс тасаввур шудааст. «На наҳси Қайвон буду на рӯзгори дароз» (Рӯдакӣ) (саҳ. 30).

19. «Ҳафту дувоздаҳ» ишора ба ҳафт сайёра ва дувоздаҳ ҳазор сол, ки гӯё умри олами моддист (саҳ. 31).

20. Аз маънои гуфтаи Масъудӣ зарвониён будани маҷусиён (оташпарастон) фаҳмида мешавад ва олими асри XII — Шаҳристонӣ Зарвонро худои маҷусиён шуморидааст (саҳ. 31).

21. Зандикҳо аҳли тафсири «Авасто» ё ки «Занд» буданд. «Ик» суфикси калимасози нисбат аст. Муарраби ин калима «зандик» ё ки «зиндиқ» аст (саҳ. 35).

22. Дар китобҳои оид ба таърих бинобар аз сафари Хитой (Чин) баргаштан ӯ ҳамчун шахси чинӣ ғалат қаламдод шудааст (саҳ. 38).

23. Ин лаҳзаи ҷангро ҳам Дақиқӣ айнан тасвир кардааст (саҳ. 75).

Наёрист рафтан-ш дар пеши рӯй,
Зи пинҳон ҳаме тохт бар гирди ӯй...
Зи пинҳон бад-он шоҳзода савор
Бияндохт жӯпини заҳробдор.
*(«Шоҳнома», ҷ. 6 с. 130)*

24. Достони «Дарахти Осурӣ» ба забони форсии имрӯза нашр шудааст. Манзумаи «Дарахти Осурӣ» матни паҳлавии овонавишт, тарҷумаи форсии феҳристи вожаҳо ва ёддоштҳо аз Моҳьёри Наввобӣ, Интишороти фарҳанги Эрон, Теҳрон, 1346 ҳ. ш. (саҳ. 77).

25. Номи яке аз ҳафт кишвар дар «Авасто» бо номи «Хванирата» ёд шудааст ва кишвари марказӣ мебошад (саҳ. 78).

26. Оз — деви Ҳирс (дар Авасто —«Азай») (саҳ. 79).

27. Фариштаи бонии ҳайвонот (дар «Авасто» «Геуш Урвон»— рӯҳи барзагов) (саҳ. 79).

28. Бозубанди нома — номаи шоҳӣ, ки дар рӯи матоъ асту давра мепечонанд. (саҳ. 79).

29. Намунаи ин ҷазо аз акти ҷазое, ки форсҳои сосонӣ ба насрониҳои Ваилония, Монӣ ва маздакиён дар Эрон додаанд, маълум аст (саҳ. 82).

30. Аз рӯи нақлҳо Барбудро рақибаш Саркаш заҳр дода куштааст (саҳ. 90).

31. Е. Э. Бертельс тахмин кардааст, ки ин 12 боб бо 12 ҳарфи алфавити Сурия алоқаманд аст ва ба ҳар боб номи ҳарферо гузаштааст (саҳ. 94).

32. Аша номи яке аз арвоҳҳои муқаддас аст (саҳ. 98).

## АДАБИЁТ


1. *К. Маркс.* Сарсухан ба «Доир ба танқиди иқтисоди сиёсӣ (Аз асари *К. Маркс* ва *Ф. Энгельс.* Асарҳои мунтахаб. Душанбе, ч. 1, 1963).
2. *К. Маркс и Ф Энгельс.* Об исскустве. М., 1957.
3. *К. Маркс* ва *Ф. Энгельс.* Манифести Партияи Коммунистӣ. Душанбе, 1968.
4. *К. Маркс* и *Ф. Энгельс.* Соч., т., 21.
5. *В. И. Ленин,* Асарҳо, ҷ. 20 ва 31.
6. *В. И. Ленин.* О литературе и искусстве. М., 1957.
7. *Н. Г. Чернышевский.* Избранные литературно-критические статьи. М., 1955.

8. *Абаев В. И.* Скифский и реформа Зороастра. М., 1956.
9 *Бортольд В. В.* Таджики. Соч. т. II, ч. I, М. 1963.
10. *Бертельс Е. Э.* История персидско-таджикской литературы, М., 1960.
11. *Брагинский И. С.* Унсурҳои эҷодиёти бадеии халқ дар осори хатии қадим ва асри миёнагии тоҷик. Маҷаллаи «Шарқи сурх», № 10, 1954, № 3, 1955
12. *Брагинский И. С.* Из истории таджикской народной поэзии. М., 1956.
13. *Брагинский И. С.* Из истории таджикской-персидской литературы. «Наука». М., 1972.
14. *Ғафуров Б. Ғ.* Тоҷикон. Душанбе, «Ирфон», к. I, 1983.
15. *Забеҳулло Сафо.* Ҳамосасароӣ дар Эрон. Теҳрон.
16. *Мирзозода Х.* Нуқтаи назари зиддидинӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик. Душанбе, 1978.
17. *Пури Довуд.* Яштҳо. ҷ. I, II, Нашри 2, Теҳрон, 1347 ҳ. ш.
18. *Ричард Фрай.* Наследие Ирана. М., 1972.
19. *Семенов А. А.* Материальные памятники иранской культуры в Средней Азии. Сталинабад, 1945.
20. *Струвье В. В.* Родина зороастризма. Материалы по истории таджиков и Таджикистана, сб. I. Сталинабад, 1945.
21. Талстов *С. П. По следам* древнехорезмской цвилизации. М—Л., 1948.
22. *Ян Рипка.* История персидско-таджикской литературы. М., 1970.

# II. АДАБИЁТИ ДАВРАИ УСТУВОРШАВИИ ФЕОДАЛИЗМ

## (АСРҲОИ VIII—IX)

**Маълумоти мухтасари таърихӣ**

Кризиси аз муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъияти ғуломдорӣ (асри III) ба муносибатҳои феодалӣ гузаштан аз асрҳои IV—V оғоз ёфта бошад ҳам, ҷангҳои ғоратгаронаи сосониён, эфталитҳо ва хоқонҳои турк дар Осиёи Миёна ва Эрон, махсусан, ҳуҷуми истилогаронаи хилофати араб (асрҳои VII—VIII) ба инкишофи ин процесси таърихан прогрессивӣ халал мерасонид. Дар натиҷаи истилои араб кишварҳои гуногуни Эрони Шарқӣ — Хуросон, Бохтариён, Суғд, Хоразм, Паркана ё ки Фарғона, Тахористон ва ғайра аз ҳам ҷудо буданд ва ҳукуматҳои маҳаллии ҳокимони араб ба процесси якшавии халқ халал мерасониданд. Дар аввали асри VIII ҳамаи кишвар ба системаи хилофати араб кашида шуд, ки идеологияи асосӣ ва ҳокими он дини ислом буд. Хилофати араб ҳокими мутлақи замон бошад ҳам, зиддиятҳои дохилӣ онро аз дарун сусту нотавон мекард. Ҳар чанд ки синфи ҳокими маҳаллӣ ва истилогарони араб тадриҷан бо ҳам муттаҳид шуда, истисморро дучанд карда буданд, вале синфи ҳокими маҳаллӣ аз нияти итоат ба ҳокимияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва рӯҳонии хилофат сар кашидан ва ташкил намудани ҳукумати мустақили маҳаллӣ даст намекашид ва дар ин кор аз норозигӣ, ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва шӯришҳои халқ истифода мебурд. Дар кори сусту бемадор кардани ҳокимияти хилофат дар вилоятҳои шарқии он (Осиёи Миёна ва Эрон) роли шӯриши Абӯмуслим, шӯриши суғдиёни Бухоро бо сардории Шориқ (дар байни солҳои 751—755), Ибни Шайх, Сунбоди Муғ, Муқаннаъ ва қарматиён кам нест. Шӯриши Абӯмуслим бар зидди хилофати умавиҳо ба фоидаи аббосиҳо анҷом ёфта бошад ҳам, ҳисси озодихоҳии халқи маҳаллиро ифода мекард. Ин маъниро тасвири аз ҳар гӯшаи мамлакат ба ёрии Абӯмуслим омадани намояндагони халқҳои маҳаллӣ, ки дар китоби «Абӯмуслимнома» бо ҳиссиёти баланди рӯҳӣ оварда шудааст, тасдиқ менамояд: «Дар ин замон гарде баромад, аз миёни гард саду бист ҳазор ҷавони гулгун-

пӯш пайдо шуданд. ...«Манам шоҳзодаи Бухоро Шерзоди Бухорӣ» гуфта худро ба он лашкар заданд. Гарди дигаре баромад, аз миёни гард ҳазор лашкар ҳамроҳи подшоҳи азиме хафтонпӯшида, ҳамаи ишон якранг пӯшида буданд, аспон якранг сафед буд. Наъра кашиданд, ки «манам Рустамзоди Бухорӣ» гӯён худро бар он лашкар заданд. Аз ақиби ӯ гарди дигаре баромад, аз миёни гард саду бист ҳазор лашкар хамроҳи подшоҳе пайдо шуд, ки ҳамаи ишон зумуррадпӯш буданд, аспони ишон якранг сиёҳ буд. Наъра кашиданд, ки «манам Малик Қаҳтоми Самарқандӣ» гӯён худро бар он лашкар заданд, ки... гарди дигаре баромад, аз миёни гард саду панҷоҳ ҳазор лашкар баромаданд, паҳлавоне ҷирансувор буд... наъра кашиданд, ки «манам Таҳмоси Хуҷандӣ» гуфта худро бар он лашкар зада буданд, ки гарди дигаре баромада, аз миёни гард сӣ ҳазор лашкар баромад... наъра кашид, ки «манам Рустами Қуҳнишин», ...боз гарди дигаре баромад, аз миёни гард панҷ ҳазор лашкар пайдо шуд. Пеш-пеш се кухи дигар пайдо шуд, ки кӯҳ бар болои кӯҳ буд. Ҳама лашкар ҳайрон монданд. Кӯҳи аввал амуди ишон, кӯҳи дуюмӣ пайкари бадани ишон буд. Кӯҳи сеюм аспи ишон. Пештар омаданд, диданд, ки аҷаб ниқобдори босалобате, ки... амуди ҳафтодманӣ... китфи худ ниҳода, ...наъра кашида гуфтанд, ки «манам шери бешаи Хоразм Абулмакорим Мизробшоҳи Ҷаҳонгири Хоразмӣ». Амир хушвакт шуда боз табли шодӣ фармуданд. Маҷмӯи ишон нӯҳсад ҳазор лашкар буданд. То се шабу рӯз ҷанг карда, аз кушта пуштаҳо баровarданд. Рӯзи сеюм буд, ки паҳлавон таблу аламро қалам карданд, лашкари Насрро аз ҷо канданд. Маровониён шикаст ёфта бар қафо гаштанд...»

Абумуслим тарафдори аббосиҳо бошад ҳам, онҳо аз обрӯю эътибор ва намояндаи халқи маҳаллӣ будани ӯ метарсиданд. Бинобар ин, халифаи аббосӣ Абӯҷаъфар ал-Мансур (754—775) ӯро дар соли 755 ба Бағдод даъват карда, хоинона кушт. Ин хиёнати халифа барои аз нав сар бардоштани шӯришҳои халқӣ баҳона шуд. Шӯриши Сунбоди Муғ дар Эрони Ғарбӣ Табаристон ва Хуросонро ҳам дар бар гирифт. Ҳаракати хуррамиҳо диққати боқимондаҳои пайравони дини зардуштиро ҳам ба худ кашид. Шӯриши Муқаннаъ ва Сунбод, ки пайравони Абӯмуслим буданд, бо баҳонаи қасоси хуни Абӯмуслим муборизаи озодихоҳии миллии зидди хилофати арабро инкишоф медод. Сунбодро дар Рай қатл ва зану фарзандонашро ба ғуломӣ фурӯхта бошанд ҳам, ташкилоти махфии «Муслимия» амал мекард ва ақида доштанд, ки Абӯмуслим бармегардад ва ҷаҳонро аз хоинон пок мегардонад. Дар бораи Муқаннаъ ҳам пайравонаш сафедҷомагон ҳамин гуна ақида доштанд. Дар натиҷаи харакатҳои озодихоҳии миллӣ, ки аз натиҷаҳои он мувофиқи қонунҳои инкишофи ҷамъияти феодалӣ синфи ҳокими маҳаллӣ фоида мебурд, баъд аз хукмронии бевоситаи халифаҳои бани Умайя (661—750) ва Аббосиҳо (750—1250) дар асри

VIII ва аввали асри IX, тадриҷан хонадонҳои феодалии тоҷик Тоҳириҳо (821—873), Саффориҳо (873—903), Сомониён (875—999) ва Эрониёни Ғарбӣ Оли Буя (ё ки Дайлам) (933—1048) ва Оли Зиёр (928—1076) ташкил ёфтанд. Ҳар чанд ки ин давлатҳо расман тобеи хилофати аббосиҳои араб буданд, вале дар амалиёти худ бештар мустақил буданд ва ба кӯшишҳои озодихоҳии мардуми диёр рӯҳ мебахшиданд. Аз як тараф, кӯшишҳои озодихоҳии халқ, аз тарафи дигар, майлҳои аз хилофат ҷудошавӣ ва ташкили давлатҳои мустақил зарурати ташаккул ва процесси якшавии халқи тоҷикро ба вуҷуд овард, ки он дар охири асри IX ва аввали асри X ба анҷом расид. Ба анҷом расидани чунин процесс ташкили давлати ягонаи марказонидашудаи феодалии Сомониёнро ба вуҷуд овард, ки дар навбати худ ба ягонагии халқ, урфу одат, забон, тараққиёти хоҷагӣ, маданӣ, адабӣ, санъат ва ғайра оварда расонд. Ба тантанаи якасринаи истиқлолияти халқи тоҷик ва ягонагии он кӯшиши қувваҳои иртиҷоии феодалии маҳаллии марказгурез, мудохилаи сиёсӣ ва маънавии хилофат ва тайёрии ҳуҷуми истилогаронаи хоқонҳои турк дар шарқу шимоли Осиёи Миёна, дастаи ҳарбии туркии Сомониён, сиёсати зиддихалқии ин хонадон ва пойҳдабароии онҳо дар идораи корҳои давлатӣ таҳдид мекард. Давлати марказонидашудаи феодалии Сомониёнро зиддиятҳои синфии истиморчиён ва истисморшавандагон, андозҳои зиёди иқтисодӣ ва норозигии халқ сусту парешон карда буд. Ташкили давлатҳои феодалии маҳаллӣ халқро дар муборизаҳои озодихоҳии зидди хилофат ва гирифтани пеши роҳи ҳуҷуми бодиянишинони шимоли Осиёи Миёна қаноатманд кунонад ҳам, дар масъалаи зулми иҷтимоӣ онҳоро ба норозигию шӯришҳои нав меовард.

Дар асри IX—X ғайр аз шӯришҳои хурди дорои аҳамияти маҳаллӣ, шӯриши калоне ба назар намерасид. Аммо ҳаракати бидъати қарматӣ, ки бо мазҳаби шиа ва исмоилия баъзе хусусиятҳои умумӣ дошт, диққати деҳқонони меҳнаткаш, ҳунармандон ва аҳли илму адабро ба худ ҷалб кардааст. Амалиёти қарматиҳо бо сардории Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ ва оқибати кори онҳо ба ҳаракати Маздак ва маздакиён хеле монанд аст. Аммо ҳаракати қарматиҳо, аз як тараф, ҳолати руҳияи прогресивии оммаҳои мазлуми халқ ва зиёиёни тараққипарвару ватандӯстро акс кунонида бошад, аз тарафи дигар, манфиати феодалҳо ва заминдорони марказгурезро низ акс кунонидааст, ки моҳияти иртиҷоӣ дошт.

Дар асри X феодализми мутараққӣ ва давлати Сомониён ба талабҳои асосии оммаҳои деҳқон, ҳунармандон ва зиёиён ҷавоб дода метавонист, бинобар ин, қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият як андоза ба ҳам мувофиқат мекарданд. К. Маркс дар бораи ҳолати истеҳсолот ва тарзи давлатдории ҳукуматҳои феодалии асрҳои миёна сухан ронда, қайд кардааст, ки «дар Осиё аз қадимуалайём, ҳамчун қоида, фақат се соҳаи

идоракунӣ вуҷуд дошт: идораи молиявӣ, ё ки идораи толону торочкунии халқи худ, идораи ҳарбӣ, ё ки идораи толону тороҷкунии халқҳои дигар ва ниҳоят, идораи корҳои ҷамъиятӣ. Шароити обу ҳаво ва хусусияти хок, алалхусус, дар масоҳати бузурги биёбоне, ки аз саҳрои Кабир гирифта ба воситаи Арабистон, Эрон, Ҳиндустон ва Тотористон то ба ҳадди кишварҳои аз ҳама баландтари пуштакӯҳи Осиё паҳн шуда хобидааст, системаи обьёрии сунъиро, ки бо ёрии каналҳо ба иншооти ирригационӣ ба амал гузаронида мешавад, асоси зироаткории Шарқ гардонидаанд. Чи дар Миср ва Ҳиндустон, чи дар Месопотамия ва Эрон ва дигар мамлакатҳо аз обхезиҳо барои пурзӯр кардани замин истифода мебаранд, аз баланд шудани оби дарьёҳо барои пур кардани каналҳои обьёрӣ истифода мебаранд. Зарурати оддии аз об сарфакорона ва муштаракона истифода бурдан, ки ин зарурат дар Ғарб, масалан, дар Фландрия ва Италия, соҳибкорҳои хусусиро водор карда буд, ки дар ассоциацияҳои ихтиёрӣ муттаҳид шаванд, дар Шарқ, ки дар ин ҷо савияи тамаддун хеле паст ва территория бағоят фарох буда, барои ба вуҷуд омадани ассоциацияҳои ихтиёрӣ имконият намедод, аз тарафи ҳукумат марказонидани ин корро ба таври қатъӣ талаб мекард. Аз ин ҷост, ки ҳамаи ҳукуматҳои Осиё маҷбур буданд, функцияи иқтисодиро, яъне функцияи ташкил додани корҳои ҷамъиятиро ба ҷо оваранд. Ин системаи ба таври сунъӣ баланд бардоштани ҳосилхезии замин, системае, ки ба ҳукумати марказӣ вобаста буд, дар сурати ба корҳои ирригационӣ ва хушккунии заминҳо бепарвоӣ кардани ин ҳукумат фавран ба таназзул меафтод, сабаби чунин факте мебошад, ки территорияҳои бисьёр калоне, ки як замонҳо хеле обод буданд, масалан... харобазори Яман ва музофотҳои фарохи Миср, Эрон ва Ҳиндустон ҳоло ба биёбони беҳосилу беодам мубаддал шудаанд: ба ин факт, ғайр аз ҳамин система, ҳеҷ чизи дигарро додан мумкин нест. Ин система сабаби чунин факт ҳам мебошад, ки рӯй додани як ҷанги хонумонсӯз кифоя буда, барои он ки мамлакат чандин аср камодам гардида, аз тамоми тамаддуни худ маҳрум шуда монад... Аммо одатан дар давлатҳои Осиё зироат дар вақти идора кардани як ҳукумат ба таназзул афтода, дар вақти идора кардани ягон ҳукумати дигар аз нав равнақ меёбад. Агар дар Европа ҳосил ба нағз ё бад будани обу ҳаво вобаста бошад, дар Осиё ба нағз ва ё бад будани ҳукумат вобастааст»*.

Ин гуфтаҳои Қ. Маркс ба шароти Осиёи Миёна ва Эрон, ба қаламрави Сомониён тамоман татбиқшаванда аст. Дар вақти ҳукуматдории Сомониён, ки иҷрои корҳои ҷамъиятии зироат, ҳунармандӣ ва тиҷоратро ба даст гирифта буд, инкишофи хоҷагӣ ва маданият мушоҳида мешавад. Тасаввур ва ақидаи мардум дар бораи подшоҳи одил ва золим, ҳукумати «хуб» ё

* *К. Маркс., Ф. Энгельс.* Асарҳои мунтахаб. Душанбе, 1963, с. 355—356.

баъд аз шароити зиндагии мардум ба вуҷуд меомад. Аммо дар охири асри X аз сабаби зиёд шудани моликияти феодалӣ, идораҳои динию давлатӣ, авҷ гирифтани иқтоъдорӣ, камзамин шудани деҳқонони меҳнаткаш, зиёд шудани андозҳо ва қувват гирифтани истисмори феодалӣ, норозигӣ аз давлати сусту нотавони Сомониён зиёд шуда буд, бинобар ин, дар вақти ҳуҷуми туркҳои бодиянишини қарохонӣ мардум ҳукуматдорони худро дастгирӣ накарданд. Дар соли 999 ҳукумати Сомониён аз байн рафт, ҷои онро аристократияи ҳарбии турк ишғол кард. Дар натиҷаи ин факти таърихӣ воқеаҳои хеле зиёди сиёсӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, шароити социалӣ-феодалӣ боқӣ монд ва болои зулми иҷтимоӣ зулми миллӣ ҳамроҳ шуд.

**Ақидаи иҷтимоӣ, фалсафӣ ва бидъат дар асрҳои VIII—XII**

Чӣ тавре ки марксизм таълим медиҳад, идеологияи синфи ҳукмрон дар ҳамаи давраҳо мафкураи ҳукмрон аст. Дар замони ҳукмронии давлати марказонидашудаи хилофати араб ва феодалҳои маҳаллӣ мафкураи ҳукмрон дини ислом ва шароити он буда, ҳамчун идеологияи расмии давлатӣ қабул шуда буд. Вай бо баъзе шиорҳои зоҳиран демократии авомфиребонаи худ диққати мардум, алалхусус, оммаҳои мазлумро ба худ ҷалб мекард. Масалан, шиори «мӯъмин бародари мӯъмин». Аммо воизони хилофат ва ҳокимияти феодалии кишварҳои мустақил ва ниммустақили он манфиати синфҳо ва миллатҳои ҳокимро дар асоси қонуни шариат ҳимоя мекарданд, вале аз номи адолат мелаққиданд.

Дар ҳамаи ақидаҳо идеали адолатхоҳӣ, тарафдори подшоҳи одил (подшоҳпарастӣ) ва бар зидди ҳокими золим баромадан, ҳамчун ақидаи умумӣ, гӯё аз тарафи ҳама қабулу эътироф шудааст ва асрҳо дар асарҳои илмӣ, ахлоқӣ, адабӣ ва ҳатто динӣ ҳам тараннум ёфтааст, вале дар амал ин ақидаи соддалавҳонаи оммаҳои оҷизу мазлум ва шиори авомфиребонаи синфи ҳоким буда, тасаллои хотири мазлумон ва халқгӯлкунинии синфи ҳоким гашт, ҳеҷ гоҳ халқро ба озодӣ ва хушбахтӣ наовардааст, зеро дар ин ақида табиати синфии ҷамъиятҳои антагонистӣ ва синфи ҳоким дарк карда нашудааст. Табиатан одил нашудани синфҳои ҳукмрони истисморкунандаро пай набурдаанд, вале чунин ақида баъзан дар таърих оммаҳои мазлумро барои идеали олӣ — адолатхоҳӣ ва муборизаи синфии озодихоҳӣ овардааст. Аммо азбаски ин ақида асоси подшоҳпарастии адолатхоҳона дорад, баъд аз ғалабаи оммаҳои мазлум ба муқобили золимони ҷудогона боз аз нав сохти феодалӣ дар ҷои худ мондан мегирифт ва сардорони шӯриш тадриҷан ба феодалҳо мубаддал мешуданд. Чунонки ин ҳол бо давлати қарматиҳо ва сарбадорон рӯй дода буд. Ақидаи адолатхоҳӣ ҳамчун хаёли ширини оммаҳои мазлум дар муддати асрҳо давом кардааст.

Идеологияи замони истилои араб ва баъд аз он дар давраҳои гуногуни феодалӣ — дини ислом ва қонуни шариат буд.

Дини исломро дар соли 610 савдогари маккагии қабилаи Қурайш — Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Қурайшӣ (569—632) ба вуҷуд овард. Ин дин дар шароити таърихии парокандагии қабилаҳои сершумори араб, ки ҳар кадом худое дошту аксарият бутпараст буданд (дар он вақт Арабистон 400 дину худо ва 400 қабила дошт), ҳамаро дар зери байрақи ислом, ки дини якхудоӣ буд, гоҳ бо тарғибот ва гоҳе бо зӯри шамшер расман муттаҳид кард ва бо шиори «ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу» худоҳои дигарро инкор намуда, худои қабилаи Қурайш «оллоҳ»-ро худои умумиараб эълон намуд. Шиори якхудоӣ дар он шароити Арабистон роли мусбат бозидааст, зеро вай бисьёрхудоӣ ва парешонии қабилавиро бартараф намуда, давлати ягонаи сиёсӣ ва динии исломиро ба вуҷуд овард, ки он маънои муттаҳид намудани халқи арабро ифода мекард. Аммо ҳамин ки холофат ва шиори динии он аз ҳудуди Арабистон берун баромад, хислати истилогарӣ, ғоратгарӣ ва зӯран паҳн кардани дини ислом ва ҳукмронии феодалҳои арабро пайдо кард, маънои иртиҷоӣ ҳам гирифт. Фирдавсӣ ин маъниро дертар дар номаи сипаҳсолории лашкари мудофиакунандаи Эрон Рустам, ки ба сарлашкари ҳуҷумкунандаи араб Саъди Ваққос фиристода буд, баён намудааст:

Зиёни касон аз паи суди хеш,
Биҷуянду дин андар оранд пеш.

Агар ислом дар дохили Арабистон ба динҳои қабилавии он зид баромада бошад, дар кишварҳои забткардааш ба динҳои қадимии миллии халқҳои гуногун - дини яҳудӣ, исавӣ ё ки насорӣ, зардуштӣ ё ки маҷусӣ, буддоӣ ва ғайра рӯ ба ру омад, ки бо онҳо муборизаи оштинопазир бурдан лозим буд, зеро шиори «ло илоҳа иллаллоҳ...» ба ҳамаи динҳое, ки ба онҳо ислом рӯ ба рӯ омадааст, дахл дошт. Ба ҳамин тариқ, ислом бо қувваи найзаю шамшер зӯран қабул кунонида шуд. Муборизаҳои озодихоҳии халқҳо ва зиддияти динҳои гуногун алалхусус зардуштӣ зӯран фурӯ нишонида шуд.

Дини ислом ва давлати навбуньёди араб дар замони пайғамбарии Муҳаммад зиддиятҳои дохилии худро зуд ошкор накарда бошад ҳам, баъд аз вафоти ӯ дар замони халифаҳои рошидин зоҳир намуд. Зиддиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ, миллӣ, қабилавӣ ва ғайра дар шакли ақидаҳои мазҳабӣ намудор мегашт. Мазҳабталошӣ бештар ҳолати рӯҳияи оппозиционии зиддифеодалии деҳқонон ва ҳунармандонро акс мекунонад: «Факти дар байни деҳқонон афзудани сектантчигӣ ва рационализм маълум аст,— дар зери пардаи динӣ зоҳир шудани эътирози сиёсӣ бошад, ҳодисаест, ки на ба як худи Россия, балки ба ҳамаи халқҳо дар давраи маълуми тараққиёташон хос аст».* Мазҳабталошӣ ва аз он фоида бурдан ба

* *В. И. Ленин.* Асарҳо, ҷ. 4, с. 244.

синфҳои ҳоким ва гурӯҳбозиҳои онҳо низ хос аст. Аввалин мазҳабталошии исломӣ бевосита баъд аз вафоти пайғамбар аз замони халифаи якум Абӯбакр (632—634) оғоз ёфт ва ислом ба гурӯҳи калони мазҳаби шиа ва суннӣ ҷудо шуд ва он дар адабиёт ҳам акс ёфтааст. Сабаби ба ду мазҳаб ҷудо шудан дар он аст, ки гурӯҳе аз феодалҳо ҳокимияти динӣ ва сиёсии хилофатро ба авлодони Муҳаммад надода, зӯран забт карданд. Муҳаммад 11 зан дошта бошад ҳам, писар надошт, ки ба сари хилофат нишинад. Духтараш Фотима ҳуқуқи халифа шудан надошт, зеро зан аз рӯи шариати ислом ҳуқуқи ҳукмронӣ надорад. Аз рӯи ақидаи онҳое, ки ҳокимиятро ба хонадони пайғамбар мансуб медонистанд, халифатро аз чорьёрҳо ба Алӣ додан лозим буд, вале ин тавр нашуд. Шиа, ки маъnoяш фирқа ва гурӯҳ аст, мазҳаби тарафдорони Алӣ ва хонадони Муҳаммад аст. Тарафдорони халифаҳои зӯровар дар мазҳаби суннӣ гирд омаданд. Шиа хислати оппозиционӣ пайдо кард.

Ислом ҳангоми пайдоиши худ назарияи тайёр ва ягонае надошт. Аз рӯи талаботи зиндагии ҳаррӯза амал мекарданд. Пайғамбар ҳар амре, ки ҷорӣ карданӣ мешуд, аз номи худо оят мебофт ва гӯё баъд аз дар меъроҷ бо худо вохӯрдан, рӯзи дигар онро эълон мекард. Пас, баъд аз сари Муҳаммад пайравони ӯ аз рӯи оятҳои худо ва ҳадис (гуфтаҳои пайғамбар) кор мекарданд. Дар вақти халифагии Усмон қуръон аз рӯи оятҳо тартиб дода шуд ва дар асоси ҳадисҳо китоби «сунна» ба вуҷуд омад. Ҳар ду мазҳаб ҳам ба қуръон ва «сунна» такья мекарданд, вале шиаҳо онро ба манфиати гурӯҳи алипарастон маънидод намуда, аз қуръону ҳадисҳо маъноҳои ботинӣ бароварданӣ мешуданд. Азбаски ин дини нав асосҳои назариявӣ надошт ва «асоси мусулмонӣ аз таассуби динӣ иборат буд»*, маънидодкунӣ, тафсири ҳадису оятҳо сар шуд ва ҳар кас мувофиқи фаҳм, мақсад ва манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, синфӣ, қабилавию миллии худ шарҳ медод. Дар натиҷа мазҳабҳои зиёде пайдо шуданд, пайравонашон бо вуҷуди ҳама мусулмон будан якдигарро кофир эълон мекарданд ва ба қатлашон фатво мебароварданд. Миқдори мазҳабҳо дар ислом 72—73-то аст: «Ҳафтоду ду миллатанд дар дин каму беш» (Хайём). Машҳуртарини онҳо инҳоянд ва бештар бо номи пешвоёни худ машҳуранд: шофиия, ҳанафия, ҳанбалия, наҷҷория, зоҳирия (ё ки довудия), саврия, шиаи исно ашарӣ, исмоилия, шиаи ғолия, қарматия, хавориҷия, асҳоби ҳадис, мӯътазилия, карромия, сӯфия, сапедҷомагон (байз-ал-сайёб), ҷаҳмия, қадария ва ғайра. Ҳамаи ин мазҳабҳо дар асоси таълимоти ислом бaромад мекарданд, фарқҳои ҷиддӣ надоштанд. Масалан, пешвои ҳанафия Абӯҳанифа Нӯъмон (ки волидонаш кобулианду худаш дар соли 629 дар шаҳри Куфа таваллуд ёфта, дар Бағ-

* *К. Маркс и Ф. Энгельс.* Соч., т. 9, с. 42.

дод таҳсили илм ва баззоӣ карда, соли 767 дар Бағдод вафот ёфтааст) бо олимони илми «калом» баҳс дошт ва таълим медод, ки дар корҳои динӣ ва зиндагӣ танҳо ба ҳадисҳо такья накунанд ва ӯ зиёда аз 17 ҳадисро ба эътибор намегирифт. Ӯ дар кор фармудани ҳадисҳо ба қиёс ва писандидани он эътибор медод, ба раъйи саҳобаҳои Мадина пайравӣ мекард, ки ӯ ба раъйҳои шахсии аҳли фиқҳ, шариатпаноҳон роҳ кушод, пас худсарӣ ба вуҷуд омад.

Бар зидди Абӯҳанифа Молик бинни Унс (715—795), яке аз фақеҳон, танҳо ба ҳадис ва суннати пайғамбар пайравӣ карданро талқин кард. Дар натиҷа аз номи пайғамбар ҳадиси бисьёре худашон бофтанд.

Роҳбари мазҳаби шофеӣ Муҳаммад бинни Идрис ал-Шофеӣ (767—819) ҳам ба аҳли ҳадис ва ҳам ба аҳли раъй пайравӣ намуданро талқин мекард.

Пешвои мазҳаби ҳанбалӣ Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Ҳанбал (780—855), ки аслаш Марвӣ асту дар Бағдод таваллуд ва вафот ёфтааст, танҳо ба илми ҳадис такья намуданро медонист. Довуди Исфаҳонӣ (с. в. 884) шогирди Шофеӣ бар хилофи Ҳанафӣ таълим медод, ки қиёс лозим нест, танҳо ба зоҳири китоби ҳадис ва суннат эътибор додан кифоя аст. Инҳо ҳама аҳли суннат буданд. Чӣ тавре ки мебинем, байни ин мазҳабҳо танҳо фарқи ҷузъӣ вуҷуд дорад.

Аҳли шиа ба сунна, ҳадис ва оят эътиқод доштанд, вале аз нуқтаи назари Алӣ маънидод менамуданд.

Дар натиҷаи раъйҳои зиёде миқдори ҳадисҳо чунон зиёд (300000) шуда рафт, ки ба онҳо бовар намекардагӣ шуданд. Исмоил Саҳеҳи Бухорӣ (811—870) олами исломро гашта баромада, миқдори онҳоро ба шаш ҳазор овард ва онро саҳеҳ — равшану дуруст эълон кард.

Мазҳабталошӣ, махсусан мардуми нодон, вале дилаш пур аз эътирозу эҳтиросро ба худ ҷалб менамуд ва гурӯҳҳои мардумро ба задухӯрди сахт меовард. Одамони тараққипарвари замонҳои гуногун аз ӯ сар кашидаанд ва ба муқобилаш мубориза бурда, мусулмононро ба ягонагӣ даъват кардаанд.

Дар олами ислом ғайр аз мазҳабҳо, оппозицияи зидди хилофат, зиддифеодалӣ низ буд, ки дар шаклҳои гуногун баромад мекард.

Дар асрҳои миёна, ҳар чанд ки идеологияи синфи ҳокими феодалӣ-шариати ислом ва фалсафаи он илми «калом» ҳукмрон буд, вале идеологияи синфҳо ва халқҳои маҳкуму мазлум низ ҳамчун оппозиция ба мафкураи ҳукмрони замон дар шаклҳои гуногун зоҳир мегашт ва давом дошт.

**Ҳаракати шуубия**

Дар аввали футӯҳоти ислом шиорҳои авомфиребонаи бародарӣ, баробарӣ, дустӣ, сулҳ ва ғайра диққати қисме аз аҳолии мамлакатҳои забтшуда ва забтнашударо, ки аз зулм ва нобаробарии синфӣ дар мамлакати худ ба танг омада буданд, ба худ ҷалб кард ва дар

дили онҳо ба ислом ва хилофати араб бо вуҷуди муқобилати сахт як андоза ҳусни таваҷҷӯҳ ба вуҷуд оварда буд. Мубаллиғини исломӣ онро ҳамчун дини сулҳу силм ва мусовот ва бародарӣ маънидод мекарданд. Аммо ин фикр дар забон буд. Арабҳо дар амал сиёсати истилогарӣ, арабикунонидан, миллатпарастӣ ва аз халқҳои дигар афзалу бартар гузоштани худро пеш меронданд ва ба амал мегузарониданд. Арабҳо халқҳои дигарро таҳқир мекарданд. Ин равия ба халқҳои истилошудаи мазлум, алалхусус халқҳое, ки гузаштаи боифтихор дар илм, маданият ва давлатдорӣ доштанд, нафорид, ҳисси нафрат, адоват ва муқобилат нашондиҳии онҳоро бедор ва пурзӯр намуд, ки он «шуубия» ном гирифт. Ҳаракати шуубия бо чанд роҳ ва дар чанд намуду мазмун инкишоф меёфт:

1. Бо роҳи шӯришҳо — шӯриши Абумуслим, Сундбод, Бобак, Муқаннаъ;

2. Кӯшишҳои дар доираи хилофоти араб ба даст даровардани мансабҳо ва ҳокимияти сиёсӣ, масалан кӯшишҳои хонадони бармакиҳо;

3. Ҳаракатҳо барои ба даст овардани ҳокимият дар шакли давлати феодалии маҳаллӣ: Ташкили давлати Тоҳириҳо (832—873), Саффориҳо (873—903), Сомониён (875—999) ва ғайра;

4. Кӯшишҳо бар зидди ақидаи ислом — баргаштан ба дини зардуштӣ, талоши мазҳабӣ ва ҳаракати бидъат (хуррамиҳо, исмоилиҳо ва ғайра);

5. Ҳаракати адабӣ, илмӣ, маданӣ ва ифтихор ба гузаштаи халқу ватани худ ва ғайра.

Такаббури миллии арабҳо бештар баъд аз хотимаи кори халифаҳои чоргона аз айёми хилофати халифаҳои бани Умайя (661—750) оғоз ёфт. Дар аввалҳо ҳаракати «шуубия» ба муқобили худписандӣ ва такаббури қабилавии арабҳо бар қабилаи дигари онҳо сар шуда буд. Онҳо дар асоси ояти: **«Ё айюҳан-носу инно халақнокум мин закарин ва унсӣ ва ҷаалнокум шуубан ва қабоила литаорафу инна акрамакум индаллоҳ атқиёкум инналлоҳа алимун хабира»*** баробарӣ ва бародарӣ талаб намуда, ҳукумронӣ ва қабилаҳои чудогонаро инкор мекарданд. Аз сабаби ин оятро ба асос гирифтанашон, ки дар он калимаи «шуубан» ҳаст, ҳамин номро гирифтанд. Пайравони «шуубия» даъво мекарданд, ки дини ислом баробарӣ ва бародариро шиори худ кардааст, шумо бошед, ғурури қабилавӣ ва миллиро талқин мекунед. Аз ин рӯ, баромадҳои миллӣ-озодихоҳӣ шакли динӣ ва мазҳабӣ мегирифт. Бузурғӣ ва акобириро фақат ба пешвоёни дин мансуб медонистанд. Дар ин гуфтаҳо мафҳуми васеи талабҳои демократияи умумихалқӣ инъикос ёфтааст. Онҳо бо ин гуфтаи худ ба ҳаракати шуубия ҷомаи динӣ мепӯшонданд. Шуубия ҳам, ҳар чанд ки аз номи баробарӣ баромад менамуд, вале аз таҳқири миллии арабҳо, ифти-

---

* *Забеҳулло Сафо.* Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, 1338 ҳ. ш., с. 25.

хор ва ҳисси миллӣ ҳам истифода мекард. «Шоҳнома»-ҳои насру назми адабиёти форсу тоҷик пур аз таъсири равияи шуубия аст. Дар номаи ба сарлашкари араб Саъди Ваққос навиштаи Рустам, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баъд аз сесад соли воқеаи ҷанги Арабу Аҷам ба назм даровварда шудааст, тавсифи давлату қӯшуни эрониён ва таҳқири арабҳо хеле равшан акс ёфтааст:

...Ба ман боз гӯй, он ки шоҳи ту кист?
Чӣ мардию оину роҳи ту чист?
Ба пеши кӣ ҷӯй ҳаме дастгоҳ,
Бараҳна сипаҳбад, бараҳна сипоҳ?
Ба ноне ту серию ҳам гурсина,
На пилу на тахту на бору буна,
Ба Эрон туро зиндагонӣ бас аст,
Ки мӯҳру кулаҳ баҳри дигар кас аст,
Ки бо пилу фарр асту бо тоҷу ҷоҳ,
Падар бар падар номбардор шоҳ...
Бубахшад баҳои сари тозиён,
Ки ганҷаш нагардад зи бахшиш зиён...
Зи шири шутур хӯрдану сусмор,
Арабро ба ҷое расидаст кор,
Ки тахти каёнро кунад орзӯ
Туфу бод бар чархи гардун, туфу!

Дар ин шеър, албатта, чизе ба муқобили дин нест, вале азбаски бар зидди оварандагони дини ислом — арабҳо равона шудааст, иҷмолан ҳамчун порчаи шеърии дорои ақидаи шуубия, ба муқобили мафкураи истилогарони араб — дини ислом низ нигаронида шудааст.

Дар аввалҳо ифтихори хонаводӣ ва онро ба ғосибони хилофат бани Умайя зид гузоштан дар Арабистон ҳам авҷ дошт, вале баъди аз байн рафтани он ин равия ба Аҷам (Осиёи Миёнаву Эрон) хос шуда монд. Равиши асосии шуубияи Аҷам таҳқири халқият ва миллати араб дар ҷавоби миллатҳои асирро таҳқир кардани арабҳо ва ифтихори миллӣ, нажодӣ ва ба аслу насаб такья кардани онҳо буд. Ҳатто, баъзе аҷамиҳо забони модарии худро гум карда бошанд ҳам, ин ҳиссиётро ба забони арабӣ ҳам ифода менамуданд:

Анно ман қад арафту сирран ва ҷаҳран,
Аҷамиюн нумо биҳи таъриб.
Лайта шеъри изо дайту шиорӣ,
Насабӣ возиҳун ва удӣ салиб.

мисоли дигар:

Изо насабуни кунту мин оли Рустам,
Валакинна шеъри мин Луай бинни Ғолиб.

Гурӯҳе аз пайравони шуубия аз рӯи ҳамин таассуб, ҳатто, исломро ҳам қабул намекарданд ва худро ба дини зардушт пайрав медонистанд:

Бар он дини Зардушти пайғамбарам,
Зи роҳи ниёкони худ нагзарам.
*Дақиқӣ*

Дар замони хилофати араб (умуман Аббосиҳо), ҳангоми вазорати бармакиҳо, махсусан аҳволи халқҳои эронӣ нисбатан хубтар шуда бошад ҳам, вазъият умуман беҳтар нашуд, бинобар ин, ҳаракати шуубия умуман суст нагардид. Аҳли шуубия дар исботи ақидаи худ барои расмию қонунӣ гардониданн он китобҳо навиштаанд ва таронаҳои миллӣ-нажодӣ эҷод кардаанд. Шоир Хураймии Суғдӣ, Ал-Мутаваккилӣ ва Башшор ибни Бард аз ҷумлаи ҳамин гуна шоирон будаанд. Аз пайравони шуубия Абӯусмони Саид ибни Хамиди Бахтагон бо номи «Интисоб-ул-Аҷам мин-ал-Араб» ва «Фазл-ул-Аҷам ало-ал-Араб ва ифтихоруҳо» китобҳо навиштааст. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пур аз ифтихори миллист, иҷмолан ба истилои араб муқобил гузошта шуда буд. Шоир Рӯдакӣ дар яке аз шеърҳои худ аз Бағдод кам набудан, балки бартарӣ доштани пойтахти Сомониён шаҳри Бухороро махсус таъкид кардааст ва бо ин восита ҳисси ифтихори миллӣ ва ба араб зид гузоштани шаъну шарафи халқу ватани худро ифода намудааст:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирузӣ он ҷост.

Шоир Дақиқӣ бо вуҷуди кайҳо ҷорӣ шудани ислом кӯшиш кардааст, ки мардумро ба зинда гардониданн оини зардушти даъват намояд ва бо ин роҳ мавқеи идеявии ифтихори арабро, ки ислом аст, суст намояд:

Бархезу барафрӯз, ҳало, қиблаи Зардушт,
Биншину барафган шикамн қоқум бар пушт.
Бас кас, ки зи Зардушт бигардиду дигар бор
Ночор кунад рӯ ба сӯи қиблаи Зардушт.

Шоир онҳоеро, ки аз зардуштӣ рӯй гардонда, дини истилогарони араб, дини душманони халқу ватанро қабул кардаанд, бо маҳрум шудан аз «биҳишт» таҳдид менамоянд:

Ба яздон, ки ҳаргиз набинад биҳишт
Касе, к-ӯ надорад раҳи Зардҳишт.

Дақиқӣ дар шеърҳои ба шоҳони замони худ бахшидааш тарафдори дини зардуштӣ будан ва орзӯи авастохонӣ доштанашро ошкоро арз кардааст:

Бубинам охир рӯзе ба коми дил худро,
Гаҳе «Аёрда» хонам, шаҳо, гаҳе «Хурда».

Шуубия дар худшиносии миллӣ, суст кардани мавқеи исти-

логарони араб ва мафкураи онҳо — ислом роли муҳиме бозидааст. Бо вуҷуди ин хисси миллат ва нажодпарастӣ ва дини зардуштиро талқин кардани шуубияро, ки умуман ҳодисаи манфист, фаромуш кардан дуруст нест.

**Муборизаи афкори илмӣ ва фалсафӣ дар асрҳои VIII—XII**

Чӣ тавре ки дар боло қайд шуд, асрҳои миёна — замони феодализм дар харобаҳои дуньёи қадим аз нав сар шуд. Азбаски идеологияи дуньёи нав — давраи феодалӣ дини ислом буд, ба пайравони худ ва ба онҳое, ки дини исломро зӯран қабул карда буданд, ба ҷои илм ва фалсафаи дуньёи қадим қуръонро таклиф мекард ва аз ин рӯ, дар кишварҳои забткардаи хилофат китобҳо ва китобхонаҳоро месӯхтанд, ба об меандохтанд. Китобдорӣ, китобхонӣ ва китобрӯнавискуниро гумроҳӣ ва куфр медонистанд. Аз ин сабаб, истилогарони араб чи ба халқи худ ва чи ба халқҳои забтшуда ғайр аз қуръон, ки он ҳам ба халқҳои ғайри араб аз ҷиҳати забон ва мундариҷа номафҳум буд, чизе дода натавонистанд.

Баъд аз он ки футӯҳоти исломӣ ба охир расида, як навъ осоиштагӣ ба миён омад, ба корҳои хоҷагӣ, маданӣ, иқтисодӣ машғул шудан лозим шуд, ки он илмро талаб мекард. Масалан, шиносоӣ ва алоқа бо мамлакатҳои гуногун ҷуғрофиё, бахрнавардӣ — киштисозӣ, обьёрӣ ва сохтани саддҳо — риёзиёт, тақвими сол — илми ҳайат, саноат — илми кимиё ва ғайраро талаб мекард, вале дар асри аввали олами ислом ин гуна илмҳо набуд ва мусулмонон маҷбур буданд, ки ба илму фани қадим — эрониён, ҳиндувон, румиён ва ғайра мурочит кунанд. Ин кор бе тарҷумаи китобҳо имконнопазир буд.

Сабаби дигаре, ки олами ислом ба илму маданият мурочиат кард, мубоҳиса ва муборизаҳои илмию назариявӣ дар ду ҷабҳаи асосӣ буд: Азбаски дини ислом, ғайр аз қуръон, ҳадис ва ривоятҳо, ки «сунна» ном дорад, назарияи асосӣ надошт, тавзеҳоти динӣ ва талаботи ҳаёт, махсусан баъд аз халифаҳои рошидин ва саҳобаҳо нуқтаи назари гуногунеро ба вуҷуд овард, ки дар фаъолияти маҳзабҳо зоҳир гаштааст. Ҳар кадом барои тасдиқи даъвои худ ба далел, исбот, фалсафа ва мантиқ мурочиат мекарданд, ки онро аз халқҳои қадим омӯхтан лозим буд. Боз ҳам тарҷума лозим омад. Ин ҷо худи мусулмонон бо ҳам мунозира доштанд. Масалан, дар масъалаи илоҳӣ ва ё махлуқ будани қуръон, рӯҳӣ ва ё ҷисмонӣ будани худо, муносибати худо ба куллиёт ва ҷузъиёти олам, хислати рӯҳонӣ ва ё ҷисмонии худо ва ғайра.

Соҳаи боз ҳам мушкилтари мубоҳиса мунозира бо намояндагони динҳои дигар, ки ислом ба онҳо ҳуҷум мекард ва кӯшиш менамуд, ки дини ҳақ будани худро исбот намояд. Намояндагони динҳои яҳудӣ, исавӣ, зардуштӣ ва ғайра, ки дорои назарияҳои қадимии динӣ ва фалсафӣ буданд, дини барҳақ будани исломро қабул намекарданд. Барои бо онҳо мубориза

бурдан боз ҳам ба илмҳои дуньёи қадим муроҷиат ва аз онҳо тарҷума кардан лозим буд.

Дар натиҷа, дар асрҳои VIII—IX кӯшишу фаъолияти тарҷумонӣ ва омӯзиш оғоз ёфт, ки намояндагони хеле зиёде дошт ва бештарини онҳо аз халқҳои ғайри араб (аксарият намояндаи халқҳои эронӣ) буданд.

Инкишофи илм, аз як тараф ва реакцияи дохилии динию феодалӣ, аз тарафи дигар, ҳамчун қонунияти ҳаёт ва тафаккур муборизаи қонунии илму дин, материализму идеализм оғоз ёфт ва бо суръат тараққӣ мекард ва намояндагони он бо якдигар даст ба гиребон буданд. Ин мубориза байни дини ислом ва тасаввуф, аз як тараф, ҷараёнҳои материалистии асҳоби ҳаюло, моддиюн, даҳрию тибоиюн ва машоъ, аз тарафи дигар, бо ҷидду ҷаҳд ҷараён дошт. Ба илми динӣ намояндагони гурӯҳи иртиҷоии феодалҳо, рӯҳониён ва оммаҳои нодони ба онҳо кӯркӯрона пайравикунанда ихлос дошт. Қисми тараққипарвари феодалҳо, ҳунармандон, деҳқонон, зиёиён ва аҳли савдо ақидаҳои тараққипарварро дастгирӣ менамуданд. Майлҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ ва муборизаҳо дар шакли назарияҳои зиёде инкишоф меёфт. Дар ин муборизаҳо олимон ва файласуфон: Абӯзайд Аҳмад бинни Саҳлули Балхӣ, Абӯбакр Закариёи Розӣ, Эроншаҳрӣ, Абӯнасри Форобӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯалӣ ибни Сино, уламои «Ихвон-ус-сафо ва хиллон-ул-вафо», Абӯрайҳони Берунӣ, Хайём, Носири Хисрав, Ғазолӣ, Хоҷа Насриддини Тӯсӣ, Шаҳристонӣ ва ғ. иштироки фаъол доштанд.

Ба муқобили ҳамаи ақидаҳои динии исломӣ ва тасаввуфӣ унсурҳои ақидаи материалистии тибоиюн, асҳоби ҳаюло, даҳриюн, риндӣ ва ғайра мубориза мебурданд ва дар ин ақидаҳо таъсири фалсафаи материалистии дуньёи қадим хеле зиёд буд. Донишҳои илмии ҳаётӣ ва ақидаҳои материалистию даҳригӣ аз қадим душмани худоҷӯӣ ва идеалисти буд. Илмҳои дуньёвӣ ва фалсафаи моддиюн дар тараққии худ аз ду сарчашма об мехӯрданд: яке тараққии иқтисодии замони худ, дигаре муваффақиятҳои илмию фалсафии дуньёи қадим, ки ислом ва хилофати араб бо онҳо мубориза мебурд, вале одамони тараққипарвари замон аз асри VIII сар карда ба омӯхтани он рӯй оварда буданд ва бо ин мақсад тарҷумаҳои бисьёре ба амал омадаанд.

Решаҳои ғоявии ҷаҳонбинии зидди исломии материалистӣ ва даҳригии асрҳои миёна аз сарчашмаи ақидавии зарвония, ки баъд аз ислом даҳрия ном гирифтааст, аз фалсафаи моддиюни Ҳинди Қадим «локо ята», «сумина» ва Юнони Қадим об мехӯрд. Чӣ тавре ки ақидаи зарвония дар дуньёи то исломӣ ҳамчун ақидаи ягонаи материалистӣ давом меёфт, ақидаи даҳрия ҳам фалсафаи ягонаи материалистие буд, ки ақидаҳои дигари моддиюнро дар бар карда, ба муқобили дини ислом, тасаввуф ва идеализми фалсафӣ мубориза мебурд. Истилоҳи тибоиюн, асҳоби ҳаюло, даҳриюн ва зиндиқа номҳои гуногунеанд, ки му-

вофиқи мазмуни назариёти материалистӣ ва атеистӣ гуфта шудаанд ва лагери ягонаи моддиюнро ташкил медоданд. Файласуфи араб Абӯалоъ Ал-Мааррӣ дар асари худ «Рисолат-ул-ғуфрон» маънои «зиндиқ» ва «даҳрӣ»-ро як шуморидааст:

**«Зиндиқиён, касоне ҳастанд, ки даҳрӣ номида мешаванд ва қоил ба пайғамбаре ва китобе осмонӣ намебошанд*».**

Таърихшиносони фалсафа термин ё ки калимаи «даҳр»-ро эквиваленти «зарвон — замон» мешуморанд. Умуман калимаи «даҳр» ба маънои аср, замон, замона, рӯзгор ва маҷозан ба мафҳуми дунъё, олам ва сипеҳр меояд. Аз мафҳуми «даҳр», ки сипеҳри гардонро ҳам мефаҳманд, маънои замон ва макони бекарони зарвонӣ фаҳмида мешавад ва алоқаи мантиқии ин ду ҷараёни фалсафии як мазмундоштаро нишон медиҳад. Носири Хисрав **«даҳр замони нопаймуданӣ аст, ки мар ӯро оғоз ва анҷом нест, балки дар замони даранг аз бақои мутлақ аст»**, мегӯяд. Вай замонро аз даҳр ин тавр фарқ кардааст: **«Замон аз даҳр ба ҳаракати афлок паймудааст, ки номи он рӯзу шаб ва моҳу сол ва ҷузъи он аст»****

Даҳрия давоми мантиқии зарвония буда, баъд аз истилои араб, дар шароити нави мубориза бо ислом ва динҳои дигар пухтатар шуда, ба системаи комилтари материализм наздик шудааст. Дар ояти 23 ва 24-и сураи «Ал-Ҷасния»-и қуръон ёд шудани «даҳрия» нишон медиҳад, ки ин ҷараёни фалсафӣ дар ибтидои ислом (асри VII) вуҷуд доштааст ва алоқаи он бо зарвония дур нест: «Оё надидаи касеро, ки ҳавои нафси хешро худои хеш сохт ва худованд бар илми хеш онҳоро ба залолат ронд ва мӯҳре бар гӯшу дил ва пӯшише бар дидаи онон ниҳод? Ва ишон мегӯянд: Дар ин дунъё ба ҷуз ҳаёти мо чизе вуҷуд надорад. Мо зиндагӣ мекунем ва мемирем ва чизе ҷуз даҳр (замон) моро ҳалок намесозад. Ва ишонро аз он огоҳӣ нест. Ишон (чунин) гумон менамоянд».***

Мағзи сухани гуфтаҳои боло ин аст, ки гурӯҳе будаанд ба ҳастии худо не, балки ба қувваи ҷабарии даҳр эътиқод доштаанд. Аз дунъёи моддӣ лаззат гирифтан ва ба ҳисси худ такья карданро талқин менамудаанд ва онро ба худоҷӯӣ, муноҷот, тарки дунъё ва риёзат муқобил мегузоштанд. Ислом аз рӯзи пайдоиши худ ба воситаи қуръон зарвониён ва даҳриёнро залилгардонидаи худо эълон карда, зарурати таъқиботи онҳоро лозим донистааст ва бо ин гуфтаи худ душмани ақидаи худоҷӯӣ будани даҳрияро фаҳмонда, барои ҳуҷум намудан ба душманони он асос додааст. Ислом «даҳр»-ро бо худо ҳаммаъно дониста (зеро даҳрро офаридаи худо мешуморад), ба сарнавишти бетағьиру

---

* *Аҳмади Амини Мисри.* Партави ислом. Нашри 2, ч. 1, с. 203. (Аз арабӣ тарҷумаи Халилӣ).

** *Носири Хисрави Қабодиёнӣ.* Девони ашъор (Бо тасҳехи Сайид Насруллоҳи Тақво).— Рисола, с. 563—564.

*** Иқтибос аз маҷаллаи «Дунъё». Зарвониён ва даҳриюн. Теҳрон, нашри соли 3, 1341 ҳ. ш., № 1, саҳ. 67.

безамон даҳр (худо), ки якеро хушбахту дигареро бадбахт гардонидааст, эътироз ва нафрин карданро нораво дониста, ин фикрро дар яке аз «ҳадисҳои пайғамбар» акс кунонидааст: «Ло тасуббу ад-даҳра фа инн-аллаҳа ҳув-ад-даҳр».*

Аввалин касе, ки баъзе аз ақидаҳои даҳриюнро қайд кардааст, пайрави фалсафаи мӯътазилияи араб Ҷоҳизи Басрӣ (ваф. 838 м.) мебошад. Вай даҳриюнро одамони айшпараст, лаззатҷӯ, бедин ва табиӣ маънидод кардааст. Онҳо байни инсон ва ҳайвон фарқе намегузоранд. Пас, даҳриҳо категорияи табиӣ буданн инсонро дар назар доштаанд.

Аз ин гуфтаҳои Ҷоҳиз фаҳмидан душвор нест, ки даҳриҳо инсонро ҳайвони такомульёфта медонистаанд. У аз ҷиҳати нафс (ҷон) аз ҳайвон фарқ надорад. Онҳо мегуфтанд, ки инсон бе фармоиши нафси фоила (яъне худо) амал мекунад. Ин фикр он таълимоти пайравони лока ята аст, ки нафсро аз тан иборат медонистанд. Аз ин гуфтаҳо аён аст, ки даҳриҳо вуҷуди мустақилонаи рӯҳро инкор мекардаанд. Аз ин фикрҳо он нормаи ахлоқии даҳриҳо намоён мегардад, ки бадиро аз худ дур ва хубиро ба худ ҷалб менамоянд ва онро аз лаззати олам иборат медонанд. Аз ин рӯ «...метавон чунин натиҷа гирифт, ки усули фалсафаи ахлоқии даҳриюн наздик ва ё айни назариёти Абеқур ё Закариёи Рози буда бошад».** Дар ин бора Носири Хисрав гуфтааст: «Қавли Муҳаммад Закариёст, ки гӯяд: лаззат чизе нест магар роҳат аз ранҷ ва лаззат набошад, магар бар асари ранҷ ва гӯяд чун ранҷ пайваста шавад, ранҷ гардад ва гӯяд: ҳолӣ, ки он на лаззат аст ва на ранҷ аст, он табиат аст ва он ҳис ёфта нест».***

Аз ин гуфтаҳои Носири Хисрав, ки аз забони Муҳаммад Закариёи Розӣ нақл менамояд, на ин ки лаззатпарастии айёшонаи синфи ҳоким, балки ҳиссиёти баланди инсондӯстӣ, ки ранҷро ба худ раво медорад ва аз он роҳат мегирад, фаҳмида мешавад. Вай дуруст қайд кардааст, ки лаззати бисьёру пай дар пай азоб (ранҷ) дорад. Дар ин гуфтаҳо дар ҳақиқат ҳамоҳангӣ бо ақидаи Эпикур ҳаст, ки аз қаноат роҳат ва лаззат гирифтанро тарғиб мекард.

Даҳриён ва умуман пайравони оппозицияи зидди феодалиро ба айшпарастӣ ва фосиқӣ айбдор намудан усули мубориза ва воситаи тӯҳмати рӯҳониён аст. Масалан, мӯбадони зардуштӣ айби айшпарастиро ба Маздаки порсо ва рӯҳониёни ислом ба Муқаннаъ ҳам баста буданд. Риндонро ҳам бо ҳамин айби якхела муттаҳам менамуданд. Бараҳманҳои ҳинд ҳам айни ҳамин тӯҳматро ба пайравони ақидаи лока ята баста буданд. Айшпарастии даҳриюн на ин ки мафҳуми фосиқӣ, балки маънои ҳаётдӯстӣ ва зиддидинӣ дошт:

---

* *Абӯҳамид Муҳаммади Ғазолӣ.* Кимиёни Саодат. Бомбай, 1900, саҳ. 274 (баъд аз ин Ғазолӣ қайд мешавад).

** Маҷаллаи «Дуньё», ҳамон саҳифа.

*** *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин. Берлин, 1923, с. 229.

Бо сарвқади тозатар аз хирмани гул,
Аз даст мадеҳ, ҷоми маю домани гул.
З-он пеш, ки ногаҳ шавад аз боди аҷал
Пироҳани умри ту чу пироҳани гул.

*Хайём*

Маънои «Шод зиҳ бо сиёҳчашмон шод» гуфтани Рӯдакӣ, шодию тарабро тараннум кардани Хайём, зебоидӯстии адибони форсу тоҷик аз ҳамин заминаи ғоявист. Аммо ақидаи динӣ аз сабаби оламро қадим не, балки ҳодис шуморидан ба он дил набастан, аз он лаззат нагирифтан, баръакс ба умеди лаззати «он дуньё» шуданро тарғиб менамояд ва онҳоеро, ки бо дуньёи моддӣ сару кор доранд, мазаммат менамояд:

Эй, рӯй дода сӯҳбати дуньёро,
Шодону барфарошта оворо.
Олам қадим нест сӯи доно,
Машнав муҳоли даҳрии шайдоро.

*Носири Хисрав*

Файласуфи зардуштӣ Мардон Фуррух Урмузддотон (ваф. охири асри IX) дар асари худ «Шиканд гумоник вичор», ки байни ақидаи зарвонӣ ва даҳрӣ хатти мусовӣ — баробари гузоштааст, дар бораи даҳриён маълумоти нисбатан пурратаре медиҳад: «Тоифаи мавсум ба даҳрӣ, ки мункири вуҷуди худои таоло ҳастанд, бар онанд, ки ҳеҷ таклифи динӣ бар онон ворид нест ва мукаллаф бар амали хайр нестанд. Роҷеъ бар суханони беасос, ки мегӯянд, намунае меоварем. Мегӯянд: Ин ҷаҳон ва аворизи он ва таркиби аҷсом ва таркиби аъмол ва тазоди ашьё ва ихтилоси аносир ҳама ва ҳама натиҷаи таҳаввулоти замони номутаноҳист ва муддаиянд, ки барои амали нек подоше ва барои гуноҳе мукофоте нест. На биҳиштест ва на дӯзахе ва на чизе, ки одамиро ба амали нек ё кори зишт бикашонад ва низ мегӯянд, ки ҷуз моддиёт дар олам чизе нест ва рӯҳ вуҷуд надорад».*

Аз гуфтаҳои Мардон Фаррух мушоҳида мешавад, ки даҳриён худоро инкор мекардаанд ва боварӣ ба бахт доранд ва ҳамаи тағьироти ҷаҳонро мисли зарвониён аз замони бекарон медонистаанд. Онҳо ба таълимоти динии биҳишт, дӯзах, савоб, гуноҳ, азоб ва мукофоти амал бовар надоранд. Даҳрихо ҳамаи ҳастиро моддӣ мешуморанд ва ҳастии рӯҳониеро, ки берун аз ҳиссиёти шахс бошад, инкор менамоянд. Ҳамаи инҳо ақидаи зарвониён аст, ки ба даҳриюн ҳамчун мерос гузоштаанд. Дар гуфтаҳои боло оид ба қадим будани модда чизе гуфта нашудааст, вале азбаски танҳо мавҷуд будани олами моддиро даъво кар-

---

* Иқтибос аз маҷ. «Дуньё», нашри соли 3, 1340 ҳ. ш., № 3, с. 118—119;

да, вуҷуди рӯҳро инкор менамоянд, пас модда, ки асли чизҳо мебошад, қадим аст. Дар ақидаи даҳриюн ҳам замони бекарон асли қадим аст, ки сабаби кавну фасод ва ҳамаи корҳои даҳр уст. Даҳриюн халлоқи оламро инкор карда истода, аз замони бекарон худое намесозанд ва муродашон аз бахт ғайр аз қонуни табиат ва ҷабр чизи дигаре нест. Онҳо ҳам мисли зарвониёни собиқ ғайр аз ҷаҳони ҳисшаванда чизи дигареро қабулдор нестанд.

Носири Хисрав дар бораи даҳриюн маълумоти хеле зиёдеро дар китоби «Зод-ул-мусофирин» додааст. **«Яке фирқати даҳриёнанд, ки аҳли таътиланд ва гӯянд: Олам қадим аст ва ӯро сонеъ нест, бал сонеи маволид аз набот ва ҳайвон, ҳиради афлок ва анҷум аст, ки ҳамеша будааст ва ҳамеша бошад».*** Дар ҷои дигар боз гуфтааст: **«Гурӯҳе мар ибдоъ ва халқро мункиранд ва гӯянд: олам маснӯъ нест, бал қадим аст ва сонеи маволид худи олам аст ва мар ӯро сонее нест, бал азалист, ҳамеша буд ва ҳамеша бошад ва ин гурӯҳ даҳриёнанд».****

Ин ҷо лаҳзаи ҷолиби диққат ин аст, ки замони бекорони зарвония, ки қадим шуморида мешуд, дигар ба назар наменамояд. Пас ақидаи даҳрия нисбат ба зарвония такомул ёфтааст ва ба материализми илмӣ боз ҳам наздиктар омадааст. Истилоҳи «ҳиради афлок ва анҷум» ва ифодаи «сонеи маволид худи олам» нишон медиҳад, ки ин ифодаҳо қонуниятҳои табиии оламро, ки ҷабри табиист ва он аз худи олам нест, баён мекунад. Ин ҷо ақидаи худ ба худ бе офаридагор ва бе муҳаррик пайдо шудани олам баён карда шудааст, ки ақидаи равшани материалистӣ мебошад. «Ҳиради афлок ва анҷум»-ро мисли идеалистҳо ба маънои «ақли кул» не, ба маънои қонунҳои объективонаи табиат фаҳмидан лозим аст.

Яке аз бузургтарин душманони даҳриюн дар асри XI—XII Муҳаммади Ғазолист. Вай қариб дар ҳамаи асарҳои идеалистӣ ва динии худ ба муқобили материализм хуруҷ карда, онро наҳ мезанад ва даъвои пайравонашро рад мекунад. Вай дар бораи даҳриҳо сухан ронда, нуқтаи назари онҳоро дар ҳафт масъала қайд кардааст ва бо ин восита онҳоро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо карда, «касоне, ки аз аҳли абоҳатанд ва аз ҳудуди ҳукми худои таоло даст доштаанд, ғалат ва ҷаҳли ишон аз ҳафт ваҷҳ бувад»,*** гуфтааст. Гурӯҳи аввал касонеанд, ки «ба худои таоло имон надоранд» ва онро хаёл мешуморанд. Барои исботи ӯ далел ва чигунагӣ талаб менамоянд. Дунъё ва офаридагори онро «табиат ва нуҷум» медонанд. Онҳо одамон, ҳайвонот ва набототро худ аз худ пайдошуда ва ҳамеша пойдор, ки аз офаридаи табиат аст, эътиқодманданд. Гурӯҳи дуюм, касонеанд, ки ба охират бовар надоранд ва мегӯянд, ки одамӣ мисли набо-

---

* *Носири Хисрав.* Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. Теҳрон, 1331 ҳ. ш., с. 31.
** *Носири Хисрав.* Ҳамон асар, с. 211.
*** Муҳаммад Ғазолӣ. Кимиёи саодат, с. 25—26.

тот ва ҳайвонот аст, ҳамин ки мурд, нест мешавад. Онҳо ба гуноҳ ва савоб, азоб ва мукофоти рӯзи қиёмат бовар надоранд ва «он рӯҳ, ки ҳақиқати одамист, намешиносанд». Гурӯҳи сеюм «ба худои таоло ва охират имон доранд, вале имони заиф, валекин маънии шариат нашинохтаанд» ва мегӯянд, ки худо ба тоату ибодати мо эҳтиёҷ надорад ва аз гуноҳи мо ба вай ҳеҷ зараре ё фоидае нест. Бинобар ин, ҳукми шариатро ба ҷо намеорем. Дар ақидаи онҳо шариат барои иҷрои ҳукми худост, ҳол он ки худо мисли подшоҳест, ки ба ҳеҷ кору чиз эҳтиёҷ надорад, бинобар ин, аз иҷро кардан ва накардани фармони шариат чӣ мурод ҳосил мешавад. Пас иҷро накардан беҳтар аст. Гурӯҳи чорум мегӯянд: шариат иҷрои корҳои дуньёвӣ ва табиӣ ба мисли шаҳват, нӯшидан, ғазаб, шодӣ ва ғайраро манъ менамоянд, ҳол он ки инсон аз ҳамин таркиб дорад. Бинобар ин, иҷрои ин амри шариат муҳол аст. Гурӯҳи панҷум мегӯянд, ки раҳимӣ ва каримӣ аз сифатҳои худоист, бинобар ин, ҳар чӣ мехоҳем, мекунем, зеро дар ҳама ҳол худо бахшандааст. Чунон ки Хайём гуфтааст:

Обод харобот зи май хӯрдани мост,
Хуни ду ҳазор тавба дар гардани мост.
Гар ман накунам гунаҳ, раҳмат кӣ кунад,
Оройши раҳмат аз гунаҳ кардани мост.

Гурӯҳи шашум даъво доранд, ки мо дар худошиносӣ ба дараҷае расидаем, ки гуноҳ ба мо зиён надорад ва дини мо аз ҳеҷ чиз ва кор олуда намешавад. Ин гурӯҳро одамони мағрур номидааст. Ҳафтум касонеанд, ки дар ғафлат ва шаҳват зиндагӣ мекунанд. Ғазолӣ роҳи ба ин гурӯҳҳо муомила карданро дар куштани онҳо дидааст: «Пас, муомила бо ишон ба шамшер бошад».*

Муаллиф ба ин ҳафт гурӯҳ ҳаштумро низ ҳамроҳ кардааст, ки мегуфтаанд: Мо ба кори дину дуньё ҳайронем, вале худамон намедонем, ки барои чӣ ҳайронем.

Ҳамаи ин гурӯҳҳо аз роҳи дину худо берун рафтанро талқин менамоянд ва барои иҷрои он озодӣ металабанд. Онҳо даҳриёне ҳастанд, ки бо ҳар роҳ ва усул тарки ақидаи динӣ карданианд. Аз ин гурӯҳҳо ду гурӯҳи аввал пурқувватанд, зеро дар эътиқодашон унсурҳои атеизм ҳаст. Дар бораи онҳо Ғазолӣ гуфтааст: «...Ваҷҳи аввал — ҷаҳли гурӯҳест, ки ба худои таоло имон надорад, ки вайро аз ганҷинаи ваҳм ва хаёл талаб карданд ва чигунагӣ ҷустанд. Чун наёфтанд, инкор карданд ва ҳаволаи корҳо ба табиат ва нуҷум карданд ва пиндоштанд ин шахси одамӣ ва дигар ҳайвонот ва ин олами аҷиб бо ин ҳама ҳикмат ва тартиб аз худ пайдо омада ё худ ҳамеша буда ё феъли табиат аст, ки вай аз худ бехабар бувад».

«Ваҷҳи дуввум — ҷаҳли гурӯҳест, ки ба охират нагарави-

---

* Асари номбаршуда, с. 27.

даанд, ки пиндоштанд, ки одамӣ чун набот аст ё ҳайвоне дигар, чун бимирад, нест шавад ва бо вай худ на итоб бувад, на ҳисоб ва на иқоб ва на савоб. Ва сабаби ин ҷаҳл аст ба нафси худ, ки худ ҳамон медонад, ки аз хару гову гиёҳ ва он рӯҳ, ки ҳақиқати одамист, онро намешиносад».*

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки дар ҳақиқат гурӯҳе будаанд, ки бо даъвою исботи гуногун вуҷуди худо, дурустии дину шариатро инкор карда, ба афлоку анҷуму табиат эътиқод доштаанд. Онҳо бо даъвоҳои гуногун баромада бошанд ҳам, лагери ягонаи материалистон ва бехудоёнро ташкил медоданд.

Чизи асосие, ки аз ин гуфтаҳо бармеояд, пайдоиши худ ба худи олами моддӣ — ҳаёт, қадим будани он ва дар асоси мадори ҳаракати тобеӣ ё ки қонунҳои худ амал кардани он аст, ки аз худ бехабар мебошад. Ғазолӣ даҳриёнро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо карда бошад ҳам, ба ду гурӯҳи онҳо эътибори ҷиддӣ додааст: як гурӯҳ аз худо мункиранд, гурӯҳи дигар аз охират, ҳол он ки ҳар ду якаанд. Аз гуфтаҳои Ғазолӣ дар китоби «Ал-мунқиз-мин-аз-залол» (наҷотдиҳанда аз гумроҳӣ) маълум мегардад, ки гурӯҳи аввал даҳриюн, гурӯҳи сонӣ табииюн ҳастанд. Тадриҷан дар асрҳои минбаъда ин фарқ ҳам барҳам мехӯрад.

Азбаски баҳси илоҳиюн бо даҳриюн бештар дар атрофи эътиқодот давом ёфтааст, олимони дин гаштаю баргашта дар масъалаи холиқи олам кист, олам қадим аст ё худо, охират ҳаст ё не, рӯҳ қадим аст ё модда мулоҳиза ронда, даҳриюнро фақат аз ҳамин ҷиҳат маънидод кардаанд. Ғазолӣ дар китоби худ «Таҳофат-ал-фалосифа» боз ба масъалаи эътиқод баргашта, фикрҳои болоро равшантар баён кардааст: «...ва аммо... аз мазҳаби даҳрия ва он бар он аст, ки олам қадим аст, чунин ки ҳаст... ва онро иллате нест ва офаридагор надорад ва ҳодисшудаҳоро иллате нест ва ҷисм дар олам ҳодис намешавад ва маъдум намегардад ва сувар ва эъроз ҳодис мешавад ва аҷсоми самавот ва аносири арбаа қадим ва дар онҳо сувар ва имтизоҷҳо ва истилоҳот табдиле меёбад ва илали нуфуси инсонӣ ва наботӣ ва ҳаводис мунтаҳӣ мешавад, ба ҳаракати даврия ва ҳаракати даврия қадим аст ва нафси он ҷавҳари қадими фалак аст... Оламро иллате ва офаридагоре нест, балки он, чунон ки ҳаст, қадим аст, бидуни иллате».**

Ғазолӣ ин ҳама далелҳоро барои он меоварл, ки «кофирии» даҳриёнро исбот кунад, аммо дар айни замон ин фикрҳоро ғайри хоҳиши худ тарғиб менамояд ва мо имрӯз аз гуфтаҳои ӯ имконият пайдо мекунем, ки ақидаи даҳриёнро фаҳмем. Дар гуфтаҳои боло дар масъалаи устуворӣ ва қадим будани модда ва ба суръат афзалият доштани он ҳамфикрии даҳриён, моддиюни Юнони Қадим ва зарвония бар хилофи ақидаи машшоин намудор гаштааст. Масъалаи бақои модда ва ҳодис будани шакл

---

* *Ғазолӣ.* Кимиёи саодат, с. 26.

** Иқтибос аз маҷ. «Дуньё», нашри 3, 1314 х. ш., № 1, саҳ. 69—70.

(сурат)-ро зикр кардааст. Уламои дин аз забони даҳриён сухан ронда, истилоҳоти идеалистии «хиради афлок», «нафси қадими фалак»-ро мефармоянд, ҳол он ки истилоҳи даҳрияаш «қонуни хоси табиат»-аст. Муроди Ғазолӣ аз «ҳаракати даҳрия» таъсири сипеҳр ва замони беканор аст. Агар худи даҳриюн дар ин бора сухан меронданд, аз худи олам, табиат, нафси ҳайвонӣ ва наботӣ баҳс мекарданд. Аз таъсири сеҳрангези сипеҳр сухан рондани Ғазолӣ чунин маънӣ дорад, ки дар замони ӯ даҳриҳо ҳанӯз аз ин ақида озод нашудаанд. Аммо ҳамин қадараш аниқ аст, ки дар ақидаи даҳриҳо сабаби пайдоиши олам замони бекарон нест, балки ҳаракати худ аз худи табиат ҳаст, ки онро сабаби ҳаёт мегуянд. Агар пештар осмон соҳиби сарнавишт бошад, акнун танҳо бавуҷудоварандаи ҳаёт аст. Носири Хисрав дар ин бора дар баҳси радди ақидаи даҳриюн чунин гуфтааст: «Нахустин бор даҳрӣ рад карданд бад-он чӣ гуфт: Олам қадим аст ва сонеъ маволиди ӯст ва худ маснӯъ нест. Бад-ин ҳуҷҷатҳо радди даҳрӣ чунон карданд, ки гуфтанд: ...Маволид аз набот ва ҳайвон ҳаме аз афлок ва анҷум аз табоеъ падид наёяд, балки аз тухмҳо ва беххои ибдоӣ ва аз ашхоси нару мода ибдоъ ҳамепадид ояд аз ҳайвонот... Зоҳир аст, ки ин афъол мар афлокро ва анҷумро бо тухмҳои набот ва ашхоси ҳайвони ибдоӣ бо иштирок аст ва на аз тухме табоеъ ва тобиш ва гардиши анҷуми афлок дарахте ояд...»*

Нуқтаи асосӣ дар ин порча он аст, ки уламои динӣ барои радди ақидаи даҳриюн оҷизӣ карда, ба ақидаи нисбатан собитқадами моддиюн муроҷиат кардаанд. Носири Хисрав барои радди ақидаи «нодурусти» даҳриюн, ки дар олами моддӣ сабаби сеҳрангези таъсири фалакро меҷустанд ва онро аз зарвония мерос гирифта буданд, сабабро аз тухм ва чизҳои тавлидкунанда ҷустуҷӯ менамояд. Аз калимаи «нур ва гармӣ»-ро кор фармудани Носири Хисрав маълум мешавад, ки сабабро аз фалак ҷустани даҳриюн бо масъалаи нур ва гармӣ, ки аз офтоб аст, вобастагӣ дорад.

Олими илми калом Шаҳристонӣ (ваф. 1154 м.) бар хилофи Ғазолӣ, ки даҳриюнро мункири худо ва тибоиюнро мункири охират номидааст ҳар дуро мункири худо шуморида, ақидаи даҳриюнро, ки олами маъқулро ба василаи ҳис шинохтан мумкин нест, мегуфтанд, рад менамояд. Аз ин гуфтаи Шаҳристонӣ дида мешавад, ки даҳриюн дар асри XII ба дараҷаи материализми ҳиссӣ наздик омадаанд. Акнун аз даҳр маънои моддиашро мефаҳманд, на замони онро. Даҳрӣ ва моддӣ, ки ҳар ду ҳам дуньёро қадим мешуморанд, як мешаванд. Ҷалолиддини Румӣ ин маъниро дар ҳикояти «Ҷавоби даҳрӣ, ки мункири илоҳият аст ва оламро қадим мегӯяд» чунин ифода кардааст:

Гуфт: ин олам қадиму бе кай аст,
Несташ бониву ё бонӣ вай аст.

---

* *Носири Хисрав.* Ҷомеъ-ул-ҳикматайн, с. 218.

Аз гуфтаи Шаҳристонӣ пай бурдан мумкин аст, ки даҳриюн дар масъалаи назарияи маърифат ба устувории ҳис эътиқод доштаанд ва маърифати ҷаҳонро танҳо ба воситаи хавос имконпазир медонанд. Онҳо «сувари маъқула», ки вобаста ба ҳисҳо нестанд, рад карда, барои дурустии маърифат таҷриба, амал ва бе қиёс далел оварданро талаб намудаанд ва бо ин роҳ идеализми Афлотун ва ишроқиюнро, ки олами рӯҳро эътироф менамуданд, рад кардаанд. Аз шеъри Саноӣ дар бораи мунозираи даҳрӣ бо Бӯҳанифа маълум мешавад, ки даҳриҳо дар исботи халқ далел, ҳуҷҷат ва қабули ҳиссу ақлро талаб мекардаанд ва «чунию чигунагӣ»-ро зарур мешумориданд.

Аз ин муҳокимаҳо хулоса мебарояд, ки даҳрияи асрҳои аввали ислом ҳоло дар зери таъсири фалсафаи лока ятаи Ҳинд ва моддии Юнони Қадим будаанд, аммо даҳриюни асрҳои минбаъда такомул ёфта, аз ақидаи зарвонии асл будани замони бекарон ва кудрати офаридагори сипеҳр озод шуда, ба фалсафаи моддии ҳиссӣ расидаанд, бинобар дар атеизму материализми даҳрия ва зарвония ҷои шубҳае намемонад.

Мутафаккирони тараққипарвар моҳияти зиддиилмӣ, приёмҳои суфастоӣ ва таваккулии мутакаллиминро дар асоси мантиқ, ақл ва тадқиқоти фанҳои табиатшиносӣ фош мекардаанд. Онҳо дар ин муборизаи худ ба гуфтори мутафаккирони пешқадами ватанашон, Ҳиндустон ва махсусан, Юнон такья кардаанд. Ҷараёни фалсафии тибоиюн, ки буньёди ҷаҳонбинии фалсафии худро дар асоси шарҳу тавзеҳоти асарҳои онҳо гузоштаанд, ба муқобили илми илоҳии ислом хизмати шоёни тахсин кардаанд. Ал-Киндӣ дар асоси фанҳои табиатшиносӣ ва ба фалсафаву илмҳои дуньёвии Юнони Қадим тарафдории гарму ҷӯшон доштан Қуръонро танқид кардааст: **«Дар қуръон тартиб, услуб, нафосат ва нозукии банду басти асар нест. Сар то пои он аз зиддиятҳо иборат мебошад».*** Мутаассибҳои ислом асарҳои Ал-Киндиро дар вақтҳои иртиҷоъ ва қатли оми динӣ оташ задаанд, худи ӯро бо вуҷуди материалисти собитқадам набудан шахси кофир ва пайрави бидъат эълон намудаанд. Бо ин ҳисоб, вай асосгузори фалсафаи тибоиюни Шарқ мебошад.

Бузургтарин файласуфи материалисти халқҳои эронӣ Муҳаммад Закариёи Розӣ аст, ки ба файласуфи материалисти Юнони Қадим Демокрит пайравӣ мекард. Вай олим ва файласуфи энциклопедист аст. Закариёи Розӣ даъво кардааст, ки ғайр аз ҷаҳони моддӣ чизе нест ва он аз ҳоюлои тағирьёбанда ва ҷузъи лоятаҷазо (атом) иборат аст. Чунин ақида ҷаҳонбинии моддии пайгир буда, ба материализми илмӣ наздик меояд. Аз рӯи гуфтаи Носири Хисрав ва адабиётшиноси имрӯзаи Эрон Забеҳуллоҳи Сафо Розӣ ба панҷ вуҷуд эътиқотманд будааст: «Муҳаммади Закариё панҷ қидам собит кардааст: яке ҳаюло, дигар замон, сеи дигар макон, чаҳорум нафс, панҷум бори

---

* *Ибни Қифти.* Таърих-ал-ҳукамо. Лейпцик, 1909, с. 36.

субҳона...».* Як қисми олимон ақида доранд, ки Розӣ ин системаи вуҷуди панҷгонаро аз юнониҳо гирифтааст, аммо Забеҳуллоҳи Сафо дуруст қайд кардааст, ки вай ин системаро аз фалсафаи қадими ватани худ иқтибос кардааст, зеро дар ақидаи маҷусиён — оташпарастон вуҷуди панҷгонаи зерин мавҷуд аст: 1. Халлоқи олам Аҳура Маздо. 2. Иблис ё Аҳриман. 3. Замон. 4. Макон. 5. Ҳаюло — сиришт ё ки хамира. Дар ақидаи Розӣ қадим будани макону замон аз сифатҳои ҷудонашавандаи модда аст. Агар файласуф қадим будани модда, замон ва маконро исбот кунад, он гоҳ барои худо коре намемонад. Аз рӯи тасдиқи Носири Хисрав, ки аз забони Закариёи Розӣ нақл мекунад, ҳамаи тағйирот ва офаринишҳо дар олам аз дигаргуниҳои миқдор ва сифати атомҳо иборат аст, пас роли худо ҳамчун офаридагор ҳеҷ аст. Вай ин тағйиротро аз танг шудан, кашида шудан (инқибоз) ва кушода шудан, васеъ шудани (инбисоти) атомҳо иборат медонад. Пас ҳаракат дар худи материя аст, на аз хориҷ, яъне худо ҳамчун халлоқ вазифае надорад. Носири Хисрав ба назарияи атоми Розӣ ишорат карда, «ҳаюлои мутлақ ҷузъҳо будааст лоятҷазо»** мегӯяд ва дуруст қайд кардааст, ки масъалаи ҳаюло мағзи фикрҳои фалсафии материалистии Розӣ мебошад: «...Аз ин ҷумла, ки ёд кардем, мағзи сухани Муҳаммади Закариё андар ҳаюло».***

Дар масъалаи назарияи атом ва ҳаюло ҷаҳонбинии Розиро бо мактаби фалсафии Ҳинд «Наёвойша шико», ки низ ба атомҳо «поромунуҳо» такья мекунад, вобаста мекунад, вале муаллифи мақолаи «Тибоиён — даҳриён ва асҳоби ҳаюло» Эҳсони Табари ин фикрро рад мекунад: «Вале, атомистики Розӣ аз он ҷо наёмадааст, зеро ин мактаби ҳиндӣ ақида дошт, ки танаввеи олам натиҷаи танаввеи кайфии атомҳост ва ҳол он ки атомҳои Розӣ дорои кайфият ва табиати воҳиданд».****

Қозӣ Соиди Андулусӣ дар китоби «Табақот-ул-умам» дар бораи ба фалсафаи табиияи қадим майл кардани Розӣ ва дар ин илм асар доштани ӯ сухан рондааст. Ин муаллиф ҳамчунин қайд менамояд, ки агар Форобӣ ва Ибни Сино аз паи Арасту рафта бошанд, Розӣ ба фоидаи материализм «аз раъйи Арастотолис шадидан мунҳариф буд».***** Дар ин гуфтаҳо он лаҳза ҷолиби диққат аст, ки Розӣ ба фалсафаи табиияи Юнони Қадим пайравӣ кардааст, ки ба таври куллӣ фалсафаи моддиюнӣ буд.

Ба ҳамин тариқ, Розӣ аз фалсафаи машоъ дур буда, материализми ӯ мутаоқиб (пайгир) аст. Афзалияти материализми ӯ танҳо дар эътирофи муқаддам будани модда не, дар масъалаи инкори ибдоъ, бақо надоштани рӯҳ, масъалаи атом низ зоҳир

---

* *Забеҳулло Сафо.* Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон, 1336 ҳ. ш., ҷ. 1, с. 169.

** *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 73.

*** Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ, ҷ. 1, с. 73.

**** «Дунъё», н. с. 2, № 3, саҳ. 122.

***** Таърихи умули ақлӣ дар тамаддуни исломӣ, ҷ. 1, с. 290.

гаштааст, ки ҷиҳати мазҳи материалистии фалсафаи ӯст. Вай дар рисолаҳои худ «Ҳиял-ул-мутанбин» ё ки «Муҳорик-ул-анбиё» ва «Ал-набавот» ё ки «Накз-ул-адьён» пайғамбариро инкор карда, ба такфир дучор шудааст. Муаллифи китоби «Таърих-ул-ҳукамо» Ибни Қифтӣ Розиро ба хашм ёдоварӣ ва ба ӯ ҳуҷум карда гуфтааст: «У дар дониши илоҳиёт ғаврраси кард, вале ба ғарази ниҳонии он пай набурд. Лизо, орояш дар ин замона мушавваш шуд ва ақоиди сустеро тақлид кард ва мазоҳиби палидеро иқтибос намуд ва касонеро, ки нафаҳмид, бад ғуфт ва ба роҳи онҳо ҳидоят нашуд».* Асарҳои Форобӣ нишон медиҳанд, ки вай ҳам олими универсал аст. Вай дар бобати шарҳу тавзеҳоти асарҳои Арасту ҷои аз ҳама намоёнро ишғол намудааст. Ӯро дар тамоми Шарқ «муаллими сонӣ» (дуюм) мешуморанд. Асари ӯ «Эҳьё-ал-улум» (зинда кардани илмҳо), ки аз панҷ қисм иборат аст, илмҳоро тасниф карда, дар бораи забоншиносӣ, мантиқ, риёзиёт, табииёт, сиёсат баҳс мекунад, ки он доираи васеи дониши муаллифро нишон медиҳад. Форобӣ бо сабабҳои таърихӣ дар ҷаҳонбинии фалсафӣ байни идеализм ва материализм калавидааст, вале материализм бисьёртар диққати ӯро ҷалб кардааст. Вай бар хилофи уламои муттаасиби дини ислом бо илмҳои дуньёвӣ бисьёр машғул шудааст ва зарурати омӯхтани илмҳои ҳаётиро таъкид менамояд. Ин талаботи ӯ аз он ҷиҳат қимат аст, ки тараққиёти тадриҷии илмҳои дуньёвӣ ба бемадор шудани ақидаҳои динии идеалистӣ меорад ва мавқеи рӯҳониёнро суст менамояд.

Ҳамин тавр, илмҳои дуньёвӣ поя ба поя тараққӣ карда, дар ҳар аср намояндагони барҷастаеро ба майдони афкори илмию фалсафӣ овардааст. Дар инкишофи ақидаҳои тибоиюн мавқеи олими асри IX Муҳаммад ибни Мӯсои Ал-Хоразмӣ (780-847) низ бузург аст.

Дар заминаи муваффақиятҳои илмии асрҳои IX-X гурӯҳи файласуфон ва олимони илмҳои дуньёвӣ мисли Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва ғайра ба майдон омадаанд, ки онҳо мубориэони ҷасур ва далери соҳаи илм ва фошкунандагони таассуби дини ислом мебошанд. Ибни Сино дар айни ҷӯшу хурӯши инкишофи илмӣ ва мубориэаҳои дину дониш ба дуньё омад ва сарвари афкори илмии асри худ гардид. Вай дар асарҳояш кӯшиш кардааст, ки бар хилофи таълимоти динӣ моддӣ будани ҳаётро тасдиқ намояд. Бесабаб нест, ки рӯҳониёни ислом вайро ҳам кофир ба қалам доданд ва ӯ худро бо «Куфри чу мане газофу осон набувад», аз онҳо ҳимоя кардааст.

Ибни Сино ҳарчанд мисли Арасту ва Форобӣ дар байни идеализм ва материализм мекалавид, вале ба материализм зиёдтар майл мекунад, зеро ӯ низ монанди Арасту ҳастии худоро

---

* «Дуньё, н. с. 2, № 3, саҳ. 125.

дар дохили материя дида, моддаро дар маркази диққат гузоштааст:

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон ҷумла бадан,
Аҷноси малоика ҳавоси ин тан.
Аҷрому аносиру маволид аъзо—
Тавҳид ҳамин асту дигарҳо ҳама фан.

Ибни Сино дар муҳокимаи фалсафии худ дар бораи табиат ва рӯҳ баҳс ронда, рӯҳро ҳамчун қувваи аввали ҳаракатдиҳандае, ки баъд аз рафти кори олам кор надорад, маънидод кардааст. Ин кор ва қадами ҷиддии ӯ ба вай имконият додааст, ки дасти «худо» ва «сарпанҷаи тақдир»-и илоҳиро аз болои мавҷудоти моддӣ гирифта партояд, ҷисмро ҷавҳари ҳастӣ ва шаклҳои зоҳирӣ (араз)-ро сурати он шуморад. Чунин рафтори фалсафии материалистона яке аз қадамҳои ибтидоии атеистӣ буда, мустақилона аз иродаи илоҳӣ инкишоф ёфтани дуньёи моддиро талқин ва фаъолияти худоро бо олами руҳӣ маҳдуд менамояд. Чунин концепция ҳам дар замони худ аҳамияти калони прогрессивӣ дошт, зеро таълимоти исломии дар ҳама кор иштироки фаъоли офаридагорӣ ва таъсири мудохилавӣ доштани худоро маҳдуд мекард. Ғайр аз ин, Ибни Сино дубора зинда шудани ҷасадро, ки яке таълимоти ислом аст, инкор менамояд.

Чунин баромадҳои материалистонаи Ибни Сино ғазаби файласуфони идеалист, рӯҳониён, алалхусус сӯфиҳоро овардааст, ки пайравони мутаассиби ислом буданд. Ибни Сино дар яке аз рубоиҳояш аз лаҳзаҳои зиддиятноки догмаҳои дини ислом фоида бурда, бо киноя дар бораи дар ин дуньё бар хилофи дин кор («гуноҳ») кардан, дар «он дуньё» аз рӯи ақидаи динии «инояти карами» худо истифода намуда, аз «гуноҳҳо» раҳоӣ ёфтан, ки яке аз таълимоти абоҳия (атеистҳо) мебошад, сухан рондааст:

Моем ба лутфи ҳақ тавалло карда
В-аз неку бади хеш табарро карда.
Он ҷо, ки инояти ту бошад, бошад —
Нокарда чу карда, карда чун нокарда.

Аз сӯфиҳои асри X-XI Абӯсаид бо ғазаб ба Ибни Сино ҷавоб гуфта, дар он бора сухан рондааст, ки худо гуноҳи Ибни Синоро нахоҳад бахшид, бинобар ин, бар авфи худо умед набандад:

Эй нек накардаю бадиҳо карда
В-он ки ба халоси худ таманно карда,
Бар авф макун такья, ки ҳаргиз набвад:
«Нокарда чу карда, карда чун нокарда».

Дар муборизаи илм бо ақидаҳои динӣ хизмати ҳамаср, дӯст ва рафиқи Ибни Сино Абӯрайҳони Берунӣ низ хурд нест. Дар асарҳои Берунӣ табиатшиносӣ ва майлҳои материалистӣ хеле зиёданд. Уламои динӣ, ки бо нуқтаи назари Берунӣ созиш карда наметавонистанд, муваффақ шудаанд, ки шоҳи ҷаҳолатпа-

раст ва диндори мутаассиб Султон Маҳмуд ӯро ба бединӣ ва бидъат айбдор намуда, ба ҳабс ва қатлаш фармон диҳад. Вай бо ёрӣ ва миёнаравии рафиқонаш аз марг ва ҳабс халос шуда тавонист.

Байрақи олимони илмҳои дуньёвӣ ва мубориэони зиддидиниро дар асри XI шоиру файласуфи ҷаҳонӣ Умари Хайём ба даст гирифт. Фош намудани ҷаҳонбинии схоластикии дини ислом ва мистика дар рубоиёти ӯ хеле равшан аст. Вай ҷаҳонибинии ҳаётдӯстонаро дар ифодаи рамзии «ояти хатти пиёла» ба таълимоти динию мистики ва қуръон зид гузошт:

Қуръон, ки беҳин калом хонанд ӯро,
Гаҳ, гоҳ на бар давом хонанд уро.
Дар хатти пиёла ояте равшан ҳаст,
К-андар ҳама ҷо мудом хонанд ӯро.

Номи Хайём дар тамоми таърихи асрҳои миёна байрақи озодфикрӣ буд ва ҳоло низ дар атрофи мероси адабии ӯ мубориза меравад. Муаллифи сарсухани нашри теҳронии рубоиёти Хайём (1321 ҳ.ш., саҳ. 7) дар бораи рубоиёти Хайёмро чӣ гуна фаҳмидани одамони дорои ақидаҳои гуногун чунин мулоҳиза рондааст:

«...Оммаи мардум ӯро бо сабаби рубоиёташ мешиносад ва ҷои басе таассуф аст, ки ҳарчанд Хайёмро ин рубоиёт номӣ сохта, мардуми мо аз ориф ва омӣ қадри ӯ надониста ва тасаввуроте дар бораи ӯ кардаанд, ки метавон гуфт мазлум шудааст. Обидон ва муҳдисони хушк калимоти ӯро куфромез донista ва оммаи мардум ӯро шарри анҷор пиндошта ва ба ашъори ӯ фақат аз назари таҳриз ва тарғиби майхорагӣ нигаристаанд ва ҷамоате ба ҳамин ҷиҳат ва бинобар ин ки ӯро беэътиқод ба мабдаъ ва маод фарз кардаанд, ҳавохоҳи ӯ шуда ва муқдисин аз он рӯ машъунаш шумурдаанд».

Ҳар чанд ки муаллифи сарсухан муносибати худро ба Хайём баён накардааст, вале аз мулоҳизарониҳои ӯ дар бораи ғалатфаҳмонии Хайём, маълум мегардад, ки ӯ Хайёмро мусулмони покдин мешуморад, зеро ба ақидаи вай обидони хушк калимоти ӯро «куфромез донистаанд». Маънои ин фикр чунин аст, ки калимоти ӯ «куфромез нест», яъне мувофиқи ақидаи динист. Қалимоти ӯ чӣ тавр куфромез нест, ки вай дар образи кӯзагар ба ҷои худо табиатро халлоқи оламу одам мешуморад. Пас обидони хушк бо вуҷуди хушкиашон моҳияти ақидаи зиддидинии рубоиёти Хаёмро аз олимони буржуазии бомаърифаттар, ки муҳофизаткорони дин ҳастанд, беҳтар фаҳмидаанд ва бинобар ин, рубоиҳои ӯро барои дин заҳри мор шумоидаанд. Дар ин гуфтаҳо фарқи обидони хушк ва ҳомиёни имрӯзаи дин дар ин аст, ки онҳо бо роҳи фош ва эътироф кардани куфри Хайём, инон бо роҳи рӯпӯш намудани куфри ӯ ва онро диндор нишон додан ба муқобили Хайём мубориза доранд.

Мисоли дигари куфри ӯро рӯпӯш намудани муаллифи сарсухани боло ин аст, ки ақидаи одамонеро, ки ба беэътиқодии Хайём ба мабдаъ ва маод бовар доранд, рад менамояд. Маънои чунин раддия ин аст, ки Хайём ба таълимоти динии зинда гардонидани баъд аз марг боварӣ дорад ва муҳдисин Хайём ва пайравонашро беҳуда ба ин ақида таъна кардаанд. Хайём чӣ тавр мӯътақиди мабдаъ ва маод мебошад, ки вай онро рад кардааст:

...Май хӯр, ки ҳазор бор бештар гуфтам:
Боз омаданаш нест, чу рафтӣ, рафтӣ.

Дар масъалаи дубора зинда нашудани ҷасади инсон ва бақои рӯҳ ақидаи моддиюнӣ доштани Хайём ва дар ин масъала нодурустии фикри муаллифи сарсухан аз он танқиди идеалистонаи Ҷалолиддини Румӣ маълум мешавад, ки вай хитобан ба Хайём дар бораи дар ҷои аввал будани рӯҳ ва дар ҷои дуюм нотодани ҷасад сухан ронда, танро ба хайма ва рӯҳро ба султони хайманишин ташбеҳ додааст:

Хайём, танат ба хаймае монад рост,
Султон рӯҳ асту манзилаш дори фаност,
Фарроши аҷал зи баҳри дигар манзил
Вайрон кунад ин хайма, чу султон бархост.

Агар Хайём ба мабдаъ ва маод эътиқод медошт, Румӣ дар байни ақидаи идеалистии худ Хайёмро мухотаби тарафи зид қарор намедод.

Пас пайравони Хайём уро дуруст фаҳмидаанд ва рӯҳониён бо роҳи таъну лаън бо онҳо мубориза бурдаанд. Уламои ҳозираи буржуазии дин бо роҳи рад кардани моҳияти Хайём сарзаниш кардани рӯҳониёни гузашта, ақидаи динии исломиро ҳимоя ва бо ин роҳ мероси ӯро аз худ, моҳияти зиддидинии онро рӯпӯш карданӣ мешаванд. Ғайр аз ин, аз гилаи муаллифи сарсухан, ки Хайёмро «аз ориф ва омӣ қадри ӯ надонистаанд», чунин маънӣ мебарояд, ки Хайёмро гӯё ҳеҷ кас нафаҳмидааст. Агар чунин аст, ӯро кӣ фаҳмидааст ва онҳое, ки Хайёмро ҳимоя ва анъанаашро давом додаанд ва онҳое, ки бо ӯ ва пайравонаш мубориза бурдаанд, киҳо буданд ва ин ҳама пардапӯшиҳо чӣ маънӣ дорад? Идеалистҳои ҳозира бисьёр эҳтиёткорона бо ақидаҳои пешрави ӯ мубориза доранд.

Дар дуньёи қадим вуҷуд доштани ақидаи материалистии ибтидоиро аз ҷараёни «зарвония»-и халқҳои эронӣ, «локаята»-и ҳиндиҳо, ҷараёни материалистии Юнони Қадим донистем. Олимони буржуазии имруза, намояндагони феодалҳо ва нигилистҳои замони мо дар давраи ислом вуҷуд надоштани ҷаҳонбинии атеистӣ ва материалистиро даъво карда, ҳукмронии дин ва идеализмро мутлақ мешуморанд. Ҳол он ки ҷараёни фалсафии халқҳои Шарқро танҳо динию идеалистӣ номидан хатои маҳз

аст, зеро чи дар дуньёи қадим ва чи дар давраи асрҳои миёна мувофиқи шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ичтимоӣ ва муваффақиятҳои илмӣ ақидаи моддиюнӣ ба вучуд омадааст.

Ақидаи фалсафии халқҳои Шарқи Миёна қатъи назар аз чои пайдоиш ё манбаи иқтибос ва шаклу мундаричаи зоҳиршавиашон бо ду роҳи асосӣ инкишоф ёфтааст: яке идеализм, дигаре материализм. Чӣ тавре ки материализм дорои намудҳои бисьёри зоҳиршавист, ҳамон тавр идеализм ҳам шаклҳои зоҳиршавӣ дорад.

Чаҳонбинии фалсафии ислом ва тасаввуф аз паи фалсафаҳои идеалистии динҳои яҳудӣ, исавӣ, зардуштӣ, буддоӣ, монӣ, мистицизми Аврупо ва ишроқиюни Афлотун рафтаанд. Онҳо дуньёро офаридаи худо, фаноёбанда (ҳодис) ва худоро, ки гӯё абадию азалӣ ва ибтидою охири ҳаёт аст, халлоқи олам медонистанд: фалсафаи ишроқ бошад, дар ин масъала боз ҳам чуқуртар рафта, дуньёро аз нуру акси худо, ки гӯё рӯҳи мутлақ аст, иборат медонист.

Материализм ҳамчун лагери зидди идеализм аз ду чараёни ба ҳам зид ва мубориз иборат буд: мутаоқиб ва номутаоқиб. Ал-Киндӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ ва ғайраро дар Шарқи Миёна намояндаи материализм мутаоқиб (пайгир) мешуморанд, ки аз паи Демокрити юнонӣ рафтаанд. Аз нуқтаи назари онҳо чаҳонро касе наофаридааст ва он кайфияту камияти ҳаракати дохилии хурдтарин чузъҳо—атом иборат аст ва ҳаюло—ҳамира ё ки сиришт ҳамон моддаест, ки аз ӯ чисмҳо, шаклҳо, рангҳо, мазза, бӯй ва ғайра ҳосил шудааст.

Эроншаҳрӣ (устоди Розӣ) Форобӣ, Ибни Сино, Хайём ва дигаронро ба гурӯҳи файласуфони номутаоқиб, ки машшоин ном доранд, дохил мекунанд ва ин гурӯҳ аз паи Арасту рафтаанд. Ишон усули миёнаравӣ, созиш ва эҳтиёткориро пеш гирифтаанд.

Онҳо мувофиқи таълимоти Арасту ғайр аз чаҳони моддие, ки олами мустақил аст, олами рӯҳ—худоро низ эътироф мекунанд, ки ӯ ҳамчун муҳаррики аввал, сабабгори офариниши олами чисмонӣ буда, баъд аз такони аввал олами кулро ба вучуд овард, вале ба чузъиёташ кор надорад ва он мувофиқи ҳаракати дохилии худ инкишоф меёбад. Аз материалистҳои номутаоқиб пайравони фалсафаи машоъ мисли материалист Спиноза худоро, ҳатто, дар дохили табиат медонанд: «Ҳақ чони чаҳон асту чаҳон чумла бадан» *(Ибни Сино)*.

Инкишофи таърихии ақидаҳои материалистӣ аз офаридагор тасаввур шудани замон (зарвона акарана), табиати яклухт, чисмҳои осмонӣ ва чор унсур сар шуда, ба атом ва ҳаюло ё ки модда, ки асоси олами чисмонист, омада расид. Дар аввалҳо тафаккури материалистӣ мувофиқи инкишоф ва пояи тараққии инсоният як андоза характери фантастикӣ ва илоҳӣ ҳам дошт. Масалан, тасвири «Зарвона акарана» ё ки офаридагор ва посбонҳо тасаввур шудани сайёраҳоро ба хотир орем. Мувофиқи тараққиёти чамъият ва савияи илмии инсон ин хусусиятҳо

тадричан барҳам хӯрда, шуури комил ва пурраи материалистӣ, ки бо атеизм зич алоқаманд аст, боқӣ монд ва такомул ёфт.

Файласуфони материалист дар гузашта байни ҳам фарқ, ҳатто, мубориза дошта бошанд ҳам, дар масъалаи ҳаюлоро асоси олами моддӣ ва аз ҳама, аз ҷумла аз худо ҳам муқаддас донистан ва бо ин муносибат офаридагорро инкор кардани худ, ки ба муқобили дин ва идеализм равона шудааст, қариб дар як мавқеанд: «Масъалаи муносибати тафаккур ва ҳастӣ ва ин ки кадоми аз инҳо пешанд, рӯҳ ё табиат (яъне масъалае, ки дар схоластикаи асрҳои миёна нақши бузурге гузоштааст), бар зидди калисо шакли моддӣ ба худ гирифт, яъне оё ҷаҳонро худо офаридааст ё ки абадулобод ҳамеша мавҷуд будааст».* Ин гуфтаи Энгельс дар кори муайян намудани таърихи афкори фалсафии Шарқи Миёна ва схоластикаи он низ аҳамияти аввалдараҷа дорад ва ба ин масъала, ҳатто файласуфони идеалист низ эътибор додаанд. Ғазолӣ дар китоби «Тафоҳат-ал-фалосифа» қайд кардааст, ки куфри (худоро инкор кардани) файласуфон дар масъалаи ҳаюло, ки ба худо шарик (офаридагори дуюм) меоваранд, зоҳир мегардад. Ғазолӣ қайд кардааст, ки куфри файласуфон дар се масъала намудор шудааст: қадим будани ҳаюло (модда), холиқ набудани худо дар офаридани олам ва инкор кардани зинда гардидан баъд аз марг. Пас файласуфони Шарқ қатъи назар аз фарқи назариявиашон, дар масъалаи он ки худо қадим аст ё ҳаюло, дар заминаи материализм истодаанд.

Барои шинос шудан бо баъзе аз фикрҳои файласуфони материалист ва пас, атеист, ба гуфтаҳои ишон, ки онро душманони ғоявиашон баҳри рад кардани афкори онҳо нақл кардаанд, муроҷиат менамоем: Яке аз чунин асарҳо, ки барои радди ақидаҳои материалистӣ ва атеистӣ навишта шудааст, «Зод-ул-мусофирин»-и Носири Хисрав мебошад ва он аз мавқеи идеалистии мазҳабӣ эҷод гардидааст.

Масъалаи мунозира ва муборизаи фалсафӣ, ки сарриштаи ҳаракат ва материализм, идеализм ва атеизм аз он оғоз меёбад, бо масъалаи ҳаюло, ҷавҳар ва араз, бо қонуни инкишофи дохилии худ аз худ ва новобаста аз шуури мо ва ё бо қувваи илоҳӣ ва ё офаридану хости худо алоқаманд аст, вобастагӣ дорад. Материалистҳо бар он ақидаанд, ки ҳеҷ гуна худо ва ё қувваи фавқуттабиа вуҷуд надорад, ки ҳаюло, ҷавҳар ва араз, яъне олами моддиро офарида бошад, вай худ аз худ ҳаст, тағйироти сифат ва миқдорро аз сар мегузаронад, ҳамаи дигаргуниҳои ҳаёт аз ӯст. Барои ин ки дар ақидаи мутафаккирони гузаштаамон вуҷуд доштани чунин фикрро исбот намоем, гуфтаи Носири Хисравро мисол меорем, ки аз забони материалистҳо барои рад кардани фикри онҳо нақл кардааст: «...Аҳли тибоъ мар-оламро азалӣ гуфтанд ва гӯянд, ки чизҳо аз ин чаҳор табъ

---

* *К. Маркс, Ф. Энгельс.* Соч., т. 2, стр. 350.

ҳаме буда шавад: Чун гармӣ, сардӣ, таррӣ ва хушкӣ, бе он ки мудаббире ва тақдире аз ҷузъи ишон ҳаме бад-ишон пайвандад. Ва ҳаме гӯянд: Ин чаҳор чиз, ки ёд кардем, сифатҳоянд. Мар сифатро аз мавсуф чора нест бар ӯ падид ояд. Ин мавсуф, ки мар ин чаҳор сифатро баргирифтааст, ҷисм аст, ки мар-ӯро ҳаракат мумтадист ва гардандаи аҳвол аст ва макongир ва қисматнопазир».*

Ин ақидаи материалистии табииюн, ки табиатро мабдаи ҳаёт ва онро абадию азалӣ мешуморидаанд, дар рубоии зерини Хайём инъикос ёфтааст ва ин рубоиро Шайх Наҷмиддини Розӣ дар китоби «Марсод-ул-ибод» дар ҷое, ки файласуфҳоро таъну лаън мекунад, овардааст. Дар ин рубоӣ бо услуби баёни лоадрия ё ки санъати таҷоҳули ориф мабдаи маоди динӣ инкор, вале ақидаи табииюн эътироф шудааст:

Дар доирае, ки омаду рафтани мост,
Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.
Қас меназанад даме дар ин маънӣ рост,
К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост.

Масъалаи бо роҳи бо ҳам пайвастан ва аз ҳам ҷудо шудани ҷузъҳо — атомҳо вуҷуди мустақилонае доштани ин ҷисмҳо, бе ирода ва хоҳиши касе ё қуввае фавқуттабиа дар ҳаракати пайдоиш ва харобшавии доимӣ, ҳолат ва кайфият будани онҳо дар шеъри зерини Рӯдакӣ ифода ёфтааст:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш, гирду гардон буд.
Ҳамон ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне, ҳамон ки хулқон буд.

Шубҳае нест, ки ин фикрҳо пояи баланди ақидаи материалистии (ҳатто диалектикии) асрҳои миёна аст, ки масъалаи вуҷуди мудаббир ва тақдирро, ки худост, аз байн мебарад ва ҳастии эҷодкор — худоро инкор мекунад ва ё дар зери шубҳа мегузорад. Масъалаи пеш аз шуур ва рӯҳ вуҷуд доштани олами моддӣ, бо кори худ ва бехабар аз худ машғул будани олам — фалак ва ҳамеша мавҷуд будани он (бақои модда)-ро, ки санги маҳаки фалсафа аст, Умари Хайём ҳам тасдиқ кардааст:

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,
Гарданда фалак бар сари коре будаст.
Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,
К-он мардумаки чашми нигоре будаст.

Тибоиюн табиатро абадӣ, азалӣ, мустақил дар кори худ, эҷодкори ҳастию нестӣ ва фанои шакл мешуморанд.

---

* *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 142.

Агар ба хотир орем, ки дин берун аз олами моддӣ вуҷуд доштани худо, фариштагон (уқули ашара — ақлҳои даҳгона*) ва рӯҳу арвоҳро даъво карда, дар дилу майнаи одамон даҳшат меандозад, гуфтаҳои Хайём бевосита ба инкори «қувваҳои илоҳии берун аз ин олам» равона карда шудааст. Сифатҳои «азалӣ ва ламязалӣ»-ро, ки дин ба худо нисбат медиҳад, тибоиюн ба табиат нисбат дода, онро ҳамчун ақидаи ҳастии ягона пеш меронанд ва бо ин восита вуҷуди худоро инкор менамоянд. Онҳо бар хилофи дин, ки худоро бе ибтидову бе интиҳо мешуморанд, табиатро бо ҳамин сифат тавсиф кардаанд. Ин маънӣ дар яке аз байтҳои Саноӣ аз забони шахси даҳрӣ чунин акс ёфтааст:

Ку мунаҷҷим, ку муҳосиб, гӯиё маълум кун,
Ибтидо пайдо куну мар интиҳоро ҳуҷҷат ор.

Идеалистҳо ва дин барои ҳастии худо аҷоиботи табиат, алалхусус инсонро далел меоранд ва вуҷуди худоро дар мисоли худ омӯз, мегӯянд. Ин масъаларо фалсафаи идеалистии гузашта ва ҳозира ҳам истифода менамояд. Ин далел дар ҳолати суст тараққӣ кардани илм ва дараҷаи пасти дониши одамон дар ҳақиқат ҷолиби диққат, ҳайратангез ва боваркунанда аст. Ин гуна ҳолатҳоро ба одамони шууран пасту беилм аз мавқеи материализм ва илм исбот кардан душвор аст, вале дин бо ифодаи осони «хости худо, сунъи худо», «қудрати илоҳӣ» ва ғайра онро ба майнаи одамон ҷой карда, онҳоро гӯл мезанад. Аммо ба ҷасорат ва қувваи илмии донишмандони табииюни асрҳои миёна тан додан лозим аст, ки онҳо дар шароити ҳукмронии ҷаҳолати динӣ, тараққии сусти илмҳои табиӣ ин ҳама аҷоиботи табиатро дуруст ва равшан эзоҳ медоданд ва онро дар асарҳои худ акс кунонидаанд. Тибоиюни Шарқи Миёна бо табиатшиносони Ҳинду Юнон алоқаи зич доштаанд. Пайравони мактаби ҳиндии тибоиюн, ки «чорвок» (чор унсур) ном доштанд, дар Осиёи Миёнаву Эрон зиёд буданд. Тибоиюн бо ақидаи материалисти Юнони Қадим Эпедокл (490—430 п. аз м.) вобастагии ғоявӣ ва назариявӣ доштаанд. Эпедокл ба чор чизи табиӣ эътиқод дошт: об, оташ, хок, ҳаво ва сифатҳои хушкӣ, таррӣ, гармӣ ва сардӣ. Ба ақидаи ӯ меҳру кинаи табиӣ ин чизҳоро ба ҳам пайванд ва ҷудо месозад ва аз он гуногунии олами моддӣ ба вуҷуд меояд. Пас, «тибоиён бо ҳар ҷараёне, ки пайванди фикрӣ дошта бошанд, ба ҳар ҷиҳат намояндагони тафаккури инқилобӣ, атеистӣ ва зидди мазҳабӣ дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ будаанд, аз ин ҷиҳат мусалламан афкори... қотеътарин қишрҳои ҷомеаи онрӯзаи кишвари моро мунъакис мекардаанд».**

Гурӯҳи дигари материалистони Шарқи Миёна даҳриюн мебошанд. Назарияи онҳо ба осмону фалак вобастааст. Даҳриён

---

* Яъне даҳ фариштае, ки гӯё худо онҳоро ба даҳ вазифа масъул кардааст.

** *Эҳсони Табарӣ.* Маҷ. «Дунъё», н. с. 2, № 3, 1350, с. 115.

фалакро офаридагори олам медонистанд, на худоро ва дар ин ҷаҳонбинӣ таъсири ақидаи зарвониён мушоҳида мешавад: «...қавли даҳрӣ, ки ҳамегӯяд: фалак сонеи олам аст ва он чӣ андар ӯст... ва аҳли мазҳаби даҳрӣ (ки оламро қадим мегӯянд), ки сонеи маволид аз набот ва ҳайвон ва мардум ва нуҷум — афлок аст».*

«Даҳрия мункири худо ҳастанд...»** «...Аҳли модда мегӯянд, ки ғайр аз модда чизи дигар наметавонад бар модда таъсир бахшад ва рӯи ин асл мегӯянд, ки дар олам ғайри сувои модда чизи дигаре мавҷуд нест, чи агар чизи дигаре мавҷуд, мешуд, асари он ҳам вуҷуд медошт. Идрок ва хаёлро, ки мо ғайри моддӣ медонем ё ҳеҷ мавҷуд нестанд ва ё агар мавҷуданд, он ҳам қисме аз модда».***

Аз ин порчаҳо маълум мегардад, ки материалистҳои даҳрӣ ҳам худоро ҳамчун офаридагори олам инкор карда, фалак—даҳрро сонеъ—фоили (эҷодкори) ҳаёти моддӣ медонанд.

Дар қадим ва асрҳои миёна чунин ақидае вуҷуд доштааст, ки осмон ба тақдири одамону кори олам мудохила дорад. Барои корҳои неку бад мукофоту ҷазо медиҳад. Дар асри 1 м. аз файласуфони Хитой Вон Чун ин ақидаро танқид кард, вале ақидаи мазкур давом дошт ва таъсир мегузаронд. Ин ақида дар адабиёти халқию классикӣ ҳам акс ёфтааст ва он пур аз умеду шикоятҳо аз фалак аст:

Чист ин божгуна табъи фалак,
Гоҳ дев аст зишту гоҳ малак?
Зи бас ин пургазофа қисмати ӯ,
Аз ҳақиқат дилам кашида ба шак.
Бехабар з-ӯ нишаста такья зада,
Зери дебои зар чу хаззу фанак.
Гӯй ар даҳр карда дод кунад,
Ин чунин дод кай бувад? Вайҳақ...
Некбахтӣ чу обу ман самакам,
У зи ман дур чун самову самак...
Фалак аз табъ барнагардаду ту
Бе такаллуф гила макун зи фалак****.

Ба фалаки ҷисмонӣ маънои шуурнокӣ додан, аз як тараф, ҷиҳати мусбат дорад, зеро офаридагори олам худи табиат мешавад ва ин маънои моддӣ ҳам дорад, вале аз тарафи дигар, маънои маънавию рӯҳӣ пайдо мекунонад, бинобар ин, моҳияти динию илоҳӣ низ касб менамояд. Носири Хисрав бо вуҷуди худ ба фалак бовар ва аз он шикоят доштан, ин ақидаро аз нуқтаи назари дин, ки офаридагор худост, танқид дарда, дастраси ақлу дониши инсонӣ будани онро бо мафҳуми мате-

---

* *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 57.

** *Шиблии Нӯъмонӣ.* Шеър-ул-Аҷам. Теҳрон, ҷ. 5, с. 125.

*** Ҳамон ҷо, с. 163.

**** *Ризоқулихони Ҳидоят.* Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, с. 82.

риалистона эзоҳ додааст ва дар он (фалак) набудани ҳеҷ сиррero таъкид кардааст.

Мафҳуми офаридагории фалак — дахр бо қувват гирифтани худоҷӯии маънавии исломӣ (тавҳид) торафт суст шуда, дар баъзе асарҳо ҳамчун ҷисмҳои моддии тобеи иродаи (офариниши) худо маънидод шудааст:

Дар гӯши дилам гуфт фалак пинҳонӣ:
Ҳукме, ки қазо бувад, зи ман медонӣ?
Дар гардиши хеш агар маро даст будӣ,
Худро бираҳондаме зи саргардонӣ.

*Хайём*

Ҷиҳати мусбати ғояи мундариҷавии ин порчаҳо дар ин аст, ки фалак аз маънои пурасрори илоҳӣ, ки ба ҳамаи корҳо мудохила дошта бошад, озод карда шудааст ва маънои моддӣ дорад, аммо онро ба иродаи худову қадар тобеъ кардан ва асрори оламро кори «пардадор» шуморидан ақидаи динии идеалистист:

Хирад он дошт, к-ӯ неку бади хеш
Зи эзид дид, на аз осмон дид*.

Осмонро ҳамчун қувваи илоҳӣ маънидод кардан ақидаи моддиюнӣ нест. Аммо осмонро офаридагори боқудрат, халлоқи ҳамаи чизҳо шуморидан, табоҳнопазир, абадӣ дар гардиш пиндоштан нисбат ба ақидаи одамоне, ки онро холиқи хушбахтиву бадбахтӣ донистаанд, қадаме ба пеш аст, зеро маҳкамӣ ва устувории табиатро тасдиқ менамояд. Ақидаи даҳриюн инкишоф ва такомули ақидаи зарвонияи қадим аст. Дар таълимоти даҳриюн ақидае ҳаст, ки фалак қадимӣ ва мавОлид (инсон, ҳайвон ва набот) ҳодис, яъне фонӣ мебошад. Даҳриюн ин фикрро барои он пеш ронда буданд, ки масъалаи собит ва тағьирьёбанда будани ҷисму ҷаҳонро бо ин мисоли оддии аз ҷиҳати методӣ нодуруст исбот кунанд, ҳарчанд ки онҳо ҷаҳони моддӣ — фалакро қадим медонистанд. Идеалистҳо, аз ҷумла Носири Хисрав ҷиҳати сусти онҳоро ёфта даҳриёнро бо мисолҳои аз ақидаи материалистӣ гирифташуда танқид ва ақидаи онҳоро рад карда, масъаларо ба фоидаи идеализм ҳал карданӣ мешаванд. Идеалистҳо табиист, ки хулосаи идеалистӣ мебароранд. Дар масъалаи халлоқ будани худо ва махлуқ будани олам даҳриюн ба идеалистон савол медиҳанд, ки агар худо халлоқ бошад, чаро дуньёро баробари худ наофарида, як муддат бекор гашта, баъд офарид? Саволи даҳриюнро Носири Хисрав ин тавр ифода кардааст:

«Андар он ки худои таоло мар-ин оламро чаро, пеш аз он ки офарид, наёфарид, ин саволест, ки даҳриён ангехтаанд

* Биҳишти сухан. Теҳрон, 1338 ҳ. ш., ҷ. 2, с. 36.

мар-онро ва хоҳанд, ки азалияти олам бад-ин савол дуруст кунанд бар мардумоне, ки ба ҳаракати олам мункиранд».*

Аз ин гуна «савол барангехтани даҳриюн» маълум мешавад, ки онҳо азалияти оламро исбот карданӣ мешаванд. Идеалистҳо ба ин гуна саволҳо ҷавоби бемаънӣ ва бемантиқ медиҳанд: худо ҷаҳонро гӯё барои фоидаи худ не, балки баҳри исботи саховат ва ҷавдати худ офарид:

Ман накардам халқ, то суде кунам,
Балки бар ин бандагон ҷуде кунам.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Даҳриюн он гоҳ бoз саволе медиҳанд: Агар сифати худо айни зоти ӯ бошад ва саховат, ки гӯё сифати дониши ӯст, чаро худо дар муддати дуру дарозе, ки ҷахон гӯё вуҷуд надошт ва замону макон холӣ буд, саховат (ҷуд) накард, яъне ҷаҳонро барои бандагонаш наёфарид? Ба ин саволи қалтус ва мантиқӣ идеалистҳо ҷавоб дода натавониста, онро кори худо ва ба кори худо даст дароз кардани бандаро куфр эълон кардаанд. Мунозиракунандаҳо манъкунандаҳои савол ва касони аз ҷавоб додан саркашикардаро ҳайвон шуморидаанд:

Агар мехостӣ, к-инҳо напурсам,
Маро боист ҳайвон офаридан.

*Носири Хисрав*

Файласуфони дорои майлҳои материалистӣ мувофиқи шароити замон, сиёсат, дараҷаи инкишофи илм ва шуури шахсии худ дар ин масъала — муносибати олами моддӣ ва худо аз ҳамдигар фарқ доранд. Масалан, мунозира дар масъалаи ҳаюло, ҷавҳар ва аразро гирем. Материализми Розӣ даъво дорад, ки ҳаюло асоси ҷавҳар — ҷисму сурат ва араз аст, фаъол ва ҳамаи ҳаракату тағьирот дар он мегузарад ва дар ҷавҳару араз зоҳир мегардад. Файласуфони машшоин даъво доранд, ки ҳаюло пассив аст, ҳамаи тағьирот дар ҷавҳар — дар ҷисм — дар шакл аст. Он гоҳ саволе ба миён меояд, ки кадом қадимтаранд, ҳаюло ё ҷавҳар, ки моҳият, кайфият ва камиятро ташкил медиҳад? Файласуфони қадим (машшоъ ё ки тибоиюн) суратро пеш ронда, онро фаъолу халлоқу мустаҳкам ва ҳаюлоро пассив, мунфаил ва ноустувор мешуморанд. Ақидаи машшоин масъаларо ба суратулсувар (суратгари суратҳо), ки худованд аст, бурда мерасонанд. Носири Хисрав барои исботи даъвои идеалистии худ ва маҳз фош кардани «айби» материалистҳо ин ғалати машшоинро, ки аз нуқтаи назари материализми пайгир фоида бурдаанд, нишон медиҳад. Ин лаҳза аҷиб

* *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 275.

аст, ки файласуфи идеалист барои нишон додани нуқсонҳои материализми нопайгир, ки он ҳам душмани идеализм аст, ба далелҳои материализми ҷанговар муроҷиат менамояд ва ин ҳол устувории ҷаҳонбинии материалистӣ ва дар мубориза бо моддиюн сусту бедалелу исбот будани назарияи идеализмро ошкор месозад: «...Гурӯҳе аз аҳли тибоъ гуфтаанд: Ҷисм андар зоти хеш ҳарчанд мураккаб аст ва ҳаюло ва сурат, мар ҳаюлоро бар сурат бад-ӯ қоим шуда... сурат ва ҳаюлоро бар манзалати араз аст мар ҷавҳарро ва чун араз ба ҷавҳар ҳоҷатманд аст (андар қиём ва зуҳури хеш) ва ҷавҳар аз араз бениёз аст, араз сазовори шарафи гавҳар нест».*

Ин порча фикри дурусти материалистии тибоиюнро, ки ҳаюлоро асос ва сурати аразро вобаста ба он медонанд, акс кунонидааст. Аммо аз ҷиҳати мантиқи баён як нуқсоне дорад, ки Носири Хисрав барои танқид ё радди фикри тибоиюн аз позицияи материалистӣ истифода кардааст. Агар аз нуқтаи назари зоҳиршавӣ назар кунем, бешубҳа, ҳаюло бар сурат — шакл ва ҷисм ва араз мӯҳтоҷ аст, зеро агар сурат ва араз набошад, ҳаюло, ҳарчанд ки дар зоти худ қоим аст, намудор шуда наметавонад. Ин ҷо байни ҳаюлову ҷавҳари араз алоқаи узвӣ ва диалектикӣ ҳаст, ки онро тибоиюн фаромӯш кардаанд ва Носири Хисрав аз ин нуқсон фоида бурда, нисбат ба сурат дараҷаи аввал доштани ҳаюлоро инкор менамояд ва бо ин роҳ ҳодис будани ҷисм, азалӣ будани худоро даъво карда, дар мавқеи идеализм меистад.

Ҳар чанд ки дар байни материалистҳои пайгир ва нопайгир дар ин ё он масъала мухолифат ҳаст, онҳо ба муқобили идеализм лагери ягонаеро ташкил менамоянд, зеро дар масъалаи асосии фалсафа, ки модда аввал аст ё сурат ба фоидаи материализм ҷавоби дуруст ва мусбат додаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар муносибатҳои материалистӣ ва идеалистӣ, баъдтар дар муносибатҳои атеистӣ ва худоҷӯӣ роли калон бозидааст — масъалаи асос ва офаридагори ҳаёт аст. Дин таълим медиҳад, ки худо халлоқи олам аст:

Ҳар чӣ ҳаст аз баландиву пастӣ,
Ҳам з-ӯ ёфт сурати ҳастӣ.

*Аттор*

Материализм ва атеизм ин даъворо рад карда, ҳаюлоро асос — сиришт, хамира ва сабабгори аввалини ҳаёт мешуморад.

Агар нуктаи назари асҳоби ҳаюлоро аз рӯи асари Носири Хисрав «Зод-ул-мусофирин» муҳокима кунем, фактҳои аҷибе ба даст меояд. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки Носири Хисрав, агар дар боби тибоиюн ва даҳрия номи шахсҳоро набурда бошад, ин ҷо номи ду шахси муайяни таърихӣ Эроншаҳрӣ ва Муҳаммад Закариёи Розиро бурдааст. У мафҳуми асҳоби

---
* *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 35.

ҳаюло ва моддиюнро як хел фаҳмидааст, ки дуруст аст. Вай ақидаи фалсафии ин ду шахсро ҳамчун ҷаҳонбинии моддиюнӣ маънидод карда, дар ин бора чунин навиштааст: «Асҳоби ҳаюло чун Эроншаҳрӣ ва Муҳаммади Закариёи Розӣ ва ҷузъи ишон гуфтанд, ки ҳаюло ҷавҳаре қадим будааст».*

Эътирози идеалистҳо ба Эроншаҳрӣ ва Розӣ дар масъалаи қадим будани ҳаюлост, на худо. Носири Хисрав дар бораи ҳаюло аз забони Розӣ нақл мекунад: «Ҳаюло қадим аст ва раво нест, ки чизе падид ояд на аз чизе».**

Ин гуфтаи Розӣ материалзми пайгир аст, зеро ӯ он масъалаи асосии фалсафаро пеш рондааст, ки файласуфонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: худо қадим ё модда? Модда махлуқ аст ё холиқ, яъне ҷавҳари аслӣ? Дар ин фикрҳои Розӣ ақидаи моддиюн баён гардидааст, ки модда (ҳаюло) ва олам махлуқ нест ва касе ё қуввае онро наофаридааст. Модда аз нестӣ (адам чӣ тавре ки сӯфиён мегӯянд) ба вуҷуд наомадааст, балки ҳамеша буд ва хоҳад монд. Носири Хисрав нақлро аз Розӣ давом дода, боз ҳам фикрҳои равшан ва далелҳои устувори ӯро меорад: «Ва гуфтааст: қадим аст аз баҳри он ки раво нест, ки чизе қоим ба зот (ки ҷисм бошад) на аз чизе мафқуд шавад, ки ақл мар-ин суханро напазирад».*** «Падид омадани табоеъ аз чизе ва он чиз қадим будааст ва он ҳаюло будааст, пас ҳаюло қадим аст ва ҳамеша будааст. Ва охири кор, ки олам бархезад, ҳаюло ҳамчунон ки будааст, кушода шавад ва кушода бимонад».****

Дар ин ду фикра фикр тамоман равшан аст, яъне модда (ҳаюло) абадӣ ва азалист, халқ шудани он аз адам (нестӣ — ибдоъ) муҳол аст, Розӣ барои исботи абадӣ будани ҳаюло (субстанция) чунин фаразияе овардааст, ки агар дар «охири дунъё» ҳамаи олам, яъне ҷисмҳо — шаклҳо ва рангҳо, ки ба модда қоиманд, барҳам хӯранд, дар он ҷои «холӣ» танҳо ҳаюло (на худо) боқӣ мемонад. Маънои ин гуфтаи Розӣ он аст, ки ҳастии ягона ҳаюло (модда) мебошад. Ин таълимоти материалистӣ ва атеистии Розӣ ба таври қатъӣ ва равшан ба таълимоти идеалистии динӣ, вақте ки дар охирзамон худо дуньёро барҳам дод, танҳо худаш мемонад, муқобил гузошта шудааст. Ҳамин аст атеизми ҳақиқӣ, ки марксизм-ленинизм мефаҳмад.

Эроншаҳрӣ ҳамчун файласуфи дуалисти созишкор, вале мӯътақид ба қадим будани олам, роҳи созиши байни идеализму материализмро пеш гирифтааст, яъне ба қавли ӯ, агар худо қадим бошад, дуньё ҳам, ки офаридаи ӯст, қадим аст, зеро худо ҳамчун офаридагор ва сонеъ ҳеҷ вақт бекор нанишастааст. Носири Хисрав фикри ӯро ин тавр нақл менамояд:

---

* *Носири Хисрав,* Зод-ул-мусофирин, с. 73.
** Ҳамин асар, с. 75.
*** Ҳамин асар, с. 72.
**** Ҳамин асар, с. 76—77.

«...Ва аз қавлҳои некӯ, ки Эроншаҳрӣ андар қадимии ҳаюло гуфтааст ва Муҳаммади Закариёи Розӣ онро зишт кардааст, он аст, ки Эроншаҳрӣ гуфтааст: эзиди таоло ҳамеша сонеъ буд ва вақте набуд, ки мар-ӯро сунъ набуд, то аз ҳоли бесунъӣ ба ҳоли сунъ ояд ва ҳолаш бигардад. Чун воҷиб аст, ки ҳамеша сонеъ буд, воҷиб омад, ки он сунъи ӯ бар ӯ падид ояд, қадим бошад ва сунъи ӯ бар ҳаюло падидоянда аст. Пас ҳаюло қадим аст ва ҳаюло далели қудрати зоҳирии худоист ва чун мар ҳаюлоро аз макон чора нест ва ҳаюло аст, воҷиб ояд, ки макон қадим бошад».* Агар аз гуфтаҳои Эроншаҳрӣ баробари ҳаюло қадим будани худо ва офаридагории ӯ бароварда шавад, материализми холис боқӣ мемонад. Аммо ба ҳар ҳол худоро ҳам дар қатори ҳаюло сонеъ ва қадим эътироф кардани Эроншаҳрӣ ӯро ба лагери дуализм мебарад. Вай бо равиши созишкоронаи худ хостааст, ки на материалистҳо ва на идеалистҳою диндорронро ранҷонад. Бесабаб нест, ки Носири Хисрав ҳамчун аҳли мазҳаб ва идеалист ба Эроншаҳрӣ қаноатмандӣ, вале аз Розӣ норозигӣ дорад. Таълимоти Эроншаҳрӣ ба фоидаи материализм кӯшишҳо дошта бошад ҳам, ҳаюлои қадимии дорои макони қадимиро офаридаи худои «қадимӣ» карда, онро дар зери панҷаи қудрати офаридагори илоҳӣ мондааст. Вай бо ин даъвои худ ба намояндагони ҳар ду лагерь ҷавоби созишкорона ва нопурра дода, ҳам аз даъвои даҳриён, ки ибдоъ муҳол аст, худое чест ва модда кадим аст, мегӯянд ва ҳам аз ҳуҷуми рӯҳониён, ки метавонистанд ба осонӣ ӯро кофир эълон кунанд, халос шудааст. Ин тавр номутаоқибӣ дар Розӣ нест, пас маълум мешавад, ки вай на барои «илме истихроҷ намудан» (Носири Хисрав) ва дар назди пайравонаш худнамоӣ кардан, балки барои мубориза бурдан бо идеализм ва дуализм ҷангидааст ва бо ин максад устоди худро ҳам, ки дар мавқеи нодуруст ва лиққонаки байни идеализму материализм меистод, инкор кардааст ва фалсафаи материалистиро ба сӯи камолот бурдааст ва идеяи қадим будани моддаро, ки устодаш ҳам даъво мекард, инкишоф дода, аз олудагии идеализм тоза кардааст. Аз ин ҷиҳат, бар хилофи Носири Хисрав, бояд гуфт, ки Розӣ таълимоти устодашро на зишт, балки сара ва тоза кардааст. Носири Хисрав ҳам аз афти кор тарафдори қадимӣ будани ҳаюло будааст, вале азбаски диндор аст, масъалаи ибдоъ ва қадимию офаридагории худоро инкор карда наметавонад ё ки намехоҳад, бинобар ин, рафтори санавия ва созишкоронаи Эроншаҳриро писандида, онро «қавл ва суханони некӯ ва маънии латиф» номидааст.

Мувофиқи ақидаи Розӣ модда ва макону замони он низ қадим аст ва абадию азалӣ мебошад. Дар ин гуфтаи Розӣ ҳастии худо бе ҳеҷ дудилагӣ рад карда шудааст. Ба ҳамин тариқ, файласуфон ва донишмандони моддиюни пайгир вуҷуди худоро

---

* Ҳамон асар, с. 102—103.

инкор карда, ҳаюлоро асоси ҳастӣ ва зиндагии олам шуморида, онро аз ҷузъҳои лоятаҷазо (атом) иборат дониста, аз он оғоз ёфтани ҳаётро даъво кардаанд, ки аз вуҷуди худо ва офаридагории вай ҳеҷ чиз намемонад. Атомшиносии Розӣ ва пайравонаш ба атомшиносии Демокрит монанд аст, зеро Демокрит бар он ақида буд, ки ҷаҳон аз атом ва макон (халоъ) иборат буда, дар натиҷаи таркибҳо, фушурдагӣ ва ё кушодагии онҳо чизҳо ба вуҷуд меоянд: «Аз ин ҷузъҳои ҳаюло он чӣ, ки нахуст фароз омада, аз ӯ ҷавҳари замин омадааст ва он чӣ аз ӯ кушодатар омада, ҷавҳари ҳаво омадааст ва он чӣ аз ҷавҳари ҳаво кушодатар омадааст, ҷавҳари оташ аст ва аз ҷавҳари ҳаво, он чӣ фарозтар гардад, об шавад... таркиби ҷирми фалак ҳам аз он ҷузъҳои ҳаюлост, вале он таркиб аст».* Дар бораи таркиби пайдоиши ҳаёт ва ҷирмҳои осмонӣ то чӣ андоза дуруст ва ё нодуруст мулоҳиза рондани онҳо аз вазифаи мо хориҷ аст, вале ҳамин қадараш муҳим аст, ки файласуфони моддиюни гузаштаи халқи тоҷик, асоси моддӣ доштани ҳаёт ва олами материалиро даъво ва исбот кардаанд ва бо ин роҳ вуҷуди худо ва махлуқи он будани ҷаҳони моддаро инкор намудаанд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар атрофи он байни идеалистҳо, материалистҳо ва дуалистҳо баҳс рафтааст — масъалаи ҳастии мутлақ, «ваҳдати вуҷуд» аст. Истилоҳи «ваҳдати вуҷуд» ба се маъно кор фармуда шудааст, ки онро дар Аврупо «пантеизм» меноманд. Яке мафҳуми мистикии идеалистӣ, ки худо ё ки рӯҳро ҳамчун вуҷуди (ҳастии) ягона меномад ва мавҷудоти моддиро ҳамчун инъикосу сояи он ва таҷаллии рӯҳ маънидод мекунад. Аз истилоҳи «ваҳдати вуҷуд» ҳам маънои материалистӣ ва ҳам идеалистиро фаҳмидан мумкин аст. Он гоҳ ба ҷои худо ё ки рӯҳ моддаро гузошта, боқӣ ҳамаи шаклҳоро таҷассуми ҳаюло фаҳмид ва ё баракс. Он вақт фикрҳо маънои духӯра мегиранд. Ин ҳол аз он сабаб ба вуҷуд омадааст, ки дар замони ҳукмронии мутлақи дин озодии фикру сухан набуд ва ба зери ифодаҳои сӯфиёна медаромаданд:

Хуршед ба гил нуҳуфт менатвонам
В-асрори замона гуфт менатвонам.
Аз баҳри тафаккурам баровард хирад,
Дурре, ки зи бим суфт менатвонам.

*Хайём*

ва ё баръакс дар ақидаи ягонаи ваҳдати вуҷуди моддӣ моҳияти идеалистиро ҳам пайдо мекунанд.

Гӯруҳе аз файласуфон аз «ваҳдати вуҷуд» ягонагии модда (ҳаюло) ва шаклҳои он ҷисм, яъне олами ҷисмониро фаҳмида, ҳастии худоро инкор мекунанд ва табиатро ҳастии мутлақ мешуморанд.

Шохаи сеюми мафҳуми ваҳдати вуҷуд он аст, ки баракси

* Ҳамон асар, с. 73.

идеалистҳои сӯфӣ, ки рӯҳро дар ҷои аввал гузошта, материяро инкор мекунанд, худоро дар дохили табиат ва моддаро бо шаклҳои зуҳуроти он медонанд. Ин гуна ваҳдати вуҷуд дорои хислати дуалистӣ буда, худову материяро омехта ва дар ягонагӣ мебинад. Чунин ваҳдати вуҷуд дар мубориза бо дин ба тараққии фанҳои дуньёвӣ ёрии калон расонидааст. Дар ифодаҳои образноки Абӯалӣ ибни Сино ин ақида дар рубоие, ки бо мисраи «Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон ҷумла бадан» сар шудааст, хеле равшан акс ёфтааст. Мазмуни ин рубоиро ҳам ба ду маъно эзоҳ додан мумкин аст: яке «ҳақ»-ро ба маънои худо ва онро дар ҷавҳар (дар ҷисм) дидан. Он гоҳ «бадан»-ро ба маънои шакли он, ки аз ҷисмҳои ғайри органикӣ (иҷром), унсурҳо (аносир) ва ҷисмҳои органикӣ (маволид — аъзо) иборат мебошад, фаҳмидан лозим аст. Муаллифи рубоӣ дар ин гуфтаи худ танҳо ҷисмҳо ва худои (ҳақи) дар «ҷисмбуда»-ро эътироф карда, боқӣ ҳама: худои фавқи олам, фариштаҳо, ҷинҳо ва дигар «мавҷудоти» рӯҳиро, ки дин даъво мекунад, рад кардааст. Чунин ақидаи фалсафӣ дар порчаи зерини Носири Хисрав боз ҳам равшантар баён шуда, берун аз дуньёи моддӣ набудани чизе ва танҳо дар дуньё будани ҳар чизе ки ҳаст, бе ҳеҷ пардапӯшӣ ва эҳтиёткории асрҳои миёна қайд гардидааст:

Нест чизе ҳеҷ аз ин гунбад бурун,
Ҳар чӣ ҳасту нест як сар эдар аст.

Ин ҷараёни фалсафӣ табиатро мустақил гардонида, ба омӯхтани он роҳ мекушояд. Инсон барои шинохтани хислатҳои худоӣ, ки гӯё дар ҷисм аст, пеш аз ҳама, бо шинохтани ҷисмҳо машғул мешавад ва бо ин роҳ илмҳои дуньёвӣ тараққӣ мекунад ва худи ҳамин роҳ низ метавонад инсонро ба инкори худо — ба бехудоӣ барад. Порчаҳои дар боло аз Ибни Сино ва Носири Хисрав овардашударо ба маънои материалистӣ маънидод кардан ҳам мумкин аст, он гоҳ «ҳақ»-ро ба маънои модда (ҳаюло), ки ҷони ҷисмҳост ва ҷисмро ба маънои тану бадани ҳаюло, яъне шакли он фаҳмида, онро ҳастии ягона (тавҳид) ва боқӣ ҳама (худо, фаришта, ҷин ва рӯҳу арвоҳ)-ро фан — дурӯғ шуморидан лозим меояд, вале азбаски концепцияи умумифалсафии ин файласуфҳо маълум аст, онҳоро ба равияи сеюми ваҳдати вуҷуд — байни идеализм ва материализм тавзеҳ додан мумкин аст. Аммо бояд қайд кард, ки ин равия бештар ба материализм майл дорад. Ин порчаҳоро дар мавридҳои зарурӣ дар ҳолати муҷаррад ба маънои дуюми ваҳдати вуҷуд эзоҳ додан ва ба тарғиботи атеисти истифода бурдан мумкин аст, зеро дар бораи дар табиат будану набудани худо сухан нарафтааст.

Барои ҷараёни материалистии ваҳдати вуҷудро ба ҳар ду шохааш аз ваҳдати вуҷуди сӯфиёна (идеалистӣ) фарқ кардан, ҷараёни якумро шартан «ваҳдати мавҷуд» меномем, ки ин

истилоҳро бори аввал доктори илмҳои фалсафа Иброҳим Мӯминов ҷорӣ кардааст.

Ба ҷараёни «ваҳдати мавҷуд» олимони илмҳои дунъёвӣ — табиатшиносҳо ва файласуфони материалист ва атеист пайравӣ кардаанд.

Шохаи дигари ҷараёни материалистӣ худову ҷаҳонро оламҳои алоҳида медонад. Асоси ин таълимотро дар дунъёи қадим Арасту дар физика ва метафизикаи худ гузоштааст, онро Форобӣ ва Ибни Сино инкишоф додаанд. Чунин таълимот дар Шарқ «машоъ» ва дар Ғарб деизм ном дорад, ки он худоро ҳамчун вуҷуди (ҳастии) оқилонае, ки як бор ба офариниши ҷаҳон сабабгор шуда, ба ҷузъиёти олам дигар коре надорад, эътироф менамояд. Ин ақида ба корҳои ҳаррӯзаи дунъёвӣ мудохила кардани худоро инкор менамояд. Аз рӯи ин таълимот худо ҳатто ба офариниши дунъёи моддӣ бевосита иштирок накардааст ва кори ба офариниши ҳар чиз, ақлу нафс машғул шудани ӯ дар шаъни ӯ кори оддист:

Ту ақлу ҷон зи ҳақ дон, симу зар чист?
Макун суратпарастӣ, пову сар чист...

*Носири Хисрав*

Аз ба ҳам пайвастани ақлу нафс, ҷирмҳои осмонӣ ва аз он маволид бо роҳи такомули мустақилона ба вуҷуд омадаанд, ки дар ҷараёни такомули онҳо худо иштирок надорад:

Зи ақли кул вуҷуди нафси кул зод,
Ҳаме Ҳаввои маънӣ хондаш устод.

*Носири Хисрав*

Рӯҳониёни ислом бо ин фикр ҳам розӣ нашуда, таълимоти мазкурро бидъат эълон карданд, зеро он худои исломии ҳамакораро инкор менамояд. Таълимоти фалсафии «машоъ», ки моҳияти дуалистӣ дорад, дар замони худ чанд ҷиҳати мусбат ва тараққипарвар дошт.

Олами рӯҳ — худоро расман эътироф намудани ин гурӯҳ файласуфон чунин маъное ҳам дорад, ки онҳо худро аз ҳуҷуми рӯҳониёни ҷоҳили ислом эмин медоштанд. Худоро аз олами моддӣ ҷудо кардан, фаъолияти ӯро маҳдуд намудан, ба инкишофи илм роҳ кушодан ва ба корҳои дунъёвӣ мудохилаи динро манъ кардан аст. Аз рӯи гуфтаи Қ. Маркс: «Ин шакли худоҷӯӣ тарзи боби аз дин халос хӯрдан аст».*

Намояндагони машоъ ба концепцияи фалсафии Арасту пайравӣ карда бошанд ҳам, идеалисти маҳз шуда намондаанд, бал-

---

* *Қ. Маркс, Ф. Энгельс.* Избранные сочинения. М., 1948, т. 2, стр. 88

ки материализми онро қабул кардаанд ва инкишоф додаанд. Онҳо низ бо ин тактика ва системаи фалсафии худ илмро мувофиқи замонашон тараққӣ додаанд, вале бештар ба ғояи дониш, ки гӯё масъалаи аввалдарача бошад, эътибор додаанд. Онҳо оламро аз як чавҳар — зоти моддӣ мешуморанд. Деистҳо чонро аз олами рӯҳ, бинобар ин, омӯхтани онро кори беҳуда мешуморанд. Ин нукта дар Ибни Сино ҳам вомехӯрад.

Ҳар се системаи дар боло зикршуда бо вучуди собитқадам набудан бо фалсафаи идеалистии «калом» муборизаи шадид бурдааст. Душмани ин ду чаҳонбинӣ аз он факт маълум аст, ки онҳо дар бораи фарқҳои дохилии ислом гап зада, файласуфони материалисти мусулмонро ба қатори чараёнҳои фалсафӣ ва мазҳабии дохилии ислом ҳамроҳ намекунанд, зеро онҳо аз дин берунанд, чунки моддаро сабаб ва мабдаи аввалини ҳаёт гуфтаанд: «Аммо даҳрия ва тибоия, ки ба ҳаюло иллати аввалӣ гуфтанд ва малоҳида ва бавотина ва таносухия ва носирия ҳама хоричанд аз ҳафтоду се маъруфтаранд, ҳанафӣ ва шиӣ ва шофеиянд».*

Шоирон ва файласуфони ринд, ки тамоили материалистона доранд, дар масъалаи моддаро ҳамчун тавҳид (вучуди ягона) ва ҳақиқии ҳаёт исбот кардан аз истилоҳоти тасаввуфии ваҳдати вучуд истифода намудаанд:

Чоно, ману ту намунаи паргорем,
Сар гарчи ду кардаем, як тан дорем.
Бар нуқта равонем ҳаме доиравор,
То охири кор сар ба ҳам боз орем.

*Хайём*

Дар ин рубоӣ фикр духӯра аст. Образи персонажи «ману чонон» ба образи тамсилии паргор, ки як асбоб асту ду шох дорад ва дар атрофи як нуқта давр мезанад, ташбеҳ карда шудааст. Аз ин образ ва ташбеҳ чунин фикрҳоро фаҳмидан мумкин аст: Агар ба маънои материалистӣ фаҳмем, чавҳари чизҳо (модда) як буда, шакли зоҳиршавии онҳо гуногун аст ва баъд аз тамом шудани фаъолияти шакл, боз ба чавҳари аслӣ бармегардад. Фикри дигаре ин аст, ки чавҳари ҳастӣ рӯҳ (худо) аст, чизҳо сурат ё ки намуди зоҳирии онанд, ки баъд аз тамом шудани зуҳуроти шакл ба асли худ рӯҳ меоянд, яъне дар атрофи як нуқта давр зада, ба он бармегарданд. Муроди шоири ринд Хайём маънои якум аст, маънои дуюм ниқобпӯшӣ барои муҳофизат аз ҳучуми рӯҳониён мебошад, зеро «баъзе мутафаккирони пешрави Осиёи Миёна барои пинҳон кардани ғояҳои зиддидинӣ ва инсонпарваронаи худ аз истилоҳоти тасаввуфӣ истифода мекарданд, чунин рафтор дар бисьёр

---

* *Забеҳулло Сафо.* Таърихи адабиёт дар Эрон, ч. 1, с. 148.

ҳолатҳо онҳоро аз таъқиботи назоратчиёни ислом халос мекард».*

Ин тахмини мо ва даъвои болоро чунин фактҳо тасдиқ менамоянд, ки Хайём аз набудани озодии фикр шикоят кардааст:

Асрори ҷаҳон чунон ки дар дафтари мост,
Гуфтан натавон, ки он вуболи сари мост.
Чун нест дар ин мардуми доно аҳле,
Натвон гуфтан ҳар он чӣ дар хотири мост.

Риндон ва материалистон инсонро аз кофтуковҳои беҳудаи худоҷӯӣ ба шинохтани худ, ки як ҷузъи олами моддист, даъват мекунанд.

Барои шинохтани ҳақ ба худшиносӣ муроҷиат кардан дар таълимоти дини ислом ҳам ҳаст: «...Нафси одамӣ чун оинаест, ки ҳар кӣ дар вай нигарад, ҳақро бинад».** Мурoди уламои динӣ аз худшиносӣ худошиносист, ки гӯё худо инсонро, ки ба ин дараҷаи комил «офаридааст», санъат ва аҷоиботи худро зоҳир намудааст. Аммо худшиносии материалистҳо зиёд кардани роли инсон дар маърифати ҳақиқати моддист. Инсон аз шинохтани мартабаи худ ба шинохтани аҷоиботи олами моддӣ роҳ мекушояд.

Масъалаи дигари муҳиме, ки дар атрофи он илм бо дин мубориза кардааст, муносибати ҷисм ва рӯҳ аст. Маълум аст, ки дин дар масъалаи муносибати ҷисм ва рӯҳ дар мавқеи идеализм меистад ва ҷону (рӯҳу) танро аз ҳамдигар ҷудо муҳокима менамояд:

Онон, ки асоси зӯҳд бар зарқ ниҳанд,
Оянд, миёни ҷону тан фарқ ниҳанд.
Бар фарқ ниҳам хурӯси майро пас аз ин,
Гар ҳамчу хурӯсам арра бар фарқ ниҳанд.

*Хайём*

Таълимоти дин ҷону танро атокардаи худо шуморида, дар айни замон фоилро гирандаи ҷон медонад ва ин вазифаро гӯё вай ба яке аз уқули ашара — Азроил супурдааст. Ифодаҳои «худо ҷон ато кард» ё «худо ё ки Азроил ҷонашро гирифт» аз рӯи ҳамин ақида аст. Дин ҷонро «чизи» ба ҷасад бахшидаи худо медонад:

Ҳамди беҳад он худои покро,
Он кӣ ҷон бахшид мушти хокро.

*Аттор*

Дар тасаввури динӣ ҷон ё ки рӯҳ абадӣ ва азалӣ буда, гӯё олами махсусе дорад, ки баъди аз ҷасад «баромадан» ба он

* *Коллектив.* Очерк по истории философской и общественно-политической мысли народов СССР, часть 1, М., 1955, с. 90.

** *Ғазолӣ.* Кимиёи саодат, с. 18.

ҷо бармегардад ва то рӯзи растахез дар оламИ рӯҳ маҳфуз аст. Урфу одати динии барои «арвоҳ» фотиҳа хондан, бӯю тафт баровардан, нӯгча мондан ва ғайра, аз рӯи ҳамин ақидаи ғалат аст. «Бошандагон»-и олами рӯҳро «тоири қудс» ва «мурғи малакут» меноманд, ки гӯё дар шохсори садра ошьён ва фазои рӯҳиёт тайрон доранд.

Дар дини буддо ва мазҳаби исмоилия на танҳо ба абадӣ будани рӯҳ, балки аз як ҷасад ба ҷасади дигар гузаштани он (интиқоли рӯҳ) низ эътиқод доранд.

Аммо файласуфони материалист рӯҳро ҳолат ва хусусияти модда шуморида, ба тан ва саломатии аъзо вобаста донистa таълимоти пуччу беасоси динро рад кардаанд. Ибни Сино дар китоби «Ал-маод» (ҷои бозгашт) даъво дорад, ки ҷон ба тан ва пеш аз ба вуҷуд омадани ҷасад вуҷуд надорад. Ҳар як ҷон (нафс) дар вақти тавлиди ҷисм ба вуҷуд меояд: «...То нафс ба ҷисм напайвандад, ҳастӣ ва ҳақиқат наёбад». Ин ҳолат процесси ҳаёти табиист ва баъд аз хароб шудани ҷасад фонӣ мешавад: «Гурӯҳе гуфтанд, ки нафси мардум, пас аз он ки аз ҷасад ҷудо шавад, ночиз шавад, ҳамчун нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва бе ҷасад ӯро вуҷуде нест».* Носири Хисрав баъд аз нақли ин фикра қайд кардааст, ки ин гурӯҳ — даҳриҳо ҳастанд.

Шоирони файласуфи материалист дар баробари дуруст қайд кардани роли ҷисм дар «бақо»-и рӯҳи инсонӣ, ҳамчун рационалистҳо дар зебу ороиши ҷисми одамӣ аҳамияти калони маънавӣ доштани маърифати инсониро низ таъкид кардаанд, зеро дар ҳақиқат, ҷисми моддии инсон бе маърифат танҳо ҷасади бемаънии муваққатист:

Таркиби табоеъ чу ба коми ту дамест,
Рав шод бизӣ, агар чи бар ту ситамест,
Бо аҳли хирад бошад, ки асли тани ту:
Гардеву насимеву шарореву дамест.

*Хайём*

Масъалаи дигари хеле муҳимми фалсафа, ки дар муайян кардани мавқеи файласуфон вазифаи санги маҳакро адо мекунад, муносибати модда ва шуур аст. Таълимоти дин афкори инсониро на ин ки инъикоси ҳаёт, балки ҳамчун атои худо ба бандагонаш маънидод менамояд: «Махфӣ намонад... ки ...қудрати фотира аз барои мудир ва мудаббир будани инсон қувваи фикрия каромат намуд».**

Агар он даъвои динро ҳам ба хотир оварем, ки гӯё худо олами моддиро барои инсон баъд аз офариниши рӯҳ ба вуҷуд овардааст, пас шуур, фикр аз модда пеш офарида шудааст.

---

* *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 317.

** *Сайид АҳмадиВаслӣ.* Шариати исломия ва тараққиёти маданияти форсӣ, 1333 ҳ. қ., с. 5.

Фалсафаи идеалистии динӣ, аз ҷумла «калом» моддаро фонӣ, вале рӯҳро абадӣ ва азалӣ медонад: «Рӯҳ, ки ҳақиқати одамист, ...абадист ва ҳаргиз намирад, валекин колбуди вай аз вай боз ситонад ва онро марг гӯянд».* Дар ин масъала ақидаи фалсафии тасаввуф боз ҳам чуқуртар рафта, инсонро як ҷузъи олами рӯҳ (худо) ва ҳастии онро пеш аз офариниши дунъё устувор медонад:

Он вақт, ки ин анҷуму афлок набуд
В-ин обу ҳавову оташу хок набуд.
Асрори ягонагӣ сабақ мегуфтем
В-ин қолибу ин навову идрок набуд.

*Абӯсаид Абулхайр*

Бар хилофи таълимоти дин материалистҳо олами моддиро пеш аз инсон ва шуур даниста, моддаро дар ҷои аввал ва шуурро дар ҷои дуюм гузоштаанд:

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,
Гарданда фалак бар сари коре будаст.
Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,
Қ-он мардумаки чашми нигоре будаст.

*Хайём*

Аз ин мулоҳизаҳо маълум мегардад, ки олами моддӣ мустақил аз ҳар гуна таъсири қувваи муҳаррики хориҷӣ вуҷуд дорад ва дар ҷунбиши абадиву азалист.

Дар рубоии дигар баъд аз вафоти шахс (субъект) ҳам давом доштани ҳаёти моддӣ (объект) тасдиқ шудааст:

Ин баски набошем ҷаҳон хоҳад буд,
Не ном зи мову не нишон хоҳад буд.
З-ин пеш набудему набуд ҳеҷ халал,
З-ин пас чу набошем, ҳамон хоҳад буд.

*Хайём*

Пас модда абадӣ мебошад. Инсон ҳамчун субъект аз омадану рафтани худ ба олами моддӣ чизеро зиёду кам карда наметавонад:

З-овардани ман набуд гардунро суд
В-аз бурдани ман ба иззу ҷоҳаш нафзуд
В-аз ҳеҷ касе низ ду гӯшам нашунуд,
Қ-овардану бурдани ман аз баҳри чӣ буд?

*Хайём*

---

* *Ғазолӣ.* Кимиёи саодат, с. 26.

Хайём таносуби инсонро ҳамчун ҷисм бо ин олами беинтиҳои моддӣ, ба таносуби қатраву баҳр, зарраву хок, магасу олами бузург ташбеҳ кардааст:

Як қатраи об буду бо дарьё шуд,
Як зарраи хок бо замин якто шуд.
Омад шудани ту андар ин олам чист?
Омад магасе падиду нопайдо шуд.

*Хайём*

Дар ин рубоиҳо масъалаи муносибати модда бо шуур бе ҳеҷ дудилагӣ ба фоидаи материализм ҳал гардидааст. Ин даъвои Хайёмро муқоисаи умри замин ва инсон исбот менамояд. Илм исбот кардааст, ки умри замин то имрӯз 18 миллиард сол аст, вале умри инсон ҳамагӣ 2 миллиард сол мебошад. Агар он фактро ҳам илова кунем, ки шуури инсон, ки ба вай хос аст ва баъд аз пайдо шудани ӯ ҳамчун инъикоси ҳаёт дар майнаи вай ба вуҷуд омадааст, равшан аён аст, ки модда дар ҷои якум, шуур бо соҳибаш дар ҷои дуюм меистад.

Шоирони ринд бар хилофи таълимоти дин табиатро офаридагори инсон ва дар ин кор онро мустақил, худи табиатро ҷои бозгашти ҷасад шуморида, иҷолатан офаридаи худо буданн инсон ва ҳаёти охиратро инкор кардаанд:

Онро, ки ба саҳрои илал тохтаанд,
Бе ӯ ҳама корҳо бипардохтаанд.
Имрӯз баҳонае дарандохтаанд,
Фардо ҳама он бувад, ки дарсохтаанд.

*Хайём*

Ба ҳамин тариқ, мутафаккирони материалисти форсу тоҷик материяро ҳастии ягона («тавҳид») ва пеш аз шуур донистаанд.

Масъалаи дигаре, ки фалсафаи моддиюн ва илми табиатшиносӣ дар он бо дин созиш карда наметавонад, масъалаи бақои модда ва шуур аст. Дин материяро фонӣ, шуурро доимӣ шуморида, рӯзе бо иродаи худо барҳам хӯрдани моддаро даъво менамояд. Илм исбот кардааст, ки ҷавҳари чизҳо — модда нест нашуда, фақат шакли зоҳирии он тағъир меёбад. Ба ҷавҳари ҷисм ҳеҷ чиз зиёд ва ё кам кардан мумкин нест. Шоирони файласуфи ринд бақои модда ва фонӣ будани рӯҳро тасдиқ кардаанд. Ин фикри фалсафӣ дар образи рамзии кӯза ва кӯзагарон ифода ёфтааст:

Ин кӯзагарон, ки даст бар гил доранд,
Гар ақлу хирад нек бар ӯ бигморанд,
Ҳаргизназананд мушту силиву лагад,
Хоки падарон аст, накӯ медоранд.

*Хайём*

Дар рубоии зерин мафҳуми бақои модда дар предмети ахлоқ — ҳурмати инсон ифода ёфтааст:

Задам теша як рӯз дар тали хок,
Ба гӯш омадам нолае дар мағок,
Ки зинҳор, агар мардӣ, оҳистатар,
Ки чашму баногӯшу рӯясту сар.

*Саъдӣ*

Дар силсилаи рубоиҳое, ки Хайём дар мавзӯи бақои модда эҷод кардааст, кӯза рамзи он чизҳоест, ки як вақтҳо дар шакли дигар вуҷуд доштанд, ҳоло ба шакли хок, лой, сафол ва куза даромадаанд. Кӯзагар ҳамчун образи фоил (иҷрокунандаи кор) гоҳ табиат, гоҳ инсони коргар (эҷодкор) аст, ки дар он аз зоти илоҳӣ асаре нест ва агар будани ӯ ҳамчун фоил («офаридагор») тасаввур шавад, танҳо маънои шартӣ ва бештар маънои маҷозию киноявӣ дорад ва на ҳақиқӣ. Вақте ки кӯзагар ба маънои инсони коргар омад, худи ӯ низ ҳамчун предмети ҷисман харобшаванда ва ба шакли дигар дароянда тасвир мешавад. Қоргоҳи кӯзагарӣ рамзи ҳаёт аст, ки дар вай ҳамеша ҷараёни фаъолияти офарида шудан, барҳам хӯрдан ва аз нав сохта шудан давом дорад ва ин худсозию худшиканӣ ё ки офаридану барҳам додан кори табиат аст:

Дар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногаҳ яке кӯза баровард хурӯш:
«Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?»

*Хайём*

Фалсафаи моддиюн дар баробари эътироф намудани қадимӣ ва азалию абадӣ будани модда, ҳаракат ва тағьироти доҳилӣ, табаддулоти шакл ва дигар шудани сифату миқдори моддаро таъкид менамояд. Ин ақидаи фалсафии материалистӣ дар адабиёти бадеии форсу тоҷик асосан аз Рӯдакӣ оғоз гардида, дар эҷодиёти фалсафии Ибни Сино, Носири Хисрав ва Умари Хайём инкишоф ёфтааст. Носири Хисрав дар шеъри «Хитоб ба ҷаҳон» он мазмунро акс кунондааст, ки ҷаҳони рангорангу зебо ҳамаро кӯҳна мекунад, вале худаш ҳамеша ҷавон, нав ва тағьирьёбанда аст:

Ҷаҳоно, ҷодуӣ, бо бӯю рангӣ,
Гаҳе румет бинам, гоҳ зангӣ.
Ба ранги лӯъбате дилхоҳ монӣ,
Ки ту ҳамвора бар як сон намонӣ.
Барорӣ ҳам замон аз ранги дигар,
Барорӣ ҳар нафас оҳанги дигар.
Чу маъшуқи зарифон дилрабоӣ,
Ки мушкин ҷомаву зарринқабоӣ...

Ту додӣ мулки Кайхисрав ба Хисрав,
Куҳан кардӣ бузургонрову худ нав.
Наёсоӣ, на кас осуда аз ту,
Нафарсоиву мо фарсуда аз ту...

*Носири Хисрав*

Аз гуфтаи Носири Хисрав на танҳо бо усули зарвонӣ материалистона фаҳмидани ҳаётро мебинем, балки аз вай ба андозае буи тараққиёти диалектикаи соддалавҳонаи ҳаёт (модда) низ меояд, зеро аз ҷиҳати сифат ва миқдор тағьир ёфтан, ба якдигар гузаштани онҳо эътироф шудааст. Пас модда каму зиёд ва аз берун илова намешавад, балки дар дохили худ ба тағьирот дучор шуда, шаклашро иваз менамояд:

Гардун зи замин хеҷ гуле бар н-орад,
То нашканаду боз ба гил наспорад:
Гар абр чу об хокро бардорад,
То ҳашр ҳама хуни азизон борад.

*Хайём*

Дар ин рубоӣ шоир дар он бора фикр рондааст, ки чизҳои аз табиат руида боз хароб шуда ба табиат бармегарданд. Шоири файласуф дар фикри образноки худ, аз як тараф, дар бораи табаддулоти шакл, бақои модда, аз тарафи дигар, дар бораи зулми бар болои одамони нек кардаи синфи ҳоким ишорат кардааст. Хайём оид ба бақои модда ва тағьири шакл дар образҳо сухан рондааст.

Файласуфони даҳрӣ ва машшоин дар масъалаи ҳолати табиат ва ҳаракати дохилии он дар мавқеи тараққӣ ва такомули табиии дохилии модда буда, дар ин бобат таълимоти зарванияро давом додаанд ва дуруст қайд кардаанд, ки олам бо роҳи такомулот аз ҷисмҳои ғайри узвӣ (ҷамодӣ) то ҷисмҳои узвӣ (маволид) — наботот, ҳайвонот ва инсон омада расид:

Аз эшон гашт зоҳир чор унсур,
Зи ман бишнав ту ин маънии чун дурр.
Асиру пас ҳаво, пас обу пас хок,
Ки зодастанд ин ҳар чор афлок.
Дар ишон сарду хушку гарму тар баст,
Чунон чун гарму хушку сарду тар ҳаст.
Шавад пайдо аз эшон ранҷу роҳат,
Аз эшон марҳаму з-эшон ҷароҳат.
Ҳакимон инчунин гуфтанд бо мо,
Ки: ин чор уммаҳотанд, он на обо.
Аз ин чору аз он нӯҳ, эй бародар,
Бишуд мавҷуд се фарзанди дигар:
Маодин, пас набот, он гоҳ ҳайвон
Баҳам бастанд яксарро хушиҷон...

Ғизову меваву нон аст, к-аз вай
Падид оянд ҳаме хун дар рагу пай...
Маволиданд аз инҳо ҷисми инсон,
Падид омад аз ин шашгӯша айвон.

*Носири Хисрав*

Ин ақида, яъне такомули табиии аз ҷамодот то ҳайвонот дар аксарияти машшоин (деистон) изҳори ақида шудааст. Умари Хайём дар асари илмии «Фи куллиёти вуҷуд» дар ин бора чунин навиштааст: «...Ва ҷисм ба се қисм аст: афлок ва уммаҳот ва маволид. Ва ин ҳар яке қиматпазиранд ва аҷзои ишонро ниҳоят нест... чунон ки афлок ва анҷумро... Ва зери ӯ уммаҳот аст: аввал—оташ, он гаҳ—ҳаво, он гаҳ—об, он гаҳ — хок, ки аввал ҷамод аст ва он гаҳ набот, он гаҳ ҳайвон аст. Ва инсон ҳам аз ҷумлаи ҳайвон аст аз ваҷҳи ҷинсият, аммо навъи пасин аст. Ва инсон аз ҷиҳати нутқ бар ҳайвон шараф дорад!»*

Дар таълимоти фалсафии материалистҳо зиндагӣ ва марг қонунҳои аз ҳам ҷудонашавандаи ҳаёт буда, яке бе дигаре вуҷуд надорад. Модда на фано, балки бақо дорад. Манбаи пайдоишу хароб ва наву кӯҳна шудани чизҳо худи табиат мебошад.

Дар ин гуфтаҳо бар хилофи пайравони фалсафаи «калом» ва тасаввуф тамоман дуруст қайд шудааст, ки аз ҷузъҳои зарра то офтоб ҳама чиз ҳастии ҷовидонӣ дорад. Онҳо фанои нисбӣ (масъалаи вайрон ва нест шудани шакл)-ро эътироф карда, фанои мутлақро инкор мекунанд, зеро фано ёфтан хислатҳои модда нест. Онҳо дуруст нишон медиҳанд, ки лаҳзаи ба ҷавҳари аслӣ бозгаштани ҷисмҳо марг аст ва ҳамчунин боз ҷои пайдоиши чизҳост, ки ҷои якшавӣ ва боз ҷудошавии модда, дуньёи пайдоиш ва нестии шакл аст, ки ҳар чизи зинда, ки аз ҳаёт пайдо шавад, боз дар худи ӯ ҳалок мегардад. Махлуқоте, ки аз хок рӯидаанд, боз ба хок рафта пинҳон мешаванд, фано аз бақо ва бақо аз фаност ва ғайра. Онҳо ҷавҳари моддиро дар ҷои аввал гузошта, бақоро сифати он ва шаклро дар ҷои дуюм монда, фаноро кайфияти он медонанд.

Даҳриюн ақидаи даъвои фанои модда ва бақои рӯҳро аз ноқисӣ ва кӯтоҳии ақлу дониш ва ҳодисаҳои олами моддиро то охир (кунҳ) фаҳмида натавонистани уламои дин маънидод менамоянд, ки дуруст аст. Масалан, ақли онҳо фақат хароб шудани шакли модда (чиз)-ро дида тавонист, вале нафаҳмид, ки модда шакли худро иваз кардааст, гумон мекунанд, ки он чиз фано ёфт. Онҳо ваҳми аз мафҳуми «бақои» рӯҳ ба вуҷудомадаи диндорон ва идеалистҳоро аз нотавонии қувваи идрокашон эзоҳ додаанд, ки дуруст аст. Онҳо бақои модда, фанои шакл, қонуни абадии ҳаёт будани зиндагӣ ва маргро эътироф намуда, маргро инқилоби ҳаёт дониста, доимо дар ҳаракат

---

* *Умари Хайём.* Рубиёт, 1955, саҳ. 140—141.

ва гардиш, абадӣ ва азалӣ будани моддаро дар ҷараёни диалектикиаш эзоҳ медиҳанд.

Ба муносибати масъалаҳои бақои модда ва шакл иваз кардани материя дар бораи мундариҷаву шакл — ҷавҳару сурат ё ки ҷавҳару араз сухан рондан лозим меояд. Идеализм ҷисмҳои моддиро, ки сурат ё шакли зоҳир шудани модда аст, акс ё ки таҷаллии рӯҳ медонад. Файласуфони материалист ин ақидаи ғалатро низ инкор кардаанд. Аз рӯи ақидаи дурусти онҳо модда (ҳаюло) мундариҷаи ҷисм аст ва ҷисм сурат ё ки шакли модда мебошад. Ҳар дуи он якҷоя ҳастиро ташкил медиҳад. Ин фикр, яъне шакли модда будани ҷисм ва ҷавҳари ҷисм будани моддаро Носири Хисрав дар шакли муҳокимаи илмӣ тасдиқ кардааст: «Олами ҷисмӣ ба куллиёти хеш мусаввари ҷисмист бар модда»*. Чунин фикр ақидаи материалистона аст ва бо ин муносибат бояд қайд кунем, ки ақидаи пайравони фалсафаи машоъ мақоми аввалдараҷаи модда (ҳаюло)-ро инкор карда, ҳастиро аз ҷавҳар (ҷисм—чиз) ва араз—ранг, бӯй ва ғайра иборат медонанд. Чунонки: «...ҳастӣ ба аввали қисмат бар ду гуна аст: якеро «ҷавҳар» хонанд ва якеро «араз» ва араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизи дигар истода, бувад, ки он чиз бе вай ҳастияш худ тамом бувад ва ба феъл бувад ё ба худ ё ба чизи дигар ҷуз вай, чунон ки сапедӣ андар ҷома, ки ҷома худ ҳаст бувад ба нафси хеш ё ба чизҳо, ки ба эшон ҳаст шавад ва он гоҳ сапедӣ андар вай истода бувад. Сапедиро ва ҳар чӣ ба вай монад, араз хонанд... Ҷавҳари ҳастиро хирад бишносад беҳад ва берасм, ки ӯро ҳад нест... ва фасл нест...»** Чунин фикр ақидаи материалистист ва Хайём ин категорияи фалсафиро бо ифодаи образноки афкори лирикӣ ва тасвири табиат баён кардааст:

Бингар, зи сабо домани гул чок шуда,
Булбул зи ҷамоли гул тарабнок шуда.
Дар сояи гул нишин, ки бисьёр ин гул
Аз хок баромадасту дар хок шуда.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки мавзӯи баҳс карор гирифтааст, муаммои «олам ҳадис ё қадим» аст. Олимони дин дар атрофи ин масъала бо олимони илми яқин мубориза бурда, фикри ғалати схоластикии олам «ҳодис»-ро талқин мекарданд. «...Олам ва ҳар чӣ дар олам аст, ҳама офаридаи вай аст»***. Пас, олам ҳодис аст. Олимони материалист беасос ва схоластикӣ будани баҳси «ҳудусу қидам»-и уламои диниро танқид карда, илмро ба навҷӯӣ даъват кардаанд.

Олимони илмҳои дуньёвӣ таълимоти динии бо хости худо

---

* *Носири Хисрав*, Зод-ул-мусофирин, с. 360.

** *Абӯалӣ ибни Сино*. Донишнома. Иқтибос аз намунаи адабиёти Эрон. Боку, 1922, ч. 1, с. 51.

*** *Ғазолӣ*. Кимиёи саодат, саҳ. 49.

офарида шудани ҷаҳонро рад карда, бо қонунҳои объективонаи худ мустақил инкишоф доштани онро тасдиқ намуданд. Баръакс, дин таълим медиҳад, ки худо бо ёрии «уқули ашара» дуньёро офаридааст. Хайём барои исботи «офаридагори» оҷиз будани худо, аз ҳолати нодорӣ бечораеро ба ҳолати дорой оварда натавонистани ӯ бо лутф аз забони қаҳрамони лирикӣ сухан рондааст:

Сер омадам, эй худой, бар ҳастии хеш,
Аз тангдилию аз туҳидастии хеш.
Аз нест чу ҳаст мекунӣ, берун ор
З-ин нестиям, ба ҳурмати ҳастии хеш!

Дар ин рубой зоҳиран аз тангдастӣ барои осоиштагӣ ба худои «аз нестӣ ба ҳастӣ оваранда» муроҷиат кардани бандаи бенаво ифода ёфтааст, вале дар амал оҷизии худо, ки аз ҳеҷ чиз ягон чиз сохта наметавонад, тасдиқ шудааст, зеро агар метавонист, он бенавои тангдастро аз ҳолати нодорӣ ба вазъияти дорой меовард.

Пайравони ваҳдати вуҷуд бар хилофи ақидаи офаридгор будани худо, ҳаюлоро сабабгори офариниши чизҳо ва ҷои пайдошавию барҳамхӯриро дар ҳаёт донистаанд.

Дар таълимоти материализми стихиявии мутафаккирони форсу тоҷик баъзе масъалаҳои фалсафӣ, аз қабили мафҳуми макон, замон, ҳаракат ва ҷараён дуруст маънидод шудааст: «Макон бемутамаккин набошад» ва «макон узве мар азми ҷисмро бошад», «замон ҷуз ҳаракати ҷисм чизе нест», «ин ҷаҳон оби равон аст»*.

Дар ин фикраҳо дар ҳаракат будани олами ҷисмонӣ материалистона ҳал карда шудааст ва он ба таълимоти дин, ки ҳеҷ чиз бе иродаи худо ҳаракате надорад, мегӯяд, муқобил гузошта шудааст. Вай бар хилофи дин, ки заминро паҳну бар болои шохи гов мешуморад, дар фазо муаллақ ва дар шакли давра будани онро даъво кардааст:

Ин гӯи сияҳро ба миёнахона кӣ омехт?
На баста танобе, на сутуне зада з-он сон
Ин гӯи гаронро ба ҳаво бар кӣ ниҳодаст?
Моно, ки шигифта бувад аз тахти Сулаймон.

*Носири Хисрав*

Ҷалолиддини Румӣ дар бораи қонуни ҳаёт будани зиддиятҳо ва ягонагии онҳо сухан рондааст. Ҳар чанд ки вай ин масъаларо дар плани идеализми тасаввуфӣ ҳал кардааст, вале ин қонунро дарк кардани ӯ ҷолиби диққат аст. Вай бар хилофи ақидаи файласуфони метафизик, ки ҷаҳонро аз ҷисмҳои беҳаракат, беҷон ва яхбаставу безиддият иборат медонистанд,

---
* *Носири Хисрав.* Зод-ул-мусофирин, с. 111.

дар ҳаёт мавҷудияти зидҳо ва муборизаи (ҷанги) диалектикии онҳоро даъво кардааст:

Ин ҷаҳон ҷанг аст, чун кулл бингарӣ,
Зарра-зарра ҳамчу дин бо кофирӣ.
Ин яке зарра ҳаме паррад ба чап
В-он дигар сӯи ямин андар талаб.
Заррае болову он дигар нугун,
Ҷанги феълишон бубин андар сукун.
Ҷанги феълӣ ҳаст аз ҷанги ниҳон,
**З-ин тахолуф он тахолифро бидон.**

Аз гуфтаҳои Румӣ чунин хулоса бармеояд: Дуньё аз ҷанги — муборизаи зидҳо иборат аст, зидҳо пайдо мешаванд ва зидҳоро аз зидҳо шинохтан мумкин аст. Вай бо ин кашфиёт ва қайди худ маҳдуд нашуда, ба муборизаи зидҳо ва ягонагии онҳо вобаста будани сохти оламро, ки тарафҳои муборизи ин ҷанг унсурҳо мебошанд, низ дарк кардааст:

**Ин ҷаҳон з-ин ҷанги қоим мебувад,**
Дар аносир дарнигар, то ҳал шавад.
Чор унсур — чор устуни қавист,
Қи бар эшон сақфи олам муставист...
Пас, бинои халқ аз аздод буд,
Лоҷарам ҷангӣ шуданд аз зӯру суд.
Ҳаст аҳволат хилофи якдигар,
Ҳар яке бо ҳам мухолиф дар асар.
Чунки ҳар дам роҳи худро мезанӣ,
Бо дигар кас сознорӣ мекунӣ.
Фавҷи лашкарҳоят, аҳволат бубин.
Ҳар яке бо дигаре дар ҷангу кин.

Дар муҳокимаи оид ба зидҳо ва муборизаи онҳо лаҳзаи ҷолиби диққат ин аст, ки шоири файласуф мафҳуми зидҳо ва ҷанги онҳоро аз категорияи фалсафӣ ба категорияи иҷтимоӣ оварда, диққати хонандаро аз ҷангҳои хонумонсӯзи байни одамон ба ҷанги ҳаёти моддӣ ва табиӣ ва илм ҷалб карда, ба ин восита ҷангҳои одамонро, ки бештар аз номи дин ташкил мекарданд, маҳкум менамояд:

Менигар дар хеш ин ҷанги гарон!
Пас, чӣ машғулӣ ба ҷанги дигарон?

Румӣ баъд аз муҳокимаи зидҳо ва ягонагии онҳо, ки боиси ҳаёт ва мавҷудияти олам аст, дар бораи маънои нисбӣ доштани чизҳо, ки дар назди яке фоидабахш, дигаре зарарнок аст, сухан ронда, дар ҷаҳон набудани хубу бади мутлақро, ки дар зоҳир зишту нек менамояд, даъво кардааст:

Дар замона ҳеҷ заҳру қанд нест,
Ки яке пои дигарро банд нест.
Заҳри морон морро бошад ҳаёт,
Нисбаташ бо одамӣ бошад мамот.
Халқи обиро бувад дарьё чу боғ,
Халқи хокиро бувад он маргу доғ.

Мавлавии Румӣ мисли файласуфи идеалисти немис Гегель (1770—1831) муҷодалаи зидҳо ва мубориза онҳоро дар плани идеализми ирфонӣ муҳокима намудааст, ки агар аз он идеализм бароварда шавад, методи диалектикиаш бе ҳеҷ хилоф ба материализм татбиқшаванда аст. Барои мо на идеализми ирфонии Румӣ, балки методи диалектикии он ҷолиби диққат аст, зеро бо ин восита медонем, ки афкори фалсафии халқи мо дар гузашта ба дараҷаи фаҳмидани диалектика, ки он қонуни инкишофи ҳаёт мебошад, расидааст.

Масъалаи дигари муҳимми фалсафӣ маърифатшаванда будан ва ё набудани модда аст. Материализм меомӯзд, ки дуньёи моддӣ дар ҳаракат ва гардиши доимии мустақилона буда, шуур лаёқати онро дарк намудан, яъне маърифат кардан дорад. Донистани мавҷудоти дуньё ба воситаи панҷ узви ҳискунандаи инсон: чашм, гӯш, бинӣ, даҳон, асабҳо ва аз таҷриба гузаронидани чизҳои ҳискардашуда ба амал оварда мешавад. Пас ҳамаи «чизҳое», ки берун аз ҳаёт ва ҳисси панҷ узви ҳискунанда тасаввур мешавад, хаёлоти беҳуда ва ба майнаи худ зӯр овардан аст.

Файласуфони материалист бо ин гуфтаи худ мавҷудияти рӯҳи берун аз ҳаёт, аз он ҷумла худоро, ки дин ба воситаи ақл шинохтани онро тавсия менамояд, вале ба воситаи панҷ узви ҳискунанда шинохта намешавад, инкор кардаанд. Материализм ба муқобили маъқул (чизҳои бо ёрии ақл шинохташаванда, яъне худо), маҳсус ва чизҳои ҳисшавандаро пеш меронад ва бо ин восита худоро, ки ҳисшаванда нест, инкор менамояд. Аммо идеализми фалсафӣ аз нуқсони ин таълимоти дин, ки худоро «маъқул» мешуморад ва атеистҳо онро ба осонӣ рад карда метавонанд, даст кашида, худо ва рӯҳро маърифатнашаванда ва «зот»-и ӯро берун аз ваҳму хаёл медонад. Дар ин сурат, ҷавоби мантиқии атеизм боз ҳамин аст: Агар худо маърифатшаванда нест ва аз ваҳму хаёл берун аст, пас умуман нест.

Дар замонҳои қадим як гурӯҳи одамон аз асрори фалак бохабар бошанд ҳам, гурӯҳи дигар онро даркнашаванда гумон мекарданд:

Кас мушкили асрори фалакро накушод,
Кас як қадам аз ниҳод берун наниҳод.
Чун бингарам аз мубтадӣ то устод,
Аҷз аст ба дасти ҳар кӣ аз модар зод.

*Хайём*

Фалсафаи марксисти таълим медиҳад, ки дар баробари маърифатшаванда будани материя донишҳои мо маҳдуд мебошанд, зеро ҳамаи чизҳои дар ҳаёт мавҷудбударо якбора шинохтан мумкин нест, ин кор тадриҷан ба амал меояд. Ҳатто, барои он ҳам ҳамаи сирҳои ҳаётро то охир шинохтан душвор

аст, ки вай чизи шахшудамонда набуда, доимо дар ҳаракат ва ҳар сония дар тағьирот мебошад. Устод Рӯдакӣ ин маъниро дар қасидаи тарҷумаиҳолии «Шикоят аз пирӣ» баён кардааст ва шоирони файласуфи дигар онро тасдиқ менамоянд. Мавлавии Румӣ гӯяд:

Ҳар замон нав мешавад дуньёву мо,
Бехабар аз нав шудан андар бақо.

Аз ин чост, ки олимон ва файласуфон, чӣ қадар ки сирҳои ҳаётро шинохта бошанд, боз ҳамаашро натавонистем, гуфтаанд:

Асрори бузург хому нопухта бимонд,
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе мегуфт,
Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.

*Форобӣ*

Ибни Сино ин мафҳумро боз ҳам равшантар ифода кардааст:

Дил гарчи дар ин бодия бисьёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.

Ин ақидаи дуруст ва тезиси ҳаққониро мутафаккирони минбаъдаи материалист давом ва инкишоф додаанд:

Ҳаргиз дили ман зи илм маҳрум нашуд.
Кам монд зи асрор, ки маълум нашуд.
Ҳафтоду ду сол фикр кардам шабу рӯз,
Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.

*Хайём*

Чунин ақидаҳои онҳо, ҳам аз ҷиҳати методологию фалсафӣ дуруст аст ва ҳам аз ҷиҳати онрӯзаи инкишофи илм, зеро дар ҳақиқат, аз сабаби ҳамеша дар ҳаракат будани модда шуури мо маҳдуд аст. Ғайр аз ин, илмҳои дуньёвӣ дар он давр чандон тараққӣ надоштанд. Дурустии фикри онҳоро тараққии илмҳои имрӯза низ исбот кард.

Аммо таълимоти динӣ қувваи тафаккури инсониро дар маърифати модда инкор менамояд ва онро ба «қудрати илоҳӣ» ҳавола мекунад. «Ҳақиқат ва асрори ҳар чизро ӯ — таоло худ нек медонад ва мо аз донистани ҳақоиқи ашьё тамоман оҷизем»*...Дини ислом ақли инсонро дар назди «ақли худо» ноқис эълон карда, фаҳмидан ва фаҳмонидани баъзе хусусият-

---

* *Сайидаҳмади Васлӣ.* Шариати исломия ва тараққиёти маданияти форсӣ, с. 29.

ҳои ҳақиқати чизҳо ва дуньёро ба зиммаи худо ва пайғамбари ӯ — Муҳаммад гузоштааст: «Баъзе хусусияте, ки ақли инсонӣ аз дарьёфти ӯ кӯтоҳӣ менамуд ва хирад аз донистани он нотавонӣ мекард, худ дар шаръи анвар ба воситаи пайғамбар алайҳиссалом баён ва эзоҳ намуда, равшан гардонид»* . Дин бо ин восита роли худо ва пайғамбари онро аз кулли инсонҳо — бандагони ӯ боло гузошта, қадри ақлу донишу қувваи маърифати онро паст кардааст.

Шоирон ва файласуфони тараққипарвари даврaи классикӣ бар хилофи ин таълимоти дин бо қувваи ақл маърифат ва кашфшаванда будани қонуниятҳои табиатро таъкид намудаанд. Бо қувваи ақли инсон маърифатшаванда будани ҳаёти моддиро Форобӣ дар рубоии «Хитоб ба афлок» бо ифодаи маҷозии дар дасти инсонҳо «асир» будани яке аз сайёраҳо (тифле, яъне Замин) ба тариқи лутфи сухан баён кардааст:

Эй он, ки шумо пиру ҷавон дидоред,
Азракпӯшони ин куҳан деворед!
Тифле зи шумо дар бари мо маҳбус аст,
Ӯро ба халос ҳиммате бигморед.

Як таълимоти дигари динӣ, ки фалсафаи материалистӣ ва ақидаи беҳудой онро рад менамояд — зинда гардидани одам баъд аз мурдан ва ҳаёти дубораи рӯзи қиёмат, азоби дӯзах ва роҳати ҷаннат, яъне маоди ҷисмҳост, ки дар ин асос байни ҷону тан фарқ мегузорад. Ақидаи материалистӣ ва атеистӣ маоди ҷисм ва дар гуру қиёмат ба он баргардониданн рӯҳро, ки таълимоти динист, инкор мекунад. Мувофиқи ин ақида ҷисм баъд аз марг шакли худро иваз карда, ба ҷисмҳои дигар мубаддал мешавад. Пас, ҷисмҳои фардӣ аввало фаноёбандаанд (дер напоянда) ва ба ҳолати аслӣ барнамегарданд:

Вақти саҳар аст, хез эй мояи ноз,
Нармак-нармак бода хӯру чанг навоз!
Қ-онҳо, ки ба ҷоянд, напоянд басе
В-онҳо, ки шуданд, кас намеояд боз.

*Хайём*

Ҷон (рӯҳ)-ро аз ҷисм (ҷасад) ҷудо кардани таълимоти динӣ ва онро дар (олами арвоҳ) абадию азалӣ шуморидан, барои ҳисобот ду бор онро ба ҷасад баргардонидани худо ва мавҷудияти худи ӯ ҳамчун вуҷуди «қаҳҳору ҷаббор» ваҳме дар дили пайравони дин даровардааст.

Бинобар ин, инсони диндор аз ваҳму азоби дӯзаху ҷаҳаннам, воқеаи марг тарсон аст ва зиндаҳо ба одамони мурда аз

* Ҳамин асар, с. 27—28.

худо раҳм талабида, «худо раҳмат кунад» мегӯянд. Барои аз ин ваҳм халос шудан боварӣ доштан лозим аст, ки берун аз ин ҳаёти моддӣ чизе нест. Дар ин бора файласуфи Юнони Қадим — Эпикур гуфтааст: «...Дар ҳақиқат, одамоне, ки боварӣ доранд, ки берун аз зиндагӣ ҳеҷ як ҳолати воҳимадоре нест, ҳеҷ ваҳме дар ҳаёт надоранд»*. Аз ин сабаб, файласуфи материалист ва атеист Эпикур ва шоирони ринд он ваҳмро рад карда, онро аз шуури инсон дур карданӣ шудаанд ва ӯро ба бепарвоӣ даъват намудаанд.

Хайём ин ақидаро тасдиқ намуда, илова кардааст, ки алалхусус, пешвоёни онҳо дар ибодаткадаҳои худ ин маъниро фикр карда баромада, аз тарси худову дӯзахи вай дар ҷустуҷӯи ҷаннатанд ва тоату ибодати ба музд мекунанд. Хайём дар рубоии зерин қайд кардааст, ки шахсҳои бехабар аз «асрори худо» ин гуна ваҳмҳоро ба дили худ ҷой намедиҳанд:

Дар савмааю мадрасаю дайру куништ
Тарсанда зи дӯзаханду ҷӯёи биҳишт.
Он кас, ки зи асрори худо бехабар аст,
З-ин тухм дар андаруни худ ҳеҷ накишт.

Дар байти аввали ин рубоӣ ба масъалаи ирфонии (гноссологии) дин эътибор дода шудааст. Онҳое, ки «дар савмааю мадрасаю дайру куништ» барои тарсашон аз дӯзах дар ҷустуҷӯи ҷаннат ба тарзи махсус маҳз худоҷӯӣ ва тоату ибодат мекунанд, дар ҳақиқат, дар ваҳму тарсанд. Ҳол он ки касе, ки аз паи худоҷӯии маҳз нест ва аз он гуна фаҳмидани «асрори худо бехабар аст», дар дил ҳеҷ хел тарсе аз дӯзах надорад. Пас касе аз дӯзах метарасад ва ҷӯёи биҳишт аст, ки худоҷӯии маҳз дорад ва аз рӯи ваҳму тарси ғазаби худо, ки худаш дар хаёл ба вуҷуд овардааст дар ҳарос мебошад. Ҷумлаи «аз асрори худо бехабар будан»-ро ба ҳар маъно фаҳмидан мумкин аст: Худоро нашинохтан ва бинобар ин, аз ӯ ва азоби гӯру дӯзахи он натарсидан ва орзую ҳаваси ҷаннат накардан, ба фаҳмиши дигар, умуман тасаввур надоштан дар бораи худо. Дар ҳақиқат касе, ки умуман тасаввур надорад, аз куҷо медонад, ки дӯзаху ҷаннат чист ва азобу роҳати онҳо кадом аст. Майнаи ӯ аз ин гуна ваҳму шодӣ озод аст.

Пас, тарсидан аз дӯзах ва шодӣ аз роҳати ҷаннат ва умуман мафҳуми дӯзаху биҳишт ҳақиқати мавҷуда нест, хаёли ваҳмангез ва ё ширини касонест, ки онро аз рӯи тарс ё орзуи нек фикру андеша кардаанд, аммо рӯҳониён ва истисморкунандагон аз он барои банду баст ва гӯл кардани оммаҳои меҳнаткаш барои синфи муфтхӯр истифода намудаанд.

Илми табиатшиносӣ ва фалсафаи даҳриён исбот кардааст, ки рӯҳ абадӣ нест, балки вобаста ба ҷисм аст. Илм эътиқоди

---

* *Коллектив.* Материалисты древней Греции. М., 1955. с. 209.

динии зиндагардии баъд аз маргро ба таври қатъӣ рад менамояд. Ҷисм бояд харобу хок ва рӯҳ нобуд гардад.

Ба ҳамин тариқ, даҳриён ва табиатшиносон ҷон ё ки рӯҳро ба модда ва ҷисм алоқаманд шуморида, хароб шудани ҷасадро сабаби барҳам хӯрдани ҷон (рӯҳ) медонанд ва инсонро аз даҳшати азоби гӯру қиёмат ва умеду шубҳаи ба ҷаннат ё дӯзах рафтан озод менамоянд. Файласуфони мистик — аҳли тасаввуф ва исмоилия, ки системаи фалсафияшон ба системаи ислом зид аст, низ вуҷуди «он дуньёро» бо роҳу усули фалсафии худ инкор мекунанд: Ба фикри онҳо ҷон — рӯҳ аз олами рӯҳ ба ҷисмҳо омадааст ва боз вақти видоъ ба олами худ хоҳад рафт ва ҷасад, ки мисли қолиб бувад, нобуд хоҳад шуд. Онҳо рӯҳи инсонро на бо роҳи азоби дӯзаху ҳисобу китоби рӯзи қиёмат, балки бо роҳи дар ин дуньё риёзат кашидан, ҷасадро азоб дода, онро покиза карда ба асл — рӯҳ бурданианд. Аз нуқтаи назари онҳо баръакс ин дуньё ҷои азоб аст ва бинобар ин, тезтар аз он гузаштан ва ба олами рӯҳ пайвастанро роҳат мешуморанд. Носири Хисрав аз рӯи ҳамин системаи фалсафӣ ба таълимоти мазҳаби суннат, азоби гӯр ва рӯзи қиёмат бо назари тамасхур нигоҳ кардааст.

Таълимоти динии дубора зинда шудан, «азоби гӯр», оташу каждуми дӯзах, яху хунукии аъроф ва «азоби рӯзи қиёмат», ки дар биёбони беобу соя офтоб гӯё ба сари одамон ба андозаи як қади найза мефаромадааст, дар ҳис ва шуури мусулмонон тарсу ваҳми доимӣ ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин, ҳодисаи марг бо вуҷуди қонуни объективии табиат будан, дар назари одамон ҳодисаи даҳшатнок менамояд. Аммо дар адабиёти риндонаи классикии форсу тоҷик мурдан ҳамчун ҳодисаи ҳатмӣ рӯйдиҳанда ва ҳақиқате, ки аз он тарсидан лозим нест, маънидод шудааст:

> То занн набарӣ, ки аз ҷаҳон метарсам
> В-аз мурдану аз рафтани ҷон метарсам.
> Мурдан чу ҳақиқат аст, бокам набувад,
> Чун нек назистам, аз он метарсам,
>
> *Хайём*

Дар таълимоти инкори дубора зинда шудан ва натарсидан аз маргу инкори ҷаннату дӯзах, ки риндон пеш меронанд, бо ғояи аз худоҳо ва марг натарсидан, ки таълимоти Эпикур аст, ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад.

Дар охир ба таври хулосаи умумӣ дар бораи материализми гузаштагон сухан ронда, бояд қайд кунем, ки материализм бо атеизм алоқаи зич дорад ва материализм ду хел аст: 1. Материализми мафкураи синфи пешрав ва инқилобӣ. Ин гуна материализм қувваҳои пешравии инсонияти тараққипарварро ба пояҳои баланди тараққиёти ҷамъиятӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки чунин материализм пур аз ҳиссиёти некбинӣ, зиндадилӣ,

дилпурӣ буда, ба ояндаи хушбахтона умед дорад ва дорои мақсадҳои пешбарандаи ҷанговари инқилобӣ мебошад. Ин гуна материализм позитивӣ (мусбат) аст. 2. Материализми негативӣ (манфӣ). Ин гуна материализм ҷаҳонбиниест, ки ба таври хос аз оҳангҳои манфӣ, ҳедонистӣ (айшпарастӣ), афтодарӯҳӣ, шубҳа, нобоварӣ, дуньё ва умрро ғанимат шуморидан, ба оянда ва гузашта эътибор ва эътиқод надоштан, лаҳзаи имрӯза — ҳозираро дидан ва ғайра пур аст. Ин гуна мафкура ба синфҳое хос аст, ки пароканда, номуташаккил, шууран паст, бетакьягоҳанд, мутафаккирони онҳо вайрон шудани муносибатҳои истеҳсолии мавҷуда ва зарурати инқилоби иҷтимоиро медонанд, вале касе ё қуввае нест, ки ба он такья намуда, тӯфони иҷтимоӣ ба вуҷуд оранд, тартиби нав ҷорӣ кунанд ва ба инсоният роҳи озодӣ ва осоиштагиро нишон диҳанд. Ин гуна шахсҳо барои иҷрои мақсади худ аз бечорагӣ баъзан қуввaи худоиро ҳам орзу мекарданд:

Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме.
Ғамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме.

*Хайём*

Ин гуна материалистҳо аз беқувватӣ, оҷизӣ ва аз сарпанҷаи тақдири бад раҳоӣ наёфтан мисли сӯфиҳо ва ҳатто исьёнкори онҳо, риндҳо ба олами ҳиссиёти худ фурӯ мерафтанд ва дар ҳудуди корҳои хурд мемонданд:

Гар даст диҳад зи мағзи гандум ноне
В-аз май ду мане, зи гӯсфанде роне,
Бо моҳрӯе нишаста дар вайроне,
Айше бувад, он на ҳадди ҳар султоне,

*Хайём*

Ин гуна мутафаккирон мисли сӯфиҳо тарки дуньё намекунанд, ба дуньё худбинона назар мекунанд, ғанимат донистани фурсати ҳозираро тавсия менамоянд. Аз ин ҷост, ки Хайём бо вуҷуди чандин сол меҳнати эҷодӣ сарф карда сохтани тақвими асри XI—XII, ки ҳоло ҳам аҳамияти илмии худро гум накардааст, аз тақвими замон ду рӯзро хат задааст: Рӯзе, ки гузаштаасту рӯзе, ки наёмадааст:

Чун об ба ҷӯйбору чун бод ба дашт,
Рӯзи дигар аз умри ману ту бигзашт.
То ман бошам, ғами дурӯза нахӯрам:
Рӯзе, ки наёмадасту рӯзе, ки гузашт.

Ахлоқу одоби айшпарастӣ, ки сабабҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ дорад, инъикоси мафкураи афтодарӯҳист. Аз ин сабаб, матери-

ализми Хайём ва умуман шоирони риндро омили инқилоб дар шуур ва идроки оммаҳои васеи халқ шуморидан ҷоиз нест, зеро табақаҳои иҷтимоии асрҳои миёна, ки риндон ба онҳо такья мекарданд, ҳанӯз роли инқилобӣ надоштанд ва дар мубориза бо феодализм худро ҳамчун як воҳиди бутун тасаввур намекарданд. Шаккокиҳои ба ноумедии саргум ғутахурдаи риндон низ аз ҳамин сабаб буд. Аз ин ҷост, ки онҳо боз ҳам пай дар пай ғанимат донистани ҳаёти хубу зеборо талқин менамуданд, зеро умр кӯтоҳ, зиндагии инсон нисбат ба умри ҳаёти моддӣ як лаҳза аст:

Тарсам, ки чу з-ин беш ба олам нарасем,
Бо ҳамнафасон низ фароҳам нарасем.
Ин дам, ки дар ӯем, ғанимат шумарем,
Шояд, ки ба зиндагӣ дар он дам нарасем.

*Хайём*

Ақидаи фалсафии материалистии асрҳои миёна бо ҳамаи нуқсонҳояш дар мубориза бо ислом ва тасаввуф инкишоф ва давом дошт ва дар шаклҳои гуногуни баён бо идеализм, дар навбати аввал бо фалсафаи «калом» ва «ваҳдати вуҷуд»-и тасаввуф мубориза бурдааст. Олимон, файласуфон ва шоирони материалистона ва атеистона фикркунанда — Эроншаҳрӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ, Рӯдакӣ, Ибни Сино, Хайём ва таъсири мафкураи ҳукмрони ислом пурра халос набуданд ва системаи ягонаи фалсафаи материалистонаро ба вуҷуд наовардаанд, вале гап дар ин нест, ки онҳо нуқтаи назари материалистӣ ва атеистиро ба камолоташ нарасонидаанд, балки дар он аст, ки қатъи назар аз ҳукмронии беҳадду ҳисоби дин ва мафкураи феодалӣ, инкишоф наёфтани фанҳои табиатшиносӣ дар асрҳои миёна, тараққии сусти истеҳсолот ва ғолиб будани ҷаҳолати дини файласуфони форсу тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна ҷаҳонбинии материалистӣ ва атеистиро инкишоф дода, онро аз ҳуҷуми реакцияи феодалӣ ҳимоя намуда, бо ҷаҳолати динӣ ва идеализми фалсафӣ мубориза кардаанд.

**Мафҳуми илм дар асрҳои миёна**

Пеш аз истилои араб дар дуньёи қадим илми динӣ вуҷуд дошт ва дар баробари ин илми ақлӣ, санъати бадеӣ, ҳунармандӣ ҳам амал мекард, вале истилои араб ва идеологияи исломии он маданияти халқҳои Шарқи Наздику Миёнаро хароб сохта, дар ин маҳалҳо дар асоси ҷаҳонбинии исломӣ давлатҳои мусулмонӣ барқарор намуд. «Асрҳои миёна,— навиштааст Ф. Энгельс,— аз ҳолати тамоман оддӣ инкишоф ёфтааст. Вай аз рӯи дуньё тамаддуни қадим, сиёсат ва маҷмӯи қонунҳои ҳуқуқро рӯфта партофта, ҳамаро аз нав сар кард. Он чизе ки асри миёна аз дуньёи қадим гирифта буд, дини христианӣ ва якчанд шаҳри нимхаробае буданд, ки тамаддуни пештараи худро гум кардаанд. Дар натиҷаи ин ҳолат, чӣ тавре ки дар ҳа-

маи пояҳои тараққиёти пештара рӯй медоданд, ба ҳукмронии донишҳои маънавӣ попҳо соҳиб шуданд ва худи донишҳо ҳам характери динӣ гирифтанд».*

Аз ин гуфтаи Ф. Энгельс ва гуфтаи уламои таърих маълум аст, ки сардори хилофати ибтидоӣ аз қабили халифаҳои бани Умайя ба илм умуман, ба илми ақлӣ махсусан, эътибор намедонанд ва барои саодати дуньёву «охират» китоби қуръон ва суннаро кифоя медонистаанд ва ба китобҳои илмӣ кароҳату нафрат доштаанд. Бесабаб нест, ки мамлакатеро, ки забт мекардаанд, китобхонаҳои онро месӯзонданд. Нақле ҳаст, ки касе аз пайғамбар хоҳиш кард, ки асареро китобат кунад, иҷозат надод. Ҳар касе ки бо китоб машғул мешуд, гумроҳ медонистанд ва ғайра. Аммо вақте ки дар нимаи дуюми асри VII ва аввали асри VIII мубоҳиса ва мунозираҳо дар эътиқодоти исломӣ ба вуҷуд омад, барои исботи даъвои худ бо илм машғул шудан ва ба илми қадиму ҳамсояҳо муроҷиат намудан лозим шуд. Илм дар замони асрҳои миёна ду равия дошт: Илми динӣ ё ки шаръия ва илми ақлӣ: *Илми шаръия* он илм аст, ки аз рӯи нақл ва тафсири он ба даст медарояд. Илми динӣ оид ба худост, ки ақли инсонӣ гӯё ба охири он намерасад, кӯтоҳӣ мекунад. Ба гурӯҳи илми шаръия: илми қироати (чӣ тавр хондан ва чи гуна талаффуз намудани калимаҳои) қуръон, илми тафсир (шарҳи оят, ҳадис ва қуръон), илми ҳадис (ҷустуҷӯи гуфтаҳои пайғамбар ва тафсири он), илми фиқҳ (илми омӯзиши шариати исломӣ) дохил мешавад. Илми фиқҳ аз се илми асосӣ иборат аст: *Илми усул-ал фиқҳ* — бо масъалаҳои назариявии амрҳои шариат баҳс менамояд ва барои тасдиқи даъвоҳои худ аз илми калом, тафсир, ҳадис ва баъзе илми ақлия истифода мебарад. Дигаре *илми хилоф* аст, ки ба ҳуҷҷатҳои шаръӣ эрод мегирад ва барои дафъи шубҳа далелҳои қатъӣ меорад. Сеюм *илм-ул-ҷадал* аст, ки он усули мунозира аст ва онро як қисми илми мантиқ мешуморанд.

Илми дигари ислом — *калом* аст. Илми калом масъалаҳои динӣ ва зиндагии исломиро бо далелҳо, ҳуҷҷати ақлия ва мантиқ, бо ёрии калом (гуфтугӯ) исбот мекунад. Доираи баҳси калом масъалаҳои вобаста ба эътиқоди исломист. Масалан, ягонагии худо (тавҳид), дар шакли ҷисм (таҷсим) ва ё рӯҳ будани он, масъалаи ҷабру ихтиёр, маъво ва ҳадди куфру имон ва ғайра. Ҳар ҷараёни ақидавие, ки ба далелу исбот мӯҳтоҷ буд, аз маҷмӯи илми калом ташаккул ёфт. Унсурҳои илми калом чи аз олами ислом ва чи аз олами хориҷи он ба тариқи мутолиа ва тарҷума ба вуҷуд омад. Пеш аз ҳама, ин илм аз он сабаб ба тадриҷ ба вуҷуд омад, ки бо мухолифони ақидавӣ дар бораи дини ҳақ будани ислом ё набудани он, китоби осмонӣ будан ё набудани қуръон мубоҳисаҳо даргирифт. Баъзе қуръонро китоби худо (каломи оллох) не, таълифи —

* *К. Маркс, Ф. Энгельс.* Соч., т. 8, с. 128.

эҷоди инсон медонистанд, барои ин даъво далелу исботу мунозираҳо лозим буд. Сабаби дигари мубоҳисаҳо ин буд, ки мусулмонон баъд аз ҷангҳои истилогарона нисбатан ором шуда, бо корҳои хоҷагӣ, маданӣ ва илмӣ машғул шуданд, усули динро муайян намудан лозим шуд. Азбаски то он дам усули ягона набуд, байни мусулмонон мунозираҳои зиёде авҷ гирифт. Ҳар кадом барои тасдиқи даъвои худ ба фалсафа ва мантиқ ҳам даст заданд.

Вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқи миллӣ, қабилавӣ, ҳаққи хилофат доштан ё надоштан, масъалаҳои хонадонӣ ва ғайра низ авҷ гирифта рафт.

Ислом на танҳо ба зиддиятҳои дохилӣ, балки хориҷӣ ҳам дучор гардид. Дар дини ислом намояндагони динҳои зиёде буданд, ки расман исломро қабул карда буданд, вале майлашон ба ақидаҳои динии пешина буд, ба урфу одатҳои бобоён ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд ва масъалаҳои дини исломро аз нуқтаи назари динҳои пешина, ки ҳоло ҳам дар кишвари исломӣ вуҷуд дошт, ҳал карданӣ мешуданд. Бо онҳо, ки душманони ғоявӣ буданд, низ мубориза ва мубоҳиса бурдан лозим омад. Ин муборизаро бештар мӯътазилиҳо мебурданд. Барои ин мақсад бо ақида, ҷаҳонбинӣ ва фалсафаи рақибони худ шинос шудан лозим шуд. Пайравони динҳои яҳудӣ, исавӣ (махсусан) бо афкори фалсафӣ мусаллаҳ буданд. Барои муборизаи ғалабаовар ба тафаккури фалсафӣ, мантиқӣ ва илмӣ муроҷиат намудан лозим шуд. Азбаски ҳарифон бо фалсафаи юнонӣ мусаллаҳ буданд, мусулмонҳо низ бо он мусаллаҳ шуданд. Бо ин роҳ дари тарҷума кушода шуда, илму дониш ва фалсафаҳои зиёде ба олами ислом дохил шуда, вазъиятро боз ҳам мураккабтар кард. Акнун на танҳо бо намояндагони динҳои ғайр, балки бо намояндагони қувваҳои оппозиционӣ ва мухолифони исломӣ ҳам мубориза бурдан лозим омад. Дар натиҷаи ин муборизаҳои ақидавӣ ва назариявӣ илми каломи мусулмонӣ ташаккул ёфт, ки он, аз як тараф, ба ояту ҳадисҳо ва суннати мусулмонӣ, аз тарафи дигар, ба фалсафа, мантиқ ва унсурҳои динҳои дигар, аз қабили дини монӣ, зардуштӣ, масеҳӣ, исавӣ ва ғайра такья мекард. Онҳоро, ки бо ин кор машғул буданд, «мутакаллим» номиданд.

Илми калом дар замони халифаҳои аббосӣ ба вуҷуд омад. То он вақт масъалаҳои баҳси диниро «Фиқҳ-ад-дин» меномиданд, ки ба муқобили «Ал-фиқҳ-фил-илм» буд. Абӯҳанифа китоби дар ин боб навиштаашро «Фиқҳ-ал-акбар» номид. Пас, пеш аз он ки илми калом бо фалсафа ва мантиқ омезиш ёбад, ҳамчун илм вуҷуд надоштааст, вале унсурҳои он пеш аз таввлиди илми калом, ки Яъқуб ибни Асҳақ Ал-Киндӣ (с. в. 871) асосгузори он аст, вуҷуд доштааст. Илми калом илми ягона набуд. Мазҳабҳои зиёде ба худ илми калом ва мутакаллим доштанд. Намунаи беҳтарини илми калом дар асари Ибн-ул-Надим «Китоб-ул-феҳраст» ифода ёфтааст.

Гурӯҳи дигари илмҳо — улуми ақлия аст, ки он аз табиат ва тафаккури инсонӣ, назария, таҷриба бо далелу исбот ба вуҷуд омадааст. Дар классификацияи пешинагон аз илмҳои ақлия илми илоҳӣ (метафизика), табиӣ, ахлоқро фаҳмидаанд, ки асоси он мантиқ мебошад. Ҳамаи ин чор илмро ба ҳикмати назарӣ ва ҳикмати амалӣ ҷудо карда, мантиқро дар ибтидои он ба сифати мадхал шинохтаанд.

**Ҳикмати назарӣ** чиро дар бар мегирад:

а) **Ҳикмати табиӣ** ва усули он аз ҳашт қисм иборат аст: **Илм-ал-симоъ-ал-табиӣ** — шинохтан, донистан ва ошкор кардани тағьироти олами табиӣ, чунончӣ, сукунат, ҳаракат, замон, макон, интиҳо, беинтиҳоӣ ва ғайра. **Ал-самоъ-ал-олам** — усули шинохтани ҷисмҳои басит (ғайри органикӣ)-и улвӣ (олӣ) ва сифлӣ (паст). **Ал-кавн ва фасод** — дар маърифати рукнҳо, унсурҳо ва тағьиру табдили суратҳои моддаи муштарак (материя ё ки ҳаюло). **Ал-осор-ал-улвия** — дар бораи донистани сабаби ҳодисаҳои ҳаво ва замин. **Илми маодин** — дар бораи донистани маъданҳо — чизҳои мураккаб ва чигунагии таркиби онҳо. **Илми набот** — дар хусуси шинохтани ҷисмҳои нумӯкунанда (номия), нафсҳо (ҷонҳо) ва қувваҳои наботӣ. **Илми ҳайвон** — дар бораи маърифати ҷонварон, ҷисмҳои ҳаракаткунанда, нафсҳо ва қувваҳои онҳо. **Илм-ал-нафс** — дар бораи донистан ва шинохтани нафси нотиқаи инсонӣ ва чигунагии (кайфияти) он дар ҷисм. **Илми кимиё, зироат, тиб** ва **нуҷум** аз шоҳаҳои илми табиист.

б) **Илми риёзӣ** (математика) — аз **илмҳои ҳандаса** дар бораи шинохтани миқдор аст. **Илми адад** — дар бораи шинохтани ададҳо ва хосияти он. **Илми нуҷум** — дар бораи донистани ихтилофи вазъи ҷирмҳои осмонӣ ва нисбати онҳо бо якдигар ва бо ҷирмҳои заминӣ, миқдори ҳаракатҳо ва аз ҳам дур андохтани онҳо. **Илми таълиф** — дар бораи шинохтани овозҳо ва оҳангҳо, яъне илми мусиқӣ. **Илми манозир** (манзарҳо — ҷойҳои назар), **илми мароё** (оина, муқоиса), **илми ҷабр ва муқобила, илми ҷарр асқол** — илми баркашидани борҳои вазнин, **илми найрангҷот** (чашмбандӣ) ба ин гурӯҳ мансубанд.

в) **Илми мобаъд-ут-табиат** ё ки **моваро-ат-табиата** ва он аз ду қисм иборат аст: **Илми илоҳӣ,** ки он дар бораи маърифати воҷиб-ал-вуҷуд, яъне худо, ақлҳо ва нафсҳо баҳс менамояд. Қисми дуюм **фалсафаи улӣ** (худоҳо) — дар бораи шинохтани амрҳои кулли аҳволи мавҷудот аз қабили ваҳдат (ягонагӣ), касрат (бисьёрӣ), вуҷуб (воҷибаҳо), имкон, ҳудус (ҳодисаҳо), қидам (қадим будан) ва ғайра. **Илми шинохтани нубувват** (пайғамбарӣ), **имомат** (имомиғарӣ) ва **маод** (охират) аз шоҳаҳои ин илм аст.

**Аз ҳикмати амалӣ** чиҳо фаҳмида мешавад? Илму ҳунаре, ки ба ҳаракат, феъл ва зисту зиндагии ҳаррӯзаи инсонӣ, ки барои камолоти ӯ зарур аст. Онро ба се қисм ҷудо кардаанд: а) илми тарбияи нафс ё ки тарбияи ахлоқ; б) илми тадбири ман-

зил — хонадорӣ, в) илми сиёсати шаҳру мамлакат, яъне идораи халқу мамлакат.

Дар муқаддимаи ҳамаи илмҳои ақлия илми мантиқ, ки онро улуми олия ҳам мегӯянд, ҷой гирифтааст ва он аз 9 қисм иборат аст: Ал-мадхал, ал-мақулот, ал-иборат, таҳлили қиёс (аналитикаи аввал), ал-бурҳон (аналитикаи сонӣ), ҷадал-ал-муғолитайн (суфасто-софистика), ал-хитоба (риторика), ал-шеър (поэтика).

Гурӯҳи сеюми илм дар асрҳои миёна **улуми адабия** аст. Чуноне ки аз фактҳои таърих маълум аст, дар гузашта илми адаб мисли ҳозира классификация нашуда буд, мафҳуми он маънои илми лингвистикаро ҳам дар бар гирифтааст. Аз илми адаб дар шаклҳои гуногун ифода ёфтани маъноҳоро фаҳмидаанд, ки дар он китобат, хитобат, шеър, луғат, сарфу наҳв ва ғайра фаҳмида шудааст. Аз ин рӯ, калимаи «адаб» донандаи ҳамин илмҳоро ифода мекард.

**Осори илмӣ ва маданӣ**

Истилои араб, ҳар чанд ки ба процесси босуръати феодалӣ кардани муносибати иқтисодии ҷамъиятии асрҳои миёна халал расонд, вале охируламр ба барқарор шудани феодализм монеъ шуда натавонист, баръакс ёрӣ расонд. Аммо дар боби маданият ва адабиёт боигарии дуньёи қадимро хароб намуда, онро дар асоси идеологияи ҷаҳолатпарастии исломӣ аз нав сохт. Ба хотири қуръон китобҳои илмӣ, адабӣ ва динии қадими Эрон ва Осиёи Миёна сӯзонда ва ё ба об ғарқ кунонида шуд. Осори санъати қадим — ҳайкалтарошӣ, рассомӣ нобуд гардонида шуд. Ба ҷои хатҳои қадимӣ — хати арабӣ ва ба ҷои забонҳои илмию адабии пешина забони арабӣ зӯран ҷорӣ гардид. Санъати мусиқӣ, суруд ва рақс ҳаром шуморида шуд. Нақшаҳо ва суратҳоеро кашидан мумкин буд, ки дар он предмети ҷондор набошад. Муаллифон асарҳои худро ба забони арабӣ навиштанд. Ҳамин тавр, дуньёи қадим бо маданияти бои худ ба олами «хомӯшон» фурӯ рафт. Аммо маълум аст, ки истеъдоди халқҳоро барҳам додан мумкин нест. Вай мувофиқи шароити нав бояд инкишоф меёфт.

Забони арабӣ бо вуҷуди унсурҳои лексикии худро ба забони халқҳои маҳаллӣ гузаронидан, худро пурра қабул кунонида натавонист, вай дар доираи расмӣ, маъмулӣ ва аристократӣ монд. Ин забон ҳамчун забони илмӣ ва адабӣ, ҳатто, баъд аз барҳам хӯрдани истилои араб ва ташкили давлатҳои феодалии маҳаллӣ чанде боқӣ монд. Забони маҳаллиро танҳо халқи оддӣ дар гуфтугӯ ва эҷодиёти даҳонакии худ ҳамчун гавҳараки чашми худ нигоҳ дошт ва онро дар ҷараёни тағйироти таърихӣ ва процесси ҳамчун халқ ташаккул ёфтани худ ба ҳамдигар омезиш дода, дар рафти муборизаҳои озодихоҳӣ ба забони ягонаи умумихалқӣ мубаддал кард, ки онро дар давраи таърихи нав — забони форсии дарӣ номидаанд.

Чӣ тавре ки аз таърих маълум аст, муаллифони давраи ав-

вали исломӣ асарҳои худро ба забони арабӣ менавиштанд ва осори дуньёи қадимро ба ин забон тарҷума мекарданд. Масалан, олимон — Мӯсо Ал-Хоразмӣ (780—863), Ал-Фарғонӣ (асри IX), Аҳмад ибни Абдуллоҳ Ал-Марвазӣ (ваф. 970), Абӯнасри Форобӣ (905), Ал-Табарӣ (ваф. 992), Абӯҷаъфар Муҳаммад бини Наршахӣ (асри X) ва ғайра.

**Намунаҳои адабии то асри X**

Бо ташкили давлатҳои маҳаллии феодалӣ, дар боби шеъру адаб, махсусан вазъият хеле тағьир ёфт, шароити мусоиди инкишофи забонҳои маҳаллӣ пеш омад. Ҳукуматдорони нав ба ин масъала эътибор надода наметавонистанд. Бо вуҷуди ин, баъзе аз хонадонҳои феодалӣ, масалан, тоҳириҳо, бо вуҷуди илму адабиётдӯстӣ, ба забони модарии худ асар эҷод намекарданд, арабинависиро афзал медонистанд. Саффориҳо ҳам, бо вуҷуди аз рӯи нақлҳо қасидаи арабиро қабул накардани Амр ибни Лайси Саффор, ба ин масъала чандон эътибор намедоданд. Аз хонадонҳои феодалҳои маҳаллӣ танҳо Сомониён зарурати ин масъаларо зиёдтар ҳис мекарданд ва мефаҳмиданд, ки барои мустаҳкам намудани ҳокимияташон ба забон, адабиёт, маданият ва урфу одатҳои халқи худ такья намудан шарт аст. Дар асри X чанд омили таърихӣ ба тараққиёти илмӣ сабаб шуд: 1. Ба вуҷуд омадани давлати марказонидашудаи Сомониён, ки аз як тараф, дасти истилогарони хилофати арабро дар самти ғарбии мамлакат ва аз тарафи дигар, дасти аристократияи ҳарбии туркро дар шарқу шимоли кишвар кӯтоҳ карда, бехатарии хориҷӣ ва ҳамчунин бо роҳи саркӯб намудани қувваҳои марказгурези иртиҷоии маҳаллӣ осоиши нисбии дохилии мамлакатро таъмин намуд, ки ин ҳол ба тараққии хоҷагии иқтисодӣ, яъне пешрафти корҳои зироат, ҳунармандӣ ва тиҷорат роҳ кушод. Чунин ҳолат ва шароити мусоид ба тараққии афкори илмии маҳаллӣ ёрӣ расонд. 2. Агар яке аз сабабҳои диққати уламои атрофро ба худ ҷалб намудани давлати Сомониён шароити мусоиди иқтисодӣ ва инкишофи илмӣ бошад, сабаби дигар дар ғарби хилофат авҷ гирифтани қувваҳои иртиҷоии динию феодалӣ ва таъқиби уламои ақлӣ буд. Бинобар ин, диққати онҳо ба сӯи Шарқ, ки як навъ паноҳгоҳ ба ҳисоб мерафт ҷалб гардид. Дар натиҷа, дар шаҳрҳои машҳури Осиёи Миёна ва Хуросон — Нишопур, Марв, Урганҷ, Бухоро, Самарқанд ва ғайра доира ва муассисаҳои илмӣ ташкил ёфт. Шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва Урганҷ ба марказҳои илмӣ мубаддал гашт.

Дар Бухоро ташкили китобхонаҳои бузурги подшоҳии ба номи «Авонис-ул-улум», ки дорои китобҳои нодир ва тартиботи хубе буд, аз тараққии илмии кишвар шаҳодат медиҳад. Маълумоти Ибни Сино дар бораи ин китобхона, хеле ҷолиби диққат аст.

Дар айни замон бояд қайд кард, ки дари илм ба рӯи доираҳои васеи халқ баста ва ба доираҳои танги синфи ҳоким

дастрас буд. Ин маъниро ба тариқи мукофот барои ба китобхона даромадан аз подшоҳ иҷозат гирифтани Ибни Сино тасдиқ менамояд. Бо вуҷуди ин, дар замони истилои араб забони илму забони адабӣ бошад ҳам, забонҳои гуногуни эронӣ, аз ҷумла суғдӣ, хоразмӣ, паҳлавӣ ва ғайра як муддат ҳастии худро нигоҳ доштанд ва дар он забонҳо асарҳо эҷод намудаанд. Масалан: порчаҳои суғдӣ, ки дар маҷмӯаҳо вуҷуд дорад, тарҷумаи хоразмии «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ ва ғайра.

Забони форсии миёна — паҳлавиро зардуштиён, махсусан, онҳое, ки исломро қабул накарда ба Ҳиндустон муҳоҷират карда буданд, то охири асри XIII нигоҳ доштанд ва бо ин забон асарҳои худро эҷод намуданд. Баъдҳо онҳо низ ба забони форсии дарӣ гузаштанд, зеро забонҳои қадим ва миёнаи форсӣ фаромӯш шуд.

Дар замони истилои араб як гурӯҳ олимон ва адибон дар мавзӯъҳои дин, ҷуғрофия, таърих ва адабӣ эҷоди асарҳои илмиро ба хат ва забонҳои паҳлавӣ давом доданд, ки маънои чунин рафтор нигоҳ доштани анъанаҳои динӣ-илмӣ ва миллии Эрони Қадим бар зидди истилои араб аст. Дар ин мавзӯъ номи муаллифон ва асарҳои зеринро зикр кардан ҷоиз аст: «Динкард». Ин асар аслан 9 ҷилд будааст, ҳоло ду ҷилди аввал нест. Номи аслиаш «Занд-окосия» буда, дар адабиёти паҳлавӣ бо номи «Динкард» шӯҳрат ёфтааст. «Занд окосия» ба қалами Отур Фарн Бағ Фархзотон (Озар Фарн Бағ писари Фаррухзод) мансуб буда, ба асрҳои VIII—IX мансуб аст.

«Динкард» асари дорои аҳамияти илмӣ, таърихӣ ва этнографӣ буда, барои донистани аҳволи динӣ, таърихӣ ва этнографии давраи Сосониён ва асрҳои аввали давраи истилои араб аҳамияти калон дорад. Ин асар бо ташаббуси Пашутан Синҷоно (9 ҷ.) ва писари ӯ Дороб Синҷоно (10 ҷ.) дар матни паҳлавии гуҷротӣ, англисӣ бо эзоҳоташ дар Бамбай чоп шудааст.

«Бундаҳишн». Ин китоб асари динии зардуштӣ буда, ғайр аз хилқати оламу одам, дар мавзӯъҳои таърих ва ҷуғрофиё баҳс менамояд. Дар фасли 33-и ин асар, ки аз таърих баҳс менамояд, таърихи Эрон аз қадим то истилои араб оварда шудааст ва сарлавҳаи он ба офати истилои араб ишорае менамояд: «Андар газанди ҳазор-ҳазор, ки ба эроншаҳр расид». Асари мазкур аҳамияти калони таърихӣ дорад. Дар боби 35 дар бораи Қаёниён, дар боби 31 дар бораи шаҳру маҳалҳои Эрон сухан рафтааст. «Урдовирофнома» низ китоби динию мазҳабии Маздоясно мебошад, ки оид ба чигунагии меъроҷ, биҳишт, дӯзах ва мукофоти амал аст. Таълифи он дар миёнаи асри IX милодӣ тахмин шудааст, кӯтоҳтарин нусхаи он ба асри X тааллуқ дорад. Аз зардӯштиёни асри XIII шоир Баҳром Пажӯҳ онро ба назми форсӣ тарҷума кардааст.

«Шиканд гумоник вичор». Ин китоб аз китобҳои бузурги

зардуштиёни баъди ғалабаи ислом буда, Мардон Фаррух Урмуздотон, ки дар миёнаи асри IX зиндагӣ мекард, онро барои исботи ҳақ будани дини зардуштӣ ва радди дини масеҳӣ ва ислом навиштааст. Мардон Фаррух дар исботи ақидаи зардуштии худ бештар ба фалсафа такья намуда, ба саволҳои фалсафӣ ҷавоб додааст ва эътиқодмандони худро ба мубориза бар зидди ҳуҷуми дини ислом мусаллаҳ менамояд. Ин китобро як навъ маҷмӯи ақидаҳои фалсафии зардуштӣ номидан мумкин аст. Аз он на танҳо ақидаи фалсафии Эрони Қадим, балки истилоҳоти фалсафии он низ фаҳмида мешавад.

«Шаҳристонҳои Эрон» китоби хеле муҳими ҷуғрофиёи Эрон буда, дар бораи бинои шаҳрҳо маълумот медиҳад. Ин гуна китобҳо аз қабили «Зот спарим», «Шоист нашоист», «Модигони чатранг» (Саштранҷнома), «Модигони гуҷастак Аболиш» (ин китоб мубоҳисаи Аболижи зиндиқ ва Отур Фарн Бағ писари Фаррухзодро, ки соли 825 милодӣ дар назди халифа Маъмун (813—33) дар Бағдод зоҳир гаштааст, акс кунонидааст), «Андаржи Отурпоти Морспандон» (Озарбод писари Мехрспанд) ва ғайра, аз осори паҳвалӣ-зардуштии давраҳои гуногуни баъд аз истилои араб аст. Аз ин фактҳои таърихӣ ҳувайдост, ки ислом ғалабаи мутлақ карда бошад ҳам, пайравони дину маданияти халқҳои Эрон тамоман таслим нашуда, ҳастӣ ва ифтихори маданию миллии худро дар кишварҳои исломӣ ва берун аз он, махсусан, дар Ҳиндустон нигоҳ доштаанд. Фаъолияти қисме аз олимони халқҳои эронӣ дар замони истилои араб тарҷумонӣ аз забони эронии паҳлавӣ ба забони арабист, то ки ба ин восита маданияти қадимӣ нигоҳ дошта шавад. Масалан, машҳуртарини тарҷумонҳо инҳоянд: Ибн-ул-Муқаффаъ, Ҷабалата бинни Салим, Муҳаммад бини Ҷаҳм-ал-Бармакӣ, Баҳроми Ҳиравии Маҷусӣ, Умар бинни Тархони Табарӣ, Навбахти Мунаҷҷим ва чанде дигар. Онҳо китобҳои оид ба таърих, адабиёт, ҳикмат, вазн, масъалаҳои илмӣ ва ғайраро аз забонҳои эронӣ ба арабӣ тарҷума карданд. Аз ҷумла: «Худойнома» (бо номҳои гуногун «Шоҳнома», «Сайр-ул-мулук», «Сайри мулук-ул-фурс», «Таърих-ал-мулук-ал-фурс», «Сайрат-ал-фурс» ва ғайраҳо ёд мешаванд), «Достони Искандар» (ин китоб аслан юнонӣ буда, ба эронӣ, сурьёнӣ ва арабӣ тарҷума шудааст), «Китоб-ал-сувар» (сурати подшоҳони Сосонӣ—27 мард ва ду зан), «Китоб-ал-саксекин» (дар бораи паҳлавонони Систон, махсусан, дар бораи Рустам), «Оиннома», «Гоҳнома» (расму оини давлатдорони сосониён), «Достони Баҳроми Чӯбин» (тарҷумаи Ҷабалата бинни Салим), «Достони Рустам ва Исфандиёр», «Достони Пирони Виса», «Достони Доро ва бути Заррин», «Китоби Зодонаррух дар таъдиби писараш», «Аҳди Қисро ба писараш Ҳурмуз ва посухи Ҳурмуз бад-он», «Аҳди Ардашер бо писараш Шопур», «Китоби мӯбадони мубад дар ҳакам ва ҷавомеъ ва одоб», «Китоби Маздак», «Китоб-ал-тоҷ дар сифати Анӯшервон», «Китоби сирати Алишер», «Китоби

Буньёддухт», «Китоби Баҳромдухт», «Китоби заҷр-ал-фурс», «Китоб-ул-фол», «Китоб-ал-ихтилоҷ», «Оини тирандозӣ аз Баҳроми Гӯр», «Оини чавгон задан», «Китоби сутурпизишкӣ» (байторӣ), «Зичи шаҳриёр», «Қорномаи Анӯшервон», «Достони шаҳри Буроз бо Анрвеж», «Лӯҳроспнома, «Китоби Ҷомосп дар кимиё», «Гузориши шатранҷ», «Достони Хисраву Ширин» ва дигарҳо, ки оид ба ҳикмат, мантиқ, деҳқонӣ (зироат), таърих, риёзиёт, адабиёт, қиссаҳо, ҳикояҳо ва ғайра навишта шудаанд.

Аз китобҳои таълимоти монавӣ низ чанд асар ба забони арабӣ тарҷума шудааст. Ибн-ул-Надим дар китоби «Ал-феҳраст» ҳафт китоби Монӣ ва аз рисолаҳои пайравони Монӣ 75 асарро зикр кардааст. Ҳамаи асарҳои монавиён тарҷума нашудааст, як қисми онҳо дар забони аслӣ боқӣ мондаанд, ки онро олимони минбаъдаи давраи исломӣ аз қабили Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ мутолиа кардаанд. Онҳо инҳоянд: «Сафар-ул-ҷабобарат», «Қазн-ул-эҳьё», «Субҳ-ал-яқин», «Ал-таъсис», «Ал-инҷил», «Шопургон», «Сафар-ул-асрор» ва ғайра. Баъзе аз инҳо дар забони сурьёнӣ ва баъзе дар забони паҳлавӣ будааст.

Қисми дигари фаъолияти тарҷумонии эрониён дар давраи исломии асрҳои VIII—X ба тарҷума аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ ва ҷамъ намудани осори фольклорӣ ва адабиёти қадими то истилои араб бахшида шудааст. Масалан, тарҷумаҳо монанди «Аёткори Зарирон», «Қорномаи Ардашери Попакон», «Достони Баҳроми Гӯр», «Пандномаи Бузургмеҳри Бахтакон», «Гузориши шатранҷ» ва ғайра. Ҷамъкунандагони «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ низ аз ҳамин қабил касонанд, ки дар баргардонидани асарҳо аз паҳлавӣ ба дарӣ хизмат кардаанд. Қисмати кори онҳоро чунин ҳақиқати таърихӣ тасдиқ менамояд, ки аз ин материалҳо ва достонҳои тарҷума шуда Дақиқӣ ва Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ истифода кардаанд. Факти дигари тарҷума аз паҳлавӣ ба дарӣ «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ мебошад. Дигаре «Ардовирофнома» аст, ки шоири зардуштӣ Баҳром Пажӯҳ аз паҳлавӣ ба дари ба шеър тарҷума кард.

Аз осори адабӣ ва забони давраҳои қадим ва замони нав маълум мегардад, ки давраи феодалӣ бо дуньёи қадим алоқаи узвӣ дорад. Забони нави форсӣ (тоҷикӣ)-и давраи нав — забони дарӣ инкишофи забони форсии миёна буда, адабиёти бадеӣ ҳам, махсусан, дар мисоли асарҳои фольклорӣ давоми адабиёти кадим аст. Дар бораи он ки шеъри форсиро бори аввал кӣ гуфт, баҳс мекарданд ва аз рӯи як байти қадим ба Баҳроми Гӯр (асри V) нисбат медоданд.

Баҳром гуфтааст:

Манам он пили дамону он шери яла,

Дилороми Чангӣ гуфтааст:

Ном Баҳром турову падарат буҷила.

Ин байт, агар дар ҳақиқат аз Баҳроми Гӯр бошад, фақат алоқаи забони ду давра ва аз адабиёти қадими то исломӣ канда набудани адабиёти дариро нишон медиҳад. Шеъри форсии дарӣ бояд аз истилои араб аз асри VIII оғоз ёфта бошад ва алоқаи он бо фольклор ҳатмӣ аст. Чанд намунаи хурде мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати сохт ва забон байни адабиёти қадим ва нав меистад: Яке шеъри фольклории аҳолии Балх аст, ки ба муносибати мағлубияти ҳокими араб Асад бинни Абдулло аз аҳолии Хатлон дар соли 728 эҷод шудааст. Муаллифи «Таърихи Табарӣ» онро ба аҳолии Балх нисбат додааст:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Обор боз омадия,
Бедил фароз омадия.

Шеъри дигар шеъри ҳиҷоии Абулянбағи Аббос ибни Тархон аст (солҳои 786—802 дар ҳаёт будааст), ки онро муаллифи китоби «Ал-мафолик в-ал-мамолик» қайд намудааст ва он аз харобии Самарқанд шикоят дорад:

Самарқанд — қандманд,
Ба зинат кӣ афканд?
Аз Чоч та баҳӣ,
Ҳамеша та хаҳӣ.

Мазмунаш:

Самарқанди ободон,
Кӣ туро бад-ин ҳол афканд?
Ту аз Чоч беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ.

Мисоли дигаре, ки дар тазкираҳо («Маҷмаъ-ул-фусаҳо») ва намунаҳои адабиёт (Намунаи адабиёти Эрон) ба сифати намунаи шеърҳои давраи аввал оварда шудааст, шеъри Хоҷа Абдулаббоси Марвазист (ваф. с. 816).

Эй расонида ба давлат фарқи худ бар фарқадайн,
Густаронида ба фазлу ҷуд дар олам ядайн.
Мар хилафатро ту шоиста, чу мардум дидаро,
Дини яздонро ту боиста чу рухро ҳар ду айн.
Қас бад-ин минвол пеш аз ман чунин шеъре нагуфт,
Мар забони порсиро ҳаст бо ин навъ байн.
Лек аз он гуфтам мидҳат туро, то ин забон
Гирад аз мадҳу санои ҳазрати ту зебу зайн.

Ҳарчанд ки баъзе маъхазҳо (аз ҷумла китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», 1958, саҳ. 153) ба шоири асри VIII—IX Абулаббоси Марвазӣ ва ба шеъри давраи аввал мансуб будани ин

қасидаи ӯ, ки соли 809 ба муносибати ба Марв омадани ноибхалифа ал-Маъмун ибни Ҳорун-ар-Рашид навишта шудааст (Ҳ. Эте. Таърихи адабиёти форсӣ. Теҳрон, 1337 ҳ. ш., саҳ. 21), шубҳа доранд, вале он аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷӯҳ аст: Аввало, ин порчаи қасида мазмунан ба таърихи воқеъа мувофиқат мекунад, зеро мадҳ аст ба ноибхалифае, ки нав таъин шудааст. Ҳарчанд кӣ будани ин халифа аз шеър маълум намешавад, вале ҷои навишта шудан, шоири маҳал ва қадамгоҳи таъиноти ноибхалифа онро тасдиқ менамояд. Лаҳзаи дигар он аст, ки шоир қайд кардааст: «Қас бад-ин минвол пеш аз ман чунин шеъре нагуфт, Мар забони порсиро ҳаст бо ин навъ байн». Аввалин шеъри форсӣ будани он шояд ба он маъно дуруст аст, ки шеъри мадҳия мебошад, яъне пеш аз Абулаббос ҳеҷ кас қасидаи мадҳияи форсӣ-тоҷикӣ нагуфтааст. Дар шеъри мазкур қайд шудаст, ки шоир аз мамдӯҳи худ Ал-Маъмун, ки модараш эронинажод буд ва ба халқҳои эронӣ каму беш ҳусни таваҷҷӯҳ дошт ва дар он вақт шеъри форсӣ ривоҷу равнақ надошт, ҳама арабизабон буданд, ёрӣ мехоҳад. Онҳое, ки шоирро ба асри X (вафоташ 912) ва услуби ин шеърро ба асри XI—XII нисбат медиҳанд, ба бемантиқӣ роҳ медиҳанд, вале агар соли вафоти Абулаббос 912 не, 816 эътироф шавад, фактҳо ба ҳам мувофиқ меоянд. Он гоҳ масъалаи услуб ва таркиби лексикии шеър бар ҷой мемонад. Услуби адабии шеъри мазкур ба замони худ чандон бегона нест. Масъалаи бисьёрии калимаҳои арабиро бо он факти таърихӣ эзоҳ додан мумкин аст, ки шеъри мазкур на аз доираҳои халқӣ, балки аз доираҳои аристократӣ баромадааст, ки барои онҳо забони арабӣ забони асосӣ буд. Ин ҳол факти дигареро ҳам ошкор менамояд, ки калимаҳои забони арабӣ ба забони шеърҳои аввалини тоҷикӣ маҳз аз доираҳои дарбори феодалӣ ва рӯҳониёни дини ислом омадааст. Шоироне, ки ба доираҳои халқӣ наздик буданд, аз олоиши забони арабӣ нисбатан озод буданд. Масалан, як байти Абӯҳафси Суғдӣ, ки соли ҳаёташ номуайян аст, ин маъниро тасдиқ менамояд:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо?
У надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?

Дар ҳақиқат, дар ин байт ягон калимаи арабӣ нест, вале дар байти дигаре, ки низ ба ӯ нисбат медиҳанд:

Бӯсу назарам ҷамол бошад бо ёр,
Ин фатво (ман) гирифтаам аз гургир.

аллакай ду калимаи арабӣ ба назар мерасад. Пас, таркиби луғавӣ на он қадар меъёри дараҷаи аввалро дорад.

Ҳамин тавр, шеъри тоҷикӣ (форсӣ) аз анъанаи фольклор ва шеъри қадим оғоз ёфта, дар алоқа ва омехтагӣ бо шеъри араб ташаккул ёфтааст. Нимқофиядории шеъри қадим бо таъсири

шеъри араб пурра ба қофиядорӣ гузашта, шакли мунтазамерс соҳиб шудааст.

Дар масъалаи шаклҳои шеърӣ ҳам таъсири фольклор калон аст. Аксарияти шеърҳои аввал дар шакли рубоист, ки он моли фольклори халқҳои эронист. Шакли бандҳои чоргона, ки дар «Авасто» дида шуд, шояд ба шакли дубайтаҳо ва мураббаъ, ки дар боло дидем, таъсир расонда бошад. Шакли маснавӣ ҳам хоси адабиёти форсу тоҷик аст. Дар масъалаи шеърҳои мадҳия ҳам адабиёти қадим набояд аз ин шакли шеърӣ маҳрум бошад, зеро доираи давлатҳои бузурги қадим ва талаботи идеологии он ин шакли шеъриро тақозо мекард. Инро сурудҳои қадим низ тасдиқ менамоянд. Барои шакли арабӣ доштани қасидаи мадҳия, ки дар адабиёти ҳатто то исломии араб вуҷуд дошт, шубҳае нест.

Дар байни шаклҳои шеърии давраи аввал шакли қитъа бисьёр ба назар мерасад, ки шояд аз шеъри қадим таъсир гирифта бошад:

Меҳтарӣ гар ба коми шер — дар аст,
Шав хатар, к-он зи коми шер биҷӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.

*Ҳанзалаи Бодғисӣ*

Ба ҳамин тариқ, шаклҳои рубоӣ, мураббаъ, қитъа, маснавӣ ва қасида аз солҳои аввали пайдоиши шеъри тоҷикии дарӣ маъмул гардидааст.

Ин шеърҳо аз ҷиҳати мазмун ошиқона:

Ёрам сипанд агарчи ба оташ ҳамефиканд,
Аз бахри чашм, то нарасад мар варо газанд.
Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор,
Бо рӯи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.

*Ҳанзалаи Бодғисӣ*

ва панду ҳикматомезона мебошад:

Хуни худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ бар канор.
Бутпарастидан беҳ аз мардумпараст,
Панд гиру кор банду гӯш дор.

*Абӯсалики Гургонӣ (асри X)*

Ин шеърҳо хиштҳои аввалини шеъри нави тоҷикиро гузоштаанд.

**Муҳити адабӣ. Осори адабии асри X**

Адабиёти асри X чи барои тоҷикон ва чи барои эрониён (форсҳо) аҳамияти асосгузорӣ дорад. Пеш аз ҳама, аксарияти намояндагони адабиёти ин давр аз шаҳрҳои Осиёи Миё-

на, Хуросон ва Бохтар буданд. Дар ин давра дар Эрони Ғарбӣ, дар ҳудуди давлати оли Буйя ва оли Зиёр баъзе шоирони форсигӯй аз қабили Қобус ибни Вушмгири Зиёрӣ (976—1012), Абӯбакр Муҳаммад ибни Алӣ Хусравӣ, Абӯлайси Табарӣ, Абулфатҳи Пиндори Розӣ (ваф. 1011), Ғазории Розӣ, ки аксарият шоири дузабона буданд, шеърҳо ба забони арабӣ ва форсии дарӣ эҷод карда бошанд ҳам, мисли шоирони қаламрави Сомониён сермиқдор ва пурмаҳсул набуданд. Аз ин рӯ, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик он мавқееро, ки шоирони шарқӣ ишғол карда буданд, надоштанд. Дар бораи шоирони ҷи арабизабон ва ҷи форсизабони Осиёи Миёнаву Эрон тазкиранависи охири асри X ва аввали асри XI Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммад ибни Исмоил ас-Саолабӣ (961—1038) дар тазкираи чорҷилдаи худ «Ятимат-уд-даҳр» (гавҳари даҳр) маълумот додааст. Бештарини шоирони ин тазкира арабизабонанд. Дар ҷилди 4-уми он дар бораи 119 шоири гузашта ва ҳамзамонони худ, ки аз Мовароуннаҳр ва Хоразманд, маълумот медиҳад. Ҳайати синфӣ ва табақавии онҳо ба тариқи зерин аст: Амир чор кас, вазир — ҳашт кас, котиб — 28 кас, ҳоким, амалдор, қозӣ ва заминдори калон 31 кас. Аз ин ҳайат дидан душвор нест, ки адибон аксарият аз синфи ҳокиманд, зеро одатан ҳар синф дар вақти ҳукмрониаш барои ҳамсинфони худ шароити иқтисодӣ ва маданӣ муҳайё мекунад. Инро факти дар Бухорои асри X мавҷуд будани китобхонаи бузурги «Авонис-улулум», ки ба он на ҳар як фарди китобхон ҳуқуқи даромадан дошт ва олиму табиби номӣ ва ҷавон Абӯалӣ ибни Сино, ки бо вуҷуди фарзанди амалдор будан танҳо баъд аз табобати подшоҳ ба тариқи мукофот иҷозати ба китобхона даромадан гирифта буд, тасдиқ менамояд. Бо вуҷуди ин, мавҷудияти чунин шароити маданӣ, ки ба тараққиёти умумии халқ ёрӣ мерасонад, ифтихори миллат мебошад.

Дар Бухорои Сомонӣ мавҷудияти доираи адабии расмӣ ва ғайри расмӣ аз фактҳои таърих маълум аст. Доираи расмӣ дар дарбори амир, доираи ғайри расмӣ дар мадрасаҳо ва манзилҳои шахсии шоирон ва баъзе одамони илму адабдӯст вуҷуд дошт.

Ба доираи расмии адабӣ сардори шоирон, ки шояд ӯ надими амир ҳам буд ва унвони малик-ул-шуароӣ дошт, раҳбарӣ мекард. Кай ва аввал дар назди кадом амири Сомонӣ ташкил ёфтани доираи адабии Бухоро маълум нест. Абӯабдулло Рӯдакиро аввалин малик-уш-шуарои сомониён дар замони амирии Насри II (914—943) мешуморанд, ки дар ин вақт Рӯдакӣ 56—83-сола буд, вале байти машҳури ӯ:

Раҳӣ, савору ҷавону тавонгар аз раҳи дур,
Ба хидмат омад некӯсиголу некандеш.

ки дар он ҷавонии ӯ қайд шудааст, шояд барвақтар аз замони Насри II дар замони падари ӯ Аҳмад ибни Исмоил, балки бо-

бои ӯ рӯй дода бошад. Баъд аз Рӯдакӣ як муддат малик-уш-шуарои дарбори сомониён Абӯзироаи Ҷурҷонӣ буд, ки ба мартабаву иззату обрӯи Рӯдакӣ рашк бурдааст.

Азбаски доираи адабии дарбор — доираи аристократист, ҳар кас шоири дарбор шуда наметавонист ва аз ин рӯ, танҳо доштани истеъдод кифоя набуд. Шоири дарбор бояд аз табақаи болои ҷамъият, соҳиби бизоати иқтисодӣ, манзили мутаkаббирона, ғулому пешхизматҳо бошад, то ки бо либоси кабирона ба ҷамъияти аъёну ашроф даромада тавонад.

Дар бораи чигунагии шоир умуман, шоири дарбор махсусан, Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола»-и худ (1155—56) чунин навиштааст: «Аммо шоир бояд ки салим-ул-фитрат, саҳеҳ-ут-табъ, дақиқ-ун-назар бошад. Дар анвои умуми мутанаввеъ бошад ва дар атрофи русум мустатриф, зеро ки чунон ки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад ва шоир бояд, ки дар маҷлиси муҳоварат хушгӯй бувад ва дар маҷлиси мубошарат хушрӯй ва бояд, ки шеъри вай бад-он дараҷа расида бошад, ки дар саҳифаи рӯзгор мастур бошад ва дар алсинаи аҳрор мақрӯъ, бар сафоин бинависанд ва дар мадоин бихонанд... ва чун шеър бад-ин дараҷа нарасад, илло ки дар унфвони шабоб ва дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимин бояд ёд гирад ва даҳ ҳазор аз осори мутааххирин пеши чашм кунад ва пайваста давовини устодон ҳамехонад ва ёд ҳамегирад...» ва ғайра. Низомии Арӯзӣ таъкид кардааст, ки подшоҳ чунин шоирро бояд тарбия кунад, яъне ёрии моддӣ расонад.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки шоирӣ танҳо истеъдод не, мактаб ва шарту шароитҳо хам дорад. Шоир бояд аз таълими чунин мактабҳои шеър, ки аз дасти устод гузаштан аст, аввал ба устоди худ қасидаи мадҳия гуфта, аз ӯ фотиҳа гирад ва бо тавсияи вай ба назди малик-уш-шуаро шавад, ки барои ӯ низ қасидаи мадҳияе лозим аст. Он гоҳ маликушшуаро бо қасидаи мадҳияи ӯ вайро ба подшоҳ манзур менамояд ва агар мақбули ӯ гардад, аз хазина маошаш таъин мекунад. Он гоҳ дар дарбор мақоме ва ҷое пайдо мекунад. Маълум аст, ки ҷои ӯ аз аъёну ашроф паст аст, зеро ба вай (ҳар қадар донишманд ва боистеъдод бошад ҳам) ҳамчун ходими дарбор, шахсан маддоҳи подшоҳ нигоҳ мекунанд. Шоир аз ин ҳолати худ рӯҳан норозӣ бошад ҳам, илоҷе надошт. Дар маҷлиси подшоҳ барои шеърҳои хуб мукофот (сила) медоданд. Он дар шакли табақи пур аз зару нукра буд ва онро бофармони подшоҳ ва ё ҳоким аз хазина мегирифтанд.

Ҳаёти дарбории шоир аз он ҷиҳат хуб буд, ки ёрии моддӣ мегирифт, шӯҳрат пайдо мекард ва девони шеърҳо ба воситаи котибони дарбор паҳн мешуд. Аммо хизмати дарбории шоир ҷиҳатҳои манфии бисьёр ҳам дошт: Аввало аз ҷиҳати ғоявӣ, рӯҳӣ ва эҷодӣ маҳдуд аст. Вай бояд мувофиқи табъи шоҳ шеър гӯяд, ӯро мадҳ ва душманонашро ҳаҷв кунад, бо ин роҳ ба

худ душман ҳам пайдо мекунад. Шароити бади дигари дарбор ин аст, ки он ҷо муносибатҳо ба рашку рақобати шоирон асос ёфтааст, ки он оқибат ба душманӣ меанҷомид, боиси иғвою тӯҳматҳо мегашт. Ҳар кас бо ҳар роҳ, ки худро ба подшоҳ наздик мегирифт ва аз раъйи ӯ истифода мекард, ба хариф ва рақибаш зараре оварда метавонист:

Эй маҷлисиёни ҳазрати шоҳ!
Дарьёи шумо наҳанг дорад.
Аз бахри худо ба ман бигӯед:
То нони шумо чӣ ранг дорад?!

*Мунҷики Тирмизӣ*

Шароити аз ҳама бад — инҷиқӣ, худраъйӣ худсарӣ, якраҳагӣ ва фармонфармоии шоҳ аст, ки аз он ҳеҷ кас халосӣ надошт. Агар шоҳ бо ягон сабаб аз шоир ранҷида бошад, ҷазои қатл ӯро таҳдид мекард. Дар чунин ҳолат, шоир аз дарбор рафта наметавонад, зеро чунин касро ба озодӣ намегузоранд, хавфнок аст, чунки шоҳро ҳаҷв мекунад:

Ту донӣ, ки бар даргаҳи шаҳриёр,
Бувад хештан доштан сахткор.
Дил аз ҳайбати шоҳ хира шавад,
Бад-ӯ чашми бинанда тира шавад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Барои мисол дар асри X кӯр карда шудани Рӯдакӣ, кушта шудани Дақиқӣ, дар асрҳои XI—XII ба об ғарқ карда шудани Адиб Собир, зиндонӣ шудани Саъди Салмон, кушта шудани Байлаконӣ, чанде ҳабс шудани Хоқонӣ, тахтакулоҳ карда шудани Анварӣ ва ғайраро далел овардан кофист. Аз ин ҷост, ки шоир бо як олам орзуҳои нек бо рӯҳияи «некӯсиголиву» «некандешӣ» ба хизмати дарбор ояд ҳам, зуд ва ё дер аз хизмати дарбор пушаймон мешуд:

Басе нишастам ман бо акобиру аъён,
Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ
Нахостам зи таманно, магар ки дастурӣ
Наёфтам зи атоҳо, магар пушаймонӣ.

*Рӯдакӣ*

Аз ин сабаб, шоирони дарбор дар назди подшоҳ худро шод, хуррам, мамнун ва некбин нишон медоданд:

Он ҷо, ки дирам бояд, анбар барафшонам
В-он ҷо, ки сухан бояд, чун мум кунам оҳан.
Чун бод ҳамегардад, бо бод ҳамегардам,
Гаҳ бо қадаҳу барбат, гаҳ бо зиреҳу ҷавшан.

*Абӯзироа*

Вале худи ҳамин шоир, ки аз ҳаёташ гӯё розӣ ва қаноатманд аст, ҳамин ки аз дарбор ба хонааш омад аз бахти номусоид шикоят мекунад ва гӯё дар рақобат мағлуб шуданашро аз бахту толеи бад медонад:

Ҳар он касе ки набошад зи ахтараш иқбол,
Бувад ҳама ҳунари ӯ ба халқ номақбул.
Шуҷоаташ ҳама — девонагӣ, фасоҳат — ҳашв,
Сухан — газофу карими—фасоду фазл—фузул.

*Абӯзироа*

Абӯзироа як муддат дар рақобат мағлуб ва аз он азоби рӯҳӣ дида бошад ҳам, худ яке аз фаъолони рақобати ҷоҳу манзалат буд. Рашку рақобати ӯ бо Рӯдакӣ ва баъд аз ӯ мансаби малик-уш-шуароиро ишғол кардану ба вай таъна задану худро аз ӯ афзал гирифтани вай ин маъниро тасдиқ менамояд:

Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,
Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.
Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,
Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.
Ҳазор як з-он, к-ӯ ёфт аз атои мулук,
Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.

Абӯзироа ба Рӯдакӣ на танҳо рашку рақобат дорад, ӯро ба кӯрӣ таъна ҳам медиҳад, ки гӯё ӯ барои молу давлат кӯр шуд. Меъёри эҷодӣ ва эстетикии ин шоири рақобатчӣ, ки ба қадри эҷодиёти Рӯдакӣ баҳо дода натавонистааст, атои подшоҳон аст. Аммо таърих нишон дод, ки қимати ашъор ва шахси Рӯдакӣ на дар мансаби малик-уш-шуароӣ ва атоҳои ҳазорон-ҳазори оли Сомон, балки мазмун ва санъати баланди осори бадеии ӯ будааст. Абӯзироа мансаби малик-уш-шуароӣ ва атоҳои сомониёнро ёфт, вале шӯҳрати Рӯдакӣ ва мавқеи устодии ӯ ба вай насиб нашуд. Натиҷаи чунин шароити бади дарбор буд, ки шоирон дар пандҳои худ ба зебу зинати дарбор ва шӯҳрати сохта фирефта нашуданро таъкид намуда, подшоҳро ба оташи сӯзон ташбеҳ доданд:

Шунидам, ки оташ бувад подшоҳ,
Ба наздики оташ чӣ ҷӯяд паноҳ?

*Абушакури Балхӣ*

Ҳаёт ва доираи берун аз дарбори шоирон нисбатан озод ва маҳрамона буд. Қадри онро бештар касоне мефаҳманд, ки заҳри котили ҳаёти адабии дарборро чашидаанд. Аммо ин масъаларо фаҳмидан душвор буд, зеро равияи умумии давр ба подшоҳ бовар кардан, ӯро сояи худо донистан, бахти худ ва халқу кишварро аз вай донистан, ниятҳои неки ба давлати феодалии худ хизмат кардан, ба ёрии моддии шоҳ, ки неъматҳои

моддиро ба хазинааш гирд овардааст, умед бастан, ӯро ба инкор вазифадор шуморидан, баста будани роҳи даромадҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад.

**Равияҳои ғоявӣ ва эъҷоди бадей**

Дар асри X ғояи прогрессивӣ — нигоҳ доштани давлати марказонидашудаи феодалии тоҷикон ва бо ин ният бо қувваҳои марказгурези феодалӣ мубориза бурдан, нигоҳ доштани бутунии территориявӣ, истиқлолияти сиёсӣ ва бо ин ният мубориза бурдан ба муқобили кӯшишҳои истилогаронаи хилофати араб дар Ғарб ва аристократияи ҳарбии турк дар Шарқ аст. Ҳар се вазифа дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хеле равшан акс ёфтааст. Бо ниятҳои шӯҳрати хонадонӣ ва бой гардонидани хазинаи давлат ба имкониятҳои иқтисодӣ, илмӣ, маданӣ ва адабӣ ёрӣ расонидан хислати ҳамин гуна давлат аст. Дар ин асос зоҳиран бошад ҳам, адолатшиорӣ, танбеҳ кардани золимон ва вайронкунандагони қонунҳои дину давлат ва ғайра ба назар мерасад. Ба ин муносибат масъалаи халқият ба миён меояд. Халқият на танҳо равияи ба назаргирандаи манфиатҳои оммаи мазлуми ҷамъият, балки дар амалиёти прогрессивии давлати мутамаркази феодалӣ низ мавҷуд аст, ки хислатҳо ва равиши неки он дар боло қайд шуд. Агар чунин намешуд, ба хизмати давлати сомониён аз раҳи дур омадани Рӯдакӣ ва амсоли ӯ, гурӯҳи хеле зиёди аҳли илму адаб маънии оддӣ, шахсӣ ва булҳавасӣ мегирифт. Хонадони оли Сомонро дастгирӣ кардани аҳли илму адаб аз ҷиҳатҳои объективонаи фоидабахши давлати онҳо, ки ба манфиатҳои умумихалқии сиёсӣ, ватанпарварӣ, илму адбиётдӯстии халқу аҳли адаб ҷавоб дода метавонист, ба вуҷуд омадааст. Дар чунин шароит, ки муносибати қувваҳои истеҳсолии ҷамъияти феодалӣ дар давраи устуворшавӣ ва тараққиёти он мувофиқат кардааст, онҳо ба андозае аз ҳамдигар розианд, масъалаҳои муносибатҳои антагонистии синфҳо як қадар ба ҷои дуюм ва сеюм мегузарад, вале тамоман фаромӯш намешавад, балки дар шаклу мундариҷаи адолатхоҳӣ, халқпарварӣ ва инсондӯстӣ зоҳир шуда меистад. Чунин ҳолат як навъ «иттифоқ»-и муваққатии қувваҳои халқӣ ва феодалӣ ва шоирони дорои майлҳои феодаливу халқиро ба вуҷуд меорад, вале маънои ин фикр инкори муборизаи синфӣ нест. Сабаби «ягонагии» муваққатии аксарияти шоирони асри X ва давлати Сомониёнро ҳимоя кардани аксарияти шоирони ин давр шояд дар ҳамин бошад, вагарна шоири дарбор шудани шоири дорои майлҳои халқӣ Рӯдакӣ дар чист?

Масалан, масъалаи муносибати Сомониён ва хилофати арабро гирем: Ҳар чанд ки амирони сомонӣ расман аз ҷиҳати ҳокимияти маънавии динӣ ба хилофат тобеъ буданд, вале сиёсати мустақилонаи дохилӣ ва хориҷӣ доштанд, давлати худро аз он кам намедонистанд. Бесабаб нест, ки Рӯдакӣ бо пойтахти давлати Сомониён—Бухорро ба пойтахти давлати хилофати араб—Бағдод муқобил гузошта, бо ҳамин маънӣ давлати Со-

мониёнро ба хилофати араб муқобил гузоштааст ва амирони сомониро ситоиш намудааст:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.
Соқӣ, ту бидеҳ бодаву мутриб, ту бизан руд,
То май хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост...

Дар ин порчаи шеърӣ фикри асосии дорои мазмуни шуубия дар байти якум — Бухоро ба Бағдод, ки маркази рӯҳонии хилофат мебошад, баробар аст ва ғалаба (пирӯзӣ) на дар он ҷост, ки халифа нишастааст, балки дар он ҷост, ки мири Хуросон ё ки сомониён ҳастанд. Шоири ватандӯст аз ин ҳолат хурсандона май менӯшад ва тараб менамояд, ки аломати розӣ будан аз истиқлолияти сиёсист. Худро ба шоирони машҳури араб Ҳассон ва Ҷарир баробар кардан ва бо ин роҳ изҳори фахр намудани Рӯдакӣ низ ҳамин маъниро ифода менамояд:

Ҷуз ба сазовори мир гуфт надонам
В-ар чи Ҷарирам ба шеъру Тоию Хассон.

Факти дигари ҳимоя кардани шоири халқӣ Рӯдакӣ сиёсати давлати марказии Сомониёнро дар масъалаи муносибати амирони сомониён ба қувваҳои марказгурези дохилии феодалӣ зоҳир гаштааст. Шоири маҳалпарасти арабинависи хуросонӣ аз авлоди хонадони амирони тоҳирӣ — Абӯтайиб Боҳир ибни Муҳаммади Тоҳирӣ аз рӯи ҳисси маҳалчигӣ ва ҳолати рӯҳияи марказгурезӣ шаҳри Бухороро, ки рамзи ҳукумати марказист, шаҳри касифу нопок ва амири сомонии онро касофатовар маънидод кардааст (тарҷумаи таҳтуллафзи арабӣ):

Бухоро касофат аст, дар ин шубҳа нест,
Будани чизи пок дар он ҷо мушкил аст,
Ва гар гӯӣ, ки дар он ҷо амир иқомат дорад,
Ин фикри заифи касест, ки дигар моли фахр надорад.
Чун худи амир касофат аст, пас ба ман бигӯй:
Магар ҷои касофат холо нест?!

Ба муқобили чунин рафтори ҷудоиталабии маҳаллӣ, ки ягонагии халқу давлатро вайрон мекунад, ба васфи Бухоро ва амири он баромад кардани Рӯдакӣ маъиои халқии ҳимоя намудани феодализми тараққихоҳ ва марказияту ягонагиталабро ифода намудааст:

Эй Бухоро шод бошу шод зӣ!
Мир наздат шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.

Шакли дигари барои давлати марказӣ мубориза бурдан амирони саркашро ба садоқат ба давлати марказӣ даъват на-

мудан аст. Ин мазмун дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хеле зиёд аст. Рӯдакӣ онро дар қасидаи «Модари май» бо роҳи ба вуҷуд овардани образи мусбати феодалии маҳаллии содиқ ба давлати марказӣ ифода кардааст. Мазмуни мафкураи ҳукмрони феодализми мутараққӣ ва ҳимояи он дар адабиёти бадеӣ ҳамин аст.

Дар асри X равияи адабӣ аз қасидасароӣ, достонсароии ишқӣ ва қаҳрамонӣ, панду ҳикмат, ғазалсароӣ ва ҳаҷв иборат буд.

**Мавзӯъҳои адабӣ**

Дар адабиётшиносӣ ақидае ҳаст, ки мавзуъҳои адабиёти асри X, дар навбати аввал адабиёти бадеии дарбор ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад: базм ва разм. Барои исботи ин фикр қитъаи зерини шоири аристократии ин давр Амир Оғочӣ (нимаи дуюми асри X)-ро далел овардан мумкин аст:

Эй он, ки надорӣ хабаре аз ҳунари ман
Хоҳӣ, ки бидонӣ, ки наям неъматпарвард:
Асп ору камон ору каманд ору китоб ор,
Шеъру қаламу барбату шатранҷу маю нард...

Ин порчаи шеърӣ аввало на машғулияти аристократияи танбалу муфтхӯру беҳунари аз ҷони худ безори бо нозу неъмат парваридашуда, балки аристократияи фаъол, ҳунарманд, бомаърифат ва ҳаётдӯстро, ки дар зиндагӣ ҳастии зиндадилона ва пояи устуворе дорад, акс кунонидааст, ки адабиёти дарбор мебоист ҳамин ҳаётро инъикос мекард, зеро зиндагӣ шуурро муайян менамояд. Як лавҳаи ҳаёти аристократӣ шикору ҷанг аст, ки предмети он: «аспу камону каманд» ва лавҳаи дигари он ҳаёти маданӣ, ки асбоби он: китоб, шеър, қалам, шатранҷу нард, лавҳаи сеюми он базму шодӣ ва айшу роҳат аст, ки воситаи он мусиқӣ (барбат) ва май мебошад.

Чунин тақсимоти мавзӯъҳоро шартан қабул карда, ба он ишқбозӣ, панду ҳикмат шунидан, дӯст доштани пейзаж, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба ҳукумати марказиро низ илова намудан ҷоиз аст. Дар адабиёти доираи майлҳои халқӣ шикоят аз замона, аз толеъ, аз зулм, нобаробарӣ, ғаму кулфат ва аз ин рӯ, эътироз ба тақдир ва ҳаҷв ба намояндагони синфи ҳоким ва ғайра мушоҳида мешавад. Аммо дар асри X (аз осори боқимонда) ин мавзӯъҳо мавқеи асосиро ишғол накардааст. Аз рӯи тақсимоти боло мавзӯи базмро бештар ба нимаи якуми асри X, ки давраи нисбатан ороми давлати Сомониён аст, мансуб медонанд, ки ин фикр ҳам шартан қабул аст. Гурӯҳи мавзӯъҳои размро ба нимаи дуюми давраи ҳукмронии сомониён, ки давраи ноороми — ҷангҳои дохилӣ, саркашии феодалҳо, суст шудани ҳукумати марказӣ ва ибтидои ҳуҷуми аристократияи ҳарбии бодиянишини турк аст, нисбат додан мумкин аст. Дар ҳақиқат, кӯшишҳои ҷамъ намудани достонҳои қаҳрамонӣ, навишта шудани шоҳномаҳо, мудофиаи ватан аз хавфи душма-

нони дохилӣ ва хориҷӣ дар ҳамин давра рост меояд. Ҳолати ҳаяҷони рӯҳии ҷанговарӣ ва ба плани дуюм гузаштани мавзӯи базмро шеъри бо ҳамин руҳия навиштаи охирин амири сомонӣ — Абӯ Иброҳим Исмоили Мунтасир — писари Нӯҳ бини Мансур (вафоташ 1005) хеле хуб акс кунонидааст ва бо ин восита ҷанговарони худро ба муқобили таҷовузкорони қарохонӣ ва ғазнавӣ ба қаҳрамонӣ ва истодагарӣ даъват кардааст:

Гӯянд маро: Худ зи чӣ рӯ хуб насозӣ,
Манзилгаҳи ороставу фарши мулавван?
Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни ағонӣ,
Бо пӯяи асбон чӣ кунад маҷлиси гулшан.
Асб асту силоҳ аст, маро базмгоҳу кох,
Тир асту синон аст маро лолаву савсан.
Ҷӯши маю нӯши лаби соқӣ ба чӣ кор аст.
Ҷӯшидани хун бояд бар айбаву ҷавшан.

**Жанрҳои адабӣ**

Дар адабиёти асри X ду жанри адабӣ дида мешавад: *назм* ва *наср.* Назм жанри ҳукмрон ва маъмули давраи феодалӣ буда, дар ҳамаи халқҳо қариб ҳолати умумист. Назми ин давр дар асоси назми фольклории давраи қадим, давраи нав ва таъсири мусбати назми араб инкишоф ва ташаккул ёфт, дар эҷодиёти Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ ба пояи баланди асосгузорӣ расид. Услуби умумии давр — услуби хуросонӣ ва саҳли мумтанеъ аст, ки намунаи барҷастаи он осори адабии Рӯдакист. Равиши эҷодии назмро лирика ва лиро-эпика ташкил медиҳад. Шеърҳои лирикӣ аз лирикаи гражданӣ, ишқӣ, мадҳия, ҳаҷвия, фалсафӣ, ҳасбиҳолӣ ва панду ҳикмат иборат аст. Ба ин равиши эҷодӣ ҳамаи қасидаҳо, рубоӣ, қитъаҳо ва ғазалҳои шоирони асри X мансуб аст.

Ба равияи эҷодии лиро-эпикӣ ҳамаи асарҳои манзуми эпикӣ—достонҳо мансубанд, ки барҷастатарини онҳо «Шоҳнома»-и нотамоми Дақиқӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсист. Мутаассифона, боқӣ намондани достонҳои Рӯдакӣ аз ҷумла «Қалилаву Димна» ва «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ имконият намедиҳад, ки дар бораи онҳо муҳокима ронем. Аммо он факт ҳақиқат аст, ки адабиёти асри X дорои достонҳои ишқӣ, қаҳрамонӣ ва маснавиҳои панду хикмат будааст.

**Шаклҳои шеърии асри X**

**Қасида.** Аз хелҳои гуногуни қасида, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мавҷуд аст, дар асри X қасидаҳои мадҳия (қасидаҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Мантиқии Розӣ, Кисоии Марвазӣ, Хусравонӣ, Мунҷик), ҳасбуҳолӣ ё ки тарҷумаиҳолӣ (қасидаҳои Рӯдакӣ, Кисоии Марвазӣ), марсия (Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Аббоси Рабанзанӣ, Кисоӣ), фалсафӣ (Кисоӣ), хамрия (Рӯдакӣ, Кисоӣ, Башшор, Марғазӣ) ва ғайра ба назар мерасанд. Дар бораи қасидаҳои асри X фақат аз рӯи қасидаҳои мавҷудаи пурра ва нопурра сухан рондан мумкин аст. Аз қасидаҳои асри X дар бораи қасидаи мадҳия таваққуф

намудан зарур аст, зеро аз қасидаи мадҳияи давраҳои минбаъда фарқи ҷиддии ғоявӣ ва таърихию сиёсӣ дорад.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки қасида шакли шеърӣ буда, рӯҳи давр, мафкураи синфи ҳокимро акс ва ҳимоя кардааст, аз ин рӯ, вай аз қасидаҳои мадҳияи минбаъда фарқи ҷиддие надорад. Дар ҳама қасидаҳои мадҳияи чи асри X ва чи асрҳои баъд се хусусияти умумӣ мавҷуд аст: 1. Хислати васфӣ ва таърифӣ дорад. 2. Азбаски ҳамаи умеди халқу шоирон дар тараққии мамлакат ва илму дониш ба подшоҳ аст, пас, табиатан ӯ предмети тавсиф ва идеали маддоҳонанд. 3. Як қисми тавсифҳо ба подшоҳон ҳаққонӣ, қисми дигарашон насья — пешакӣ дода мешавад, то ки ба он сифатҳо соҳиб шаванд. Ба ибораи дигар, ба подшоҳи нек шудан даъват карда мешаванд. Аз ин рӯ, шоирон як андоза маъзуранд.

Ду хусусияти авваларо Г. Плеханов хеле хуб муайян кардааст: «Аммо таърихшинос дар хотир дошта бошад, ки шароитҳои гуноҳи чунин фаъолияти ношоистаи адабиро сабук мекардагӣ ҳам ҳаст. Қасиданависони мо ниҳоят хушомадгӯӣ мекарданд, ки ин ҳол, албатта, баҳснопазир аст, лекин дар қасида, пеш аз ҳама, хушомадгӯиро одати онвақта талаб мекард. Ин одат хеле бад буд, лекин хонандагон ва шунавандагони онвақта медонистанд, ки таърифи муболиғаноки қасидаҳо бо мулоҳиза қабулшаванда мебошад. Қасиданависҳо, пеш аз ҳама, «на аз рӯи тарс, балки виҷдонан» тарафдори ҳокимияти мутлақа буданд. Онҳо ибтидои ҳаракати пешравии Россияро танҳо аз вай интизор буданд. Модоме ки ин тавр аст, чаро онро дар қасидаҳои худ таърифу тавсиф накунанд... Одати ҳокимиятро таърифу тавсиф кардан на аз рӯи он ки вай чӣ кор кардааст, балки боз чӣ корҳо карда метавонад ва бояд кунад, дар фикри таърифкунанда муддатҳои дуру дарозе нигоҳ дошта шуда буд»*.

Қасидаҳои мадҳияи асри X як хусусияти хоси ғоявӣ доранд, ки дар қасидаҳои минбаъда нест: Қасидаҳои мадҳияи асри X подшоҳони «худӣ»-ро мадҳ кардаанд, ҳукумат ва ҳокимияти онҳо, пеш аз ҳама, бо вуҷуди манфиати синфи ҳокими «худӣ»-ро ҳимоя кардан, бо натиҷаҳои объективонааш манфиатҳои истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва миллии халқи тоҷикро ҳимоя кардааст. Ин давлат ва подшоҳони он дасти истилогарони арабро дар Ғарб, аристократияи ҳарбии туркро дар Шарқ кӯтоҳ карда буданд. Давлати онҳо ба тараққиёти иқтисодӣ ва маданию адабии халқи тоҷик таърихан шароити мусоид фароҳам оварда буд. Ин давлат бо ҳастии худ ягонагии халқи тоҷикро ба вуҷуд оварда, онро мустаҳкам мекард, ягонагии сарзамини тоҷиконро таъмин менамуд. Аз ин ҷост, ки барои чунин давлат ва подшоҳи «худӣ» шеъри мадҳия гуфтан, ғайр аз мазмуну мафҳуми феодалии синфи ҳоким маънию мазмуни

* *Г. В. Плеханов.* Литература и эстетика, т. 11, М., 1958, с. 55.

халқӣ ҳам дошт. Агар чунин намебуд, қимати эҷодии Рӯдакӣ ҳамчун шоири маддоҳи подшоҳон чанд поя паст мешуд. Қасидаҳои мадҳияи шоирони дигари асри X ҳам ҳамин вазифаро адо кардааст. Рӯдакӣ ҳамчун шоири мадҳиясаро бар сари ин гурӯҳ шоирон ба сифати маликушшуаро истода, манфиати давлати феодалии «худӣ»-ро ҳимоя менамуд.

Қасидаҳои мадҳияи асри X, агар қасидаҳои мадҳияи нимаи якуми асри XI-ро истисно кунем, аз ҷиҳати соддагии забон, услуб ва тасвирҳои реалистонаи ҳаёт ва табиат аз қасидаҳои минбаъда фарқ доранд. Онҳо ба подшоҳоне бахшида шудаанд, ки ба забони модариашон эҷод шудаанд ва бештарини онҳо ба ин адабиёт ва маданият тарбия ёфтаанд ва баъзе аз онҳо шоир ҳам будаанд. Қасидаҳои мадҳияи асри X мундаричаи ватандӯстона ҳам дошт. Онҳо на танҳо барои бехатарии хориҷии давлат, барои бехатарии дохилии он аз қувваҳои марказгурези феодалӣ низ мубориза бурдаанд. Қасидаҳои мадҳияи асри X на танҳо ба подшоҳон, ба қаҳрамони ҷангҳои зидди истилогарони хориҷӣ ва қувваҳои марказгурез ва ҳокимони содиқ ба ҳукумати марказӣ низ бахшида шудаанд.

**Достонҳо**

Достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва таърихии асри X мазмунан ва иҷолатан он вазифаҳои ғоявиро адо мекарданд, ки онҳоро қасидаҳои мадҳияи ин аср низ адо менамуданд. Фарқи зоҳирӣ дар шакли шеърӣ дар қаҳрамонони онҳост. Қасидаи мадҳия подшоҳи конкрети замон, ҳамасри шоирро тасвиру мадҳ мекард, достонҳои қаҳрамонӣ, мифологӣ қаҳрамонҳо ва шахсҳои таърихии давраҳои гузаштаро тавсиф менамуд, одамони замони худро бо рӯҳи қаҳрамонии гузашта тарбия мекард, дар ҳисси онҳо ватандӯстӣ, нафрат ба душманро бедор менамуд. Бесабаб нест, ки подшоҳони минбаъдаи аҷнабӣ ба «Шоҳнома» — сароянДаи он эътибор надоданд, ҳатто, Султон Маҳмуди Ғазнавии турк динобар аҷнабию истилогар буданаш шоири ин шоҳасарро таъқиб ҳам кард. Дар асри X талаботи ҳимояи мамлакат аз истилои бегонагон, қувваҳои марказгурези ҷудоиталаб ва тарбияи рӯҳию маънавии муборизон, қаҳрамонони озодӣ ва истиқлолияти ватан, садоқати феодалҳои тобеъ ба феодалҳои марказӣ зарурати ҷамъ кардани материалҳо ва навиштани «Шоҳнома»-ро пеш ронд. Истиқлолиятҷӯӣ, ҳимояи ватан ва мафкураи он ҳаракати шуубия ҳисси ватандӯстиро ба ҷунбиш овард. Бо супориши Сомониён ба ҷамъ намудани материалҳо қадим шурӯъ намуданд, ки онҳо бештар мӯбадони зардуштӣ ва қиссахонҳои солхӯрдаи халқӣ буданд. Фирдавсӣ дар ин бора дар фасли «Андар фароҳам овардани «Шоҳнома» маълумот додааст. Ин корро аввал мӯбадон ва деҳқонони ватандӯст бо дастгирии амирони Сомонӣ ва ҳокимони хуросонии онҳо ба амал оварданд. Дар натиҷа, достонҳои равонаи бисьёре ҷамъ оварда шуд, ки аз он ҳар хонанда баҳра мебурд:

Яке нома буд аз гаҳи бостон,
Фаровон бад-ӯ андарун достон.
Пароканда дар дасти ҳар мӯбаде,
Аз ӯ баҳрае бурда ҳар бихраде.
Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,
Далеру бузургу хирадманду род.
Пижӯҳандаи рӯзгори нахуст,
Гузашта суханҳо ҳама боз ҷуст.
Зи ҳар кишваре мӯбаде солхвард,
Биёвард, к-он номаро гирд кард.
Бипурсудашон аз нажоди каён,
В-аз он номдорони фаррухгавон,
Ки гетӣ ба оғоз чун доштанд,
Ки эдар ба мо хор бигзоштанд...
Бигуфтанд пешаш якояк меҳон,
Суханҳои шоҳону гашти ҷаҳон.
Чу бишнид з-эшон сипаҳбуд сухун,
Яке номвар нома афканд бун.
Чунон ёдгоре шуд андар ҷаҳон,
Бар ӯ офарин аз меҳону кеҳон.

Чанде ин маводҳо предмети хондану баҳра бурдани ҳавасмандон ва дӯстдорони он гардид:

Чу аз дафтари ин достонҳо басе,
Ҳамехонд хонанда бар ҳар касе.
Ҷаҳон дил ниҳода бад-ин достон —
Ҳама бихрадон низу ҳам ростон.

Баъд аз ин «Шоҳнома»-и насрии Абулмуайяди Балхӣ навишта шуд, вале азбаски наср дар замони феодализм мисли назм мавқеи шоиста надошт, шӯҳрат пайдо накард ва зарурати ба назм даровардани он ба миён омад. Аз гуфтаи Фирдавсӣ пай бурдан мумкин аст, ки дар Бухорои сомонӣ иҷрои чунин вазифаи ватанпарварона ба миёни аҳли адаб гузошта шудааст ва Дақиқӣ ки шоири ватанпарвари шӯълавар ва донандаи достонҳои қадимӣ буд, онро ихтиёрӣ ба зиммаи худ гирифтааст:

Ҷавоне биёмад кушодазабон,
Сухан гуфтани хубу равшанравон.
«Ба назм орам ин номаро, — гуфт,—ман»
Аз ӯ шодмон шуд дили анҷуман.

Эҷод шудани «Шоҳнома»-и манзум аҳамияти бузурги миллӣ-давлатӣ дошт, зеро давлати аз ҷиҳати сиёсӣ ва тартиботи дохилӣ сустшудаистодаи сомониёнро аз ҷиҳати маънавӣ пурқувват мекард, олами ботинии ватандӯстон ва умуман халқро қавӣ мегардонад, муҳаббат ба ватан ва нафрат ба душманони онро меафзуд. Анъанаҳои қадимро зинда менамуд, мавқеи ҳукмронии маънавии хилофатро суст мекард. Ин ҷиҳати «Шоҳнома»-ро душманони халқу ватан ва давлати сомониён рӯҳониёни суннӣ, халифаву арабпараст, ҷосусҳои хилофат ва тарафдорони хоқонҳои истилогари феодалии турк нағз мефаҳмиданд, би-

нобар ин, ба шоири ватанпарвар сӯиқасд ташкил карданд ва онро ба дасти ғуломаш куштанд. Қори назми «Шоҳнома» нотамом монд:

Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,
Чунон бахти бедори ӯ хуфта монд.

Ҳар чанд ки Фирдавсӣ сабаби кушта шудани Дақиқиро мувофиқи овозаҳои бардурӯғи он вақт аз хӯи «бади» ӯ маънидод кардааст:

Ҷавнеешро хӯи бад ёр буд,
Або бад ҳамеша ба пайкор буд,

вале Дақиқиро бо эҳтимоли қавӣ он қувваҳои иртиҷоии зиддиватандӯстӣ ба дами ханҷари ғуломаш дода буданд, ки Муҳаммад Нахшабии Қарматиро ба дор кашида буданд, Рӯдакиро кӯр ва аз дарбор ронда буданд, Фирдавсӣ ва Ибни Синоро овора, қарматиҳоро қир карданд ва ғайра.

Шоир кушта шуда бошад ҳам, зарурати навиштани чунин шоҳасар аз байн нарафт, бинобар ин, оғозу анҷоми он ба Фирдавсӣ насиб гашт, аммо дер шуда буд, зеро қувваҳои иртиҷоӣ, зиддихалқӣ, зиддиватандӯстӣ, душманони давлати марказӣ — марказгурезҳо ва истилогарони хориҷии туркҳои қарохонӣ аҳволи давлатро аз даруну берун хароб карда буданд: халқ ҳам, ки аз зулми иҷтимоӣ ва иқтисодии Сомониён ба танг омада буд, онҳоро дастгирӣ накард. Махсусан, пахш шудани ҳаракати қарматии деҳқонон, ҳунармандон ва зиёиёни ватандӯсту тараққипарвар яке аз сабабҳои давлати парокандаи сомониёнро дастгирӣ накардани халқи меҳнаткаш шуд. Аз ин рӯ, «Шоҳнома» ҳам вазифаи худро адо карда натавониста монд.

Азбаски достонҳои ишқӣ ва дидактикӣ, ҳатто, дар шакли порчаҳои бутун ҳам боқӣ намондааст, бинобар ин, дар бораи онҳо мулоҳиза рондан душвор аст. Аммо факти мавҷудияти ин гуна достонҳо нишон медиҳад, ки адабиёти асри X аз ин жанри шеърӣ маҳрум набудааст, баръакс, асоси онро гузоштааст. Маснавӣ шакли асосии қофиябандии он достонҳо мебошад. Шаклҳои гуногуни вазни он достонҳоро ташкил медиҳад. Ба ин қисм достонҳо достонҳои Рӯдакӣ («Ароис-ун-нафоис», «Даврони офтоб», «Синдбоднома», «Қалилаву Димна» ва ғайра) ва Абӯшакури Балхӣ («Офаринннома»)-ро ба хотир овардан кофист. Дар мисоли «Офаринннома» мавҷудияти достони лирикиро, ки ҳоло онро «маснавӣ» меноманд, эътироф намудан мумкин аст. Аксарияти мутлақи осори адабии асри X нобуд шудааст, бинобар ин, дар хусуси ғазалҳои ин давр мулоҳиза рондан душвор аст.

**Шаклҳои хурди шеърӣ**

**Ғазал.** Шарқшиносони Ғарб ақидае доштанд, ки ғазал аз асри X оғоз ёфтааст. Баъд аз соли 1924 як гурӯҳ адабиётшиносон ақида-

еро пеш рондаанд, ки гӯё ғазал ҳамчун шакли шеърӣ мустақил набуда*, аз ташбиби ошиқонаи қасидаҳои мадҳия баромада, минбаъд бо иловаи байти мақтаъ ё ки байти тахаллус шакли комил гирифтааст**. Ин даъворо фактҳои таърихи адабиёт рад мекунад. Аввало ғазалҳои боқимондаи Рӯдакӣ исботи мавҷудияти ғазал аст, сониян, чи шоирони асри X ва чи шоирони нимаи якуми асри XI тасдиқ кардаанд:

Андар *ғазали* хеш ниҳон хоҳам гаштан,
То бар лаби ту бӯса занам чун-ш бихонӣ.

*Имораи Марвазӣ (Асри X)*

Фирдавсӣ ғазалро ҳамчун шакли шеърии суруду таронаҳои базм ном бурдааст:

Сарояндаи ин *ғазал* соз кард,
Дафу чангу найро ҳамовоз кард.

Шоири асри XI Унсурӣ ғазал доштани Рӯдакӣ ва аз ғазалҳои ӯ паст будани ғазалҳои худро қайд кардааст:

*Ғазал* рӯдакивор некӯ бувад,
*Ғазалҳои* ман рӯдакивор нест...

Ғазал, чи аз ташбиб пайдо шуда бошад ва чи бо роҳи мустақил, шакли шеърие буда, дар адабиёти асри X ҳамчун шакли мустақил мавҷуд будааст ва он дар ин аср ҳам бештар ҳиссиёти лирикии ошиқонаро ифода намудааст. Шеърҳои дар шакл ва мазмуни ғазал боқимонда, ки асосан мундариҷаи ишқӣ дорад, дар ду ҳолат аст: Яке ғазалҳое, ки аз рӯи қоидаи ғазал дорои ҳамаи хусусиятҳои шаклӣ аст. Масалан, ғазали Рӯдакӣ бо байти матлаи зерин:

Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу ороро,
Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро.

Гурӯҳи дигари ғазалҳо бетахаллусанд. Мумкин аст, ки баъзе аз онҳоро ташбиби ягон қасидае гӯем, аммо ғазалҳои ошиқонаи Робиаи Қаздориро, ки ҳеҷ гоҳ шоири маддоҳи дарбор набудааст, ташбиби қасидаҳо номидан амри маҳол аст. Як ғазали боқимондаи Абӯисҳоқи Ҷӯйборӣ, ки шахси деҳқон будааст, низ бе тахаллус аст. Ғазали ӯро низ ташбиби қасидае гуфтан нашояд, зеро марди деҳқон будааст. Ё ки шеъри ғазалмонанди Тоҳири Чағониро гирем:

---

* *Е. Э. Бертельс.* Персидская поэзия в Бухаре в X веке. Л., 1935, с. 29—32.
** *Шиблии Нӯъмонӣ.* Шеър-ул-Аҷам. Теҳрон, 1316 ҳ. к., ч. 1, саҳ. 22.

Дилам танг дорад бад-он чашми танг,
Худованди дебои фирӯзаранг.
Ба чашми гавазн асту рафтори кабк,
Ба кашши чу гӯр асту кибри паланг.
Сухан гуфтанаш талху ширин ду лаб,
Чунон к-аз миёни ду шаккар шаранг.
Қамони ду абрӯшу он ғамзаҳо
Якояк ба дил бар чу тири ҳаданг.
Бад-он монад он бут, ки хуни маро
Қашидаст бар бӯри тозиш танг.
Яке фол гирему шояд бад-он,
Ки кетӣ ба як сон надорад диранг.

Агар ин шеърро ташбиби қасидаи мадҳия гӯем, худи Тоҳири Чағонӣ ҳокими кишвари Чағониён буд, ки дигарон ба вай қасидаи мадҳия мегуфтанд. Ин шеър ва боз шеърҳои дигари ғазалмонанд дар ҳаҷми миқдори ғазалҳост (аз 3 то 6,7 байт). Фақат ин ки байти тахаллус надорад. Мумкин аст, ки дар ғазалҳои онвақта тахаллус гузоштан чандон расм набошад. Аммо аз ҷиҳати мазмун шеърҳои ғазалмонанди Тоҳири Чағонӣ, Маъруфии Балхӣ ва ғайра ғазал аст. Дар ҳамаи ин шеърҳо ҳиссиёти ошиқонаи шоир ё ки қаҳрамони лирикӣ лаззати васл, азоби ҳиҷрон, ҳусни беҳамтои маъшуқа, хислатҳои нозу истиғнои ӯ, тасвири манзараҳои табиат ва дигар ҳиссиёти инсонӣ акс ёфтааст.

Ба ин тариқ, аз «ғазал» ду мафҳум фаҳмида шудааст: 1. Ҳиссиёти лирикии инсонӣ (ишқ, дарду ғам, айшу нишот, тавсифоти табиат ва ғайра). Ба ин маъно, яъне маънои луғавиаш* қадим аст ва он на аз насиби қасидаҳо, балки аз фольклор оғоз ёфтааст. Қасидасароён дар ҳамаи асрҳо онро ҳамчун муқаддимаи қасида истифода кардаанд, ки баъд аз он байти гурез меояд. Ҳиссиёти ошиқонаи насибро ҳиссиёти шоир не, сухани муқаддимавии ба ҳолати рӯҳияи мамдӯҳ мувофиқкунандае шуморидан ҷоиз аст. 2. Ғазал ба мафҳуми истилоҳиаш ғайр аз мазмуни боло, шакли шеърии мустақилест, ки дорои вазнҳои маъмул, қофиябандии аа, ба, ва..., байти тахаллус ва мақтаъ буда, аз 5 то 7 ва зиёда аз он байт аст. Ғазал, чи тавре ки ба маънои луғавиаш дар асри X вуҷуд дошт, ба маънои истилоҳиаш низ дар ин давр мавҷуд буд ва шоирони асри X, алалхусус, Рӯдакӣ асосгузорони он буданд. Ин анъана минбаъд инкишоф ва такмил дода шуд.

**Рубоӣ,** чунон ки маълум аст, манбаи фольклорӣ дорад ва он аллакай дар асри VIII—IX ба адабиёти китобатӣ дохил шуда буд. Рубоӣ калима ва истилоҳи арабӣ бошад ҳам, аз шаклҳои қадимаи адабиёти даҳанакӣ ва классикии халқи тоҷик аст. Ин маъниро муаллифи «Ал-мӯъҷам-фӣ маоир-ил-ашъор-ил-Аҷам» — Қайси Розӣ (асрҳои XII—XIII) тасдиқ менамояд, ки «Дар қадим дар ин вазн (яъне вазни хоси рубоӣ —

* *А. Мирзоев.* Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал. Сталинобод, 1957, с. 74.

Х. М.) шеъри тозӣ (яъне арабӣ — Х. М.) нагуфтаанд ва акнун муҳдисони арбоби табъ бар он иқболе тамом кардаанд ва рубоёти тозӣ дар ҳама билоди араб шоеъ ва мутадовил гаштааст»*. Ин муаллиф дар асари номбурдаи худ дар бораи алоқаи рубоӣ бо фольклор ва эҷодиёти Рӯдакӣ нақли ҷолиби диққат дорад. Вай дар бораи рубоӣ ва вазни он сухан ронда, изҳори ақида кардааст, ки устод Рӯдакӣ аз гурӯҳи вазнҳои ахрам (дар як мисраъ: мафъулан, мафъулан, фаъулан, фоъ ё фаъ) ва ахраб (дар як мисраъ: мафъул, мафоилан, фаулан, фоъ ё ки фаъ) вазне барои рубоӣ ихтироъ кардааст, ки вазни мақбул аст ва аксарияти шоирон ба ин вазну шакли шеърӣ рағбат пайдо кардаанд. Ба ин маънӣ, ӯ Рӯдакиро асосгузори рубоӣ медонад.

Дар нақлҳои Қайси Розӣ чунин лаҳза ҷолиби диққат аст, ки Рӯдакӣ ин вазни рубоиро аз эҷодиёти даҳанакии халқ пай бурдааст. Муаллиф ривоят мекунад, ки боре Рӯдакӣ дар шаҳри Ғазнин сайру гашт мекард. Гурӯҳе бачагон, ҷавонон кӯзбозӣ мекарданд. Рӯдакӣ ба ин бозӣ эътибор дод ва дар байни ҷавонон ҷавони хуштабъеро дид, ки бо саҷъу қофия сухани мавзун меронад. Вай чанд гирдакон — саққо ба кӯз андохт. Як бор гирдакон аз кӯз берун рафт ва боз гашта омада ба кӯз даромад. Он ҷавон ба ин муносибат бо табъи равон гуфт:

Ғалтон-галтон ҳамеравад то сари куз.

Вазн ва оҳанги байт ба Рӯдакӣ хуш омадааст ва ба қонуни вазни арӯз муроҷиат кардааст ва аз рӯи гуфтаи Розӣ рукнҳои **мафъулан, фоилан, мафоилан, фаъ**-ро ёфтааст, ки аз баҳри ҳазаҷ аст. Розӣ тасдиқ менамояд, ки Рӯдакӣ ба шарофати ин ҷавон вазни рубоиро ҷустуҷӯ карда ёфт ва муқаррар намуд, ки аз ду байт иборат аст: «Мусарраъ ва муқаффо», онро «тарона» номид. Муаллиф қайд кардааст, ки ин гуна порчаҳои шеъриро дар тоҷикӣ (форсӣ) «ғазал», дар арабӣ «қавл» мегӯянд. Агар он аз чор мисраъ иборат бошад, «дубайта» меноманд, дар арабӣ «рубоӣ» меноманд. Вай таъкид кардааст, ки дар адабиёти қадими араб дар ин шакл ва вазн шеър намегуфтанд. Пас, манбаи ин шакли шеърӣ адабиёти тоҷик аст. Нақлҳои Қайси Розӣ ва Давлатшоҳ шояд ба ҳақиқат чандон мувофиқ набошад, зеро ин шакли шеъриро то Рӯдакӣ Шақиқи Балхӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқ, Абӯязиди Бастомӣ ва дигарон медонистанд ва дар он шакл шеър гуфтаанд. Рӯдакӣ мумкин аст, ки вазни онро муайян карда бошад. Нақл хоҳ ҳақиқат аст ва хоҳ ривоят дар ин ҷо ду факти таърихи адабиёт ба назар мерасад: 1. Асоси халқӣ-фольклорӣ доштани рубоӣ. 2. Агар онро Рӯдакӣ кашф карда бошад ҳам, инкишоф

---

** *Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ.* Ал-муъҷам фи маоир-ил ашъор-ил-Аҷам. Теҳрон, 1314 ҳ. ш., с. 306.

додани ӯ ва ба адабиёти тоҷик мансуб будани ин шакли шеърӣ. Дар инкишофи шакли шеърии рубоӣ роли назми асри X мавқеи калони асосгузорӣ дорад. Боқӣ намондани намунаи рубоиҳои халқии асрҳои VIII—X имконият намедиҳад, ки ҳолат ва муносибати онро бо рубоиҳои адабиёти китобатӣ муайян намоем.

Дар рубоиҳои боқимондаи асри X мазмуни ишқӣ, фалсафӣ, панд, таассуроти субъективӣ ва ғайра акс ёфтааст. Аз рубоиҳои мавҷуда ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки мадҳ ҳоло ба рубоӣ бояду шояд надаромадааст, зеро дар рубоиҳои боқимонда (он ҳам бошад аз Рӯдакӣ) мадҳия мавҷуд нест. Рубоӣ бештар шакли шеърии адабиёти берун аз дарбор будааст. Агар аз рубоиҳои Рӯдакӣ қиёс гирем, ки як ҷузъи рубоии асри X мебошад, ин шакли шеърӣ ба хеле масъалаҳои зиндагӣ дахл кардааст. Масалан, рубоиҳо дар мавзӯи ишқи ноком ва шикоят аз замона:

Даврон моро зи васл шодон накунад,
Ҷуз тарбияти рақиби нодон накунад,
Ҳаргиз нарасонад дили моро ба мурод,
Қоре ба муроди номудорон накунад.

*Тоҳири Чағонӣ*

Ишқ, зебоӣ ва бераҳмии аҷал:

Тақдир, ки дар куштанат озарм надошт
В-аз қатли ту як зарра дили нарм надошт.
Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чу туе
Ҷон бистаду аз ҷамоли ту шарм надошт.

*Рӯдакӣ*

Ақидаҳои сӯфиёна:

Ҳон ташнаҷигар, маҷӯй з-ин боғ самар,
Бедистонест ин риёзи ба ду дар.
Беҳуда намон, ки боғбонат зи қафост,
Чун хок нишаста гиру чун бод гузар.

*Рӯдакӣ*

Панду ҳикмат:

Воҷиб набувад ба кас бар афзолу карам,
Воҷиб бошад, ҳар оина шукри ниам,
Тақсир накард хоҷа дар воҷиб,
Ман дар воҷиб чӣ гуна тақсир кунам?!

*Рӯдакӣ*

Тасвири зебоии маъшуқа:

Эй, аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,
Ранг аз паи рух рабуда, бӯ аз паи мӯ.
Гулранг шавад, чу рӯй шӯӣ, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ ҳама кӯ.

*Рӯдакӣ*

Меҳр, садоқат ва вафодорӣ:

Дар пеши худ он нома чу булкома ниҳам,
Парвин зи сиришки дида бар ҷома ниҳам.
Бар посухи ту чу даст бар нома ниҳам,
Хоҳам, ки дил андар шикани нома диҳам.

*Рӯдакӣ*

Шикоят аз бераҳмии ёр:

Дил сер нагардадат зи бедодгарӣ,
Чашм об нагардадат чу дар ман нигарӣ.
Ин турфа, ки дӯсттар зи ҷонат дорам,
Бо он ки зи сад ҳазор душман батарӣ.

*Рӯдакӣ*

Танқид ва ҳаҷв:

Он харпадарат ба дашт хошок задӣ,
Момот дафу дурӯя чолок задӣ:
Он дар сари гӯр таборук хондӣ
В-ин бар дари хонаҳо таборук задӣ.

*Рӯдакӣ*

Ҳасби ҳоли шахс дар ҷамъияти одамонаш номеҳрубон:

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши гарм, ҷуз табам, кас накунад
В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм,
Як қатраи об дар лабам кас накунад.

*Рӯдакӣ*

Вазъияти ногувори ошиқ дар муносибатҳои ишқӣ:

Чашмам зи ғамат ба ҳар ақике, ки бисуфт,
Бар чеҳр ҳазор гул зи розам бишкуфт.
Розе, ки дилам зи он ҳаме дошт нухуфт,
Ашкам ба забони ҳол бо халқ бигуфт.

*Рӯдакӣ*

Панди ичтимоӣ — адолатхоҳӣ ва ғайра:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ,
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

*Рӯдакӣ*

Чӣ тавре ки аз ин рубоиҳо дида мешавад, олами ботинӣ ва зоҳирии чи қаҳрамони лирикӣ ва чи эпикӣ бо воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ инъикос ёфтааст ва он як силсила мавзӯъҳоро ба вуҷуд овардааст, ки дар асри X мазмуни рубоиро ташкил додааст. Аз миқдори ками рубоиҳои дигарон ва шумораи зиёди рубоиҳои Рӯдакӣ хулосае бармеояд, ки ё рубоиҳои дигарон боқӣ намондааст ва ё Рӯдакӣ рубоисарои асри X будааст, зеро дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз дигарон танҳо се рубоӣ (ба номи Кисоӣ, Дақиқӣ ва Тоҳири Чағонӣ) қайд шудааст, ки ҳар се ҳам дар мавзӯи ишқ аст.

Шакли дигари хурди шеъри асри X, ки бо рубоӣ қаробот дорад, **дубайта** аст. Дубайта танҳо аз ҷиҳати вазн аз рубоӣ фарқ мекунад, вале аз ҷиҳати мазмун, қаҳрамонҳои худ ва сохти қофиябандӣ аз рубоӣ фарқ надорад. Масалан: **Дар мавзӯи шикоят аз замона** (бо мазмуни марсия), ки ба мардум умри дароз намедиҳад:

Дардо, ки дар ин замонаи ғампарвард,
Ҳайфо, ки дар ин бодияи умрнавард,
Ҳар рӯз фироқи дӯсте бояд дид,
Ҳар лаҳза видои ҳама мебояд кард.

*Шаҳиди Балхӣ*

**Панд дар мавзӯи зарари сифлапарварӣ:**

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла феъли мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯи сифла нангарӣ.

***Абӯшакури Балхӣ***

**Мадҳи омехта бо марсия:**

Хони ғами ту паст шуда вайрон бод,
Хони тарабат ҳамеша ободон бод,
Ҳамвора сару кори ту бо некон бод,
Ту мири шаҳиду душманат Мокон бод!

***Сонеи Балхӣ***

**Дар мавзӯи ишқ садоқат, вафодорӣ:**

Як шаҳр ҳаме фусуну ранг омезанд,
То бар ману ту растхез ангезанд.
Бо мо ҳадиси ишқи мо чӣ истезанд,
Ҳар мурғеро ба пои хеш овезанд.

*Тоҳири Чағонӣ*

**Луғз — чистон дар бораи киштӣ:**

То кай гӯӣ: мадори илм ба ман гашт,
Ҷону дилам илмро гузида ватан гашт?!
Чист яке модае, ки бе нар пешат
Рӯзе даҳ раҳ бизоду обистан гашт?

*Мунҷик*

**Васфи маъшуқа:**

Бар рӯй, гӯӣ, моҳ аст, барниҳода кулоҳ,
Ба барз, гӯӣ, сарв аст миёни қабоҳ,
Чу моҳ буду чу сар(в) на моҳ буда на сарв—
Камар набандад сарву кулаҳ напӯшад моҳ.

*Мунҷик*

**Тасвири табиат:**

Ба навбаҳор ҷаҳон тоза гашту хуррам гашт,
Дарахти сабз алам гашту хок мӯълам гашт.
Насими ними шабон Ҷабраил гашт магар,
Ки беху хоки дарахтони хушк Марьям гашт.

*Кисоӣ*

**Қитъа** аз шаклҳои шеърии маъмули адабиёти асри X аст ва он дар асри IX низ вомехӯрад. Ақидае ҳаст, ки қитъа аз ҷиҳати шакл порчае аз қасида ва ё ғазал аст, аммо шаклу мазмуни мустақил мебошад. Он порчаҳоеро, ки аз қасидае ё ғазале мондааст, порча аз он қасида ё ғазал шуморидан мумкин аст. Ин мафҳумро ба бисьёре аз қитъаҳои асри IX—X татбиқ нанамудан мумкин аст, зеро асари бутуни аслӣ дар давоми асрҳо талаф шуда, бо ягон воситае (барои мисол дар тазкираҳо, луғатҳо ва асарҳои адабиётшиносию таърихшиносӣ) порчае аз он мондааст. Аммо як қисми қитъаҳои боқимонда аслан бо мақсади офаридани шеъри қитъа эҷод шудааст, ки асари бутун ва яклухт мебошад: Масалан:

Чаҳор гуна кас аз ман аҷз биншастанд,
К-аз он чаҳор ба ман заррае шифо нарасид:
Табибу зоҳиду ахтаршиносу афсунгар,
Ба доруву ба дуову ба толею таъвиз.

Баъзе шеърҳои қитъашакл ҳаст, ки аз он нотамом ва давомдор будани фикр маълум аст. Чунончӣ:

Малик он ёдгори оли Доро,
Малик он кутби даври оли Сомон
Агар бинад ба гоҳи кинаш иблис,
Зи бими теғи ӯ бипзирад имон.
Ба пои лашкараш Ноҳиду Ҳурмуз,
Ба пеши лашкараш Мирриху Кайвон.

*Дақиқӣ*

Маълум аст, ки ин порча аз қасидаи мадҳияест, ки ба ғайр аз порчае аз қисми мадҳ, қисмҳои дигараш боқӣ намондааст ва ҳоло шакли қитъаро гирифтааст. Дар он фикр нотамом, онро давом додан мумкин аст. Ба ҳамин тариқ, ба порчаҳои боқимондаи қатъашакл аз ду ҷиҳат нигоҳ кардан лозим меояд. Шеърҳои қитъае, ки аслан бо мақсади қитъасозӣ офарида шудаанд ва шеърҳои қитъашакле, ки аз асарҳои дигари бутун аз қабили қасида ва ғазал боқӣ мондаанд ва хусӯсияти шеърияти онҳо ба ҳамин ду ҳолат вобаста аст. Дар қитъаҳое, ки аз қасида боқӣ мондаанд, ҷанбаи эпикӣ ва мадҳ, дар қитъаҳое, ки аз ғазал мондаанд, ҷанбаи лирикӣ ва мазмуни ишқӣ зиёдтаранд. Дар қитъаҳои мустақилшаклу мустақилмазмун нисбат ба ҷанбаи дар боло зикршуда, ҷанбаи муҳокимаи илмию мантиқӣ зиёдтар аст:

Гул неъматест ҳадья фиристода аз биҳишт,
Мардум каримтар шавад андар наими гул.
Эй гулфурӯш, гул чӣ фурӯшӣ барои сим?
В-аз гул азизтар чӣ ситонӣ ба сими гул?

*Кисо.*

Қитъаҳои асри Х қатъи назар аз мустақил ва номустақил будан, мазмунҳои зеринро ифода кардааст:

**Идеализация кардани намояндагони синфи ҳоким ва мафкураи ҳукмронони замон:**

Ҷаҳон гувост мар ӯро, ки дар ҷаҳон малик аст
Бузургвору сазовори нусрату таъйид
Бидод неъмату бас шокир аст дар неъмат,
Бар ин ду бошад султони тахтро пойид.

*Шаҳиди Балхӣ*

**Тавсифи дониш, ки ифодаи равияи рационализм аст:**

Донишо, чун дареғ оям аз он-к
Бебаҳоиву лекин аз ту баҳо.
Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,
Ҳамчунин зарвор бо ту равост.

Боадабро адаб сипаҳ аст,
Беадаб бо ҳазор кас танҳост.

*Шаҳиди Балхӣ*

**Тасвири манзараи табиат:**

Ҷаҳон зи барф агарчанд гоҳ симин буд,
Зумуррад омаду бигрифт ҷои тӯдаи сим.
Баҳорхонаи кашмириён ба вақти баҳор
Ба боғ карда ҳама нақши хештан таслим.
Ба даври бода ҳама рӯи некувон гӯӣ:
Башиза сохта аз гул пушти моҳӣ шамим,

*Имораи Марвазӣ*

**Тасвири ҳиссиёти ишқӣ ва тавсифи ҳусни ёр:**

Симдандонаку басдонаку хандонаку шӯх,
Ки ҷаҳон он-к, бари мо лаби ӯ зиндон кард.
Лаби ӯ бинию гӯӣ, ки касе зери ақиқ
Бо миёни ду гул андар шакаре пинҳон кард.

*Маънавии Бухороӣ*

**Шикоят аз пирӣ, ранг кардани мӯй ва афсӯс ба ҷавонӣ:**

Аз ҳизоби ману аз мӯй сияҳ кардани ман,
Гар ҳаме ранҷ хӯрӣ, беш хӯру ранҷ мабар.
Ғаразам з-ин на ҷавонист, битарсам, ки зи ман
Хурдпирон биҷӯянду наёбанд асар.

*Кисоӣ*

**Тараннуми таъзия ва марсия:**

Дареғо, мир Бӯнасро, дареғо!
Ки бас шодӣ надидӣ аз ҷавонӣ.
Валекин родмардони ҷаҳондор
Чунин бошанд кӯтаҳзиндагонӣ.

*Дақиқӣ*

**Шикоят аз толеъ, нобарории кори аҳли илму ҳунар:**

Чаро ин мардуми донову зираксору фарзона
Ба темору азоб андар або давлат ба пайкор аст?
Агар гул кoрад ӯ садбарг або зайтун, зи бахти ӯ
Бар он зайтуну он гулгун ба ҳосил ханҷаку хор аст.

*Хусравӣ*

**Шикоят аз нобаробарии ҷамъият ва эътироз ба беадолатии худо, ки маънои зиддидинӣ дорад, зеро ҳастии онро тасдиқ намекунад:**

Он яке бехунар азиз чарост
В-ин дигар хор монда зери самак?
Ин аломат на они ҳастӣ буд,
Пас, чӣ даъвӣ кунӣ бад-уву чӣ ҳак.

*Хусравӣ*

## Ҳаҷв бар хоҷагон — дороёни мумсику хасис:

Шунидам ба ҳикоят, ки дидаи афъӣ,
Бурун чаҳад, чу зумуррад бар ӯ баранд фароз.
Ман ин надидам, дидам, ки хоҷа даст бидошт,
Баробари дили ман битаркид дидаи оз.
Ба «Шоҳнома» — бар ар ҳайбати ту накш кунанд,
Зи «Шоҳнома» ба майдон равад ба ҷанг фароз.
Зи ҳайбати ту адӯ накши «Шоҳнома» шавад,
К-аз ӯ на мард ба кор ояду на аспу на соз.

*Мунҷик*

## Танқиди савлати беасос:

Ҳама кибру лофе ба дасти туҳӣ,
Ба нони касон зиндаӣ солу моҳ:
Бидидам ман он хонаи мӯҳташам —
На нах дидам он ҷову на пешгоҳ,
Яке зеғ дидам фиканда дар ӯ
Намадпорае туркмонӣ сиёҳ.

*Маъруфии Балхӣ*

Аз мазмуни ин порчаҳои шеърӣ пай бурдан душвор нест, ки шакли қитъа аз мадҳ сар карда ба ҳамаи соҳаҳои зиндагии инсонӣ дахл карда, онҳоро акс кунонидааст ва хислати реалистона ҳам дорад.

**Тасвири олами ботинии инсон**

Мадҳи амирони «худӣ», тарғиби феодализми тараққихоҳ ва танқиди қувваҳои марказгурези феодалӣ ҳамчунин ифодаи ҳиссиёти шуубия рафти асосии ғоявии асри Х бошад ҳам, аз шоҳ то гадо без ҳиссиёти шахсӣ — олами ботинӣ ҳам доштанд, ки аз ҳаёту муҳити замон сар мезад ва бештарини онҳо ҳиссиёти умумиинсонӣ буда, ба ҳама дахл дошт. Масалан, ҳиссиёти ишқу муҳаббати инсониро гирем. Ишқ олами ниҳоят мураккаби инсон аст, ки онро ҳадду ҳудуде, ғояти зуҳуроте, интиҳои рангоранги ботиние нест. Ҳар чанд ки Ф. Энгельс «ишқро ҳам охируламр иқтисод муайян мекунад» — гуфтааст, вале ишқ риштаҳои ниҳоят борику дуру дарозе дорад, ки ба олами ботинии инсон хеле амиқ рафтааст. Ишқ бо вуҷуди ҳиссиёти фаъоли тарафайн будан, дар амалиёти ошиқ зуҳуроти фаъол аст, вале дар амалиёти маъшуқа аксар ботинан туғьён бошад ҳам, зоҳиран истиғно дорад, аммо дар ғоиб ва пинҳонӣ сӯзиши ботинии фаъол, вале дар изҳори ҳиссиёти ишқӣ тамкин, шарм,

ҳаё, номус, дар айни замон бетоқатӣ, бесабрӣ, бо ифодаи Низомӣ «дар парда пардадарӣ» дорад. Аз як тараф, ҳисси гарму ҷӯшони худро ба обу оташ задан, аз тарафи дигар, нозу карашма, худдорӣ, каноргирӣ, гурехтан ва дар айни ҳол ногоҳ ва ногаҳонӣ худро ба оғӯши ошиқи худ задан дорад ва ғайра. Аммо ошиқ ҳамеша зору низор, аз паи маъшуқаи гурезони худ овезон, номурод, маҳрум аз васл аст. Маъшуқа ҳамеша бо ҳамаи дуриҷустанҳояш зебову беайб аст. Дар муносибатҳои ишқӣ, ҳатто, дар ҳолати мавқеи ҳукмронӣ доштани ошиқ ва ҳолати маҳрумии маъшуқа, ки канизи зархарид аст, ошиқ ҳиссан ҳукмрон нест, маъшуқа ҳаққи нозу истиғно дорад, зеро муносибатҳои ошиқона ниҳоят нозук аст, «бори гуҳар намекашад, ин тор нозук аст». Аз ин рӯ, аз нозу истиғнои маъшуқа ва сахтгириҳои итобкоронаи ӯ шоҳу гадо баробар меноланд. Рӯдакӣ дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ»:

Ҳамехариду ҳамесохт бешумор дирам
Ба шаҳр ҳар кӣ яке турки норпистон буд,

гуфта истода, аз азоби ишқу нозу истиғнои ёр менолад, ки зоҳиран зиддиятнок менамояд, вале дар олами мураккаби ишқ, ҷои тааҷҷуб надорад. Ошиқ, ҳатто, дар назди канизи зархариди худ мӯҳтоҷи лутфу эҳсон, меҳр, садоқат, марҳамати ҳусну латофат аст. Агар муносибати инсонӣ танҳо аз ҳисси шаҳвонӣ иборат мешуд, мумкин аст, ки кор нисбатан осон мебуд ва қаноатмандӣ беазобу ҳаяҷону изтироби рӯҳии ошиқон ба амал меомад. Аммо муносибати рӯҳии олами ботинии инсони ошиқ амиқтар ва мураккабтар аст:

Эй, гашта ман аз ғами фаровони ту паст,
Шуд қомати ман зи дарди ҳиҷрони ту шаст.
Эй, шуста ман аз фиребу дастони ту даст!
Худ ҳеҷ касе ба сирату сони ту ҳаст?

*Абӯшакури Балхӣ*

Дар тасвири муносибатҳои софи ошиқона маъшуқа ҳамеша бо сифатҳои неку хубу дараҷаи аълои зебоӣ ва латофати ҳусни инсонӣ тасвир ёфтааст:

Эй, хубтар зи пайкари дебои арманӣ,
Эй, поктар зи қатраи борони баҳманӣ.
Он ҷо, ки мӯи ту, ҳама барзан ба зери мушк
В-он ҷо, ки рӯи туст, ҳамеша бараҳманӣ.
Андар Фурот ғарқам, то дида бар манат
В-андар баҳори ҳуснам, то ту бари манӣ.

*Мунҷик*

Бояд қайд кард, ки тасвири маъшуқа бештар ҷиҳати зоҳирӣ дорад, олами ботинӣ ба эътибор гирифта намешавад, аммо дар

тасвири ҳолати ошиқ бештар олами ботинии вай ба қалам меояд. Дар як рубоии Рӯдакӣ майли ошиқ доштани маъшуқа, вале аз тарси падар амалиёти озодона надоштани он ифода ёфтааст, ки аз як тараф, набудани озодии ишқ, аз тарафи дигар, ҳиссиёти тарафайн будани муносибатҳои ошиқона қайд гардидааст.

Тасвири ҳиссиёти ишқӣ, ҳолати ошиқ ва маъшуқа дар баробари чандон амиқ набудан, хеле содда ва реалистона буда, ба муошиқаи халқӣ ва инъикоси он дар фольклор монандӣ дорад, ки аз як тараф, таъсири фольклор, аз тарафи дигар, бо ҳиссиёти тасаввуфии ишқи орифона ҳоло омехта набудани тассуроти ошиқонаи асри X-ро нишон медиҳад:

Қомати чун сарви равонаш нигар,
Он лаби ширину забонаш нигар.
Кушшии он чашми сиёҳаш бубин,
Хушии он тангадаҳонаш нигар.

*Кисой*

**Шеъри хамрия**

Миқдоран зиёд набошад ҳам, дар қатори ишқия меистад ва ҳиссиёти ҳаётдӯстонаи инсонро ифода менамояд. Мавзӯи хамрия аз доираҳои ҳаёти аристократӣ ва доираи мардумони озодфикри байни аҳолии шаҳр, ки дорои ақидаҳои риндонаи ҳаётдӯстонаи зиддидинӣ ва тасаввуфӣ мебошанд, сар задааст. Хамрия шакли шеърҳои маишӣ буда, дар он шароб, мусиқӣ, суруд, базм ва хурсандиҳои шахс тасвир ёфтааст ва ин анъана аз ҳаёт ва адабиёти қадим омадааст.

Дар асарҳои баъзе адабиётшиносон* ақидае ҳаст, ки шеъри хамрия аз адабиёти араб, аз шоир Абӯнаввос (асри VIII—IX) омадааст. Ин фикр шояд аз он сабаб пайдо шуда бошад, ки хамрияи давраи нави адабиёти форсу тоҷик баъд аз хамрияи давраи исломии араб ба вуҷуд омад ва истилоҳи он низ арабӣ мебошад ва намунаи хамрияи қадимаи форсу тоҷик боқӣ намондааст. Агар он ҳолати таърихиро ба эътибор гирем, эрониён истеҳсоли ангуру майро дар доираҳои умумихалқӣ, аристократӣ ва ҳатто, дар амалиёти армия истифода кардани онро пеш аз истилои араб ва 2500—3000 сол пеш аз замони мо медонистаанд ва онро дини зардуштӣ манъ намекард, дар шеъри адима мавҷудияти хамрия аз шубҳа берун аст. Илова бар ин, дар дини зардуштӣ дар бораи ҳаома ё ки «саума» ном гиёҳи муқаддас сухан меравад, ки аз шарбати он ба андоза нӯшидан, махсусан, ба қаҳрамонон ҷасорат, тавоной, қувват ва далерию қаҳрамонӣ ато мекунад, аз ин рӯ, он гиёҳ ва шаробашро меситуданд ва месароиданд, ки бешубҳа, хамрияи

---

* *Абдуннаби Фахруззамон.* Тазкираи «Майхона». Лоҳур, 1926. *Зайнулобидини Мӯътаман.* Шеъру адаби форсӣ. Теҳрон, 1332 ҳ. ш.

он дарв аст. Пас, аз сабаби нобуд шудани адабиёти хамрияи қадим, баъд аз истилои араб арабикунонидани забони адабиёти хаттӣ ва хамрро ҳаром эълон кардани шариат шеъри хамрия чанде хомӯш монда танҳо баъд аз дар охири асри VIII ва аввали асри IX оғоз ёфтани давраи нави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дубора ба вуҷуд омадааст. Дар базмҳои қадима истеъмоли шароб ва тавсифи онро Фирдавсӣ дар бисьёр лаҳзаҳои «Шоҳнома» тасвир кардааст. Масалан, дар эпизоди «Овардани Рустам Кайқубодро аз кӯҳи Албурз» барои Рустам базми ҷамшедӣ оростани Кайқубод тасвири зерро мехонем:

Сарояндаи ин ғазал соз кард,
Дафу чангу найро хамовоз кард,
Ки имрӯз рӯзест, бо фарру дод,
Ки Рустам нишаста бо Кайқубод.
Ба шодӣ замоне барорем ком,
Зи Ҷамшед гӯему нӯшем ҷом.
Бидеҳ сокии нӯшлаб ҷоми май,
Бинӯшем ба ёди шаҳи некпай.

Адабиёти нави форсу тоҷик, бешубҳа, анъанаи назми қадимии худро дар боби хамрия давом дода аз хамрияи адабиёти араб низ таъсир гирифта (зеро шоирон аз он воқиф буданд), хамрияи хоси худро ба вуҷуд овардааст, ки намунаҳои бехтарини он дар адабиёти асри IX—X, шеърҳои ба шароб бахшидаи Рӯдакӣ, Башшори Марвазӣ, Кисоӣ ва Ибни Сино дида мешавад:

Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ,
Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.

*Рӯдакӣ*

Ғизои рӯҳ бувад бодаи раҳиқ, алҳақ,
Ки рангу бӯш занад рангу бӯи гулро дақ.

*Ибни Сино*

Хамрия дар эҷодиёти қариб аксарияти шоирони асри X мушоҳида мешавад ва он ба тавсифи шароб, суруд, муғаннӣ, соқӣ, ракс, масъалаҳои ишқу баҳор бахшида шудааст. Май ҳамчун предмети тасвири шеър; ки дар он сифатҳои май бо ифодаҳои маҷозӣ хеле моҳирона ва реалистона тараннум ёфтааст, ба кор бурда шудааст:

З-он бодае, ки чун қадаҳ омад ӯ зи хум,
Ёкут аз ӯ ҳаҷар шуду беҷода з-ӯ шарар.
Беруни ҷом бинӣ аз фоми он нишон,
Чун дар миёни абри тунук курсаи қамар.

*Амир Оғоҷӣ*

Дар қасидаи мадҳияи Рӯдакӣ «Модари май» ва Башшори Марвазӣ парвариши ток ва тайёр кардани май ҳамчун ташбиб оварда шудааст, ки ин ташбиб дар айни замон қасида ё ки тавсиф дар бораи май ҳам мебошад. Бар раъйи аксарият ташбиби ба ангуру май бахшидаи Башшор пайравӣ ба ташбиби қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ аст. Сухани Башшор аз току ангурро офаридани худо ва онро парваридани деҳқон оғоз ёфтааст:

Разро худой аз қибали шодӣ офарид,
Шодию хуррамӣ зи раз омад ҳама падид.
Аз ҷавҳари латофати маҳ офарид раз,
Он к-ӯ ҷаҳону халқи ҷаҳонро биёфарид.
Аз раз бувад таому ҳам аз раз бувад шароб,
Аз раз бувад-т нуқлу ҳам аз раз бувад набид.
Шодӣ фурӯхту хурамӣ он кас, ки раз фурӯхт,
Шодӣ хариду хуррамӣ он кас, ки раз харид.
Ангуру токи ӯ нигару васфи он шунав,
Васфи таом гуфт зи ман боядат шунид.

Ангуру ток (раз) аз рӯи ақидаи деҳқони диндор офаридаи худо бошад ҳам, «аз ҷавҳари латифи маҳ» аст ва шодию хурсандӣ барои одамиён мебошад, зеро аз вай ҳам таом асту ҳам шароб, ҳам нуқлу ҳам набид. Шоир баъд аз ин муқаддима тасвири ток, ангурро моҳирона ба қалам додааст ва бо ин восита манзараи баҳорро ҳам тасвир менамояд:

Чун навбаҳор боғ биёрост чун биҳишт,
Аз савсани сафеду гули сурху шанбалид.
Андар миёни сабза ба дашту ба кӯҳсор
Мушкин бунафшаву сумону лола бардамид..

Деҳқон зи хона бӯи гулобу арақ шамид,
Баргашт гирди хона зи ҳар сӯ ҳамечамид.
Барзад шуои Зӯҳраву бӯи гулоб аз ӯ,
Аз бӯи ӯ гули тарабу лавҳ бишнавид.

Деҳқон маҳсули тайёркардаи худро ҳамчун тӯҳфаи сазовор ба подшоҳ пешкаш мекунад ва ӯ онро калиди қуфли ғамхона номидааст:

Чунон аҷиб бидид, ба хусрав-ш ҳадья бурд,
Зеро сазои ин ба ҷуз аз хусраваш надид.
Хусрав калиди қуфли ғамаш ном кард аз он-к
Ҷуз май надид қуфли ғаму ранҷро калид.
З-ин аст меҳри ман ба маи сурх-бар, к-аз ӯст
Шуд хуррамӣ надид агар май бипажмурид.

Шеъри хамрия ғайр аз аҳамияти ҳаётдӯстонааш, ҷиҳати зиддидинӣ, антиклерикалӣ ҳам дошт. Дину шариат ва рӯҳониён майро ҳаром эълон карда буданд. Дар шеъри Абулфатҳи Пиндор ва Ибни Сино май барои доноён ҳалол ва барои аблаҳону аҳмақон ҳаром шуморида шудааст:

Ҳалол гашта ба фатвои ақл бар доно,
Ҳаром гашта ба аҳкоми шаръ бар аҳмақ.

*Ибни Сино*

Ба ҳамин тариқ, яке аз равияҳои назми асри Х ҳамрия-сароӣ буда, ақидаи ҳаётдӯстона ва зиддиклерикалии мардумони замонашро низ акс кунонидааст.

**Тасвири манзараи табиат**

Равияи дигари шеъри асри Х, ки ба ақидаи ҳаётдӯстии шоирони давр вобастагӣ дошт, тасвири манзараҳои табиат (пейзаж) аст. Тасвири пейзаж дар шеърҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Амир Оғочӣ ва Кисоӣ бештар дида мешавад. Тасвири табиат дар шеъри ин аср хислати тамоман равшани реалистона дорад. Масалан, як шеъри Амир Оғочӣ, ки бориш ва ҳавои барфро тасвир менамояд, предмет ва воситаҳои тасвираш ниҳоят равшан, содда ва ҳақиқатнигорӣ дар образи бадеӣ мебошанд:

Ба ҳаво дарнигар, ки лашкари барф,
Чун кунанд андар он ҳаме парвоз:
Рост, ҳамчун кабӯтарони сафед
Роҳгумкардагон зи ҳайбати боз.

Дар қитъаи зерини Кисоии Марвазӣ қатраҳои борони рӯи барг ва ҳолати баргҳо дар зери қатраҳои борон бо тамоми нафосат ва зарофаташ ба таври бадеӣ тасвир ёфтааст:

Ба пилгӯш қатраи борон нигоҳ кун,
Чун чашми ошиқи гирьёни ғамзада.
Гӯё, ки: парри бози сапед аст барги ӯ,
Минқори боз лӯълӯи носуфта барчида.

Тасвири манзараи табиати зимистон (дай)-у баҳор ба таври тазод оварда шудааст:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай,
Гуфтӣ: дами гург ё паланг аст,
Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст.

*Рӯдакӣ*

Тасвири табиат омехта бо ҳиссиёти ошиқона ба қалам дода шудааст, ки аз он завқи баланди эстетикии шоирона намудор гаштааст:

Бихандад лола бар саҳро
Ба сони чеҳраи Лайло,
Бигирьяд абр бар гардун
Ба сони дидаи Маҷнун.

Зи оби ҷӯй ҳар соат
Ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст пиндорӣ,
Нигори ман рухи гулгун.

*Рӯдакӣ*

Ҳаётдӯстии асри X, ки бештар ба доираҳои аристократӣ, аҳолии осудаҳоли шаҳру деҳот ва муҳити аҳли фазлу дониши тараққипарвар алоқаманд аст, заминаи пайдоиши ақидаи риндист. Ҳар чанд ки ақидаи риндӣ ҳамчун ҷараёни ғоявӣ ва анъанавӣ аз асри XI инкишоф ёфт, вале дар асри X реша давонда буд, зеро заминаи ҳаётӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошт. Ин маъниро шеърҳои ошиқонаи ҳаётдӯстона, хамрия, тасвири табиат, ки ба маънои ҳаётиаш тараннум ёфтааст, тасдиқ менамояд. Ин мазмунро дар шеърҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Амир Оғочӣ, Тоҳири Чағонӣ ва дигарон хеле равшан дидан мумкин аст. Мо ин маънӣ, яъне тарзи тафаккури риндонаро, махсусан дар шеъри «Шод зиҳ»-и Рӯдакӣ ошкоро мебинем. Принципи асосии ин ақида шод гузаронидани ҳаёт, аз зиндагӣ ҳар чӣ зиёдтар лаззат гирифтан (ҳедонизм), бо ишқи бутон зиндагӣ кардан ва аз тақвими зиндагӣ ду рӯз (дирӯз ва фардоро)-ро хат задан, умрро босамар гузарондан талқин карда мешавад:

З-омада шодмон бибояд буд
В-аз гузашта накард бояд ёд.

*Рӯдакӣ*

Нақши ҳаётдӯстӣ дар шеъри аксарияти шоирони асри X бошад ҳам, оҳанги риндона бештар дар шеърҳои Рӯдакӣ садо медиҳад:

Симоу бодаи гулгуну лӯъбатони чу моҳ
Агар фаришта бубинад, даруфтад дар чоҳ.*
Назар чӣ гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст,
Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷои гиёҳ.
Қасе, ки огаҳӣ аз завқи ишқи ҷонон ёфт,
Зи хеш ҳайф бувад, гар даме бувад огоҳ.

Ақидаи риндӣ алоқаи бо доираҳои баланди аристократӣ ва табақаи миёнаи давлатманди тараққипарвар ва ҳаётдӯст доштанро ифода менамояд, ки он ба муқобили хасосат, диндории маҳз ва ҷаҳонбинии мистикӣ равона карда шуда буд.

**Оҳанги динӣ, тасаввуфӣ ва риндона дар ашъори шоирони асри VIII—X**

Дар асри X дин идеологияи ҳукмрон бошад ҳам, дар адабиёти бадеӣ аз рӯи осори боқимонда кам акс ёфтааст. Масалан, дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», ки аксарияти шеърҳои боқимондаи шоирони асри X-ро дарбар мегирад, чанде аз шеъри динӣ намуна оварда шудааст:

* Ишора ба афсонаи чоҳи Бобул ва фариштаи Ҳоруту Морут аст.

Мар худовандро ба ақл шинос,
Ки ба тавҳид ақл нобиност,
Офаринандаро наёбад вахм.
Гар ба ваҳм андар овариш хатост.
Ваҳми мо ёри ҷавҳару араз аст
В-ин ду бар кирдигор нозебост.
«Қайфа» гуфтан хатост эзидро,
«Қайфа» чун бошад беакфост.

*Хусравӣ*

Ин порча шеър нест, назми беобу рангест, ки дар вазну қофия ақидаи динии худоҷӯиро бо муҳокимаи илмии фалсафӣ ифода намудааст ва бо файласуфони материалист мунозира дорад, ки худоро на бо талаб ва даъвои «худо чӣ гуна аст!» (кайфа), балки аз рӯи ақл шинохтан лозим аст. Хусравӣ аз «ақл» ақли диниро фаҳмида, ақли илмиро «ваҳм» ва онро «кӯр» шуморидааст. Вай барои исботи ҳастии худо «ҷавҳару араз» талаб кардани материалистҳои даҳриро фикри хато ва дар ҳаққи худо рафтори нозеб мешуморад. Шоири пайрави фалсафаи калом Воизи Сарахсӣ (охири асри X) дар масъалаи макон бо материалистон мунозира кардааст. Файласуфони даҳрӣ барои исботи ҳастии худо макон доштани онро талаб мекарданд, зеро аз нуқтаи назари материалистӣ ҳар вуҷуд бояд маконе дошта бошад. Пас, агар худо вуҷуд дошта бошад, бояд дорои макон ҳам бошад. Воизи Сарахсӣ даъвои даҳриро бо он «далел» рад мекунад, ки худо ломакон аст ва маконнокиро барои махлуқҳояш офарид. Бинобар ин, аз рӯи макондории худ барои худо ҳам макон талабидан дуруст нест, вале ин даъвои ӯ асоси илмӣ надорад:

Ӯ-он гуфт он кӣ гуфт, ки ҳақро макон бувад,
Шубҳат будаш, ки ту ба макону макин дарӣ.
Аз баҳри халқ эзидат андар макон намуд,
Зеро ки халқро зи бурун нест қодирӣ.

Чунин муҳокимаронии Хусравӣ ва Воизи Сарахсӣ мунозира ва мубориза фалсафаи идеалистии калом ва фалсафаи материалистонаи даҳриюнро акс кунонидааст.

Порчаи дигари манзуми Хусравӣ ба масъалаи сарнавиштро аз фалак ва аз худо донистан бахшида шудааст. Дар асри X бо вуҷуди кайҳо қабул шудани ислом, таъсири ақидаи сайёрапарастӣ вуҷуд дошт, ки мардум тақдири худро аз ҳаракати афлок медонистанд ва он бо вуҷуди нимдинӣ ва нимдаҳригӣ будан, ақидаи исломии аз худои оллоҳ донистани сарнавиштро инкор мекард. Хусравӣ ҳамчун мусулмони мутакаллим ақидаи сайёрапарастиро дар масъалаи сарнавишт инкор намудааст:

Эй басо хаста, к-аз фалак бинам,
Бе силоҳе ҳамеша афгор аст.
В-эй басо баста, к-аз навоиби чарх
Банд пинҳону ӯ гирифтор аст.

В-эй басо куштагон, ки гардунрост,
Надавад хуну кушта бисьёр аст.

Аз фалак будани сарнавишти инсонро инкор кардани Хусравӣ дуруст бошад ҳам, онро аз худо донистани ӯ диндории маҳз аст.

Умуман, аз рӯи шеърҳои боқимонда таъсири ақидаи динӣ калон нест. Кӯшишҳои зардуштиро барқарор намудан, ки маънои шуубияи зиддиарабӣ ва истиқлолиятҷӯӣ аз ҳукмронии рӯҳонии хилофат дошт, низ таъсири оммавӣ надорад. Назар ба таассуроти динии исломӣ дар назм торафт зиёд шудани ақидаи мистикии тасаввуф (бештар дар шеърҳои Рӯдакӣ) мушоҳида мешавад, ки алоқаи ғоявии бо оммаҳои мазлуми халқдоштаи шоирони асрҳои IX—X-ро ифода менамояд. Маълум аст, ки мистикаи тасаввуфӣ дар ибтидо ҳаракат, эътироз ва оппозицияи оммаҳои меҳнаткаши мазлум ба муқобили феодалҳо ва синфи ҳоким буд. Инъикоси ин ақида каму беш аз аввалҳои пайдоиши тасаввуф ба назар мерасад, ки меҳнати фақирона тавсиф шудааст ва сӯфӣ риштаву бахьяи хирқадӯзиро буту зуннор номида, иҷолатан онро ба ислом зид гузоштааст:

Сӯфӣ, ки ба хирқадӯзияш бозорест,
Гар бахья ба фарқ мезанад, хуш корест
В-ар хоҳиши нафас дасти ӯ ҷунбонад,
Ҳар бахьяву риштааш буту зуннорест.

*Шақиқи Балхӣ*

Дар назми сӯфиёнаи асрҳои VIII—X мазлумӣ, махкумӣ ва маҳрумии оммаҳои халқ, дар ҷамъият аз оҷизии худ ва бешафқатии дороёну ҳокимон худро танҳо ва бечораву ноилоҷ ҳис кардани шахс акс ёфтааст, ки дасти ӯ ба ҷое намерасид. Чунин индивидуализми бечораҳолона инъикоси ҳолати рӯҳияи оммаҳои оҷиз мебошад:

Ку сӯхтае, ки созамаш ҳамдами хеш?
Ё дилшудае, ки ёбамаш маҳрами хеш?
Пас, ҳар ду ба кунҷи хилвате биншинем,
Ман мотами хеш дорам, ӯ мотами хеш.

*Абӯязиди Бастомӣ*

Чунин ақидаи халқ, ки барои ин ҳол синфи ҳокими золимро гӯё худо намебахшад, яъне дар пеш истодани мукофоти амали бад ва ғайра низ инъикоси олами рӯҳияи оҷизонаи меҳнаткашон аст:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз бахри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт

Исо ба рахе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки: «Қиро куштӣ, то кушта шудӣ зор?
То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт?»
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанат мушт.

*Рӯдакӣ*

Асоси таълимоти тасаввуфӣ, ки тарки дуньё ва нафрат ба моликияти дороён аст, дар адабиёти бадеӣ каму беш акс ёфтааст. Ин маънӣ дар шеъри Рӯдакӣ, ки бо мисраи «Ба сарои сипанҷ меҳмонро» шудааст, ифода гардидааст.

Дар байни пайравони ақидаи динию тасаввуфӣ шоироне мисли Кисоии Марвазӣ низ ҳастанд, ки динро нормаи ахлоқи нек шуморида, дар паси пардаи динӣ оммаҳои меҳнаткашро ҳимоя карда, бар зидди золимӣ, муфтхӯрӣ ва пурхӯрии синфи ҳоким баромада, бо ин роҳ ҳолати рӯҳияи оппозиционии зиддифеодалии оммаҳои халқро акс кунонидаанд:

З-инҳо ба ҷумла даст бикаш ҳамчу ман аз он-к
Бар сурати ману туву бар сирати харанд.
Гар расму хӯи дев гирифтанд, лоҷарам,
Ҳамвора пешн деви бадандеш чокаранд
В-ар гов гашт уммати ислом, лоҷарам,
Гургу палангу шери худованди минбаранд.

Ақидаи тарки дуньёи сӯфиёна ҳолати рӯҳияи оҷизонаи оммаҳои меҳнаткашро акс кунонидааст ва он ба синфи ҳокимони золим ва мафкураи он зид гузошта шудааст.

Чӣ тавре ки дар адабиёти асри Х ақидаи динӣ пурқувват нест, ҳамон тавр, ақидаи зиддидинӣ ҳам мақоми баланд надорад. Аммо оҳанги баланди ҳаётдӯстонаи шеърҳоро акси садои ба ҳаёт материалистона, некбинона ва шодона нигоҳ кардан шуморидан мумкин аст. Ин гуна нуқтаи назарро инкишофи феодализм ба миён оварда буд. Ин ҷаҳонбинӣ бештар дар ақидаи риндонаи ҳаётдӯстона анъикос ёфтааст:

Эй ишқи ту кушта орифу омиро,
Савдои ту гум карда накӯномиро.
Завқи лаби майгуни ту оварда бурун,
Аз савмаа Боязиди Бастомиро.

Ҳар чанд ки аз ин рубоӣ мафҳуми орифонаи ишқ — худоҷӯии сӯфиёна низ фаҳмида мешавад, вале ифодаи «завқи лаби майгун», ки инсон, яъне маҳбубаҳои ҳаётиро мефаҳмонад, маънои ҳаётдӯстии риндона дорад. Мафҳуми бо ишқи бутун аз савмаа аз дин берун рафтан дар яке аз шеърҳои Рӯдакӣ, ки бо мисраи «Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд?» оғоз мешавад, равшан ифода ёфтааст.

**Панду ҳикмат** яке аз равияҳои хеле зиёд паҳншудаи тафак-

кури тарбиявии асри X аст. Ин равия мувофиқи талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии одамонаш ҷараёни тарбиявиро пеш гирифтааст. Панду ҳикмат намунаи заковати халқ аст. Пандҳо метавонанд умумиинсонӣ — давомьёбандаи асрҳо ва ё маҳдуд бо асру давру синфҳо бошанд. Панде, ки манфиати синфҳои гузарандаро ифода мекунад, маҳдуд ва нопойдор аст.

Панд дар мавзӯи ҳунар ва меҳнатдӯстӣ аз насиҳатҳои халқӣ буда, ҳаётан бардавом аст:

Беҳунар давлат поянда набошад бас дер,
Давлат он бошад, поянда, ки ёбӣ ба ҳунар.

*Қамарии Ҷурҷонӣ*

Миқдори асарҳои пандомӯзе, ки ба синфи ҳоким хизмат кардаанду гузаранда мебошанд, каманд, аксарияти пандҳо асоси мустаҳками халқӣ доранд ва бинобар ин, аз насл ба насл мегузаранд.

Панди тарғиб ба дониш ва тавсифи хирад, ки аз рационализми деҳқонон сар задааст ва он, аз як тараф, рӯҳи тараққиёти давр — замони феодализми мутараққии дорои ренесанс, аз тарафи дигар, ақидаи зиддидинӣ ва зиддитасаввуфиро ифода менамояд, зеро тасаввуф донишро инкор мекунад, дар асри X мавқеи калон дорад. Беҳтарин шеъри тавсифӣ дар бораи дониш шеъри Рӯдакист:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Ҳар шоир мувофиқи фаҳмиши худ ягон ва ё якчанд ҷиҳати дониш ва ақлу хирадро қайд намудааст. Хирадмандон дуруст таъкид кардаанд, ки одамон донишро ҳар қадар омӯзанд, боз ҳам кам аст, зеро то рафт ноқис будани дониши худро медонад. Ин фикр чунин маънии фалсафӣ дорад, ки ҷаҳон дар тараққии беинтиҳост, вале донишҳои мо маҳдуд аст:

То бад он ҷо расид дониши ман,
Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.

*Абӯшакури Балхӣ*

Рӯдакӣ ҳаёт ва таҷрибаи онро манбаи дониш ва қувваи рафъкунандаи ҳар гуна мушкилиҳо шуморидааст:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Донишмандони асри X одамонро ба омӯхтани дониш даъват карда, дар айни замон қайд намудаанд, ки дар ҷамъияти синфӣ, ки дар он неъматҳои моддӣ дар дасти синфи муфтхӯрон ҷамъ омадааст, ҳолати моддии донишмандон ва аҳли меҳнат ногувор аст. Онҳо ин ҳолатро дарк карда, худ ва аҳли илмро бо он фикр тасалло додаанд, ки як шахс сазовор ва ё дорои ҳам дониш ва ҳам сарват шуда наметавонад:

Донишу хоста-ст, наргису гул,
Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам.
Он киро дониш аст, хоста нест
В-он киро хоста-ст, дониш кам.

*Шаҳиди Балхӣ*

Масъалаи дар мӯҳтоҷии моддӣ зиндагӣ кардани донишмандон ва хор шудани онҳо дар назди соҳибнеъматон пандеро ба вуҷуд овардааст, ки хирадманд набояд ниёзмандии худро дар назди давлатмандон зоҳир кунад, то ки ғайр аз эътирози социалӣ, истиқлолияти маънавии худро муҳофизат намояд:

Эй ба дарьёи ақл карда шино,
В-аз баду неки рӯзгор огоҳ.
Нон фурӯ зан зи оби дидаи хеш
В-аз дари ҳеҷ сифла шир махоҳ!

*Мунҷик*

Панди носеҳон даъват менамояд, ки аз кори ҷаҳон ибрат гиранд. Ин гуна панд, махсусан, ба онҳое дахл дорад, ки бо ҷоҳу мансаб ва боигарии худ мағруранд, аз дуньё бехабаранд:

Душам гузар афтод ба вайронаи Тӯс,
Дидам ҷуғзе нишаста ҷои товус.
Гуфтам: «Чӣ хабар дорӣ аз ин вайрона»?
Гуфто: «Хабар ин аст, ки афсӯс, афсӯс!»

Дар шеърҳои ҳикматомӯзи асри IX—X силсилаи пандҳое мавҷуданд, ки мисли марворид дар ришта кашида шудааст. Яке аз он дурдонаҳо устуворӣ дар гуфтор, қавл, ваъда ва вафо мебошад:

Задан мардро ҷӯб бар тори хеш,
Беҳ аз боз гаштан зи гуфтори хеш.
Касе, к-аз раҳи дӯст рӯ тофта,
Зи пайкори душман дилаш тофта.

*Абӯшакури Балхӣ*

Тарғиб ба сулҳ ва амният, на аломати оҷизии мард, балки тавоноӣ ва ҳашамати вай аст:

Яке насиҳати ман гӯш дору фармон кун,
Ки аз насиҳат суд он кунад, ки фармон кард:
Ҳама ба сулҳ гирою ҳама мадоро кун,
Ки аз мадоро кардан сутӯҳ гардад мард.
Агарчи қувват дорию иддати бисьёр,
Ба гирди сулҳ гирою ба гирди ҷанг магард.
На ҳар кӣ дорад шамшер, ҳарб бояд кард,
На ҳар як дорад позаҳр, заҳр бояд х(в)ард.

*Абулфатҳи Бустӣ*

Даъвати пандомезонаи ҳамаи халқу инсонро баробар донистан, даст кашидан аз ғурур ва ифтихори молу ҷоҳу мансаб сифати баланди инсонӣ аст. Ин маъниро аз забони подшоҳ шунидан боз ҳам ҷолиби диққат аст:

Зи бими теғи ҷаҳонгиру гурзи қалъакушой
Ҷаҳон мусаххари ман шуд, чун тан мусаххари рой.
Гаҳе ба иззу ба давлат ҳаме нишастам шод,
Гаҳе зи ҳирс ҳаме рафтаме зи ҷой ба ҷой.
Басе тафохур кардам, ки ман касе ҳастам,
Кунун баробар бинам ҳаме амиру гадой.

*Мунтасир*

Шоирони носеҳи асри X пандро воситаи тарбияи ахлоқ шуморида, қайд намудаанд, ки тарбияро аз хурдӣ бояд оғоз кард, зеро тарбия дар ҷавонӣ тезқабулшаванда аст:

Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон
Бигардонад уро чу хоҳад чунон.
Чу гардад калон боз натвонадаш,
Ки аз каҷжию хам бигардонадаш.

*Абӯшакури Балхӣ*

Панди адабиёти ин аср бештар некбинона аст, зеро ҳар чанд ки оянда барои умедҳои хеле зиёди иҷронашудае одамон қарздор аст, вале хонандаро боз ҳам ба умедиояндаи нек водор менамояд:

Имрӯз агар муроди ту бар н-ояд,
Фардо расӣ ба давлати обо-бар.
Чандин ҳазор умеди бани одам,
Тавқе шуда бар гардани фардо-бар.

*Турки Кишӣ*

Умедро ба фардо бастан дуруст аст, ки хислати некбинона дорад, вале иҷро намудани он «тавқе бар гардани фардо» шудааст, ки он якҷоя бо сабраш тоқатфарсо мебошад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ин давр норозигӣ ба сабри тоқатшикан низ инъикос ёфтааст:

Гӯянд: сабр кун, ки туро сабр бар диҳад,
Оре, диҳад, валек ба хуни ҷигар диҳад.
Ман умри хешро ба сабурӣ гузоштам,
Умри дигар бибояд, то сабр бар диҳад.

*Дақиқӣ*

Мутаассифона, инсон умри дубора намебинад, бинобар ин, бояд умри худро дар роҳи расидан ба бахт, ба сабурии доимӣ надода, кӯшиш, мубориза ва ғайрат кунад.

**Ҳаҷв**

Яке аз равияҳои муҳим, вале инкишофнаёфтаи адабиёти асри X шеъри ҳазлу ҳаҷв аст. Мунҷики Тирмизӣ, ки нисбат ба ҳамаи шоирони асри X шеъри ҳаҷвӣ бештар гуфтааст, куфр будани ҳаҷвро дар ақоиди мусулмонӣ таъкид намудааст.

Муҳолро натавонам шунид ҳазлу дурӯғ,
Ки ҳазл гуфтан куфр аст дар мусулмонӣ.
Сарою қасри бузургон талаб ту дар дуньё,
Чу мор чанд гузинӣ ту ҷои вайронӣ?!

Равияи ҳаҷв ҷаҳонбинӣ, ҳолати рӯҳия, нуқтаи назари ба ҳаёт ва табақаю синфҳои ҳокимдоштаи оммаҳои васеи демократии халқро акс кунонидааст. Дар ҳазлу ҳаҷви асри X чи хислатҳои шахсӣ ва чи хислатҳои синфӣ ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудааст. Воситаҳои тасвири ҳаҷви ин давр гоҳе дар доираи одоб ва гоҳе берун аз он аст.

Пеш аз ҳама, он хислат ва рафтори синфии одамон ба зери танқид гирифта шудааст, ки муносибаташон ба ҳамдигар аз рӯи дороӣ — мавқеи иқтисодии онхо муайян карда мешавад: Дар он ҷамъият, ки меъёри қадри инсон дороист, инсони гунаҳкори соҳибнеъмат метавонад бегуноҳ, вале одами камбағали бегуноҳ гунаҳкор шуда барояд. Пас, дар ҷамъияти нобаробарӣ меъёри муносибати одамон моликияти онҳост:

Чу пушт аст мар мардро хоста,
Киро хоста — кор ороста.
Бияфзояд аз хоста хушу рой,
Тухидастро дил набошад ба ҷой.
Тавонгар барад офарин солу моҳ
Ва дарвеш нафрин барад бегуноҳ.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҳаҷв аз масъалаҳои оддии зиндагӣ сар карда то масъалаҳои синфиро дарбар гирифтааст. Масалан, танқиди даъвои сохтаи шоиртарошии шоироне, ки истеъдод надоранд:

Даъво кунӣ, ки шоири даҳрам валек нест,
Дар шеъри ту на ҳикмату на лаззату на ҷам.

Ҳамин гуна танқид бо усули ҳаҷв дар ҳаққи ҳокӣ ва қавволони дарбори амирон, ки сухангӯии хубе надоранд, вале бо ҳар роҳе ба ин вазифа соҳиб шудаанд, низ равона карда шудааст:

Чун дар хикоят ояд, бонги шутур кунад,
В-оруғҳо занад чу хӯрда турбу гандано.

Ҳаҷви дигар дар ҳаққи ҳофизе бадовоз эҷод гардидааст, ки гӯши мардумро ба дод овардааст:

Чанд бардорад ин ҳирева хурӯш?!
Нашавад бода дар самоаш нӯш.
Ҳаст гӯй, ки дар гулӯш касе
Пишакеро ҳаме бимолад гӯш.

Ҳаҷв дар ҳаққи хасисон:

Чун жола ба сардӣ — андарун мавсуф,
Чун ғӯра ба сахтӣ — андарун маҳкам.

Ҳаҷв дар ҳаққи раисони аҳмақу нодони гарданғафс:

**Пушту қафои раиси аҳмақи ғарҷа**
Ҳеҷ нахоҳад, магар ки сафҷаю сафҷа.

Танқиди ҳокимони ҳаромзода, дузд, майхора, занбоз ва малъуну хасис:

Се ҳокиманд ин ҷо чун ғула ҳама дузд,
Майхораву занбораю малъуну хасис.

Ҳаҷв дар ҳаққи хоҷаҳое, ки яке сагтабиат аст:

Эй хоҷа, мар маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту бар кардам озмун.
Чун теғи неккуш ба саге озмун кунанд
В-он саг бувад ба қимати он теғ раҳнамун.

***Мунҷик***

дигаре моли мардум бисьёр мегирад, вале кам медиҳад:

Эй хоҷаи муаббир, ҳурсирати муфассир,
Хоҷа ду шаш ситонад, ду як диҳад ба хурдӣ.
Булҳарб ёри ту буд, аз Марв то Нишопур,
Савганд хӯр, ки дар роҳ булқағди ӯ нахӯрдӣ.

***Абулаббос***

Ҳаҷви хоҷае, ки мисвокаш ба мисли саргини саг ганда аст:

Яке бидид ба г... уфтода мисвокаш,
Рабуд, то барадаш боз ҷою боз када.
Яке бигуфт: ки мисвоки хоҷа ганда шудаст,
Ки ин саголаи г... саг аст, хушкшуда.

***Иморай Марвазӣ***

Ҳаҷви мири хасис:

Гаштам ҷаҳон дидам миреро,
Бар ним нон зада ду ҷой мисмор,
Қ-аз бими бухли ӯ ба дусад фарсанг,
Гунҷишк бар замин назанад минқор.

*Ушнонӣ*

**Марсия** Дар назми асри X як силсила шеърҳо ба равияи марсия ва шикоят аз пирӣ бахшида шудаанд. Пирӣ, ҳар чанд ки давраи камолоти шахс аст, вале замони ғуруби офтоби умри ӯст, аз ин ҷост, ки афсӯс аз умри гузаштаи ҷавонӣ ва шикоят аз пирӣ дар шеърҳо акс ёфтаанд, ки он низ ҳолати рӯҳияи инсон мебошад. Ифодаи хеле олидараҷаи шикоят аз пирӣ дар қасидаи машҳури хасбиҳолии Рӯдакӣ инъикос дорад. Ин маънӣ дар ҳар шоир ҳар хел ифода ёфтааст. Рӯдакӣ онро аввало аз хости ситораи наҳси Қайвон, баъд ба тариқи руҷӯи лирикӣ аз он фикр баргашта, пириро хости тақдири илоҳӣ маънидод намудааст, ки ба тақдир эътиқод доштани ӯро нишон медиҳад:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло-бал чароғи тобон буд...
Яке намонд кунун з-он ҳама бисуду бирехт,
Чӣ наҳс буд?—Ҳамоно, ки наҳси Қайвон буд.
На наҳси Қайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд, ман-т бигӯям: Қазои яздон буд.

Шоир Кисоии Марвазӣ аз пирӣ ба ҳолати бад афтидани худро арз кардааст, вале сабаб нишон надода, фактро қайд намудааст:

Пирӣ маро ба заргарӣ афканд, эй шигифт
Бе қаҳдуд зардам ҳамвора сурф-сурф,
Заргар фурӯ нишонад курфи сияҳ ба сим,
Ман боз барнишондам сими сияҳ ба курф.

Ба муносибати мусибати пирӣ, ки аломати он мӯи сафед аст, масъалаи ранг кардани мӯй ба миён омадаст, зеро мӯйсафедӣ ба тани солим барои иҷрои рафтор ва амалиёти хаётдӯстона халал расонидааст. Ин ҳол дар навбати худ дар байни диндорон ва порсоён эътирозеро ба вуҷуд овардааст:

Аҷаб ояд маро зи мардуми пир,
Ки ҳаме ришро ҳизоб кунад.
Бо хизоб аз аҷал ҳаме нараҳад,
Хештанро ҳаме азоб кунад.

*Хусравонӣ*

Эътирози порсоёнаи онҳо беҷавоб намондааст:

Ман мӯи хешро на аз он мекунам сиёҳ,
То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.
Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сиёҳ кунанд,
Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ.

*Рӯдакӣ*

Аз хизоби ману аз мӯй сияҳ кардани ман,
Гар ҳаме ранҷ хӯрӣ, беш хӯру ранҷ мабар.
Ғаразам з-ин, на ҷавонист, битарсам ки зи ман
Хурд пирон биҷӯянду наёбанд асар.

*Кисоӣ*

Шеърҳои марсиявӣ танҳо изҳори таъзия набуда, дар онҳо ҳам ҳиссиёти инсонӣ ва ҷаҳонбинии шахс инъикос ёфтааст. Мө дар марсияҳои боқимонда ғайр аз афсӯсу надомад, воқеаҳои таърихӣ ва ҷаҳонфаҳмии гӯяндагони он шеърҳоро низ мефаҳмем. Масалан, аз порчаи марсияи Имораи Марвазӣ дар ҷанг кушта шудани подшоҳе ва аз ин воқеа пайдо шудани ноумедӣ ва аз ӯ дур шудани сидқу вафо дар байни мардум фаҳмида мешавад:

Аз хуни ӯ чу рӯи замин лаълфом шуд,
Рӯи вафо сияҳ шуду чеҳри умед зард,
Теғ ар бихост хурд ҳаме хуни маргро,
Марг аз наҳиби хеш мар он шоҳро бих(в)ард.

Дар марсияи Кисоӣ, ки ба вафоти Нӯҳ бини Мансури Сомонӣ (975—997) бахшида шудааст, ғаму андӯҳи беинтиҳои мардуми шаҳри Марв ифода ёфтааст:

Ҷанозаи ту надонам кадом ҳодиса буд,
Ки дидаҳо ҳама масқул карду рух маҷрӯҳ,
Аз оби дида чу тӯфон шуд ҳама Марв,
Ҷанозаи ту бар он бо ҳамчу киштии Нӯҳ.

Дар марсияи Иброҳим Мунтасир, ки ба зане ё духтаре бахшида шудааст, ақидаи динии «аз хок рӯидани одам ва аз рӯи тақдир ба хок рафтани он» ифода ёфтааст ва дар ин ҳолат мотамдорро ба ҷуз сабр ва таслим ба қазо чорае нест, пас азоби азодории ӯ низ кам нест:

То ту, эй маҳ, зери хок шудӣ,
Хокро бар сипеҳр фазл омад.
Дил ҷазаъ кард, гуфтам: Эй дил сабр!
Ин қазо аз худой адл омад.
Одам аз хок буд хокӣ шуд,
Ҳар кӣ з-ӯ зод, боз асл омад.

Дар марсияҳои ба Муродии Бухороӣ ва Шаҳиди Балхӣ бахшидаи Рӯдакӣ ду масъалаи дигар акс ёфтааст: Дар марсияи ба Муродӣ бахшидашуда дар баробари воқеаи калони таърихӣ бу-

дани вафоти ӯ, боқимондаи ақидаи сайёрапарастии давраҳои қадим, ки осмонро падар ва заминро модар тасаввур мекарданд, акс ёфтааст:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Колбуди тира ба модар супурд.

Дар марсияи ба Шаҳиди Балхӣ бахшидашуда факти тарҷумаиҳоли ва тавсифи дониши ӯ, кӯр будани як чашми Шаҳид, вале дониши бои вай қайд шудааст:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як-то кам
В-аз шумори хирад ҳазорон беш.

Шакли кӯтоҳи марсияҳо имконият додааст, ки дар ҳар яке аз онҳо як ё якчанд фикри кӯтоҳи том пурра ифода ёбад.

Дар масъалаи марг ва азобу мотам ақидаи шоирони аср ин аст, ки марг ё қонуни ҳатмии дуньё ва ё қазои ҳатмии худост, ки ба он муқобилат кардан бефоида аст, зеро азодор бо гирьяву нола ва азобу мотами худ онро тағьир дода наметавонад, чӣ тавре ки пастиву баландии дуньёро иваз кардан номумкин аст. Ғайр аз ин, таълимоти динӣ чунин мешуморад, ки гӯё марг хости худост, гирья — эътироз бар хилофи хости худост, ки куфр аст. Ин ақида аз дини зардуштӣ омадааст. Рӯдакӣ маргро ҳамчун қонуни объективонаи дуньё (гетӣ) маънидод кардааст:

Эй он ки ғамгинию азодорӣ,
Андар ниҳон сиришк ҳамеборӣ,
Ҳамвор кард хоҳӣ гетиро,
Гетист кай пазирад ҳамворӣ?!
Мастӣ макун, ки ӯ нашнавад мастӣ!
Зорӣ макун, ки ӯ нашнавад зорӣ!
Шавӣ то қиёмат андар зорӣ,
Кай рафтаро ба зорӣ боз орӣ?!
Рафт он-к рафту омад он-к омад,
Буд он чӣ буд, хира чӣ ғам дорӣ?!

**Реализми маърифатпарварии назми асри X**

Чи тавре ки аз намунаи шеъри асри X ба назар мерасад, адабиёти ин давр шаклан чандон бой набошад ҳам, мазмунан хеле ғанӣ ва услубан реалистона мебошад. Реализми назми асри X чи аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ, чи тарзи тафаккур, маърифати ҳаёт ва чӣ аз ҷиҳати тарзи баён реалистона аст. Услуби ин назм аз сабаби соддагӣ, равонӣ, конкретӣ будан саҳли мумтанеъ ва сабки хуросонӣ ном дорад. Чӣ хеле ки шаклҳои шеъ-

рӣ ва мундариҷаю образҳои бадеии онҳо нишон медиҳад, назми асри X бо ҳаёти реалии замони худ, бо фольклор ва анъанаҳои худ бо адабиёти қадим алоқаи зич дорад. Вақте ки порчаҳои мадҳияро мебинем, онҳо ба мадҳи амирон ва шахсони таърихии конкрет алоқаманд буда, сифатҳои ҳаётиашонро (дар баъзе мавридҳо бо муболиға бошад ҳам) вобаста ба вазифаҳои давлати феодалии тоҷик, ки роли прогрессивӣ ва умумихалқӣ дошт, акс кунонидааст. Қасидаҳои мадҳия дар масъалаи сиёсӣ ва иҷрои чанд вазифаи таърихӣ нигаронида шудааст: Нигоҳ доштани давлати марказонидашудаи феодалии тоҷик аз ҳуҷуми истилои хориҷӣ, вайронкории қувваҳои марказгурези феодалӣ ва бо ин восита ба вуҷуд овардани ягонагии халқ ва халқияти тоҷикон, ки таърихан ҳодисаи мусбати прогрессивӣ буд. Идеализацияи амирони «худӣ»-и чунин давлати феодалӣ ба талабҳои таърихии замон ҷавоб дода метавонист, аз ин рӯ, он реалистона буд. Масалан, дар қасидаи «Модари май» масъалаи хеле муҳимми таърих — ба ҳукумати марказӣ содиқона тобеъ будани феодалҳои маҳаллӣ гузошта шудааст, ки ҳодисаи реалии таърихан заруриҳаёт буд.

Дар шаклҳои дигари шеърӣ, масалан, дар қитъа масъалаҳои муҳимми тарбияи дидактикӣ гузошта шудааст, ки ба амалиёти ҳаррӯзаи на танҳо инсони асри X, балки ҳамаи даврҳо лозим ва зарурист:

Ҳар чӣ он бар тани ту заҳр бувад,
Бар тани мардумон мадор ту нӯш.
Надиҳӣ дод, доди касон мастон,
Ангубинхар мабошу заҳрфурӯш.

*Маънавӣ*

Ё ки панди аз ҳаёт омӯхтанро гирем. То чӣ андоза реалистона будани он танҳо аз он факт ҳам аён аст, ки дар давоми асрҳо кӯҳна нашудааст, баръакс, аҳамияти зиёде пайдо карда, баъдҳо ҳам аз рӯи он насли инсон таълим хоҳад гирифт:

Магар пеш биншонадат рӯзгор,
Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор.

*Абӯшакури Балхӣ*

Тасвири ҳиссиёти ошиқонаи шахс дар назми асри X олоиши худоҷӯӣ не, мафҳуми ҳаётӣ дорад, ки образи инсони реал дар табиати зинда намоён гаштааст:

Сурудгӯй шуд он мурғаки сурудсарой,
Чу ошиқе, ки ба маъшуқи худ диҳад пайғом,
Ҳаме чӣ гӯяд? Гӯяд, ки ошиқо, шабгир,
Бигир дасти диломому сӯи боғ хиром.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ё ки манзараи табиатро гирем. Тасвири баҳор:

Барафканд, эй санам, абри биҳиштӣ,
Заминро хилъати урдубиҳиштӣ.
Биҳишти аднро гулзор монад,
Дарахт ороста—ҳури биҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуда дебо,
Ҳаво бар сони ниландуда ваштӣ.
Ба таъми нӯш гашта чашмаи об,
Ба ранги дидаи оҳуи даштӣ.
Чунон гардад ҷаҳон ҳаҷмон, ки гӯӣ:
Паланг оҳу нагирад ҷуз ба гӯштӣ...
Ҷаҳон товусгуна гашту дидор
Ба ҷое нармию ҷое дуруштӣ.
Бад-он монад, ки гӯӣ аз маю мушк
Мисоли дӯст бар саҳро навиштӣ.
Зи гил бӯи гулоб ояд бад-он сон,
Ки пиндорӣ, гил андар гул сириштӣ.

*Дақиқӣ*

Дар ин порча табиати баҳор на дар услуби натуралистӣ, балки бадеӣ — бо образҳои зебо, нафис, таъсирбахш, лаззати эстетикидиҳанда ва бо ифодаҳои маҷозӣ тасвир ёфтааст, ки дар он услуби реалисти тамоман ҳайратовар аст. Масалан, дар ифодаи маҷозии бадеии «паланг оҳу нагирад ҷуз ба гӯштӣ» қувваи табиати «мурда»-ро зиндакунанда ва рӯҳи тозадиҳандаи фасли баҳор хеле моҳирона ва санъаткорона ба қалам дода шудааст, ки он ба ҳисси хонанда завқи эстетикии фараҳбахш медиҳад. Агар мо ба ин шеър амиқ назар андозем дар он чунин тасвирҳо ва образу ифодаҳои реалистона хеле зиёд аст. Чунин ҳолати тасвири баланди реалистона на танҳо аз қувваи истеъдоди баланди шоирона, балки аз таъсири ба зиндагӣ муҳаббати ҳаётдӯстона ва нуқтаи назари реалистона доштани шоир ба вуҷуд омадааст ва ин услуб бештар хоси шоирони асри X мебошад.

Ҳамин тавр, рафтори реалистона ҳам ҷаҳонбинӣ ва ҳам услуби баёни шоирони давр мебошад, ки дар сарварии онҳо Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва дигарон истодаанд.

## НАМОЯНДАГОНИ НАЗМИ МУОСИР

Дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» номи 28 нафар шоирони ҳамасри сардафтари адабиёти классикии тоҷик қайд шудааст. Аз рӯи гуфтаи тазкиранавис Ас-Саолибӣ дар китоби «Ятимат-уд-даҳр» ин миқдор ба 119 мерасад, вале аз сабаби офати замон асар ва номҳои онҳо то охир ва пурра омада нарасидааст. Бисьёрии ин шоирон соҳиби девони шеърҳо будаанд. Дар бораи дар асри XI мавҷуд будани девони шеърҳои Дақиқӣ ва Мунҷики Тирмизӣ Носири Хисрав дар «Сафарно-

ма»-и худ хабар додааст: «...Дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ некӯ намедонист. Пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки уро мушкил буд, аз ман пурсид». («Сафарнома», чопи Берлин, саҳ. 8). Аз ин ҳақиқати таърихӣ пай бурдан душвор нест, ки асри Х адабиёти мукаммали форсизабон доштааст, вале мутаассифона, ҳоло аз он ба ҷуз порчаҳо ва баъзе шеърҳои пурра чизе намондааст. Он чӣ дар бораи адабиёти асри Х гуфта мешавад, аз рӯи ҳамин порчаҳост. Порчаҳои боқимонда ба сифати намуна мушти аз хирвори адабиёти баландғояву баландшакли асри Х буда, дар бораи салосат ва нафосати бадеии адабиёти он маълумот медиҳанд.

**Шаҳиди Балхӣ**

Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Варроқи Ҷаҳудонакии Балхи шоири номӣ ва олими забардасти асри Х аст. Муаллифи китоби «Маҷмаъ-ул-булдон» Ёқути Ҳамавӣ дар боби шарҳи калимаи «Ҷаҳудонак» онро чун деҳе дар атрофи Балх ба забон оварда падари Шаҳидро аз он деҳа шуморидааст: Пас, падараш аз Чаҳудонак ба Балх кӯчидааст ва Шаҳид дар он ҷо таваллуд шудааст. Аммо соли таваллуди ӯ то ҳол маълум нест. Шаҳидро ба эътибори падараш ҷаҳудонакӣ ҳам мегуфтаанд.

Шаҳид баъдҳо аз Балх ба Бухоро омадааст, вале замони омадани ӯ маълум нест, аммо вай аз ҳамкорони Рӯдакӣ буда, бояд ҳаёташ дар нимаи якуми асри Х гузашта бошад. Аз марсияи Рӯдакӣ ба вафоти Шаҳид маълум мешавад, ки ӯ пеш аз Рӯдакӣ дар соли 937 вафот ёфтааст. Аз таъкиди Рӯдакӣ маълум мешавад, ки як чашми Шаҳид кӯр будааст: «Аз шумори ду чашм як-то кам». Рӯдакӣ дар ҳамин марсияи хурди худ ӯро донишманди бузург номидааст: «Ва-аз шумори хирад ҳазорон беш». Аз рӯи тасдиқи муаллифи «Ал-феҳрист» Ибн-ун-Надим Шаҳид ва файласуфи материалисти асри IX—Х Муҳаммад Закариёи Розӣ (925) дар боби ҳикмат ва фалсафа бо ҳам мунозираҳо доштаанд ва барои исботи даъвои худ рисола навиштаанд. Пас Шаҳид ҳаким ва файласуф ҳам будааст. Аз мунозираҳои ӯ бо Розӣ маълум мешавад, ки файласуфи материалист набудааст.

Шаҳид на танҳо олим ва файласуф аст, балки шоири боистеъдод ҳам мебошад. Аз мероси адабии ӯ намунаҳо хеле кам (168 мисраъ) боқӣ мондааст. Шакли шеърҳои боқимондаи Шаҳид қасида, қитъа, дубайта буда, дар онҳо мазмуни мадҳу сано, панд, ишқ, тарбия, тасвири табиат, марсия, шикоят аз замона ва ғайра акс ёфтааст. Дар порчаи боқимондаи яке аз қасидаҳои мадҳияи ӯ ҳокими ҷавоне тавсиф ёфтааст ва он сифатҳо бештар зебоии вайро акс кунонидааст. Шоир барои аз вай дур нашудан ва меҳрашро дар дил нигоҳ доштан дар назди ӯ қасам ёд кардааст:

Маро ба ҷони ту савганду саъб савганде,
Ки ҳаргиз аз ту нагардам, набшнавам панде.
Диҳанд пандаму ман ҳеҷ панд напзирам,
Ки панд суд надорад ба ҷои савганде.
Шунидаам, ки биҳишт он касе тавонад ёфт,
Ки орзу бирасонад ба орзуманде.
Туро агар малики чиниён бидидӣ рӯй,
Намоз бурдию динор барпароқандӣ
В-агар туро малики ҳиндувон бидидӣ мӯй,
Суҷуд кардию бутхонаҳош баркандӣ...
Туро саломат бод, эй гули баҳору биҳишт,
Ки сӯи қиблаи рӯяш намоз хонандӣ.

Қасидаҳои мадҳияи ӯ ба равияи умумии давр — идеализацияи нодшоҳи «худи», ба нигоҳ доштани давлати мутамарказии феодалӣ нигаронида шудааст. Дар мадҳияҳояш аксаран истилоҳоти астрономӣ кор фармудани ӯ нишон медиҳад, ки вай бештар ба илми ҳайат мароқ дорад. Масалан:

Хунук на Офтобу Зӯҳраву Моҳ,
Ки набошанд ҷовидона табоҳ.
Ҳама дар як ниҳоди хеш даванд,
Ки нагарданд ҳаргиз аз як роҳ.
Рост, гӯӣ, ситорагон малаканд,
Чашмаи офтоб шоҳаншоҳ.

Ҳамин тавр, мадҳ як равияи эҷодии ӯ буда, мағзи ғоявии онро адолатхоҳӣ аз подшоҳ ташкил медиҳад. Равиши дигари ғоявии ӯ панд аст. Дар суханони пурҳикмати вай даъват ба ҳиммати баланд:

Узр бо ҳиммати ту битвон сохт,
Пеши ту хомӯшу забон кӯтоҳ.
Ҳиммати шер аз он баландтар аст,
Ки дилозор бошад аз рӯбоҳ.

ба кори нек сустӣ накардан, оқибати корро аз аввали он дида тавонистан, дар ғафлат намондан:

Айб бошад ба кори нек диранг,
Гар шитобояд, эй рафиқ, малом.
Оқибатро ҳам аз нахустин бин,
То ба ғафлат гулӯ нагирад дом.

дар амалиёти зиндагӣ ҳаққи худро талаб намудан ва ба хотири соҳибдавлатон оварда истодан:

Гар фаромӯш кард хоҷа маро,
Хештанро ба руқъа додам ёд.
Кӯдаки ширхора то нагирист,
Модар ӯро ба меҳр шир надод.

дар назди душманон сарбаландона ба майдон даромадан:

Шавам бадхоҳ чун рӯбоҳи баддил,
Чу шеросо ту бихромӣ ба майдон.

ва дигар сифатҳои неки инсонӣ, ки ҳусни одамони хуб аст, мушоҳида мешавад ва он пандҳо одамонро ба дуруст омӯхтани моҳияти ҳаёт равона месозад. Шаҳид дар масъалаи ахлоқ динро нормаи кирдори нек шуморидааст, ки ақидаи маҳдуди ӯст:

Ҳама диёнату дин варзу некномӣ кун,
Ки сӯи хулди барин бошадат гузарнома.

Суханони пурмазмун ва ҳикматноки инсонӣ, ки дар ашъори ӯ истифода шудаанд, гуфтаи Рӯдакиро дар бораи дониши бои вай (хирад ҳазорон беш) бори дигар тасдиқ менамояд.

Мазмуни қисме аз ашъори ба таври пароканда боқимондаи Шаҳид аз ҳиссиёти муҳаббати инсонӣ, ки латифтарин эҳсосоти ӯст, иборат аст. Зебоӣ ва латофати ҳусни ёр — инсон предмети тасвири шеърҳои ишқии вай аст:

Чун тани худ ба бармі пок бишуст,
Аз машомаш тамом лӯълӯ руст.
Нарм-нармак зи барм берун шуд,
Меҳраш аз он чӣ буд, афзун шуд.

* * *

Даҳон дорад чу як писта, лабон дорад ба май шуста,
Ҷаҳон бар ман чу як писта, бад-он пистадаҳон дорад.

* * *

Танаш аз нозукӣ зи бори назар
Қисвати хун кашад чу лола ба сар.

Ҳамин тавр, Шаҳид забони инсон ва таъсири мафтункунандаи онро сароида, ишқро ҳамчун қувваи берун аз иродаи шахс маънидод кардааст:

Ишқи ту анкабутро монад,
Битанида-ст тафта гирди дилам.

Дар ҳиссиёти ҳаётдӯстонаи Шаҳид муҳаббат ба табиати зинда як ҷузъи ҳиссиёти зебоидӯстии вай аст, аз ин рӯ, тасвири табиатро бо ҳиссиёти ошиқона якҷоя ба қалам додааст:

Абр ҳаме гирьяд чун ошиқон,
Боғ ҳамехандад маъшуқвор.
Раъд ҳаменолад монанди ман,
Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор.

Шаҳид ҳусни беҳамтои инсон ва ишқи поки онро тараннум карда, ӯро аз ахлоқи бад ва одамони бадахлоқ парҳез намудан даъват намудааст:

Зане пушту талотуфу аҳриманкирдор,
Нигар, нагардӣ аз гирди ӯ, ки дармонӣ.

Шаҳиди Балхӣ дар масъалаҳои ҷамъиятӣ ҳамчун олими азоби рӯҳидида ба назар мерасад. Аввало дуруст қайд кардааст, ки одамон мухталифтабиату гуногунраъянд:

Ҷаҳониёнро дидам басе зи ҳар мазҳаб
Басе бидидам аз гуна-гуна ҷадгора.

Вай дар ҳаёти онрӯза нобаробарии иқтисодӣ, зулми иҷтимоӣ ва бедавлатии донишманду соҳибнеъматии ҷоҳилонро хуб мушоҳида карда, аҳволи вазнини моддӣ ва рӯҳии аҳли донишро бо сӯзу гудоз тасвир кардааст:

Агар ғамро чу оташ дуд буди,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Вай дар ин масъала худро бо он ақида тасалло додааст, ки донишу бойгарӣ дар як ҷой намеистад. Дар масъалаи зулми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ масъаларо аз мавқеи мистикӣ ҳал карда, онҳоеро, ки меҳнаткашонро бемузд истисмор мекунанд, бо рӯзи ҳисобӣ—ҷазои рӯзи қимат тарсондааст:

Агар бигравӣ ту рӯзи ҳисоб,
Мафармой дарвешро шойгон.

Нобаробарии ҷамъиятӣ, фиреб, сохтакориҳо, дурӯғ ва беviҷдониҳо дар олами ботинии ӯ нисбат ба муқобили ононе, ки дорои ин гуна раъйи мухталифанд, танаффур ва адоват ба вуҷуд овардааст, ки он дар шакли ҳаҷв зоҳир гаштааст. Ҳаҷви дар ҳаққи ҳофизони бадовоз, сартарошҳо ва хоҷаҳои майпараст гуфтаи ӯ низ аз ҳамин қабил аст:

**Аз чӣ тавба накунад хоҷа, ки ҳар ҷо, ки бувад**
**Қадаҳе май бихӯрад, рост кунад зуд ҳарош.**

Душвории ҳалли масъалаҳои хилофи ҳам дар охири умр шоирро водор кардааст, ки худро аз мардуми гуногунраъй дур — ба гӯшаи танҳоӣ кашад:

Баргузидам ба хона танҳоӣ,
Аз ҳама кас дарам бубастам ҷуст.

**Абӯшакури Балхӣ** Аз рӯи калимаи нисбати «Балхӣ» ҷои таваллуди Абӯшакур шаҳри Балх қарор гирифта шудааст. Кӣ будани падару модари ӯ, ба кадом табақаи ҷамъият мансуб будани вай маълум нест. Аз рӯи рақами «336» ҳиҷрӣ (947—948 м.), ки шоир онро соли таълифи «Офариннома»-и худ қарор додааст ва дар ин сана сиюсесола будани худро қайд менамояд:

Саранҷом оғози ин нома кард,
Ҷавон буд чун сию сесола мард,

соли таваллуди ӯро 303 ҳиҷрӣ (915—916 м.) донистан мумкин аст. Ҷои таҳсил, устодони ӯ ва кай омадани вай ба маркази сиёсии давлати Сомониён шаҳри Бухоро маълум нест. Агар соли таълифи «Офариннома» 947—948 бошад, замони ҳукмронии Нӯҳ бинни Наср аст ва агар каме ҷавонтар ба Бухоро омада бошад, сӯҳбати Рӯдакиро дарьёфтааст. Тафсилоти ҳаёти ӯ дар Бухоро маълум нест, вале шоири аҳди Сомониён будани вай исбот шудааст.

Аз мероси адабии ӯ маснавие бо номи «Офариннома» ва ду маснавии дигарро дар вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсур ва баҳри хафиф ба ӯ нисбат медиҳанд. Аз ин маснавиҳо ва шеърҳои дигараш порчаҳои ҷудогона ба таври пароканда боқӣ мондаанд. Як қисми он порчаҳои қитъашакл аз қасида мондаанд. Хушбахтона, аз «Офариннома» порчаи пурратаре мавҷуд аст.

«Офариннома» (маснавӣ дар бораи офариниш) дар вазни мутақорибй мусаммани мақсур, дар соли 336 ҳиҷрӣ навишта шудааст ва он дар достони мазкур қайд шудааст:

Бар ин достон кас нагуфт аз фаёл,
Абр сесаду сиюшаш буд сол.

Подшоҳи ин замон Нӯҳ бинни Наср (943—954) будааст, ки дар асар зикр мегардад:

Худованди мо Нӯҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳриёрон бигустурд дод.

Мазмуни асосии асарҳои боқимондаи Абӯшакур панду ҳикмат аст. «Офариннома» шаклан маснавиест, ки сюжети ягона надорад ва он бештар ба достони лирики монанд аст, аммо худи шоир онро «достон» номидааст:

Ту аз ман кунун достоне шунав,
Бар-ин достон бештар з-ин манав.

Азбаски ин асар пурра нест, дар бораи достон ё маснавӣ будан, ҳамчунин мундариҷаи пурраи он сухан рондан душвор аст. Аз рӯи порчаҳои боқимонда маълум мешавад, ки он аз ҳикояҳои ҳаётӣ иборат будааст. Дар порчаи мазкур дар бораи каси тавонгари гунаҳкоре сухан меравад, ки аз рӯи ҳавас гуноҳе зоҳир карда, ба ҷазои марг маҳкум гардидааст:

Зи дидор хезад ҳазор орзӯй,
Зи чашм аст, гӯянд раджи гулӯй...
Саре бе тану паҳн гашта ба гурз,
Тане бесар афганда бар хок бурз.

Дар қатори персонажи марди гунаҳкоре, ки ҳорис ва пурхӯр будааст, персонажи зани бадахлоқе низ офарида шудааст, ки шоир ба ӯ нафрат баён кардааст:

Зи доно шунидам, паймоншикан —
Зани ҷоф-ҷоф аст, осонфикан...
Тавонгар ба наздики зан хуфта буд,
Зан аз хоб шарфоки мардум шунуд...
Ба нишкурда бубрид занро гулу.
Туфу бар чунин ношикебо, туфу!
Чӣ бинад бад-ин андарун жарфбин,
Чӣ гӯй, ту, эй файласуф, андар ин?!

Ӯ ба муносибати танқиди марди муфтхӯр ва пурхӯр, одамони бахил ва бадкирдор:

Бахилӣ макун ҷовидон як басе,
Бад-ин орзӯ, ки манам худ расӣ...
Яке зиштрӯи бадоғор буд,
Ту гӯӣ ба мардумгазӣ мор буд.

дар бораи ҳиммати баланд ва аз паси меҳнати худ ризқу рӯзӣ ёфтан сухан ронда, аз нӯги қалам рӯзгузаронӣ доштан ва аз ин рӯ, аз мардум бениёз будани худро арз кардааст, ки ҳам маънои панддиҳӣ дорад ва ҳам тарҷумаиҳолӣ дорад:

Агар бозӣ, андар чакак кам нигар,
В-агар бошаӣ, сӯи баттон мапар!
Чу динор бояд маро ё дирам,
Фароз оварам ман зи нӯки қалам.
Чунин гуфт Ҳорун: Маро рӯзи марг:
Мафармой ҳеҷ одамиро маҷарг?

Байтҳои порчаи боқимондаи «Офариннома» аз ҷиҳати пайдарпаии фикр мураккаб нестанд, маълум мешавад, ки ба тариқи интихоб мондааст. Аз ин асар гоҳ тасвири эпикии шахсу ҳаёт ба назар меояд, гоҳ панд ва гоҳ муҳокимаи ҳакимонаи ҳаёт. Дар ин ҷо фикрҳо оид ба паспорти асар низ вомехӯранд. Ба ҳар ҳол, маснавии «Офариннома» бештар ҳамчун достони лирикӣ ва психологӣ ба назар мерасад.

Дар шеърҳои боқимондаи Абӯшакур шаклҳои шеърии маснавӣ, қитъа, дубайта ва рубоӣ мушоҳида мешавад. Дар ин шаклҳои шеърӣ мазмунҳои ишқӣ, хамрия ва бештар панду ҳикмат акс ёфтааст. Масалан, дар як қитъаи ишқии ӯ дар бораи нозукӣ ва латофати ёр ва аз ғамзаи вай озурда шудани дили ошиқ (ба маънои маҷозиаш) сухан рафтааст. Вай инро ҳамчун ҳукми тақдир, ки бадӣ ба бадист, ба тариқи лутф маънидод менамояд:

Аз дур ба дидори ту андар нигаристам,
Маҷрӯҳ шуд он чеҳраи пурҳусну малоҳат,
В-аз ғамзаи ту хаста шуд озурда дили ман.
В-ин ҳукми қазоист — ҷароҳат ба ҷароҳат.

Дар рубоие он ҳиссу таассуроти ошиқона ифода ёфтааст, ки ошиқ гӯё аз маъшуқаи худ ҳеҷ рӯи некӣ намебинад, пас вай дар озордиҳӣ ягона аст:

Эй гашта ман аз ғами фаровони ту паст,
Шуд қомати ман зи дарди ҳиҷрони ту шаст.
Эй шуста ман аз фиребу дастони ту даст,
Худ ҳеҷ касе ба сирати сони ту ҳаст?

Дар яке аз қитъаҳои ӯ тавсифи май бо услуби баёни хамрия ифода ёфтааст:

Соқиё, мар маро аз он май деҳ
Ки ғами ман бад-ӯ гусорида шуд.
Аз каника бирафт чун маҳи нав,
Дар пиёла маҳи чаҳорда (х) шуд.

Ин гуна мазмунҳо дар ашъори боқимондаи Абӯшакур кам вомехӯрад. Равияи асосии эҷодии ӯ панд аст.

Дар фикрҳои пандомези ӯ андешаҳои фалсафии чигунагии ҷаҳонро маънидод кардан мушоҳида мешавад. Дар шеърҳои ӯ ба кори худ мустақил будани ҷаҳон, ба хоҳиши инсон вобаста набудани кори ҷаҳонофарин (худо) ва аз дуньё бадӣ дидани одам сухан рафтааст, ки дар он оҷизии инсон дар назди тақдир ва мазлумии ӯ дар ҷаҳони торики феодалӣ акс ёфтааст:

Наояд ҷаҳон бар ту в-ар пояде,
Аз ӯ ҳар бадӣ, к-ояде — шояде.
Чунин омаду ту нахоҳӣ чунин,
Писанда наӣ, бо ҷаҳонофарин.
Нагардад ба коми ту ҳаргиз равиш,
Равиш дигару ту ба дигар маниш.
На ҳар-ч ояд андар дили мо гумон,
Ба он гуна гардиш кунад осмон.

Аз рӯи фаҳмиши Абӯшакури Балхӣ ҷаҳон ҷои омадшуди инсон ва як кӯпрукест байни мабдаъ ва маод:

Бараҳна будӣ, к-омада дар ҷаҳон,
Набуд бо ту чанд ошкору ниҳон.
Чунон к-омадӣ, ҳамчунон бигзарӣ,
Хӯру пӯшиш афзун туро барсарӣ.
Хирадманд гӯяд: ки ҳаст ин ҷаҳон —
Яке пул бар роҳу мо ҳамраҳон.

Ақидаи фалсафии ӯ дар бораи одаму олам оҳанги мистикӣ дорад ва ба муқобили ғурури молу мулкдории дороён, ки луч ба дуньё омада дасти холӣ аз ин ҷаҳон мераванд, вале ин ҳолатро фикр намекунанд, эътирози оммаҳои мазлуму нодорро акс кунонидааст. Ин маънӣ дар маснавии дигараш равшантар акс ёфтааст:

Агар Қорун шавӣ з-алфағтани мол,
Шавӣ дар зери пои хок помол.

* * *

Чунон рафт дорои ганҷ аз ҷаҳон,
Ки дарвештар кас равад дар ниҳон.

Аз ин гуфтаҳо, бо вуҷуди мазмуни мистики доштанаш низ, дар масъалаҳои иҷтимоии муносибат ба табақаҳои ҷамъиятӣ дар мавқеи оммаҳои меҳнаткаш истодани ӯ намудор мегардад. Ақидаи иҷтимоии Абӯшакур дар боби ҷамъият ва муносибати халқу давлат, халқу синфи хоким ба ақидаи умумихалқии замони феодалӣ адолатхоҳӣ асос ёфтааст:

Хирадманд гӯяд, ки бар адлу дод,
Бувад подшоҳию динро ниҳод.
Беҳин кор андар ҷаҳон он бувад,
Ки монандаи кори яздон бувад.

Аз рӯи ақидаи он давр халқ — рама, подшоҳ — чӯпон тасаввур шудааст. Абӯшакур онро тасдиқ менамояд. Дар баробари ҳамин, барои қонеъ гардонидани талаботи халқ зарурати дороии подшоҳ ва агар чизе надошта бошад, ба вай ёрӣ додан таъкид карда шудааст. Аз рӯи ин тасаввур халқу подшоҳ дар ягонагӣ дида шудааст:

Бувад подшо мустаҳиқтар касе,
Ки дорад нигаҳ чизу дорад басе.
Агар он надорад басе хоста,
Бад-он то бувад кораш ороста.
Пас ин шаҳро беҳ, ки дорад нигоҳ
Ки бар омма — бар чун шубон аст шоҳ.
Чу Хусрав надорад, чӣ хоҳанд аз ӯй,
Ҳақи мардумон чун гузорад, бигӯй!

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки Абӯшакур моҳияти синфии давлат ва ҷамъияти феодалиро равшан нафаҳмидааст.

Мувофиқи ақидаи ин ҳаким подшоҳ ба вазирону дабирони доно мӯҳтоҷ аст:

Шунидам, ки бар шоҳ фаррух бувад,
Ки дастури покиза посух бувад.
Наёяд-ш дастури нодон ба кор,
Дабирони нодони ноустувор.

Подшоҳ дар амалиёти худ — гуфтор ва рафтор шитобкор ва зудхашм набошад, зеро мардум бо ин гуна шоҳ хушбахт нестанд:

Шитоб оварад зишт некӯ ба чашм,
На некӯ бувад подшо зудхашм.
Қиро кор бо шоҳи бадхӯ бувад,
На озарму на бахт неку бувад.

Тарафи дигар — муқобили шитоб ва хашм сабр, таҳаммул ва андеша аст, ки шоири носеҳ онро нормаи хуби ахлоқ медонад:

Шикебоӣ андар ҳама корҳо
Беҳ аз тӯшаи зар ба кирдорҳо.
Шикебоӣ андар дили танг неҳ,
Шикебоӣ аз ганҷи бисьёр беҳ.

Вай ҳар ду рафтори инсониро муҳокима карда, аз андоза берун нарафтанро тавсия кардааст:

Аз андоза бартар мабар дасти хеш,
Фузун аз гилемат макун пой пеш!

Абушакури Балхӣ дар масъалаи тарбияи ахлоқ дар мавқеи рационализм меистад ва меъёри он ба нафъи мардум (халқ) кор кардан аст:

Хирадманд гӯяд, ки: буньёди хӯй
Зи шарм асту дониш нигаҳбони ӯй.
Биҳишт он касеро, ки ӯ некхӯст
Қи донистани хайри мардум бад-ӯст.
Ҳама чизҳоро писандад хирад,
Магар нохирдмандию хӯи бад.

* * *

Зи гуфтору кирдору аз хӯи зишт,
Қасе надравад хуб, гар зишт кишт.

Ҳар чанд ки дар ақидаи дидактикии ӯ меъёри динӣ (ваъдаи биҳишт ба некон) муайянкунандаи ахлоқи неки одамӣ шуморида шудааст, вале ба муқобили зулм озори халқ ва бадахлоқӣ, ки хислати хулқи синфи ҳоким аст, баромад карда, қатъиян халқи меҳнатиро ҷонибдорӣ мекунад:

Беҳин мардумон — мардуми некхӯст,
Батар он ки хӯи бад анбози ӯст.

Ақидаи шоири носеҳ дар масъалаи тарбияи ахлоқ ин аст, ки шахс бояд аз хурдӣ тарбия ёбад. Шахси бошуур бояд гуноҳи як бор кардаи худро, ки онро бахшидаанд, такрор накунад:

Ба роҳе, ки мард андар омад ба сар
Ба он роҳ низаш наёяд гузар.
Гуноҳе, ки кардию бар ту гузашт,
Набояд-т ҳаргиз бар-ӯ боз гашт.
На ҳар бор бар ту гузар бугзарад,
На оҳӯй ҳамасола сабзӣ х(в)арад.
Пушаймонӣ аз карда як бор бас,
Ҳалоҳил дубора нахӯрда-ст кас.

Шоир хулқи неки мардумро дар росткорӣ, ростгӯӣ ва сидқу садоқат дидааст:

Ба кажжию норостӣ кам гирой,
Ҷаҳон аз паи ростӣ шуда ба пой.

Зимни тавсифи ростӣ дурӯғгӯӣ сарзаниш карда шудааст:

Накӯҳида бошад дурӯғозмой,
Сӯи бандагону ба сӯи худой.

Дурӯғ ирзу озарм камтар кунад,
В-агар-т рост гӯӣ, кӣ бовар кунад?

Дар ниҳоди панду ҳикматҳои Абушакури Балхӣ масъалаи неку бад ва муборизаи ин ду хислат, ки анъанаи ақидаи дуалистии зардуштист, ҷои асосӣ дорад. Зимни тавсиф ва тарғиби некӣ як силсила масъалаҳое пеш ронда шудааст, ки ба ришта асосӣ печидааст: Некии холис кардан ва бар ивази он чизе тамаъ накардан:

Яке панди нек омад аз ҳиндувон,
Бар он хустувонанд нохустувон:
«Бикун неку— в-он гаҳ бияфган ба роҳ,
Намояндаи роҳ аз ин беҳ маҳоҳ».

Некӣ кардан — худро аз бад нигоҳ доштан аст:

Ба некӣ шавад чашм равшан туро,
Зи ҳар бад бувад нек ҷавшан туро.

Ба амали некӣ некӣ меояд, пас бояд некӣ кард:

Зи некӣ ҳама некӣояд ба ҷой,
Ба некӣ диҳад низ некӣ худой.

Некӣ ба шахс қаноатмандии рӯҳӣ ва лаззати маънавӣ медиҳад:

Бас аст ин шараф хӯи покизаро,
Ки монад зани хуб дӯшизаро.

Тарғиби ахлоқи нек бо масъалаи мукофоти амал мустаҳкам гардонида шудааст:

Ту донӣ, ки мардум, ки некӣ кунад,
Кунад, то мукофоти он барчинад.
Мукофотҳо чанд гуна бувад,
Яке он ки корад, ҳамон бидравад.

Ба муносибати тавсифи некиҳо образи дӯст ба миён меояд, ки шахси аз ҳама маъқулу меҳрубон аст ва аз даст додани он кори хуб нест:

Шавад дӯст аз дӯст ороста,
Чу бо эминӣ мардум аз хоста.
Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-ин бувад ҷовидон.

* * *

Ду чиз аз дил андӯҳ берун барад,
Рухи дӯсту овози марди хирад.

Тарафи муқобили некиҳо бадиҳост, ки агар онро ба инсон нисбат диҳем, ҳамонанди дӯсту душман аст. Бадиро шоири

ҳаким ҳамчун оташи ниҳоне, ки аз он офат ва касофатҳои азим сар мезанад, маънидод кардааст:

Бадӣ ҳамчу оташ бувад дар ниҳон,
Ки пайдо кунад хештан ногаҳон.

Чӣ тавре ки ба воситаи хислати нек образи дӯст ба майдон мебарояд, ҳамон тавр вобаста ба хислатҳои бадӣ образи душман ба миён меояд. Абӯшакур хислати бадӣ ҳамчун некиро ҳам аз ниҳоди одами, яъне модарзод мешуморад ва онро ба дарахти донакаш талх нисбат додааст:

Ба душман барат устуворӣ мабод,
Ки душман дарахтест, талх аз ниҳод.
Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо,
Ҳамон меваи талхат орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид,
Зи душман гар эдун, ки ёбӣ шакар,
Гумон бар, ки заҳр аст, ҳаргиз ма(х)вар.

Муносибати душман ба шахс на танҳо заҳрзананда, тӯҳмат кардан ва дурӯғҳои ростмонанд гуфтан низ мебошад:

Кунад душман оҳуи кӯчак бузург,
Ба харгӯши ту барниҳад номи гург.
Чу душман ба гуфтан тавонад ҳаме,
Дурӯғе, ки бо рост монад ҳаме.
Чи чора-ст бо ӯ ба ҷуз хомӯшӣ,
Ситеҳандагӣ бошад аз беҳушӣ.

Аз рӯи ақидаи Абӯшакур муносибат ба душман бояд бераҳмона ва маҳвкунанда бошад, вале набояд бемавқеъ бошад:

Шунидам, ки душман бувад чун булӯр,
Чу гоҳи шикастан наёбӣ, машӯр.
Пас он гаҳ, ки хоҳӣ, туаш бишканӣ,
Чунон кун, ки бар санги хоро занӣ.

Шоири ҳаким бо душман душманона рафтор карданро тавсия намояд ҳам, дар лаҳзаҳои ҷудогона зарурати рафтори бамавридро низ лозим мешуморад. Масалан, дар мавриди лозима мадоро — муросо зарур аст:

Шуҷоъ он кӣ дилро шикебо кунад,
Ба ошуфтан андар мадоро кунад.

Агар душман бо нармӣ ояд, дуруштӣ лозим нест, зеро хашмро зиёд мекунад:

Ба нармӣ чу душман ниҳад рӯзгор,
Дуруштию гармӣ наёяд ба кор.

Коре, ки бо зӯриву ҷанг ба даст намеояд, бо муомилаи некӯкорӣ ба даст овардан лозим аст:

Ба нармӣ барорад басе чиз мард,
Ки он барнаёяд ба ҷангу набард.

Ҳамаи чораву андешаҳо ба як мақсад — барҳам задани душман равона карда шудааст:

Чу душман ба даст уфтад, кун ту зӯр,
Ки ҳаргиз нагардад раҳо то ба гӯр.

Аммо дар ҷанг ва берун аз ҷанг душманро хурд шумоGридан нораво ст:

Чу рӯбоҳро кушт хоҳӣ, нигар,
Нахонӣ ба номаш магар шери нар.

Ҳаким Абӯшакур бадкирдориро маҳкум карда истода, дар айни замон ба ҳокими адл маслиҳат медиҳад, ки болои айбу гуноҳро пушад:

Чунон кун, ки чун ёфтӣ дастгоҳ,
Ба омӯрзиш андар бипӯшӣ гуноҳ.

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд: дӯст ҳамеша дӯст ва одами нек ҳамеша одами нек аст, аз онҳо бадӣ ва душманӣ барнамеоянд, ҳамин тавр, душман ва одами бадкирдор доимо бадрафтор ҳастанд, аз онҳо ҳеҷ гоҳ дӯстӣ ва накӯкорӣ барнахоҳад омад. Пас, характерҳо тағьирёбанда нестанд ва таъсири тарбия имконнопазир аст. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки ақидаи Абӯшакур дар масъалаи хислатҳо ва тарбияи онҳо метафизикӣ буда, тағьироти хислату рафтори инсониро бетағьир мешуморад. Агар хислатҳо ин тавр бетағьир бошад, муносибати онҳо ҳамеша дар ҳолати зид ва ҷанг аст, аммо ҳаким ҳамчун шахси сулҳҷӯ сулҳро аз ҷанг афзал донистааст:

Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,
Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.

Аз оҳанги шеърҳои Абӯшакур маълум мешавад, ки ӯ чи дар муносибатҳои шахсии одамон ва чи дар муносибати давлатҳо тарафдори сулҳу оштӣ ва бар зидди ҷанг будааст. Аммо агар ҷанг ногузир бошад, дар он мардонавор ҳалок гаштан шарафи бузург аст, нисбат ба он кас, ки асири душман бошад, мегӯяд:

Ба номи накӯ гар бимирам равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.
Чунон гуфт Хусрав, ки «мурдан ба ном,
Беҳ аз зинда, душман бад-ӯ шодком».

Мавзӯи сухан ва аҳамияти он дар ақидаи дидактикии Абӯшакур яке аз мавқеъҳои асосиро ишғол менамояд. Дар порчаҳои ба сухан (забон) бахшидашуда, на дар бораи «забон чист», балки дар хусуси аҳамият, фоидаю зарари сухан ва ба он чӣ гуна муносибат кардан мулоҳиза ронда шудааст. Масалан: забон ё сухан қувваи аз ҳама тавоно ва бурррост:

Шунидам, ки бошад забони сухан
Чу алмоси буррону теғи куҳан.
Сухан бифганад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.

Сухан ва таъсири он ҳар хел аст:

Сухан захру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармону дард.

Сухани бад ба мори заҳрдор ташбеҳ шудааст, бинобар ин, аз гуфтани ин ҳазар карданро тавсия менамояд:

Сухан, к-аз даҳон ноҳумоюн ҷаҳад,
Чу морест, к-аз хона берун ҷаҳад.
Нигаҳ дор худро аз ӯ, чун сазад,
Ки наздиктарро сабуктар газад.

Сухани нек ба ёқут нисбат дода шудааст, ки дар вазн сабук, дар арзиш қимат аст:

Чу ёқут бояд сухан безиён,
Сабуксанг лекин баҳояш гарон.

Қадри сухан аз забони нексуханон баланд ва аз гуфтори бадсуханон паст мешавад:

Сухан гарчи бояд гаронмоятар,
Фурӯмоя гардад зи кампоятар.
Сухан к-аз даҳони бузургон равад,
Чу некӣ бувад, достоне бувад.

Ба муносибати муҳокимаи сухан, ки дар муомилаи байни одамон таъсири бузурги мусбату манфӣ, фоидаву зарар дорад ва дар гуфтани он эҳтиёт лозим аст, масъалаи сир нигоҳ доштан ба миён меояд. Сир ё ки роз нигоҳ доштан ва ё онро ифшо намудан чи барои шахс ва чи барои ҷамъияту давлат аҳамияти калон ё ки фоидаву зарари бисьёре дорад. Аз ин рӯ, Абӯшакури Балхӣ ба ин масъала эътибори ҷиддӣ додааст:

Кушояндаи розҳои ниҳон
Саранҷом расво шавад дар ҷаҳон.

Дар ин маврид онҳое танқид карда шудаанд, ки сирри худро пинҳон намедоранд, вале аз шунаванда хоҳиш менамоянд, ки сирри онҳоро пинҳон дорад:

Зи ман рози хеш ар надорӣ нигоҳ,
Нигаҳ доштан розат аз ман маҳоҳ.

Сирри аз даҳон берунрафта, ки дар гӯшу даҳони дигарон нишасту парешон шуд, ба тири аз камонҷаста ташбеҳ карда шудааст:

Чу дар дил нагунҷад-т рози касон,
Куҷо гунҷад андар дили дигарон.
Сухан, к-ӯ зи сию ду дандон биҷаст,
Ба сию ду гӯшу дил андар нишаст.
Наёяд дигар бора зи мардумон
Сухан, к-аз даҳан ҷасту тир аз камон.

Сирпаҳнкунандагон сазовори ҷазоянд:

Касе, к-ӯ бараҳна кунад рози дуст,
Раво бошад ар бардарониш пуст.

Дар панду хикматҳои Абӯшакури Балхӣ тавсифи донишу хирад мавқеи намоёне дорад. Ҳар чанд ки нуқтаи назари ӯ дар бораи хирад идеалистист, вале роли бузурги ҷамъиятии онро махсус қайд кардааст. Вай ақлро ҳокими инсон маънидод карда, тани ӯро ходими он шуморидааст:

Хирадманд гӯяд: хирад подшост,
Ки бар хосу бад ом фармонравост.
Хирадро тани одамӣ лашкар аст,
Ҳама шаҳвату орзу чокар аст.

Дар масъалаи қимат ва аҳамияти хирад ақидаи ин ҳакими хирадманд сазовори таҳсин аст. Масалан, ба ақидаи ӯ бо хирад дуньёро шинохтан мумкин аст:

Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ боз монад на омӯзгор.
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

Қимати инсон аз дониш аст, на аз пулу чиз:

Хирадманд гӯяд, ки таъйиду фар
Ба дониш ба мардум расад, не зи зар.
Чу доно шавад марди бахшандакаф,
Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф.

Бузургии инсон аз хирад аст. Ба ақидаи дурусти ӯ донишро мартабаву мансаб не, баръакс дониш мансабу мартабаи баланди шахсро ба вуҷуд меорад:

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.
На донотар он, ки волотар аст,
Ки волотар аст он, ки донотар аст.

Ҳамин тавр, чунон ки аз порчаҳои боло дида шуд, Абӯшакури Балхӣ яке аз донишмандони бузурги асри X буда, заковати гузашта ва ҳозираи халқи худро ба таври эҷодӣ аз худ карда, онро барои ҳамзамонон ва ояндагон гоҳ бо забони илмӣ ва гоҳ шеърӣ баён кардааст. Бештарини пандҳои ӯ то ҳол аҳамияти тарбиявии худро гум накардааст ва минбаъд ҳам гум намекунад.

**Робеаи Балхӣ** Соли таваллуд ва вафоти Робеаи Балхӣ ё ки Қаздорӣ маълум нест. Аз нақли саргузашти ӯ бо Рӯдакӣ, Насри II ва бародари ӯ Ҳорис, ки амирзодаи замони Насри II аст, маълум мегардад, ки дар нимаи якуми асри X зиндагӣ кардааст ва умри дароз ҳам надидааст, зеро дар айни ҷавонӣ ба таври фоҷиавӣ кушта шудааст. Робеа аз рӯи нақли тазкираҳо духтари ҳокими Балх Кааб-ул-Қаздорӣ буда, дар Балх таваллуд шудааст. Падараш аслан гӯё араб будааст. Вай дар оилаи падар таҳсили илм карда, соҳиби дониши баланд ва истеъдоди шеърӣ будааст, ки аз шеърҳояш хувайдост. Авфӣ дар тазкираи худ Робеаро шоираи давраи ғазнавиён мешуморад ва барои ошиқи беқарор буданаш ба ӯ «магаси рӯин» лақаб гузошта, қитъаи зеринашро меорад:

Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб
Зи осмон малахону сар ҳама заррин.
Агар биборад заррин малах дар ӯ аз сабр
Сазад гар борад бар ман яке магас рӯин.

Аммо ин маълумоти Авфиро сарчашмаҳои дигар тасдиқ намекунанд. Аз рӯи нақле, ки Ризоқулихони Ҳидоят дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» аз достони «Илоҳинома»-и Фарид-дудини Аттор овардааст, Кааб пеш аз вафоташ ба писари худ Ҳорис васият кардааст, ки ба хоҳари ягонааш Робеа, ки номи фахриаш «Зайн-ул-араб» будааст, ғамхорӣ кунад. Ҳорис Бектош ном ғуломи турк дошт ва ба ӯ вазифаи хазинадориро супорида буд. Боре баҳорон дар айвони шоҳӣ базм ороста буданд. Робеа ба боми қаср баромада, аҳли базмро тамошо карда, ҷавони зебо Бектошро дида, ошиқ шуд. Вай сирри худро пинҳон медошт, вале аз ғами ишқ бемор шуд. Табибро даъват карданд, вале сабаби бемории ӯро ёфта натавонистанд. Робеа сирри худро пинҳон карда натавониста, ба дояи худ гуфтааст ва ба воситаи ӯ ба Бектош нома навишта сураташро ҳамроҳ фиристодааст. Бектош ба як дидан аз рӯи сурат ошиқи беқарор шуда, ба воситаи доя ҷавоби даҳанакӣ фиристодааст. Робеаи мафтуни ишқи Бектош ҳиссиёти ошиқонаашро дар шеър ифода намуда, ба дӯстдоштаи худ фиристодааст. Боре ошиқон дар даҳлези қаср вохӯрдаанд. Бектош аз бари домани Робеа дошт, вале вай ба духтари амир бо ин ҷуръат даст дароз кардани ӯро гӯё, ки рафтори нодуруст ҳисоб карда бошад, доманашро сахт кашида рафт. Бо вуҷуди ин муомила, диққати Бектош аз аввала зиёдтар ба вай ҷалб шуд. Худи Робеа ҳам беҳтар ва бештар шеър менавишт ва ба ӯ мефиристод. Боре ба қаламрави ҳокимии Ҳорис душманон ҳуҷум карданд. Амир Ҳорис Бектошро ҳамроҳ ба ҷанг бурд. Робеа аз ҳаёти ошиқ ба ташвиш афтода, либоси мардонаи ҷангӣ пӯшида савора аз ақиби лашкари бародараш рафт. Дар вақти ҷанг Бектош ҷароҳатдор мешавад ва хавфи асирӣ ҳам пайдо мешавад, вале Робеа расида омада ӯро халос мекунад. Дар ин вақт ба ёрии ӯ аскарони

амири Бухоро меоянд, душман мағлуб, Ҳорис ғолиб меояд. Бектош кӯшиш мекунад фаҳмад, ки паҳлавони ӯро наҷотдода кӣ буд? Аскарони Ҳорис ӯро дида бошанд ҳам, намешинохтанд. Робеа дар яке аз мактубҳояш ба Бектош нақл мекунад, ки чӣ тавр ӯро дар майдони ҷанг аз дасти душманон раҳо дод.

Аз рӯи нақли достони Аттор боре Рӯдакӣ ба Балх меояд. Қасе шеъри Робеаро ба ин шоири бузург нишон медиҳад. Ӯ ин шеърро дар ҳиссиёт аз шеъри худ ҳам гарму ҷӯшонтар донистa, боварӣ ҳосил мекунад, ки шеъри кадом шоири ошиқ аст.

Баъд аз чанд вақт Ҳорис барои миннатдорӣ ба ёрии ҳарбӣ ба Бухоро меояд. Рӯдакӣ дар ин базм шеъри худро мехонад. Вақте ки ҳама ӯро таърифу тавсиф мекунанд, вай арз мекунад, ки дар Балх духтари шоирае ҳаст, ки шеърҳояш аз шеърҳои ӯ баланд аст. Онҳо хоҳиш мекунанд, ки ягонто аз шеъри ӯро хонад. Вай мехонад. Амир аз хурсандӣ кӣ будани ӯро мепурсад. Рӯдакӣ бехабар аз ҳозир будани бародари Робеа — Ҳорис, ҳар чӣ дар Балх дар бораи Робеа ва ошиқ будани ӯ ба Бектош шунида буд, нақл мекунад. Ҳорис сир надода, қарор медиҳад, ки агар нақли Рӯдакӣ рост бошад, хоҳараш ва Бектошро сахт ҷазо хоҳад дод.

Ҳорис дар Балх аз рӯи одати онрӯза дар чодар бо ғуломи дигараш зиндагӣ мекард. Ин ғулом сандуқчаеро таги чашм карда буд, ки Бектош дар он чизҳои пинҳонӣ дошт ва бисьёр эҳтиёт мекард. Ғулом боре он сандуқчаро дуздид ва кушода дид, ки фақат коғазҳои хат аст. Инҳо мактуб ва шеърҳои Робеа буданд. Ғулом шубҳа карда сандуқчаро бо хамаи чизҳояш ба пеши амир Ҳорис бурд. Ҳорис ба гуфтаҳои Рӯдакӣ бовар кард. Фармон дод, ки Бектошро ба зиндон андозанд ва Робеаро ба ҳаммоми гарм андохта раги хунашро бурранд. Вай дар ҳаммоми ҷӯшон тоқат накарда, аз ғаму азоб аз хуни худ ба девор шеър навишта ҷон медиҳад. Бектош аз зиндон гурехта Ҳорисро дар қасраш ва худро дар таги дари ҳаммоме, ки аҷалгоҳи маъшуқааш буд, мекушад.

Дар маҳалли зиндагонии Робеаи Балхӣ ба вуҷуд омадани чунин нақли боварибахш, ки дар асрҳои миёна зану духтар ва ғулом чунин ҳуқуқи ҷасуронае надоштанд ва аз ин рӯ, сазовори ҷазои сахт гаштаанд, ба кас боварӣ мебахшад, ки ба ҳақиқати ин ривоят розӣ шавад. Шахси таърихӣ будани Робеа, боқӣ намондани маълумотҳои дигар водор кардааст, ки ин нақлро ҳамчун факти таърихӣ қабул кунем. Аз қабули он илми таърихи адабиёт зарар намебинад. Ҳар чанд ки ин нақлро Аттор барои ифодаи ақидаи суфиёнаи худ истифода кардааст ва онро ба тариқи руҷӯи лирикӣ аз забони шайхи бузург, сӯфии охири асри X ва аввали асри XI — Абӯсаид Абулхайр тасдиқ менамояд, ки ин ишқ, ишқи илоҳӣ буд, вале дар асри XII ба вуҷуд омадани чунин асари мукаммал мисли «Илоҳинома» шӯҳрати эҷодии Робеаро нишон медиҳад. Ин сюжет барои сӯфиён, ки ишқро илоҳӣ ва берун аз синфияту миллияту дину

оин медонистанд, материали хубе медод ва он ҳоло ҳам барои синфиятро эътироф накардани ишқ ва дӯстии халқҳо материали хубест, ки он барои ба вуҷуд омадани пьесаи фоҷиавии саргузашти «Робеаи Балхӣ» асос шудааст.

Мероси адабии Робеа хеле кам мондааст, вале он шояд хеле зиёд бошад, зеро шеърҳои ӯ шеъри шоири шогирд ва ё навьёдгир набуда, балки шеъри шоирест, ки таҷрибаи бои эҷодӣ дорад. Дар ашъори худ ҳиссиёти баланди гарму ҷӯшони ошиқонаро ифода намудааст. Муошиқаи ӯро бо Бектоши турк ду порчаи шеърии ӯ тасдиқ менамояд: Яке байти зерин, ки мулоқоти ӯро бо турке акс кунонидааст:

Турк аз дарам даромад, хандонак,
Он хубрӯи чобук меҳмонак.

Ин байт сюжети дар «Илоҳинома» овардаи Атторро пурра мекунад, яъне Робеа ӯро на танҳо як бор дар айвони базм, бори дигар дар даҳлези қаср ва дафъаи дигар дар майдони ҷанг дидааст, балки дар хонааш низ ба сифати меҳмони «хубрӯю чобуку хандонак» пазируфтааст ва аз вай лаззати дидору висол гирифтааст. Аммо мавқеи онҳо, чӣ тавре ки Аттор тасвир кардааст, хатарнок буд. Ҳуқуқи ҳар ду ҳам маҳдуд буд, Бектоши ғулом ҳақ надошт, ки бо духтар ё хоҳари хоҷаи худ муошиқа кунад, Робеа низ ҳамчун асилзода набояд бо намояндаи табақаи поён, махсусан, ғуломон ишқбозӣ кунад, бинобар ин, шояд онҳо бисьёр эҳтиёт мекарданд, алалхусус, Бектош худро дур мекашид, ба назди Робеа кам меомад, ки аз ин ҳоли ҳиҷрон Робеа дар азоби рӯҳӣ буд ва Бектошро «дуои бад» мекард, ки худо ӯро мисли вай ошиқи беқарор кунад:

Даъвати ман бар ту он шуд, к-эзидат ошиқ кунад:
Бар яке сангиндиле, номеҳрубон чун хештан,
То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғамх(в)арӣ,
То ба ҳаҷр андар бипечиву бидонӣ қадри ман.

Аз шеърҳои ошиқонаи Робеа оҳанги зани оҷизе, ки аз як тараф, дар оташи ҳиҷрон сӯзиш дорад ва аз тарафи дигар, дар шароити номусоиди зиндагӣ, дар зери бори ғаму кулфатҳои нописанд бо ҳар гуна зиштиҳо мубориза мекунад, бармеояд:

Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,
Кӯшиши бисьёр н-омад судманд.
Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,
К-аз кашидан сахттар гардад каманд.
Ишқ дарьёи каронанопадид,
Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд?!
Ошиқӣ хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.

Дар шеъри дигари Робеа, ки бо вуҷуди бетахаллусӣ дар шакли ғазал аст, ба ишқи ӯ нобоварии ошиқ ва изҳори садоқат кардани вай акс ёфтааст. Аз эҳтимол дур нест, ки Бектош дар аввалҳо ба ишқи духтари амир бовар накарда бошад. Аммо Робеа дар ин ғазал изҳори самимият, садоқат, вафодорӣ ва якрахагӣ кардааст, зеро вай худро исьёнкор намешуморад, вале тайёр аст, ки дар роҳи дин ёғӣ (саркаш) бошад, зеро қоидаҳои динӣ ва ҷамъияти феодалӣ ошиқии асилзодаву ғуломро нораво медонист:

Маро ба ишқ ҳаме мӯҳтамил кунӣ ба ҳиял,
Чӣ ҳуҷҷат орӣ пеши худои аззаваҷал.
Ба ишқат андар осӣ ҳаме наёрам шуд,
Ба динам андар тоғӣ ҳамешавам ба масал.
Наим бе ту нахоҳам, ҷаҳим бо ту равост,
Ки бе ту шакар заҳр асту бо ту заҳр асал.
Ба рӯи некӯ такья макун, ки то якчанд
Ба сунбул андар пинҳон кунанд наҷми Зуҳал.
Ҳар оина на дурӯғ аст он чӣ гуфт ҳаким:
Фаман такаббур явман фа баъда иззазул.

Дар шеъри дигари зарифона ва пурлатофате, ки аз он оҳанги ғаму андӯҳи софдилонаи занона меояд, Робеа ба мурғи нолони шохи дарахт мурочиат карда, ба тариқи муқоиса ё ки муқобилгузорӣ аз ҷудоии ёр нолидан ва хун гирья кардани ошиқи маҳрум аз ёрро хеле ба таври бадей ва образнок баён намудааст, ки ҳасбиҳоли ӯст:

...Дӯш бар шохаки дарахт мурғе
Навҳа мекарду мегирист ба зорӣ...
Ман ҷудоям зи ёр аз он менолам,
Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёрӣ?
Ман нагӯям чу хуни дида биборам,
Ту чӣ гӯӣ чу хуни дида наборӣ?

Аз сӯзу гудозе, ки Робеа дар роҳи ишқ дорад ва аз он вазъияте, ки ошиқу маъшуқ доштанд, фоҷиаи бебозгашти ишқи софу поки инсонӣ, ки ба дилҳои беҳиллаи ин ду ҷавон ҷой гирифтааст, намудор мебошад. Ин маъниро қитъаи зерин тасдиқ менамояд:

Кош-к танам боз ёфтӣ хабари дил,
Кош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.
Кош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,
Ой фусусо, куҷо тавонам растан?!

Шеърҳои Робеаи Балхӣ танҳо ошиқона нест. Баъзе шеърҳояш дар услуби пейзажтасвиркунии асри X эҷод шудааст, ки аз он тасвири реалистона бӯи табиати зинда омада меистад:

Фишонд аз савсану гул симу зар бод,
Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.
Бидод аз нақши озар сад нишон об,
Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.

Мисоли чашми одам шуд магар абр?
Далели лутфи Исо шуд магар бод?
Ки дурр борид ҳар дам дар чаман абр,
Ки ҷон афзуд хуш-хуш дар шаҷар бод.
Агар девона абр омад, чаро пас,
Кунад арза сабӯҳӣ ҷоми зар бод?!
Гули хушбӯй, тарсам, оварад ранҷ,
Аз ин ғаммози субҳи пардадар бод,
Барои чашми ҳар ноаҳл, гӯӣ:
Арӯси боғро шуд ҷилвагар бод.
Аҷаб, чун субҳ хуштар мебарад хоб.
Чаро афканд гулро дар саҳар бод?

Шеърҳои боқимондаи Робеа дар шакли қитъа ва ғазали бетахаллусанд. Шеъри боло, ки тасвири манзараи табиат аст, ташбиби қасидаест. Пас қасидаи мадҳия ҳам сароидааст. Ин шеър нотамом аст ва ба кӣ бахшида шуданаш маълум нест. Шеърҳои ӯ ба талаботи шеърият аз қабили кор фармудани воситаҳои тасвир ва санъатҳои шеърӣ пурра ҷавоб медиҳад. Аз санъатҳо талмеҳ ва ширу шакарро бештар кор фармудааст. Мисраъҳои пурраи арабӣ фикри тазкиранависонро, ки Робеа гӯё шеърҳои арабӣ ҳам дорад, тасдиқ менамояд.

Робеаи Балхӣ шояд аввалин шоираи тоҷикинависи адабиёти форсу тоҷик баъд аз истилои араб бошад. Шароити адабӣ ва мадании давраи Сомониён ин булбули сарояндаи ишқу зебоиро ба гулистони адаб баровардааст.

**Кисоии Марвазӣ**

Маҷиддин Абулҳасан Кисоӣ 27-уми шавволи 341 ҳиҷрӣ (27 марти 953 м.) дар шаҳри Марв таваллуд ёфтааст:

Ба сесаду чиҳилу як расид навбати сол,
Чаҳоршанбею се рӯз боқӣ аз шаввол.

Саид Нафисӣ — адабиётшиноси Эрон ба ҳамдигар шеър фиристодани Кисоӣ ва Носири Хисравро қайд намудааст ва аз ин рӯ, то соли 440 ҳиҷрӣ (1049 милодӣ) зинда будани ӯ маълум мегардад, ки қариб 96 сол умр дидааст. Тафсилоти ҳаёташ маълум нест. Уро мисли Рӯдакӣ аз шоирони бузурги нимаи дуюми асри X ва нимаи аввали асри XI мешуморанд. Ҳаҷми мероси адабии ӯ маълум нест. Шакли шеърҳои боқимондааш шакли маъмули шеъри асри X—қасида, қитъа, дубайтӣ, ғазали бетахаллус ва рубоӣ буда, дорои мазмуни фалсафӣ, ишқӣ, иҷтимоӣ, ҳасбиҳолӣ, мадҳ, хамрия, ақидаи мистикӣ ва панд аст. Аз қасидаҳои мадҳияаш бештар ташбибҳо боқӣ мондааст, ки аксар тасвири манзараи табиат аст.

Қасидаи ҳасбиҳолие, ки байти матлааш дар боло рафт, қаҳрамони лирикӣ ҳаёти худ ва вобаста ба он мардуми замонашро муҳокима менамояд. Мисли ҳамаи онҳое, ки дар аввал ба дунъё бо некбинӣ назар мекунанд ва аз он ҳар чӣ зиёдтар баҳраманд шудан мехоҳанд, Кисоӣ низ, пеш аз ҳама, ҷаҳонро ҷои шодӣ, суруд, молу чиз ҷамъ кардан ва аз он лаззат гирифтан маънидод кардааст:

Биёмадам ба ҷаҳон, то чӣ гӯяму чи кунам,
Суруд гӯяму шодӣ кунам, ба неъмату мол,

Аммо дар давраи пирӣ, ки ба шахс ҳеҷ чиз ба ғайр аз саломатии ӯ ба назар наменамояд, ба ҳаёти гузашта бо назари танқид нигоҳ кардааст:

Сутурвор парешон гузоштаам ҳама умр,
Ки бардагаштаи фарзандаму асири иёл.

Аз калимаҳои «бардаи фарзанду иёл» фаҳмидан душвор нест, ки соҳиби оила — зану фарзанд буда, ин вобастагиро «ғуломӣ» номидааст. Ин ҳол дар назари шахси пир чунин менамояд, ки ҳама чиз дорад, вале бинобар охир шудани умраш аз сабаби набудани ҷавонӣ ва саломатӣ гӯё ҳеҷ чиз надорад:

Ба каф чӣ дорам аз ин панҷаи шумурда тамом?
Шумори номаи бо сад ҳазор гуна вабол.

Кисоӣ ҳамчун шахси диндори дар пирӣ аз кардаҳои худ пушаймон умри гузаштаашро кӯшишҳо барои ҳирс маънидод намуда, онро «вабол» номидааст, ки як навъ маҳкум кардани майлҳои молу чизпарастӣ мебошад:

Ман ин шумор ба охир чӣ гуна васл кунам,
Ки ибтидош дурӯғ асту интиҳош маҳол.
Дирамхаридаи озам, ситамрасидаи ҳирс,
Нишонаи ҳадасонам, шикори зилли савол.

Чунин ҳолат одатан бештар афсӯс ва ҳасрати ҷавониро ба вуҷуд меорад:

Дареғ фарри ҷавонӣ, дареғ умри латиф,
Дареғ сурати некӯ, дареғ хусну ҷамол.
Куҷо шуд он ҳама хубӣ, куҷо шуд он ҳама ишқ,
Куҷо шуд он ҳама нерӯ, куҷо шуд он ҳама ҳол?!

Аз ин байтҳои пурҳасрати ҷавонӣ портрети айёми ҷавонии шоир — зебоӣ, тавоноӣ, ишқ ва ғайра низ ба хубӣ намоён мешавад. Аз ин шеър, ки характери тарҷумаиҳолӣ дорад, ҳолати тазоди умри шахс — ҷавонӣ ва пирӣ ба таври контраст намудор гаштааст:

Сарам ба гунаи шир асту дил ба гунаи қир,
Рухам ба гунаи нил асту тан ба гунаи нол.
Ниҳеби марг биларзондам шабу руз,
Чу кӯдакони бадомӯзро ниҳеби давол.
Гузоштему гузаштему буданӣ ҳама буд,
Шудему шуд сухани мо фасонаи атфол.

Аз рӯи таъкиди шоир ин ҳолати пирии ӯ дар панҷоҳсолагӣ (1003) рӯй додааст, ки хеле барвақт аст:

Аё Кисоӣ, панҷоҳ бар ту панҷа гузорад,
Биканд боли туро захми панҷаву чангол.

Ҳамин тавр, чунон ки мебинем, Кисоӣ, барвақт аз кору бору амали зиндагӣ худро ба канор кашидааст, ки шояд бо майл кардани ӯ ба ҳаракати исмоилия, ки бо он алоқаи ғоявӣ дошт, вобаста бошад:

Ту гар ба молу амал беш аз ин надорӣ майл,
Ҷудо шав аз амалу гӯши вақти хеш бимол.

Қасидаи мадҳияи ӯ, ки аз онҳо фақат ташбибҳо боқи мондааст, ба равияи қасидаҳои асри X буда, ба ҳимояи давлати феодалии Сомониён нигаронида шудааст. Ақидаи иҷтимоии ӯ, аз як тараф, адолатхоҳӣ ва аз тарафи дигар, нафрат ба синфи ҳоким аст. Кисоӣ дар ҷаҳонбинии динию мазҳабӣ ва иҷтимоӣ пайрави мазҳаби шиа — исмоилия буда, рафоқати ӯ бо Носири Хисрави нисбатан ҷавон шояд аз рӯи ҳамин ақида бошад. Дар шеърҳои ӯ алипарастии вай ошкор аст:

Ин дини худоро ба масалдоираe дон,
Пайғамбари мо марказу Ҳайдар хати паргор.
Илми ҳама олам ба Алӣ дод паямбар,
Чун абри баҳорӣ, ки диҳад сел ба гулзор.

Қасидаи нисбатан пуррамондаи ӯ — қасидаи фалсафии вай аст, ки аз байти матлаи зер оғоз меёбад:

Ҷону хирад раванда бар ин чархи ахзаранд,
Ё ҳар дувон нухуфта дар ин кӯи ағбаранд.

Қасидаи мазкур аз муҳокимаи ҷону ақлу ҷисми моддии дунъё оғоз ёфтааст. Муҳокимарониҳои шоири файласуф дар бораи рӯҳу дунъё идеалистӣ буда, рӯҳу ақлро аз ҷисм ҷудо карда, ҳад дуро ҳам офаридаи худо дониста, ақлу рӯҳро на ҳамчун фаъолияти ҷисми зинда, балки аз ҳам ҷудо ва рӯҳро ҳокиму чашми ҷисм (ҷавҳару араз) донистааст. Аз рӯи ақидаи идеалистии ӯ на танҳо ҷону ақлу ҷисми мо, ҳамаи табиат ва он ҳама сайёраҳои ҳафтгона дар ихтиёри худо буда, исботи вуҷуди ӯянд:

Ин ҳафтгона шамъ бар ин манзар, эй писар,
Аз кирдугори мо ба сӯи мо паямбаранд.
Гӯяндамон ба сурати хеш ин ҳама, ҳаме,
К-эшон ҳама худои ҷаҳонро мусаххаранд,
Зеро ки зоҳир аст маро, к-ин ситорагон
Н-аз зоти хеш зарду сапеду муасфаранд.

Мувофиқи ақидаи ӯ умр, ризқ ва насиба ҳам дар ихтиёри худост:

Рӯзию умри халқ ба тақдири эзидӣ
Ин дастҳо ҳаме бинависанду бистаранд.

Дар ин қасида на ин масъалаҳои идеалистона ҳалшуда, балки опозицияи зиддифеодалии шоир, ки аз мавқеи оммаҳои халқ бар зидди намояндагони синфи ҳоким дар зери пардаи

динӣ баромад кардааст, муҳим мебошад. Гуноҳи аввали ин ҳокимон дар ин аст, ки онҳо ҳамчун ҷоҳилон ба гуфтаҳои донишмандон гӯш намедиҳанд, аз ин рӯ, кофиранд:

Онҳо, ки нашнаванд сухан з-ин паямбарон,
Наздики аҳли ҳикмату тавҳид кофаранд.

Ин гурӯҳ, яъне ҳокимон ва муфтхӯрони ҷоҳил, ки аз илму ҳикмат бебаҳраанд, бо хӯрду хоб ва бекорию муфтхӯрӣ хурсанданд:

Бар хобу хӯрд фитна шудастанд хирсвор,
То чанд гаҳ чу ӯ бихӯранду фурӯ баранд.
Ҳар субҳро зи баҳри сабӯҳӣ талаб кунанд,
Зеро надими руду маи лаълу соғаранд.
Инҳо наянд сӯи хирад беҳтар аз сутур,
Ҳарчанд бар сутур худованду меҳтаранд.

Ин ҳокимон ва мафкурабардорони динӣ дар назди аҳли хирад — донишмандон тани бесаранд, одамони беҳайру саховат, бадкирдор, пуччу бемағз, хасис, нопок, вале дар назди амирон хушомадгӯю табиатан деванд:

Гар сар зи мард маъдани мағз асту кони ақл,
Инҳо ҳама ба сӯи хирадманд бесаранд.
Ҳангоми хайр суст чу нони хазониянд,
Ҳангоми шарр сахт чу садди Сикандаранд.
Андар рукӯъ надиҳад пою пушташон,
Лекин ба пеши мир ба кирдори чанбаранд.
Гар расму хӯи дев гирифтанд, лоҷарам,
Ҳамвора пеши деви бадандеш чокаранд.

Ҳамин тавр, миру ҳокиму рӯҳониён дорои хислатҳои ҳайвонӣ буда, боз дохили дин ва соҳибони минбари динӣ ҳам мебошанд:

В-ар гову хар шуданд палангони рӯзгор,
Ҳамворашон ба дину ба дуньё ҳамедаранд.
В-ар гов гашт уммати ислом, лоҷарам
Гургу палангу шери худованди минбаранд.

Мувофиқи таълимоти марксистӣ ин тавр дар зери пардаи динӣ ва аз мавқеи дини «пок» баромад карда намояндагони синфи ҳокимро маҳкум ва симои одамию сирати даррандагӣ доштани онҳоро фош кардан манфиатҳои моддии меҳнаткашонро дар назар доштан аст, то ки халқ аз номи дин ба муқобили ғоратгарони неъматҳои моддии ҷамъият, ки гӯё вайронкунандагони дину хиради илоҳиянд, бароянд. Ин маъниро байти зерин тасдиқ менамояд:

Гургу паланги гурсина мешу барра барад,
В-инҳо зиёу мулки ятимон ҳамебаранд.

Хислати асосии ин гурӯҳ — порахӯрӣ ва ғорат кардани молу мулки мардум аст:

Бе ришва талху бемаза чун заҳру ханзаланд,
Бо ришва хубу ширин чун мағзу шаккаранд.

Шоири ҳимояткунандаи манфиатҳои халқ дар муборизa ба муқобили ҳокимон на роҳи муборизаи фаъол, балки пассиви мистикиро пеш гирифтааст. Вай бо инҳо дар як дин буданро ор донистa:

Ҳамчу ту нестанд, агарчанд ин харон,
Зери дарахти дин ҳама бо ту баробаранд.

бо нафрат аз онҳо рӯй гардонро тавсия кардааст:

З-инҳо ба ҷумла даст бикаш ҳамчу ман аз он-к,
Бар сурати ману туву бар сирати харанд.

ва ба пешвоёни мазҳаби исмоилия — ҳуҷҷати замини Хуросон муроҷиат менамояд, ки тезтар инҳо — золимон ва вайронкунандагони динро барҳам зананд:

Эй ҳуҷҷати замини Хуросон, басе намонд,
То аҳли ҷаҳл рӯзу шаби хеш бишмаранд.

Аз рӯи ин гуфтаҳои ғазаболуди Кисоии Марвазӣ равшан дидан мумкин аст, ки махсусан, дар замони қаламрави давлати Сомониёнро ишғол намудани аристократияи ҳарбии турк ва ба хизмати онҳо чамбарвор хам шудани ҳокимон ва амалдорони маҳаллӣ, ки аз он зулм дуқабата шуда буд, нафрату ғазаб ва эътирози инқилобӣ, вале рӯҳан оҷизи оммаҳои халқро акс кунонидааст. Ин ҳолати рӯҳӣ шояд баъд аз панҷоҳсолагӣ (дар Носири Хисрав баъд аз 40-солагӣ) дар афкори иҷтимоии ӯ пайдо шуда бошад, ки ба солҳои аввали устувор шудани ҳокимияти туркҳои қарохонӣ ва ғазнавӣ рост меояд.

Дар ашъори ин даврaи ӯ оҳанги риндона, ки пеш аз ин бояд дошта бошад, ҷои худро ба оҳанги мистикии эътирозҳои халқӣ додааст.

Аммо як силсила шеърҳои ӯ, ки оҳанги ҳаётдӯстона дорад, шояд инъикоси ҳолати рӯҳии ӯ то 50-солагӣ бошад, ки ба гузаштани он афсӯс хӯрдааст.

Шеърҳои ин давринаи ҳаёти Кисоӣ, ки дар васфи ишқ, садоқат, вафодорӣ, тавсифи зебоии маъшуқа:

Наргис, нигар, чӣ гуна ҳаме ошиқӣ кунад,
Бар чашмакони он санами халлухинажод.
Гӯй магар касе бишуд аз оби заъфарон
Ангушт зард карду ба кофур барниҳод.

* * *

Гар дар умре шабе ба мо пардозад,
Ин ҷони ба лабрасидаро бинвозад.
Лаб бар лаби ӯ нaҳишта, ногаҳ хуршед,
Шамшер кашида бар сари мо тозад.

тасвири зебоиҳои табиат:

Нилуфари кабуд нигаҳ кун даруни об,
Чун теғи обдодаву ёқути обдор.
Хамранги осмону ба кирдори осмон,
Зарди-ш дар миёна чу моҳи даҳу чаҳор.
Чун роҳибе, ки ду рухи ӯ солу моҳ зард,
В-аз матрафи кабуд ридо кардаву эзор.

тавсифи мамдӯҳ — ҳокими «одилу сахӣ»:

Кафат гуё, ки кони гавҳар астӣ.
Қ-аз ӯ доим кунӣ гавҳарфишонӣ.
Чу ҷон-т аз ҷуду родӣ кард яздон,
Ту беҷон зинда будан кай тавонӣ?

марсияи дӯстони мушфиқу меҳрубон, пандҳои ҳикматомез, тасвири ҷасорат ва қаҳрамонӣ:

Аз таки аспу бонги наъраи мард,
Кӯҳ пурнур шуд, ҳаво пургард.

бахшида шудаанд, мазмуну мундариҷаи ашъори рангини уро зинат додаанд. Порчаҳо ва байтҳои ҷудогона, ки ҳар кадом аз як асари хурду калон нишона аст, дараҷаи баланди истеъдоди шоирӣ ва бойгарии мазмуну зебоии шакли ашъори Кисоиро ҷилва медиҳад.

**Дақиқӣ**

Абӯмансур Муҳаммад Аҳмади Дақиқӣ шоири бузурги ватандӯсти асри X аст. Соли таваллуди ӯ дар «Намунаи адабиёти Эрон» 317 ҳиҷрӣ (929—930 м.) қайд шудааст. Ҷои таваллудаш маълум нест. Дар тазкираҳо Самарқанд, Балх, Бухоро, Тӯс қайд кардаанд.

Фаъолияти эҷодии ӯ аз доираи адабии ҳокимони чағониён (водии Ҳисору Сурхондарьё), ки марказаш шаҳри Термиз буд, оғоз ёфтааст.

Дар ин вақт кишвари Чағониёнро хонадони Мӯҳтоҷиён идора мекард. Асосгузори ин хонадон Абӯбакр Муҳаммад Музаффар Мӯҳтоҷ буда, соли 933 таъсис ёфтааст. Ин хонадон бо вуҷуди тез-тез исьён карда истодан тобеи давлати Сомониён буд. Онҳо ба барқарор намудани анъанаҳои бобоёни худ — тоҷикони чағониёнӣ кӯшиш мекарданд, урфу одатҳо ва адабиёту забони дариро инкишоф медоданд, шоирон ва аҳли илмро дастгирӣ мекарданд. Аз ҳокимони ин хонадон, масалан, Тоҳири Чағонӣ (амир Абулмузаффар Тоҳир ибн-ул-Фазл, ваф. 987—988) худ низ шеър менавишт, истеъдоди хубе ҳам дошт. Дар доираи адабии онҳо шоирон Дақиқӣ, Мунҷики Термизӣ ва Фаррухии Сиистонӣ умр ба сар бурда, асарҳо эҷод намудаанд. Дар бораи ба ин дарбор нисбат додани Дақиқӣ Фаррухи дар шеърҳои мадҳияи худ ба Фахр-уд-давла ишора кардааст:

То тарозандаи мадехи ту Дақиқӣ даргузашт,
З-офарини ту дилоганда чунон, к-аз дона нор.
Ҳар наботе, к-аз сари гӯри Дақиқӣ бардамад,
Гар бипурсӣ, з-офарини ту сухан ронад ҳазор.

Дақиқӣ дар замони ҳукмронии Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ ба доираи адабии Бухоро омадааст. Рӯҳи ватандӯстона — шуубияи ӯ ба баъзе хоинони ватанфурӯш, ҷосусҳои хилофат, хоқонҳои турк ва рӯҳониёни мутаассиби исломии ҳанафия маъқул набуд. Махсусан, ба назми достонҳои қаҳрамонии ватандӯстонаи халқи худ шурӯъ намудани ӯ ба ин гурӯҳ нафорид. Бинобар ин, ҳамон гурӯҳҳои иртиҷоӣ гӯё бо дасту ханҷари ғуломаш дар яке аз шабҳои базм куштанд. Ин воқеа дар соли 977 рӯй додааст. Қувваҳои иртиҷоӣ моҳияти аслии воқеаро пинҳон дошта, онро «аз бадахлоқии» ӯ ва аз рашк куштани ғуломаш маънидод кардаанд. Фирдавсӣ ҳам аз рӯи ҳамин овозаҳо сабаби кушта шуданашро дар муқаддимаи «Шоҳнома» «аз хӯи бад» маънидод намудааст:

Ҷавонешро хӯи бад ёр буд,
Або бад ҳамеша ба пайкор буд.
Бар ӯ тохтан кард ногоҳ марг,
Ба сар барниҳодаш яке тири тарг.
Бад-он хӯи бад ҷони ширин бидод,
Набуд аз ҷаҳон дил-ш як рӯз шод.
Яко-як аз ӯ бахт баргашта шуд,
Ба дасти яке банда бар кушта шуд...
Худоро, бубахшо, гуноҳи варо,
Бияфзой дар ҳашр ҷоҳи варо.

Чунин ақидаи Фирдавсӣ ва овозаву баҳонаи он ғалат буд, зеро Дақиқиро ҳамон қувваҳои зиддиватан ва иртиҷоӣ кушта буданд, ки Рӯдакиро кӯр, давлати Сомониёнро барҳам, Иброҳим Мунтасирро кушта, барои ба истилогарони Хоқонӣ муқобилат накардан ба халқ фатво дода, Фирдавсӣ ва Ибни Синоро овора сохта буданд. Он чӣ Дақиқиро ба куштан додааст; чӣ тавре ки Фирдавсӣ ҳам қайд кардааст, ҳамеша бо бадон дар мубориза («Або бад ҳамеша ба пайкор») будан аст.

**Эҷодиёти Дақиқӣ**

Чӣ тавре ки дар боло ишорат рафт, аз рӯи хабар додани Носири Хисрав девони шеърҳои Дақиқӣ, ҳатто, дар асри XI дар кишварҳои ғарбии Эрон ҳам шӯҳрат доштааст, вале то ҳол ёфт нашудааст. Мероси адабии ӯ ва шакли шеърҳои вай аз қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, дубайтӣ ва маснавӣ (достон) иборат будааст. Мундариҷаи ашъори ӯро мавзӯъҳои ишқӣ, мадҳ, марсия, панд, тасвири табиат, ватандӯстӣ ва ғайра ороиш додааст. Дақиқӣ ҳам шоири ҳассоси лирик ва ҳам донандаю сароядаи шеърҳои (достони) эпикии қаҳрамонӣ мебошад.

Қасидаҳои мадҳияи Дақиқӣ ба мирони чағониён ва амирони Сомонӣ бахшида шудаанд ва ба равияи умумии давр, ки идеализация ва муҳофизати давлати марказонидашудаи феодалист, нигаронида шудааст:

Малик он ёдгори оли Доро,
Малик он кутби даври оли Сомон.
Агар бинад ба гоҳи кина иблис,
Зи бими теғи ӯ бипзирад имон.
Ба пои лашкараш Ноҳиду Ҳурмуз,
Ба пеши лашкараш Мирриху Қайвон.

Аз қасидаҳои ӯ бештар ташбиб боқӣ мондааст, ки аксар манзараи табиатро хеле бадеӣ, образнок ва реалистона тасвир менамояд. Ғазалҳои асри X-ро танҳо ташбиби қасида номидан расм шудааст. Аммо ғазалҳои Дақиқӣ, агар бетахаллусиашро мустасно кунем, аз ҷиҳати мавзӯъ ва композиция, пуррагӣ ва рехтагиаш ба ғазал тамоман монанд аст. Ба ин масъала худи ӯ низ ишорат кардааст:

Маро гӯяд зи чандин шеъри шоҳон,
Ва чандин ошиқона шеъри дилбар.

Ифодаҳои «шеъри шоҳон», «ошиқона шеъри дилбар» ишора ба қасидаҳои мадҳия ва ғазалҳои ишқӣ аст. Масалан, шеъри ошиқонаи зерин бо пуррагӣ, яклухтӣ ва фикран тамом буданаш ба ғазал монанд аст, фақат ин ки тахаллус надорад:

Қошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,
То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ.
Захми ақраб нестӣ бар ҷони ман,
Гар варо зулфи муақраб нестӣ.
В-ар набудӣ кавкабаш дар зери лаб,
Мунисам то рӯз кавкаб нестӣ.
В-ар мураккаб нестӣ аз некӯӣ,
Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ.
В-ар маро беёр бояд зистан,
Зиндагонӣ, кош, ё раб, нестӣ!

Ин шеър як компоненти пурраи ишқии образи ошиқ ва маъшуқаеро ба вуҷуд овардааст, ки он дар байти мақтаъ ҷамъбаст гардидааст. Дар шеъри боло олами ботинӣ ва ҳиссиёти пуразоби ошиқ бо лиризми баланди шоирона ифода ёфтааст. Дар шеърҳои ошиқонааш тасвири зебоии дилбар мавқеи калон дорад:

Паричеҳра буте айёру дилбар,
Нигоре сарвқадду моҳманзар.
Сиячашме, ки то рӯяш бидидам,
Сиришкам хун шудасту бар мушаҷҷар.
Агар на дил ҳамехоҳӣ супурдан,
Бад-он мижгони заҳролуд мангар.
Ба сони оташи тез аст ишқаш,
Чунон чун ду рухаш ҳамранги озар.
Ба сони сарви симин аст қаддаш,
Валекин бар сараш моҳи мунаввар.

Дар ашъори ошиқонааш оҳанги ҳаётдӯстонаи риндона, ки онро ҳаёти дарбор талаб мекард, хеле баланд садо медиҳад:

Маи софӣ биёр, эй бут, ки софист,
Ҷаҳон аз моҳ то он ҷо, ки моҳист.
Ҷуз аз хок омадӣ берун ба саҳро,
Куҷо чашм афганӣ — дебои шоҳист.
Биё, то май хӯрему шод бошем,
Ки ҳангоми маю рӯзи маноҳист.

Дар ақидаи риндонаи Дақиқӣ, ки масъалаи маю ишқу ҳаёти инсонӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, вобастагӣ ба дини зардуштӣ дида мешавад:

Дақиқӣ чор хислат баргузидаст
Ба гетӣ ин ҳама хубиву зиштӣ:
Лаби ёқутрангу нолаи чанг,
Маи хушрангу дини зардҳиштӣ.

Майлҳо ба дини зардуштӣ ба таври ҷиддӣ аз ислом баргаштан ва комилан ба зардуштӣ рӯй овардани уро ифода намекард, зеро ислом аллакай пурра қабул шуда, ба фаҳму шуури мардум дохил гардида буд. Зардуштипарастӣ, ки дар шеърҳои дигари ин шоири ватандӯст низ акс ёфтааст:

Яке зардуштворам орзӯест,
Ки пешат Зандро бархонам азбар.

* * *

Бархезу барафрӯз, ҳало, қиблаи Зардушт,
Биншину барафган шиками қоқум бар пушт.

* * *

Бас кас, ки зи Зардушт бигардиду дигар бор
Ночор кунад рӯ ба сӯи қиблаи Зардушт.

аз як тараф, бо ақидаи шуубияи маъмул, ки бар зидди истилои араб равона карда шуда буд ва аз тарафи дигар, бо оташи ҳиҷрони ишқ алоқамандона оварда мешавад:

Ман сар наёбам, ки маро з-оташи ҳиҷрон,
Оташкада гаштаст дилу дида чу чархушт.
Гар даст ба дил барниҳам аз сӯхтани дил,
Ангишт шавад бешак дар дасти ман ангушт.

Чунон ки дида мешавад, оташпарастии Дақиқӣ бештар бо оташи ишқ, дар навбати худ бо ҷараёни зиддиарабӣ, барои мустаҳкам намудани истиқлолияти миллӣ алоқаи бевосита дошта бошад ҳам, ҳатман маънои зиддиисломиро ифода намекард, аммо барои иртиҷоъпарастони ҷаҳолатпарасти зидди ватанхоҳӣ ва хилофатпарасту мазҳабпарастои суннӣ дастаки хубе мешуд ва яке аз сабабҳои кушта шудани шоири ватанпарвар ва оташингуфтору нозуктабъу ҳассос гардидааст.

Дар шеърҳои Дақиқӣ манзараи гуногун ва зебои табиат

бо ҳамаи ороиш ва тозагию нафосаташ вобаста ба хиссиёти ошиқонаю ҳаётдӯстона ба таври бадеӣ тасвир ёфтааст. Масалан, тасвири моҳу офтоб аввал дар рамзи «шоҳи шаб» ва «хусрави рӯз» баъд бо шарҳу эзоҳаш, ки чӣ вазифа ва ҳолат доранд, оварда шудааст:

Хусрави рӯз чун хусом гирифт,
Шоҳи шаб роҳи инҳиҷом гирифт.
Завъи хуршед чун падид омад,
Маҳ паси пардаи залом гирифт.
Аз рухи офтоб боз ҷаҳон
Сар ба сар зинати тамом гирифт.

**«Шоҳнома»-и Дақиқӣ**

Дақиқӣ дар Бухорои сомонӣ ягона шоири ватанхоҳи доноанда ва дӯстдори анъанаҳои миллӣ ва достонҳои қаҳрамонии халқи худ буд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ соли 976 ба назм даровардани қиссаи «Шоҳнома»-и равонаро ба Дақиқӣ фармуд ва ӯ ин вазифаро бо ҷону дил қабул кардааст:

Ҷавоне биёмад кушодазабон,
Сухан гуфтани хубу равшанравон.
«Ба назм орам ин номаро» гуфт, «ман»,
Аз ӯ шодмон шуд дили анҷуман.

Дақиқӣ аз қиссаҳои «Шоҳнома» достони «Гуштоспу Арҷосп»-ро дар вазни мутақориби мусаммани мақсур ба назм даровард. Аммо ин асар қисмҳои муқаддимавӣ дошт ё надошт, маълум нест. Нақли сюжети достон аз рафтани Луҳросп ба Балх, ба тахт нишастани Гуштосп, ба пайғамбарӣ омадани Зардушт ва дини ӯро қабул кардани Гуштосп оғоз меёбад. Конфликти байни Гуштосп (подшоҳи эрониёни муқимӣ, Арҷосп (подшоҳи эрониёни бодиянишин) аз боҷ додан саркашӣ кардани Гуштосп оғоз меёбад, ки онро Зардушт маслиҳат дода буд. Аз ин факт маълум мешавад, ки Гуштосп ба мулки худ тобеи Арҷосп будааст. Арҷосп ба Гуштосп нома навишта, аз ӯ талаб менамояд, ки аз дини зардуштӣ, ки қабул карда буд, баргардад. Сипаҳсолори Гуштосп Зарир, мӯбад Ҷомосп ва паҳлавон Исфандиёр бо рухсати шоҳ ба мактуби Арҷосп ҷавоб навиштанд, ки онҳо аз дини нави худ барнахоҳанд гашт. Фиристодаҳои Арҷосп ноумед баргаштанд. Он гоҳ Арҷосп ба ҷанги зидди Эрон тайёрӣ дид. Байни онҳо ҷанг ба вуқӯъ омад. Аз лашкари Гуштоспи паҳлавон Ардашер, Шеру, Шедосп, писари Ҷомосп ва Невзар кушта шуданд. Бародари Гуштосп Зарир аз дасти ҷодугар Бедирафш кушта мешавад. Исфандиёр аз кушта шудани Зарир огоҳӣ ёфта, ба ҷанги Арҷосп меравад. Настур ва Исфандиёр Бедирафшро мекушанд. Арҷосп аз майдони ҷанг мегурезад. Исфандиёр туркон ё ки тӯрониёни асирро мебахшад. Гуштосп бо ғалаба ба Балх меояд. Гуштосп Исфан-

диёрро ба кишварҳои дигари Эронзамини Шарқӣ мефиристад, то ки дини навро қабул кунанд. Гурам ном иғвогар дар бораи Исфандиёр ба Гуштосп бадгӯӣ мекунад. Ҷомоспи мӯбад ба назди Исфандиёр меояд. Гуштосп Исфандиёро ба ҳабс мегирад. Гуштосп аз Балх ба Сиистон меравад, Арҷоси дубора лашкар мекашад.

Сюжети достони «Гуштоспу Арҷост» то ин ҷо буда, бо кушта шудани Дақиқӣ назми «Шоҳнома» нотамом мемонад:

Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,
Чунин бахти бедори ӯ хуфта монд.

Ҳамин тавр, Дақиқӣ аз ин достон 1000 байт гуфт ва онро Фирдавсӣ ба «Шоҳнома»-и худ ҷой додааст.

**Мунҷики Тирмизӣ**

Абулҳасан Алӣ Муҳаммад, ки Мунҷик тахаллус дорад, аз шоирони доираи адабии Чағониён аст ва аз мадҳи ӯ ба Тоҳири Чағонӣ маълум мешавад, ки бештар дар нимаи дуюми асри X зиндагӣ кардааст. Аз ин факт ҳувайдост, ки марказҳои сиёсии вилоят ва кишварҳои тобеи Сомониён низ дорои доираҳои адабӣ будааст, онҳо ба инкишофи шеъру адаб ёрӣ расондаанд ва он адабиёт ва ҷузъи адабиёти давраи Сомонӣ мебошад. Аз табақаи доро набудани Мунҷик, дар мадраса таҳсил дидани ӯ ва дар ҳуҷраи мадраса танҳову қашшоқ зиндагӣ кардани вай аз рӯи ашъори эҷодкардаи ӯ маълум мешавад.

Чӣ тавре ки аз гуфтаи Носири Хисрав дар «Сафарнома» бармеояд, Мунҷик соҳиби девони шеърҳо будааст, вале имрӯз аз мероси адабии боқимондаи ӯ чанд қасидаи мадҳияи тамому нотамом, дубайта, қитъа ва шеърхои ғазалшакл боқӣ мондааст, ки мундариҷаи онҳоро мадҳи амирони чағонӣ, ҳаҷви намояндагони синфи ҳоким, ҳиссиёти ишқу муҳаббат, панд, тавсифи ёр ва табиат ороиш додааст. Қасидаҳои мадҳияи ба Абӯмузаффар ва Тоҳири Чағонӣ бахшидаи ӯ дар равияи умумии қасидасароии асри X буда, тавсифҳои ӯ ба миронн чағонии тобеи амирони сомонӣ ба пурқувват шудани давлати мутамаркази сомонӣ ёрӣ расонидааст, зеро феодалҳои маҳаллиро, ҳар чанд ки «шоҳи ҷаҳон» номидааст, вале ба ҳукумати марказӣ муқобил нагузоштааст. Масалан, дар қасидаи мадҳияе, ки ба ҳокими чағониён — Абӯмузаффар бахшида шудааст. Шоир ба амир сифатҳои саховатмандӣ, қаҳрамонӣ, шуҷоатмандӣ, чобукӣ, мардонаги, ғолибӣ бар душман ва омирӣ дар ҳама корро додааст, вале сифатҳои исьёнкории Абӯмузаффар ба муқобили амирони Бухороро, ки вай дастнишондаи (вассали) онҳо буд, тасвир нашудааст. Ин қасидаи Мунҷик пурра нигоҳ дошта шудааст. Мо дар қисми аввали ин қасида ташбиб ё ки насибро мебинем, ки сухан аз тасвири ҳиссиёту хаёлоти шоир ва маю булбул оғоз шуда, сипас ба тавсифи маҳбуба интиқол дода мешавад:

Маро зи дида гирифт офтоб хоби завол,
Куҷо бароядҳайли ситорагони хаёл.
Ба хома барнавиштам, биҳори май хӯрдам,
Ба ҷом нолаи май, доғи дӯст моломол.
Ҳазордастон овоз дод гуфт: «Чӣ буд,
Маро зи шох фигандӣ, ба нола беш манол!»
Фиғони ман ҳама з-он зулф, к-андар он нақш аст,
Ҳама тирози малоҳат бар остини ҷамол.
Таборак-ал-лаҳ аз он чеҳраи латифи бадеъ,
Ҳама саросар феҳрасти фитнаро тимсол;
Ба зулф мушк бубандак бар оҳуи мушкин,
Ба дида дида бидӯзад зи ҷодуи мӯҳтол.
Ҳавои ӯ ба дилам бар ҳама табоҳӣ кард,
Ҳавои хубон ҷустан ҳама ғам асту вабол.
Чаро ба сабр накӯшам, ки сабр дӯст бувад,
Касе, ки баста бувад ақли ӯ ба ваҷҳи камол.

Ташбиби ин қасида танҳо аз ҳамин ду қисм тасвири маю булбулу тавсифи маъшуқа иборат набуда, баъд аз ин тавсифи аси меояд:

Биёрам аз фараси тундсайри раҳпаймон,
Ки соқи у зи ҷануб асту сумми ӯ зи шимол.
Ҳамон даме ки ба беша — дарун занад шиҳа,
Зи бими шиҳаи ӯ шер бифканад чангол...

Баъд аз ин, барои ба мадҳи амир гузаштан, як байти гурез меоварад, ки ташбибро бо мадҳ мебандад:

Инони он накашам то ҷаноби он малика,
Ки Бӯқубайс ба шоҳини ҳилми ӯ мисқол —
Абӯмузаффари шоҳи ҷаҳон куҷо бибурад
Ба тездашнаи озодагӣ гулӯи савол.

Пас аз ин, мадҳи дуру дарози амир Абӯмузаффар меояд;

Бад-он гаҳе, ба сар гардро барангезад,
Фарох боз ниҳад ком аждаҳои қитол.

Шоир аз рӯи услуби қасида талаби ҳаққи қаламро меорад, ки барои қасидасароён он зарурат дорад:

Куҷост он ки ба дил барфиканд қуфл аз хашм,
Чаро ҳаме накушояд қатинаро иқфол?!...
Ба ёди ҷоми Фаридун гирифта ритл ба даст
Ба хайли ҷуд кушода ҳисоби байтулмол.

Ҳамин тавр, қисми 4-уми қасида тамом шуда, хотима омадааст, ки дар он шоир дар ҳаққи мамдӯҳи худ дуои хайр ва душмани ӯ дуои бад мекунад:

Бақот бодо чандон ки то чу марзи накӯш,
Зи рӯи оташи афрӯхта бирӯяд нол.
Ту шод бодию аъдои ту ба дард — дарун,
Кафида пӯст ба тан — бар чу мағзкафта сафол.

Мавзӯи дигари ашъори Мунҷик ишқ ва тавсифи зебоии ёр аст. Ҳиссиёти ишқии шоир, чунон ки дар қасидаи мадҳияи ӯ

дидем, дар ташбиби қасидаҳо, қитъаҳо, дубайта ва порчаҳои ғазалшакл ифода ёфтааст: Масалан, ба қитъаи зерин тавсифи ёр ба тариқи тазод оварда шудааст:

Ар ангубинлабӣ сухани талх мар чарост
В-ар ё суманбарӣ ту, ба дил чунки оҳанӣ?
Мангар ба моҳ нураш хира шавад ба мушк,
Магзар ба боғ сарви сиҳӣ пок бишканӣ.

Яке аз шеърҳояш, ки дар шакли ғазал аст, пурра ба тавсифи ёр ва табиат бахшида шудааст. Мумкин аст, ки ин шеър ташбиби яке аз қасидаҳо бошад, вале, чӣ тавре ки дар таҳлили қасидаи боло дидем, дар қасидаҳо ташбиби соф ишқӣ ва ё пейзаж кам вомехӯрад, онҳо бештар бо тасвири предметҳои дигар омехтаанд. Аммо дар ин шеър тасвир аз муносибати ҳиссиёти ошиқ ва маъшуқ бо омехтагии тасвири табиат иборат аст, ки як компоненти бутуни ишқиро дарбар мегирад ва он аз матлаи ишқии шакли ғазал оғоз ёфтааст. Масалан:

Зулфайни баршикаставу қадди санавбарӣ,
Зери ду зулфи чаъдаш дар хатти анбарӣ.
Ду лаб ақиқу зери ақиқаш ду раста дурр,
Наргис ду чашму зери ду наргис гули тарӣ.
Чашму ду зулфу ду лаб ҳар се мушаъбиданд
В-аз якдигар гирифта ҳама сеҳру дилбарӣ.
Хулди барин шудаст, нигаҳ кун ба кӯҳу дашт,
Сад гуна гул шукуфта ба ҳар сӯ, ки бингарӣ,
Гӯӣ, ки Муштарист ба ҳар наргисе — дарун,
Рахшанда ҳамчу ду рухи маъшуқи саътарӣ.
Сурху сапеду зарду бунафшу кабуду лаъл,
Наврӯз карда бар гули садбарг заргарӣ.
Хира шавад ду чашми ту чу бингарӣ бад-ӯ,
Ҳар сӯ, ки рӯ ниҳӣ, надиҳад дил, ки бугзарӣ.

Дар шеърҳои Мунҷик мазмуни хамрия, тавсифи асп, чистон ва ғайра дучор мешавад. Ашъори ӯ дорои мазмунҳои ҳаҷвӣ ва танқидӣ низ ҳастанд. Шеърҳои ҳаҷвӣ-танқидиаш ба муқобили хоҷагон равона карда шудаанд, ки аломати алоқаи ғоявии ӯ бо халқ буда, зуҳуроти ақидаи демократии эҷодиёти вай аст. Ба табақаи нодори ҷамъият мансуб буданаш аз шеъри тарҷумаиҳолии ӯ маълум аст. Мунҷик, чӣ тавре ки дар яке аз шеърҳояш қайд кардааст, дар мусулмонӣ гуноҳ будани ҳазлу ҳаҷву танқидро дониста истода, иқрор шудааст, ки вай шоири ҳаҷвгӯй аст:

Мо май бихостем задан дӯш ҷом-ҷом,
Чун ту биёмадиш, бимондем хом-хом.
Аз одам — андарун зи таборат касе намонд,
Қ-ӯро ҳиҷо накардааст Мунҷик ном-ном.

* * *

Ҳар ки туро хаҷв гуфту ҳаҷви туро хонд,
Рӯзи шаҳодат забони ӯ нашавад гунг.

Дар қитъаи зерин хоҷае ҳаҷв карда шудааст, ки сагтабиат аст ва шоир қалами тези ханҷармонанди худро барои он ба ҳаҷви ӯ ба кор бурдааст, ки одатан корди тезро ҷарроҳон аввал ба саг таҷриба мекунанд:

Эй хоҷа мар-маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту — бар кардам озмун.
Чун теғи неккуш ба саге озмун кунанд
В-он саг бувад ба қимати он теғ раҳнамун.

Дар шеърҳои ҳаҷвии Мунҷик хислатҳо ва ҳолатҳои номақбули хоҷагон низ ҳаҷву масхара карда шудааст:

Рӯят ба ришат — андар нопайдо,
Чун к... марди ғарча ба румкон — дар.

* * *

Вой аз он ово, ки гар гавпора он ҷо бугзарад,
Бифканад озода бачча боз гирад зода шир.

Ҳаҷвияҳои Мунҷик миқдоран кам бошад ҳам, нисбат ба шеърҳои ҳаҷвии шоирони дигари асри X зиёд буда, шояд ӯ шоири асосии равияи ҳаҷвии ин аср бошад.

Шеърҳои Мунҷик, чӣ тавре ки худаш ба тариқи фахрия гуфтааст, аз ҷиҳати фасоҳат ва балоғати шеърӣ-бадеӣ дар пояи баланд аст:

Балоғатам зи хирад духтаре бизод бадеъ,
Ба дурри нутқ биёростам рухи зебош.

**Мунтасир**

Абӯиброҳим Нӯҳи Сомонӣ бародари Абдулмалик бинни Нӯҳ дар шоирӣ «Мунтасир» (ғолиб, нусратьёфта) тахаллус дошт. Вай охирин подшоҳи ғаюр ва ватандӯсти силсилаи хонадони сомониён аст. Соли таваллуди ӯ маълум нест. Чунон ки аз шеърҳояш маълум мегардад, марди фозил буда, табъи баланди шоирӣ ҳам доштааст.

Вақте ки соли 999 Эликхони Қарохонӣ пойтахти сомониён—Бухороро дубора забт кард, Мансур бинни Нӯҳи Сомонӣ ва аҳли хонадони сомониро ба ҳабс гирифт, ки дар байни онҳо Мунтасир ҳам буд ва ба зиндони шаҳри Узген фиристода шуд. Чӣ тавре ки аз шеъри ҷанговаронааш маълум аст:

Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан.

Мунтасир ба тақдир тан надода, аз зиндони Узгени қарохонӣ бо тағйири либос гурехта ба Хоразм меояд ва аз он ҷо қувваи аскарӣ ёрӣ гирифта, Бухороро аз нав фатҳ мекунад. Баъд аз чанде дар натиҷаи хиёнати султон Маҳмуд ба хонадони Сомо-

ӣ (иттифоқ бастан бо қарохониҳо) бо фишори ҳарбии Эликхон Бухороро тарк карда, бо тарафдоронаш ба Гургон меравад. Ӯро ҳокими он ҷо Қобус хуш қабул карда, маслиҳат медиҳад, ки ба Рай равад. Аз Рай боз ба Хуросон омада, ба Нишопур соҳиб мешавад. Аммо бо фишори аскарони султон Маҳмуд аз Хуросон ба Мовароуннаҳр меравад ва бо ёрии қабилаҳои ғуз ба аскарони Эликхон ғолиб омада, ғанимати зиёде ба даст меорад. Вақте ки ба сабаби номаълуме ин қабилаҳо аз ӯ рӯй мегардонанд, боз ба тарафи Хуросон меравад, вале дар роҳ, дар наздикии шаҳри Нисо соли 1005 аз дасти хоинон ба қатл мерасад.

Чанд шеъри боқимондаи ӯ аз истеъдоди баланди шоирӣ, аз хислатҳои ҷасурӣ, ватанхоҳӣ, ифтихори миллӣ ва хонадонӣ доштани ӯ, бо маҳкумӣ ва асирӣ розӣ нашудан ва созиш накардани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ин маъниро шеъри машҳури ӯ дар бораи базму разм хеле хуб акс кунонидааст. Шароити зиндагӣ дар ашъори вай баъзе маъниҳои халқиро, ки бар зидди ақидаҳои аристократист, ифода намудааст. Масалан, вай баъд аз сарнагун шудани хонадон ва ҳашами сомониён, ки ҷаҳонбинии аристократӣ дошта, баъдан то ба дараҷаи асириву ғуломӣ паст омада буданд, фарқ надоштани амиру гадоро дар асл маънидод кардааст:

Басе тафохур кардам, ки ман касе ҳастам,
Кунун баробар бинам ҳаме амиру гадой.

Вай ин маъниро дар шеъри дигараш вобаста ба тақдир, ба марг арз кардааст:

Ҳазор қалъа кушодам ба як ишорати даст,
Басе масор шикастам ба як фишурдани пой.
Чу марг, тохтан овард ҳеҷ суд накард,
Бақо бақои худоясту мулк мулки худой.

Ин шеър аз шеъри «Базму разм», ки дар боло оварда будем, тамоман фарқ мекунад. Дар шеъри «Базму разм» ҳолати рӯҳияи шахси ҷасуре, ки ба тақдири худо тан надодааст, намудор аст.

Ҷуши май нӯши лаби соқӣ ба ҷӣ кор ояд,
Ҷӯшидани хун бояд бар айбаву ҷавшан.

Аммо дар байти охирини шеъри боло ҳолати рӯҳияи одами оҷизе акс ёфтааст, ки ғалабаи душман ва мағлубияти худро аз хости илоҳӣ дониста, ба он ақидаи динии феодалӣ таслим шудааст, ки «мулк аз они худост, ба ҳар кас хоҳад, ба ҳамон кас медиҳад».

Мунтасир мисли ҳамаи одамони замонаш сабаби машғулияти худ ба хонадони сомониёнро, ки халқи худро ба муқобили душманони истилогари ватан бархезонда натавониста буданд, вале онро бобокалонашон Исмоил тавониста буд, нафаҳмидааст.

Бо вуҷуди ин, хотираи Мунтасир ҳамчун подшоҳи ҷасур ва қаҳрамон, ҳамчун шоири ифодакунандаи ҳисси ватанхоҳӣ, ки барои ифтихори миллӣ ва истиқлолияти халқу мамлакат қаҳрамонона ҳалок шудааст, дар ривоятҳо боқӣ мондааст.

**Наср дар асри X**

Чӣ тавре ки дар адабиёти қадим дидем, адабиёти форсу тоҷик дорои насри адабӣ ва илмӣ буд. Аммо як муддат баъд аз истилои араб аз сабаби ҳамчун забони илму адабу маъмурият ҷорӣ карда шудани забони арабӣ ва чун забони адабӣ тадриҷан аз байн баровардани забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва ғайра, асари насри бадеӣ ва илмӣ дар асрҳои VIII—IX ба забонҳои эронӣ эҷод нашудааст, асарҳои мавҷуда (ҳар чанд ки бештарини муаллифон форсу тоҷиканд) ба забони арабӣ буданд. Бо ташкили давлатҳои феодалӣ дар асри IX тадриҷан яке аз забонҳои эронӣ забони Эрони Шарқӣ — забони дарӣ ҳуқуқи забони давлатӣ ва адабӣ шудан пайдо кард ва асарҳои илмиву адабӣ бо он забон ба вуҷуд омаданд. Ин забон дар байни халқ ва фольклори он вуҷуд дошт. Насри адабию илмӣ асосан аз асри X оғоз ёфтааст. Чуноне ки дар адабиёти ҳамаи халқҳои давраи феодалӣ дида мешавад, насри адабӣ бо насри илмӣ омехта буд. Насри асри X ду хусусияти забонӣ дорад: Яке насри тозаи форсӣ-тоҷикии дарӣ, ки ба таври оригинал офарида шудааст, дигаре насри тарҷума аз арабӣ, ки ғайр аз унсурҳои забони арабӣ дар зери таъсири қоидаҳои синтаксиси он монда буд. Намунаи барҷастаи он **«Шоҳнома»**-и Абӯмансурӣ аст, ки бо супориши сипаҳсолори Хуросон (солҳои шастуми асри X) аз тарафи Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқи Тӯсӣ навишта шудааст. Дар бораи дар он давр мавҷуд будани чунин асар Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ, Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Ал-осор-ул-боқия ва иннал-қурунил-ҳолия» (таълифи соли 1001) ёдоварӣ кардаанд. Падари Абӯмансури Тӯсӣ Абулмансури Муаммарӣ ва муншии собиқи ӯ Алии Домғонӣ, ки муддате вазири сомониён будаанд, ташаббуси ӯро дастгирӣ кардаанд. Аз ин ҷост, ки Абӯмансур мӯбадон ва достонсароёни халқиро гирд оварда, супориш дод, ки қиссаҳои гузаштагонро ҷамъ намоянд. Фирдавсӣ дар ин бора дар муқаддимаи «Шоҳнома»-и худ «Андар фароҳам овардани «Шоҳнома» маълумот додааст. Мутаассифона, аз ин асари пурқимат танҳо муқаддимааш боқӣ мондааст, ки намунаи забони адабии насри он замон аст: «Оғозкори «Шоҳнома» аз гирдоварандаи Абӯмансур... аввал эдун гӯяд дар ин нома, ки то ҷаҳон буд ва мардум гирди дониш гаштаанд ва суханро бузург дошта ва некӯтарин ёдгории сухан донистаанд чӣ андар ин ҷаҳон мардум ба дониши бузургвор ва моядортар... кӯшанд, то номи ӯ бимонад ва нишони он гусиста нашавад».

Асари дигари оригиналие, ки ба забони равонаи дарӣ навишта шудааст, **«Аҷоиб-ул-булдон»**-и Абулмуайяди Балхӣ мебошад. Ин муаллиф аз нависандагон, олимон ва шоирони ни-

маи дуюми асри X буда, ин китобро барои Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ навиштааст. Порчаи зерин аз муқаддимаи китоби мазкур аст: «Чунин гӯяд Абулмуайяд-ул-Балхӣ..., ки маро аз тифлӣ ҳаваси гардидани олам буд ва аз бузургон ва мардуми аҳл баҳс ва аҷоибҳо бишунидам ва он чӣ дар кутуб хондам, ҷумла бинавиштам ва ҷамъ кардам ва аз баҳри... амири Хуросон молики машриқ Абулқосим Нӯҳ бинни Мансур, то ки ӯро аз он мутолаа мувонасат бувад...»

Аз ин ду порча дидан мумкин аст, ки унсурҳои забони арабӣ бо вуҷуди ҳукмронии дуру дароз ба забони дарӣ тадриҷан дохил шудааст. Агар дар матни «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ ягон калимаи арабӣ дида нашавад, дар матни Абулмуайяди Балхӣ 12 калимаи арабӣ дида мешавад.

Чӣ тавре ки муаллифи «Таърихи Сиистон» нақл кардааст, Абулмуайяд «Шоҳнома» ва «Гаршоспнома» ҳам доштааст, вале гирифтори осеби замона гардидааст.

Ғайр аз инҳо, ба сифати насри асри X китоби **«Истихроҷ»**, асари Муҳаммад Айюб-ат-Табарӣ **«Шаш фасл»**, ки дар бораи устурлоб навишта шудааст ва асари муаллифи номаълуми **«Ҳудуд-ул олам»** (982)-ро қайд кардан мумкин аст.

Фаъолияти дигари насрнависони асри X тарҷума аз арабӣ мебошад. Дар соли 962 Мансур бинни Нӯҳи Сомонӣ ба Абӯалӣ Муҳаммад Ал-Балъамӣ, ки аз хонадони вазир балъамиҳо буд, тарҷумаи китоби *«Таърихи Табари»*-ро ба забони форсӣ фармуд. Вай дар муқаддимаи ин китоб чунин навиштааст: «Бидон, ки ин таърихномаи бузургест гирдовардаи Ҷаъфар бинни Ҷарири Табарӣ..., ки малики Хуросон Абӯсолеҳ Мансур бинни Нӯҳ фармон дод дастури хеш Абӯалӣ Муҳаммад Ал-Балъамӣ (с. ваф. 996)-ро, ки ин таърихномаро аз они писари Ҷарир аст, порсӣ гардон ҳар чӣ накӯтар, чунон ки андар вай нуқсоне набошад».

Балъамӣ ин китобро тарҷумаи холис накарда, бисьёр лаҳзаҳоеро аз ҳаёти Эрону Осиёи Миёна илова кардааст (китоб дар соли 963 тамом шудааст). Вақте ки мо ба забони порчаҳои боло назар меандозем, мебинем, ки дар онҳо аз ҷиҳати синтаксис фарқи ҷиддӣ дида намешавад, вале дар лексика тағйироте ба назар мерасад, зеро калимаҳои арабӣ торафт зиёд ва ба таркиби луғавӣ дохил шуда истодааст.

Китоби дигари насри илмии ин аср **«Тафсири Табарӣ»** ном дорад ва он аз 14 ҷилд иборат аст. Китоби мазкур дар соли 962 бо қувваи олимон ва нависандагони Осиёи Миёна тарҷума шудааст. Ин китоб ҳам бинобар хислати тарҷумавӣ доштан калимаҳои арабиро бештар дарбар гирифтааст.

Забони насри ин давр, бо вуҷуди ҳукмронии дуру дарози забони арабӣ ва дар тарҷума риоя кардан ба сохти забони арабӣ, хусусияти сохти наҳвии забони пешинаи дарӣ-тоҷикиро нигоҳ доштааст. Аммо аз хусусиятҳои услубии забони минбаъдаи дарӣ фарқ дорад. Ин китобҳо танҳо таърихи хушку холи

набуда, дар онҳо материалҳои фольклорӣ, қиссаҳои қаҳрамонӣ ва ривоятҳо оварда шудаанд.

Тадқиқотчиён насри форсӣ-тоҷикӣ дар ин асар аз сюжет ва мероси адабиёти қадим мавҷуд будани **«Искандарнома»**-и насрӣ, **«Доробнома», «Самаки айёр»** ва дигарҳоро тахмин мекунанд, вале онҳо аз ҷиҳати услуб ба асрҳои минбаъда дахл доранд ва дар таърихи насри форсӣ-тоҷикии асри X қайд нашудаанд. «Искандарнома»-и насрӣ ҳоло ба ғайр аз нақли Табарӣ ва иловаҳои Балъамӣ дар китоби «Таърихи Табарӣ» дигар ба даст надаромадааст.

## АДАБИЁТ


1 *Бертельс Е. Э. История* персидско-таджикской литературы. М., 1960.
2 *Гафуров Б. Г.* «Таджики», М., 1972.
3 *Забеҳулло Сафо.* Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, 1338, ч. 1.
4 *Мирзозода Х.* Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи ғояҳои асосии адабиёти тоинқилобии тоҷик (Дар маҷмӯаи мақолаҳои «Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт). Сталинобод, 1963.
5 *Мирзозода Х.* Нуқтаи назари зиддидинӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик. Душанбе, 1978.
6 *Негматов Н. Н.* Государство саманидов. Душанбе, «Дониш», 1977.
7 *Ян Рыпка.* История персидской и таджикской литературы. М. 1970.
8 *Ҳермон Эте.* Таърихи адабиёти форсӣ. Теҳрон, 1337 ҳ.
9 *Коллектив.* Замони Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958.


## АБӮАБДУЛЛО РӮДАКӢ

**Тарҷумаи ҳол**

Дар бораи Рӯдакӣ маълумоти пурраи тарҷумаиҳолӣ вуҷуд надорад. Онро порча-порча аз асарҳои таърихӣ, тазкираҳо ва ишораҳои худи шоир дар шеърҳояш ба даст овардан мумкин аст.

Абӯабдулло Ҷаъфар Муҳаммади Рӯдакӣ дар соли 858 дар Панҷруд, дар оилаи шахсе, ки ба фарзанди худ дониши лозимае дода тавонистааст, таваллуд шудааст. Дар бораи ҷои таваллуди Рӯдакӣ маълумоти аз ҳама мӯътабар ахбороти Абӯсаид Идрисии Ҳофизи Астарободист, ки муаллифи «Китоб-ул-ансоб» Самъонӣ (вафоташ 1167) аз ӯ нақл кардааст ва ҳамаи тадқиқотчиён гуфтаи ӯро эътироф кардаанд. Вай тахминан баъд аз шаст соли вафоти Рӯдакӣ ба Самарқанд омада, дар ин ҷо зиндагӣ карда, дар бораи географияи Самарқанд ва навоҳии (атрофи) он китобе навишта, дар он ҷо соли 1015 вафот кардааст. Мувофиқи ахбороти аниқу равшани ӯ мадфани Рӯдакӣ дар шимоли қутби қарияи Панҷруди навоҳии Самарқанд ҷой гирифта будааст.

Ҷараёни давраи ҳаёти бачагӣ ва ҷавонии Рӯдакӣ маълум нест. Аз тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ (асри XII—XIII) сар карда, қариб аксарияти тазкиранависон дорои истеъдоди бузурги «модарзод»-ӣ будани ӯро қайд кардаанд, ки дар 8-

солагӣ қуръонро пурра аз ёд карда буд ва хуб қироат мекард. Баъзе тадқиқотчиён ин гуфтаи тазкиранависонро аломати камбағалӣ, бенавоии ӯ маънидод кардаанд, вале ин маълумот дар сарчашмаҳои пеш аз Авфӣ ва гуфтаҳои Рӯдакӣ дучор намешавад. Агар қуръонро аз ёд карда бошад, пеш аз ҳама, ин аломати дорои ҳофизаи баланд будани вай аст, ки ӯ ин қувваи бузурги худро дар омӯхтани мусиқӣ, аз ёд кардан ва хондани шеър, аз худ намудани илм ва луғати бои забони тоҷикиву арабӣ низ сарф кардааст. Вай шахси ҷисман солим, зебо ва хушрӯю мӯ будааст, ки дар ин бора дар шеърҳояш:

Ба ҳусни савт чу булбул муқайиди назмам,
Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асиру зиндонӣ.

гуфтааст ва дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ёдовар мешавад:

Ба зулфи чавгонӣ нозаш ҳамекунӣ ту бад-ӯ,
Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфчавгон буд.
Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,
Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд.

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки ӯ таҳсили илмро дар мадрасаҳои Самарқанд, ки дар асри IX ягона маркази илмӣ ва адабии Мовароуннаҳр буд, гирифта, ба камолот расидааст. Дар суруду мусиқӣ шӯҳрати тамом доштани ӯро гуфтаи худи шоир тасдиқ менамояд:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.

Рӯдакӣ дар нағмаву суруду мусиқӣ шогирди Бахтьёри Самарқандӣ буда, аз ӯ барбатро омӯхтааст. Вай бо табъи баланди шоирӣ ва истеъдоди беназири мусиқидонӣ ва овози хушу форами худ ба дарбори ҳар амире метавонист бомуваффақият пазируфта шавад. Аз ин рӯ, шояд вай хизмати аввалини дарбории худро аз саройи Наср бинни Аҳмади Сомонӣ (864—892), ки пойтахти ӯ шаҳри Самарқанд буд, оғоз карда бошад. Аммо дар солҳои 90-ми асри IX ва аввали асри X ташкил шудани давлати ягона ва марказонидашудаи Сомониён бо саркардагии Исмоил бинни Аҳмади Сомонӣ (848—907) ва пойтахт қарор гирифтани шаҳри Бухоро, ба майдон омадани вазифаҳои нави давлатӣ, маркази илму адаб шудани Бухоро, зарурати аз ҳар гӯшаи кишвар ба ин марказ гирд омадани аҳли адабу илм Рӯдакиро низ ба ин ҷо раҳсипор кардааст. Дар ин бора яке аз байтҳои ӯ гувоҳӣ медиҳад:

Раҳӣ савору ҷавону тавонгар аз раҳи дур,
Ба хидмат омад некӯсиголу некандеш.

Ин воқеа хоҳ ихтиёрӣ ва хоҳ бо даъват шуда бошад, шояд баъд аз вафоти ҳокими Самарқанд Наср ва ҳукмрони кулли Мовароуннаҳр қарор гирифтани бародари ӯ ва вазири давлати

Сомониён таъин шудани Абулфазли Балъамӣ (892 то 937) рӯй дода бошад, ки дар ин давр Рӯдакӣ худро ҷавону тавонгар шуморидааст (тахмин 34—42 сола буд). Пас, ҳар чанд ки шӯҳрати ибтидоии ӯ аз Самарқанд оғоз ёфт, вале шаҳомати вай, ки ӯро шоири Мовароуннаҳру Хуросон, баъд Эрон ва тамоми Аҷам гардонидааст, аз Бахоро сар шудааст, ки вай дар ин ҷо надими амирон, маликушшуарои дарбори Сомониён, устоди адибони замони худ ва шоири миллии Сомониён гардида буд:

Қиро бузургию неъмат зи ину он будӣ
Варо бузургии неъмат зи оли Сомон буд.

Дар яке аз байтҳои қитъае пас аз даҳ соли хизмат боз ба дарбор баргаштани ӯ қайд шудааст:

Писанд бошад мар хоҷаро пас аз даҳ сол,
Ки боз гардад пиру пиёдаву дарвеш?!

Ба дарбори Сомониён ҷавон омада пир гаштани ӯ нишон медиҳад, ки вай дар сарои амирони сомонӣ дуру дароз хизмат кардааст ва ӯ шояд дарбори Исмоили Сомонӣ, писари ӯ Аҳмад бинни Исмоил (907—914) ва набераи вай Насри II Аҳмади Сомонӣ (914—942)-ро дида бошад. Аммо ифодаи «пас аз даҳ сол» масъаларо каме муғлақ мегардонад, зеро аз омадани ӯ ба дарбори Сомониён (солҳои 90-ми асри IX) ва то баргаштани вай пас аз воқеаи соли 938 қариб панҷоҳ сол вақт аст, ки Рӯдакӣ даҳ соли онро қайд кардааст. Ин даҳ сол бояд ба хизмати дарбори Насри II дахл дошта бошад. Он гоҳ ба дарбори Насри II омадани ӯ ба солҳои 928 рост меояд ва пеш аз ин Рӯдакӣ шояд аз дарбори амири ҷавон Насри II, ки дар 8-солагӣ, дар соли 914 ба тахт баромада буд, дур истода бошад. Аз оли Сомон сарфарозӣ кардани вай дар хидмати чандин амирони сомонӣ будани ӯро нишон медиҳад. Дар яке аз байтҳои тарҷумаиҳолии ӯ ба тариқи тазод фикре баён карда шудааст, ки вай ба дарбори Сомониён ҳамчун шоири нодор омада, тадриҷан появу мартаба ёфта, мавқеи иқтисодиаш баланд шудааст:

Аз хару полик он ҷое расидам, ки ҳаме
Мӯзаи чинӣ ҳамехоҳаму аспи тозӣ.

Ин ҳолати ӯ шояд нисбат ба дарбори Насри I бинни Аҳмади Сомонӣ гуфта шуда бошад, зеро, вақте ки ӯ ба дарбори Сомониён, ба Бухоро рафта буд, худро «тавонгар» ва «хоҷа» номидааст, ки ба табақаи болои ҷамъият мансуб шудани вайро нишон медиҳад. Аммо аз ду байти Сӯзании Самарқандӣ, ки дар бораи аз бахри харидани Айёр ном канизе аз касе қарз гирифтан ва он қарзро дода Рӯдакиро аз қарз халос кардани Балъамӣ сухан рондааст, дар аввалҳои ба дарбори Сомониён ба Бухоро омадан шахси нодор будани ӯро маълум мекунад:

Рӯдакӣ з-он ҷома, к-андар васф мегӯяд ҳаме:
Ёфт диноре ҳазор аз зарри оташгуну фом.
Қимати Айёрро ҳам фом кард аз дигаре
Балъамӣ айёрвор аз Рӯдакӣ бифканд фом.

Табиист, ки дар аввалҳои хизматаш дар Бухоро зуд ба мартабаи баланди шоирӣ, надимӣ ва дорои нарасида буд. Умуман чандин соли аввали ҳаёти Рӯдакӣ дар Бухоро маълум нест. Ба Бухорои сомонӣ на танҳо бо ниятҳои «некӯсиголона»-и хизмат ба давлати Сомониён, балки бо нияти манфиатҳои моддӣ дидан низ омадааст, ки дар он давр аз давлати феодалӣ умеди манфиати моддӣ ва маънавӣ доштан расм буд:

Ман бад-он омадам ба хидмати ту,
Ки барояд рутаб зи конозам.

Ин байт хоҳ ба амир нигаронида шуда бошад, хоҳ ба вазир Балъамӣ, умеди ёрии моддӣ дорад.

Баъдтар Рӯдакӣ ба ивази асарҳои адабии худ аз вазирон, амирон ва хоҷагону сарҳангони сомонӣ инъомҳои зиёде гирифта, ба шахси давлатманде мубаддал гашт, ки ҳатто, боиси рашку ҳасади баъзе аз ҳамқаламони ӯ гардид:

Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,
Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.
Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,
Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.
Ҳазор як з-он, к-ӯ ёфт аз атои мулук,
Ба ман диҳӣ, суханояд ҳазор чандонам.

Шоири асри XI Унсурӣ барои назми «Қалилаву Димна» чил ҳазор динор мукофот гирифтани Рӯдакиро қайд намудааст:

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш
Ато гирифт ба назми «Қалила» дар кишвар.

Худи Рӯдакӣ ҳам дар бораи инъомҳои фаровони аз амирон ва маликони давраи Сомонӣ гирифтааш сухан рондааст:

Бидод мири Хуросон чиҳил ҳазор дирам
Дар ӯ фузунии як панҷ мири Мокон буд.
Зи авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор
Ба ман расид бад-он вақт—ҳоли хуб он буд.

Вай дар хонаҳои деҳқонон молу чиз доштани худро қайд кардааст:

Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқонон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳамлон буд.

Ӯ аз рӯи одати онрӯза соҳиби ғуломон ва канизон будааст:

Ҳамехариду ҳамерехт бешумор дирам,
Ба шаҳр ҳар кӣ яке турки норпистон буд.

Ба ҳамин тариқ, Рӯдакӣ аз хонадони Сомонӣ ва амалдорону саркардагони он хеле манфиати моддӣ ва маънавӣ гирифтааст ва худи ӯ низ ин маъниро тасдиқ менамояд:

> Имрӯз ба иқболи ту, эй мири Хуросон,
> Ҳам неъмату ҳам рӯи накӯ дораму саннод.

Тазкиранависи асри XII — XIII Авфӣ қайд кардааст, ки Рӯдакӣ дусад ғулом дошт ва бори ӯро чорсад шутур мекашид. Ҷомӣ ин маъниро аз Авфӣ тасдиқ кардааст:

> Рӯдакӣ он ки дурр ҳамесуфтӣ,
> Мадҳи Сомониён ҳамегуфтӣ.
> Силаи шеърҳои ҳамчу дураш
> Буд дар бораи чорсад уштураш.

Гуфтаҳои Авфӣ ва Ҷомӣ, ҳар чанд ки хислати муболиғавӣ дорад, вале аз сарфарозии моддии Рӯдакӣ хабар медиҳад, вале чӣ тавре ки худи ӯ тасдиқ кардааст, ҳар чанд ки танаш аз пулу чиз роҳат дошт ва бо он мағрур буд, рӯҳаш аз хираду илму дониш баҳраманд будааст:

> Бифнуд танам аз дираму обу замин,
> Дил бар хираду илму ба дониш бифнуд.

Дар китоби «Чёрние дни Хайяма» нақли аҷибе оварда шудааст, ки ба ғуломон инсонпарварона рафтор кардани Рӯдакиро нишон медиҳад: Дар асри X як гурӯҳ савдогарони рус аз шаҳри Нижний Новгород дар Хоразм ба дасти ғоратгарон-роҳзанҳо афтода, ҳамчун асирон—ғуломон дар Бухоро фурӯхта мешаванд ва яке аз онҳоро бо духтараш Рӯдакӣ харидааст ва ба духтари ӯ ошиқ шудааст. Ба ин маънӣ дар яке аз рубоиҳои ӯ ишорае ҳам ҳаст, ки як мисраи он ин аст:

> Аз Каъба калисонишинам кардӣ...

Аммо Рӯдакӣ ҳамчун шоири инсондӯст, баъд аз чанде ғулом ва канизи руси худро озод кардааст ва онҳо ба ватан баргаштаанд.

Рӯдакӣ ҳамчун надими амирон борҳо ба сафарҳои меҳмонӣ, кишварбинӣ ва ҳатто, ҳарбии онҳо иштирок кардааст. Яке аз онҳо нақли адабиётшиноси асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» мебошад: Амир Насри II боре ба сафари Марву Ҳирот рафта, бинобар хубу зебо ва сернозу неъмат будани кӯҳҳои Бодғис ё ки Бодғайс чор сол болои ҳам дар он ҷо мондааст. Ҳамроҳони ӯ аз сафари дуру дароз монда ва зану фарзанду диёри худро пазмон шудаанд ва аз таъсиру обрӯи маънавии Рӯдакӣ истифода намуда, панҷ ҳазор динор ваъда дода, аз вай илтимос кардаанд, ки дар васфи Бухоро ва амир қасидае сароида, онро бо оҳанги мусиқӣ ба ҷо оварда, ӯро ба пойтахт даъват намояд, то ки аз азоби сафар раҳоӣ ёбанд. Рӯдакӣ шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-ро эҷод карда, субҳ аз рӯи одати Наср, ки шеъру суруду мусиқӣ мешунид, ин қасидаро хонда-

аст, амир беихтиёр бо либоси хонагӣ ба асп савор шуда, рост ва беист ба сӯи Бухоро раҳсипор шудааст ва то ду фарсанг либоси саворӣ ва асбоби аспи ӯро аз ақиб овардаанд.

Ба дурустӣ ва ё нодурустии ин нақл далели рад ё тасдиқ надорем, вале таъсири бузурги сухани Рӯдакиро ба мамдӯҳонаш тасдиқ менамояд.

Нақли дигаре, ки оид ба тарҷумаи ҳоли Рӯдакист, воқеаи ба Балх рафтани вай, овозаи шоирӣ ва ошиқии Робеаро дар сӯҳбати подшоҳ нақл кардани вай аст, ки дар ин хусус дар боби Робеаи Балхӣ ишорат рафта буд.

Аз рӯи қасидаи тарҷумаиҳолии «Шикоят аз пирӣ» Рӯдакӣ давраи ҷавонӣ ва миёнсолии худро беоила—безану фарзанд гузаронидааст:

Иёл не, зану фарзанд не, маунат не,
Танам аз ин ҳама осуда буд, осон буд.

Аммо ҳаёти муҷаррадии ӯ бо хушнудӣ, ҳаётдӯстӣ ва лаззати зиндагӣ, ки иборат аз ишқварзӣ, сурудхонӣ, мусиқанавозӣ, базм ва роҳати ҳаёт аст, гузаштааст, ки худи ӯ ба ин маънӣ ишорат кардааст:

Набиди равшану дидори хубу рӯи латиф,
Агар гарон буд, зи ман ҳамеша арзон буд.
Ҳамеша шод надонистаме, ки ғам чӣ бувад,
Дилам нишоту тарабро фарох майдон буд.
Ҳамеша чашмам зи зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зи мардуми сухандон буд.

Ниҳоят, давраи пирии Рӯдакӣ ҳам расид. Вай ҳангоми аз дарбор ронда шуданаш, ки ба соли 938 рост меояд, марди 80-сола буд. Вай пир шуда бошад ҳам, аз хизмати дарбори подшоҳ Насри II, ки Рӯдакиро бисьёр ҳурмат мекард, озод нашудааст. Вай дар бораи хеле пир шудан, вале аз иззату ҳурмат ва рӯҳбаландӣ худро бардаму ҷавон ҳис карданаш ишорае дорад:

Пири фартут гашта будам бас,
Боз гаштам ба рӯзи барноӣ.

Порчаҳои дигари шеъриаш низ ба пирии ӯ ишорат мекунад:

Шудам пир бад-ин сону ту ҳам худ на ҷавонӣ,
Маро сина пурандӯҳу чун чафта кашоне.

* * *

Ба бози гурезӣ бимонам ҳаме,
Агар кабк бигрезад аз ман равост.

Вай дар аввали қасидаи «Шикоят аз пирӣ» рехтани дандонҳои зебову тозаву сафеди худро таъкид кардааст:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло-бал чароғи тобон буд.
Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.
Яке намонд кунун з-он ҳама бисуду бирехт,
Чи наҳс буд?— Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд.

Бо вуҷуди ин, шоири ҳаётдӯст ба пирӣ таслим нашудааст, барои ба ҳаёти пурҷӯшу хурӯши дарбор иштирок кардан мӯйҳои худро ранг мекардааст ва аз ин рӯ, аз одамони порсо таъна шунидааст. Вай ин ду маъниро дар порчаи шеърие, ки дар ҷавоби таънаҳо бо лутф навиштааст, ифода кардааст, ки мисраи якуми он ин аст:

Ман мӯи хешро на аз он мекунам сиёҳ...

Рӯдакӣ ҳамчун шоири пайрави ҳаракати шуубия ва тараққипарвари замон ба ҳаракати карматия ва исмоилия, ки ҷараёни мазҳабии зидди хилофати Аббосиҳо буд, иштирок дошт.

Аз ин рӯ, дар воқеаи табаддулоти давлатӣ, ки соли 938 дар Бухоро рӯй дода, дар он тарафдорони карматиҳо таъқиб шуда, ҷазои сахт дида буданд, Рӯдакӣ низ ҳамчун пайравони карматия ва ҳамфикрони подшоҳу вазир Балъамӣ, ки аз маснади худ дур карда шудаанд, ба ҷазои сахте гирифтор гашт ва ба ҷашмонаш нил кашида шуд. Молу мулкаш мусодира гардид:

Дардову ҳасрато, ки маро даври рӯзгор
Бе олату силоҳ бизад роҳи корвон.

Аз ишораҳои Рӯдакӣ тахмин меравад, ки ӯ дар пирӣ хонадор—зану фарзанддор шуда, ба ташвиши оиладорӣ афтодааст: «Танам аз ин ҳама осуда буд, осон буд.» Зани ҷавон магар ӯро ба пирӣ таъна медод, ки ба вай давраи ҷавонӣ ва ҳолати хубии худро ёдоварӣ намудааст:

Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд...
Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ дар чашм,
Ба рӯи ӯ дари чашмам ҳамеша ҳайрон буд...
Басо канизаки некӯ, ки майл дошт бад-ӯ,
Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд.
Ба рӯз чунки наёрост шуд ба дидани ӯ,
Наҳиби хоҷаи ӯ буду бими зиндон буд.

Вай ин ҳолати худро ба тариқи тазод бо давраи шоду хуррами худ муқоиса намудааст:

Басо, ки маст дар ин хона будаму шодон,
Чунон ки ҷоҳи ман афзун буд аз амиру мулук.
Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,
Маро нагӯй, к-аз чӣ шудаст шодӣ сӯг.

Мисраи сеюми ин порчаи шеърӣ ишора ба он аст, ки шоир дар охири умр — дар пирӣ ва баъд аз ронда шудан аз дарбори

Сомониён, ки бо ташаббус ва маслиҳати рӯҳониёни ҷаҳолатпарасти ҳанафӣ — суннӣ ва фармони амир Нӯҳи Сомонӣ бинни Насри II ва амалиёти иртиҷоиёни ғайри ватандӯст ба амал омада буд, Бухороро тарк карда, ба шаҳри пешинааш, ба зодгоҳаш омада, аз нав ба ҳолату манзили аввалаи худ афтодааст.

Вай ин ҳолати худро ба гадоӣ нисбат дода, онро аз дигар шудани замон, ки қонуни ҳаёт аст, маънидод менамояд:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

Рӯдакӣ баъд аз воқеаи мудҳиши соли 938, ки бе ин ҳам ҳангоми пирӣ тадриҷан танҳо монда истода буд, тамоман танҳо монд, зеро дӯстони ӯ дар ин воқеа аз байн рафтанд, як қисм аз тарс худо куштанд. Шоир фоҷиаи сахтро аз сар гузаронидааст:

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад.
В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм,
Як қатраи об дар лабам кас накунад.

Вай баъд аз се соли воқеаи табаддулоти динию давлатии Сомониён, ки ибтидои таназзул ва харобию вайронию сустшавии давлати марказонидашудаи Сомонӣ буд, аз қувваҳои ватандӯсти худ маҳрум гардида буд, дар соли 941 дар зодгоҳаш, дар синни 83-солагӣ вафот ёфт. Баъзеҳо ақида доранд, ки Рӯдакӣ ҳам дар қатори қарматиҳо бо шаттаву шаллоқ дар зодгоҳаш кушта шудааст. Чӣ тавре ки Идрисӣ дар китоби «Алансоб» маълумот додааст, ҷасади ӯро дар пушти бӯстони Рӯдак дафн кардаанд, мазораш зиёратгоҳи одамон будааст ва аз ҷумла Идрисӣ низ зиёрат кардааст. Дар мотами ӯ шоире аз шоирони асри X марсия навиштааст:

Шоират ку кунун, ки шоир рафт?
Набувад низ ҷовидона ҷанӯй.
Хун гашт оби чашмам аз ғами вай,
З-андӯҳаш мум гашт оҳану рӯй.
Нолаи ман дигар, шигифт мадор,
Шав бишав зор-зор нол бар ӯй.
Чанд ҷӯӣ ҷанӯ наёбӣ боз,
Аз ҷанӯ дар замона даст бишӯй.

Баъд аз вафоти ӯ чизе ба ҷуз мероси бои адабии вай намондааст. Дар ин бора шоире дар марсияи худ ба вафоти Рӯдакӣ гуфтааст:

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Гул бирезад, нарезад аз вай бӯй.

**Чанд калима дар бораи кӯр будани Рӯдакӣ**

Азбаски дар ин масъала ду фикр ҳасту мавзӯи баҳс қарор гирифтааст, ба он таваққуф намудан лозим меояд. Бори аввал Авфии Бухороӣ, ки баъд аз сесад соли вафоти Рӯдакӣ

зиндагӣ кардааст, ӯро «кӯри модарзод» гуфтааст. Дар услуби муҳокимаронииҳои тазкиранависони гузашта одате ҳаст, ки агар бузургвории шахсҳои таърихиро эзоҳ доданӣ шаванд, ягон ҳолат, ҳодиса ва воқеаи фавқулодда ва ё афсонаеро ба вай мебанданд. Ҳамин тавр «кӯри модарзодӣ»-и Рудакӣ барои он лозим шудааст, ки истеъдоди ҳайратовари ӯро шарҳ диҳанд: «Рӯдакӣ акмаҳ буд, аммо хотираш ибрати хуршеду маҳ буд, басар надошт, аммо басират дошт. Макфуфе буд, асрори латоиф бар вай макшуф, маҳҷубе буд аз ғояи лутфи табъ маҳбуб, чашми зоҳир баста дошт, аммо чашми ботин кушода,... аз модар нобино омада». Ба гуфтаҳо ва ҳукми қатъии Авфӣ, ки беэҳтиётона аст, Рӯдакиро дар яке аз қитъаҳои худ «кур» гуфтани шоири асри X — рақибу ҳасадбари ӯ Абӯзироа, ки баъд ба ҷои вай маликушшуарои дарбори Сомониён таъин шуда буд, Рӯдакиро «шоири тирачашми равшанбин» номидани Дақиқӣ, Носири Хисрав луқмае додааст. Аммо аз тарҷумаи ҳолнависон Ҳамидаддин Абӯабдулло ибни Умари Наҷотии Нишопурӣ дар китоби «Бисотин-ал-фузало-ва раёҳин-ал-уқало» (таълифи соли 1309), аввалин шуда, қайд кардааст, ки ба чашми Рӯдакӣ нил кашида кӯр карданд: «Вақад самл фи охир умра» (дар охири умр ба чашмонаш нил кашида шуд). Наҷотӣ на кӯри модарзод будан, балки дар охир умр нил кашида кӯр карда шудани Рӯдакиро дуруст ва ба таври ҳаққонӣ қайд намудааст, ки бо воқеаи табаддулоти сиёсии 938 алоқаманд аст. Баъзе тадқиқотчиёни ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ, аз ҷумла Тохирҷонов дар асари «Рӯдакӣ» даъво мекунад, ки дар гузашта одатан подшоҳонро кӯр мекарданд ва мекуштанд, шоирро не. Чӣ тавре ки худи Рӯдакӣ «Ҷоҳи ман афзун буд аз мулуку амир» гуфтааст, эътибори ӯ низ ҳамчун шоири бузурги миллӣ аз амирон кам набуд, бинобар ин, аз душманони халқу мамлакат камтар аз амирон ҷазо надида наметавонист. «Кӯр» гуфтани Абӯзироа, ки ҳарифу рақиби Рӯдакӣ буд, аз рӯи таъна, кина ва нафрат аст... «Тирачашм» гуфтани Дақиқӣ ва Носри Хисрав ба ҳақиқат наздик аст, яъне аз нил кашидан чашмонаш тира шудаанд.

Баъзеҳо барои исботи кӯри модарзод будани ӯ аз дуньёи қадим Гомер, аз олимони араб Ал-Маарриӣ ва шоири тоҷик Зарири Ҷӯйборӣ (асри XIX) далелҳо меоранд. Аввалан, агар Рӯдакӣ кӯри модарзод мебуд, ба дараҷаи арбоби давлат намебаромад, сониян, дар шеърҳояш ба биноии чашмаш ҳам ишорат намекард. Масалан, дар як байти ишқиаш аз дидани ёр чашм пӯшида наметавонам, гуфтааст:

Назар чӣ гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст,
Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷои гиёҳ.

Дар чанд шеъраш калимаи «дидам»-ро кор фармудааст, кӯр набояд «дидам» гӯяд:

Пӯпак дидам ба ҳаволии Сарахс,
Бонг бурда ба абр андарро.
Чодар кай дидам ранги бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодарро.

* * *

Меҳр дидам бомдодон чун битофт,
Аз Хуросон сӯи Ховар мешитофт.

Ғайр аз ин, дар шеърҳояш рангҳо ва лаҳзаҳои хеле нозукеро қайд кардааст, ки онро бисьёр вақтҳо одамони бино ҳам дида наметавонанд:

Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.

Пас, дар масъалаи биноӣ ва нобиноии ӯ як фикри қатъӣ боқӣ мемонад: аз аввал то охири ҳаёт бино буд, вале дар воқеаи хунини соли 938 кӯр карда шудааст. Ба ин маъно дар як шеъраш ба тариқи талмеҳ сухан рондани ӯ мушоҳида мешавад:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи роҳату меҳнат,
Се пироҳан ба тан будаст Юсуфро ба умр андар:
Яке аз қайд шуд пурхун, дуюм шуд чок аз тӯҳмат.
Сеюм Яъқубро аз бӯ-ш равшан гашт чашми тар.
Рухам монад ба он аввал, дилам монад ба ин сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар.

**Мероси адабӣ** Дар бораи мероси адабии Рӯдакӣ се сарчашма маълумот медиҳад: Гуфтаи шеърии Рашидии Самарқандӣ (асри XII), тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (аввали асри XIII) ва «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (асри XIII). Гуфтаи Рашидӣ ба тариқи зайл аст:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.
Шеъри ӯро ман шумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳам фузун ояд, агар чунон ки бояд бишмарӣ.

Авфӣ шеъри Рӯдакиро «сад дафтар» гуфтааст. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ қайд кардааст, ки дар китоби «Таърихи Манучеҳр» хондам, ки ҳафтсад ҳазор байт будааст. Аввало аз ин маълумотҳо фаҳмидан мумкин аст, ки то истилои муғул ашъори пурраи Рӯдакӣ мавҷуд будааст. Ҳар чанд ки ҳамаи гуфтаҳо миқдори осори бадеии Рӯдакиро ба дараҷаи хеле зиёд бурдаанд, вале ҷои шубҳае нест ки, ӯ шоири бузурги сермаҳсуле буда бошад.

Дар гуфтаҳои Авфӣ ва Муставфӣ, агар миқдоран зиёд будани мероси адабии Рӯдакиро истисно кунем, фикр дуҳӯра нест. Аммо «Сад дафтар» маълум нест, ки чанд мисраъ ва ё

байт аст. Ҳафтсад ҳазор байт, маълум аст, ки як миллиону чор сад ҳазор мисраъ мешавад. Аммо дар гуфтаи Рашидӣ фикр духӯра баромадааст: 1. Ман шеъри ӯро шумурдам — сездаҳ раҳ (мисраъ) сад ҳазор, яъне як миллиону сесад ҳазор мисраъ аст. Дар мисраи чоруми Рашидӣ таъкид карда шудааст, ки агар бояду шояд шуморӣ, аз он ҳам зиёд аст. Ба ин маънӣ гуфтаи Рашидӣ ба гуфтаи Муставфӣ наздик меояд. 2. Ман шеъри ӯро сездаҳ раҳ (бор, карат) шумурдам, сад ҳазор буд ва агар бояду шояд шуморӣ, аз он ҳам зиёдтар аст. Дар ин гуфтаи Рашидӣ маълум нест, ки он сад ҳазор байт аст ё мисраъ аст. Азбаски дар замонҳои пеш миқдори шеърро бо байт мешумориданд, сад ҳазор байт фаҳмидан лозим меояд, ки бояд аз он зиёдтар бошад. Аз ин гуфтаи Рашидӣ «сездаҳ раҳ (бор) шумурдан» як саволе ба миён меояд: Сездаҳ бор шумуридан чӣ ҳоҷат дошт? Чаро ду бор не, чор бор не, ҳашт бор не, даҳ бор не, маҳз сездаҳ бор? Агар калимаи «раҳ»-ро мисраъ фаҳмем, 650 ҳазор байт аст, ки бо иловаҳояш ба ҳафтсад ҳазор байти Муставфӣ гуфтагӣ наздик меояд. Азбаски «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо он бузургиаш (нӯҳ ҷилди ҳозира) ҳамагӣ саду бист ҳазор мисраъ (шаст ҳазор байт) аст, гуфтаҳои боло хеле муболиғавӣ менамояд, вале дар айни замон, алалхусус, ба гуфтаи Рашидӣ, ки «шумурдам» гуфтааст, бовар накардан мумкин нест. Аксарият ба «сад ҳазор»-и Рашидӣ эътиқод доранд. Аммо ҳоло аз он миқдори гарон ҳамагӣ беш аз ду ҳазор мисраъ ба даст даромадааст.

Дар роҳи ҷустуҷӯи шеърҳои Рӯдакӣ ва фарқ кардани онҳо аз шеърҳои дигарон, махсусан, девони дар Теҳрон чопшудаи Рӯдакӣ ва девони шеърҳои шоири асри XI Қатрони Табрезӣ муайян гардид, ки шеърҳои ин ду шоир омехта шудааст. Ҳоло он чӣ ки ба Рӯдакӣ нисбат дода мешавад, дар китоби «Осори Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) ҷамъ оварда шудааст.

Жанри ашъори Рӯдакӣ назм аст. Шаклҳои шеърии ӯ қасида, марсия, ғазал, рубоӣ, қитъа ва маснавист. Тадқиқотчиёни эҷодиёти Рӯдакӣ аз вазн ва шакли шеърии (маснавӣ) байтҳои боқимонда нӯҳ маснавӣ ва достон доштани ӯро қайд кардаанд, ки номи баъзе аз онҳо маълум аст: «Қалила ва Димна», «Синдбоднома», «Даврони офтоб», «Ароис-ун-нафоис». Дар борам «Қалила ва Димна»-ро ба назм дароварданаш Фирдавсӣ ва Унсурӣ, ки ба замони Рӯдакӣ наздиканд, маълумот додаанд:

> «Қалила» ба тозӣ шуд аз паҳлавӣ,
> Бар-ин сон, ки акнун ҳаме бишнавӣ.
> Ба тозӣ ҳаме буд то гоҳи Наср,
> Бад-он гаҳ, ки шуд дар ҷаҳон шоҳ Наср.
> Гаронмоя Булфазл дастури ӯ,
> Ки андар сухан буд ганҷури ӯ.
> Бифармуд, то форсии дарӣ
> Бигуфтанду кӯтоҳ шуд доварӣ.
> Аз он пас чу бишнид рой омадаш,

Бар ӯ бар хирад раҳнамой омадаш...
Гузорандае пеш биншонданд,
Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.
Бупайваст гӯӣ парогандаро,
Бисуфут инчунин дурри огандаро.

Аз ин ахбороти Фирдавсӣ маълум мегардад, ки вазири Сомониён Абулфазли Балъамӣ дар замони подшоҳии Насри II аз матни равонаи арабӣ ба порсии дарӣ ба назм даровардани «Калила ва Димна»-ро фармудааст. Қасе, шояд шогирд ва ровии Рӯдакӣ Маҷ матни арабиро ба вай хондааст ва Рӯдакӣ онро дар соли 932 дар баҳри рамали мусаддаси мақсур, дар як байт чор бор «фоилотан» ва ду бор «фоилон», ба назм даровардааст ва аз рӯи ахбороти Унсурӣ аз амири худ чил ҳазор дирам мукофот гирифтааст:

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш,
Ато гирифт ба назми «Калила» дар кишвар.

Ин асари машҳур дар мавзӯи панду ахлоқ буда, шубҳае нест, ки Рӯдакӣ ғайри ба назм даровардани бобҳо, ҳикоятҳо ва мазмуни асосӣ, иловаҳое низ аз худ дохил кардааст. Ҳоло миқдори байтҳои боқимондаи «Калилаву Димна»-и Рӯдакӣ аз 100 гузаштааст. Масалан, чанд байт аз он:

Димнаро гуфта, ки: то ин бонг чист,
Бо ниҳебу саҳм ин овои кист?
Димна гуфт: Ӯро ҷуз ин ово дигар,
Қори ту на ҳасту саҳме бештар...
Дил гусиста дорӣ аз бонги баланд,
Ранҷаке бошад — ту овози баланд.

Достони дигари ҳамвазни «Калилаву Димна» «Синдбоднома» аст. Соли навишта шудани он маълум нест: Ду байти зерин, ки он аз «Қиссаи Синдбод», аз ҳикояти дуюми шаби чоруми «Алф-ал-лайла ва лайла» оварда шудааст, ба ин маснавӣ тааллуқ дорад:

Гуфт: Ҳангоме яке шаҳзода буд,
Гавҳариву пурҳунар озода буд.
Шуд ба гармова дарун як руз ғушт,
Буд фарбеҳу калону хубгӯшт.

Ин достон ҳам пурра боқӣ намондааст. Ҳатто, баъзеҳо тахмин доранд, ки Рӯдакӣ баъзе аз ҳикояҳои ин достонро ба ҳикояҳои «Калила ва Димна» ҳамроҳ карда, ба назм даровардааст. Барои пайдо шудани чунин фикр ҳамвазнии ин ду маснавӣ асос шудааст.

Достони дигар «Давррони офтоб» мебошад, ки дар вазни рамали мусаддаси мақсур аст. Мазмуни асосии ин достон ва соли таълифи он маълум нест. Тахмин мекунанд, ки достони мазкур тасвири сайри офтоб ва масъалаҳои астрономиро дар назар дорад. Ин ду байт аз он достон аст:

Аз Хуросон ба рӯзи товусваш
Суи Ховар мехиромид шоду хваш.
Меҳр дидам бомдодон чун битофт,
Аз Хуросон сӯи Ховар мешитофт.

Ғайр аз ин се достон, боз шаш достонро аз рӯй вазн фарқ карда ба Рӯдакӣ нисбат медиҳанд. Муаллифи китоби «Кашф-уз-зунун»—Ҳоҷӣ Халифа мавҷуд будани достони «Ароис-ун-нафоис»-ро хабар додааст, вале аз руи порчаҳои боқимонда маълум нест, ки кадоми онҳо ба ин достон тааллуқ доранд.

Вазну мисоли ин шаш достон инҳоянд:

1. Баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф — мафъулу, мафоилан, фаулан:

Бинвохт ба чанг чангро шаст.
Бигрифт ба чанг чангу биншаст,

2. Баҳри музореи мусаддаси маҳзуф—мафоил, фоилот, фаулан:

Эй булбули хушово, ово деҳ!
Эй соқӣ, он қадаҳ ба мо деҳ!

3. Баҳри сареи матвии мавқуф — муфтаилан, муфтаилан, фоилон:

Ҷомаи пурсурати даҳр, эй ҷавон,
Чирк шуду шуд ба кафи козурон.
Ранг ҳама хому чунон печу тоб,
Мунтазирам, то чӣ барояд зи хоб.

4. Баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

Биҳиштоин сароеро бупардохт,
Зи ҳар гуна дар ӯ тимсолҳо сохт.
Зи уду чандал ӯро остона,
Дараш симину заррин полгона.

5. Баҳри ҳафифи аслами мусаббах — фоилотан, мафоилан, фаӯлун:

Нест фикре ба ғайри ёр маро,
Ишқ шуд дар ҷаҳон фаёр маро.

* * *

Духтари Кисро зи насли Кайковус,
Дурустӣ ном, нағз чун товус.

* * *

Дур монд аз сарои хешу табор,
Насаре сохт бар сари кӯҳсор.

6. Баҳри мутақориби мусаммани мақсур — фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаӯл:

Зи қалб ончунон сӯи душман битохт,
Ки аз ҳайбаташ шери нар об тохт.
Ба душман пур аз хашм овоз кард,
Ту гуфтӣ: магар тундар оғоз кард.

Аз маснавие, ки дар баҳри мутақориб аст ва дар он калима ва истилоҳҳои ҳарбӣ дида мешавад, ҳукм кардан мумкин аст, ки ин достон шояд дар мавзӯи қаҳрамонӣ бошад. Ин гуна достонро замони Рӯдакӣ, ки ба муқобили феодалҳои саркаш ва душманони хориҷӣ мубориза мебурд, талаб мекард.

Дар маснавии панҷум, ки дар баҳри хафиф аст, бештар ҳиссиёти ошиқона ва тасвири қаҳрамони эпикӣ, номҳои таърихӣ (Қисро), афсонавӣ (Кайковус) ва дар роҳи ишқ қасри худро тарк карда, ба кӯҳсор рафтани ошиқ тасвир ёфтааст, ки аз ин ҳақиқат достони ишқӣ будани он маълум мегардад.

Адабиётшинос Саид Нафисӣ аз байти:

Бод бар ту мубораку хуншон
Ҷашни наврӯзу гӯсфандкушон.

дар аввали асри X дар як вақт омадани иди Наврӯзу қурбонро, ки дар соли 923 воқеъ гардидааст, ба асос гирифта, таърихи навишта шудани ҳамин достонро таъин кардааст.

Ғайр аз ин, дар китоби «Кашф-уз-зунун» китоби луғат доштани Рӯдакӣ, ки «Тоҷ-ул-масодир фи луғат-ил-фурс» ном доштааст, маълумот медиҳад.

Давраи ташаккули забони адабии тоҷикӣ-дарӣ тартиб додани луғатро талаб мекард, ки Рӯдакӣ ба он ҷавоб додааст. Аммо вай онро луғати форсӣ номидааст, лекин луғати Рӯдакӣ, ки бо шеър навишта шудааст, арабию дарист:

Заръу зиръ аз баҳор шуд чу биҳишт.
Заръ кишт асту зиръ—гӯшаи кишт.

**Ҷаҳонбинии Рӯдакӣ**

Ҷаҳонбинии халқ ва мутафаккирони онро ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давраҳои таърихӣ муайян мекунад. Дар асри X ҷаҳонбинии феодалӣ ва динию клерикалӣ, ки қонуни асосии он шариат аст, мафкураи ҳоким буда, фалсафаи он «калом» ва мазҳаби ҳукмрон— мазҳаби ҳанафия — суннат буд. Асоси таълими «калом» эътирофи тақдири илоҳист. Рӯдакӣ онро расман эътироф кардааст. Вай сабаби пирӣ ва рехтани дандонҳои худро аввало аз тақдири табиӣ — наҳси Кайвон ва рӯзгори дароз, ки ақидаи фалсафии қадимаи халқҳои эронӣ — сайёрапарастӣ ва табиатпарастист, аз сарнавишти илоҳӣ донистааст:

Яке наменд кунун з-он ҳама бисуду бирехт,
Чӣ наҳс буд?—Ҳамоно ки наҳси Кайвон буд.
На наҳси Кайвон буду на рузгори дароз,
Чӣ буд, ман-т бигӯям: қазои яздон буд.

Эътироф намудани «қазои яздон» ақидаи динӣ буда, ҳоло ба кадом ҷараёни тақдирпарастӣ (ҷабария ё ки қадария) ва фалсафаи «калом» ё ки мӯътазилия мансуб будани Рӯдакиро нишон намедиҳад, зеро тақдирро ҳамаи ҷараёнҳои идеализми динӣ эътироф менамояд. Ба ҳар ҳол, тақдирпарастӣ идеологияи

динӣ ва синфи ҳакиму гурӯҳи одамони оҷиз буда, Рӯдакӣ дар зери таъсири ин ақида монда будааст.

Дар асри X ғайр аз идеологияи ҳукмрони динию феодалӣ, идеологияи маҳкуми синфҳои поёнӣ ва табақаи миёнаи ҷамъиятӣ ҳам мавҷуд буд, ки нависандагони дорои майлҳои халқӣ онро қабул ва дар асарҳояшон акс кунонидаанд. Яке аз онҳо мазҳаби шиа ва шохаҳои он исмоилия ва карматия мебошад (ниг. ба фасли ин мазҳабҳо). Азбаски ин мазҳабҳо бар зидди халифаҳои аббосии араб, дар баъзе шароитҳои таърихӣ ба муқобили синфи ҳоким ва ҷаҳолатпарастии динӣ равона карда шуда буд, Рӯдакӣ ҳамчун шоири дорои майлҳои халқӣ ва маърифатпарвар ба он майл карда буд. Ин маъниро байтҳои чудогонаи ӯ ва дар воқеаи зидди қарматиҳо таъқиб шудан ва ҷазо дидани вай тасдиқ менамояд.

Эй Шоҳнабӣ, сирати имон ба ту маҳкам,
Эй Миралӣ ҳикмати олам ба ту дар ғол.

* * *

Қасеро, ки бошад ба дил меҳри Ҳайдар,
Шавад сурхрӯ дар ду гетӣ баовар.

Зикр шудани пайғамбар (набӣ) ва аз чорьёрҳо танҳо номи Алӣ майли алипарастии ӯро нишон медиҳад.

Илова бар ин, дар шеъри худ фотимиҳои Мисрро зикр кардани ӯ ва онро барои тасдиқи ҳамин фикр овардани Маъруфии Балхӣ (асри X) пайрави ақидаи исмоилия ва қарматия будани Рӯдакӣ, тарафдори халифаҳои фотимӣ ва зидди аббосиҳо будани ӯро тасдиқ менамояд:

Аз Рӯдакӣ шунидам султони шоирон,
Қ-андар ҷаҳон ба кас магарав, ҷуз ба фотимӣ.

Ҷараёни дигари ғоявӣ—шуубия аст. Ба ин ҷараён пайравӣ намудани Рӯдакӣ маънои ватандӯстӣ ва инчунин зидди хилофати араб буданашро ифода кардааст. Вай ин маъниро дар шеъре, ки Бухороро ба Бағдод муқобил гузошта, амирони Сомониро тавсиф менамояд, баён кардааст:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.

Ба ҷараёни ғоявии риндӣ, ки низ дар доираҳои аристократия ва табақаи аҳолии шаҳр — савдогарон ва аҳли илму адабиёти ҳаётдӯст паҳн шуда буд (ниг. ақидаи риндӣ), майл накардани ӯ мумкин нест, зеро муҳите, ки вай дар он зиндагӣ мекард, ба он водор менамуд.

Ҳаёти нисбатан осоиштаи аҳолии шаҳр ва доираи аристократии чи дарбор ва чи берун аз дарбор ба давраи устуворшавӣ ва ибтидои тараққиёти феодализми асри X ба пайдоиши ақидаи риндӣ дар доираҳои тараққипарвари ҷамъият рост ме-
Ин маъниро қитъаи Амир Оғочӣ, ки дар бораи машғул-

ҳолати рӯҳияи аристократияи он давр маълумот медиҳад, акс кунонидааст. Ақидаи риндӣ бар хилофи ақидаи мистикии тарки ҷаҳонбинии оммаҳои мазлум буда, аз он феодалҳо ва рӯҳониёни иртиҷоӣ ба манфиати синфии худ фоида мебурданд, муқобил гузошта шудааст.

Барои дар шуури Рӯдакӣ ва адибони ҳамасри ӯ пайдо шудани ақидаи риндӣ на танҳо шароити таърихӣ, балки китобҳои тарҷумавӣ аз дуньёи қадим, ақидаи зарвония, ҳедонисти Юнони Қадим, таълимоти Эпикур, таълимоти айшпарастии Ҳинд—локаята ва Миср, ки аз онҳо бохабар буданд, ёрӣ мерасонданд. Ҳар чанд ки Рӯдакӣ барои муросо бо душманон илми Юнон таълимоти фалсафии Юнонро инкор намуда, худро пайрави таълимоти дини Муҳаммадӣ номида, рӯҳониятро дар ҷои аввал гузоштааст:

Маро зи мансаби таҳқиқи анбиёст насиб,
Чӣ об ҷӯям зи ҷӯи хушки юнонӣ.
Барои парвариши ҷисму ҷон чӣ ранҷа кунам,
Ки ҳайф бошад рӯҳ-ул-қудс ба сагбонӣ,

вале, чӣ хеле ки аз шеърҳои риндонаи Рӯдакӣ бармеояд, таъсири он ақидаҳо дар эҷодиёти ӯ хеле зиёд аст ва ин гуфтаи ӯ ниқобпӯшие дар назди ҷаҳолатпарастон аст. Як силсила шеърҳои боқимондаи Рӯдакӣ исбот менамояд, ки дар ақидаи ӯ ҳиссиёти айшпарварии замонаш (аз ҳаёт ком гирифтан) ва ҳедонисм, ки аз фалсафаи юнонии Ситоикҳо ва Эпикур ғизои маънавӣ дорад, акс ёфтааст:

Шод зӣ, бо сиёҳчашмон шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод!..
Ману он ҷаъдмӯи ғолиябӯй,
Ману он моҳрӯи хурнажод.

* * *

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он кӣ ӯ надоду нахӯрд.

Дар ин шеър бар хилофи байти боло, ки «барои тарбияи ҷисму ҷон ранҷ намекашам» гуфтааст, бо ёрии ишқи «сиёҳчашмон, ҷаъдмӯён ва ғолиябӯён, моҳрӯёни ҳурнажод ва ба мардум хӯрондану аз онҳо хӯрдан», ки шоир онро некбахтӣ меномад, масъалаи «тарбияи ҷисму рӯҳ»-ро мусбат ҳал кардааст. Дар таълимоти хедонисми Юнони Қадим, ки ҳис асоси илм ва барои тараққиёти илм тарбияи моддӣ ва маънавии ҳис зарур దониста шудааст, алоқаи ғоявии Рӯдакӣ бо ҳедонисм мушоҳида мешвад, пас илми Юнонро «ҷӯи хушкида» номидан ва худро «пайрави пайғамбарон» эълон кардани вай танҳо дар забон аст. Шеърҳои хеле зиёди ошиқонаи Рӯдакӣ, ки таранвуми ишқи ҳаётии инсонист ва он василаи тарбияи рӯҳию маънавии шахс ва айши ӯ мебошад, тасдиқи ақидаи риндӣ дар ашъори Рӯдакист:

Номат шунавам, дил зи фарах зинда шавад.
Холи ман аз иқболи ту фархунда шавад
В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад.

Ба муносибати тавсифи айшпарастӣ, ки асоси ақидаи риндист, масъалаи тавсифи дуньёи моддӣ ва лаззат бурдан аз хубиҳои он ба миён меояд, ки он бар хилофи таълимоти дин ва тарки дуньёи тасаввуф аст. «Рӯҳ-ул-қудс»-ро чаро сагбон кунам», гуфтани Рӯдакӣ тавзеҳи ҳадиси зерин аст: **«Ал-дуньё ҷефата ва толибиҳо калоб»** (дуньё мисли ҳайвони ҳароммурда аст ва толибони он сагонанд). Аммо Рӯдакӣ бар хилофи ин таълимоти динию тасаввуфӣ ва изҳори ақидаи худ дуньёро дар шеърҳояш, махсусан, дар баҳорияҳояш тавсиф менамояд:

Ин ҷаҳон поку хубкирдор аст,
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.

* * *

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тииб,
Бо сад ҳазор нузҳату оройиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт, шабоб аз паи машиб.

Дуньё дар ақидаи дурусти материалистонаи Рӯдакӣ шаклан ҳамеша тағьирьёбанда буда, ҷавҳари он доимист ва он аз сифат ба миқдор ва аз миқдор ба сифат гузашта меистад:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирдгардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд,
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.

Аз ин гуфтаи Рӯдакӣ маълум мегардад, ки дуньё доимо ва адабан тағьирьёбанда аст. Пас, дуньёро «фасонаву бод» ва «боду абр» — абри гузаранда номидани ӯ ба маънои шахс ва умри он аст, ки дар ҷаҳон доимӣ нест:

Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,
Бода пеш ор ҳар чӣ бодо бод!

Чунин ҳолати умри кӯтоҳи «афсонамонандӣ» инсон масъалаи риндона ғанимат донистан, ба гузаштаву оянда эътибор надодан, ҳозиру ҳузурро ба миён овардааст, ки он низ ақидаи риндист ва он ба ақидаи эҳтиром ба пешвоёни гузаштаи дин — пайғамбарон ва бовар кардан ба «дуньёи роҳати охират» зид равона карда шудааст:

З-омада шодмон бибояд буд
В-аз гузашта накард бояд ёд.

Ақидаи риндии замони ҳозираро дидан ва инкори гузаштаю ояндаи масъалаи аз ҳаёт ҳарчи зиёдтар ва хубтар гирифтани лаззати моддӣ ва маънавиро ба миён меорад. Яке аз воситаҳои айшу лаззат — май аст, ки дар шариат ҳаром эълон карда шуда буд (Кулли хамр — ҳаром). Тавсифи май дар аксарияти шеърҳои Рӯдакӣ, махсусан, дар ташбиби қасидаи «Модари май» ва шеъри «Хамрия»-и ӯ хеле ҷолиби диққат мебошад:

Биёр он май, ки пиндорӣ: равон ёқути ноб астӣ
Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.

Ҳамин тавр, тавсифи маю овози мусиқию зебоии рақсу ҳусни маҳбуба тараннуми риндона буда, дар ашъори устод Рӯдакӣ мақоми баланд дорад, ки он ба амрҳои лаззати инсониро манъ намудани шариат зид гузошта шудааст:

Симоу бодаи гулгуну лӯъбатони чу моҳ
Агар фаришта бубинад, даруфтад дар чоҳ...
Қасе, ки огаҳӣ аз завқи ишқи ҷонон ёфт,
Зи хеш, ҳайф бувад, гар даме бувад огоҳ.

Тавсифи лаззати предметҳои ҳаётӣ дар ашъори Рӯдакии ринд то рафт мартабаи баланд пайдо карда, шоирро водор намудааст, ки афзалияти онро, ҳатто, нисбат ба ҳиссиёти динӣ тасдиқ намояд:

Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд?
Дил ба Бухорову бутони Тароз!
Эзиди мо васвасаи ошиқӣ,
Аз ту пазирад, напазирад намоз.

* * *

Чашмани ақлро хазонӣ агар,
Гулшани ишқро баҳор тӯӣ,
Ишқро гар паямбарӣ, лекин
Ҳуснро офаридагор туӣ.

Ҳамаи ин гуфтаҳои латифу зарифи шоир, ки ҳиссиёти риндона аст, аз табъи баланди ҳаётдӯстонаи ӯ гувоҳӣ медиҳанд ва ҳар чанд ки ӯ бедину бехудо нест, вале диндори мутассибу ҷоҳил ва зоҳиду порсои парҳезгор набудани ӯро нишон медиҳад. Ин маъниро он рубоии Рӯдакӣ низ тасдиқ менамояд, ки дар ҷавоби ӯро аз мӯй рангкунӣ таъна кардани шоири порсои асри X Хусравонӣ гуфтааст, мисраи аввали он ду рубоӣ ин аст:

Аз Хусравонӣ:

Аҷаб ояд маро зи мардуми пир...

Аз Рӯдакӣ:

Ман мӯи хешро на аз он мекунам сиёҳ...

Ҳар як шоири бузург ба ягон оппозицияи халқӣ майл на карда наметавонист. Устод Рӯдакӣ аз ҷумла шоиронест, ки ба оппозицияи халқӣ майл кардааст. Ақидаи мистикӣ ҳолати рӯҳияи оммаҳои мазлум аст, ки таассуроти оҷизӣ, нотавонӣ ва афтодарӯҳии онҳоро ифода кардааст:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем,
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуши рӯзгори нох(в)аш моем.

Ҳолати рӯҳияи чунин оммаҳои мазлум, ки ҳоло қувваи тавонои душманшикани худро нашинохтаанд, оҷизӣ, нотавонӣ буда, шиори онҳо аз золимон ва ҳокимон талаби адолат кардан аст:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Яке аз ҳолатҳои психологии оммаҳои мазлум синфи ҳокимро ба адлу инсоф даъват намудан ва онро бо ғазаби худо, ки гӯё ӯ ба мазлумон мушфиқу меҳрубон бошад, тарсондан ва бо ин мақсад мукофоти амалро ба хотир овардан аст, ки низ оҳанги тасаввуфӣ дорад. Ин мазмун дар шеъре, ки аз байти

«Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромӯшт»,

оғоз мешавад, хеле хуб ифода ёфтааст.

Аломати дигари ақидаи мистикӣ, ки моҳияти он тарки дуньё ва нафрат ба моликияти феодалӣ мебошад, дар ашъори Рӯдакӣ мушоҳида мешавад. Тарки дуньё ақидаи оммаҳои оҷизу маҳрум аз неъматҳои моддӣ буда, дуньё барои онҳо пуразобу манфур аст:

Дил аз дуньё бардору ба хона биншин паст,
Фаро банд дари хона ба фалҷу ба нажованд.

Мисоли дигар:

Ҳон ташнаҷигар маҷӯй з-ин боғ самар!
Бедистонест ин риёзи ба ду дар.
Беҳуда мамон, ки боғбонат ба қафост,
Чун хок нишаста гиру чун бод гузар.

Дар мағз андар мағзи нафрат ба дуньё ё ки ақидаи тарки дуньё инкори моликияти беҳадду ҳисоб, ҳаёти фаҳш ва пурхӯрию роҳати синфи доро истодааст, ки дар назари мазлумон ва маҳрумони неъматҳои дуньё манфур менамояд. Онҳое, ки бо ин синфи доро панҷазанӣ карда, дар ин дуньё ӯро мағлубу ба вай ҷазо дода наметавонанд, онҳоро бо марг ва бевафоии дуньё метарсонданд. Чунин рафтор як шакли муборизаи синфӣ дар асрҳои миёна аст:

Мехтарони ҷаҳон ҳама мурданд,
Маргро сар ҳама фурӯ карданд.
Зери хок андарун шуданд онон,
Ки ҳама кӯшкҳо бароварданд...

Аз ин ҷост, ки шоир синфи дорои ҳариси молу ҷоҳро ба тарки молу чиз даъват менамояд ва ӯро аз азоби гӯр метарсонад:

Ба сарои сипанҷ меҳмонро,
Дил ниҳодан ҳамешагӣ на равост.
Зери хок андарун-т бояд хуфт,
Гарчи акнун-т хоб бар дебост.
Бо касон буданат чӣ суд кунад,
Ки ба гӯр-андарун шудан танҳост.
Ёри ту зери хок мӯру магас,
Чашм бикшо, бубин, кунун пайдост.

Марксизм-ленинизм дар ин шаклу мазмун баромадани оммаҳои норозии халқро барои фаҳмидан ва фаҳмондани синфияти худ ва ҳамчунин худро аз ҳамхалқу ҳаммиллати золиму муфтхӯри «худӣ» фарқ кунондан ва аз он чизе ки онҳоро бо дороён созиш мекунонад ва ё асири моддӣ ва маънавиашон мегардонад, даст кашиданро яке аз воситаҳои муборизаи синфӣ медонад.

Тарки дуньё боз чунин маъно дорад, ки ҳаёти камбағалона ва қашшоқонаи оммаҳои мазлум ва синфҳои дорои аз серӣ беғаму бепарвое, ки халқу мамлакати худро тароҷ кардаанд, зид гузошта мешавад. Ин маъниро устод Рӯдакӣ дар шеърҳои худ низ акс кунонидааст:

Хоҳӣ андактар аз ҷаҳон бипзир,
Хоҳӣ аз Рай бигир то ба Тароз.
Ин ҳама боду будӣ ту хоб аст.
Хобро ҳукм не магар ба маҷоз?!
Ин ҳама рӯзи марг яксонанд,
Нашиносӣ зи якдигаршон боз.

Дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ баъзе масъалаҳои назариявии тасаввуф низ мушоҳида мешавад. Масалан, инкори илми Юнон, ки илми дуньявӣ шуморида шудааст, таълимоти пайғамбаронро ба он зид гузоштан, ҷисму ҷони моддиро ночиз, рӯҳул-қудсро асли ҳастӣ донистан ва ғайра, ки моҳияти идеалистӣ дорад.

Ҳамчунин, дар он шеърҳо дар масъалаи баҳо додан ба муносибати рӯҳу ҷаҳони моддӣ, дар мавқеи ваҳдати вуҷуд истодан, муҳаббати илоҳиро ишқи ягона шуморидан, аз ин рӯ, ишқро дар ҳама ҷо, чи дар Қаъба ва чи дар калисо ҷустан, бо ин роҳ инкор кардани динҳо ва бо роҳи худоҷӯии ваҳдати вуҷуд дӯстии байни пайравони динҳои гуногун ва инкори душмании қавмҳоро тарғиб намудан, ки ғояи прогрессивии дӯстии халқҳо ва инсондӯстист, изҳори ақида низ ба назар мерасад:

Аз Каъба калисонишинам кардӣ,
Охир дар куфр беқаринам кардӣ.
Баъд аз ду ҳазор саҷда дар даргаҳи дӯст,
Эй ишк, чи бегона зи динам кардӣ.

Ба ҳамин тариқ, порчаҳои шеърии боқимондаи устод Рӯдакӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳонбинии ӯ, ғайр аз унсурҳои ақидаи риндона ва ба олам аз нуқтаи назари моддӣ нигоҳ кардан, унсурҳои тафаккури мистикӣ ё ирфонӣ ҳамчун шакли баромадҳои зидди феодалии оммаҳои меҳнаткаши асрҳои миёна мавҷуд будааст. Дар ҷаҳонбии (фалсафии) ӯ мавҷуд будани нақши осори риндӣ ва мистикӣ, аз як тараф, зиддияти ақидавии ӯ зоҳир гашта бошад, аз тарафи дигар, ба ҳар ду майли зидди феодалии оммаҳои халқ майл доштани вай ва ҳоло ба таври қатъӣ аз хамдигар чудо набудани ин оппозицияҳои халқиро, ки ҳао ду ҳам бар зидди феодализм ва идеологияи ислом равона шудааст, нишон медиҳад. Номаълум будани санаи эҷодии шеърҳо имконият намедиҳад, ки замони дар ашъори ӯ акс ёфтани ақидаҳоро муайян кунем. Ақидаи мистикӣ бештар дар шеърҳои ҳангоми калонсолӣ, пиронсолагӣ, оҷизӣ, нотавонӣ ва афтодарӯҳӣ эҷодшуда, ки одатан дар охири умр рӯй медиҳад, хис карда мешавад. Пас, шеърҳои мазмуни мистикидошта бештар маҳсули давраи дуюми эҷодиёти устод, яъне давраи калонсолии вай аст. Ӯ дар айни замон аз таъсири идеология ҳукмрони синфи ҳоким — таълими ислом ва фалсафаи он — «калом» низ берун набуд, зеро синфи дар иқтисод ҳукмрон ҳам мафкураи синфи ҳоким ва ҳам дигаронро ба зери таъсири идеологияи худ медарорад. Аз ин фактҳо системаи ягонаи фалсафӣ—ҷаҳонбинӣ надоштани Рӯдакӣ ба ақидаю ҷаҳонбинии ӯ таъсир гузаронидани ҷараёнҳои гуногуни ақидаи замонаш намудор гаштааст.

Дар шеърҳои боқимондаи Рӯдакӣ аз ҷараёнҳои ақидавӣ-фалсафии асри X таъсири ҷараёни даҳрия, тибоия, ки материализми он давр аст, мушохида мешавад. Муборизаи шадиде, ки байни уламои динӣ ва фалсафаи моддӣ дар асрҳои VIII—IX дар қисмати ғарбии хилофат давом дошт ва файласуфонро таъқиб мекарданд, ба тарафи Шарқ—Хуросону Мовароуннаҳр кӯчида буд. Ҳар чанд ки Рӯдакӣ дар шеърҳояш бояд барои гӯл кардани уламои ҷоҳили ислом тарафдорони ақидаи пайғамбарон будани худро арз карда, илму фалсафаи Юнонро ҷӯи хушкида номидааст, вале дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» вобаста ба тағьири ҳаёти худ — аз ҷавонӣ ба пирӣ, аз шодӣ ба ғам, аз шӯҳрат ба маҳрумӣ омадан сухан ронда, тағьирьёбанда будани замон ва олами моддиро қайд намудааст, ки ҳатто дар он материализми диалектикии стихиявӣ ба назар мерасад.

Чӣ тавре ки аз гуфтаҳои боло мебинем, ҷахонбинии фалсафӣ ва ақидавии ӯ ягона нест, ҷараёнҳои гуногун ақидаи фалсафӣ ва ғоявии халқии тараққипарварона ва ҳатто, мистикии худ (сӯфиёна)-ро дар асарҳояш акс кунонидааст.

**Ақидаи иҷтимоӣ** Дар ақидаи иҷтимоии Рӯдакӣ ду мазмуни халқӣ акс ёфтааст:

Яке тарафдори ҳукумати марказии феодалии маърифатпарвар будан, ки онро майлони прогрессивии синфи феодалҳо пеш меронд ва аз халқ ёрӣ мехост. Ин равияи ғоявии Рӯдакӣ дар чанд мундариҷаи ақидавӣ зоҳир гаштааст: Нахуст — тавсифи подшоҳи мамлакат ва онро идеализация кардан. Масалан, байтҳои зерин Насри II-ро аввал дар саховат ба Ҳотами Той ва дар қаҳрамонӣ ба Рустами Дастон ташбеҳ дода, баъд ба тариқи руҷӯъ аз онҳо ҳам болотар гузоштааст:

Ҳотами Той туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард.
Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,
Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард.

Дар услуби шеърҳои идеализациякунанда ба ҳақиқати ҳаётӣ мувофиқат кардани мамдӯҳ шарт нест, зеро вай бояд аз будаш баландтар гузошта шавад. Ба ин маънӣ, азбаски ҳамаи ободии мамлакат ва осоиши мардум аз вай умед карда мешавад, як қисми тавсифҳои мусбат ба сифати қарз ба мамдӯҳ дода мешавад, то ки вай ба он сифатҳо мувофиқ шавад.

Дигаре мадҳи феодалҳои маҳалҳо, сипаҳсолорҳо (мисли Абӯҷаъфари Аҳмад), раис-ул-вузаро (монанди Балъамӣ), вазирон (мисли Мусаъбӣ) ва ғайра мебошанд, ки онҳо идеали аввалдараҷаи шоир нестанд, зеро идеали нахустдараҷа подшоҳ, султон ё амири ҳукумати марказӣ аст. Ин ҳукмронҳо тобеи идеали аввалдараҷа буда, бояд ба ӯ содиқ, вафодор ва марказиятталаб бошанд. Онҳо бояд аз фикрҳои марказгурезӣ, ҷудоиталабӣ ва саркашӣ аз ҳукумати марказӣ дур, вале баръакс мубориз ва оштинопазир бо ҳамин гуна қувваҳо бошанд. Намунаи ҳамин гуна ҳокими содиқ дар замони Рӯдакӣ Абӯҷаъфар Аҳмад бинни Муҳаммад сипаҳсолори Сиистон буд. Вай аз саркардагони марказгурези давраи Сомонӣ ба муқобили Мокон бинни Қокӣ, ки аз Насри II рӯй гардонда, аз Сомониён алоқаи худро канда буд, ҷангида ӯро мағлуб ва асир гирифта, хабари хушро ба Насри II фиристод ва бо ҳамин садоқати худро ба ҳукумати марказӣ зоҳир кард. Намунаи қасидаҳое, ки Рӯдакӣ ба ин гуна саркардагони тобеи подшоҳи ҳукумати марказӣ бахшидааст, қасидаи мадхия ба Абӯҷаъфар Аҳмад аст, ки ҳоло қасидаи «Модари май» ном гирифтааст.

Қасидаи «Модари май» бо он сабаб навишта шуд, ки Насри II дар Бухоро ба муносибати ғалабаи Абӯҷаъфар Аҳмад аз болои Мокон ибни Қокӣ барои сарлашкарону арбобони давлат зиёфати ҳукуматӣ (банкет) ташкил дод, аммо дар ин зиёфат худи Абӯҷаъфар набуд. Подшоҳ ҳангоми майнӯшӣ гуфт: «...Ҳамаи инҳо бисьёр мояи хурсандист, вале бояд ман худ ин Абӯҷаъфарро бубинам ва чун ин ҷо нест, ба саломатии ӯ бинӯшем... Чун ҷоми шаробро барои амир оварданд, ҷомро мӯҳру мум кард

ва бо даҳ пора ёқут ва даҳ тоқа порча ва даҳ ғулом ва даҳ канизи турк... барои Абуҷаъфар фиристод» (матн аз китоби «Таърихи Систон»). Қасидаи ба ин вокеа навиштаи Рӯдакиро, ки дар он мадҳу ситоиши Абуҷаъфар буд, низ фиристоданд.

Қасидаи «Модари май» мисли ҳамаи қасидаҳои мадҳия аз панҷ қисм иборат аст: 1. **Ташбиб.** Ташбиби он ду қисмро дарбар гирифтааст: яке ҷараёни меҳнати кандани ангур ва аз он тайёр кардани май, ҷӯшидану баромадани он тасвир ёфтааст:

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт натвонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон...

Дигаре тарзи меҳмондории сарои амирони сомонӣ, ки ин ҳам хислати этнографӣ дорад:

Маҷлис бояд бисохта маликона,
Аз гулу в-аз ёсумину хайрию алвон.
Неъмати фирдавс густаридӣ зи ҳар сӯ,
Сохта коре, ки кас насозад чунон.
Як саф мирону Балъамӣ бинишаста,
Як саф Ҳаррону Пирсолеҳи деҳқон.
Хусрав бар тахти подшоҳ нишаста —
Шоҳи мулки ҷаҳон — амири Хуросон.
Турк ҳазорон ба пой пеши саф-андар,
Ҳар як чун моҳи бар ду ҳафта дурахшон...
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи хоқон.
Чун-ш бигардад набид чанд ба шодӣ,
Шоҳи ҷаҳон шодмону хурраму хандон.

2. **Гурез.** Шоир ба воситаи ин қисм аз ташбиб ба мадҳ мегузарад. Дар қисми гурез май гирифтани амир аз дасти соқибачагони турк ва ёдоварӣ кардани Мири Хуҷистон (яъне Систон — Абуҷаъфар) тасвир ёфтааст:

З-он маи хушбӯй соғаре бистонад,
Ёд кунад рӯи шаҳриёри Сиҷистон.
Худ бихӯрад нӯшу авлиёш ҳамедун,
Гӯяд: ҳар як чу май бигирад шодон.
Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад бин-Муҳаммад,
Он маҳи озодагону мафхари Эрон.

3. **Мадҳ:**

Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшноии Кайҳон.
Он-к набуд аз нажоди одам, чун ӯ
Низ набошад, агар гӯӣ, бӯҳтон...

4. Дар қисми **талаб** Рӯдакӣ дар бораи ҳаққи қалам чизе намегӯяд, фақат ишорае мекунад ва дар назди мир изҳори аҷз менамояд, ки гӯё ӯ аз ин шеъри хуб беҳтареро гуфта наметавонад, зеро тоқати вай гӯё ҳамин қадар аст:

Рӯдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ,
Мидҳати ӯ гӯю мӯҳри давлат бистон...

5. **Хотима.** Дар хотима шоир дар баробари шоирони машҳур бузургии худро ба тариқи фахрия қайд намуда, вале дар пеши мир худро хурд нишон дода, боз ба тавсифи ӯ гузашта, бо дуои хайр онро ба охир мерасонад:

Давлати мирам ҳамеша бод ба афзун,
Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон.

Дар ин қасида қисми композицияи асосии ғоявӣ мадҳи мамдӯҳ буда, тасвирҳои дигари муҳим ба он тобеъ кунонида шудааст. Ба Абӯҷаъфар ҳамаи сифатҳои нек аз қабили донишмандӣ:

Он-к бад-ӯ бингарӣ ба ҳикмат гӯӣ:
Инак Суқроту ҳам Фалотуни Юнон.

покӣ ва хислатҳои хуби инсонӣ:

Покии ахлоқи ӯву поқнажодӣ,
Бо нияти неку макорими эҳсон.

подшоҳи фармонфармои кулли ҷаҳон:

В-ар-ш ба садо андарун нишаста бубинӣ,
Ҷазм бигӯ, ки зинда гашт Сулаймон.

паҳлавони беназир:

Сомсаворе, ки то ситора битобад,
Асб набинад чун ӯ савор ба майдон.

бо вуҷуди ин, баҳилм ва бовиқор:

Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳ тани ӯй,
Кӯҳи Сиём аст, ки кас набинад ҷунбон.

нисбат ба душманон ғолиб:

Душман ар аждаҳост, пеши синонаш
Гардад чун мум пеши оташи сӯзон.

саховатмандӣ ва ба аҳли адаб ёрии моддӣ додан:

Шоир зи ӯ равад фақиру тиҳидаст,
Бо зари бисьёр бозгардаду ҳамлон.

ва адолатпарастӣ:

Боз ба ҳангоми доду адл ба халқ,
Нест ба гетӣ чун ӯ набилу мусулмон.
Бастаи гетӣ аз ӯ биёбад роҳат,
Ҳастаи гетӣ аз ӯ биёбад дармон.

нисбат дода шудааст.

Ҳамин тавр, дар 64 байт қасида ҳамаи хислатҳои хуҷиста ва барҷастаи инсонӣ дар сурати Абуҷаъфар акс кунонида шудааст. Вай бо ин сифатҳои худ аз амири Сомонӣ фарқ намекунад, балки афзалӣ дорад, зеро душмани ӯ Мокони Қоқиро, ки вай саришта карда натавониста буд, мағлуб ва асир кард. Сифатҳои ба мирону амирон ва сарлашкарҳову сипаҳсолорҳо дода одатан ба шакли қолабӣ даромада, аз ҳамдигар фарқ намекарданд. Вай ҳатто, аз дараҷаи мирӣ ба амирӣ хитоб шудааст, ки мумкин аст, боиси рашки амири Сомонӣ гардад:

Заҳра куҷо будаме ба мадҳи амире,
К-аз паи ӯ офарид гетӣ яздон.

Баъди ин ҳама тавсифот саволе ба миён меояд, ки Абуҷаъфар ба он сифатҳо сазовор буд ё не? Аз рӯи фактҳои таърихӣ қисман сазовор буд, он чӣ ӯ надошт, шоир ба вай ба тариқи қарз дода, мамдӯҳро вазифадор менамояд, ки кӯшиш кунад, то ки ба он ҳама хислатҳои ҳамида соҳиб гардад. Маъно ва вазифаи идеализация низ дар ҳамин аст. Рӯдакӣ дар қасидаи мадҳияаш ба ин нияти худ расидааст, сазовор шудан ва ё нашудан кори мамдӯҳ аст.

Мазмуни сеюме, ки аз ин ақида — тарафдорӣ ба подшоҳи одил ва сардорони содиқ ба миён меояд — ғояи халқпарварӣ ва адолатхоҳӣ мебошад. Аз ин рӯ, меъёри Рӯдакӣ дар мирию амирии ҳақиқӣ ва идеалӣ —васфи раҳму шафқат ба халқ аст, ки вай онро мардонагӣ шумоэидааст.

Маънои чоруме, ки аз ҳамаи гуфтаҳои боло бармеояд, ғояи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мебошад. Ҳиссиёти ватанпарваронаи Рӯдакӣ дар идеализация кардани амирону мирони «худӣ», онҳоро ба халифаҳои араб ва хоқонҳои турк ва ҳамчунин ба феодалхои саркаш муқобил гузоштан ифода ёфтааст. Вай ин ҳиссиётро гоҳ дар плани мадҳи амири сомонӣ ва гоҳе дар плани ишқӣ ифода кардааст. Дар қасидаи нопурраи «Мадҳи Бухоро», ки дар айни замон ба мадҳи амир Насри II бахшида шудааст, ҳисси ватандӯстӣ дар назари аввал меистад:

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омую дуруштиҳои ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳновари,
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу шод зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир савр асту Бухоро бӯстон,
Савр сӯи бӯстон ояд ҳаме.

Шеъри зерин ҳиссиёти ватандӯстонаро дар плани ишқу муҳаббат ифода кардааст:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард кучо барвазад он бод,
Гӯӣ, магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеҷ,
Қ-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.

Зимни таҳлили шеърҳои мадҳияи шоир дар хусуси шеърҳои ҳаҷвии ӯ сухан низ бояд ронд. Одатан шоири дарбор ҳамон вақт шеърҳои ҳаҷвӣ мегӯяд, ки аз мамдӯҳ ранҷад, вале ин кор бисьёр хатарнок аст.

Ҳаҷви ҳокимон ва амирон дар шеърҳои боқимонда дида нашудааст, вале мазмуни граждани дар ҳаққи шахсҳои ҷудогона мушоҳида мешавад. Масалан, дар бораи созандаву навозандаи бадовозе сухан меравад, ки мардум аз ӯ безоранд:

Ҳеҷ роҳат ман набинам дар суруди руди ту,
Ғайр аз ин фарьёд, к-аз вай халқро котӯза хост.

Ду порчаи дигари шеъри ҳаҷвӣ дар ҳаққи шахси номаълуме гуфта шудааст, ки яке аз ҷиҳати қиёфа нафратовар аст:

Пушткӯжу сартавилу рӯй бар кирдори нил,
Соқ чун сӯҳону дандон бар мисоли устура.

Дигаре одами пасти ҷамъият — сифла номида шудааст:

Чархи фалак ҳаргиз пайдо накард,
Чун ту яке сифлаи дуни жукур.
Хоҷа Абулқосим аз нанги ту,
Бар накунад сар ба қиёмат зи гӯр.

Чунон ки аз ин порчаҳо дида мешавад, дар ашъори Рӯдакӣ ҳаҷви иҷтимоӣ кам аст, диққати асосӣ дар доираи одоби сухан, ба ҳаҷви шахсҳои ҷудогона равона карда шудааст.

Равияи дуюми ақидаи иҷтимоии Рӯдакӣ ҳимоя кардани манфиат ва ҳуқуқи оммаҳои халқи меҳнаткаш мебошад. Вай ин маъниро на дар плани давлатӣ, балки дар плани халқпарварӣ, инсондӯстӣ ва ҳомии оммаи мазлум будан ифода намудааст. Сарватмандии Рӯдакӣ шояд аз дороии ҳеҷ кадом аз соҳибнеъматон кам набуд, аммо ба оммаи меҳнаткаш на ҳамчун бандаю ғуломони зархарид, балки ба сифати инсони мазлум, ки нобаробар тақсим шудани неъматҳои моддӣ онҳоро ба бенавоӣ андохтааст, назар меандозад.

Дар тасвири Рӯдакӣ оммаи халқ мазлум, ғамгин, азобдида, гирьёну дилхун, асири дасти давлатмандон ва замони давраи нохуши феодалӣ мебошад. Аз ин байтҳо чунин ба назар мерасад, ки Рӯдакӣ ҳоло танҳо гуруснагӣ, камбағалӣ, оҷизӣ ва нотавонии оммаи меҳнаткашонеро дидааст, ки ҳанӯз қувваи тавонои душманкуши худро нашинохтаанд. Баромадҳои шӯришгаронаи меҳнаткашон баъд аз мағлубияти шӯришҳои халқӣ ва устувор гардидани феодализм дар асри X як андоза хомӯш шуд.

Рӯдакӣ дар муборизa бо синфи ҳокими золими мағрур, аз як тараф, камбағалии халқро муқобил мегузорад:

Пояшон дар рикоби симандуд,
Пои озодагон наёбад сар.

аз тарафи дигар, мувофиқи ҳолати руҳияи оҷизонаи онҳо роҳи раҳму шафқатталабӣ ва мистикии бо бевафоии дунъё тарсонданро пеш гирифтааст. Ба ақидаи ӯ худо тарафдори бечорагон аст.

Рӯдакӣ мағрурона ҷоҳу неъмату нозро бо қонуни ҳатмии марг, ки баъд аз он беш аз кафан чизеро ҳамроҳи худ намебаранд, таъкид ва огоҳ карда, аз ин рӯ, ба онҳо худшиносиро тавсия менамояд:

Буд аз неъмат он чӣ нӯшиданд
В-он чӣ доданду он чиро хӯрданд.
Аз хазорон ҳазор неъмату ноз,
На ба охир яке кафан бурданд.

Воқеаҳои ҳаётие, ки дар муддати умри дарози Рӯдакӣ дар пеши назари вай рӯй дода буданд, махсусан, дар охири умри ӯ ба вуқӯъ омадани фоҷиаҳои зиндагӣ ӯро ба чунин тарзи тафаккури мистикӣ ва чуқур нафаҳмидани моҳияти ҳаёт овардааст:

Зиндагонӣ чи кӯтаҳу чи дароз,
На ба охир бимурд бояд боз?!..
Хоҳ андар анову меҳнат зӣ,
Хоҳ андар нишоту неъмату ноз.

Ҳамин тавр, шояд дар охири умр шодию некбиниҳои даврaи ҷавонӣ ба ноумедӣ ва таслим ба марг мубаддал гаштааст.

**Панду ҳикмат дар шеърҳои Рӯдакӣ**

Дидактикаи Рӯдакӣ бо ақидаи фалсафӣ ва иҷтимоии ӯ алоқаи зич дорад. Ин равия анъанаи қадимии халқ буда, дар замони Рӯдакӣ ба равияи муайяни ғоявӣ мубаддал гашт ва асоси дидактикаи адабиёти классикиро гузоштааст. Қимати амалӣ ва ҳаётии пандҳои ӯ дар ин аст, ки аз ҳаёт омӯхтанро меъёри зиндагии одамон донистааст ва гуфтаи ӯ дар замони ҳозира қимати боз ҳам баландтаре касб кард:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Дар пандҳои Рӯдакӣ рационализм мавқеи калон дорад ва шахси маърифатпарвар будани ӯро нишон медиҳад. Рационализм яке аз сабабҳои асосии ба ҳаракати исмоилия ва қарматия майл кардани вай аст:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Рӯдакӣ омӯзиши фарҳангро на танҳо барои одами имрӯза зарур, балки дар гузашта ба он эҳтиёҷ доштан ва омӯхтани инсонҳоро низ исбот кардааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бохирад андар замон,
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон,
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бигзоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Ӯ ба муносибати тавсифи дониш, махсусан, ҳамаи падарони донишмандро коҳиш ва сарзаниш кардааст, ки илми худро ба фарзандонашон ёд надодаанд ё ки бо донишҳои зарурии замона онҳоро тарбия накардаанд:

Эй дареғо, ки хирадмандро
Бошанд фарзанду хирадманд не
В-ар чи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не.

Хирад ё ки дониши мисли тандурустӣ барои ҳар яке аз афроди ҷамъият зарур диниста шудааст:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихрад:
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он кӣ эзидаш ин чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад.

Дар қатори хирад ба тандурустӣ, ахлоқу номи нек эътибор додани Рӯдакӣ чунин маъно дорад, ки инсон бояд ҷисман, ахлоқан, ботинан солим бошад, то ки барои ӯ шӯҳрат ва некномӣ оварад. Вай ин хислат—рӯҳи солимро бетафовути синфӣ ба ҳама зарур диниста, хусусияти умумиинсонии онро қайд намуда, ба таълимоти тасаввуф, ки бо роҳи риёзат ақлу дониш ва ҷисми инсонро хароб мегардонд, зид гузоштааст.

Пандҳои Рӯдакӣ аз мавқеъҳои халқӣ ба намояндагони синфи ҳоким нигаронида шудааст, зеро, пеш аз ҳама, адолатталабиро дар назар дорад. Ин маънӣ дар бисьёр лаҳзаҳо намудор гаштааст: Яке масъалаи мардӣ, мардонагӣ ва ҷавонмардист. Ин маънӣ дар рубоии машҳури ӯ «мардӣ» акс ёфтааст. Аз рӯи ақидаи хеле ва хеле дурусти Рӯдакӣ номҳои бузург ва фахрии «мардӣ», «фозилӣ», «саркардагӣ», «бузургворӣ» ва ғайра бояд дар лаҳзаҳои душвори ба сари халқ, миллат ва инсоният омада, санҷида ва баҳо дода шавад:

Андар балои бузург падид ояд,
Фазли бузургу мардию солорӣ.

Лаҳзаи дигар мағрурии одамони дорост, ки дар вақти серию пуррӣ азоби иқтисодӣ ва рӯҳии одамони нодорро намефаҳманд:

Гӯши ту солу маҳ ба руду суруд,
Нашнаванд неваи хурушонро.

Ин байт зарбулмасали «Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна дорад»-ро ифода кардааст. Ҳадафи тири ин панд мағрурони молу ҷоҳанд:

Ёфти мол чунки, ғарра машав!
Чун ту бас диду бинад ин деранд.

Рӯдакӣ лаззати соҳибнеъматиро дар доду хӯрду саховат дидааст:

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он кӣ ӯ нахӯрду надод.

Вай дар масъалаи савохат он лаҳзаи психологиро ҳамчун шахси рӯҳшинос қайд кардааст, ки соҳибнеъматони мумсик хиҷолати рӯҳии гадоро ба ҳисоб нагирифта ба вай дуруштӣ ва туршрӯӣ мекунанд ва тоқати дидани гадо надоранд:

Қасон, ки талхии заҳри талаб намедоданд,
Туруш шаванду битобанд рӯ зи аҳли суол.
Туро, ки мешунавӣ тоқати шунидан нест,
Маро, ки металабам, худ чӣ гуна бошад ҳол.

Бо вуҷуди ин маънии боло ба мумсики шӯрбахт мафҳум нест, бинобар ин, шоири рӯҳшинос роҳи дигари панд — роҳи мистикиро пеш гирифта дороёнро бо бевафоии дунъё, ки ақидаи сӯфиёна аст, тарсондааст:

Ба сарои сипанҷ меҳмонро
Дил ниҳодан ба мумсикӣ наравост.
Зери хок андарун бояд хуфт,
Гарчи акнун хоб дар дебост.

Рӯдакии хирадманду носеҳ душвории ҳолати рӯҳии гадоӣ, яъне талбандагӣ ва бефоида будани шикоят аз хасисон ва мумсикони шикамсерро қайд намуда, ба аҳли суол маслиҳат додааст, ки барои роҳат ва осоиштагии хотири худ сабрро пеша карда, худро дар назди соҳибнеъматон хор накунанд:

То кай гӯӣ, ки аҳли гетӣ
Дар ҳастию нестӣ лаиманд?!
Чун тӯ тамаъ аз ҷаҳон буридӣ,
Донӣ, ки ҳама ҷаҳон кариманд.

Панди Рӯдакӣ дар бораи дунъё аз ғами он дур будан, шод зистан ва ба он бепарвоёна нигаристан аст, вале ин гуна рафтор ҷаҳонбинии одамонест, ки оянда хушбахтонаи худ ва инсониятро дида наметавонанд:

Ҳон Рӯдакӣ, аз қайди ғам озод бизӣ?
Бо хотири хурраму дили шод бизӣ!
Вайронии худ мангару ободии даҳр,
Вайронии даҳр бину обод бизӣ!

Дар пандҳои Рӯдакӣ лаҳзаҳои суст ва маҳдуд низ мавҷуд аст. Яке одамонро ба касу нокас ҷудо кардан, нокасонро ислоҳнопазир донистан ва бо ин гуфтаи худ роли тарбияро инкор намудан аст. Вай дар мубориза бо нокасон боз усули мистикӣ — аз ӯ рӯй тофтанро пеш рондааст, ҳол он ки бо ин роҳ нокасонро нест кардан мумкин нест. Бо душмани қаттолу ошкоро роҳи сулҳу оштӣ ва дӯстиро ҷустан низ ҳамин гуна маъно дорад:

Он киро донам, ки ӯям душман аст
В-аз равони пок бадхоҳи ман аст.
Ҳам ба ҳар гаҳ дӯстӣ ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман.

Дар масъалаи қаноат ва рашку ҳасад ба молу ҷоҳи мардум панди Рӯдакӣ ду ҷиҳат дорад: Яке ба муқобили ҳирс ва ҳасад аст, ки ҳислати намояндагони синфи ҳоким мебошад. Вай онҳоро бо неъмату ҷоҳи фаровони худ қаноат кардан даъват намудааст:

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ!
Дар банди такаллуф машав озод бизӣ!
Дар беҳ зи худӣ назар макун, ғусса махӯр,
Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ!

Ин панд ҷиҳати ноқис ҳам дорад, зеро одамони нодор, бадбахт ва мазлумро водор менамояд, ки ба ҳоли аз худ пасттарҳо—гадоён нигоҳ карда, ба вазъияти худ сабр ва шукр кунанд. Ин гуна панд мардуми бадбахтро аз мубориза барои бахту саодати худ боздошта, онҳоро дар як ҳолати бадбахтӣ нигоҳ медорад:

Замона панде озодавор дод маро,
Замонаро нигарӣ сар ба сар ҳама панд аст:
Ба рӯзи неки касон, гуфт: ғам махӯр зинҳор,
Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.

Ҳамин тавр, пандҳои Рӯдакӣ дорои маъноҳои амиқи ҳаётӣ буда, масъалаҳои хеле муҳимеро, ки барои инсоният зарур аст, дарбар гирифтааст ва онҳо вобаста ба замон ҳам хислати умумиинсонии давомдорӣ ва ҳам гузарандагии муваққатӣ доранд. Аз ҳама муҳиммаш он аст, ки шоири носеҳ ба ҷаҳон бо назари зиракӣ нигоҳ кардан ва аз ҳаёт омӯхтанро ба инсон тавсия кардааст:

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон.
Бад-ин ошкорат бубин ошкор,
Ниҳонетро бар ниҳонӣ гумор.

Некӯкорӣ ва дӯстӣ асоси пандҳои хирадмандонаи шоирест, ки олами ботинии вай беинтиҳост:

Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарьёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.

Панди Рӯдакӣ дар бобати дӯстӣ дар замони мо аз пештара дида ба таври махсус ва баланд садо медиҳад, мардумро ба ягонагӣ ва бародарӣ даъват менамояд:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.

**Тараннуми ишқ**

Ҳиссиёти ошиқона таассуроти ботинии инсон аст, ки аз дӯст доштани зебоиҳои ҳаёт ва лаззати он дар олами ҳиссиёти шахс ба вуҷуд омада, дуньёи маънавии ӯро ба ғулғула меандозад. Аммо таълимотҳои динӣ ба ғайр аз муҳаббати илоҳӣ боқӣ ҳамаро ҳаром ва шаҳвонӣ эълон карда, онро воситаи комронӣ медонад. Дар ашъори Рӯдакӣ ишқи ҳаёти инсонӣ, ин таассуроти баланд ва наҷиб буда, дар аксари мавридҳо ба ҳиссиёти динӣ муқобил гузошта шудааст.

Як силсила шеърҳои ошиқонаи Рӯдакӣ, ки дар он хаёли бадеӣ ва образнокӣ мақоми баланде дорад, зебоии инсон сароида шудааст:

Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу ороро,
Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро.

* * *

Эй, аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ!
Ранг аз паи рух рабуда бӯ аз паи мӯ.
Гулранг шавад, чу рӯй шӯӣ, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад чу мӯ фишонӣ ҳама кӯ.

Дар ин байтҳо бештар нафосату зебоии шакли берунӣ — зоҳирии ёр, ки мисли рангҳо ва бӯйҳои хуш дилкашу дилфиреб ва роҳатбахшу ҷонфизо мебошанд, тасвир ёфтааст. Зебоӣ ҳамчун нафаси баҳор нозук ва дар айни замон беинтиҳост. Шоир онро ба баҳр ташбеҳ кардааст, ки дар он тӯфоне, хатаре ҳамчун офати ҷони ошиқ низ пинҳон аст:

Рӯят — дарьёи ҳусну лаълат — марҷон,
Зулфат — анбар, садаф—даҳан, дур—дандон.
Абрӯ — киштиву чини пешонӣ — мавҷ,
Гирдоби бало—ғабғабу чашмат—тӯфон.

Бе ёридиҳандаи воситаи ташбеҳ чида шуда омадани узвҳои одамӣ ва силсилаи ташбеҳҳое, ки дар айни замон хислати тавсифӣ ҳам дорад, ба шахс лаззати бадеӣ-эстетикӣ мебахшад. Маҳорати баланди бадеии Рӯдакӣ дар тасвири зебоии инсони маҳбуб бо тасвири зебоии табиат якҷоя омадааст, ки ҳиссиёти зе-

боидӯстии инсонро ҳар чӣ бештар афзун мегардонад ва зебоии абадии одамиро, ки нисбат ба зебоии фаслҳо ва чизҳои табиат бардавом аст, таъкид менамояд:

Як рӯз бувад ид ба як сол ба як бор,
Ҳамвора маро ид зи дидори ту ҳамвор.
Як рӯз ба шох андар пурбор бувад гул,
Рӯи ту маро ҳаст ҳамеша гули пурбор.
Як руз бунафша барам аз боғ ба даста,
Зулфайни ту пайваста бунафшаст ба хирвор.

Дили мисли дарьё васеу пурҷӯшу хурӯши Рӯдакӣ, ки муҳаббати беинтиҳои инсониро акс кунонидааст, пур аз ҳиссиёти ишқи дуньявист: «Дилам нишоту тарабро фарохмайдон буд», гуфтани ӯ низ ин маъниро тасдиқ менамояд. Аз ин ҷост, ки шоир худро бе васли ёр, ки он боиси рӯшноии ақлу хирад, роҳати рӯҳу равон ва зинату ифтихори ҳиссиёти ошиқ аст, тасаввур карда наметавонад:

Бе руи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод!
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод!
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!

Рӯдакӣ ишқро ҳамчун ҳиссиёти пур аз ҳаяҷон, талотум, моҷаро ва дар айни замон роҳатбахши инсонӣ медонад ва чунон ки дар шеъри боло бо эҳтироми баланд тараннум ёфтааст, зиндагӣ бе он мушкил аст:

Чашмам зи ғамат ба ҳар ақиқе ки бисуфт,
Бар чеҳра ҳазор гул зи розам бишукуфт.
Розе, ки дилам зи ҷон ҳамедошт нуҳуфт,
Ашкам ба забони ҳол бо халқ бигуфт.

Дар ҳамаи ин байтҳо дӯстдорӣ ва садоқати ошиқи беқарор акс ёфтааст. Аммо дар тасвири Рӯдакӣ ёр дар сурат ҳар қадар зебо ва беҳамто бошад ҳам, дар олами ботинӣ магрур, сахтдил, номеҳрубон ва ба ошиқи худ камилтифот аст, ки ин хислат борҳо дар адабиёти ошиқонаи классикӣ ба анъана даромада буд:

Қасам ба он дили оҳан хӯрам, ки аз сахтӣ
Ҳазор тарҳ ниҳодаст санги хороро,
Ки аз ту ҳеҷ мурувват тамаъ намедорам,
Ки кас надида зи сангиндилон мадороро.
Ҳазор бор худоро шафеъ меорам,
Вале чӣ суд, чу ту нашнавӣ «худоро»-ро

* * *

Дил сер нагардадат зи бедодгарӣ,
Чашм об нагардадат, чу дар ман нигарӣ.
Ин турфа, ки дӯсттар зи ҷонат дорам,
Бо он ки зи сад ҳазор душман батарӣ,

Аз факти тарҷумаи ҳоли Рӯдакӣ маълум аст, ки мувофиқи одату шароити онрӯза канизакони зиёде доштааст:

Набидравшану дидорхубу рӯйлатиф
Агар гарон, ба дари ман ҳамеша арзон буд.

Вале ӯ ба масъалаи ишқ, ки шарафу номуси баланди инсонист, аз нуқтаи назари шаҳват, ки хислати ҳайвонист ва қимати баланди одамиро паст мекунад, нигоҳ накардааст. Вай ба ишқ ҳамчун ба ҳиссиёти олии инсонӣ назар карда, мартабаи онро баланд бардоштааст. Аз ин ҷост, ки дар муносибати ошиқона на канизонро, ки сарафкандаи хоҷаи худ буданд, балки худро ғуломи маъшуқааш ба қалам дода, мартабаи бузурги ишқу ошиқи бахтьёрро ба тариқи тазод на танҳо ба як, балки ба ҳазор подшоҳ муқобил гузоштааст:

Чу Рӯдакӣ ба ғуломӣ агар қабул кунӣ,
Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро.

Сахтгирӣ ва дилсахтиҳои ёри беқарор рамзи нозу истиғною қаҳрамониҳои ӯст, ки як лаҳзае аз ҷилои ҳусни беҳамтои вай аст ва он низ роҳати ҷони ошиқи маҷнунсифат мебошад:

Омад бари ман — Кӣ? — Ёр. — Қай? — Вақти саҳар.
Тарсанда зи кӣ? — Зи хасм. — Хасмаш кӣ? — Падар.
Додам-ш ду бӯса.— Бар куҷо? — Бар лаби тар,
Лаб буд? — На. Чӣ буд? — Ақиқ. — Чун буд? — Чу шакар.

Шоир дар муколимаи шоиронаи худ образи ёри меҳрубонеро, ки аз рӯи анъанаи лирикаи ишқии классикӣ ва халқӣ зоҳиран сахтгир аст, ботинан нармдилу моил ба ошиқи худ ва пушаймон аз кардаҳои худ мебошад, эҷод намудааст:

Чун кушта бубиниям ду лаб карда фароз
В-аз ҷон туҳӣ ин қолаби фарсуда ба оз.
Бар болинам нишину мегӯй ба ноз,
Қ-эй кушта туро ману пушаймон шуда боз.

Ишқ дар ақидаи дурусти Рӯдакӣ, ки дар боло дида будем, ба ҷаҳолати динӣ, ки онро шавҳат ва ҳаром эълон кардааст, зид гузошта мешавад:

Дил хаставу бастаи мусалсалмӯест,
Хунгаштаву куштаи бути ҳиндуест.
Суде надиҳад насиҳатат, эй воиз!
Ин хонахароб турфа як паҳлуест.

Ишқ дар фаҳмиши Рӯдакӣ на танҳо аз ҳиссиёти динӣ, балки аз ақлу ҳуши инсонӣ ҳам зӯр аст. Вай на танҳо баҳори ҳаёти инсонӣ, пайғамбари зебой, балки «худои» ҳусн аст, пас ҳамаи тавоной ва зебой аз ӯст:

Чамани ақлро хазонӣ агар,
Гулшани ишқро баҳор тӯй.

Ишқро гар паямбарӣ, лекин
Ҳуснро офаридагор тӯӣ.

Аз рӯи ақидаи Рӯдакӣ ишқ динҳо, фарқи халқҳо, миллатҳо ва қавму қабилаҳоро эътироф намекунад, чӣ тавре ки худи Рӯдакиро ишқи духтари насоро ба худ мафтун кардааст. Ин маъниро рубоие, ки бо мисраи «Аз Қаъба калисонишинам кардӣ» оғоз меёбад, тасдиқ менамояд.

Ҳамин тавр, Рӯдакӣ ишқ ва зебоиро аз ҳамаи чизҳои олиқадр баландтар гузошта, барои бешармона ва бераҳмона ҷони маъшуқаҳои зеборо гирифтан ба худои «ҷонситон» таъна задааст:

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт
В-аз қатли ту як зарра дили нарм надошт.
Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чу туе,
Ҷон бистуду аз ҷамоли ту шарм надошт.

**Тасвири табиат дар ашъори Рӯдакӣ**

Тасвири табиат дар шеърҳои Рӯдакӣ ба ҷаҳонбинӣ, ҳаётдӯстӣ, зебоидӯстӣ ва назари реалистонаи вай ба зиндагӣ ва табиати зинда алоқаи зич дорад. Аз ин сабаб тасвири табиат дар эҷодиёти ӯ ба дараҷаи ҳайратовар зиндаву реалистона мебошад. Бештарини порчаҳои тасвиркунандаи пейзаж дар эҷодиёти ӯ бояд аз ташбиби қасидаҳои ӯ бошад, ки ин ҳол анъанаи адабӣ буд ва он вобаста ба воқеаҳои тасвиршаванда оварда мешуд. Тасвири табиат дар шеърҳои ӯ қисман табиати зимистон, тирамоҳ бештар баҳорро дарбар гирифтааст:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай,
Гуфтӣ дами гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст.

Дар ин порча на танҳо ҷиҳати зоҳирии табиат, балки аломатҳои ботинии он низ ба назар гирифта шудааст. Моҳияти даҳшатноки хунуки зимистон — «дами дай» ба «дами гург» ва шакли рӯи замини сафеду сиёҳ ба «паланг» ташбеҳ дода шудааст. Вай ба таври илмӣ ҳодисаҳои табииро аз табиат (чархи бузургвор) дониста, онро ба предметҳои ҷамъият лашкар, наффот, хайл ва таблзан ташбеҳ дода, бо ин восита ҳайбат, бузургӣ ва хаяҷоноварии ҳодисаҳои табиатро ифода намудааст:

Чархи бузургвор яке лашкаре бикард —
Лашкараш абри тираву боди сабо — нақиб.
Наффот барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин муҳиб.

Боридани борон, раъду барқ манзараи гоҳ зери абру гоҳ берун аз он истодани офтобро ба воситаи ташбеҳ ва истиора ба инсони мотамдор, ошиқи азобдида ва занони даруни қалъаву чодарӣ, ки гоҳ рӯйкушоду гоҳ пинҳонанд, монанд карда, манзараи табиатро тасвир кардааст:

Он абр бин, ки гирьяд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.
Хуршедро зи абр диҳад рӯй гоҳ-гоҳ
Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.

Дар тасвири Рӯдакӣ зимистон, ки гӯё фасли ба хоб рафтани табиат аст, ба ҳолати беморӣ ташбеҳ додааст ва фасли баҳорро табиби он номидааст:

Якчанд рӯзгори ҷаҳон дарманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯи суманбодро табиб.
Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб.
Кунҷе, ки барф пеш ҳамедошт, гул гирифт
Ҳар ҷӯяке, ки хушк ҳамебуд шуд ратиб...
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯс ба ҳино шуда ҳазиб.
Булбул ҳаме бихандад дар шохсори бед,
Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб.

Дар шеърҳои Рӯдакӣ бештар фасли баҳор, ки фасли «зинда» шудани табиат ва ҳатто, ба пирон ҳам хислати ҷавонӣ додан дорад, тасвир ёфтааст.

Ҳамин тавр, манзараи табиат дар ашъори Рӯдакӣ чунон бадеӣ ва реалистона тасвир шудааст, ки ба хонандаи худ завқи баланди бадеӣ ва эстетикӣ бахшида, афсонаи «кӯри модарзод» будани ӯро рад менамояд.

**Маҳорати бадеӣ дар ашъори Рӯдакӣ**

Дар боигарии фикр, хаёлоти бадеӣ ва образнокии сухан Рӯдакиро «соҳибқирони шоирӣ» номидаанд Дар ашъори ӯ услуби автологӣ — аз забони худ бе образи сухан ва санъатҳои шеърӣ фикр баён намудан, масалан:

Эй он кӣ ғамгиниву азодорӣ
В-андар ниҳон сиришк ҳамеборӣ...
Рафт, он ки рафт, омад, он кӣ омад,
Буд, он кӣ буд, хира чӣ ғам дорӣ?

ва услуби метологӣ — маҷозӣ сухан гуфтан мушоҳида мешавад:

Бихандад лола дар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигирьяд абр дар гардун, ба сони дидаи Маҷнун,
Зи оби ҷӯй ҳар соат, ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун.

Дар қитъа барои тасвири табиат воситаҳои тасвири бадеӣ истиора (хандаи лола, гирьяи абр — боридани абр), ташбеҳ (ба сони чеҳраи Лайло, ба сони дидаи Маҷнун), маҷози тавсифӣ (оби ҷӯй бӯи гулоб дорад), тазод (ханда — гирья), муқобилгузорӣ (Лайло — Маҷнун) ва ғайра кор фармуда шудааст, ки барои равшан гардонидан ва эзоҳи манзараҳои табиӣ, инсон ҳамчун предмети тасвир хизмат намудаанд. Дар худи ҳамин

як порчаи шеърӣ аллакай маҳорати баланди эҷодии Рӯдакӣ намудор гаштааст, ки он аз маҳорати бузурги образэҷодкунии ӯ шаҳодат медиҳад.

Дар ашъори Рӯдакӣ чунин воситаҳои тасвири бадеиро мушоҳида мекунем:

**Муболиға:**

З-он май, ки гар сиришке аз он дарчакад ба Нил,
Сад сол маст бошад аз бӯи он наҳанг.

**Киноя:**

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро гирифта натвонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон.

Дар ин порча «модари май», «қурбон кардан», «баччаи ӯ», «зиндон», «кӯфтан», «ҷонашро кашидан» киноя аз кандани ангур аз ток, гирифтани шираи он, ғиҷим кардан ва кашидани шарбати он аст. Ҳамин тавр, ҷараёни минбаъдаи тайёр кардан, пухтан, ҷӯшидан ва тайёр кардани май бо ифодаҳои кинояви баён шудааст.

**Тавсиф:**

Аз гесӯи ӯ насимаки мушк ояд
В-аз зулфаки ӯ насимаки настарван.

«Насимаки мушк» ва «насимаки настарван» кинюя аз «хӯшбӯӣ» аст, ки сифати «гесӯ» ва «зулф» аст.

**Ташбеҳи бевосита:**

Рӯят — дарьёи ҳусну лаълат — марҷон,
Зулфат—анбар, даҳан—садаф, дур—дандон...

**Ташбеҳи бавосита:**

Ҷаъд ҳамчун наварди об ба бод,
Гӯиё он чунон шикастастӣ.
Миёнакаш нозукак чу шонаи мӯ,
Гуӣ аз як дигар гусастастӣ.

Аз санъатҳои шеърӣ **талмеҳ:**

Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,
Чу дасти занони мисриён кард дилам.

**Муқобилгузорӣ:**

Имрӯз нишонаи ғамон кард дилам,
З-оғоз ба буса меҳрубон кард дилам.

**Тазод:**

Сапедбарф баромад ба кӯҳсори сиёҳ
Ва чун дарун шуд он сарви бӯстонорой.
Ва он куҷо бигуворид ногувор шудаст
Ва он куҷо нагизоист гашт зуд гизой.

**Саволу ҷавоб:**

Омад бари ман.— Кӣ? — Ёр. — Кай? — Вақти саҳар.
Тарсанда зи кӣ? — Зи хасм. — Хасмаш кӣ? — Падар...

Миқдори воситаҳои тасвир ва санъатҳои шеъриро зиёд кардан мумкин аст.

**Кор фармудани зарбулмасал ва мақолҳо ҳамчун воситаи тасвир:**

Яке олудае бошад, ки шаҳреро биёлояд,
Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад риҳан.
*(Як гови ҳаром подаро меолонад)*

Маялфанҷ душман, ки душман яке
Фузун аст, дӯст ар ҳазор андаке.
*(Душманро хурд машмор)*

Чӣ хуш гуфт он мард бо он хадеш
Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш.
*(Ба худ бадӣ нахоҳӣ, ба кас бадӣ макун)*

Ҳамин тавр, шеърҳои Рӯдакӣ аз ҷиҳати зебоӣ, образҳо ва ифодаҳои бадеӣ, вазн ва оҳангнокӣ содда, гӯё, равшан ва равон буда, дар он оҳангнокӣ ва ҳаяҷони ҳиссиёт хеле пурқувват мебошад. Чунин услубро дар гузашта «саҳли мумтанеъ» номидаанд:

Гули баҳорӣ, бути таторӣ,
Набид дорӣ, чаро наёрӣ?
Набиди равшан чу абри баҳман,
Ба назди гулхан чаро наёрӣ?

* * *

Яхча меборад аз абри сиёҳ,
Чун ситора бар замин аз осмон.

Абӯабдулло Рӯдакӣ асосгузори сабки хуросонӣ буда, намунаи беҳтарини онро эҷод намудааст. Рӯдакӣ бештар дар ду тарзи услуби баён асар эҷод кардааст: Услуби бадеӣ ва услуби илмӣ. Услуби бадеиро бештар дар шеърҳои лирикӣ ва достоҳояш ба кор бурдааст. Бо ин муносибат бояд гуфт, ки бадеият дар шеърҳои ишқӣ ва тасвири пейзаж нисбат ба қасидаҳои мадҳиаш зиёд аст. Услуби илмӣ бештар дар панду ҳикмат ва порчаҳои фалсафиаш кор фармуда шудааст.

**Гуфтор дар бораи Рӯдаки**

Гуфторҳо дар бораи Рӯдакӣ ва шахсияти ашъори ӯ аз замони зиндагиаш оғоз ёфтааст ва он ба ду қисм ҷудо мешавад: Яке гуфтори мусбат, дигаре манфӣ.

Гуфтори мусбат ҷиҳати бадеиёти баланди ашъори ӯ ва аҳамияти сиёсию давлатии ӯро акс кунонидааст. Муаллифони ин гуна гуфторҳо Рӯдакиро ҳамчун шоири бузург, устоди илму адаб, носеҳи хирадманд, ҳакими донишманди панд маънидод кардаанд. Шогирди бевоситаи ӯ Шаҳиди Балхӣ устоди худро

бо шоирони дигар муқоиса карда, афзалияти эҷодиёти ин устоди моҳирро қайд кардааст:

Ба сухан монад шеъри шуаро,
Рӯдакиро суханаш талвино.
Шоиронро хаву аҳсан мадеҳ,
Рӯдакиро хаву аҳсан ҳиҷо.

Шоири нимаи дуюми асри X Дақиқӣ, ки баъд аз Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ ба арсаи адабиёт омада буд, худро ғоибона шогирди онҳо шуморида, дар наздашон изҳори аҷз ва эҳтиром зоҳир карда, қимати баланди шакли бадеӣ ва мундариҷаи ғании ғоявии осорашонро бо чунин мафҳум ифода намудааст, ки барои мадҳи шоҳ ӯ худ оҷиз аст, Рӯдакию Шаҳид лозиманд:

Устод Шаҳид зинда боистӣ
В-он шоири тирачашми равшанбин.
То шоҳи маро мадеҳ гуфтандӣ
Б-алфози хушу маонии рангин.

Дақиқӣ дар қитъаи дигараш низ бузургии Рӯдакӣ ва аҷзи худро дар муқоисаи мамдӯҳон нишон додааст· Онҳоеро, ки Рӯдакӣ мадҳ кардааст, ҳама пешвои фан ва суханваронанд. Рӯдакӣ аз ӯҳдаи мадҳи онҳо ба хубӣ баромадааст, аммо мадҳи Дақиқӣ дар назди сифатҳои хуби мамдӯҳаш мисли он аст, ки хурморо ба хурмозор бурда бошанд:

Қиро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ
Имоми фунуну суханвар бувад.
Дақиқӣ мадеҳ оварад пеши ту,
Чу хурмо ба пеши ҳаҷевар бувад.

Шоири охири асри X ва аввали асри XI Кисоии Марвазӣ бо вуҷуди шоири забардасти замон будан худро дар назди Рӯдакӣ ҳеҷ шуморидааст:

Рӯдакӣ устоди шоирони ҷаҳон буд,
Садьяк аз ӯ туӣ, Кисоӣ, яргист.

Шоири асри XI Рашидии Самарқандӣ Рӯдакиро зебандаи сардории шоирон номидааст:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,
Рӯдакиро бар сар он шоирон зебад сарӣ...

Шоирони асри XI дарбори Ғазнавиён—Унсурӣ ва Фаррухӣ маҳорати шоириашонро аз истеъдоди Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ паст шуморида, дар замони худ будани онҳоро орзӯ кардаанд:

Ғазал рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман рӯдакивор нест.

* * *

Доим аз мутрибони хеш ба базм,
Ғазали шоирони хеш талаб.
Шоиронат чу Рӯдакиву Шаҳид,
Мутрибонат чу Саркашу Саркаб.

Абдураҳмони Ҷомӣ боигарии моддӣ ва маънавии Рӯдакиро муқоиса намуда, афзалияти шеъри ӯро таъкид кардааст:

Рӯдакӣ он ки дур ҳамесуфтӣ,
Мадҳи Сомониён ҳамегуфтӣ.
Силаи назмҳои ҳамчу дураш
Буд дар бораи чорсад уштураш.
Чун шутур аз работ берун ронд,
Бар замин ғайри шеър ҳеҷ намонд.
Номи онро, ки мебаранд имрӯз,
Ҳаст аз он шеъри анҷуманафрӯз,

Муаллифи китоби «Ал-ансоб»—Самъонӣ Рӯдакиро «шоири ширингуфтори форсӣ» номида, «девонаш дар диёри Аҷам соир аст» мегӯяд ва аз забони сарвазири сомониён — Балъамӣ нақл кардааст, ки «Рӯдакиро дар Араб ва Аҷам назир нест».

Гурӯҳи дуюми гуфторҳо дар бораи Рӯдакӣ хислати манфӣ дорад ва шахсияту эҷодиёти ӯро нодуруст маънидод менамоянд. Шоири порсо Хусравонӣ, чӣ тавре ки дар боло дидем, Рӯдакиро дар мӯйрангкунӣ таъна кардааст, ки ҷавоби онро шоири ҳассос бо лутф додааст. Шоири бахил ва ҳасадбаранда ба эҷодиёт ва дороии моддии Рӯдакӣ — Абӯзироа баъд аз вафоташ ва ишғол кардани вазифаи малик-уш-шуароии ӯ, вайро ба кӯрӣ таъна зада, қимати эҷодиёти Рӯдакиро дар инъомҳои подшоҳон дида, худро ба вай на баробар, балки зиёдтар дидааст. Муаллифи «Намунаи адабиёти Эрон» Мирзо Мӯҳсин Иброҳимӣ қайд кардааст, ки Абӯзироа ин шеъри наҳзанандаро бо супориши яке аз аъёни Хуросон навиштааст. Пас шахсияти Рӯдакӣ ҳам аҳамияти сиёсӣ ва ҳам давлатӣ доштааст, зеро ӯ шоири миллии давраи Сомониён аст, ки ба қувваҳои иртиҷоии маҳалҳо барои манфиати давлати марказӣ зид буд. Аҳамияти миллӣ ва сиёсӣ доштани шахсият ва эҷодиёти Рӯдакӣ аз он факт ҳам маълум аст, ки баъзе шоирони доираҳои адабии давлатҳои туркӣ маолу мароми подшоҳони худро, ки Рӯдакиро ҳамчун шоири миллии давраи сомонӣ намеписандиданд, наҳ задаанд, аз худ паст шуморидаанд: Масалан, шоири дарбор ва малик-уш-шуарои дарбори салҷуқиён Амир Муизӣ худро бо Рӯдакӣ муқоиса карда, ӯро дар мадҳи подшоҳ Маликшоҳ ва сарвазири ӯ Низомулмулк оҷиз, вале худро қодир шуморидааст:

Агар бувад, ба масал, Рӯдакӣ дар ин айём,
Зи мадҳи ҳар ду шавад оҷизу хӯрад ташвир.

Шоири дарбори Шервоншоҳӣ — Хоқонӣ худро ба пояи аз ҳама баланди шоирӣ гузошта, Рӯдакиро нонрезачини дастурхони худ (гадо) номидааст:

Шоири муфлиқ манам, хони маонӣ марост,
Резахӯри хони ман — Рӯдакию Унсурӣ.

Ҷавоби ин ҳама таъназанандагонро адабиётшинос—шоири асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки дорои ҳиссу ифтихори миллӣ буд, хеле хуб ва босазо додааст:

Эй он кӣ таън кардӣ, дар шеър Рӯдакӣ,
Ин таън кардани ту зи ҷаҳлу зи кӯдакист,
Он кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон
Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист.

**Мавқеи Рӯдакӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик**

1. Рӯдакӣ баъд аз истилои араб аввалин шоири бузурги тоҷикнавис аст, ки комьёбиҳои назми асри VIII — IX-ро ба пояи баланд бардошта, асоси шеъри нави форсӣ-дариро гузошта, анъанаи хуби онро барқарор кардааст. Ин мавқеи ӯро олими шарқшиноси Франция — Дармстетер чунин муайян кардааст: «Дар баробари сомониён назм ба тахт баромад ва як ном бар болои тамоми давра ҳукмронӣ мекунад, ки ин ном номи Рӯдакӣ аст, ки назми форсӣ вайро ҳамчун Гомери хоси худ дар гаҳвораааш ҷой медиҳад». Аз ин гуфтаи Дармстетер бузургии мероси адабии Рӯдакӣ барои сардафтарии ӯ фаҳмида мешавад. Аммо бо он фикри ин шарқшинос розӣ шудан душвор аст, ки назми тоҷикӣ-форсиро гӯё сомониён ба тахт баровардa бошанд. Назми классикии асри X бо сарварии Рӯдакӣ он қуввaи маънавии халқи тоҷик аст, ки дар мубориза ба муқобили истилогарони араб ва золимони феодалии маҳаллӣ ба вуҷуд омада, ба воя расидааст. Ҳар чанд ки Рӯдакӣ шӯҳрат ва таъсири сухани худро қайд карда, онро аз оли Сомон донистааст:

Киро бузургиву неъмат зи ину он буди
Маро бузургиву неъмат зи оли Сомон буд,

вале ӯ дар давоми умри худ ҳокимону амиронро ошкору пинҳони санҷида, аз хизмати дарбори Сомониён изҳори пушаймонӣ кардааст:

Басо нишастам ман бо акобиру аъён,
Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.
Нахостам зи таманно, магар ки дастурӣ,
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.

2. Дар асри X дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фалсафӣ, ишқу муҳаббат, панду ҳикмат, ватандӯстӣ, ҳаётдӯстӣ, идеализацияи давлати мутамаркази феодалӣ, пеш рондани урфу одатҳои тоҷикии анъанавӣ ва онро ба истилогарон муқобил гузоштан ба расмият даромада буд, ки дар акс кунонидани он ҳиссаи Рӯдакӣ бузург аст.

3. Рӯдакӣ дар устувор намудан ва инкишоф додани шаклҳои шеърии қасида, маснавӣ, рубоӣ, дубайта ва қитъа хизмати босазое дорад. Дар бобати қасидасароӣ ду ҷиҳати қасидаҳои ӯро ба эътибор гирифтан зарур аст:

а) Бо вуҷуди он ки Рӯдакӣ як муддат шоири дарбор буду шакли шеърии қасидаи мадҳияро устувор гардонид, вале ин шакл дар эҷодиёти ӯ мавқеи асосиро надорад. Бесабаб нест, ки ҳатто тазкиранависон мавқеи ӯро умуман дар шеър муайян карда, роли асосиро дар қасидасароӣ ба шоири маддоҳи ғазнавиён Унсурӣ додаанд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар бораи сармашқ будани шеъри се шоир сухан ронда, «ашъори Рӯдакӣ, маснавии Фирдавсӣ ва мадоеҳи Унсурӣ» гуфтааст. Пас, вай умуман устоди шеър аст.

б) Мадҳияҳои Рӯдакӣ мадоҳии хушку холӣ набуд. Қасидаҳои ӯ аҳамияти сиёсию давлатӣ ва тарбиявӣ доштанд. Мадҳи амирони сомонӣ ва феодалҳои тобеи онҳо, нигоҳ доштани давлати марказонидашуда ва садоқати мирони маҳалҳо ва сардорони давлатиро дар назар дошт, ки дар он манфиатҳои халқи тоҷик ва истиқлолияти давлати феодалии он дар назар дошта шудааст. Бинобар ин қасидасароии ӯ аз қасидасароии баъди асри X—давраи истилои туркҳо ва муғулҳо фарқи куллии сиёсӣ дорад. Ҷиҳати дигари қасидаҳои мадҳии ӯ дар он аст, ки ҳокимони феодалиро ба халқпарварӣ, адолатшиорӣ, инсондӯстӣ, ҳомии аҳли илму адаб будан ва ватанпарварӣ даъват мекард.

4. Дар ақидаи иҷтимоӣ ва фалсафии Рӯдакӣ тамоюлоти халқӣ хеле барҷаста намудор гаштааст. Ин тамоюлот дар мундариҷаи ғоявии ҳаётдӯстӣ, ватанпарварӣ, рационализм, нафрат ба воқеияти феодалӣ зоҳир гардидааст. Ғояи деҳқонии адолатхоҳӣ мағзи ақидаи иҷтимоии ӯро ташкил медиҳад. Дар ҷаҳонбинии фалсафиаш унсурҳои фаҳмиши материалистонаи дуньё мушоҳида мешавад, ки баъд аз Рӯдакӣ инкишоф ёфтаанд.

5. Дар шеърҳои боқимондаи Рӯдакӣ оҳанги динӣ ва мистикӣ хеле кам, баракс ҳаётдӯстии риндона пурқувват аст. Оҳанги мистикӣ инъикоси эътирози оммаҳои халқ бар зидди феодализм мебошад.

6. Бузургвории шахси Рӯдакӣ, бойгарии ғоявию бадеии ашъори вай дар он аст, ки ӯ бо ғояҳо, шаклҳои адабӣ, забон, воситаҳои тасвир, услуби баён ва ҷиҳатҳои эстетикиаш бо эҷодиёти даҳанакии халқ алоқаи зич дорад.

7. Услуби шеърии ӯ саҳли мумтанеъ буда, услуби умумии аксарияти шоирони асри X мебошад. Шеърҳои ӯ пайравони зиёде дошта бошад ҳам, ҳеҷ кас ба дараҷаи услуби баёни вай нарасидааст ва ба ин маънӣ баъзеҳо иқрор шудаанд: «Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест» (Унсурӣ).

8. Рӯдакӣ на танҳо дар устувор намудани ғояҳои тараққипарваронаи халқии шеър, балки дар бобати шаклҳои бадеи, услуб, унсурҳои халқӣ, бой шудани воситаҳои тасвир, санъатҳои адабӣ низ устод аст. Низомии Арӯзӣ дар «Ҷаҳор мақола»-и худ танҳо дар байти охирини шеъри «Бӯи ҷӯи мӯлиён» ҳафт санъати шеъриро қайд намудааст: 1) Мутобиқ (офарину мадҳ),

2) Муттазод (суду зиён), 3) Мураддаф — такрор (ояд ҳаме), 4) Баёни мусовот (Офарину мадҳ бо ганҷ), 5) Азубат — хушмаза, гуворо, лаззатдиҳанда, 6) Фасоҳат, 7) Ҷазолат — маҳкамӣ, устуворӣ, хӯбӣ, бузургӣ ва тамом шудани фикр.

9. Рӯдакӣ на танҳо дар ҷорӣ намудани анъанаҳои ғоявӣ ва эстеткии адабиёти классикӣ, балки барои барқарор шудани забони адабии тоҷик, ки дар мубориза бо ҳукмронии забони араб устувор шудааст, низ асос гузоштааст. Вай дар тамоми давраҳои таърихӣ аз асри X то имрӯз ҳамчун шоири миллӣ ва умумиҷаҳонӣ аҳамияти бузург дорад.

### АДАБИЁТ


[1] *С. Айнӣ.* Устод Рӯдакӣ. Сталинобод, 1940.

[2] *Саид Нафисӣ.* Аҳвол ва ашъори Рӯдакии Самарқандӣ. Теҳрон, ҷ. I, II, III.

[3] *И. С. Брагинский.* Рӯдаки и его окружение. Дар китоби «Очерки из истории таджикской литературы». Сталинобод, 1956.

[4] *Абдулғанӣ Мирзоев.* Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958.

[5] *Шарифҷон Ҳусейнзода.* Сухансарои Панҷруд. Сталинобод, 1958.

[6] *Х. Мирзозода.* Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ — асосгузори адабиёти классикии тоҷик. Сталинобод, 1958.

[7] *М. Н. Османов.* Стиль персидско-таджикской поэзии. М., «Наука». 1974.

[8] *А. Т. Тагирджанов.* Рудаки. Ленинград, 1968.


## АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

**Тарҷумаи ҳол ва таърихи навишта шудани «Шоҳнома»**

Номаш Мансур, номи падараш Ҳасан аст. Лақаби фахриаш «Абулқосим», тахаллуси шоириаш «Фирдавсӣ» мебошад. Ӯ тарҷумаи ҳоли мукаммал надорад. Фирдавсӣ соли 934 дар деҳаи Бож, қарияи Разон, ноҳияи Табарон, музофоти Тӯси кишвари Хуросон таваллуд шудааст. Аз рӯи гуфтаи Низомии Арӯзӣ падари Фирдавсӣ ва худи ӯ аз даҳқонон — заминдорони калон ва дар аввалҳо давлатманд будааст, вале оилаи онҳо тадриҷан, махсусан, баъди аз байн рафтани давлати Сомониён нисбатан камбағал шудааст. Фирдавсӣ аз хурдӣ соҳиби замину боғ шудааст, ки ба ӯ аз падар мерос монда буд, вале ӯ деҳқонӣ накарда, бо илму адаб ва ҷамъ кардани достонҳои қадим машғул шудааст. Фирдавсӣ ҳамчун фарзанди оилаи собиқ давлатманд — асилзодаи деҳқонӣ шахси босавод ва хатмкардаи мадрасаи олӣ бояд бошад. Дар ин бора дар гуфтаҳои ӯ ишорае низ рафтааст:

Басе ранҷ бурдам, басе гуфта хондам,
Зи гуфтори тозию в-аз паҳлавӣ.

Аз ин гуфтаи Фирдавсӣ, ки ба бисьёр омӯхтани ӯ ишора мекунад, донишмандии вай низ маълум мешавад. Бесабаб нест,

ки ӯ дар илм лақаби «ҳаким» дошт. Ғайр аз ин, донандаи се забон — форсии дарӣ (тоҷикӣ), паҳлавӣ ва арабӣ (тозӣ) буд. Вай бояд аз бачагӣ бо адабиёти бои онрӯзаи тоҷику форс, аз ҷумла, эҷодиёти Рӯдакӣ алоқа дошта дар рӯҳияи он тарбия ёфта бошад. Аз тасвири бомаҳорати ҷангҳои замони феодалӣ ва ҳиссиёти пурҷӯшу хурӯши Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки ӯ хизмати сарбозӣ карда, дар ҷангҳо иштирок доштааст. Вай ҳангоми ҷавонӣ шамшерзании худро дар замони пирӣ ба ёд оварда, аз он хурсанд ва гузаштани давраи ҷавонӣ афсӯс хӯрдааст:

Чу бардоштам ҷоми панҷоҳу ҳашт,
Нагирам ба ҷуз ёди тобуту дашт.
Дареғ, он гулу мушку хушоби сӣ,
Ҳамон теғи буррандаи порсӣ.

Тарҷумаи ҳоли ӯ бештар, аз ҳамон вақте ки ба назми «Шоҳнома» майл пайдо кардааст, каму беш маълум аст. Ин фикр чунин маънӣ надорад, ки фаъолияти шоирии вай танҳо аз «Шоҳнома» сар шуда бошад. Ӯ пеш аз шиносоӣ ва ба даст гирифтани «Шоҳнома»-и равонаи Абӯмансурӣ ба сароидани достонҳои ҷудогонаи қаҳрамонӣ машғул шудааст. Қори ӯ дар болои нусхаи Абӯмансӯрӣ низ мунтазам аз оғоз то анҷом набудааст, балки аз ҳар ҷо-ҳар ҷои он мувофиқи табъ ва завқи худ достонҳои ҷудогонаро ба назм даровардааст. Масалан, достонҳои «Бежан ва Манижа», «Рустаму Сӯҳроб», «Рустам ва Аквони Дев» ва чанде дигарро берун аз достонҳои «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ ба назм даровардааст. Барои мунтазам ва бо ҳам вобаста шудани достонҳо иловаҳо намудааст. Вай, ҳатто, баъд аз хатми назми сюжетҳои «Шохнома»-и Абӯмансурӣ дар соли 994—995, ки хатми аввали назми «Шоҳнома» аст:

Саромад кунун қиссаи Яздигирд,
Ба моҳи сифандор мар рӯзи ирд.
Зи ҳиҷрат шуда сесад аз рӯзгор,
Чу ҳаштоду чор аз бараш баршумор.

дар болои «Шоҳнома» бори дигар кор карда, онро такмил додааст. Ин маъниро муқоисаи нусхаи пурраи ҳозираи «Шоҳнома» ва тарҷумаи арабии он «Ғурар-ир-ахбори мулук-ул-фурс», ки аксаран аз «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ тарҷума шудааст, тасдиқ менамояд. Дар ин тарҷума тарҷумон соли таълифи «Шоҳнома»-ро 384 ҳ.—994 м. шуморидааст. Пас, нусхаи пешина мухтасар аз минбаъда ва пеш аз санаи 994 тартиб дода шудааст. Фирдавсӣ дар бораи майли худ барои ба назм даровардани «Шоҳнома» баъд аз нақли саргузашти Дақиқӣ, «Шоҳнома»-и ӯ, муқоисаи шеъри худ бо шеъри вай ва кушта шудани Дақиқӣ маълумот додааст:

Дили равшани ман чу баргашт аз ӯй,
Сӯи тахти шоҳи ҷаҳон кард рӯй,

Ки ин номаро даст пеш оварам,
Зи дафтар бо гуфтори хеш оварам.

Аз мазмуни мисраи «Сӯи тахти шоҳи ҷаҳон кард рӯй» ҳукм кардан мумкин аст, ки Фирдавсӣ ба пойтахти Сомониён шаҳри Бухоро омада, аз онҳо хоҳиш кардааст, ки «Шоҳнома»-и нотамомро давом дода, ба охир расонад, вале аз байти дигари ӯ маълум мегардад, ки дар ин мисраъ на ба Бухоро рафтан, балки хоҳиши дили вай ифода ёфтааст. Он чӣ дар ин кор Фирдавсиро (аз рӯи гуфти худи ӯ) ба ташвиш ва дудилагӣ андохта буд, сар шудани ҷангҳои дохилӣ дар давлати Сомониён ва торафт зиёд шудани хавфи ҳуҷуми туркҳои бодиянишин аз Туркистони Шарқӣ аст. Супоришдиҳандагони назми «Шоҳнома» чи дар марказ — Сомониён ва чи дар Хуросон — дастнишондаҳои онҳо бо ҷангҳои дохилӣ саргардон буданд. Чунин шароит дар масъалаи назми «Шоҳнома» дудилагӣ ба вуҷуд овард, зеро шоир андеша мекард, ки ин умр кифоят мекунад ё на:

Бипурсидам аз ҳар касе бешумор,
Битарсидам аз гардиши рӯзгор.
Магар худ дирангам набошад басе,
Бибояд супурдан ба дигар касе.

Сониян, Фирдавсӣ аз ҷиҳати моддӣ тангдастӣ дошт ва ба «Шоҳнома» каси харидор набуд, зеро ҳама бо худ овораву саргардон буда, фурсате надоштанд, ки ба ин кор эътибор диҳанд:

Ва дигар, ки ганҷи вафодор нест,
Ҳамон ранҷро кас харидор нест.
Замона саросар пур аз ҷанг буд,
Ба ҷӯяндагон — бар ҷаҳон танг буд.

Аз ин ҷост, ки чанд муддат аз назми «Шоҳнома» худдорӣ кардааст. Талабгорони «Шоҳнома» бо худ овора бошанд ҳам, шароити таърихӣ — маҳкум кардани ҷангҳои дохилӣ, даъват ба ягонагии халқу мамлакат, зарурати нигоҳ доштани давлати ягонаи марказии феодалӣ, ҳимоя кардани ватан аз хавфи истилои турк зарурати навиштани чунин асарро ба миён меовард. Фирдавсӣ онро чун шоири ватандӯст на барои нафъи шахсӣ, балки ба манфиати халқу ватан эҷод кардааст ва дар хусуси назми он бо ёру дӯстон маслиҳат кардааст. Бинобар ин, бо вуҷуди тангдастӣ ва бехаридорӣ дудилагиро бартараф карда, ба назми «Шоҳнома» миён баст ва «сухани нуҳуфта доштаӣ шуда»-ро ба забон овард.

Ин зарураtро ҳокимони маҳаллии Хуросон — дастнишондаҳои Сомониён низ мефаҳмиданд, бинобар ин, ташаббуси Фирдавсиро дастгирӣ ва ӯро шердил карданд:

Ба шаҳрам яке меҳрубон дӯст буд,
Ту гуфтӣ, ки бо ман ба як пуст буд.
Маро гуфт: Хуб омад ин рои ту,
Ба некӣ гирояд ҳаме пои ту.

Кушода забону ҷавонет ҳаст,
Сухан гуфтану паҳлавонет ҳаст.

Дар баъзе сарчашмаҳо номи ин дӯсти Фирдавсӣ Абӯмансур ибни Муҳаммад аст, ки сипаҳсолори Сомониён дар Хуросон будааст, вале дар матни муқаддимаи «Шоҳнома» (Гуфтор андар буньёд ниҳодани китоб) номи Абӯмансур ибни Муҳаммад зикр нашудааст ва ғайр аз ин, байни соли вафоти ин шахс ва оғози назми «Шоҳнома» (980) бист сол фарқ ҳаст. Пас, он касе, ки назми «Шоҳнома-ро ба Фирдавсӣ тавсия кардааст ва шоир ӯро тавсиф намудааст, каси дигар аст, ки номи ӯ зикр нашудааст:

Бад-ин нома чун даст кардам дароз,
Яке меҳтаре буд гарданфароз.
Ҷавон буду аз гавҳари паҳлавон,
Хирдаманду бедору равшанравон.
Худованди рою худованди шарм,
Сухан гуфтани хубу овои нарм.
Маро гуфт: К-аз ман чӣ ояд ҳаме,
Ки ҷонат сухан баргарояд ҳаме.
Ба чизе ки бошад маро дастрас,
Бикӯшам, ниёзат наёрам ба кас.

Ҳамин шахс ваъда кардааст, ки «Шоҳнома»-ро баъд аз ба назм дароварда тамом намудан ба подшоҳон супорад ва бо ин роҳ иззату обрӯ бинад:

Ту ин номаи паҳлавӣ боз гӯй,
Бад-ин ҷӯй назди меҳон обрӯй.

Муроди ин шахс аз «меҳон» шояд амирони сомонӣ ва аристократияи форсу тоҷик бошад. Ӯ ба ваъдаи худ вафо карда, маводҳои дастраси «Шоҳнома»-ро ба ӯ дод, ки он шояд нусхаи Абӯмансурӣ бошад:

Чу овард ин нома наздики ман,
Барафрӯхт ин ҷони торики ман.

Фирдавсӣ баъд аз тавсифи ин шахси «меҳрубондӯст» дар бораи шахси дигаре аз бузургони Тӯс Ҳуяйи Қутайба ё Ҳусайни Қутайба сухан рондааст, ки ӯ ба вай ваъдаи ёрии моддӣ ва маънавӣ додааст. Аз ҳазор байти «Шоҳнома»-и Дақиқиро дар «Шоҳнома»-и худ дарҷ кардани Фирдасӣ пай бурдан мумкин аст, ки нусхаи дар Бухоро, дар дасти Дақиқӣ будаи маводҳои «Шоҳнома»-и равонаро низ ба ӯ овардаанд:

Ҳуяйи Қутайба-ст аз озодагон,
Ки аз ман нахоҳад сухан ройгон.
Аз ӯ ёфтам ҷунбиши пову пар,
Аз ӯям хӯру пӯшишу симу зар.
Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,
Ҳамеғалтам андар миёни давоҷ.

Чунин ваъдаҳои ғамхорона Фирдавсии дар аввали кор каме дудиларо, ки «ганҷи вафодор» надошт ва дар он рӯзҳо харидорони ганҷи сухан наменамуданд, на танҳо рӯҳбаланд кард, балки шердил ҳам гардонид:

Ба кайвон расидам зи хоки нажанд,
Аз он некдил, номдор, арҷманд.
Ба чашмаш ҳамон хоку хам симу зар,
Бузургӣ бад-ӯ ёфта зебу фар.
Саросар ҷаҳон пеши ӯ хор буд,
Ҷавонмард буду вафодор буд.

Ҳамин тавр, Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и худро на бо супориши Султон Маҳмуд (чунон ки дар тазкираҳо нақли бофта хеле зиёд аст), балки бо супориши сипаҳсолор ва ҳокимони хуросонии Сомониён ба навиштан шурӯъ кардааст.

Соли оғози навиштани «Шоҳнома» маълум нест. Агар бевосита баъд аз кушта шудани Дақиқӣ бошад, соли 977 аст. Аз тараддуд, дудилагӣ ва тайёриҳои Фирдавсӣ маълум мегардад, ки ӯ якбора баъд аз вафоти Дақиқӣ ба кор сар накардааст. Аз рӯи маълумоте, ки дар соли 1010 дар болои «Шоҳнома» сӣ сол кор кардам гуфтааст, солҳои 980—981-ро соли оғози навишта шудани «Шоҳнома» шуморидан мумкин аст. Ҳангоми оғози назми «Шоҳнома» каму беш аҳволи моддии шоир беҳтар бошад ҳам, баъдтар бад шудааст. Аз бузургони кишвар барои корҳои эҷодӣ ба ғайр аз «аҳсант»-и хушку холӣ чизе намегирифтааст. Дар ин вақт ӯ 65-сола (соли 999) будааст:

Чу бигзашт сол аз барам шасту панҷ,
Фузун кардам андешаву дарду ранҷ.
Ба таърихи шоҳон ниёз омадем,
Ба пешахтари дерсоз омадем.
Бузургони бодониш, озодагон,
Набиштанд як сар ҳама ройгон.
Нишаста назора ман аз дурашон,
Ту гуфтӣ: будам пеш муздурашон.
Ҷуз «аҳсант» з-эшон набуд баҳраам,
Бикафт андар аҳсанташон заҳраам.
Сари бадраҳои куҳан баста шуд
В-аз он бад равшандилам хаста шуд.

Вале аз ҳокимони замон, монанди Алӣ Дайламӣ ва Ҳусайни Қутайба (омили хироҷи Тӯс) ба ӯ ёрии моддӣ дода, аз андозҳо озод кардаанд:

Аз он номвар номдорони шаҳр:
Алӣ Дайламӣ буд, к-ӯрост баҳр,
Ки ҳамвора корам ба хубӣ равон,
Ҳамедошт он марди равшанравон.
Ҳусайни Қутайбаст з-озодагон,
Ки аз ман нахоҳад сухан ройгон.

Дар қатори ин шахсҳо номи Бӯдулаф зикр шудааст ва Низомии Арӯзӣ ӯро якҷоя бо Алӣ Дайламӣ — якеро нусхабардори

шеърҳои Фирдавсӣ ва дигареро ровӣ номидааст, вале аксарияти сарчашмаҳо онро рад менамоянд:

Дар ин нома аз номдорони шаҳр,
Алӣ Дайламу Бӯдулаф ростбаҳр.

Фирдавсӣ тахминан дар 58-солагӣ соли (992) варианти аввали назми «Шоҳнома»-ро ба анҷом расонидааст ва умед кардааст, ки ин нома ёдгории абадӣ аз ӯ хоҳад монд:

Чу бардоштам ҷоми панҷоҳу ҳашт,
Нагирам ба ҷуз ёди тобуту дашт.
Ҳамехоҳам аз давраи кирдукор,
Ки чандон амон ёбам аз рӯзгор.
К-аз ин номвар номаи бостон,
Бимонам яке номвар достон.
Ки ҳар кас, ки андар сухан дод дод,
Зи ман ҷуз ба некӣ надорад ба ёд.

Ин солҳо айёми замони задухӯрдҳои дохилии давлати Сомониён буд. Дар ин вақт чи сомониён ва чи дастнишондаҳои хуросонии онҳо бо вазъияти дохилии худ банд буда, бо вуҷуди зарур будани «Шоҳнома» барин асари қиматбаҳо, ба илму адаб аҳамият дода наметавонистанд. Дар ин ҷангҳо саркардагони хуросонии Сомониён ва ҳомиёни Фирдавсӣ беному нишон шуда буданд, ки шоир аз онҳо бо ҳасрат ёдоварӣ кардааст:

Чунон номвар гум шуд аз анҷуман,
Чу аз бод сарви сиҳӣ дар чаман.
На з-ӯ зинда бинам, на мурда нишон,
Ба дасти наҳангону мардумкушон.
Гирифтор з-ӯ дил шуда ноумед,
Равон ларз-ларзон ба кирдори бед.

Чӣ тавре ки худи Фирдавсӣ хотирнишон сохтааст, ӯ бо маслиҳати дӯсти меҳрубон, вале бенишони худ «Шоҳнома»-ро бояд ба шоҳон пешкаш менамуд. Мурод аз шоҳон сомониёнанд, ки соҳиби тоҷу тахти мамлакат буданд, вале дар гуфтаҳои «меҳрубондӯст» ғайр аз ишораҳои умумӣ дигар чизе дида намешавад:

Яке панди он шоҳ ёд оварам,
Зи кажжӣ равон сӯи дод оварам.
Маро гуфт, к-ин номаи шоҳвор,
Гарат гуфта ояд, ба шоҳон супор.

Аммо дар солҳои навадуми асри Х Фирдавсӣ дар тахти амирони Сомонӣ ва кишвари Хуросон каси арзандаеро намедид, ки ӯ сазовори ин «Шоҳнома» бошад, зеро ҳар рӯз воқеаҳои нав ба нави нохуше рӯй медоданд, ҳар замон амирону вазирону саркардагон дигар шуда меистоданд:

Надидам сарафрози бахшандае,
Ба гоҳи каён бардурахшандае.

Ҳамам ин сухан бар дил осон набуд,
Ба ҷуз хомӯшӣ ҳеҷ дармон набуд.
Ҳамедоштам, то кай ояд падид,
Ҷаводе, ки ҷудаш нахоҳад калид.

Дар ҳақиқат, дар байни солҳои 990—1000 дар соли 994 Маҳмуд дар Хуросон ноиби Сомониён таъин шуда, дар соли 997 амир Нӯҳи II Сомонӣ ва ҳокими ғазнавии онҳо Сабуктегин вафот ёфтанд, дар ҳамин сол Маҳмуд ба ҷои падараш нишаст, дар соли 999 сарлашкарҳои сомонии бо Маҳмуд рақобаткунанда ва душманони давлати Сомониён Фоиқ ва Бектузин Мансури II Сомониро кӯр карда, амаки ӯро ба сари тахт баровsecuredанд, Маҳмуд бо баҳонаи қасосгирӣ ба муқобили онҳо ҷанг эълон кард ва дар соли 999 ҳукмрони мутлақи Хуросону Бохтариён гардида, давлати бузурге ташкил намуд ва аз тобеии Сомониён саркашӣ кард. Дар ин вақт аз туркҳои қарохонӣ Наср Элик-хон Мовароннаҳрро ишғол карда, давлати Сомониёнро барҳам дод. Аз сабаби ин ҳама моҷаро ва фоҷиаҳо Фирдавсӣ маҷбур шудааст, ки «Шоҳнома»-ро ба касе насупорида, бист сол сабр кунад, то ки кори ҷаҳон ба чӣ меанҷомад:

Суханро нигоҳ доштам, сол бист,
Бад-он, то сазовори ин ганҷ кист.

Дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри X дар Хуросон ва Мовароуннаҳр давраи бесару сомонӣ бошад ҳам, дар қисмати ғарбӣ ва ҷанубии Эрон, ки нисбатан оромӣ буд ва хонадони оли Буя ва оли Зиёр, ки эронинажод буданд, ҳукмронӣ доштанд. Сабаби «Шоҳнома»-ро ба номи амирони онҳо Фахр-уд-давла (983—987), Баҳо-уд-давла (990—999) ва ғайра набахшидани Фирдавсӣ муаммоест, ки то ҳол ҳалнопазир.

Агар ӯ матни асосии «Шоҳнома»-ро дар соли 994 тамом карда, бист сол хомӯш монда бошад, таърих ба санаи 1014 расид, ки ёздаҳ — чордаҳ сол аз подшоҳии Маҳмуд, ки дар ин мобайн аз халифаи Бағдод унвони фахрии «султон»-ро гирифта буд, гузаштааст. Барои Фирдавсӣ ба ғайр аз ба номи подшоҳи нави Хуросон Султон Маҳмуд баргардондани «Шоҳнома» ва бо қасидаи мадҳияе ба вай муроҷат кардан чораи дигаре намонда буд, зеро ҳокимони хурди маҳаллии эронӣ онро ба унвони худ қабул карда наметавонистанд, ё мукофоти сазовор дода наметавонистанд ва ё аз Султон Маҳмуд метарсиданд. Ҳар чанд ки вазъияти ногувори Осиёи Миёнаву Эронро забт кардани туркон ба дили шоири ватандӯст, ки дар асари бузурги худ ба муқобили ин ҳол рӯҳан мубориза бурдааст, осон набуд, вале ба ғайр аз созиш, дигар илоҷе надошт. Бинобар ин ақаллан дар пирӣ, ки синни Фирдавсӣ ба 80 расида буд, барои аз ҳаққи қалами худ баҳравар шудан «Шоҳнома»-ро ба номи Султон Маҳмуд гардонда, бо қасидаи мадҳияе ба вай муроҷиат кардан лозим омад:

Бипайвастам ин номаи бостон,
Писандида аз дафтари ростон.
Ки то рӯзи пирӣ маро бар диҳад,
Бузургию динору афсар диҳад.

Дар вақти дигарбора кор кардани «Шоҳнома» писари ягонаи ӯ дар синни 37-солагӣ вафот мекунад, ки Фирдавсӣ ин воқеаи ҷонгудозро ба сифати руҷӯи лирики чунин нақл кардааст:

Маро сол бугзашт бар шасту панҷ,
На неку бувад гар биёзам ба ганҷ.
Магар баҳра гирам ман аз панди хеш,
Барандешам аз марги фарзанди хеш,
Маро буд навбат, бирафт он ҷавон,
Ба дардаш манам чун тане беравон.
Шитобам ҳаме то магар ёбамаш,
Чу ёбам, ба байғора биштобамаш...
Маро шасту панҷу варо сию ҳафт,
На пурсид аз ин пиру танҳо бирафт.

Бо вуҷуди ғаму андӯҳи оилавӣ, Фирдавсӣ ноумед нашуда, ба Султон Маҳмуд умед баст, то ки дар пирӣ ӯро дастгирӣ намояд ва бо ин ният ӯро мадҳ ҳам кардааст:

Ман ин нома фаррух гирифтам ба фол,
Ҳаме ранҷ бурдам ба бисьёр сол.
Ҷаҳондор Маҳмуд бо фарру ҷуд,
Ки ӯро кунад Моҳу Кайвон суҷуд.
Биёмад нишаст аз бари тахти дод,
Ҷаҳондор чун ӯ надорад ба ёд.
Сари номаро номи ӯ тоҷ гашт,
Ба фарраш дили тира чун оҷ гашт.
Бипайвастам ин нома бар номи ӯй,
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯй.
Ки бошад ба пирӣ маро дастгир,
Худованди шамшеру тоҷу сарир.
Ҳамехоҳам аз кирдугори баланд,
Ки чандон бимонад танам бегазанд,
Ки ин нома бар номи шоҳи ҷаҳон,
Бигӯям, намонам сухан дар ниҳон.

Солҳои дубора кор кардани «Шоҳнома» ба 1003—1004 рост меояд. Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ву мадҳияро ба Ғазнин худаш гирифта бурд ё каси дигар маълум нест. Аз рӯи нақли тазкиранависон худаш рафтааст, вале дар мадҳияи ба Султон Маҳмуд бахшидааш номи вазири ӯ Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ (ваф. соли 1013) зикр ёфтааст, ки ба саранҷоми кори ӯ ёрӣ расонидааст:

Яке фарш густурда шуд дар ҷаҳон,
Ки ҳаргиз нишонаш нагардад ниҳон.
Куҷо фаршро маснаду маркад аст,
Нишастанғаҳи Фазл бин Аҳмад аст...
Зи дастури фарзонаи додгар
Пароканда ранҷи ман омад ба сар.

Дар ин мобайн, то «Шоҳнома»-ро дубора кор кардани Фирдавсӣ вазир Фазл бинни Аҳмад мағлуб шуда, ҷои ӯро Ҳасани Маймандӣ ишғол кард. Аз нав вазъиятро мусоид кардан лозим буд, зеро мухолифони Фазл бинни Аҳмад метавонистанд муносибати Султон Маҳмудро ҳам бо Фирдавсӣ вайрон кунанд. Шояд ҳамин тавр шуда бошад, зеро баъд аз ин бори сеюм кор кардани «Шоҳнома» лозим омад. Бори сеюм кор кардани «Шоҳнома» ба солҳои 1010—1012 рост меояд, зеро дар муқаддимаи достонҳои оид ба Ашкониён «Гуфтор андар ситоиши Султон Маҳмуд» аз воқеаи ба қаҳтии соли 1011—1012 дар Хуросон рӯйдода ва хироҷи яксоларо бахшидани Султон Маҳмуд сухан рафтааст:

Гузашта зи шаввол даҳ бо чаҳор,
Яке офарин бод бар шаҳриёр.
Аз ин муждае дод баҳри хироҷ,
Ки фармон буд аз шоҳи бофарру тоҷ.
Ки соле хироҷе нахоҳад зи пеш,
Зи диндори бедору аз марди кеш...
Аз ин номаи шоҳи мардумнавоз,
Ки бо ёр ҳамасола бар тахти ноз
Ҳама мардум аз хонаҳо шуд ба дашт,
Ниёиш ҳаме з-осмон баргузашт.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки ба Султон Маҳмуд супурдани «Шоҳнома», қатъи назар аз ишораи «Зи ҳиҷрат шуда панҷ ҳаштод бор» (400 ҳ.—1010 м.) ба солҳои 1011—1012 рост меояд. Ба ҳамин тариқ, Фирдавсӣ дар байни солҳои 980—1012 дар болои «Шоҳнома» гаштаю баргашта 32 сол кор кардааст, ки худи ӯ онро 30—35 сол номидааст ва оворагии баъд аз 32 солро ҳам дарбар гирифтааст ва ӯ ин ишоратро баъд аз «Шоҳнома»-ро қабул накардани Султон Маҳмуд ва оворагиҳои худ чунин дарҷ кардааст:

Басе сол андар сарои сипанҷ,
Басе ранҷ бурдам ба уммеди ганҷ.
Басе ранҷ бурдам, дар ин соли сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.
Чу сӣ сол бурдам ба «Шаҳнома» ранҷ.
Ки шоҳам бубахшад ба подош ганҷ.

* * *

Сию панҷ сол аз сарои сипанҷ,
Басе ранҷ бурдам ба уммеди ганҷ.

Бо вуҷуди се бор аз нав кор кардан ва ҷой додани қасидаи муносиб ба номи Султон Маҳмуд «Шоҳнома» ба ӯ ва шоирони маддоҳи дарбораш маъқул нашуд, вале ҳам барои наранҷонданн шоири куҳансол ва ҳам барои шӯҳрати ӯро боло набардоштан ба ӯ инъоми ночизе — ба қавли тарҷумаиҳолнависон бистҳазор дирҳам танга ҳаққи қалам доданд. Ин гуна рафтор дуди фиғони Фирдавсиро ба фалак баровард:

Чу барбод доданд ранҷи маро,
Набуд ҳосиле сию панҷи маро.

Кунун умр наздики ҳаштод шуд,
Умедам ба якбора барбод шуд.
Зи ҳиҷрат шуда панҷ ҳаштод бор,
Ки гуфтам ман ин номаи шоҳвор.

Чунин муомила барои Фирдавсӣ фоҷиаи бузурге буд ва бе ҳаяҷони ҷиддӣ нагузаштааст. Фирдавсӣ ҳарчанд аз Султон Маҳмуд ноумед шуд, вале ба бародари ӯ Наср бинни Носири Сабуктегин, ки волии Хуросон буд, умед баста, ба вай муроҷиат кардааст, ки шояд бо миёнаравӣ Маҳмудро ба роҳ андозад ва гиреҳи кори сарбастаи Фирдавсиро кушояд. Шояд бо ҳамин мақсад бошад, ки дар муқаддимаи достони Хусраву Ширин ба ин маънӣ ишорат кардааст:

Чунин шаҳриёреву бахшандае,
Ба гетӣ зи шоҳон дурахшандае.
Накард андар ин достонҳо нигоҳ,
Зи бадгӯву бахти бад омад гуноҳ.
Ҳасад бурд бадгӯй бар кори ман,
Табаҳ шуд бари шоҳ бозори ман.
Чу солори шоҳ ин суханҳои нағз
Бихонад, бубинад ба покизамағз,
Зи ганҷаш ман эдар шавам шодмон,
Қ-аз ӯ дур бодо бади бадгумон
В-аз он пас кунад ёд бар шаҳриёр,
Магар тухми ранҷи ман ояд ба бор.

Аз ин гуфтаҳои Фирдавсӣ ҳувайдост, ки ӯ якбора ноумед шуда ба хашму ҳаҷви Султон Маҳмуд шурӯъ накардааст, аввал аз имкониятҳои ба роҳ даровардани ӯ истифода бурдааст ва танҳо баъд аз ин, инъоми султонро таҳқир ва худи ӯро ҳаҷв кардааст. Аз рӯи нақли тазкираҳо Фирдавсӣ инъоми Султонро ба як коса шарбати хунук дода, номи онро «фуқоӣ — шарбатпулӣ» мондааст. Баъд аз ин вай аз Ғазнин фирор кард, вале аз хавфи ҷазои подшоҳ дар роҳ дар шаҳри Ҳирот дар хонаи яке аз дӯстонаш, ба қавли муаллифи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» — падари Адиб Собир — Адиб Исмоили Варроқ шаш моҳ пинҳон шуд ва гӯё дар он ҷо қасидаи ҳаҷвияи «Ҳаҷви Султон Маҳмуд»-ро навишт. Подшоҳ амр карда буд, ки Фирдавсиро барои инъоми султонро таҳқир карданаш зинда ба зери пои фил партофта кушанд:

Маро саҳм додӣ, ки дар пои пил,
Танатро бисозам чу дарьёи Нил.

Фиристодаҳои Султон Маҳмуд шоирро дар хонааш наёфта, ба Ғазнин баргаштанд. Вай аз он ҷо ба зодгоҳаш омада, дар он ҷо истоданро хавфнок шуморида, ба тарафи ғарбии Эрон раҳсипор шуд. Аввал гӯё ба Табаристон, ба назди ҳокими он ҷо, Испаҳбади Шаҳриёр, ки аз нажоди аристократияи эронӣ буд, рафт. «Қасидаи ҳаҷвия»-ро ба ӯ хонд ва хост, ки «Шоҳнома»-ро ба номи вай гардонад, ки таърих ва таърифу тавсифи

аҷдоди ӯст. Гӯё Фирдавсӣ байтҳои зеринро ҳамроҳи «Ҳаҷвия» ба ҳокими Табаристон додааст:

Ба Ғазнин маро гарчи хун шуд ҷигар,
Зи бедоди он шоҳи бедодгар,
К-аз ӯ ҳеҷ шуд ранҷи сисолаам,
Шунид аз замин осмон нолаам.
Ҳамехостам, то фиғонҳо кунам,
Ба гетӣ аз он достонҳо кунам.
Бигӯям зи модар-ш ҳам аз падар-ш,
Натарсам зи кас ҷуз худованди арш.
Кунам он чунон рӯсиёҳ аз нахуст,
Ки натвонад ӯро зи ҳеҷ об шуст...
Чу душман намедонад аз дӯст боз,
Ба теғи забонаш кашам пӯст боз.
Валекин ба фармудаи мӯҳташам,
Надонам, к-аз ин байт чун сар кашам.
Фиристодам, ар гуфтае доштам,
Ба наздики худ ҳеҷ нагзоштам.
Агар бошад ин гуфтаҳо носавоб,
Бисӯзон ба оташ, бишӯён ба об.
Гузаштам аё сарвари некрой,
Аз ин доварӣ то ба дигар сарой.
Расад лутфи яздон ба фарьёди ман,
Ситонад ба маҳшар аз ӯ доди ман.

Аммо ин ҳоким ё аз рӯи андешаи Султон Маҳмуд, ки агар шунавад, меранҷад ва ё барои он ки ҳадьяи лозима дода наметавонад, ин таклифро қабул накард ва «Ҳаҷвия»-ро, ки гӯё сад байт буд, ба сад ҳазор танга харида сӯзонд. Дар тазкираи «Оташкада» нақле ҳаст, ки гӯё Фирдавсӣ аз Табаристон ба Қӯҳистон, ба назди ҳокими он ҷо Носириан омад ва ҳаҷвияро ба вай дод, ӯ низ ба сад ҳазор дирҳам харида сӯзонд. Аз рӯи гуфтаи муаллифи «Қомус-ул-аълом» (ҷ. 5, саҳ. 3387) Фирдавсӣ аз Табаристон ба Бағдод рафт ва дар он ҷо достони «Юсуф ва Зулайҳо»-ро ба номи халифаи Аббосӣ, ки бояд Ал-Қодиру Биллоҳ (солҳои хилофаташ 992—1032) бошад, навишт. Баъд аз чанде дар он ҷо мондан ва гӯё фурӯ нишастани хашми Султон Маҳмуд ба ватанаш баргашт ва дар байни солҳои 1020—1030 вафот ёфт. Ба ин ҳисоб, синни ӯ ба 86 ё 96 мерасад. Ҳол он ки худи ӯ умрашро 80 гуфтааст:

Чу умрам ба наздики ҳаштод рафт,
Умедам баякбора барбод рафт.

Ин ишора маънои мутлақи дар синни 80-солагӣ вафот кардани ӯро намефаҳмонад.

Дар сарчашмаҳо қайд шудааст, ки рӯҳониёни Тӯс баъд аз вафот ҷасади ӯро ба қабристони мусулмонон роҳ надодаанд, дар боғи худаш ба хок супурда шудааст. Дар ин вақт гӯё Султон Маҳмуд бо як тасодуфи аҷиб гуноҳи шоирро бахшида, ба вай шаст ҳазор тилло мефиристад, аммо ягона ворисаш, ки духтараш буд, вале дар ҳеҷ ҷои асараш аз ӯ ёд накардааст, қабул

намекунад. Ҳатто нақл мекунанд, ки ҳадья дар вақти ҷон канда истоданаш омад, хабари ҳадьяро ба вай расонданд, ӯ як мисраъ шеър гуфту ҷонаш баромад:

Зар фиристодани Маҳмуд бад-он мемонад.

Гӯё ҳамаи шоирони Тӯс ҷамъ омада, фикр кардаанд, ки Фирдавсӣ дар мисраи дуюм чӣ гуфтанӣ буд, вале наёфтанд. Духтараш, ки табъи шоирӣ доштааст, гуфтааст:

Нӯшдору, ки пас аз марг ба Сӯҳроб диҳанд.

Ҳадьяи Султонро дида, шайхи маҳалла гӯё хоб дидааст, ки Фирдавсӣ дар ҷаннат гаштааст. Бинобар ин, иҷозат додааст, ки ҷасадашро аз боғаш ба қабристон баранд, вале ворисон дигар розӣ нашудаанд.

Дар бораи дурустии зар фиристодани Маҳмуд, онро қабул накардани ворисон ва бо фармони Султон дар Тӯс сохта шудани корвонсарой Носири Хисрав, ки ба замони Фирдавсӣ наздик зиндагӣ кардааст, дар «Сафарнома» ва Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола» хабар додаанд: «Дар таърихи чаҳор саду сию ҳашт аз ҳиҷрӣ ба роҳи Тӯс расидам, работе бузург нав сохта буданд. Пурсидам, ки ин работ кӣ сохтааст? Гуфтанд: Ин работ аз ваҷҳи силаи Фирдавсӣ аст, ки Султон Маҳмуд аз барои ӯ фиристода ва чун хабари ӯ пурсидам, гуфтанд: ӯ вафот ёфтааст ва вориси ӯ қабул накард ва арзадошт ба Султон кард. Султон фармуд, ки ҳамон ҷо иморат кунед ва ин работ хосса аз ваҷҳи ӯст».*

Дар бораи ҳаёти Фирдавсӣ, махсусан, сабаб ва таърихи навишта шудани «Шоҳнома», муносибати султон Маҳмуд ва оворагиҳои Фирдавсӣ, ҳатто, нақлҳои афсонамонанд бисьёранд. Тадқиқоти шарқшиносони советӣ онҳоро инкор мекунад. Он чӣ дар боло нақл шуд, ба ақл наздик аст ё ки худи воқеа онро тақозо менамояд.

**Чаро султон Маҳмуд «Шоҳнома»-ро написандид?**

Ба ин савол ҷавоби тазкиранависон ва шарқшиносҳои нусхабардори тазкираҳо ин аст, ки Султон Маҳмуд турки бесаводу бемаданияте буд, бинобар ин, ба қадри шеъру шоир нарасид. Ақидаи ғалати аристократии Фирдавсӣ дар қасидаи «Ҳаҷвия»-и ӯ ин аст, ки Султон Маҳмуд аслан асилзода не, ғуломзода буд, бинобар ин, ба «Шоҳнома» баҳои сазовор дода натавонист:

Чу дайҳимдораш набуд дар нажод,
Зи дайҳимдорон наёвард ёд.
Агар шаҳро шоҳ будӣ падар,
Маро барнишондӣ ба сар тоҷи зар.
Агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ...
Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёрост номи бузургон шунуд.

---

* Ниг. поварақи «Сафарнама». Чопи Берлин, 1922, саҳ. 4.

Тахмини дигари Фирдавсӣ ин аст, ки бахилону ҳасудони дарборӣ ба Фирдавсӣ рашк бурданд, бинобар ин, ӯро дар назди подшоҳ бад карданд ва султон ба гуфтаи онҳо бовар кард:

Бари подшаҳ пайкарам зишт кард,
Фурӯзанда ахтар чу ангишт кард.
Накардӣ дар ин номаи ман нигоҳ,
Ба гуфтори бадгӯй гаштӣ зи роҳ.

Дар ин масъала ба ақидаи дуюм каму беш бовар кардан мумкин, зеро рашку ҳасад ва иғвои шоирони дарбор ҳақиқат аст, вале агар худи Султон ҳусни таваҷҷӯҳ медошт, қасди дарбориён роли ҳалкунанда намебозид. Ба шоири куҳансоли берун аз дарбор ва дур аз марказ ҳоҷати ҳасадбарӣ ҳам набуд.

Даъвои аввалро фактҳои таърихӣ рад мекунанд, зеро Султон Маҳмуд ва падару бобоёни ғуломи вай дар тарбияи Сомониён дорои саводу маданияти лозима шуда буданд, алалхусус, Маҳмуд ҳисси туркии худро ба андозае гум карда буд. Ақидаи Фирдавсӣ дар бобати шоҳзода набудани Маҳмуд ҳиссиаристократии ӯст, ки аз ғазаб гуфта шудааст, вагарна дар мадҳия ӯро аз ҳамаи подшоҳон баланд гузоштааст:

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Чу ӯ шаҳриёре наёмад падид...

Пас, сабаб дар чист? Сабаби ҳақиқӣ дар ин аст, ки мазмун ва мундариҷаи ғоявии «Шоҳнома» ба сиёсати давлатдории Султон Маҳмуд, ки нав ба сари ҳокимият бе ҳуқуқи меросӣ ва нажодӣ омада, пояҳои ҳокимияташро чандон мустаҳкам накарда буд, мувофиқ намеомад ва мухолифат дошт. Чунин байтҳо дар «Шоҳнома» мавқеи ӯро сусту нопойдор мекард:

Дариғ аст Эрон, ки вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад.
Ҳама ҷои ҷангисаворон будӣ,
Нишастангаҳи шаҳриёрон будӣ.
Кунун ҷои сахтиву ҷои балост
Нишастангаҳи тезчанг аждаҳост.

* * *

Дар Эрон туро зиндагонӣ бас аст,
Ки мӯҳру кулаҳ баҳри дигар кас аст.

Ҳар чанд ки ин байтҳо дар мавридҳои дигар гуфта шудаанд, вале ба ҳокимияти ғайриқонунӣ ва зӯран гирифташудаи Маҳмуд низ татбиқшавандаанд. «Шоҳнома» бо мундариҷаи ватандӯстона, шуубия ва зиддитуркии худ, ки хонадони шоҳон ва аристократияи тоҷику форсро идеализация карда, дар бораи ягонагӣ ва истиқлолияти Эрон сухан меронд, ба сиёсати аристократияи эрониро таъқиб кардан ва аз ҳокимияти сиёсӣ маҳ-

рум кардани Маҳмуд, Эронро парокандаву аз ҳам ҷудо карданн ӯ ва ҳокимиятро беҳуқуқи нажодӣ ва меросӣ зӯран гирифтани вай зид меистод. Маҳмуд ҳамчун подшоҳи сиёсатдони замони худ моҳияти «Шоҳнома»-ро хуб фаҳмид, бинобар ин, наметавонист, ки ба ин асар баҳои мусбат диҳад ва шӯҳрати сарояндаи онро баланд бардорад. Ҳол он ки аз рӯи гуфтаи шеършиносон ва тазкиранависон дар дарбори ӯ чорсад шоир гирд омада будаанд, ки аз хазинаи Маҳмуд маош мегирифтаанд ва ӯ барои қасидаҳои мадҳи худ даҳони Унсуриро аз тилло пур кардааст. Аз ин сабаб, муносибати манфии вай ба «Шоҳнома» ва муаллифи он таърихан ва мувофиқи сиёсати замони худ дуруст буд, вале моҳияти онро Фирдавсӣ бевосита фаҳмида натавонистааст. Аммо Маҳмуд муносибати манфии худро ошкоро гуфта наметавонист, бинобар ин, баҳона ва айб меҷуст. Баҳонаи аввал ин аст, ки инъоми аввалаи ӯро Фирдавсӣ таҳқир кардааст. Барои он ки ба Фирдавсӣ айб ёбад, ба Султон Маҳмуди мусулмони ҷоҳили мутаассиб тасвири танҳо дини зардуштӣ, подшоҳон ва қаҳрамонони маҷусро таърифу тавсиф кардан ва равияи зиддиарабии шоир кифоя буд. Аз ин ҷост, ки ӯро ба рофизӣ, маҷусӣ ва ба фалсафаи зиддиисломӣ майл доштан айбдор кардаанд:

Ки баддину бадкеш хонӣ маро,
Манам шери нар, меш хонӣ маро...
Натарсам, ки дорам зи равшандилӣ,
Ба дил меҳри ҷони Набиву Алӣ.

Баъд аз чанде аз сиёсати сахтгирии худ дар ҳаққи Фирдавсӣ баргаштани Султон Маҳмуд ва «гуноҳ»-и ӯро бахшидани вай шояд ду сабаби асосӣ дошт:

Яке дар солҳои бистум мустаҳкам шудани пояҳои сиёсии давлати ӯ, дигаре аз ин сахтгирӣ ба шоири бузург ва маҳбуби халқҳои эронӣ, ки таъриху қаҳрамонии онро навиштааст, беобрӯ шудани вай аст. Низомии Арӯзӣ қайд кардааст, ҳангоме ки Фирдавсӣ аз гурезагӣ бармегашт, ҳаҷви Султон Маҳмудро, ҳатто, аз даҳони кӯдакон мешунид. Охируламр ба Фирдавсӣ инъом фиристодани Султон на қадрдонии ӯ ба шоир аст, балки айбу гуноҳи худро пардапӯш ва мавқеашро боз ҳам мустаҳкам кардани ӯст.

**Мероси адабӣ**

**Мероси адабии** шоири бузург ва генеалӣ — Фирдавсӣ аз достон-эпопеяи «Шоҳнома», «Мадҳия ба Султон Маҳмуд» ва қасидаи ҳаҷвия иборат аст. Чӣ тавре ки дар боло қайд шуд, пеш аз шурӯъ намудан ба назми «Шоҳнома» нусхаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ дар мавзӯи достонҳои қаҳрамонӣ сюжетҳои алоҳидае доштааст, ки баъдтар ба «Шоҳнома»-и худ дохил кардааст. Миқдори байтҳои «Шоҳнома»-ро Фирдавсӣ дар ҳаҷми 60 ҳазор байт — 120 ҳазор мисраъ муайян кардааст:

Бад-ӯ мондам ин номаро ёдгор —
Ба шаш бевар абьёт омад ҳазор.

Зимни масъалаи мероси адабӣ мехоҳем ба ду нукта таваққуф намоем: Яке аз они Фирдавсӣ будан ва ё набудани «Ҳаҷви Султон Маҳмуд», дигаре муборизаҳо дар атрофи «Шоҳнома» ва муаллифи он, хислати умумихалқӣ пайдо кардани ин асар аст. Агар асли «Шоҳнома» аз 60 ҳазор байт иборат бошад, пас чаро дар баъзе нусхаҳо аз 40 от 80 ҳазор байт сабт гардидааст? Дар нусхаҳои муқаррарии имрӯза (масалан, чопи Душанбе, 9 ҷилд) ҳамаи байтҳо аз 52 ҳазору 142 байт иборат аст. Аз эҳтимол дур нест, ки дар асрҳои гузашта баъзе бобҳои онро комилан партофта ва ё дохил карда бошанд. Чунин ҳолатро шарқшиносон аз худсарии котибон ва шоироне, ки «Шоҳнома»-ро рӯйнавис кардаанд ва ё онро аз нав кор кардаанд, медонанд. Ин фикр дуруст, аст, зеро чунин ҳол пуррагии нусхаи аслӣ (оригинал)-ро барбод медиҳад ва кас намедонад, ки кадоме аз ин бобҳо эҷоди Фирдавсист. Дар айни замон, ҷиҳати дигари ин ҳолро низ бояд фикр кард — «Шоҳнома» аз ҳудуди эҷоди Фирдавсӣ баромада хислати коллективона, халқӣ ва фольклорӣ ҳам гирифтааст, ки дар он вариантҳо ҳам ба вуҷуд омадааст. Дар айни ҳол, на ин ки чӣ гуна бобҳо доштан ва аз они кӣ будани он, балки вуҷуди чунин асари бузург, ки мифология, таърих, қаҳрамонӣ, миллият, ватандӯстӣ ва заковати халқро ифода мекунад, кифоя аст. Бинобар ин, дар давоми асрҳо аз номи Фирдавсӣ аз нав борҳо кор карда шудааст ва ин асар, чунон ки пеш аз Фирдавсӣ моҳияти халқӣ дошт, баъд аз вай низ ҳамин мафҳумро нигоҳ доштааст. Аз ин рӯ, котибон ва шоиронеро, ки дар болои «Шоҳнома» кори эҷодӣ ва идеологӣ ба амал овардаанд, маҳкум кардан дуруст нест. Дар ин кор як навъ халқият ва ҳисси ватанпарварӣ, хислати коллективона — халқии ин асари бузурги аслан фольклорӣ низ зоҳир гаштааст.

Ба ин муносибат масъалаи муҳаббат ба гӯянда — ба назмдаровардандаи «Шоҳнома» Фирдавсӣ, тарафдорӣ ба ӯ, нафрат ба душманони вай ва бо нақлҳо мантиқан пурра кардани саргузашти ӯ ва ҳатто, нақлҳои афсонавӣ ва ғайриилмию ғайримантиқӣ ва таърихӣ низ ба вуҷуд омадааст, ки одатан дар бораи шахсҳои бузург мебофтанд. Нақлҳои таърихан нодурустро рад кардан кори душвор нест.

Асрҳои аср «Ҳаҷвияи Фирдавсӣ ба Султон Маҳмуд» давом карда омад, вале ҳоло шарқшиносҳо даъво карда истодаанд, ки Фирдавсӣ ин гуна ҳаҷвия надошт, онро минбаъд шоирон ва котибоне, ки ба аристократияи бегонаи кишварро забткарда нафрат ва душманӣ доштанд, эҷод карда, ба «Шоҳнома» дохил кардаанд ва ин кор гӯё ба Фирдавсӣ ва эҷоди ӯ хиёнат ва сохтакорист.

Саволе ба миён меояд, ки ҳамин гуна зарурат мавҷуд буд

ё не? Воқеаи муносибати Султон Маҳмуд ва нафрату адовати Фирдавсӣ ва ҳамаи халқ онро тақозо мекард. Навиштани ҳаҷвия зарурат дошт, воқеаҳои таърихӣ онро тақозо мекарданд ва он бемантиқ нест, имрӯз ин ҳаҷвияи қиматбаҳо моли адабиёти форсу тоҷик аст. Ин гуна асарро эҷод кардани Фирдавсӣ тамоман табиист ва агар онро вай эҷод накарда бошад, дигарон ин заруратро фаҳмида, ҷои холии онро пур кардаанд ва мо онро (агар бевосита аз они Фирдавсӣ набошад ҳам) ҳамчун эҷоди умумихалқӣ, ки бар зидди беадолатӣ, зӯроварӣ, истилогарӣ, забткунандагӣ, таҳқир кардани халқ, боигарии маданни он ва шоири дӯстдоштаи вай равона карда шудааст, қабул менамоем, зеро дар ин «Ҳаҷвия» нафрати тамоми халқ нисбат ба Султон Маҳмуди ғоратгар ва ҳокимони ғайриқонунии забткунандаи кишвар ва ҳисси ватандӯстонаи мардуми тоҷик ва ба Фирдавсӣ, ки ифтихори миллии мост, ифода ёфтааст, бинобар ин, аз он даст кашидан мумкин нест ва дар лаҳзаҳои даркорӣ аз он истифода бурдан лозим аст.

**Ҷаҳонбинӣ ва ақидаи иҷтимоии Фирдавсӣ**

Фирдавсӣ мувофиқи анъанаи китобҳои мусулмонӣ суханро аз ситоиши худо оғоз намуда, пеш аз он ки наъти пайғамбар ва мадҳи подшоҳи замонро биёрад, аввал ситоиши хирад, офариниши олам, одам, офтобу моҳро додааст. Аз ин гуна гузориш маълум мегардад, ки ӯ суханро аз ягонагӣ (тавҳид):

Ҷаҳонро баландиву пастӣ туӣ,
Надонам чиӣ, ҳар чӣ ҳастӣ, туӣ,

ва офаридагории худо оғоз намудааст. Аз рӯи ҷаҳонбинии динии ӯ ҳастии ягонаи ҷаҳон худо буда, ӯ аввал хирад, баъд олам, мардум ва офтобу моҳро офаридааст. Вай дар ин гуфтаи худ аз мавқеи фалсафаи идеалистии ислом «калом» ва мӯътазилия сухан ронда, роли офаридагориро ба воҷиб-ал-вуҷуд (худо) додааст. Ӯ маърифати илоҳиро ба хиради инсонӣ номумкин шуморида, на ҳис, балки хирадро маърифаткунандаи чизҳои моддӣ медонад, ки онро бо чашм дидан мумкин аст:

Сухан гарчи з-ин гавҳарон бигзарад,
Наёбад бад-ӯ роҳ ҷону хирад.
Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,
Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме.

Дар масъалаи офариниш ё пайдоиши хирад — ақл ҳам Фирдавсӣ дар мавқеи идеалистӣ меистод. Аз рӯи ақидаи ҳолати ӯ ақли инсон на маҳсул ва инъикоси ҳаёти моддӣ ва иҷтимоии одамон, балки офаридаи худост. Вай, ҳар чанд ки хирадро офаридаи худо медонад, вале ҳамчун рационалист онро таърифу тавсиф карда, онро аз ҳар гуна мавҷудоти олам болотар гузоштааст:

Хирад беҳтар аз ҳар чӣ эзид-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.

Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.
Қасе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.

Дар бобати офариниши олам низ дар мавқеи идеализми динист. Худо гӯё ҷаҳонро аз нестӣ ба вуҷуд овардааст:

Ки яздон зи ночиз чиз офарид,
Бад-он, то тавоноӣ омад падид.

Ба ақидаи ӯ худо аввал чор унсурро офарид:

В-аз ӯ мояи гавҳар омад чаҳор,
Баровvarда бе ранҷу бе рӯзгор.
Яке оташе бар шуда тобнок,
Миён боду об аз бари тирахок.

Аз омезиши чор унсур ҷаҳон ба вуҷуд омад, ба тариқи такомул инкишоф ёфтааст:

Буболид кӯҳ, обҳо бардамид,
Сари рустанӣ сӯи боло кашид.

Ба ақидаи вай маркази олам замин ва офтоб дар гирди он гардон аст:

Ҳаме бар шуд оташ, фуруд омад об,
Ҳамегашт гирди замин офтоб.

Ҷинси аз ҳама хуб офаридашудаи олам — инсон аст. Ба ақидаи ӯ инсон офаридашуда не, балки падидомада аст:

Чу з-ин бигзарӣ, мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.

Дар мисраи дуюми ин байт роли ҷаҳоншиносии инсон дар образи «калид» ифода ёфтааст. Мавқеи одам дар ҷаҳон аз ҳама баланд аст:

Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад корбанд.
Пазирандаи хушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.

Аммо муносибати инсон бо ҷаҳон ин аст, ки олам абадӣ, инсон муваққатист. Ӯ ҷаҳони моддиро фаноёбанда нашуморидааст:

На аз ҷунбиш ором гирад ҳаме,
На чун мо тобоҳӣ пазирад ҳаме.

Дар бобати дину мазҳаб пайрави дини мусулмонӣ буд, Муҳаммад пайғамбар ва чор ёри ӯро эътироф мекунад, вале Алиро аз ҳама афзал шуморидааст, ки ба мазҳаби шиа майл доштани ӯро нишон медиҳад:

Манам бандаи аҳли байти Набӣ,
Ситояндаи хоки пои Васӣ.

Ақидаи фалсафии Фирдавсӣ аз оҳангҳои мистикии дуньёро бевафо шуморидан холӣ нест ва ҷаҳонбинии одами оҷизро ифода менамояд. У ин ақидаро ба муносибати вафоти Каюмарс, ки ҳамагӣ сӣ сол подшоҳӣ карда буд, баён намудааст:

Ҷаҳони фиребандаро гирд кард,
Раҳи суд паймуду моя нах(в)ард.
Ҷаҳон сар ба сар чун фасонасту бас,
Намонад баду нек бар ҳеҷ кас.

Дар масъалаи муносибат ба ҷаҳон онро идеалистона ва маъюсона нопойдор номида бошад ҳам, хулосабарории ӯ амалӣ—ҳаётӣ ва ба фоидаи ахлоқи нек ва инсондӯстист:

Чунин аст кайҳони нопойдор,
Ту дар вай ба ҷуз тухми некӣ макор.

Фирдавсӣ ақидаи фалсафӣ дошта бошад ҳам, файласуфонро, ки ба таълимоти динӣ ва тасаввуфӣ опозиция доштанд, дар оғози «Достони Аквони Дев» сарзаниш менамояд:

Аё фалсафадони бисьёргӯй,
Напӯям ба роҳе, ки гӯй: бипӯй.
Сухан ҳеҷ бехтар ба тавҳид нест,
Ба ногуфтану гуфтан эзид якест.

Ҳамин тавр, чунон ки мебинем, ақидаи фалсафии ӯ зиддиятнок аст, ягонагӣ ва устуворӣ надорад.

Дар масъалаи ақидаи иҷтимоӣ, чунон ки аз образҳои шоҳони «Шоҳнома» маълум аст, дар мавқеи ақидаи деҳқонии адолатхоҳӣ буда, подшоҳонро ба гурӯҳи «одилу» золим ҷудо карда, ба «одил» дастгирӣ ва ба муқобили золим шӯришу эътироз бардоштааст. Ин маъниро дар мадҳ ва ҳаҷви султон Маҳмуд ҳам дидан мумкин аст.

## «ШОҲНОМА» ВА ТАҲЛИЛИ ОН

**Сарчашмаҳои «Шоҳнома»**

Чи Дақиқӣ ва чи Фирдавсӣ дар навиштани «Шоҳнома»-и худ аз сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва фольклорӣ фоида бурдаанд. Сарчашмаҳои асосӣ инҳоанд:

1. Мифология ва афсонаҳои қадими халқӣ, ки бештарини онҳо дар китоби «Авасто» ҷамъоварӣ карда шудаанд. Масалан, афсонаҳо дар бораи Аҳура Маздо ва Аҳриман, достони подшоҳии Каюмарс ва авлодони вай, ривоятҳои оид ба Зардушт, қиссаҳои Ҷамшед, Кова аз афсонаҳои қадимии қавмҳои эронӣ гирифта шудаанд. Дар ин қисмҳо фактҳои таърихии ҳануз

дар китобҳои таърихи қайднашуда бо унсурҳои мифологӣ омехта шудааст.

2. «Худойнома»— маҷмӯи нақлҳо ва афсонаҳои мифологӣ ва қисман материалҳои таърихӣ аст. «Худойнома» пояи аввалини «Шоҳнома» аст.

3. Хроникаҳои расмӣ ва нақлҳое, ки дар он сулолаҳои подшоҳони гузашта, сафарҳои ҳарбӣ ва ҷангҳои онҳо ривоят карда шудаанд.

4. Ҳикоя ва нақлҳои таърихӣ, ки баъзе порчаҳои онҳо то замони мо омада расидаанд.

5. Маҷмӯаи достонҳое, ки дар замони ҳукумати Сомониён ҷамъ карда шуда буданд ва «Шоҳнома»-ҳои насрӣ, ки пеш аз Дақиқию Фирдавсӣ навишта шуда буданд. Масалан, «Шоҳнома»-ҳои Масъуди Марвазӣ (в. 955), Абӯмансурӣ (в. 957) ва Абулмуайяди Балхӣ (в. 963). Худи Фирдавсӣ низ бояд бо ҷамъ намудани қиссаҳои «Шоҳнома» машғул шуда бошад, зеро ӯ яке аз дӯстдорони он буд. Ҳамаи ин материал ва маъхазҳои парешонро Фирдавсӣ дар муддати 30—35 сол ба тартиб даровард. Ин кор, алалхусус, бо тартиб ба назм даровардан, аз Фирдавсӣ меҳнати хеле зиёд ва фидокории ҳайратангезро талаб кардааст.

**Мазмуни «Шоҳнома» ва қисмҳои он**

«Шоҳнома» аз муқаддима ва се қисми асосӣ иборат аст. Дар муқаддима монанди достонҳои дигари давраи классикӣ ҳамду наът, гуфтор андар ситоиши хирад, гуфтор дар бораи офариниши ҷаҳон ва мардум, офтоб ва моҳ, ситоиши пайғамбарон ва ёронаш, саргузашти Дақиқӣ, буньёд ниҳодани китоб ва ғайра дохил шудааст.

**Қисми якуми «Шоҳнома»** аз муборизаи ду қувваи асосии ҷаҳон — Аҳура Маздо — Ҳурмуз ва Аҳриман, ки ҳамеша ба муқобили ҳамдигар мубориза мебурданд, сар мешавад. Ин мубориза то ба вуҷуд омадани одам ва аввалин подшоҳи он — Каюмарс байни некӣ ва бадӣ давом мекунад. Аҳура Маздо дар мубориза ба муқобили Аҳриман (ба ёрии Яздон) одамизодро офарид. Муборизаро баъд аз ин одамон ба муқобили девҳо, ки лашкари Аҳримананд, давом медиҳанд. Ҳатто, ҷангҳои аввали Қаюмарс ҳамчун подшоҳ ба муқобили девҳо равона карда шудааст. Писари Қаюмарс—Сиёмак дар ҷанг бо Деви Сиёҳ кушта мешавад. Қаюмарс бо кини интиқоми писари худ Деви Сиёҳро дастгир карда мекушад. Баъд аз подшоҳии сисолаи Қаюмарс 40 сол Ҳушанг подшоҳӣ мекунад. Дар замони подшоҳии Ҳушанг аввалин асосҳои маданияти инсонӣ гузошта мешавад. Одамон аз санг оҳан баровардан, ҷӯй карда обьёрӣ намудан, тухм киштан, деҳқонӣ кардан, аз санг оташ баровардан, ром кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ, аз пӯсти ҳайвон либос тайёр кардан ва дигарҳоро ёд мегиранд. Ҳушанг хонагӣ кардани ҳайвонҳо ва парвариш намудани онҳоро расм мекунад. Аммо девҳо битамом несту нобуд карда нашуда буданд. Онҳо бо наза-

ри рашку ҳасад ба ҷамъияти инсонҳо нигоҳ мекарданд, ҳар вакт тайёр буданд, ки онҳоро нест кунанд. Баъд аз он Таҳмурас подшоҳ шуд. Вай ҳамаи девҳоро банду баст кард. Бинобар, ин, лақаби «девбандӣ» дорад. Дар замони Таҳмурас Аҳриман мағлуб шуда буд. Баъд аз вафоти ӯ Ҷамшед подшоҳ мешавад. Дар муддати 700-сола подшоҳии ӯ осудагӣ дар сар то сари дуньё ҳукмрон мешавад. Вай аз рӯи нақшаҳои панҷсола кишвари худро тараққӣ медод. Одамон касал намешуданд, намемурданд, зиндагӣ хурсандона ва осудаҳолона ҷараён дошт. Ҷамшед бо таъсири Аҳриман аз муваффақиятҳои даврони худ мағрур шуд ва ман-манӣ кард, даъвои худоӣ намуд. Вай ин ҳама комьёбиҳоро аз марҳамати худо Аҳура Маздо надониста, онро ба худаш вобаста мекард. Рӯҳониён ва сардорони бузурги мамлакат барои ин даъвояш аз Ҷамшед рӯ гардонданд ва ба ҷустуҷӯи подшоҳи мувофиқе шуданд. Онҳо писари Мардос ном араби чорводор — Заҳҳокро ба худ подшоҳ интихоб карданд. Заҳҳок бо лашкари калони худ мамлакатро забт карда гирифт. Ҷамшед чанд муддат дар баҳри Чин пинҳон шуд, вале Заҳҳок ӯро ёфта аз миёнаш бо арра бурронд. Ғалабаи Заҳҳок ғалабаи Аҳриман дар Эрон буд. Вай бо ин ғалабаи худ қаноат накарда, барои боз ҳам зиёд кардани зулми худ бар болои инсонҳо чораҳои дигар ҷустуҷӯ мекард. Аҳриман дар ошхонаи Заҳҳок ошпаз шуд, ба вай таомҳои лазиз пухта медод. Заҳҳок барои ин хизмат ба Аҳриман ба ивази он аз китфи Заҳҳок ду бӯса талаб намуд: Аз ҷои бӯсакарда ду мор пайдо шуд, ки ҳар замон ба сари Заҳҳок ҳамла мекарданд. Аҳриман барои халосӣ маслиҳат дод, ки ҳар рӯз мағзи сари ду одамро ба морҳо диҳанд. Заҳҳок ҳамин тавр кард, дар мамлакат зулм ба ҳар тараф реша давонд, норозигии халқ бар зидди Заҳҳок зӯр шуд. Аз як тараф, пурзӯр шудани шӯришҳои халқӣ ва аз дигар тараф, дар як гӯшаи саҳро аз авлоди Ҷамшед таваллуд шудани писаре, ки соҳиби тахту тоҷи Эрон буд, Заҳҳокро ба воҳима андохт. Вай бузургони мамлакатро ҷамъ карда таклиф кард, ки барои тасдиқи садоқати худ ба подшоҳ ба маҳзар—ризоиятнома имзо кунад. Ҳамаи бузургони мамлакат ба ин таклиф розӣ шуданд. Дар ин асно вакили ҳунармандони шаҳр Қова бо аризаи шикоятӣ ба дарбор омад. Заҳҳок ва дарбориёнаш аз дидани ӯ ба ларза афтоданд. Қова, ки 17 писарашро ба морони Заҳҳок дода буд, барои халосии охирин омад. Заҳқок ва вазири вай бо шарти ба маҳзар даст мондан писари Қоваро гардонда доданд. Қова писари худро озод кард, вале маҳзарро дарронда ба зери по партофт. Бузургони мамлакатро, ки ба маҳзар даст монда буданд, ба хоини, ватанфурушӣ, бо золим ҳамкорӣ намудан таъна ва сарзаниш кард ва тантанавор бо писараш аз дарбор баромада рафт. Ӯ пешгири чармини худро байрақ карда, дар бозор одамонро ба мубориза ба муқобили Заҳҳок даъват намуд. Шӯришчиён Фаридунро ба худ подшоҳ эълон карда, Заҳҳокро асир ва дар кӯҳи Дамованд

чормех карданд. Фаридун ба мамлакати калоне соҳиб шуд. Номи давлати худро ба шарафи Қова «Қовьёнӣ» гузошт. Пешгири Қова байрақи муқаддаси давлат шуд. Ҳар подшоҳе, ки ба тахт мебаромад, нишони худро ба он нақш мебаст. Фаридун дар охири умраш мамлакати худро ба писарони худ — Салм, Тур ва Эраҷ тақсим карда дод. Писарони Фаридун ба духтарони подшоҳи Яман хонадор шуданд. Фаридун тақдири писаронашро аз рӯи гуфтаи мунаҷҷимҳо муайян кард. Аз рӯи афсонаҳо Салм сарқабилаи сомиён (халқҳои семитӣ—арабҳо ва яҳудиҳо), Тур сарқабилаи тӯрониҳо (сардори қабилаҳои мамлакатҳои Шимол) ва Эраҷ сардори қавмҳои эронӣ таъин шудааст. Писарони Фаридун як муддат дар мамлакатҳои худ подшоҳӣ карданд, аммо ба Эраҷ ҳасад бурда, ба муқобили ӯ фитна бардоштанд. Эраҷ барои бартараф кардани носозиҳо ба пеши бародаронаш рафт. Онҳо ӯро куштанд ва сарашро ба Фаридун фиристоданд. Аз ин ҷо ҷангҳои дохилии хонадонӣ сар мешавад. Фаридун барои қассос гирифтан ба хаёли интиқомгирӣ меафтад. Аммо баъд аз мурдани Эраҷ ҷонишини подшоҳ —валиаҳд, ки соҳиби тахту тоҷ бошад, набуд. Фаридун мунтазири валиаҳд буд. Дар ин вақт яке аз занҳои Эраҷ духтаре таваллуд кард ва баъд аз калон шудани ӯ ба яке аз хонаводаҳои подшоҳӣ ба шавҳар доданд, аз ӯ писаре таваллуд шуд, ба ӯ Манучеҳр ном ниҳоданд. Акнун фурсати интиқомгирӣ омада буд. Фаридун ҳамаи феодалҳои Эронро ҷамъ карда, Манучеҳрро ба онҳо тақдим кард. Наримони ҷангӣ ва Соми фархунда, ки бобоҳои Рустам мебошанд, барои ҳимояи тахту тоҷи Эрон ба саҳнаи таърих мебароянд. Дар ин ҷо қисми якуми «Шоҳнома» ба анҷом мерасад.

**Қисми дуюми «Шоҳнома»** аз он сар мешавад, ки Фаридун абераи худро ба тарбияи Сом, ки аз феодалҳои бузурги Сиистон буд, месупорад. Манучеҳр дар дасти ҷанговарони моҳир тарбия меёбад ва бо иштироки ҳамаи саркардаҳои Эрон ба интиқоми Эраҷ, тайёрӣ мебинад. Қоваи Оҳангар ва писари размдидаи ӯ Қорун ҳам дар байни интиқомгирандагон буданд. Салму Тур Манучеҳрро бо унвони шоҳи бепадар истеҳзо мекарданд. Аммо вай бо лашкари сиҳазора аввал Тур, баъд Салмро мағлуб карда, сарашонро ба Фаридун фиристод. Ҳамаи саркардаҳои ин мамлакатҳо тобеъ шуданд. Боз мамлакати ягона ва марказонидашуда барқарор гардид.

Дар ин қисми «Шоҳнома» саркашии феодалҳо, қувваҳои марказгурез, ҷангҳои хонадонӣ ва муборизаҳо барои ягонагии давлат тасвир ёфтааст. Баъд аз ғалаба Фаридун подшоҳиро ба Манучеҳр дод ва худ вафот кард. Манучеҳр баъд аз маросими мотами ҷаддаш феодалҳои сафарбаршударо иҷозат дод, ки ба вилоятҳои худ раванд. Сом ҳам ба Сиистон рафт. Сом фарзанд надошт. Яке аз занҳояш писар таваллуд кард. Писар аз ҳама ҷиҳат солим, вале мӯйҳояш сафед буд. Сом аз ин писар шарм дошт. Аз таънаи мардум тарсида бачаи навзодро бар домани

кӯҳи Албурз бурда партофт. Дар қуллаи баланди ин кӯҳ мурғи мӯъҷизанок — Симурғ лона дошт. Симурғ ҳангоми шикор бачаро пайдо карда ба хонаи худ бурд. Ӯро нахӯрд, балки ба ҷои шир хуни ҳайвонот дода, бо ҳар роҳ навозиш мекард. Бача калон ва паҳлавони зебосурат гардид. Қорвонҳое, ки аз домани ин кӯҳ мегузаштанд, дар бораи мурғи мӯъҷизанок ва корнамоиҳои ин паҳлавон ҳикоятҳо паҳн мекарданд. Сом як шаб ду хоби воҳимаангез дид. Таъбиркунандагони хоб зинда будани писари ӯро хабар доданд. Сом ба ҷустуҷӯи писараш баромад ва ӯро аз пеши Симурғ гирифта овард. Сом, пеш аз ҳама, писараш Золро гирифта ба пеши Манучеҳр ба салом рафт. Манучеҳр бо дидани ин паҳлавон бисьёр хурсанд шуд. Баъд аз ин, Сом ҳукмронии Сиистонро ба Зол мегузорад. Зол барои боздиди мамлакати худ ба сайругашт мебарояд. Аввал ба Қобул рафта меҳмони Меҳробшоҳ мешавад. Дар мулоқоти аввал онҳо ба ҳамдигар дӯст мешаванд. Зол ба духтари Меҳробшоҳ Рудоба ошиқ мешавад. Ин ҳар ду пешакӣ медонистанд, ки падару модарашон ва Манучеҳр ба ин кор розӣ нестанд. Аммо мунаҷҷимҳо пешакӣ муайян карда буданд, ки аз Золу Рудоба писари паҳлавоне таваллуд мешавад, ки мислаш дар ҷаҳон нест. Баъд аз ин Сом розӣ мешавад. Сом аз Манучеҳр авф талаб мекунад ва ӯ Золро мебахшад. Шӯҳрати арӯсии бошукӯҳи онҳо дар тамоми мамлакат паҳн шуд. Баъд аз тӯю тамошо ба сукунатгоҳи худ баргаштанд. Таваллуд шудани фарзанд душвор шуд. Зол ба Симурғ мурoҷиат кард. Бо маслиҳати ӯ шиками модарро бурида фарзандро гирифтанд. Ӯро Рустам ном ниҳоданд. Шири даҳ доя вайро сер карда наметавонист. Ҳанӯз дар гаҳвора истода аломатҳои қаҳрамонӣ ва корнамоӣ нишон медод. Дар 9-солагӣ бо гурзи гарон фили бузурги Сафедро кушт. Ба вай ҳар навъ асп тоб намеовард. Чӯпонҳо аз рӯи гуфтаи мунаҷҷимҳо таваллуд шудани қаҳрамони мудофиакунандаи халқу ватанро дониста, пешакӣ асп парвариш мекарданд. Яке аз чӯпонҳо Рахш ном тои худро барои Рустам парвариш мекард. Рахшро ба ғайр аз Рустам касе ба худ ром карда наметавонист. Рустам дар ҷангҳо бо одамон, бо ҳайвонҳои зӯр (фил, шер), бо девҳо (Деви Сафед) шуҷоатҳои бемисл нишон медод. Шоҳзодагон Қайқубод, Қайковус ва Қайхисрав ба қувват ва ёрдами Рустам мӯҳтоҷ буданд. Ҷангҳое, ки Рустам бо подшоҳи Чин ва Тӯрон — Афросиёб карда буд, шӯҳрату эътибори ӯро зиёд кард. Як рӯз баъд аз тамом шудани ҷанг, дар вақти саёҳат ва шикор Рустам ба мамлакати Самангон рафт. Ӯ ба духтари шоҳи Самангон Таҳмина ошиқ шуд ва бо ӯ издивоҷ кард. Таҳмина писаре таваллуд кард, ӯро Суҳроб номиданд. Сӯҳроб аз ҳеҷ ҷиҳат аз Рустам камӣ надошт. Вай падарашро надида буд, фақат шунида буд. Афросиёб барои мағлуб кардани Рустам ва забт кардани Эрон аз қувваи Сӯҳроб фоида бурданӣ шуд. Модараш бозубанди падараш ёдгоримондаро ба ӯ дод. Бо фитнаи Аҳриман ва девҳо Сӯҳроб қарор дод,

ки салтанати Эронро барҳам диҳад. Афросиёб Сӯҳробро ба ҷанги Рустам фиристод. Падару писар ҳамдигарро нашинохта меҷангиданд. Рустам бо фиреб халос мешавад. Аммо дафъаи дигар Сӯҳробро ба замин зада, дарҳол мекушад. Ҷангҳо баъд аз ин ҳам байни Рустам ва Афросиёб давом мекунад. Дар натиҷаи мағлубияти Сӯҳроб, давлати Эрон, ки подшоҳи онрӯзааш Кайковус буд ва Рустам барои ягонагии он давлат мубориза мебурд, бехатар монд. Барои ба давлати Эрон халал расонидан Аҳриман фитнаи нав барангехт. Модарандари Сиёвуш (писари Кайковус) Судоба ба вай ошиқ мешавад, вале аз ӯ коми дил наёфта, ба ӯ тӯҳмат карда, ба шавҳараш шикоят мекунад, ки гӯё Сиёвуш ба вай бо назари шаҳватпарастӣ нигоҳ кардааст. Кайковус аз ин хабар дар ғазаб шуда, барои санҷидани покии писари худ фармон медиҳад, ки вай аз даруни оташи муқаддас гузарад. Сиёвуш савора аз байни оташ саломат мегузарад ва покии худро исбот мекунад, вале баъд аз ин, барои нигоҳ доштани шараф ва номуси худ дар ин оила монданро ба худ лозим намедонад. Ба ин тариқ, хавфи беворис мондани тахту тоҷи Эрон ба вуҷуд омада, мамлакатро вайронии дохилӣ таҳдид мекунад. Дар ин вақт Афросиёб бо лашкари азиме ҷангталаб шуда, ба сарҳади Эрон меояд. Кайковус ҳам, ки кайҳо, барои забти Тӯрон ҷангталаб буд, баҳона меҷуст. Вай лашкари Эронро бо сардории Сиёвуш ва Рустам ба ҷанги Афросиёб мефиристад. Афросиёб бо сардории ин ду паҳлавони номӣ ба ҷанг омадани лашкари Эронро дида, ба ваҳм меафтад ва бо тӯҳфаҳои зиёде сулҳ таклиф мекунад. Рустам ва Сиёвуш, ки ҳамчун паҳлавони халқӣ сулҳҷӯ буданд, ҷангро шарт надонистанд, ба сулҳ розӣ шуданд ва ба подшоҳ Кайковус нома фиристоданд. Подшоҳ Рустамро аз сарлашкарӣ хориҷ карда, фармондеҳиро ба писараш Сиёвуш дода, фармон медиҳад, ки ҷанг кунад ва Тӯронро забт намояд. Аз ин ҳол Рустам қаҳр карда бо лашкари худ ба ватанаш — Сиистон бармегардад, Сиёвуш низ аз рӯи кинаи пешина ба фармони ҷангҷӯёнаи падараш итоат накарда, ба тарафи Афросиёб мегузарад. Афросиёб духтараш Фарангисро ба Сиёвуш дода, ҳокими яке аз кишварҳояш таъин менамояд, аммо Аҳриман, барои ин ки дар байни Эрону Тӯрон ба ин восита сулҳу амният барқарор нашавад, дар дили Афросиёб аз ваҷҳи Сиёвуш шубҳа пайдо кунонида, бо тӯҳмати бародараш Гарсеваз Сиёвушро ба қатл мерасонад. Ба муқобили ин хиёнати Афросиёб Кайхисрав — писари Сиёвуш ва бобояш Кайковус якҷоя шуда ба муқобили Афросиёб ҷанг сар мекунанд ва бо ёрдами Рустам Афросиёб мағлуб ва мамлакат фатҳ мешавад. Дар замони Кайхисрав мамлакат аз ҷангҳо осуда ва аз ҷиҳати хоҷагӣ тараққӣ мекунад, аммо подшоҳ ногоҳ ғоиб мешавад ва мамлакат бесару сомон мегардад. Рустам бошад, пир шуда буд.

Дар ин вақт марди доно Зардушт ба сифати пайғамбар ба майдон меояд. Таълимоти динии худро ҷорӣ мекунад, ки он

таълимот то истилои араб давом кардааст. Баъд аз ин, аз номи дин ва паҳн кардани он мамлакати парокандашуда боз аз нав муттаҳид кунонида мешавад. Бо ҳамин, қисми дуюми «Шоҳнома» ба охир мерасад. Ин ду қисм давраи мифологӣ ва қаҳрамонӣ буд.

**Қисми сеюми «Шоҳнома»** давраи таърихӣ аст. Дар ин қисм давраи сулолаи Ҳахоманишиҳо ё ки Каёниён, мағлуб шудани охирин подшоҳи ин сулола Доро ва Эронро забт кардани Искандари Македонӣ тасвир ёфтааст. Баъд аз истилои Искандар ва махсусан, баъд аз вафоти ӯ ҳукумати марказӣ барҳам хӯрда, ҳукуматҳои майдаи феодалӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар таърих мулук-ул-тавоиф ном доранд. Дар ин мобайн аз рӯи фактҳои таърихӣ давлатҳои хеле бузурги Юнону Бохтарӣ ва давлати Ашкониён ё ки Аршакиҳо ба вуҷуд меояд. Дар охирҳои асри I пеш аз милод Осиёи Миёнаро қабилаҳои бодиянишини Шимол бо номи кӯшониҳо ишғол менамоянд. Ин лаҳзаҳои таърихии ватанамон дар «Шоҳнома» хеле кам ва хира тасвир ёфтааст. Ниҳоят, ба муқобили парешонии идоравии Эрону Осиёи Миёна зарурати аз нав ташкил намудани ҳукумати марказӣ пайдо мешавад. Аз соли 224 сар карда Ардашери Бобакон ном кас силсилаи подшоҳони Сосониро ташкил медиҳад, ки он то истилои араб — соли 650 давом кардааст. Дар ин қисм Фирдавсӣ амалиёти мазҳабӣ — бидъати Монӣ (асри III)-ро, ки дар замони Шопури I буд, тасвир кардааст. Аз силсилаи шоҳони зиёде тасвири подшоҳии Баҳроми Гӯр ҷолиби диққат аст. Шӯриши зиддифеодалии халқи меҳнаткаш ва сардори донои он Маздак баъд аз ин тасвир ёфтааст. Маздак ҳамчун сардори шӯриш, ҳамчун пайғамбари дини нав ба Қубод — подшоҳи Сосонӣ таъсири худро гузаронда, вазир таъин мешавад. Дини худро ба подшоҳ қабул мекунонад, подшоҳ бо дастурамали Маздак кор мебарад. Маздак дар назди ҳукумат масъалаи барҳам додани моликияти хусусиро мегузорад. Фирдавсӣ, чӣ тавре ки дар бораи Кова ва Зардушт бо ҳурмат ва ҳусни таваҷҷӯҳи зиёде сухан ронда буд, дар бораи Маздак низ ҳамон тавр сухан меронад. Шӯриши Маздак ва маздакиён ба муқобили зулми ғуломдорон ва зулми феодализми нав пайдошуда бо баҳонаи хушксолӣ, гуруснагӣ, ғалларо анбор кардани феодалҳо ва ҳаннотон ба амал омада буд. Азбаски феодалҳо аз ҳукумати марказӣ саркашӣ мекарданд ва Қубод аз шӯриши омма метарсид, хост, ки оммаро ба тарафи худ кашида, феодалҳои саркашро ба худ мутеъ намояд. Доираи ҳаракати Маздак хеле калон шуд, ба феодалҳою аристократҳо хавфи калон овард. Қубод дар соли 529 талаби аристократҳоро қонеъ гардонида, Маздакро аз вазирӣ холӣ кард ва се ҳазор тарафдорони ӯро дастгир карда, зинда ба зинда гӯронд, Маздакро ба дор кашонд. Интиқоми хунин ҳаракати маздакиёнро якбора хобонида натавонист. Дар соли 531 баъди ба сари тахт баромадани писари Қубод Хусрави I Анӯшервон ин ҳаракат ба таври қатъӣ нест карда шуд. Анӯшервон

бо маслиҳати вазири донишманди худ Бузургмеҳр кор мекард. Дар вақти ӯ бозии шатранҷ, нард ва дигар ҳунарҳо ихтироъ шуд. Баъд аз ба ҳукумат омадани писари Нӯшервон Ҳурмузд саркашии феодалҳо ва ҳуҷуми хориҷиён аз ҳар тараф зӯр шуд. Ҳурмузд бо ёрии Баҳроми Чӯбина ба муқобили феодалҳои саркаш ҷангид. Баҳром бо Ҳурмузд ба зиддиятҳои дохилӣ дучор шуданд. Ҳурмузд Баҳромро ба ҷосусии подшоҳи Чин айбдор мекунад. Баҳром баъд аз ин тӯҳмат худро подшоҳи Эрон эълон мекунад. Ҳурмуздро дарбориён кӯр карда буданд. Писараш Хисрави Парвез аз Баҳром шикаст хӯрда, ба Рум мегурезад. Баҳромро забткунандаи ғайриқонунии давлати Эрон мешумориданд. Ӯро вайронкунандаи анъанаи меросӣ будани давлат мешумориданд. Баҳром қарор дод, ки бо хонадон шудан ба яке аз духтарҳои хонадони подшоҳӣ ҳукмронии худро қонунӣ кунад. Аммо ҳеҷ як аз ин чораҳо ӯро халос карда наметавонад. Ӯ аз дасти қотиле кушта мешавад. Охирин подшоҳи нисбатан пурқуввати Сосонӣ Хусрави Парвез қувваҳои боқимондаи мамлакати худро ҷамъ карда ба муқобили румиҳо ҷангҳои бемуваффақият мебарад. Баъд аз вай сулолаи Сосонӣ ҳеҷ подшоҳи дурустро намебинад. Мамлакат рӯ ба вайронӣ меорад. Инро тез-тез кушта шудани подшоҳон ва дигар шудани онҳо нишон медиҳад. Охирин подшоҳи Сосонӣ Яздигурди III дар истилои араб кушта ва ҳукуматаш барҳам дода мешавад. Арабҳо дар ду ҷанги қатъӣ соли 637 дар Қодисӣ ва соли 639 дар Наҳованд давлати пӯсидаи ғуломдории Сосониёнро аз байн бардоштанд. Бо ҳамин, қисми сеюм ва охирини «Шоҳнома» тамом мешавад.

**План, сюжет ва композияи «Шоҳнома»**

Аз рӯи сюжети мухтасари асар маълум шуд, ки «Шоҳнома» аз се қисми асосӣ ва муқаддима иборат аст: 1. Муқаддима. 2. Мифология. 3. Васфи корнамоиҳои паҳлавонон. 4. Воқеаҳои таърихӣ. Се қисми асосӣ (2, 3, 4) ба ҳамдигар алоқаи зич доранд ва яке давоми дигарест. Ҳар қисми асосӣ дар дохили худ дорои унсурҳои сюжети алоҳида мебошад: 1. Гиреҳбандӣ. 2. Инкишофи воқеа. 3. Авҷ. 4. Кушодашавӣ ва хотима.

Ба ҳамин тариқ, кушодашавии ҳар як қисм ба гиреҳбандии қисми оянда мепайвандад. Ин ҳолат аз он сабаб аст, ки ҳар қисми «Шоҳнома» сюжети алоҳидаро соҳиб буда, бо ҳамдигар алоқаманд аст. Сохти сюжети гуногуни «Шоҳнома» ба ҳамдигар хеле монандӣ дорад. Масалан, пайдоиши воқеа, инкишоф ва хотимаи он дар ҳамаи қисмҳо якрангӣ дорад. Аммо сюжет ва мазмуни воқеаҳо ва мундариҷаи ҳар як қисм мазмуни ғоявии алоҳидае дорад.

Масалан, дар афсонаҳои силсилаи авлодони Қаюмарс пайдоиши ҳаёти осудаҳолонаи инсонҳо ва зиндагонии мадании онҳо, инкишофьёбии хушбахтии инсон дар замони Ҷамшед ва ба нуқтаи баланд расидани он, бо ман-манӣ кардан ва сарнагун

шудани давлати Ҷамшед, барҳамхӯрии адолат ва некуаҳволии одамон ифода ёфтааст.

Дар қисми ҳукмронии давраи Заҳҳок пайдоиши давлат ва ҳукмронии ӯ гиреҳи ибтидо ёфтани зулм аст. Пайдо шудани морҳо, мағзи сари одамонро ба онҳо хӯрондани Заҳҳок авҷи зулм аст. Аз сардорони мамлакат маҳзар талаб кардани Заҳҳок, аз шӯришҳои халқ тарсидани ӯ, маҳзарро дарронда партофтани Кова ва намоишкорона аз дарбор баромада рафтани вай кульминацияи зулм ва муборизаи қувваҳои муқобилияткунанда аст. Асир шудани Заҳҳок хотимаи зулм ва ибтидои боз аз нав ғалаба кардани адолат мебошад.

Ба ҳамин тариқ, тамоми композицияи ғоявии асар аз болои ду риштаи ғоявӣ-композиционӣ мегузарад:

1. Мубориза барои ҳаёти хушбахтона, адолат, истиқлолият, яъне мубориза барои ғалабаи қувваҳои некӣ.

2. Мубориза барои ҳукмфармо гардидани зулм, ба мардум беадолатӣ ва ноосоиштагӣ овардан, дар мамлакат фитна паҳн кардан, барҳам задани истиқлолияти халқу ватан, бо ибораи дигар мубориза барои ғалабаи қувваҳои бадӣ.

Ҳарчанд «Шоҳнома» қисмҳои алоҳида ва ҳар қисми он сюжету композицияи ғоявии ҷудогона дорад, вале аз аввал то охири «Шоҳнома» давом кардани муборизаи қувваҳои неку бад қисмҳоро ба ҳам мепайвандад. Онҳоро ба як ришта гузаронида, яклухтӣ ба вуҷуд меоварад. Дар натиҷа «Шоҳнома» ҳамчун асари пурра, ягона ва хеле азим ба назар мерасад. Аммо «Шоҳнома» аз ҷиҳати ғоя ва дарбаргирии воқеаҳои таърихӣ, аз нуқтаи назари сюжет ва композицияи ғоявӣ асари нотамом аст. Аз ҷиҳати ғояи композиционӣ мебоист бо ғалабаи қувваҳои неки ватандӯст ба охир мерасид, чӣ тавре ки дар қисми I ва II ҳаст, вале бо ғалабаи қувваҳои бадӣ — истилогарони араб анҷом ёфтааст. Ҳар чанд ки ғалабаи истилои араб воқеаи таърихӣ буд, вале муборизаҳои ватандӯстонаи бар зидди истилои араббурдаи Абӯмуслим, Муқаннаъ, Сунбод, ташкили давлати Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён, ғалабаи қувваҳои шуубия аз болои истилои араб, эҳьёи миллии эрониёни Шарқу Ғарб низ ҳақиқати таърихист. Ҳаёти Фирдавсӣ, ки дар ибтидои асри XI хотима ёфтааст, мебоист воқеаҳои таърихии асрҳои VIII—IX—X-ро низ тасвир менамуд.

Ин тавр аз ҷиҳати ғоявӣ ва таърихӣ нотамом мондани сюжет ва композицияи ғоявии «Шоҳнома» сабабҳои таърихӣ дошт ва он Фирдавсиро маҷбур кардааст, ки ба муқобили иродаи худ равад:

1. Дини ислом, ки идеологияи истилогарони араб буд, аз тарафи умум қабул шуда, дини зардуштӣ аз байн рафтааст. Воқеаҳои давраи навро тавсиф намудан бар зидди ислом рафтан буд, ки он куфр мебошад.

2. Давлатҳои феодалии тоҷикон зимнан бар зидди хилофати араб (ки ҳокимияти рӯҳонии исломро дар даст нигоҳ ме-

дошт) бошанд ҳам, расман ҳокимияти хилофатро эътироф мекарданд, бинобар ин, онҳоро бар зидди хилофат тасвир намудан низ маънои зиддиисломиро ифода менамуд, ки ин ҳам ба куфр меовард ва рӯҳониёни ҷаҳолатпарасти исломӣ ба таври қатъӣ ба муқобили чунин рафтор меистоданд. Қир карда шудани қарматиҳо, кӯр карда шудани Рӯдакӣ, кушта шудани Дақиқӣ, оворагардиҳои Фирдавсӣ, Ибни Сино ва ғайра, ба маҷусию рафизӣ айбдор карда шудани онҳо ҳамин маъноро ифода мекард.

**Ғояи асосии «Шоҳнома»**

Ғояи асосии «Шоҳнома» мубориза барои озодӣ, хушбахтӣ ва осудаҳолии инсонҳо, ғалабаи ақлу дониш бар ҷаҳолат, истиқлолияти ватан ва халқ, мубориза барои ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани давлати ягона ва марказонидашуда, нигоҳ доштани ҳокимияти аристократии тоҷик дар мубориза бар зидди истилогарони хориҷӣ, саркашии феодалҳои майда, ҷангҳои хонадонӣ, бадиҳое, ки осоиши халқро вайрон мекунад ва мубориза бар зидди ҳама гуна хоинони мамлакат аст. Барои ифода кардани чунин ғоя аз тарзи фикрбаёнкунии ақидаи зардуштӣ — муборизаи некию бадӣ ва достонҳои қадимӣ, ки ҳамин мазмунро ифода кардаанд, истифода бурда шудааст. Идеяи дар боло зикршуда то охири «Шоҳнома» давом мекунад, вале бо мағлубияти онҳо тамом шудааст.

## ОБРАЗҲОИ «ШОҲНОМА»

Образҳои (персонажҳои) «Шоҳнома» чи аз одамон ва чи аз персонажҳои мифологӣ ба ду гурӯҳ: мусбат ва манфӣ ҷудо мешаванд. Аз подшоҳон Қаюмарс, Таҳмурас, Ҳушанг, Фаридун, Манучеҳр, Қайхусрав, Хусрави Парвез ва дигар паҳлавонон: Сом, Зол, Рустам, Сиёвуш, Гударз ва ғайра, аз пешвоёни халқ: Қова, Зардушт, Монӣ, Маздак, аз вазирони доно: Бузургмеҳр, аз занон: Рудоба, Таҳмина, Фарангис, Гурдофарид, Манижа, Гурдия, Меҳрак, аз образи намояндагони халқи меҳнаткаш: Фарҳод, Шопур ва ғайра образҳои мусбатанд. Дар қисми образҳои манфӣ Аҳриман, девон, Заҳҳок, Қайковус, Арҷост, Афросиёб, Гарсеваз, Судоба ва ғайра мавҷуданд. Ғайр аз ин, як силсила образҳои духӯра ҳастанд — Ҷамшед, Гаршосп, Исфандиёр, Сӯҳроб, Бежан ва ғайра. Образҳоро ғайр аз гурӯҳи мусбату манфӣ, ба гурӯҳи подшоҳон, паҳлавонон, занон ва образҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва таърихӣ низ ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо низ ба гурӯҳи мусбату манфӣ ҷудо мешаванд. Дар «Шоҳнома», назар ба подшоҳон, бештар ба паҳлавонон, ки сардорашон Рустам аст, эътибор дода шудааст. Аз ин рӯ, мумкин аст, ки маънои «Шоҳнома» на номаи — достони шоҳон, балки номаи калон — достони бузурги паҳлавонон бошад.

## ОБРАЗҲОИ МУСБАТИ ШОҲОН

**Образи Қаюмарс ва авлодони вай**

Образи шоҳон барои он дар ҷои аввал гузошта шуд, ки онҳо сардори мамлакату ҳукумат ва сояи худо дар руи замин шуморида шудаанд. Образи Қаюмарс дар «Шоҳнома» аз хусусиятҳои мифологии худ як андоза берун омада, ҳамчун аввалин касе, ки подшоҳӣ ва тахту тоҷро ба вуҷуд оварда буд, тасвир ёфтааст:

Пажӯҳандаи номаи бостон,
Ки аз паҳлавонон занад достон.
Чунин гуфт: к-оини тахту кулоҳ
Қаюмарс оварду ӯ буд шоҳ...

Вай аввал дар байни кӯҳҳо макон карда, ба мардум пӯшиш ва хуриши навро ёд додааст, одамон гирди ӯ ҷамъ омадаанд, ҳатто, ҳайвонҳо ҳам ба вай ром шуданд:

Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,
Палангина пӯшид худ бо гурӯҳ.
Аз ӯ андар омад ҳаме парвариш,
Ки пӯшиданӣ нав буду нав хӯриш.
Даду дом ҳар ҷонвар к-аш бидид,
Зи гетӣ ба наздики ӯ орамид.

Образи Қаюмарс бо вуҷуди характери реалӣ пайдо кардан ва ба мафҳуми феодалии шоҳаншоҳӣ даромадан, ки аз подшоҳ дида, бештар ба пешвои як андоза муболиғавии халқӣ монандӣ дорад, аз хусусиятҳои мифологӣ холӣ нест, зеро душмани пинҳонии мифологӣ дошт, ки номаш Аҳриман аст. Ин офаридагори қувваҳои душмани инсоният, маданият, ҳаёт ва бахту саодати ӯ буд:

Ба гетӣ набудат касе душмано,
Магар дар ниҳон Риман Оҳармано.
Ба рашк андар Оҳармани бадсигол,
Ҳаме рой зад, то биболид бол.

Писари ягонаи дӯстдоштаи Қаюмарс Сиёмак дар партави подшоҳии падараш тасвир ёфтааст. Вай барои падар ва тахту гоҷи онро аз бадкирдории Аҳриман ва девон муҳофизат кардан бо лашкари бисьёре ба ҷанги девон тайёр мешавад:

Сухан чун ба гӯши Сиёмак расид,
Зи кирдори бадхоҳ деви палид.
Дили шоҳбачча даромад ба ҷуш,
Сипоҳ анҷуман карду бикшод гӯш.
Бипӯшид танро ба чарми паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ оини ҷанг.

вале дар ҷанги девон кушта мешавад:

Сиёмак ба дасти чунон зиштдев
Табаҳ гашту монд анҷуман бехидев.

Аз воқеаи кушта шудани Саёмак ҳамаи лашкар ва мардум ба ҳоли мотам монданд. Дар ин воқеа Қаюмарс ҳамчун падари мотамдор тасвир ёфтааст:

Фуруд омад аз тахт вайлакунон,
Ба нохун танаш гӯшт поракунон,
Ду рухсора пурхуну дил сӯгвор,
Дижам карда бар хештан рӯзгор.

Дар ин лаҳзаи тасвири ҳолати сӯгвории Қаюмарс, ки аҳволи табиии инсони реалист, боз унсури мифологӣ дохил карда мешавад. Худо ба воситаи фариштаи Суруш хабар медиҳад, ки ӯ ба ҳуш омада, ба ҷанги Аҳриману девон тайёр шавад:

Дуруд оваридаш хуҷиста Суруш,
Қ-аз ин пеш махрӯшу боз ор ҳуш.
Сипаҳ созу баркаш ба фармони ман,
Баровард яке гард аз он анҷуман.
Аз он бадкуниш дев рӯи замин,
Бипардозу пардохта кун дил зи кин.

Қаюмарс ҳоло хислати умумихалқӣ дорад ва якҷоя бо ҳамаи инсонҳо ба муқобили қувваҳои бад, душмани инсоният мубориза мебарад. Вай ин муборизаро бо ёрии набераащ Ҳушанг давом медиҳад. Бинобар ин, дар аввали кор Ҳушанг дар партави амалиёти бобои худ тасвир ёфтааст:

Гаронмояро ном Ҳушанг буд,
Ту гуфтӣ ҳама ҳушу фарҳанг буд.
Ба назди ниё ёдгори падар,
Ниёпарварида мар ӯро ба бар.

Қаюмарс воқеаҳоро ба набераш нақл карда, ӯро ба ҷанги девон сардор таъин мекунад ва мубориза дар сурати ҷанги некию бадӣ — одаму дев давом мекунад. Ҳоло дар байни инсонҳо ду қувваи бадӣ дида нашудааст. Инсон бо душмани инсоният ҷанг дорад, ки аз он ҳоло ба синфҳо ва табақаҳо ҷудо нашудани ҷамъият — ҷамъияти қабилавӣ ба назар мерасад. Аммо тасаввурҳо ҳанӯз аз хусусиятҳои афсонавӣ озод нест, зеро дар ҷанги инсон бо девҳо, париҳо, ҳайвонҳои даррандаву мурғон, ки ба Қаюмарс ром буданд, ба вай ва ба Ҳушанг ёрӣ мерасонанд:

Парию паланг анҷуман карду шер,
Зи даррандагон гургу бабри далер,
Сипоҳи даду дому мурғу пари,
Сипаҳдор бо кибру кундовари,
Паси пушти лашкар Қаюмарсшоҳ,
Набера ба пеш андарун бо сипоҳ.

Ҳушанг Деви Сиёҳро мағлуб карда, ба ҷои бобояш подшоҳ мешавад. Шоир дар образи ӯ калимаи «дод»-ро кор фармудааст, ки одилии ӯро мефаҳмонад ва он ҳоҳ-ноҳоҳ ба муқобили «зулм» гузошта шудааст. Ҳар чанд ки образи Ҳушанг ҳамчун

образи умуминсонии фавқи синфҳо тасвир ёфтааст, Фирдавсӣ ӯро аз рӯи фаҳмиши ҷамъияти синфӣ ва ақидаи адолатхоҳӣ соҳиби «дод» номидааст:

Ҷаҳондор Ҳушанг бо рою дод,
Ба ҷои ниё тоҷ бар сар ниҳод.

Ҳушанг ҳам мисли Каюмарс подшоҳи танҳо Эронзамин не, тамоми ҷаҳон аст:

Ки бар ҳафт кишвар манам подшоҳ,
Ба ҳар ҷой пирӯзу фармонраво.

Фармонравоии ӯ дар ҷаҳон на аз рӯи зӯроварию ҳукмронии беинтиҳо, балки аз рӯи фармони худо ва аз ҳайси адлу бахшишҳо, караму саховат аст:

Ба фармони яздони пирӯзгар,
Ба доду деҳиш танг баста камар.

Ҳушанг ҳамчун ободкунандаи дунъё ба қалам дода шудааст. Вай он кори ободие, ки бобояш Каюмарс карда натавониста буд, ба ҷо меорад:

В-аз он пас ҷаҳон як сар обод кард,
Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод кард.

Аз рӯи тасвири афсона дар замони Ҳушанг асосҳои маданияти инсонӣ гузошта шудааст, ки он ба вай нисбат дода мешавад:

Нахустин яке гавҳар омад ба чанг,
Ба дониш зи оҳан ҷудо кард санг...
Чу бишнохт оҳангарӣ пеша кард,
Куҷо з-ӯ табар, арраву теша кард.

Аз ин гуфтаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки афсонаи мазкур маҳсули давраи ихтироъ ва асри оҳан аст, ки инсон ҳанӯз дар он замон асбоби истеҳсолоти деҳқонӣ сохтааст. Дар образи Ҳушанг хислати ҳунармандон низ акс ёфтааст. Ихтирои оҳан ва сохтани асбобҳои оҳанин имконият додааст, ки корҳои дигари маданияти моддӣ анҷом дода шавад:

Чу ин карда шуд, чораи об сохт,
Зи дарьё бароварду ҳомун навохт.
Ба ҷӯю ба рӯд обро роҳ кард,
Ба фарри кайӣ ранҷ кӯтоҳ кард.
Чу огоҳ мардум бар он барфузуд,
Пароканданӣ тухму кишту даруд.

Дар ин афсона он лаҳза ҷолиби диққат аст, ки шароити иқлими мамлакат, ки дар он танҳо бо роҳи обьёрии сунъӣ киштукор (деҳқонӣ) ва ободониро ба вуҷуд овардан мумкин аст, ки ба назар гирифта шудааст, бинобар ин, хислати таърихан ду-

руст ва реалистонаро соҳиб аст. Лаҳзаи дигари таърихӣ ин аст, ки инсоният пеш аз омӯхтани деҳқонӣ ва ҳунар аз меваҳои тайёри табиат фоида бурдааст:

Аз ин пеш, к-ин корҳо шуд басеч,
Набуд хӯрданиҳо ҷуз аз мева ҳеч.

Ихтирои дигари давраи Ҳушанг ихтирои оташ буд. Агар дар замони бобояш танҳо худоро мепарастиданд, акнун оташро ҳам мепарастиданд:

Ниёро ҳамебуд оину кеш,
Парастидани эзидӣ буд пеш.
Бад-он гаҳ будӣ оташи хубранг,
Чу мар тозиёнрост меҳробсанг.
Ба санг андар оташ аз ӯ шуд падид,
Қ-аз ӯ равшанӣ дар ҷаҳон густарид.

Аз рӯи ин тасвир гӯё, аз рӯзе ки инсон худро шинохтааст, худоро ҳам эътироф кардааст, вале ба воситаи предметҳои табиӣ, чунон ки арабҳо ҳаҷар-ул-асвад (санги сиёҳ)-ро муқаддас медоранд, пайравони Қаюмарсу Ҳушанг оташро. Ихтирои оташ дар он вақт ба вуқӯъ омадааст, ки вақте Ҳушанг ҳангоми сафар бо ҳамроҳонаш дар кӯҳ ба море — аждар рӯ ба рӯ омада мехост онро ба санг занад, вале мор ҷаҳида халос шуду санге ба санг бархӯрда майда шуд ва аз он оташ — барқ ҷаҳид. Чунин тасвир, ҳар чанд ки каме унсури мифологӣ (ҷанг бо мори калон) ва динӣ (ба ҷаҳидани шӯъла ҷаҳонофарин ёрӣ дод) дорад, вале асосан моҳияти реалӣ-ҳаётӣ бештар аст, зеро оташ офаридаи худо ва ё ягон қувваи фавқуттабиа набуда, балки маҳсули амалиёти инсон аз совиши ду санг аст:

Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,
Дили санг гашт аз фурӯғ озаранд.
Нашуд мор кушта, валекин зи роз
Падид омад оташ аз он санг боз.

Аз сабаби моҳияти ҳодисаи табииро нафаҳмидани инсон қиблаи парастиш шудани «шӯъла»—оташи фурӯзон маънои динӣ пайдо карда бошад ҳам, предмети табиӣ будани он аҳамияти динии онро аз байн мебарад:

Бигуфто: «Фурӯғест ин, эзидӣ,
Парастид бояд, агар бихрадӣ.
Шаб омад, барафрӯхт оташ чу кӯҳ,
Ҳамон шоҳ дар гирди ӯ бо гурӯҳ.

Бо ин восита Ҳушанг шабона ҷашне орост, онро «ҷашни сада» номид ва баъд аз ӯ ёдгор монд:

Яке ҷашн кард он шабу дод х(в)ард,
«Сада» номи он ҷашни фархунда кард.
Зи Ҳушанг монд ин «сада» ёдгор,
Басе боз чун ӯ дигар шаҳриёр.

Ба ин тариқ, яке аз одатҳои этнографии эрониён, ки ҷашни сада аст, барқарор гардид.

Шахси чорум аз силсилаи подшоҳони мусбати авлоди Қаюмарс Таҳмурас аст. Сифати ӯ нисбат ба се подшоҳи аввал зиёдтар аст. Агар падари ӯ ҳайвонҳои бештар фоидабахшро аз гурӯҳи дигар фарқ карда бошад:

Бад-он эзидӣ фарру ҷоҳи каён,
Зи нахҷиру гургу гавазни жаён.
Ҷудо кард гову хару гӯспанд,
Ба варз оварид он чӣ буд судманд.

пас Таҳмурас мехоҳад, ки ҷаҳонро аз девон пок карда, ҳокими мутлақи ҷаҳон шавад, дуньёро обод кунад. Аввалин кори ӯ тарошондани пашми ҳайвонот, риштан, бофтан ва аз он пӯшиш ба мардум сохтан аст:

Пас аз пушти мешу бара пашму мӯй,
Буриду ба риштан ниҳоданд рӯй.
Ба кӯшиш аз он кард пӯшиш ба ҷой,
Ба густурданӣ ҳам бад-ӯ раҳнамой.

Ӯ ҳайвонҳоро аз кӯҳ ва паррандагони хубро аз дашту биёбон оварда ром кунонд. Таҳмурас Шедасп ном вазири поку порсо дошт, ки подшоҳро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ мекард. Чунин образ образи ҳакими хирадманди анъанавӣ буда, Фирдавсӣ онро аз давраҳои афсонавӣ ба номаи бузурги худ дохил кардааст. Вай ин образро якбора дохил накарда, вобаста ба тараққии маданни инсон ба вуҷуд овардааст. Дар ин образ рационализми шоир акс ёфтааст ва ӯ фарри некӣ, покӣ аз эзидии подшоҳро дар шунидани сухани хирадмандон ва амал кардан ба гуфтаи онҳо дидааст:

Чунон шоҳ полуда гашт аз бадӣ,
Ки тобид з-ӯ фарраи эзидӣ.

Аммо девон аз гуфтаи ӯ саркашӣ карданд, зеро аз хислатҳои неки маданни инсон дуранд:

Чу девон бидиданд кирдори ӯй,
Кашиданд гардан зи гуфтори ӯй.

Таҳмурас девонро шикаст дода, боқимондаро банду баст мекунад ва аз ин рӯ, лақаби «девбандӣ» мегирад. Девон хоҳиш карданд, ки онҳоро накушад, то ки ба вай як ҳунари нав ёд диҳанд. Ин ҳунар — хатнависӣ буд:

Навиштан ба хусрав биёмӯхтанд,
Дилашро ба дониш барафрӯхтанд.

Онҳо ба вай хатҳои румӣ тозӣ, порсӣ, суғдӣ, чинӣ ва паҳлавиро, ки шоир миқдори онҳоро сӣ»-то номида, фақат шаш хат-

ро ном бурдааст, ёд додаанд. Дар ин бобат маълумоти Фирдавсӣ характери ғайриилмӣ ва ғайритаърихӣ дорад. Ғайр аз ин, агар девон аз Таҳмурас ва қавмҳои ӯ босавод бошанд, пас, онҳо қувваҳои бади ғайри тамаддун нестанд, балки асирони ҳарбие аз олами тамаддунанд, ки шоҳони эронӣ онҳоро асир гардонидаанд.

**Образи Фаридун**

Тасвири Фаридун аз ӯро хоб дидани Заҳҳок ҳамчун шахси шоҳзода аз нажоди эронӣ ва Заҳҳокро банду баст кардани вай оғоз ёфтааст. Шоир бо ин нақли пешакӣ хонандаро аз ғалабаиояндаи Фаридун, ки вориси тахту тоҷи Эрон буд, огоҳ кардааст. Ин тавр гузориши воқеа хислати ҷолиби диққат шудани сюжет ва ғояи композиционии эпизодҳои вобаста ба Заҳҳок ва Фаридунро кам кардааст, зеро хонанда аллакай пешакӣ огоҳ мешавад, ки воқеа бо чӣ меанҷомад.

Образи Фаридун аз нақли таваллуди вай оғоз ва торафт инкишоф ёфтааст. Вай ба таври мӯъҷизанок аз рӯзи таваллуди худ, ки кӯдак буд, фарри шоҳӣ, бузургӣ, хирадмандӣ, паҳлавонӣ ва аломатҳои меросии шоҳии Ҷамшедро дар симояш акс кунонида буд:

Баромад бар ин рӯзгори дароз,
Ки шуд аждаҳофаш ба тангӣ фароз...
Биболид бар сони сарви сиҳӣ.
Ҳаметофт з-ӯ фарри шоҳаншаҳӣ.
Ҷаҳонҷӯй бо фарри Ҷамшед буд,
Ба кирдори тобанда хуршед буд...

Заҳҳок дар ҷустуҷӯи Фаридуни кӯдак аст, то ки ӯро ҳамчун душманиояндаи худ аз байн барад. Мағзи сари падари Фаридун Обитинро ба морони Заҳҳок медиҳанд. Ӯ дар зери ғамхории модараш Фаронак ба парасторӣ ва паноҳи Бармоя ном гов ва аз он ҷо ба як шахси диндори кӯҳнишин ба кӯҳи Албурз дода мешавад ва аз таҳдиди Заҳҳок маҳфуз мемонад. Лаҳзаи ба парвариши гов дода шудан каме характери афсонавӣ мегирад. Вай бо шири гов парвариш меёбад. Дар ин тасвир ғамхории умумихалқӣ ба подшоҳиояндаи Эрон, ки аз насли нажоди худист, ифода ёфтааст, ки аз он ҳисси ватанхоҳӣ намудор гаштааст.

Фаридун баъд аз 16-солагӣ аз модар кӣ будани аслу насаби худро мепурсад:

Бигӯ мар маро, то кӣ будаш падар?
Киям ман, ба тухм аз кадомин гуҳар?

Модар воқеаи падар Обитин ва аз нажоди Таҳмурас, пас, Каюмарсу Ҳушангу Ҷамшед, яъне шоҳи меросииояндаи Эрон будани писарашро ба ӯ мефаҳмонад, ки дар ин гуфтаҳо ақидаи меросӣ будани тахту тоҷи Эрон ва ҳаққи подшоҳӣ надоштани ҳокимони беғонаи золим иҷолатан ифода ёфтааст:

Зи Тахмураси гурд будаш нажод,
Падар бар падар бар ҳамедошт ёд.

Модар қиссаи чӣ хел тарбия ёфтан, гову марғзорро хароб кардани Заҳҳок ва аз он ҷо бо фарзанд ба кӯҳ рафтани худро нақл менамояд. Чунин нақл нияте дорад, ки Фаридунро ба ғазаб, ҳаяҷон ва қасосу ниқоргирӣ тайёр кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд:

Фаридун барошуфту букшод гӯш,
Зи гуфтори модар даромад ба ҷӯш:
Дилаш пур зи дарду дилаш пур зи кин,
Бар абрӯ зи хашм андаровард чин.

Дар ин тасвирҳо хислатҳои ҳақталабӣ, одилӣ, бо зулм созиш накардан, аз золим ниқор гирифтан ва кин хостани Фаридун акс ёфтааст:

Бипӯям ба фармони яздони пок,
Барорам зи айвони Заҳҳок хок.

Дар образи Фаридуни ҷавон шоир зарарнок будани ғурури ҷавонӣ ва бемаврид хуруҷ карданро аз забони модари оқила танқид кардааст. Он гоҳ Фаридун баъд аз пухта расидани шӯриши халқ ба он такья карда, ба ҷанги Заҳҳок тайёр мешавад ва бо вуҷуди ин, барои маслиҳат ба назди модар меравад. Дар тасвирҳо тадриҷан ба воя расидани ӯ, модарро эҳтиром доштани вай ва ба халқ такья кардани Фаридун ҳамчун хислати неки вай ба қалам дода шудааст:

Биёред донанда оҳангарон,
Яке гурз созанд моро гарон.
Аз он пеша, ҳар кас ки буд, номҷӯй,
Ба сӯи Фаридун ниҳоданд рӯй.

Ҳамин тавр, Фаридун, ҳамчун меҳтари халқпарвар ва адолатхоҳ намудор гаштааст:

Ки гар аждаҳоро кунад зери хок,
Бишӯям шуморо сар аз гард пок.
Ҷаҳонро ҳама сӯи дод оварам,
Чу аз нома додор ёд оварам.

Дар ин порча лаҳзаи ҷолиби диққат ин аст, ки Фаридуни шоҳзода на ба асилзодагони синфи ҳоким, балки ба халқи меҳнаткаш такья кардааст ва ин тасвир ба муқобили душманон халқро мусаллаҳ кардан ва ба он сардорӣ кардани Исмоили Сомониро ба хотир меоварад, аҷаб нест, Фирдавсӣ аз он илҳом гирифта бошад.

Чунон ки мебинем, Фиридун ба халқ такья карда, ба ҷанги Заҳҳок меравад ва ғалаба мекунад. Фирдавсӣ дар тасвири Фаридун дар мисоли мубориза барои кини падар ва озодии мардуми мазлум рафтори реалистона карда, дар айни замон афсонавӣ будани қиссаро фаромӯш намекунад. Аз ин ҷост, ки ба

ёрии ӯ образи фариштаи афсунгаре офарида шудааст, ки ба вай барои кушодани дари ҷодуву афсунҳо роҳ нишон медиҳад:

Суруше бад-ӯ омада аз биҳишт
Ки то боз гӯяд бад-ӯ хубу зишт.
Сӯи меҳтар омад ба сонӣ пари,
Ниҳонаш биёмӯхт афсунгарӣ,
Ки то бандҳоро бидонад калид,
Кушода ба афсун кунад нопадид.

Дар хислати Фаридуни поктинат бепарвоӣ аз хислати душманонаи бародаронаш ва худро ба нодонӣ задан мушоҳида мешавад, ки ҳамчун аломати тавоноӣ ва нотарсии ӯ маънидод шудааст. Ин хислат он лаҳза, вақте ки дар роҳи сафари ҷанги ӯ бар зидди Заҳҳок бародаронаш аз рӯи бахилӣ ҳангоми хобиданаш аз кӯҳ санг ғелонданд, пайдо шудааст, вале вай аз оғози ғелидани санг бо ёрии яздон бедор шуд ва худро ба нодонӣ зад. Хислати дигари вай ҷасорат ва далерист, ки низ дар роҳи сафар рӯй додааст. Барои аз дарьёи Даҷла гузаштан ба вай ва аскаронаш киштӣ ва заврақ надоданд, ӯ бо аскарони худ аз дарьё савораи асп гузашт:

Наёвард киштӣ нигаҳбони руд,
Наёмад ба гуфти Фаридун фуруд...
Фаридун чу бишнид, шуд хашмнок,
Аз он хавфдарьё наёмад-ш бок...
Бубастанд ёрон-ш яксар камар,
Ҳамедун ба дарьё ниҳоданд сар.
Бад-он бодпоёни боофарин
Ба об андарун ғарқа карданд зин.

Хислати ҷасоратнокии ӯ ҳангоми ба қасри Заҳҳок нотарсона даромадани ӯ низ зоҳир гаштааст, вале Заҳҳок он ҷо набуд, ба сафари ғорати Ҳиндустон рафта буд. Фаридун бе ҷанг бо раҳнамоии хоҳарони Ҷамшед — Шаҳрноз ва Арноз, ки асири Заҳҳок буданд, ба тахт соҳиб шуд. Вакили Заҳҳок Кундрав маҷбур шуд, ки шоҳи навро эътироф кунад. Хислати халқии Фаридун дар ин аст, ки аҳолии шаҳр ӯро бар зидди Заҳҳок дастгирӣ карданд:

Ба шаҳр андарун ҳар кӣ барно буданд,
Чӣ пирон, ки дар ҷанг доно буданд.
Сӯи лашкари Офаридун шуданд,
Зи найранги Заҳҳок берун шуданд...
Хурӯше баромад зи оташкада,
Ки бар тахт агар шоҳ бошад дада.
Ҳама пиру барно-ш фармон барем,
Яко-як зи гуфтори ӯ нагзарем.

Фаридун ба ҳуҷуми Заҳҳок тоқат оварда, ӯро бо ғурзи говсараш пахш кард ва бо банди чармин дасту по банд намуда, фармон дод, ки ба кӯҳи Дамованд бурда овезанд. Ғалабаи Фаридун бар Заҳҳок на далели бе ҷурму гуноҳ ва фархундахӯии ӯ, балки натиҷаи одилӣ ва додгустарии ӯ буд:

Фаридуни фаррух фаришта набуд,
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.
Ба доду деҳиш ёфт он некӯӣ,
Ту доду деҳиш кун, Фаридун тӯӣ.

Ба ин тариқ, адолат дар ҷаҳон ғалаба кард ва дар муддати подшоҳии Фаридун як рӯз ҳам бадӣ накардааст, бинобар ин, ҳама осуда буданд:

Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,
Гирифтанд ҳар як раҳи эзидӣ...
Варо буд ҷаҳон солиён понсад,
Ки н-афканд як рӯз буньёди бад.

Модар аз шунидани хабари шоҳ шудани писараш ба хама инъом дод. Ҳамаи мардум, хурду калон ба гирди Фаридун ҷамъ омаданд, боигарии худро доданд, ба вай дуои хайр карданд. Баъд аз ин Фаридун ба саёҳати ҷаҳон мебарояд ва аз некию бадиҳо ибрат мегирад:

Ҳар он чиз, к-аз роҳи бедод дид,
Ҳар он буму бар, к-он на обод дид.
Ба некӣ бубаст ӯ дару дасти бад,
Чунон, к-аз раҳи шаҳриёрон сазад.

Фаридун аз хоҳарони Ҷамшед Шаҳрноз ва Арноз, ки зани ӯ шуда буданд се писар дошт: Салм, Тур ва Эраҷ. Аз нажоди эрониён Ҷандал ном шахси наздики худро ба хостгорӣ ба назди Шоҳи Яман Сарв фиристод. Писаронашро низ ба пеши Сарв раҳсипор кард. Сарвшоҳ онҳоро ба афсун имтиҳон кард. Дар бозгашт Фаридун писаронашро санҷид. Вай дар шакли аждаҳо ба онхо муқобил истод. Писари миёнаву калон дар ҷанги аввал аз вай тарсиданд, вале хурдӣ не. Баъд падар онҳоро навозиш кард. Вай ба воситаи мунаҷҷимон ситораи бахти писаронашро дид. Аз они Эраҷ пурмоҷаро буд.

Баъд аз ин вай ҷаҳон — кишвари худро ба писаронаш тақсим карда ва ҳокимияти марказию умумиро дар дасти худ нигоҳ дошт, аммо ҳукмронии Эронро ба писари хурдӣ Эраҷ доданнаш боиси рашку ҳасади бародарон гардид. Вай аз мактуби дағале, ки писаронаш Салму Тур фиристода буданд, ба ғазаб омад. Ин ҳолат на аз низоъ, балки ҷангҳои дохилии оянда хабар медод, ки ягонагиро вайрон мекунад. Дар номаи писарон айбҳои ҷиддии тӯҳматомези дурушт ба адреси падар буд:

Накардӣ ҷуз аз кажжию костӣ,
Наҷустӣ ба бахш андарун ростӣ.

Фаридун дар ҷавоб худро сафед карда, Салму Турро сарзаниш кард:

Ҳама ростӣ хостам з-ин сухун,
Зи кажжӣ на сар буд мар инро на бун...

Шуморо кунун гар дил аз рои ман,
Ба кажжию тори кашид Аҳриман.
Бибинед, то кирдигори баланд,
Чунин аз шумо кард хоҳад писанд...
Қасе, к-ӯ бародар фурӯшад ба хок,
Сазад гар нахонандаш аз оби пок.

Фаридун аз кушта шудани Эраҷ бо дасти бародаронаш ба ниҳояти ғазаб расид, вале қувваи бо онҳо ҷанг кардан надошт, бинобар ин, мунтазир буд, то ки фарзанди Эраҷ таваллуд шавад ва ба қасоси падар равад, аммо духтар таваллуд шуд. Фаридун аз ин ҳол ғамгин нашуд, ӯро навозиш карда ба воя расонд, ба додарзодааш паҳлавон Пашанг ба занӣ дод. Аз ӯ писаре таваллуд шуд, номашро Манучеҳр гузоштанд.

Дар ин тасвирҳо сабру тоқат ва ба умеди ояндаи нек зистани Фаридун намудор гаштааст. Вақте ки Салму Тур аз камол ёфтани Манучеҳр хабардор шуда, аз ваҳм ба воситаи қосид ба падар бахшиш ва ба Манучеҳр меҳр изҳор карданд, Фаридун онҳоро набахшид ва танҳо бо лашкар ба онҳо рӯ ба рӯ шуданро ваъда кард:

Набинад рӯяш магар бо сипоҳ,
Зи пӯлод бар сар ниҳода кулоҳ.

Дар ин гуфтор ва ҷавоби Фаридун бо душман (агар фарзанд бошад ҳам) душманона рафтор кардан, қатъият ва ҳушьёрии вай ифода ёфтааст. Ин хислати ӯ дар сурати Манучеҳрро ба ҷанги Салму Тур фиристодан боз ҳам хубтар намудор гаштааст. Ҳамин тавр, Фаридун ба воситаи набераааш Манучеҳр писарони саркаш, хоин ва ҷудоихоҳу мансабталабашро ба қатл расонида, ягонагии Эронро аз нав барқарор менамояд ва тахту тоҷро ба Манучеҳр медиҳад, панд мегӯяд:

Ба дасти худаш тоҷ бар сар ниҳод,
Басе панду андарзҳо кард ёд.

Дар охири достон Фирдавсӣ аз тасвирхои дабдабаноки анъанавӣ ба тасвири психологӣ гузашта, оҷизии пеш аз марги инсон ва аз кори бади худ пушаймон шудани онро дар образи Фаридун нишон додааст:

Ҳаме ҳар замон зор бигристӣ,
Ба душворӣ андар ҳаме зистӣ.
Ба навҳа дар он ҳар замоне ба зор,
Чунин гуфтӣ он номвар шаҳриёр.
Қи баргашту торик шуд рузи ман,
Аз он се дилафрӯзи дилсӯзи ман.
Ба зорӣ чунин кушта дар пеши ман
Ба кина ба коми бадандеши ман.

Ҳамин тавр, образи Фаридун дар ин достон гоҳе афсонавӣ (мифологӣ) ва гоҳе ҳаётӣ тасвир шуда бошад ҳам, дар охири достон хислати реалистӣ пайдо кардааст, зеро ӯ ба шахсе мо-

нанд аст, ки пеш аз марг панду васият карда, аз кори бади худ пушаймон шудааст. Ба ин муносибат Фирдавсӣ он фикри ҳакимонаеро ифода кардааст, ки пас аз инсон (ӯ хоҳ шоҳ бошад, хоҳ ғулом) бояд некие ёдгор бимонад:

Хунук он, к-аз ӯ некӯӣ ёдгор
Бимонад, агар банда ё шаҳриёр.

**Образи Манучеҳр** Дар образи Манучеҳр тавсири нависанда ба услуби реалистӣ боз ҳам наздиктар омадааст. Дар марги Фаридун мотамгирии ӯ ва ҳамаи ҷоҳу ҷалоли шоҳиро ба қалам овардан аз унсурҳои реалистиест, ки пештар онҳоро дидан мумкин набуд:

Пас он гар яке хафта бигзоштам,
Ҳама мотаму сӯги ӯ доштам.

Манучеҳр баъди мотами якҳафтаинаи худ расму оини тахтнишинӣ ва тоҷгузориро ба ҷо оварда ба кори идораи мамлакат машғул шудааст:

Ба ҳаштум биёмад Манучеҳр шоҳ,
Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.

Тавсифи хислатҳои Манучеҳр аз рӯзи таваллудаш оғоз ёфтааст. Фаридун таваллуди набераи худ Манучеҳрро фоли неки давлатдорӣ ва ягонагии ояндаи давлати Эрон дониста, кӯдаки якрӯзаро ҷонишини Эраҷ дониста, ба шодиёнаи ӯ инъом дод, бахшиш кард, расму оини хурсандиро ба ҷо овард. Манучеҳр ҳамчун паҳлавони қавиирода ва донову ҳушьёр ба воя расид. Ба вай ҳамаи ҳунарҳое, ки ба шоҳзодагон зарур буд, ёд доданд:

Ҳунарҳо, ки буд подшоҳро ба кор
Биёмӯхташ номвар шаҳриёр,

Хислатҳои қаҳрамонӣ, диловарӣ, мағлубнашавандагӣ ва кинаварии Манучеҳр аз ҷангҳои ӯ ба муқобили Салму Тур ва кушта шудани онҳо маълум аст. Қини Манучеҳр ба Салму Тур бо баҳонаи барои бобояш Эраҷро ноҳақ ва хоинона баҳри тоҷу тахт куштани онҳо бошад ҳам, маънои аслии он бехатарии давлати Эрон ва ягонагии онро ба вуҷуд овардан аст. Дар эпизоди ҷангҳои ӯ бо Салму Тур хислатҳои паҳлавонӣ ва ҷанговари моҳир будани вай зоҳир гаштааст. Дар нутқе, ки вай дар расми кушоди тоҷгузорӣ эрод кардааст, хислатҳои шоҳиаш аз забони худи ӯ ифода ёфтааст. Дар нутқ ӯ ҳамчун подшоҳи ҷаҳон некӯкор, бахшанда, бо бадон бадқаҳр, ғолиби подшоҳони дигар, яъне мағлубнашаванда тасвир ёфтааст:

Чу дайҳими шоҳӣ ба сар барниҳод,
Ҷаҳонро саросар ҳама мужда дод.

Ба доду ба дину ба мардонагӣ,
Бе некию покию фарзонагӣ,
Манам гуфт, бар тахтгардон сипеҳр,
Ҳамам хашму ҷанг асту ҳам доду меҳр.
Замин бандаву чарх ёри ман аст,
Сари тоҷдорон шикори ман аст.

Дар хислатҳои шахсии ӯ ҳамчун паҳлавони бемисл ҳисси бахшандагӣ ба тобеони душман, ки онҳо бештар фармонбардори шоҳи худанд, зоҳир гаштааст. Ин хислаги ӯ дар он эпизодҳо ифода ёфтааст, ки тобеон ва ходимони даргоҳи Туру Салм арзи итоат ва фармонбардорӣ карданд. Вай қасоси бобояш Эраҷро танҳо аз гунаҳгорони хуни ӯ гирифт, дигаронро бахш кард:

Сипаҳбуд Манучеҳр бинвохтшон,
Ба андоза бар пойгаҳ сохтшон.

Дар хислати шахсии ӯ на худбинӣ ва аз роҳи бобоён баргаштан, балки раъю хоҳиш ва анъанаи онҳоро дар давлатдории Эрон ва ягонагии кишвар нигоҳ доштан, ки бар зидди ҷудоиталабон аст, мушоҳида мешавад:

Ба роҳи Фаридуни фаррух равем,
Ниёмон куҳан буд гар, мо навем.

Фирдавсӣ дар хислатҳои ӯ худотарсӣ, диндорӣ, тарафдори мазлумон будан, ба бадкирдорон ва золимон ҷазо доданро акс кунонидааст, ки дар он хусусиятҳои умумихалқии ӯ зоҳир гаштааст:

Ҳар он кас ки дар ҳафт кишварзамин,
Бигардад зи роҳу битобад ӡи дин.
Намояндаи ранҷ дарвешро,
Забун доштан мардуми хешро.
Барафроштан сар ба бешин ганч,
Ба ранҷур мардум намояд ранҷ —
Ҳама назди ман сарбасар кофиранд
В-аз Оҳармани бадкуниш бадтаранд.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки Фирдавсӣ дар бораи давраи афсонавӣ — ҷамъияти бесинф сухан ронда истода, ҳамчун шоири халқпарвар, инсондӯст ва ватанпарвари замони худ— дар хусуси ҷамъияти синфӣ мулоҳиза рондааст ва ин рафтори ӯ табиист.

Хислати дигари ӯ барҳам задани зиддият ва кинаҷӯиҳои дохилӣ мебошад. Пас, вай барҳамзанандаи вайронии дохилӣ ва бавуҷудоварандаи ягонагӣ мебошад:

В-аз он пас ба шамшер ёзем даст,
Кунам сар ба сар кишвар аз кина паст.

Ба ин тариқ, Манучеҳр подшоҳи мусбатест, ки раъю хоҳиши мақбули умум аст:

Ҳама номдорони рӯи замин,
Бар ӯ яксара хонданд офарин.

Мақбули умум будан ва ба подшоҳии Эрон эътироф шудани вай аз он тасвири шоир маълум мегардад, ки аз бузургтарин саркардагони замон паҳлавон Сом, Зол ва Рустам подшоҳии ӯро эътироф намуда, ба хизмати давлаташ миён мебанданд:

Ҷаҳонпаҳлавон Сом бар пой хост,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй довари додрост.
Зи шоҳон маро дида бар дидан аст,
Зи ту доду аз ман писандидан аст.
Падар бар падар шоҳи Эрон туӣ,
Гузини далерону шерон туӣ...
Аз ин пас ҳама навбати мост разм,
Туро ҷой тахт асту бигмозу базм».

Баъд аз ин Манучеҳр ба қувваи Сом ва Зол такья намуда, бо маслиҳату савобдиди онҳо ва мӯбадон кор бурдааст. Дар муносибат ба Меҳробшоҳи кобулӣ ва духтари ӯро ба занӣ гирифтани Зол (бинобар аз авлоди Заҳҳок буданаш) зиддият нишон дода бошад ҳам, баъд аз он ки Зол ӯро аз паҳлавони оянддаи Эрон шудани фарзанди худ хабар дод, розӣ шуд.

Манучеҳр дар васиятномаи худ ба писараш Нӯзар ӯро ба роҳу равиши тахту тоҷи падару бобои худ содиқ будан даъват намуда, аз омадани пайғамбару дини нав, ки кори ҷаҳонро тоза хоҳад кард ва ҳамчунин аз хавфи дар пешистодаи туркони Тӯрон хабар дода, таъкид кардааст, ки ба пайғамбари нав хашму кина нагирад ва аз зарарҳои ҳуҷуми туркон эмин набошад ва дар ин кор аз Сому Золу Рустам ёрӣ ҷӯяд:

Кунун нав шавад дар ҷаҳон доварӣ,
Чу мӯбад биёяд ба пайғамбарӣ.
Падид ояд он кас зи ховарзамин,
Нигар, то натозӣ бари ӯ ба кин....
В-аз он пас зи туркон биёяд сипоҳ,
Ниҳанд аз бари тахти Эрон кулоҳ...
Биҷӯй, эй писар, чун шавад доварӣ,
Зи Золу зи Сом он гаҳе ёварӣ
В-аз он навдарахте, ки аз бехи Зол
Баромад, кунун баркашад шоху ёл.

**Образи Қайхусрав**

Хусрав ё ки Қайхусрав писари Сиёвуш, набераи Афросиёб буда, аз ҷинси эронӣ ва тӯронист. Саргузашти пурмоҷарои ӯ ба воқеаҳои ба сари Сиёвуш овардаи Судоба, Қайковус, Афросиёб, Гарсеваз, ниқорталабии ӯ аз Афросиёб ва ҳимояи Эрон аз ҳуҷуми тӯрониён вобастагӣ дорад. Ниқоргирии ӯ аз душманони хориҷӣ ва дохилӣ бар ивази хуни падар ва бобо яке аз мазмуни анъанавии достонҳои «Шоҳнома» аст. Ниқоргирии Ҳушанг ва Таҳмурас аз девон барои Сиёмак, Фаридун аз Заҳҳок барои падараш Обитин; Манучеҳр аз Салм ва Тур барои Эраҷ; Қайхусрав аз Афроисиёб ва Гарсеваз барои Сиёвуш ва ғайра далели

ақидаи болост. Қасоси хуни ноҳақ ва дар ин асос барқарор намудани ҳуҷуми тахту тоҷ ва ҳимояи Эрон аз хавфи ҳуҷуми душманони дохилӣ ва хориҷӣ санги маҳаки тамоми «Шоҳнома» аст, ки дар сар то сари он чун хатти сурх кашида шудааст.

Саргузашти Кайхусрав аз он воқеаи мудҳиш сар мешавад, ки Афросиёб Сиёвушро бо тӯҳмати Гарсеваз кушт ва мехост тухми Кайхусравро ҳам аз байн бардорад. Эҷоди образи ӯ аз рӯзи таваллудаш оғоз ёфтааст. Ба дунъё омадани ӯ барои бо хислати неки худ ободу шодон гардондани ҷаҳон будааст. Ин маънӣ ба воситаи хоби размноки Пирон ифода ёфтааст:

Чунон дид солор Пирон ба хоб,
Ки шамъе барафрӯхта з-офтоб.
Фаридуни гурд аст, гӯӣ ба ҷой,
Ба фарру ба чеҳру ба дасту ба пой.
Ҷаҳонро ба меҳри вай ояд ниёз,
Бар Эрону Тӯрон барандаш намоз.

Вале аз хавфи Афросиёб, ки душмани Сиёвуш ва Эрон буд, Кайхусравро ба тарбияи чӯпоне медиҳад, то ки бобояш тадриҷан ӯро фаромӯш кунад. Вай ҳар қадар калон мешуд, ҳамон қадар хислатҳои паҳлавонӣ аз худ зоҳир мекард:

Чу шуд ҳафтсола гави сарфароз,
Ҳунар бо нажодаш ҳамегуфт роз.
Зи чубе камон кард в-аз рӯда зеҳ,
Зи ҳар сӯ барафканда бар зеҳ гиреҳ.
Абе парру пайкон яке тир кард,
Ба дашт андар оҳанги нахчир кард.
Чу даҳсола шуд, гашт гурде сутург,
Ба ҷанги гуроз омаду размі гург.

Вақте ки ба воя расид, паҳлавони беназир шуд. Боре Афросиёб талаб кард, ки ӯро ба наздаш биёранд, сарлашкари некхислати Афросиёб Пирон ӯро бовар кунонд, ки бачаи камақл ва безарар аст. Ба Кайхусрав ҳам ёд дод, ки дар назди бобояш худро ба нодонӣ ва гарангӣ занад, то ки аз наберааш бепарво шавад, хавф набарад:

Марав пеши ӯ ҷуз ба бегонагӣ,
Магардон забон ҷуз ба девонагӣ.
Магард ҳеҷ гуна ба гирди хирад
Як имрӯз бар ту магар бигзарад.

Вақте ки ӯро оварданд, подшоҳ ҳар чӣ савол медод, ҷавобҳои беақлона мегирифт:

Бипурсид бозаш зи омӯзгор,
Зи неку бади гардиши рӯзгор
Бад-ӯ гуфт: «Ҷое, ки бошад паланг,
Бидаррад дили мардуми тезчанг»...
Бихандид Хусрав зи гуфтори ӯй,
Сӯи паҳлавонон — сипаҳ кард руй.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин дил надорад ба ҷой,
Зи сар пурсамаш посух орад зи пой».

Пирон бо хавф ба гуфтори Қайхусрав гӯшу ҳуш дод, вале ӯ аз гуфтаи вай набаромада, ҳар чӣ ёд дода буд, иҷро кард. Баъд аз ин, Афросиёб аз Қайхусрав хотирҷамъ шуда, либосу аспи шоҳӣ дода, ӯро ба шаҳри падараш сохтагӣ Сиёвушгирд фиристод ва ӯ бо модараш Фарангис буд. Аз паҳлавонони Эрон Гударз дар хоб сурушеро дид, ки мегуфт: дар Тӯрон аз нажоди шоҳони Эрон — аз авлоди Сиёвуш шоҳзодае аз модари тӯронӣ ҳаст, ки барои хуни падар дилаш пур аз кини Афросиёб аст ва онро танҳо писари Гударз Геви паҳлавон ёфта метавонад. Ӯро оварда бар тахти Эрон бояд нишонд. Ғев ба ҷустуҷӯи ӯ ба Тӯрон рафт, вале ҳеҷ кас аз вай нишоне намедод. Вай дар дашту кӯҳу баҳр ташнаву гурусна мегашт. Дар марғзоре шоҳзодае дучор омад, ки аз рӯи ӯ фарри шоҳии Эрон намудор буд ва ба Сиёвуш монандӣ дорад:

Зи болои ӯ фаррии эзидӣ,
Падид омаду рояти бихрадӣ.
Ту гуфтӣ: Сиёвуш бар тахти оҷ,
Нишастасту бар сар зи фирӯза тоҷ.

Қайхусрав бо фаросат дарьёфт, ки ин паҳлавон Гев аст ва ба ҷустуҷӯи ӯ омадааст, то ки вайро ба Эрон бурда ба тахти шоҳӣ нишонад:

Ба дил гуфт: ин гурд ҷуз Гев нест,
Бад-ин марз худ з-ин нишон нев нест.
Маро кард хоҳад ҳаме хостгор,
Ба Эрон барад, то кунад шаҳриёр.

Қайхурсрав аз бобояш, Рустами Дастон ва дигар паҳлавонону номдорони Эрон ҳолпурсӣ кард. Гев ӯро шинохт, ки аз нажоди каён аст. Ҳар ду аз бешазор ба роҳ даромаданд ва ба шаҳри Сиёвушгирд ба назди Фарангис рафтанд. Онҳо ба маслиҳати модар — Фарангис ҳар чӣ тезтар аз Тӯрон рафтанӣ шуданд, то ки Афросиёби бадандеш хабардор нашавад. Бо маслиҳати Фарангис Беҳзод ном аспро аз галаи марғзор гирифт ва зину лаҷому саворӣ кард. Ҳар се пинҳонӣ роҳи Эронро пеш гирифтанд:

Бад-он, то ниҳонӣ бувад корашон,
Набошад кас огаҳ зи бозорашон.

Пирон аз шунидани ин воқеа ва ҷавобгарӣ дар назди Афросиёб ба ташвиш афтода, аз паи онҳо паҳлавонон ва аскарони туркро фиристод, ки дастгир кунанд. Қайхусрав ва модараш дар хоб буданду Ғев бедор, аксарони турк расиданд, вале худи Гев онҳоро мағлуб кард. Он гоҳ худи Пирон аз паи Қайхусрав омад, бо Гев ҷанг кард, вале гирифтор шуд, аммо Фа-

рангис ӯро озод кард. Аз ақиби онҳо Афросиёб таъқиб мекард, вале Қайхусрав ба дарьёи Ҷайҳун даромад, то ки ба Эрон гузарад. Гӯё дарьё ҳам бо ёрии яздон ба вай мусоидат мекард. Ҳар чанд ки Қайхусрав ба яздон муроҷиат карда, бо модару Гев ба дарьё даромадааст, вале, пеш аз ҳама, ин кор аз ҷасорат ва қаҳрамонии ӯ буд, ки аз он ҳол киштибон ҳам дар ҳайрат буд:

Баҳорону Ҷайҳуну оби равон,
Се аспу се ҷавшан, се баргустувон,
Бар ин жарфдарьё чунин бигзарад,
Хирадмандаш аз мардумон нашмарад.

Фирдавсӣ ин рафтор ва ҷасорати Қайхусравро аз забони Гев ба дарьёи Арвандруд (Даҷла)-ро гузаштани Фаридун монанд кардааст. Қайхусрав аввал ба Исфаҳон ба назди Гударз ва аз он ҷо ба назди бобояш Ковус омад ва ҳамаи саргузашти худро, ки аз Афросиёб омада буд, нақл кард. Вай ҳамчун шахси намакшинос хизмате, ки Гев дар озодӣ ва овардани вай кардааст, бо изҳори миннатдорӣ қайд намуд.

Вақте ки ҳама омадани Қайхусрав ва ба ҷои бобояш ба тахти шоҳӣ муносиб будани ӯро эътироф карданд, аз саркардагон Тӯс ин равишро қабул накард, зеро худро, ки аз авлоди Эраҷ ва писари Нӯзар буд, лоиқи тахти шоҳӣ медид, Қайхусравро аз авлоди Пашанг ва Афросиёби туронӣ медонист:

Ҷаҳондор, к-аз тухми Афросиёб,
Нишонем, бахт андар ояд ба хоб.

Ғайр аз ин, ӯро нодон шуморида писари Ковус Фарибурзро лоиқи тахт шуморид ва далел меоварад, ки аз бегонагон хеш надорад:

Ту ин ранҷҳоро, ки бурдӣ бар аст,
Ки Хусрав ҷавон асту кундовар аст.
Касе, к-ӯ бувад шаҳриёри замин,
Ҳунар бояду гавҳару фарру дин.
Фарибурз фарзанди Ковусшоҳ,
Сазовортар з-ӯ ба тахту кулоҳ.

Дар ин фикрҳо, ки бар зидди Қайхусрав баён шудааст, зиддиятҳои хонадонӣ акс ёфтааст. Дар ҷавобҳои ба Тӯс додаи Гев ва аз Тӯс хашм гирифтани Гударз сазовори тахти шоҳӣ будани Қайхусрав эътироф шудааст:

Ба Эрон набошад чу Хусрав савор,
Бар ин зини заррин чун ӯ шаҳриёр.

Сифатҳои Қайхусрав ва сазовори тахт будани ӯ бар зидди Тӯс аз забони Гударз ифода ёфтааст:

Ба гетӣ касе чун Сиёвуш набуд,
Чун ӯ радду бедору хомӯш набуд.
Кунун ин ҷаҳонҷӯй фарзанди ӯст,

Ҳамон аст гӯӣ ба чеҳра ба пӯст.
Гар аз Тур дорад зи модар нажод,
Ҳам аз тухми шоҳӣ напечад зи дод.
Ба Эрону Тӯрон чунон мард нест,
Чунин хомгуфторат аз баҳри чист?!

Он гоҳ Гударз ва Тӯс ба назди Қовус мераванд, то ки худи ӯ валиаҳдро муайян кунад. Қовус масъаларо худ ҳал карда натавониста, шарт мегузорад ва мегӯяд, ки дар шаҳри Ардабил Аҳриман ҳаст, ки оташпарастонро дар азоб дорад, ҳар кӣ ӯро бо теғ мағлуб кунад, шоҳ ӯст ва тахт аз они вай аст. Тӯсу Гударз розӣ мешаванд, вале қалъаи Баҳманро Фарибурзу Тӯс як хафта ҷангида гирифта натавониста буданд, аммо Кайхусрав онро гирифт ва Қовус ӯро ба тахти шоҳӣ нишонд:

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама зарру гавҳар барафшонданд.

Пас, шоҳӣ на танҳо аз рӯи авлод, балки далерӣ, қаҳрамонӣ ва лашкаршиканист. Баъд аз ин, подшоҳии Кайхусрав меояд ва ӯ ҳамчун шоҳ тасвир мешавад. Аз рӯи гуфтаҳои пешакӣ, ки дар бораи ӯ сухан рафтааст, вазифаи аввалдараҷаи вай аз Афросиёб барои Сиёвуш—падараш қасос гирифтан аст, пас, ҷангҳои Эрону Тӯрон боз дар пеш аст. Аммо вай подшоҳиро аввал аз адлу дод ва бахшишҳо сар кард, ки идеали шоир мебошад:

Бигустурд гирди ҷаҳон додро,
Биканд аз замин бехи бедодро...
Ҳар он ҷо, ки вайрон буд, обод кард,
Дили ғамгинон аз ғам озод кард...
Замин чун биҳиште шуд ороста,
Зи доду зи бахшиш пур аз хоста.
Ҷаҳон шуд пур аз хубию эманӣ,
Зи бад баста шуд дасти аҳриманӣ....
Таҳамтан сӯи шоҳ бинҳод рӯй,
Або шодкомию бо рангу бӯй...
Чу Хусрав гави пилтанро бидид,
Сиришкаш зи мижгон ба хун барчакид.
Фуруд омад аз тахту кард офарин,
Таҳамтан бибӯсид рӯи замин...
Надидам ман андар ҷаҳон тоҷвар,
Бад-ин фарру монандагӣ бо падар.

Баъд аз ин, Кайхусрав ҳамчун подшоҳи мамлакат барои огоҳ шудан аз ҳоли он ба кишварбинӣ мебарояд ва харобии ватанро мебинад, ки аз душманон омадааст:

Чу анбӯҳ гаштанд бари пешгоҳ,
Чунон гуфт шоҳи ҷаҳон бо сипоҳ:
Ки «Хоҳам, ки бинам саросар замин,—
Ҳама марзи Эрони боофарин...
Ҳар он буму бар, к-он на обод буд,
Табаҳ буду вайрон зи бедод буд.
Дирам доду обод кардаш зи ганҷ,
Зи доду зи бахшиш наёмад ба ранҷ».

Баъд аз он ки кишварро ободу халқу сипоҳро дилшод кард, бо Қовус аҳд баст, ки аз Афросиёб кини падар биҷӯяд. Барои ин кор қувваҳои ҷангии худро ороста кард. Ба Рустам супорид, то ки шаҳрҳои аздастрафтаи Эронро аз Тӯрон баргардонад. Тӯсро бо вуҷуди ба подшоҳии худ муқобил будан, сарфармондеҳи лашкараш таъин мекунад, ки аз ин рафтори ӯ бекинагӣ, бо авлодони хонадонӣ, паҳлавононҳо ва сарлашкарҳои эронӣ созиш доштан ва шахси сиёсатдон будани вайро маълум мекунад. Вай аз хатокориҳои аввалини кинагирӣ дар Тӯрон, ки як мисоли он кушта шудани бародарандараш Фуруд дар ҷанги Тӯс аст, афсӯс мехӯрад ва хеле ғамгин мешавад:

Дареғ он бародар Фуруди ҷавон,
Єари номдорону пушта гавон.
Зи кори падар зору гирьён будам,
Пур аз дард якчанд бирьён будам.
Кунун бар бародар бубояд гирист,
Надонам маро душману дуст кист.

Барои ин гуна беандешагиаш Тӯсро аз ҷанг баргардонид ва сарзаниш карду ҷазо дод. Пас вай шоҳи одил, фармондеҳ ва ба кори бад мукофоти баддиҳанда аст:

Ба дашном букшод лаб шаҳриёр,
Бар он анҷуман Тӯсро кард хор...
Каёнӣ кулоҳу камар додамат...
Ба пайкори душман фиристодамат...
Нахустин ба кини ман оростӣ,
Нажоди Сиёвушро костӣ...
Зи пешаш биронду бифармуд банд,
Ба банд аз дилаш бехи шодӣ биканд.

Қайхусрав шоҳи ростгӯй ва росткор аст. Вақте ки паҳлавон Гургин Бежанро танҳо монда ба Эрон баргашт, дар бораи Бежани ба зиндони Афросиёб афтода дурӯғ гуфт, ки гӯё вай дар роҳ дар ҷангал аз паи гӯр ба шикор рафта, замин кафида ҳамроҳи гӯр ба он ғор рафта бошад. Вақте ки Гев Гургинро ба назди шоҳ оварду ин дурӯғро фош кард, Хусрав ба ӯ низ ҷазо медиҳад:

Ҳам андар замон пой кардаш ба банд,
Ки аз банд гирад бадандеш панд.

ва ба Гев фармон медиҳад, ки дар ҷустуҷӯи Бежан бошанд ва худаш ӯро дар ҷоми гетинамо мебинад, ки дар чоҳ банд ва як духтар ба ӯ ғамхор аст. Вай аз ин ҳол огоҳ шуда ба Гев хабар медиҳад, ки Бежан дар Тӯрон зинда дар банд аст ва бояд ӯро озод кард. Ин факт ғамхории Қайхусравро нишон медиҳад, ки ба ҳар ҷанговари худ дорад. Вай барои халосии Бежан ба Рустам муроҷиат менамояд:

Чунон чун бибояд бисозӣ наво,
Магар Бежан аз банд ёбад раҳо.

Вай дар ҳама ҳолат чораҷӯи давлати Эрон аст. Вақте ки шикасти эрониёнро аз турониён дид, сарфамондеҳиро ба Рустам супурд. Хусрав базморо, шодию хурсандидӯст аст. Бинобар ин, дар ҳар маврид ҷашн ва базм меорост. Вай ба маслиҳатҳои Рустам дар ҳама кор ҳамфикр аст. Вақте ки Рустам бо хоҳиши амаки угаяш модари ӯро барои Фарибурз ба занӣ хостгорӣ кард, розӣ шуд ва ғ. Қайхусрав дар ҷанг тарафдори ғоратгарӣ ва хобобӣ нест, вай фақат бо бадиҳо, беадолатӣ ва кинаварон ҷанг дорад. Бинобар ин, ба аскарон ва сарлашкаронаш панд медиҳад, ки дар ҷанг худсарӣ накунанд:

Нигар, то наёзӣ ба бедод даст,
Нагардонӣ айвони обод паст.
Қасе, к-ӯ ба ҷангат, набандад миён,
Чунон соз к-аз ту набинад зиён...
Чу лашкар сӯи марзи Тӯрон барӣ,
Макун тез дилро ба оташсарӣ...
Ба ҳар кор бо ҳар касе дод кун,
Зи яздони некидиҳаш ёд кун.
Ба панди фаровон-ш бикшой гӯш,
Бирав чодари меҳрубонӣ бипӯш...
Беозор лашкар ба фармони шоҳ
Ҳамерафт манзил ба манзил ба роҳ.

Вай ҳамин тавр бо вуҷуди ғолибӣ дар кишвари мағлуб ҳам адолатро пеш гирифта, ба лашкариёнаш панд додааст:

Зи дилҳо ҳама кин берун кунед,
Ба меҳр андар ин кишвар афсун кунед...
Бинӯшеду хубӣ ба кор оваред,
Чу дидед, сармо, баҳор оваред...
Зи хун рехтан даст бояд кашид,
Сари бегуноҳон набояд бурид.
На мардӣ бувад хира ошуфтан,
Ба зер андаровардаро кӯфтан.
Зи пӯшидарӯён бипӯшед рӯй,
Ҳар он кас ки пӯшида дорад ба кӯй.
Зи чизи касон сар бупечед низ,
Ки душман шавад дӯст аз баҳри чиз.
Наёяд ҷаҳонофаринро писанд,
Ки ҷӯянд бар бегуноҳон газанд.

Хусрав ҳамчун шоҳи сиёсатдон ба аскарону саркардагони душман, ки таслим шуда буданд, низ раҳму шафқат карда, хешовандони Афросиёбро бахшид. Он гоҳ ҳама ба вай дӯст ва тобеъ шуданд:

Зи ҳар сӯ пароканда бе мар сипоҳ
Зи туркон биёмад ба наздики шоҳ.
Ҳамедод зинҳору бинвохт-шон,
Ба зудӣ ҳама корҳо сохт-шон.
Саронро зи Тӯронзамин баҳр дод,
Ба ҳар номдоре яке шаҳр дод...
К-аз ин пас шуморо зи ман бим нест,
Маро бевафоӣ чу дижхим нест.

Кайхусрав на танҳо шоҳи одил ва сиёсатдон, балки ҷанговару паҳлавони беҳамто ҳам мебошад. Вай дар ҷанг бо Афросиёби бадҳоҳ, ки дар қуввват аз Рустам кам нест, ғолиб омад ва писари ӯ Шедаро дар ҷанг кушт.

Ҳамин тавр, Кайхусрав то охири умр одил ва оқил, сиёсатдон, баандеша, донишманд ва ғамхор аст. Вай некии ҳеҷ касеро фаромӯш намекунад. Вақте ки Пирон аз лашкари Эрон кушта шуд, бо вуҷуди душман буданаш ба хотири он ёриҳое, ки дар бачагиаш ба Хусрав дода буд, фармуд, ки ӯро бо иззату обрӯ дафн кунанд. Вай ҳиммати олии инсонӣ дорад. У асири худ Ҷаҳнро аз банд озод карда, ҳукмронии Тӯронро дод. Вай баъд аз он ки аз подшоҳӣ ноумед шуд, ба ҳама бахшишҳои зиёде кард ва фармуд, ки як ҳафта шодию хурсандӣ кунанд. Дар васияти худ ба Гударз маслиҳатҳои хуб дод:

Нигаҳ кун работе, ки вайрон бувад,
Пуле, к-он ба наздики Эрон бувад.
Дигар обгире, ки бошад хароб,
Аз Эрону аз ранҷи Афросиёб.
Дигар кӯдаконе, ки бемодаранд,
Заноне, ки бешӯю бечорааанд,
Дигар он, к-аш ояд ба пирӣ ниёз,
Зи ҳар кас ҳамедорад ӯ ранҷ боз.
Бар ишон дари ганҷ баста мадор,
Бубахшу битарс аз бади рӯзгор!

Фирдавсӣ ба Кайхусрав ҳамаи сифатҳои неке, ки ба подшоҳи идеалӣ додан мумкин буд, мансуб донистааст. Дар тамоми достон, махсусан, дар охири умр ӯро худотарсу худоҷӯй маънидод кардааст, ки дар бораи ҷаҳон ақидаи файласуфона дорад:

Шунидему дидем рози ҷаҳон,
Баду некро ошкору ниҳон.
Кашоварз бошад в-агар тоҷвар,
Саранҷом бар марг бошад гузар.

Фирдавсӣ ин шоҳи иедалии худро дар мисоли гирифтани мотами умумихалқӣ ва гӯш кардан ба пандҳои ӯ маҳбуби ҳамаи халқ донистааст:

Паси пардаҳо кӯдаку марду зан,
Ба кӯю ба бозору бар анҷуман.
Хурӯшидану нолаву оҳ буд,
Ба ҳар барзане мотами шоҳ буд...
Ҳама номдорони Эронсипоҳ,
Ниҳоданд сар бар замин пеши шоҳ.
Ки мо панди шаҳро ба кирдори ҷон,
Бидорем то ҷон бувад ҷовидон.

**Образи Искандар**

Образи Искандар мебоист таърихан манфӣ мешуд, зеро вай дар таърих ҳамчун истилогари Эрон маълум ва машҳур аст. Доираҳои аристократии Эрони Қадим, барои он ки айбу шармандагии

аз аристократияи Рум мағлуб шудани худро рупӯш намоянд, Искандарро писари шоҳи Эрон ба қалам доданд. Аз ин ҷо масъалаи мусбат ва идеалӣ нишон додани образи ӯ ба миён омадааст. Азбаски Фирдавсӣ дар тасвири ӯ аз паи нақлҳои сохтаи адабиёти доираҳои аристократӣ рафта, ӯро писари Дороби Эрон аз зани румиаш маънидод кардааст, мисли Кайхусрав — писари Сиёвуш ҳуқуқи ворисӣ ба тахту тоҷи Эрон пайдо кардааст. Аз рӯи ин нақл Дороб баъди ғалаба бар Қайсари Рум Файлақус духтари ӯ Ноҳидро ба занӣ гирифт, вале бинобар аз даҳонаш бӯи бад омадан, баргардонд, аммо обистан дошт. Фарзанди Ноҳидро «Искандар» номиданд, ки номи гиёҳе дору буд. Дороб зани дигар гирифт. Фарзанди ӯро «Доро» ном карданд. Доро ва Искандар аз ду зани ӯ буданд. Пас, ҷангҳои Искандар дар Эрон на ҷангҳои истилогаронаи румиён, балки ҷангҳои дохилии бародарон барои тахти меросии падар аст. Аз ин рӯ, дар ҷанг шармандавор мағлуб шудани аристократияи Эрон аз аристократияи юнонӣ гӯё айбе нест, зеро ин аз ҷангҳои хонадонӣ аст. Бо вуҷуди ин, чунин сохтакорӣ ин нангро аз эрониён дур намекунад, зеро бародар ба бародар ғолиб бошад ҳам, лашкари Эрон аз лашкари Рум мағлуб шуд, аслиҳаи эронӣ аз аслиҳаи румӣ шикаст хӯрд, насли нимрумию нимэронӣ (Искандар) ба насли пурраи эронӣ (Доро) ғолиб омад.

Искандар гӯё дар хонаи бобояш Файлақус бе ғамхории падар тарбия ёфт:

Наёвард кас номи Дороб-бар,
Сикандар писар буду Қайсар падар.
Ҳаме нангаш омад, ки гуфтӣ ба кас,
Ки Доро зи фарзанди ман кард бас.

Искандар бе падар тадриҷан тарбия ёфт, ба воя расид ва ҳамаи ҳунарҳоро омӯхт ва ҷонишини Файлақус шуд:

Сикандар дили хусравонӣ гирифт,
Сухан гуфтану паҳлавонӣ гирифт.
Фузун аз писар доштӣ Қайсараш,
Биёростӣ паҳлавонӣ бараш.
Хирад ёфт лахтеву шуд кордон,
Ҳушивору босангу бисьёрдон.

Искандар ба ҷаҳонгирӣ оғоз карда, аввал Мисрро забт менамояд, ба назди лашкари Доро дар либоси фиристодаи худ омада, бо ӯ суханронӣ мекунад:

Маро орзу нест бо шоҳ ҷанг
На дар буми Эрон гирифтан диранг...
Ҷу разм оварӣ бо ту разм оварам,
Аз ин бум бе ҷанг барнагзарам.

Доро аз суханҳои ӯ нишонаи подшоҳони каёниро шинохт:

Бад ӯ гуфт: «Ному нажоди ту чист,
Ки бо фарру шохат нишони каист?

Аз андозаи кеҳтари бартарӣ,
Ман, эдун гумонам, ки Искандарӣ».

Аммо Искандар сир намедод. Дар вақти зиёфат май менӯшид. Аз фиристодагони Доро ба Рум, ки боҷгирӣ рафта, аз Искандар ҷавоби рад оварда буданд, ӯро шинохта, пинҳонӣ ба подшоҳ арз карданд, вале Искандар ва ҳамроҳонаш аллакай шабона рафта буданд. Аскарони Доро ӯро дастгир карда натавонистанд. Искандар ин ғафлати онҳоро фоли нек гирифт ва дар бораи давлату аскарони Доро ҳам маълумот ба даст оварда буд. Бинобар ин, аскаронашро ба ҷанги ғолибона даъват кард:

Ба гурдон чунин гуфт, к:—«Обод бед,
Бад-ин фаррухӣ фоли мо шод бед!
Ҳам аз лашкараш баргирифтам шумор,
Фаровон кам аст аз шунидам савор.
Ҳама ҷангро теғҳо баркашед
В-аз ин дашту ҳомун сар андар кашед».

Искандар дар се ҷанг лашкари Дороро қатъӣ шикаст дод ва ӯ гурехт ва мағлубияти худро аз тақдири осмонӣ маънидод карда, бо вай оштӣ хост, вале аз тарафи вазирони худ захмдор шуд, Искандар ба назди ӯ рафт ва арз кард, ки вай душман нест, тахту тоҷро ба ӯ боз хоҳад дод ва хиёнаткоронро ба дор хоҳад овехт, вале дер шуда буд:

Бад-ӯ гуфт, к:—«Ин бар ту осон шавад,
Дили бадсиголат ҳаросон шавад.
Ту бархезу дар маҳди заррин нишин,
Вагар ҳаст нерут бар зин нишин.
Зи Ҳинду зи Румат пизишк оварам,
Зи дарди ту хунин сиришк оварам.
Супорам туро подшоҳиву тахт,
Чу беҳтар шавӣ, мо бубандем рахт.
Ҷафопешагони туро ҳам кунун,
Биёвезам аз дорҳо сарнагун».

Дар ин гуфтаҳо Искандар на ҳамчун ҳариси молу ҷоҳу тахт, балки дорои хислатҳои олиҳимматӣ ва посдорандаи хотири шоҳону бузургон ва ҷазодиҳандаи хоинон, ки бо ин роҳ муҳаббати мардуми диёри бегона (балки мулки падараш)-ро бо худ ҷалб карданист, тасвир ёфтааст. Ин хислати ӯ дар номаи Искандар ба бузургони Эрон низ акс ёфтааст:

Бидонед к:—«Имрӯз Доро манам,
Гар ӯ шуд ниҳон, ошкор манам...
Ҳамон аст Эрон, ки буд аз нахуст,
Бибошед шодондилу тандуруст!
Пур аз дарди Дорост равшандилам,
Бикӯшам, к-аз андарзи ӯ нагсалам»

Бо ин роҳ Искандар гӯё дили мардуми Эронро ба даст овардааст:

Аз Эрон баромад яке офарин,
Бад-он додгар шаҳриёри замин.

Искандар баъди ба тахти Эрон нишастан, мувофиқи васияти Доро ва розигии зани ӯ Дилорой духтари вай Равшанакро бо тӯю тамошо ба зани мегирад. Гӯё ҳама ҷо аз сиёсати мулкдории ӯ обод мегардад:

Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод шуд,
Ба ҳар ҷой вайронӣ обод шуд.

Искандар, баъд аз он ки ҳокимияти худро дар Эрон устувор кард, ба сӯи Ҳиндустон лашкар кашид. Қайди Ҳиндӣ дар ҷавоби номаи Искандар навишт, ки чор чизи аҷиб дорам. Фиристодаи Искандар дар ин бора хабар бурд: 1. Духтари зебои шоҳ. 2. Ҷоми мае, ки маяш кам нашавад. 3. Табибе, ки аз будани ӯ шоҳ ҳеҷ вақт бемор нашавад. 4. Файласуфе, ки ҳамаро медонад. Ин чор чиз ба Искандар маъқул афтод, ваъда дод, ки агар ӯ ин чаҳор чизро фиристонад, бо подшоҳи Ҳинд ҷанг нахоҳад кард. Искандар барои дидани ин ҷаҳор чиз нӯҳ марди доноро фиристод. Онҳо он чор чизро оварданд. Искандар аз дидани духтари зебои беҳамто дар ҳайрат монд. Он гоҳ он сеи дигарро озмуд. Файласуф гуфт: дар ҷаҳон чизу боигарӣ чӣ лозим, ки ҳамеша посбони вай будан даркор аст. Ба кас дониш лозим аст, ки дониш посбони кас аст. Ин фикр ба Искандар маъқул афтод. Табиб исбот кард, ки агар аз ташвиши дору халос шудан хоҳӣ, аз муносибати зиёди ҷинсӣ худдорӣ кун:

Бад-ӯ гуфт, к:—«Аз хуфту хези занон,
Ҷавон пир гардад ба тан, бегумон.

Ин фикр ҳам аз рӯи таҷриба ба Искандар маъқул афтод. Чизи чорум ҷом буд, ки аз нӯшидан шаробаш кам намешуд. Файласуф сабаби онро эзоҳ дод, ки ин ҷом ба кӯшишу меҳнати чандсолаи одамон ба анҷом расидааст ва он худ аз худ, аз табиат намро мекашад:

Ки ин дар басе солиён кардаанд,
Бад-ин андарун ранҷҳо бурдаанд....
Ба табъ инчунин ҳам шудаст обкаш,
Зи гардун бигирад ҳаме об х(в)аш.

Искандар аз ин ҷавобҳо сарфароз шуд, ба Ҳиндустон тӯҳфаи зиёде фиристод ва он кишварро ситоиш кард:

Сикандар бихандид з-ӯ гашт, шод,
Варо гуфт: «Бе Ҳинд гетӣ мабод!»

Искандар баъд аз ин бо шоҳи дигари Ҳиндустон Фур ҷанг карда, ӯро мекушад ва аз он ҷо ба зиёрати Қаъба меравад ва роҳзанҳоро, ки дар роҳи Макка буданд, таслим мекунонад. Вай аз он ҷо ба Миср лашкар мекашад. Аз он ҷо ба тарафи

мағриб — Африкаи Шимолу Ғарбӣ меравад, як қисми Андулузияро, ки дар қитъаи Аврупо, дар Испания воқеъ аст, фатҳ карда, ба пеши подшоҳи он ҷо дар шакли фиристодаи худ меравад, вале малика Қайфода ӯро аз рӯи сурате, ки дошт, мешиносад. Онҳо сулҳ мекунанд. Вай баъд аз он Ҳабашистонро фатҳ мекунад. Аз он ҷо ба назди бараҳманҳои Ҳинд меояд ва бо онҳо сӯҳбат мекунад. Онҳо бисьёр камбағалу бечора мезистанд. Вай аз онҳо мепурсад, ки аз ӯ чӣ хоҳиш доранд. Онҳо мегӯянд: Аз марг ва пирӣ наҷот деҳ. Вай дар ин кор оҷизии худро арз мекунад. Пас, бараҳманҳо дар ҷавоб мегӯянд:

Чу донӣ, ки аз марги худ чора нест,
Зи пирӣ батар низ патьёра нест.
Ҷаҳонро ба кӯшиш чӣ ҷуӣ хаме?
Гули заҳра хира чӣ бӯӣ ҳаме?

Бараҳманҳо ӯро дар масъалаи ҷангу хунрезӣ ҳам сарзаниш мекунанд, ки ин ақида ақидаи шоир аст. Искандар танҳо ба муқобили бадон, даррандаҳо ҷанг кардани худро арз мекунад. Баъд аз ин ӯ дар байни Чину Эрон садди Искандар месозонад, то ки яъҷуҷу маъҷуҷҳо ба ин тараф наоянд. Худаш ба ҷустуҷӯи оби ҳаёт меравад.

Аз ин қабил ҳикояҳо, ки характери афсонавӣ дораду дар ҳаёти Искандар нест, дар эпизодҳои доир ба Искандар хеле зиёд аст ва тадриҷан ӯро ба тарки ҷаҳонгирӣ ва таслим ба марг меоварад, Масалан, «Гуфтугӯи Искандар бо мурғон», «Дидани Искандар Исрофилро», «Дидани Искандар дарахти гӯёро» ва ғайра. Аз ҷаҳону кори ҷаҳон дилхунук шудани ӯ дар «Номаи Искандар ба наздики Аристотолис ва посух ёфтан» ва «Номаи Искандар ба наздики модар ва андарз кардан», «Мурдани Искандар ба Бобул» ва ғайра хеле равшан ифода ёфтааст.

Саргузашти Искандар аз ҳуҷуми ӯ ба Эрон, шикаст додан ба Дорои Ҳахоманишӣ, нишастан ба тахти Эрон ва хонадор шудани ӯ ба духтари Доро — Равшанак ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат мекунад. Аммо подшоҳи нажоди каёнӣ эронӣ будан, ба эрониён бахшишҳо кардан, подшоҳи истилогари румӣ набудан, осори маданӣ ва диниро насӯзондан, дини зардуштӣ ва пайравонашро таъқиб накардан, тасвир накардани ҷангҳои харобиовар ва хунрезиҳои вай дар Осиёи Миёна ва ғайра ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат намекунад, вале Фирдавсӣ, ҳар чанд ки ҷо-ҷо Искандарро ҳамчун ҷангҷӯ ва ғоратгар тасвир карда бошад ҳам, тавонистааст, ки нафрати умумихалқиро бар зидди вай ба вуҷуд оварад, масалан, ҳангоми забти Синд:

Зану кӯдаку пирамардон ба роҳ,
Бирафтанд гирьён ба наздики шоҳ,
Ки «Эй шоҳи бедор, боз ор ҳуш,
Масӯзон бару буму кӯдак макуш....»
Сикандар бар ишон наёвард меҳр,
Бар он хастагон ҳеҷ нанмуд меҳр.

Гирифтанд аз ишон фаровон асир,
Зану кӯдаки хурду барнову пир.

Ба вуҷуди ин асосан ӯро Фирдавсӣ мусбат тасвир намудааст, ки ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд. Аз амалиёти Искандар подшоҳи идеалӣ будани ӯ маълум намешавад. Зеро некиҳои ӯро бадиҳояш барҳам мезанад ва аз сафарҳову ҷангҳои бисьёри вай кӣ буданаш чандон аён намегардад, аммо хислати мағрурии ӯ аз шикастнопазирии худ ҳамеша баралоина ба чашм бархӯрда меистад. Чунин норавшан ва як андоза хира баромадани образи Искандар шояд аз он сабаб бошад, ки Фирдавсӣ, ки ба ҳар ҳол ӯро таърихан хуб медонист ва ба вай ҳусни таваҷҷӯҳи ҳақиқӣ, чунон ки ба Фаридун ва Кайхусрав дорад, надошт ва шояд сохта будани образи ӯро ҳис мекард. Вайро аз забони бараҳманҳо, одамони мамлакати занон сарзаниш кардани Фирдавсӣ, аз забони мурғон, дарахти гӯё ва фариштаи Исрофил марги ҷавони ӯро пешгӯӣ намудани вай, дар назди марг оҷизиашро нишон додани ӯ нафрати умумиро ифода намудааст. Дар шарҳи чор чизи подшоҳи Ҳинд Кайд ва дар суҳбат бо бараҳманҳо кӯшишҳои дуньёро файлафусона эзоҳ додан ва фаҳмиданӣ шудани Искандар, аз як тараф, дар ҷавобҳо ночор монданаш, аз тарафи дигар, оҷизии ӯро акс кунонидааст, ки ба образи мусбат тасаввуршудаи вай хусусияти манфӣ ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, қаҳрамонӣ ва паҳлавониҳои ӯ, масалан, мори аждаҳо ва дар ҷанги якка ба якка Фурро куштани ӯ дар ҳиссиёти хонанда таассуроти амиқе, чунон ки Рустам дорад, намегузорад. Мамлакатҳои бисьёреро (илова ба Эрон) забт кардан, танҳо лашкари румиён гаштан ва ҷаҳонгирӣ кардани ӯ, дар охири умр ба ватан баргаштанӣ шудани вай, аз хавфи ӯ баъд аз мурдан ба Рум ҳуҷум кардани халқҳои истилошуда, бинобар он, ҳамаи сарварон ва сарлашкарҳои Эронро куштанӣ шудани вай, вале монеъ гардидани Арасту ва ғайра нишон медиҳад, ки вай маҳз истилогари румӣ буда, ӯро аз нажоди каёни Эрон нишон додан кӯшишҳои сохта аст. Бо вуҷуди ин, анъанаи Искандарро мусбат тасвир намудан дар достонҳои баъд аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба вуҷуд омада боз ҳам қувват ёфтааст. Прототипи образи Искандар ба вай монандӣ дорад.

**Образи Кисрои Нӯшинравон**

Кисрои Нӯшинравон шахси таърихӣ буда, дар солҳои 536—579 подшоҳӣ кардааст. Саргузашти ин шахс дар «Шоҳнома» то давраи ба сари тахт нишастанаш ба ҷуз рӯзи таваллуд ва бо иҷозати падараш Кубод Маздакро ба дор кашондан ва тирборон кардани ӯ тасвир наёфтааст. Аз сардори ҳаракати халқӣ Маздак ва тарафдоронашро тирборон кунондани ӯ маълум мешавад, ки образи ӯ манфист. Таърихан маълум аст, ки аристократияи феодалӣ бо ақидаи иҷтимоии Маздак, ки баробарии синфиро дар ҳуқуқ ва молу мулк талаб мекард, созиш

карда наметавонист, вале азбаски талабҳои ӯ ҳаққонист, аристократияи феодалӣ бо сардории Нӯшинравон бо баҳонаи ин, ки гӯё ӯ умумӣ кардани зан ва бо ин восита гӯё вайрон кардани оиларо талаб кардааст, бо макр аввал худаш, сонӣ пайравонашро бо зӯри аслиҳа тирборон кард:

Зану хоста бояд андар миён,
Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён.

Ӯ Маздакро харобкунандаи дини зардуштӣ шуморидааст:

Гар эдун, ки ӯро бувад ростӣ,
Шавад дини Зардушт дар костӣ.

Вай аз сустии падараш Қубод, ки гӯё дини маздакро қабул карда буд, фоида бурда, талаб кардааст, ки ихтиёри нобуд кардани Маздак ва пайравонашро ба вай диҳад:

Ба ман деҳ ваю он кӣ дар дини ӯст,
Мабодо якеро аз ин мағз пӯст.

Қисро дар тирборон кардани шӯришчиён ба ёрии мӯбадони маънавии дини расмии зардуштӣ ва синфи ҳоким такья кардааст:

Ҳамеронд фарзанди шоҳи ҷаҳон,
Сухангӯй бо мӯбадону меҳон.
Яке дор фармуд Қисро баланд,
Фурӯҳишта аз дор печон каманд
В-аз он пас бикушташ ба борони тир,
Ту гар бо хушӣ, роҳи Маздак магир!

ва бо ин роҳ синфи ҳокими феодалӣ, молу мулк ва зану фарзанди худро аз чораҳои зиддифеодалии Маздак халос кардааст:

Бузургон шуданд эмин аз хоста,
Зану зодаву ганҷи ороста.

Ҳарчанд ки муносибати Фирдавсӣ дар ин ҷо бо ифодаи «роҳи Маздак магир» ба ҳаракати маздакӣ манфист ва Қисрои Нӯшинравонро маҳкум накардааст, вале дар тасвир образи Маздак мусбат мебошад ва ба вай ҳусни таваҷҷӯҳ дорад.

Дар тасвири Фирдавсӣ Қисро баъд аз торумор кардани Маздак ва пайравонаш мусбат аст, зеро гӯё ба камбағалон чиз, ба оташкадаҳо ёрии моддӣ ва ходимонаш хилъатҳо бахш ва ҳадья кардааст:

Ба дарвеш бахшид бисьёр чиз,
Бар оташкада хилъат афганд низ.

Баъд аз ин воқеа Қисро валиаҳди Қубод таъин шуда, ба подшоҳӣ нишастааст ва гӯё кори тахту тоҷи ҷаҳонро тоза кардааст:

Ҷаҳон тоза гашт аз сари тоҷи ӯй,
Або гургу меш об хӯрдӣ ба ҷӯй.

Ба мӯбадони дини зардуштӣ, ки дар мубориза бо Маздак Қисроро тарафдорӣ карда буданд, хилъат додани вай ҷои шубҳае нест, аммо аз шӯришчиёнро қир кардани ӯ ва зинда ба зинда гӯр кардани онҳо маълум мешавад, ки ба дарвешон раҳму шафқату бахшиш накардааст. Мумкин аст, ки барои авомфиребӣ баъзе бахшишҳо карда бошад, ки моҳияти синфии Қисроро тағьир намедиҳад.

Фирдавсӣ баъд аз ин воқеа образи Анӯшервонро мусбат ва гузаронандаи ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фуқаропарвар, ватандӯст ва ободкунандаи кишвари Эрон маънидод кардааст.

Мумкин аст, ки Қисро ҳамчун подшоҳи сиёсатдони замони худ барои тағьир додани вазъияти пуризтироби замон баъзе ислоҳоти моддӣ ва иҷтимоӣ дохил карда бошад, вале ин ҳол табиатан одил будани ӯро нишон намедиҳад.

Шоир дар боби «Андарз кардани Нӯшинравон сардорони Эронро» аз забони Қисро дар бораи адолат, ростӣ ва сидқу вафо сухан ронда, ӯро ҳамчун подшоҳи одилу доно нишон додааст:

Агар подшоро бувад пеша дод,
Шавад, бегумон, ҳар кас аз дод шод.

Ислоҳоти Қисро, ҳар чанд ки дар хроникаҳои расмӣ зикр наёфтааст, аз рӯи тасвири Фирдавсӣ аз он иборат аст, ки ӯ мулки худро ба чор қисм ҷудо карда, миқдори андозро тағьир дода, аз заминҳои нокишта андоз нагирифт, кӯшиш намуд ки, хурдонро ба дараҷаи калоншавандагон бардорад, заминҳоро ба деҳқонон дода, ба онҳо тухмӣ ва чопор диҳад, то ки заминҳо аз киштан намонанд:

Чу Қисро нишаст бар сари тахти оҷ,
Бубахшид бар ҷои даҳьяк хироҷ.
Зи даҳьяк бар он буд, ки камтар кунад,
Бикӯшад, ки кеҳтар чу меҳтар кунад.
Ҳама подшоҳӣ шуданд анҷуман,
Заминро бубахшиду барзад расан.
Касеро куҷо тухм ё чорпой
Ба ҳангоми варзиш набудӣ ба ҷой,
Зи ганҷи шаҳаншоҳ бардоштӣ,
Зи киштан замин хор нагзоштӣ.
Ба нокишта андар набудӣ сухан,
Пароканда шуд расмҳои куҳан...
Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод кард,
Ба ҳар ҷой вайронӣ обод кард.

Акси масъалаҳое, ки дар порча тасвир ёфтааст, боиси ҳаракат ва шӯриши Маздак шуда буд. Фирдавсӣ иҷрои онро бо кӯшиши Қисро ва анҷумани шоҳӣ ба амал оварда, чунин ақидаеро баён намудааст, ки ислоҳоти хоҷагӣ аз боло ҷорӣ кар-

да шавад, то ки чи давлати шоҳӣ, синфи ҳоким ва чи деҳқонон қаноатманд бошанд. Ин таклиф ақидаи адолатхоҳонаи Фирдавсӣ буда, ҳам манфиати деҳқонон ва ҳам нигоҳ доштани шоҳию синфи дороро ба назар доштааст ва сохти хоҷагию давлатдории феодалиро, ки ба ақидаи деҳқонӣ мувофиқат мекард, нигоҳ медорад, зеро мамлакатро бе подшоҳ тасаввур карда наметавонист. Ақидаи иҷтимоии Маздак ҳам ҳамин буд, ки ислоҳоту талаби деҳқононро аз боло ба воситаи шоҳ ба вуҷуд орад.

Аз рӯи ин тасвири Фирдавсӣ образи Қисро мусбат шуда мебарояд, вале шӯришгаронро қир кунондани ӯ образи мусбаташро сиёҳу доғдор менамояд: вай метавонист бе хунрезии зидди деҳқонон ин ислоҳотро ҷорӣ карда, деҳқононро осуда ва шӯришро хомӯш гардонад.

Қисро мисли шоҳони дигар худро диндор, худоҷӯй вонамуд карда, ҳамаи корҳои худро аз худо медонад:

Маро дод фармуд худ довар аст,
Зи ҳар бартарӣ ҷовидон бартар аст.

Қисро барои иҷрои ин мақсад ва нақшаҳои худ ба кордорони мамлакат нома навишта, даъват кардааст, ки онҳоро ба амал оранд. Шоир дар хулосаи нома боз подшоҳро ба адолатшиорӣ даъват намуда, онро асоси ҷовидонии номи ӯ шумоhad:

**Агар додгар бошӣ, эй шаҳриёр,**
**Бимонӣ ба гетӣ яке ёдгор,**
**Ки ҷовид ҳар кас кунад офарин,**
**Бар он шоҳ к-обод шуд з-ӯ замин.**

Баъд аз ин воқеа ҳам образи Қисро ҳамеша мусбат тасвир ёфтааст. Дар замони ӯ гӯё адлу дод ҷорӣ мешавад, илму дониш (фарҳанг) инкишоф меёбад, вай мулки худро гашта, камбудиҳоро бартараф мекунад, атрофи шаҳру деҳотро девору қалъа мекунонад, то ки мардум аз душман озор набинанд:

**Ҳамон, к-аз ин гуна созем банд,**
**Зи душман ба Эрон наёяд газанд...**
**Кишоварзу деҳқону марди нажод**
**Набояд, ки озор ёбад зи бод.**

Қисро на танҳо ба мамлакату халқи худ, ба ҳамсоягон ҳам барои адлу дод ғамхорӣ мекунад. Масалан, вай ҷавобан ба арзу доди подшоҳи араб Манзари Тозӣ, аз бедоди Қайсари Рум, ба таҷовузкор номаи сулҳҷӯёна менависад ва баъд аз ҷавоби рад ба муқобили ӯ лашкар мекашад ва мамлакати Румро фатҳ менамояд ва онро обод мегардонад. Қисро подшоҳи оқил бошад ҳам, бо маслиҳати сарвазираш Бузургмеҳр кор мекард. Ин маъниро аз панд гуфтани Бузургмеҳр фаҳмидан мумкин аст. Фирдавсӣ ба ин восита зарурати дар назди шоҳ будани ҳакими донишмандро қайд кардааст. Бо вуҷуди ин ба Бузург-

меҳр хашм гирифтан ва ӯро ҳабс кардани подшоҳ рафтори худсаронаи Нӯшинравонро нишон медиҳад. Аммо Фирдавсӣ дар як силсила пандномаҳои дуру дарози худ аз қабили «Сухан гуфтанҳои Бузургмеҳр бо Нӯшинравон», «Гуфтор андар тавқеи Нӯшинравон», «Пурсиши мӯбад аз Нӯшинравон ва посухи ӯ», «Панд додани Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро» ва ғайра ба ӯ сифатҳои хирадмандӣ, сиёсатдонӣ, одилӣ, худотарсӣ ва ғайра додааст, ки хулосаҳои он дар байтҳои зерин ҷамъбаст гардидааст:

Чунин буд то гоҳи Нӯшинравон,
Ҳам ӯ буд шоҳу ҳам ӯ паҳлавон.
Ҳам ӯ буд ҷангиву мӯбад ҳам ӯ,
Ҳам ӯ ҳирбад буд, сипаҳ буд ҳам ӯ.
Ба ҳар ҷой корогаҳон доштӣ,
Ҷаҳонро ба дастур нагзоштӣ.
Зи бисьёру андак зи кори ҷаҳон
Баду нек аз ӯ кас накардӣ ниҳон.

Охири подшоҳии ӯ бо валиаҳд таъин кардани писараш Ҳурмузд, ба вай панд гуфтан, ки дуньёву давлатро бо роҳи адолат идора кунад, ба анҷом расидааст.

## ОБРАЗҲОИ МАНФИИ ШОҲОН

**Образи Ҷамшед**

Образи Ҷамшед мисли Заҳҳок, Қайковус, Афросиёб, Гуштосп ва ғайра сар то по манфӣ нест. Вай дар аввали кор давомдиҳандаи анъанаҳои хуби подшоҳони мусбати хонадони Қаюмарс буда, дар замони подшоҳии ӯ ҷаҳон гул-гул шукуфтааст ва комьёбиҳои он хонадон инкишоф ёфтааст. Ӯ аз рӯи нақшаҳои панҷоҳсола кордорӣ карда, дар яке аз нақшаҳо аслиҳасозӣ, дар дигаре ресмон риштан, бофтан ва либосдӯзӣ, дар сеюмӣ ҳунаромӯзӣ, дар ҷорум киштисозӣ, дар панҷум табибӣ ва дорусозӣ, дар шашум сохтани шаҳрҳо, хонаҳо, қасрҳо ва ғайраро ба роҳ мондааст, ҳаман девонро тобеи худ гардонидааст. Ба ҳамин тариқ, замони ҳукмронии ӯ гӯё асри тиллоии ҷамъияти инсонӣ буда, худи ӯ одилтарини подшоҳони «одил» аст, ки дар замони вай, ҳатто, беморию марг ҳам набудааст. Подшоҳии ҳафтсадсолаи ӯ рамзи орзуи ҳокимияти дуру дарози адолат аст. Аммо Аҳриман аз ин комьёбиҳо рашк бурда хост, ки онро дарҳаму барҳам занад, бинобар ин нияти бад, ба хислати Ҷамшед таъсир гузаронида, дар табиати ӯ манманиро ба вуҷуд овард ва ҳама, ҳатто, «худо»-ро ҳам инкор карда, мавқеи худро аз ҳама баланд дид:

Якояк ба тахти меҳӣ бингарид,
Ба гетӣ ҷуз аз хештан кас надид.
Мани кард он шоҳи яздоншинос,
Зи яздон бупечиду шуд ношинос....
Чунин гуфт бо солхӯрда меҳон,

Ки «Ҷуз хештанро надонам ҷаҳон.
Ҳунар дар ҷаҳон аз ман омад падид,
Чу ман номвар тахти шоҳӣ надид.
Ҷаҳонро ба хубӣ ман оростам,
Чунон гашт гетӣ, ки ман хостам.
Хӯру хобу ороматон аз ман аст,
Ҳамон кӯшишу коматон аз ман аст.
Бузургиву дайҳиму шоҳӣ марост,
Кӣ гӯяд, ки ҷуз ман касе подшост?!
Ба доруву дармон ҷаҳон гашт рост,
Ки бемориву марг касро накост...
Шуморо зи ман ҳушу ҷон дар тан аст,
Ба ман награвад ҳар ки Оҳарман аст
Гар эдун, ки донед, ман кардам ин,
Маро хонд бояд ҷаҳонофарин».

Дар натиҷаи чунин рафтори ӯ фарри яздон, ки гӯё ба вай фарри шоҳӣ дода буд, аз ӯ торафт кам шуд:

Чунин гуфта шуд, фарри яздон аз ӯй,
Гусисту ҷаҳон шуд пур аз гуфтугӯй.

Тадриҷан аз ӯ ҳамаи мӯбадон, бузургони давлат ва сипоҳ ҳам рӯй гардонданд:

Ҳар он кас зи даргоҳ бардошт рӯй,
Намондӣ ба пешаш яке номҷӯй.
Севу бист сол аз дари боргоҳ
Пароканда гаштанд яксар сипоҳ.

Ҳамин тавр, ҳамаи фарри эзидӣ аз вай баргашт:

Ба Ҷамшед бар тирагун гашт рӯз,
Ҳамехост з-ӯ фарри гетифурӯз:

Халқу сипоҳу аъёну ашроф ва охируламр, яздон ҳам аз ӯ рӯй гардонд, дар ҷустуҷӯи подшоҳи дигар шуд, аз Арабистон писари Мардоси чорводор Заҳҳокро оварданд, Ҷамшед аз подшоҳӣ маҳрум ва кушта шуд. Баъд аз чанде Заҳҳок дар мамлакат бо маслиҳати Аҳриман зулмро ҷорӣ кард.

Образи Ҷамшед ниммусбат ва нимманфӣ буда, афсона ва сарояндаи он чанд масъалаи дидактикию динию давлатиро дар назар доштааст: 1. Агар подшоҳ одил, халқпарвар ва худшинос бошад, халқу мамлакат ба ҳама гуна комьёбиҳо муваффақ шуда метавонад. 2. Подшоҳ ҳар қадар бузург, комьёб, пуриқтидор ва ҳокими ҷаҳон бошад ҳам, хоксорӣ ва бо мардум яксон буданро фаромӯш накунад:

Чи гуфт он сухангӯи бофарру ҳуш:
Чу хусрав шавӣ, бандагиро бикӯш!

3. Подшоҳ бояд одамони донишманд (мӯбадон), ходимони давлат, аъёну ашрофи мамлакат ва аскаронро аз худ дур накунад ва худро аз ҳама боло нагузорад.

4. Подшоҳ бояд аз дину худо рӯй нагардонад, то ки фарри эзидӣ аз вай дур нашавад.

5. Подшоҳ бо комьёбиҳои худ набояд мағрур бошад.

Ба инобат нагирифтани чунин шартҳо ба кадом оқибатҳои бад меоварад?

1. Подшоҳ ва авлодони вай аз тахту бахти худ маҳрум мешаванд.

2. Хавфи парешонии дохилии халқу мамлакат ба вуҷуд омада, давлат заиф мешавад.

3. Хавфи ба сари ҳокимият омадани подшоҳони бе аслу насаб ва кушода шудани дасту пои қувваҳои бад ба вуҷуд меояд.

4. Хавфи ҳуҷуми хориҷиён ва ба сари мамлакат омадани подшоҳони бегона ва ба халқ зулми миллӣ пеш меояд.

5. Халқу ватан истиқлолияти миллӣ ва сиёсии худро гум мекунад, он гоҳ муборизаи дуру дароз лозим аст, то ки онро дубора ба даст оранд.

Дар ин афсонаи асотирӣ (мифологӣ) масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, давлатӣ ва халқу ватани замону давлати феодалӣ дар плани динӣ муҳокима шудааст, зеро Ҷамшед худро ба ҷои худо дид, ҳол он ки аз нуқтаи назари динӣ — худоҷӯӣ ин даъво гуноҳи азим аст ва оқибатҳои бад меорад, чӣ тавреки ба сари Ҷамшед, авлодони вай ва халқу мамлакат зулми подшоҳи бегона Заҳҳок ва бадкирдориҳои Аҳриманро овард. Дар образи Ҷамшед худшиносӣ ва бар зидди худо баромада онро инкор кардани инсони эҷодкор ё ки атеист таҷассум ёфтааст, вале ӯ аз мавқеи дину давлат маҳкум карда шудааст, ки дар он ҷаҳонбинии Фирдавсӣ, чунон ки дар тамоми «Шоҳнома» дида мешавад, акс ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар образи Ҷамшед на ин масъалаи боло, балки бо обу ранги динӣ бошад ҳам, масъалаи ахлоқи ҷамъияти подшоҳон ва ҳокимон аз мавқеъҳои халқӣ дар назар дошта шудааст.

**Образи Қайковус**

Ковус ё ки Қайковус аз амалиёти аввалини худ образи манфист, зеро ӯ аз рӯзи ба тахт нишастан худро аз ҳама баланд дид, манманӣ кард, бо айшу нӯш банд шуд, аз кирдори ӯ сарварони халқу лашкар ранҷиданд:

Чунин гуфт, к:—«Андар ҷаҳон шоҳ кист,
Гузашта зи ман дархӯри гоҳ кист?
Маро зебад андар ҷаҳон сарварӣ,
Наёрад зи ман чуст кас доварӣ».
Ҳамехӯрд бода, ҳамегуфт шоҳ,
Дар ӯ хира монда сарони сипоҳ.

Вай ҳамчун подшоҳи булҳавас ва роғиб ба ғаниматҳои муфт ва осон ба тарғибу таърифи як нафар деви мозандаронӣ, ки ба шакли мутриб омада, Мозандаронро таърифу тавсиф мекард, фирефта шуда:

Дили размҷӯяш бубаст андар он,
Ки лашкар кашад сӯи Мозандарон.

ба маслиҳати калонсолон ва хирадмандон гӯш накарда, магрурона ба сафари ҳарбии мамлакати девон Мозандарон тайёрӣ дид.

Ман аз Ҷамму Заҳҳоку аз Кайқубод
Фузунам ба тахту ба фарру нажод.

Сардорони лашкар барои Ковусро аз ин сафари пурхатар гардондан ба назди паҳлавон ва шахси кору ҷаҳондида Золи гурд кас фиристонданд. Қайковус панди Золро ҳам қабул накарда, ба ҷанг рафт, аз Деви Сафед мағлуб шуд, асир афтод ва пушаймон шуда:

Ба Мозандарон монд Ковусшоҳ,
Ҳамегуфт, к-ин буд аз ман гуноҳ.

аз бечорагӣ бо зорию тавалло ба Золу Рустам нома навишт, ки ӯро аз асири шоҳи Мозандарон Аржанг озод кунанд. Дар нома аз панд нашунидани худ изҳори пушаймонӣ кардааст:

Кунун чашм тира шуду хира бахт,
Нагунсор гашта сари тоҷу тахт.
Чунин хаста дар ҷанги Оҳарманам,
Ҳамебугсилонад равон аз танам.
Чу аз пандҳои ту ёд оварам,
Ҳаме аз ҷигар сардбод оварам.
Набудам ба фармони ту ҳушманд,
Зи камбихрадӣ бар ман омад газанд.

Ковуси булҳаваси асирафтода бо қуввαи Рустам озод шуда ба Эрон меояд ва Рустамро ба ватанаш гусел мекунад. Баъд аз ин ба Тӯрон, Чин, Барбар ва Ҳомоварони араб рафта ҷанг карда, ғолиб омада духтари ӯ Судобаро ба зани мегирад, вале бо ҳилаи меҳмонӣ шоҳи Ҳомоварон ӯро ба асирӣ меафтонад. Боз ёрии Рустам лозим меояд ва ӯ бо се шоҳ ҷанг карда, ғолиб омада, Қовусро озод мекунад. Дар ин вақт Афросиёб аз набудани подшоҳ истифода карда, ба Эрон лашкар мекашад. Вай ба пуштибонии Золу Рустам такья карда, ба Афросиёб нома навиштааст, ки Эронро тарк карда ба мулки худ Тӯрон равад. Баъд аз ин вай ҳукмрони ҷаҳон шуда, ҳамаро ороста кардааст:

Ҳама пеши Ковус кеҳтар шуданд,
Ҳама тоҷдорон-ш лашкар шуданд.
Ҷаҳонпаҳлавонӣ ба Рустам супурд,
Ҳама рӯзгори беҳӣ з-ӯ шумурд.

Баъд аз ин Қовусро девон фиреб карда ба осмон бурданӣ мешаванд, то ки моҳу ситораву офтобро ҳам ба фармони худ оварад. Ковус аз ғурур ва ҳирси ҷаҳонгирӣ боз фирефта шуда розӣ мешавад:

Дили шоҳ аз он дев бероҳ шуд,
Равонаш зи андеша кӯтоҳ шуд.

Гумонаш чунин буд, ки гирди сипеҳр,
Ба гетӣ маро дар намудаст чеҳр.
Пурандеша шуд ҷони он подшо,
Ки то чун шавад бепар андар ҳаво.
Зи донандагон бас бипурсид шоҳ,
Қ-аз ин хок чанд аст то чарху моҳ.

Барои ӯ мисли уқоб чанде парандаҳоро тайёр мекунанд ва ӯ бо ғурури тамом ва карру фарру ҳашам ба осмон мепарад, вале баъд аз монда шудани уқобҳо ба ҷангалзори Чин афтода, зору низор мемонад ва аз кардаи худ пушаймон мешавад:

Нагунсор гаштанд аз абри сиёҳ,
Қашон аз ҳаво найзаву тахти шоҳ.
Сӯи бешаи шаҳри Чин омаданд,
Ба Омул ба рӯи замин омаданд...
Ба ҷои бузургию тахти нишаст,
Пушаймонию ранҷ будаш ба даст.
Бимонда ба беша дарун хорузор,
Ниёиш ҳамекард бо кирдукор.

Фирдавсӣ ин хаёлоти наҷиби ба осмон паридани инсонро вобаста ба мағрурии шоҳ ва маслиҳати девон тасвир карда, онро дар плани динӣ ҳал карда, аз қудрати инсон берун будани дар осмон — дар ҳавои муаллақ паридан ва ба ин кор танҳо қодир будани «худо»-ро, ки ҷаҳон гӯё мулки ӯст, даъво кардааст:

Надонист, к-ин чархро поя нест,
Ситора фаровону эзид якест.
Ҳама зери фармон-ш бечораанд,
Ки бо шӯришу ҷангу патьёраанд.
Ҷаҳонофарин бениёз аст аз ин,
Зи баҳри ту бояд сипеҳру замин.

Подшоҳи хомхаёл аз кардаҳои худ пушаймон шуда, ба худо зорӣ карда:

Чиҳил рӯз дар назди яздон ба пой,
Бипаймуд хоку бипардохт ҷой.
Зи шарм аз дари кох берун нарафт,
Ҳаме пӯст гуфтӣ бар ӯ бар бикафт...
Пушаймон шуду дард бугзиду ранч,
Ниҳода бубахшид бисьёр ганҷ.

боз бо қувваи Рустами Дастон озод мешавад. Ин шоҳ дар вақти озодиаш бодпой, мағруру худписанду худраъй, вале ҳангоми асирӣ ва хатоҳо аз ноилоҷӣ худоҷӯй ва маслиҳатшунав аст.

Беандешагӣ, камхирадӣ ва тундиву хашмгирӣ сифати доимии Қовус аст:

Ба рӯзи чаҳорум баророст Гев,
Чунин гуфт бо гурди солори нев,
Ки: Қовус тунд асту хушьёр нест,
Ҳамин достон бар дилаш хор нест.

Вақте ки Рустам ҷавобан ба номаи Ковус ба муқобили Суҳроб каме дер омад, бо вуҷуди ба ӯ эҳтиёҷмандӣ доштан, ба вай хашм гирифт ва фармон дод, ки уро банд кунанд ва ба дор кашанд:

Шуда тунд Ковус чин бар ҷабин,
Шуда рост монанди шери арин.
Яке бонг барзад ба Гев аз нахуст,
Пас он гоҳ шарм аз ду дида бишуст,
Ки «Рустам, кӣ бошад, ки фармони ман,
Кунад пасту печад зи паймони ман?!
Агар теғ будӣ кунун пеши ман,
Сараш кандаме чун турунҷе зи тан.
Бигираш, бубар зинда бар дор кун
В-аз ӯ низ макшой бо ман сухун».

Аз ин гуфтаҳои бешармона ва беандешаи ӯ ҳама хира монданд, Рустам, ки пушту паноҳи ӯ буд, ранҷид. Фирдавсӣ хислатҳои ношоистаи Ковус ва дар назди ҳама беиззату эҳтиром шудани ӯро аз забони Рустам баён кардааст:

Таҳамтан барошуфт бо шаҳриёр,
Ки чандин мадор оташ андар канор.
Ҳама корат аз якдигар бадтар аст,
Туро шаҳриёрӣ на андарх(в)ар аст...
Ту андар ҷаҳон худ зи ман зиндаӣ,
Ба кина чаро дил парокандаӣ?!
Чу хашм оварам, Шоҳковус кист?!
Чаро даст ёзад ба ман? Тус кист?!
Агар ман пазируфтаме тоҷу тахт,
Набудӣ туро ин бузургию бахт.

Аз ин хислати беандешагӣ ва кӯрнамакии Ковус на танҳо Рустам, ҳама ранҷиданд, вале азбаски тобеъ буданд, мисли Рустам шӯрида наметавонистанд, бинобар ин, роҳи насиҳатро пеш гирифтанд, ки дар он низ хислатҳои ношоистаи Ковус акс ёфтаанд:

Сипаҳдор Гударзи Кашвод рафт,
Ба наздики хусрав хиромид тафт.
Ба Ковуси Кай гуфт: «Рустам чӣ кард,
К-аз Эрон баровардӣ имрӯз гард?
Фаромӯш кардӣ зи Ҳомоварон
В-аз он кори девони Мозандарон,
Ки гӯӣ варо зинда бар дор кун,
Зи шоҳон набояд газофа сухун».

Ковус аз образи шоҳони аблаҳу бемулоҳизаест, ки тезӣ ва беандешагӣ мекунанд, вале аз бечорагӣ зуд пушаймон шуда, аз он ибрат намегиранд ва аз хатой намеомӯзанд:

Ба Гударз гуфт: «Ин сухан дарх(в)ар аст,
Лаби пир бо панд некӯтар аст.
Хирад бояд андар сари шаҳриёр,
Ки тезию тундӣ наёяд ба кор.
Шуморо бубояд бари ӯ шудан,
Ба хубӣ басе достонҳо задан.

Сараш кардан аз тезии ман тиҳӣ,
Намудан бар ӯ рӯзгори беҳӣ.
Биёвар ту ӯро ба наздики ман,
Ки равшан шавад ҷони торики ман».

Фирдавсӣ барои фош намудани хислатҳои пасти Ковус дар эпизоди «Номаи Ковус ба Рустам ва хондани ӯ аз Зобулистон» тарзи баёни диалог ва ба қаҳрамонҳо сухан доданро пеш гирифта, ӯро гоҳ аз қаҳрамонҳои лашкаргоҳ аз забони фиристодагон, гоҳе аз забони Рустам ва худи Ковус фош намудааст. Баъд аз он ки Гударз узри шоҳро расонд, Рустам гуфт:

Ту донӣ, ки Ковусро мағз нест,
Ба тезӣ сухан гуфтанаш нағз нест.
Бигӯяд, ҳамон гаҳ пушаймон шавад,
Ба хубӣ зи сар боз паймон шавад...
Чӣ Ковус пешам, чи як мушти хок,
Чаро дорам аз хашми ӯ биму бок?!

Хислати бераҳмӣ, нокасӣ, бемурувватӣ ва тарсончакии Ковус боз дар он лаҳзае рӯй дод, ки Рустам барои Сӯҳроб нӯшдору хосту Ковус надод, суханҳои ба муқобили ӯ гуфтаи Рустамро баҳона кард:

Шунидӣ, ки ӯ гуфт: Ковус кист?
Гар ӯ шаҳриёр аст, пас, Тӯс кист?..
Ба дашном чанде маро баршумурд,
Ба пеши сипаҳ обрӯям бибурд...
Агар монад ӯ зинда андар ҷаҳон,
Бупечанд аз ӯ ҳам меҳону кеҳон.
Касе душмани хештан парварад,
Ба гетӣ дарун номи бад густарад.

Дар охири эпизоди «Нӯшдору хостани Рустам аз Ковус» хислатҳои пасту нокасии ӯ аз забони Гударз як андоза ҷамъбаст карда шудааст:

Бад-ӯ гуфт: «Хӯи бади шаҳриёр,
Дарахтест ханзил ҳамеша ба бор.
Ба тундӣ ба гетӣ варо ёр нест,
Ҳамон ранҷи касро харидор нест».

Ковус дар муносибат бо писари ягонаи боақлу паҳлавони худ Сиёвуш, ки ворисн тахту тоҷ аст, низ устувор нест. Вай насанҷида ва наандешида бо иғвои занаш — модарандари Сиёвуш — Судоба ба писараш тӯҳмат мекунад, ки гӯё вай ба Судобаи шаҳватпарасти ахлоқан вайрон ба назари шаҳват нигоҳ кардааст. Ковус баъд аз шубҳаву дудилагиҳо розӣ шуд, ки Сиёвуш барои исботи бегуноҳии худ аз оташи муқаддас гузарад. Шаъну шарафи шоҳӣ ва шахсии худро азояндаи Сиёвуш, ки давлати Эрон бо ӯ вобастагӣ дошт, афзал дид, зеро аз оташ ҳалок гардидани ворисн тахту тоҷ мумкин буд. Бо вуҷуди ин, Ковус тамоман шахси бад нест, вай, баъд аз он ки

ба гузаштани Сиёвуш аз оташ розӣ шуд, пушаймон гардид ва худро сарзаниш кард:

Пурандеша шуд ҷони Қовуси Қай,
Зи фарзанду Судобаи шумпай.
Аз ин ду яке гар шавад нобакор,
Аз ин пас кӣ хонад маро шаҳриёр.
Чу фарзанду зан бошадам хуну мағз,
Қиро пеш берун шавад кори нағз.
Ҳамон беҳ, к-аз ин зиштандеша дил
Бишӯям, кунам ҷораи дилгусил.
Чӣ гуфт он сипаҳдори некӯсухун,
Ки бо баддилӣ шаҳриёрӣ макун...
Рухи шоҳ Қовус пуршарм буд,
Сухан гуфтанаш бо писар нарм буд.

Баъд аз он ки бегуноҳии Сиёвуш исбот шуд, шодона писарро ба оғӯш гирифт:

Сиёвушро танг дар бар гирифт,
Зи кирдори бад пӯзиш андар гирифт.

Нармдилии ӯ дар бобати Судоба ҳам зоҳир шудааст. Вақте ки Сиёвуш бахшидани гуноҳи Судоба ва ба худ супурдани ӯро пурсид, Қовус розӣ шуд:

Сиёвушро гуфт: «Бахшидамат,
Аз он пас, ки бар ростӣ дидамат».

Дар ин ҳангом Афросиёб ҷангталабона ба Эрон меояд, подшоҳ Қовус писари худ Сиёвушро бо лашкар ба ҷанг мефиристад. Дар аввали кор фикр кардан мумкин аст, ки бо нияти ҳимояи халқу ватан ба ҷанги зидди Афросиёб баромад, вале бо вуҷуди аз тарси лашкари Эрон сулҳ таклиф кардани Афросиёб номаи сулҳҷӯёнаи Сиёвушу Рустамро рад кардану ҷангро давом додани вай ҷангҷӯии ӯ ва нияти истилогарӣ доштани вайро нишон медиҳад. Вай аз ғазаб Рустамро аз сарлашкарӣ бекор карда ба Сиистон фиристод, ба ҷои ӯ Тӯсро таъин кард:

Чу бишнид Қовус, шуд пур зи хашм,
Барошуфт аз кору бикшод чашм...
Таносоии хеш ҷустӣ дар ин,
На афрӯзиши тоҷу тахти нигин.
Ту эдар бимон, то сипаҳдор Тус
Бубандад бар ин кор бар пилкӯс.
Ман акнун ҳаюне фиристам ба Балх,
Яке номае бо суханҳои талх.
Сиёвуш агар сар зи фармони ман
Бипечад, наёяд ба паймони ман.
Ба Тӯси сипаҳбуд супорад сипоҳ,
Худу вижагон боз гардад зи роҳ.
Бубинад зи ман дар чӣ андарх(в)ар аст,
Ки ӯро чунин доварӣ дар сар аст.

Ковус бо нияти ҷангҷӯёна чунин номаи «талх» ва таҳдидомез ба Сиёвуш ҳам нависонд ва оқибати онро андеша накард:

Яке нома фармуд пурхашму ҷанг,
Паёме ба кирдори тири ханданг...
«Агар бар дилат рои ман тира гашт,
Сар аз разм ҷустан туро хира гашт...
Манеҳ аз ҷавонӣ сар андар фиреб,
Гар аз чархи гардон нахоҳӣ ниҳеб...
Ту бо хубрӯён биёмехтӣ,
Ба бозию аз ҷанг бигрехтӣ...
Дари бениёзӣ ба шамшер ҷуй,
Ба кишвар бувад шоҳро обрӯй...
Агар меҳр дорӣ бад-он анҷуман,
Нахоҳӣ, ки хонанд-т паймоншикан,
Сипаҳ Тӯсро деҳ ту худ боз гард,
Наӣ марди пархошу нангу набард!»

Шоҳ Ковус ба сарлашкарон ва Сиёвуш ба сулҳҷӯии душман бовар накардан, паймоншикан будан ва давом додани ҷанг таклиф менамояд ва дар ин кор аз вай ибрат гирифтанро меомӯзад:

Туро гар фиребад, набошад шигифт,
Маро аз худ андоза бояд гирифт,
Ки ман з-он фиребанда гуфтори ӯй,
Басе боз гаштам зи пайкори ӯй.
Нарафт эч бо ман сухан з-оштӣ,
Зи фармони ман рӯй баргоштӣ...
Аз ин囲 оштӣ рои чархи баланд,
Чунин аст, к-ояд ба ҷонат газанд...
Ту шав кину овехтанро бисоз,
Аз ин дар суханҳо магардон дароз!

Чунин рафтори беандеша ва ҷангҷӯёнаи ӯ боиси он ҳолат гашт, ки Рустам қаҳр карда бо лашкари худ ба ватанаш рафт. Сиёвуш илова ба кинаи пешина аз рӯи кирдори Судоба ва падараш Ковус, аз ӯ рӯй гардонда, бо душмани ба сулҳомада гуфтугӯ карда ба тарафи вай гузашт. Агар масъалаи сулҳро қабул кардани Рустаму Сиёвушу Афросиёб намешуд, душман аз нав ҳуҷум карда, Эронро фатҳ мекард ва ҷангҳои хунрезона давом мекард. Ковус сарлашкариро ба Тӯс дода, ҷангро давом додани шуд, аммо ба тарафи Афросиёб гузаштани Сиёвуш як муддат онро хомӯш кард.

Дар натиҷаи чунин рафтори Ковус душманӣ байни Эрону Тӯрон нигоҳ дошта шуд ва шояд аз ҳамин сабаб буд, ки Афросиёб ба Сиёвуши сулҳҷӯ назари шубҳа дошт, ӯро кушт ва боиси аз нав оташ гирифтани ҷанги эрониёну тӯрониён гардид. Ковус бе вориси тоҷу тахт монд, малакатро ҷангҳои дохилӣ ва ҳуҷуми хориҷӣ таҳдид мекард. Ба майдони подшоҳӣ омадани Кайхусрав — писари Сиёвуш — набераи Ковус ва тоҷу тахтро ба вай додани ӯ ин таҳдидро бартараф карда бошад ҳам аз сабаби боқӣ мондани кинаи Сиёвуш ҷангҳо аз нав авҷ гирифт,

ки ба он сиёсати беақлона ва ҷангҷӯёнаи Ковусу Афросиёб сабаб шуда буд.

Ба ҳамин тариқ, Ковус тахту тоҷро бар хилофи раъйи Тус ихтиёрӣ ба Кайхусрав дода, дар охири умр як андоза подшоҳи оқили мусбат ба назар расида бошад ҳам, умуман ҳамчун подшоҳи ҷангҷӯ, беандешаву мулоҳиза, худсар ва булҳавас боқӣ монд.

Гуштосп

Чӣ тавре ки аз таърих маълум аст, достони Лӯҳроспу Гуштоспу Арҷаспро Дақиқии шаҳид ба назм даровард ва ҳазор байти онро Фирдавсӣ бе тағьир ба «Шоҳнома»-и худ дохил кардааст. Лӯҳросп ду писар дошт: Гуштосп ва Зарир. Ҳар ду ҳам оқил ва паҳлавони номӣ, вале хислати асосии Гуштосп аз он иборат аст, ки дар вуҷуди ӯ ҳирси ҳокимӣ ва давлатдорӣ маҳкам ҷой гирифта буд. Ин хислат ӯро ба он рафтор водор кард, ки дар пеши падар манманӣ кард:

Надорам касеро зи мардон ба мард,
Ки пеши ман ояд ба рӯзи набард.
Магар Рустами Золи Соми савор,
Ки бо ӯ насозад касе корзор.
Гар эдун, ки ҳастам зи озодагон,
Маро ном кун тоҷу тахти каён.

Вай дар ин бобат насиҳати падарро гӯш накард:

Ба Гуштосп гуфт: «Эй писар, гӯш дор.
Ки тундӣ на хуб ояд аз номдор...
Ҷавонӣ ҳанӯз, ин баландӣ маҷӯй,
Суханро бисанҷу ба андоза гуй».

Баъд вай аз падар ранҷида:

Ҳамегуфт: «Бегонагонро навоз,
Чунин бошу бо зода ҳаргиз масоз»

бо сесад савори диловар роҳи Ҳиндустонро пеш гирифт, зеро гӯё ҳокими он ҷо Гуштоспро ба подшоҳӣ ва худро ба тобеӣ даъват ва ваъда кардааст:

Чунин дод посух, ки «дар Ҳиндустон
Маро шоҳ дорад ба равшанравон.
Яке нома дорам ман аз шоҳи Ҳинд,
Навишта зи мушки сияҳ бар паринд,
Ки гар зи ман ой, яке кеҳтарам,
Зи фармону паймони ту нагзарам».

Лӯҳросп аз паси ӯ писари дигараш Зарирро фиристод, вай аз роҳ бо шарте баргашт, ки падар тоҷу тахти Эронро ба ӯ диҳад:

Агар тоҷи Эрон супорад ба ман,
Парастиш кунам чун бутонро шаман.

Падар рози шуд, ки тоҷу тахт расман ба худаш, вале инону ихтиёр дар дасти Гуштосп бошад:

Зи шоҳӣ маро номи тоҷ асту тахт,
Туро меҳру паймону фармону бахт.

Гуштосп боз шарт мегузорад, ки агар падар ҳукмронии худро кам кунад, он гоҳ розист:

Агар кам кунӣ ҷоҳ фармон кунам,
Ба паймони ту дил гаравгон кунам.

Ин дафъа Гуштосп ба тарафи Рум рафт. Ҳарчанд ҷустанд, ӯро наёфтанд. Вай паҳлавони ҷавону далеру қавист. Дар Рум ба назди Қайсар рафт ва худро ҳамчун дабири эронӣ маънидод кард, вале ӯро қабул накарданд:

Ба Аскаф чунин гуфт: «Эй дастгир,
Зи Эрон яке номҷӯям дабир»...
Ба овоз гуфтанд: «Моро дабир
Наёяд, зи эдар раҳи хеш гир!»

Вай ғамгинона ба назди Настор ном чӯпоне рафт, то ки ӯро ба чӯпонӣ қабул кунад, вале Настор ӯро аз қиёфаи шоҳиаш шинохта, одами бегона буданашро баҳона карда, қабул накард:

Бад-ӯ гуфт, Настор: — «Аз ин дар бигард,
Ту эдар ғарибию бепоймард.
Биёбону дарьёву аспон яла,
Ба ноошно чун супорам гала».

Гуштосп аз ӯ низ ғамгин шуда аз падарро ранҷондани худ пушаймон гашт:

Ҳамегуфт: — «Ҳар кас, ки дарди падар
Биҷӯяд, аз ин бадтар ояд ба сар».

Вай аз он ҷо ба назди сорбони Қайсар меравад, то ки дар корвони шутурҳо кор кунад. Сорбон ӯро ба назди оҳангари наъли аспҳои подшоҳӣ мефиристад, то ки бо ин роҳ ба назди шоҳ роҳ ёбад. Оҳангар ӯро ба шогирдӣ мегирад, вай бо як гурз задан сандонро мешинад, ҳама дар гирди вай ҷамъ мешаванд, ӯро тамошо мекунанд. Буроби оҳангар аз ӯ тарсида, вайро аз кор пеш мекунад:

Битарсид Буробу гуфт: «Эй ҷавон,
Ба захми ту сандон надорад тавон».

Ӯ бекор ва гурусна мегашт. Фирдавсӣ бо ин муносибат дар бораи гузаштани сахтиву роҳату осоиш сухани пандомез додааст:

Намонад ба кас рӯзи сахтиву ранҷ,
На осониву шодмониву ганҷ.

Баъд аз ин ӯ дар кунҷи шаҳр дар лаби ҷӯ зору низор менишаст:

Ҳамегуфт, ки —«Эй довари кирдигор,
Ғам омад маро баҳра аз рӯзгор.
Бубинам ҳаме ахтари хеш бад,
Надонам чаро бар сарам бад расад?»

Дар ин ҳолат деҳқоне меҳтар, ки авлоди Фаридун будааст, ба вай вохӯрда, ӯро ба хонааш бурда меҳмон мекунад:

Замона бар ин низ чанде бигашт,
Бар ин кор бар моҳиён баргузашт.

Қайсар се духтар дошт, яке Қатоюн ном. Лоиқи шавҳар шуд ва ба худ ҷуфт меҷуст, вале намеёфт. Падар гуфт: Ҳар киро писандӣ, ба ӯ медиҳам. Духтар хоб дид, ки мамлакат аз офтоб равшан буд ва дар он ҷо марде буд «ғарибу дилозурда, фарзонае», хеле зебо:

Ба болой сарву ба дидор моҳ,
Нишастан-ш чун бар сари гоҳ шоҳ.
Яке даста додӣ Қатоюн бад-ӯй,
Аз ӯ бистадӣ дастаи рангу бӯй.

Қайсар ҳамаи мардони номиро ҷамъ кард, ҳеҷ кас ба духтар маъқул набуд, ба ғайр Гуштосп, ки бо таклифи деҳқон ба дарбор рафта буд. Аммо кӣ будани ӯ маълум нест, бинобар ин, Қайсар розӣ нашуд, вале азбаски «ҳар киро хоҳӣ» гуфта буд, бо маслиҳати хирадмандон маҷбур шуд, ки розӣ шавад, зеро аз як тараф, ваъда кард буд, аз тарафи дигар, ҷуфт хостан одати румиён буд. Ба ин тариқ, Гуштосп ба Қатоюн хонадор мешавад. Ба духтари дуюми Қайсар аз нажоди Салм марде талабгор мешавад. Қайсар ба шарте розӣ мешавад, ки гурги бешаро, ки бисьёр бузургу даррандаву хавфнок аст, кушад, вале Мирин аз гург тарс дошт, куштанро аз Гуштосп илтимос кард. Гуштосп ҳам аз рӯи ҳиммат ба ёрӣ ва ҳам аз роҳи ғурур ба куштани гург розӣ шуд ва илтимосро ба ҷо овард. Баъд аз ин Аҳрап ном меҳтаре ба духтари сеюми Қайсар хостгор мешавад. Шарти розигӣ он буд, ки домодшаванда аждарҳои сари кӯҳро, ки румиён аз он ҳамеша дар хавф буданд, бикушад. Ин вазифаро ҳам бо илтимоси хостгорон Гуштосп ба ҷо меорад, вале ному шӯҳрат насиби Мирину Аҳрап мегардад. Аммо Қайсар ӯро бо духтараш Қатоюн аз шаҳр ронда буд, зеро кӣ будани вайро намедонист. Боре дар майдони Рум бозии гӯй, чавгон ва тирандозӣ шуд. Гуштосп ҳамаро бурд, Қайсар ҳайрон шуда, ба назди худ даъват кард. Гуштосп ғолиби ҳама аз ҷумла кушандаи гургу аждаҳо будани худро гуфт. Қайсар аз вай узр хоста, ба худ одами наздик қарор дод. Ӯ ба қувваи домодҳои худ такья карда, ба мамлакатҳои атроф таҳдид мекунад. Нахуст аз Ильёс ном подшоҳи Хазар боҷ талаб менамояд, баъд аз ҷавоби рад,

Гуштосп бо ӯ ҷангида вайро мекушад. Баъд аз он аз Эрон боҷ мехоҳад, эрониён бо ифтихори миллӣ ҷавоби рад доданд ва баракси ҳол ба ҷанг тайёр будани худро изҳор доштанд:

Ба Қайсар зи Лӯҳросп пайғом дод,
Ки гар додгар сар бупечад зи дод,
Нишастангаҳи ман ба Рум асту бас,
Ба Эрон намоем бисьёр кас.
Ту эдар бирав, гӯ биёрой ҷанг,
Сухан чун шунидӣ, набояд диранг.
На Эрон Хазар гашту Ильёс ман,
Ки сар баркашидӣ ту з-он анҷуман.

Ҷавоби подшоҳи Эрон — Лӯҳроспро Зарир бо лашкари зиёде овард. Вай бо Гуштосп дар Рум вохӯрд, тахту тоҷи Эронро аз номи падар ба вай супурд. Он гоҳ Гуштосп Қайсари Румро ба назди худ даъват мекунад. Вай ин ҳолро дида, аз даъвои худ мегардад ва ҳар ду бародар бо лашкари худ ба Эрон меоянд, Лӯҳросп Гуштоспро ба тахт менишинонад. Арҷоспи тӯронӣ аз Гуштосп боҷ талаб мекунад. Ҷавоби радро аз номи Гуштосп Зарир навишт. Гуштосп ба ҷанги зидди Арҷосп тайёрӣ дид ва аз ҷанг ғолиб баргашт.

Дар ин байн Гуштосп ба Сиистон меравад, Арҷсоп дубора лашкар ороста, Балхро фатҳ ва Лӯҳроспро мекушад, ки ин боиси кинаи зиёди Гуштосп мегардад. Дар ҷанги аввал ӯ аз Арҷосп шикаст мехӯрад. Вай хатои худро дар бораи писараш Исфандиёр фаҳмида, ӯро озод мекунад ва бо ваъдаи додани тахту тоҷ ба ҷанги Арҷосп мефиристад, ғолиб меояд.

Гуштосп пир шуда бошад ҳам, мисли пештар мансабпараст мемонад. Аввало ӯ ваъдаи ба писар додаи худро адо намекунад. Вақте ки Исфандиёр мувофиқи ваъда тахту тоҷ талаб кард:

Писарро бинеҳ тоҷ акнун ба сар,
Чунон чун ниҳодат ба сар бар падар,

баҳона овард, ки акнун ҳокими ҳама ҷоям, вале аз Рустам хавф дорам, зеро ба фармон намеояд, бинобар ин аввал ӯро банд кун, баъд тоҷу тахтро ба ту медиҳам:

Ба гетӣ надорӣ касеро ҳамол,
Магар пурҳунар номвар пури Зол...
Ба мардӣ ҳамон з-осмон бугзарад,
Ҳаме хештан кеҳтаре нашмарад...
Сӯи Систон рафт бояд кунун,
Ба кор оварӣ ҷангу ранҷу фусун.
Бараҳна кунӣ тегу кӯполро,
Ба банд оварӣ Рустами Золро.

Дар масъалаи худписандӣ, мансабпарастӣ ва худро мутлақ шумоaridan вай ба дараҷае расидааст, ки ӯ ба паҳлавони наҷотдиҳандаи рӯзҳои сахти Эрон Рустами Зол хоинона рафтор кардан мехоҳад. Дар ин масъала писараш Исфандиёр ва занаш Қатоюн аз вай боақлтар буданд, ӯро манъ карданд, вале

қабул накард. Сифатҳои манфии Гуштосп аз забони Исфандиёр гуфта шудааст:

Ҳаме дур монӣ зи расми куҳан,
Бар андоза бояд, ки ронӣ сухан...
Чӣ ҷӯи набарди яке марди пир,
Ки Ковус хондӣ, варо шергир...
Дареғ оядат тахти шоҳӣ ҳаме,
Зи гетӣ маро дур хоҳӣ ҳаме.

Чунин рафтори Гуштосп сабаби он шуд, ки байни Рустам ва Исфандиёр — байни эрониён ҷангҳо ба вуҷуд омад ва охир-уламр Исфандиёр аз тири Рустам кӯр ва кушта шуд. Шоир аз ин кор хулосаи дуруст бароварааст, ки аз ин гуна рафтори бад ватан—Эрон зарар мебинад:

Ду паҳлав барошӯбад аз хашми бад,
Нахустин аз ин бад ба Эрон расад.

Дар масъалаи бадбахтии Исфандиёр айб ба таври ҳаққонӣ аз забони писараш ба зиммаи Гуштосп гузошта шудааст:

Чунин гуфт бо Рустам Исфандиёр,
Ки: — «Аз ту надидам бади рӯзгор...
Ки ин кард Гуштосп бо ман чунин,
Бар ӯ бар нахонам зи ҷонофарин».
Маро гуфт: «Рав Систонро бисӯз,
Нахоҳам, к-аз ин пас бувад Нимрӯз.
Бикӯшид, то лашкару тоҷу ганҷ,
Бад-ӯ монаду ман бимонам ба ранҷ».

Чунин маҳкумкуниро Фирдавсӣ на танҳо аз забони Исфандиёр, балки аз забони халқ ҳам баён кардааст:

Бузургони Эрон гирифтанд хашм
В-аз озарми Гуштосп шустанд чашм.
Ба овоз гуфтанд, к — «Эй шӯрбахт,
Чу Исфандиёре ту аз баҳри тахт.
Ба Зобул фиристӣ ба куштан диҳӣ,
Худ андар ҷаҳон тоҷ бар сар ниҳӣ.
Саратро зи тоҷи шаҳон шарм бод.
Ба рафтан паи ахтарат гарм бод»!
Бирафтанд як сар зи айвони ӯй,
Пур аз хок шуд тоҷу кайвони ӯй,

Гуштоспро фарзандонаш ҳам маҳкум карда, ӯро кушандаи Исфандиёр номиданд:

На Симурғ кушташ, на Рустам, на Зол
Ту куштӣ мар ӯро, чу куштӣ манол!
Туро шарм бодо зи риши сафед,
Ки фарзанд куштӣ зи баҳри умед.
Ҷаҳондор пеш аз ту бисьёр буд,
Ки бар тахти шоҳӣ сазовор буд.
Ба куштан надоданд фарзандро,
На аз дудаву хешу пайвандро.

Чунин кирдори бади Гуштоспро, ки барои тоҷу тахтро ба худ нигоҳ доштан карда буд, ҳамчун нишонаҳои заволи подшоҳии ӯ маънидод карданд:

Ба овоз гуфт: «Эй сари саркашон,
Зи баргаштани корат омад нишон...
Зи ту дур шуд фарраи эзидӣ,
Биёбӣ ту бадафраи эзидӣ».

Гуштосп баъд аз таънаву мазамматҳо аз кардаи худ пушаймон шуда, наберааш Баҳманро, ки дастпарвардаи Рустам буд, ба тахт нишонд ва вафот кард.

**Баҳроми Гӯр**

Номи Баҳром аз подшоҳон ва сипаҳсолорон дар «Шоҳнома» зиёд аст. Баҳроми Гӯр аз шахсҳои таърихии давраи сосонӣ буда, номи вай Вахран (подшоҳиаш 420—448 аст) писари Яздигурди аввал аст. Бо ин образ ва ё шахси таърихӣ аз рӯи «Шоҳнома» шинос будан барои он зарур аст, ки дар «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва «Ҳашт биҳишт»-и Амир Хусрав ба сифати қаҳрамони асосӣ ва марказӣ аз «Шоҳнома» гузашта инкишоф дода шудааст.

Дар хонаводаи Яздигурд писаре таваллуд шуд, ки шоир пешакӣ ӯро некбахт номидааст:

Яке кӯдак омад-ш Ҳурмуздрӯз,
Ба некахтару фоли гетифирӯз.

Подшоҳ ба писари худ «Баҳром» ном ниҳода, аз мунаҷҷимон бахти ояндаи ӯро пурсид. Мунаҷҷимон вайро шоҳи минбаъдаи тамоми ҷаҳон номиданд:

Абар ҳафт кишвар бувад подшо,
Яке шоддил бошаду порсо.

Яздигурд писари худро ба Манзар ва Нӯъмони Яманӣ супурд. Чор доя — ду араб ва ду аҷамӣ ӯро парвариш карданд. Манзар вайро аз ҳар гуна кору бозӣ ва дар хурдӣ аз илмомӯзӣ маън карданӣ шуд, вале Баҳром эътироз кард:

Чунин посух овард Баҳром боз,
Ки аз ман ту бекорхӯрде масоз!

Он гоҳ Манзар ба вай се муаллим таъин кард, ки яке дабирӣ, дуюми шикорчигӣ, сеюмӣ ҳунари чанг омӯхт:

Яке, то дабирӣ биёмӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо бияфрӯзадаш.
Яке он ки донистани бозу юз
Биёмӯзадаш, к-он бувад дилфурӯз.
Ва дигар ки чавгону тиру камон,
Ҳамон гардиши теғ бо бадгумон.
Чапу рост печон инон доштан,
Миёни ялон гардан афроштан.

Се дигар, ки аз кори шоҳаншаҳон,
Зи кирдору гуфтори корогаҳон.

Дар натиҷаи тарбия Баҳром аз ҳамаи илму ҳунар баҳраманд шуд ва шахси тануманду диловар гашт:

Чунон гашт Баҳроми хусравнажод,
Ки андар хунар доди мардӣ бидод.

Манзар аз канизони худ чил канизро пешниҳод кард, вале Баҳром ду нафар аз онҳоро интихоб намуд, ки яке канизи чангзан аст, номаш Озода:

Дилороми ӯ буд ҳам коми ӯ,
Ҳамеша ба лаб доштӣ номи ӯ.

Боре онҳо ҳангоми шикор ба оҳуи ҷавони мода ва пири нар дучор шуданд. Озода ба саволи Баҳром, ки кадомашро шикор кунам, ҷавоб дод, ки мубориза бо оҳу хунари мардон нест, чунон бояд кард, ки бо тир модаи ҷавон нар, нари пир мода шавад:

Ту он модаро нарра гардон ба тир,
Шавад мода аз тири ту наррапир.

ва пову гӯшу сари оҳуро бо тир дӯзад. Баҳром ҳамон тавр кард:

Сару гӯшу пояш ба як ҷо бидӯхт,
Бар он оҳу Озодаро дил бисӯхт,

вале чунин ҷабр ба оҳу ба дили нарми Озода нафорида гуфт:

Або шоҳ гуфт: «Ин на мардонагист,
На мардӣ туро, хӯи девонагист»!

Баҳром аз ин гуфтаи ӯ ранҷида ӯро аз асп зада афтонд ва танҳо монда рафт. Хулоса, Баҳром шикорчии хуб буд. Вақте ки тарбия ба охир расид, бо Нӯъмон ба назди падараш омад, вале шоҳ ӯро зуд ба тахт ҷой надод, бинобар ин, Баҳром ба Манзар аз ин ҳол шикоят навишт. Дар ин тасвири воқеа мансабпарастии ҳам падару ҳам писар акс ёфтааст. Яздигурд Баҳромро ба банд гирифта, дубора ба назди Манзар фиристод. Яздигурд дар Тӯс аз ҳамлаи аспи обӣ ҳалок мешавад. Шоҳиро ба яке аз хешовандони хонадонӣ Хусрав ном шахс месупоранд. Баҳром аз ин ҳол огоҳ шуда, ба Эрон меояд, вале мардум аз вай рӯй мегардонанд, зеро падараш золим буд:

Аз Эрон киро хаста буд Яздигард,
Якояк бар он дашт карданд гард.
Якеро ду дасту ду гӯшу забон,
Бурида шуда чун тани беравон.
Якеро зи тан дур карда ду кифт,
Аз он хастагон монд Нӯъмон шигифт.

Якеро ба мисмор канда ду чашм,
Чу Манзар бидид он, баровард хашм.
Ғамӣ гашт Баҳром аз он кори сахт,
Ба хоки падар гуфт:—«Эй шӯрбахт!»

Аз ин гуфта маълум аст, ки Баҳром ҳамчун шахси адолатхоҳ аз кори падараш нафрат дорад, бинобар ин дубора дар борاи шоистагии худ ба халқ муроҷиат мекунад. Халқ ба шарте розӣ мешавад, ки тоҷро аз байни ду шер гирад ва ҷасорату қаҳрамонӣ нишон диҳад. Ин ҷо ақидаи халқӣ ифода ёфтааст, ки подшоҳӣ далерӣ аст, на меросӣ. Хусрав аз шерҳо тарсида, аз иҷрои ин шарт даст кашид: Баҳром ин шартро ба ҷо овард:

Ҳамоварди ин наррашерон манам,
Харидори ганҷи далерон манам.

Баъди ба тахт нишастан Баҳром бо либоси оддӣ дар байни халқ гашт. Аввалин вохӯрии ӯ ҳамчун меҳмони ношинос бо намояндаи меҳнаткашон Ландбаки обкаш тасвир ёфтааст. Маънои ҳикоя дар байни халқ будани шоҳро талқин менамояд. Обкаши камбағал бо сифатҳои некӣ, олиҳимматӣ, одамдӯстӣ ва меҳмоннавозиаш тасвир ёфтааст. Рӯзи дигар Баҳром ҳамин тавр ба хонаи давлатманде Бароҳон ном шахс рафт. Вай аввал ӯро ба манзилаш роҳ надод, баъд розӣ шуд, вале ҷою палосу хӯрок надод. Бахром шабро дар рӯи ҷулу зини асп гузаронд. Бо вай дар бораи дорову нодор гуфтугӯ кард. Мувофиқи ваъда пасафкандаи аспашро худаш баровард. Ӯ дар мисоли ин ду каси ба ҳам зид дунъё ва одамонро шинохт:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, ки: — «Ин бас шигифт
Бидидам, ҳаме ёд бояд гирифт».

Рӯзи дигар Баҳром фармуд, ки чизҳои бо хасосат ва ноодамӣ ғундоштаи Бароҳони давлатмандро ба Ландбаки обкаш диҳанд. Хислатҳои оличанобро дар камбағалон ва нокасию пастҳимматиро дар хислати доропён дидани шоир ҷиҳати халқияти эҷодиёти вай аст.

Дар давоми ин ҳикоят як силсила ҳикоятҳои дигар омадааст, ки хислатҳои Баҳромро акс кунонидааст: Баҳром дар беша ва марғзоре шери нару модаеро кушт, ки ба аҳолӣ ва чорвои он ҷо зарар мерасонд. Меҳрбандод ном деҳқоне ӯро пешвоз гирифта, барои ин некиаш вайро зиёфат мекунад ва подшоҳ будани ӯро аз рӯи фаросат мефаҳмад:

Чунон дон, ки монандаи шоҳро,
Ҳамон ними шаб нимаи моҳро.

Рӯзи дигар деҳқоне Қабрӯй ном бо дастовези зиёде пеши Баҳром омада, бисёр май нӯшид, дар бозгашт дар домани кӯҳе хобида буд, ки зоғи сиёҳе омада чашми ӯро кофта хӯрд. Баҳром ин ҳолро дида, майро ҳаром эълон кард:

Рухи шаҳриёри ҷаҳон зард шуд,
Зи тимори Қабрӯй пурдард шуд...
Ҳаром аст май дар ҷаҳон сар ба сар,
Агар паҳлавон аст, агар пешавар.

Ҳамин тавр то як сол май ҳаром эълон шуд. Ҷавоне кафшгар рӯзе маст шуда буд. Ҳамон рӯз шери подшоҳӣ банду занҷирро шикаста ба кӯча баромадааст ва ба мардум таҳдид мекард. Вай нотарсона ба болои шер нишаст ва аз гӯшу ёлаш гирифт, шербон бо банду занҷир аз пушт мерафт. Подшоҳ ҳайрон шуд, ки ин далер кӣ бошад? Агар аз авлоди далерон, ҷоиз аст. Модари бача гуфт:

Ниё кафшгар буд, падар кафшгар,
В-аз он пеша бартар наёмад гуҳар.
Нажодаш набуд ҷуз се ҷоми набид,
Ки донист, к-ин шоҳ хоҳад шунид.

Баъд аз ин Баҳром майро ҳалол эълон кард, вале ба андоза нӯшиданро таъкид намуд:

Ба мӯбад чунин гуфт, к-акнун набид,
Ҳалол асту майхора бояд гузид,
Ки чандон хӯрад май, ки бар наррашер
Нишинад, наёрад варо шер зер...
Бар андоза бар ҳар касе май хӯред,
Ба анҷому фарҷоми худ бингаред!

Дар ин ду ҳикоят чун шахси реалист аз рӯи зарурат амал кардани Баҳром тасвир ёфтааст. Дар ҳикояте деҳаеро барои ба шоҳ нописандона нигоҳ кардани аҳолӣ бо фармони ӯ хароб кардани мӯбад, вале боз ба фармони шоҳ онро обод кардани мӯбад Рӯзбеҳ лутфу ғазаби Баҳром тасвир ёфтааст. Хулосаи нависанда ин аст, ки шоҳ метавонад деҳае ё шаҳреро хароб ва ё обод гардонад. Беҳтар он аст, ки барои ободонӣ ва халқпарварӣ мулкро обод ва мардумро шод гардонад.

Баҳром ҳангоми шикор шабона гулханеро дида ба назди он рафт, ки дар гирди осиёб писарону духтарон нишаста сурудхонӣ ва рақсу бадеҳагӯӣ мекарданд. Вай дар он ҷо духтарони осиёбон — чорхоҳарон — Мушкноз, Мушкинак, Нозъёб ва Савсанакро, ки дар ниҳояти зебоӣ буданд, дида ошиқ мешавад ва аз падарашон хостгор шуд. Осиёбон камбағалии худро далел оварда, розӣ намешавад, вале Баҳром дар ин роҳ аҳамият надоштани молу чизро арз мекунад:

Ҷавоби пирмард:

На ҷома-ст моро, на буда на бар,
На симу сарою на гову на хар.

Ҷавоби Баҳром:

Напурсид чун дил мард аз нажод,
На бар хоста, бар дилаш буд ёд.

Ба руи замин бар ҳаме моҳ ҷуст,
На динор ё духтари шоҳ ҷуст.

Ҳамин тавр, Баҳром ҳамчун шоҳи халқпарвар, одил, боинсоф ва ҳақиқатҷӯ тасвир ёфтааст, ки он идеали шоир мебошад.

Бори дигар ҳангоми шикори нахчир пирмарди деҳқоне ба назди Баҳром омада арз мекунад, ки дар замини зироати ӯ сӯрохие пайдо шуд, ки ба он об мерафт, аз омадани овозҳо маълум буд, ки ҷои ганҷ аст. Баҳром фармуд, ки он ҷоро кобанд. Аз зери замин хонаҳое баромад, ки хазинаи Ҷамшед дар он пинҳон будааст. Аммо Баҳром ганҷи муфтро гирифтан нахост, ор кард, зеро бояд бо кӯшиши худаш ва адлу дод хазина ҷамъ кунад. Бинобар ин, таклиф кард, ки онро ба камбағалон тақсим карда диҳанд:

Зи ганҷе, ки Ҷамшед бинҳод пеш,
Чаро кард бояд маро ганҷи хеш?
Маро ганҷ, к-он ҷуз ба шамшери дод,
Фароз ояд, аз подшоҳӣ мабод!
Ба арзониён деҳ ҳама ҳар чӣ ҳаст,
Мабодо ки ояд ба мо бар шикаст...
Набояд сипоҳи маро баҳра з-ин,
На танг аст бар мо ба мардӣ замин
Фурӯшед гавҳар ба зарру ба сим,
Зани беваву кӯдакони ятим,
Тухидаст мардум, ки доданд ном,
Гусиста дил аз ҷои орому ком.

Дар ин ҳикоят ҷавонмардӣ, ҳайрхоҳӣ ба мардум ва аз ҳисоби меҳнати худ зиндагӣ кардан, аз боигарии муфт шод нашудан дар симои Баҳром талқин ёфтааст:

Маро то ҷавон бошаму тандуруст,
Чаро боядам ганҷи Ҷамшед ҷуст?
В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи ганҷи хеш,
Ки гирд оварид аз ҳаю ранҷи хеш.

Майдони фаъолият ва воқеъ гардидани ҳодисаҳо бо вай нахчиргоҳ аст. Вай дар ин ҷо рӯзи дигар ба манзили савдогаре ва шогирди ӯ рафт. Ба бозаргон пул дод, ки барои дарди шикам мағзи бодому панири кӯҳна ёфта диҳад. Савдогар ба ҷои он ба нархи арзон мурғ бирьён кард, вале рӯзи дигар супориши шоҳро шогирди бозаргон ба ҷо овард. Подшоҳ фармуд, ки минбаъд пулро хоҷа диҳад, хароҷоту меҳмондориро шогирд кунад, зеро хоҷа бахил аст ва бахилӣ хосият надорад. Дар ин мисол хислати хасисӣ ва бахилӣ сарзаниш шудааст:

Ба чизи ту ӯ сози меҳмон кунад,
Дили марди озода хандон кунад
Бахилӣ макун эч гар мардумӣ,
Ҳамоно зи ту кам кунад хуррамӣ.

Дар эпизоди аждаҳоро куштани Баҳром ва сӯҳбати ӯ бо зани полезбон, аз зулми шоҳ гум шудани баракат дар мисоли ши-

ри худро хушк кардани гови деҳқон, вале баъди аз кори бад тавба кардани Баҳром дубора ба пистони гов омадани шир, ёрӣ ба деҳқон ва мазаммати зулм акс ёфтааст.

Дар эпизоди баъди ба боғи Барзини деҳқон рафтани Баҳром ва ба духтарони зебои хонандаву навозандаву раққосаи ӯ (Моҳофарид, Фаронак, Шанбалид) ошиқ шудану ба занӣ гирифтани вай ба ҳикояти осиёбон ва чор духтари вайро ба занӣ гирифтани Баҳром монанд аст.

Ҳангоми ҳунарнамоии Баҳром, ки ду гӯрро якҷоя шикор карда, ду шерро кушта буд, сарчӯпон хабар дод, ки дар ин наздикӣ ҷавҳарфурӯше ҳаст, ки духтари чангзан дорад, бегоҳӣ ки шуд, аз дасти ӯ май менӯшад, базм мекунад. Баҳром ба он мароқ пайдо мекунад. Тағйири либос карда, ба хонаи гавҳарфурӯш меравад. Базмро мебинад. Гавҳарфурӯш — Моҳъёр дар бораи духтари худ мегӯяд:

Ҳам ӯ майгусору ҳам ӯ чангзан,
Ҳам ӯ чомагӯй асту андӯҳшикан.

Духтари чангзан Орзу бо чанг мадҳи шоҳро мехонад. Чангзан ба Баҳром дил мебандад. Баҳром бо номи сохтае Гушасп бо розигии падари духтар Орзуро худи ҳамон шаб ба занӣ гирифт. Вақте ки фардо подшоҳ будани Гушаспро фаҳмиданд, Орзу бо зебу зинат ва тӯҳфаи бисьёре омад. Баҳром гуфт:

Ҳамон чомаву чанг моро бас аст,
Нисори занон баҳри дигар кас аст.

Дар ин гуфтаи ӯ ба зебоии зоҳирӣ эътибор надодан ва ҳунарро зебоӣ шинохтани Баҳром, ки он ақидаи шоир мебошад, акс ёфтааст. Дар байни ин эпизод Фирдавсӣ ба тариқи руҷӯи лирикӣ бисьёр зан гирифтан ва бо занон машғул будани ӯро бо мӯбад, ки ба меҳтарон гуфтааст, маҳкум менамояд:

Наёбад ҳаме сарӣ аз хуфту хез,
Шаби тира з-ӯ ҷуфт гирад гурез.
Шабистон мар ӯро фузун аз сад аст,
Шаҳаншоҳ аз ин гуна бошад, бад аст.
Кунун нӯҳсаду сӣ тан аз духтарон,
Ҳама бар сарон афсарони гарон,
Шумурдаст ходим дар айвони шоҳ,
К-аз ишон яке нест бе дастгоҳ.
Ҳама бож хоҳад зи ҳар марзу бум,
Ба як моҳ парешон бувад божи Рум.

Фирдавсӣ ба ин муносибат зарарнок будани муносибати аз ҳад зиёди ҷинсиро таъкид кардааст: Ба ақидаи ӯ ин муносибат барои насл аст, на айшу ишрату фаҳш, чунончӣ, Баҳром дошт:

Дареғ ин бару кифту болои ӯй,
Дареғ ин рухи маҷлисорои ӯй...
Табаҳ гардад аз хуфту хезн занон,
Ба зудӣ шавад суст чун бадтанон.

Кунад дида торику рухсора зард,
Ба тан суст гардад, ба рух лоҷвард.
Зи бӯи занон мӯй гардад сафед,
Сапедӣ диҳад з-ин ҷаҳон ноумед.
Ҷавонро шавад кӯж болои рост,
Зи кори занон чанд гуна балост.
Ба як моҳ як бор аз овехтан
Гар афзун кунӣ худ бувад рехтан.
Ҳамин моя аз баҳри фарзандро
Бибояд ҷавони хирадмандро,
Ки афзун кунӣ, коҳиш афзун бувад,
Зи сустӣ тани мард бехун шавад.

Дар мисоли майнӯшиҳои зиёди Баҳром дар меҳмонӣ, алал-хусус, хуфтухобаш бо занони худ, зарари мастиро хотирнишон ва таъкид кардааст:

Чунин дод посух, ки аз марди маст,
Хирадманд чизе нагирад ба даст.
Касеро, ки май андӯҳ орад ба рӯй,
Набояд ки бинад зи май рангу бӯй.

Баҳром сафари дигар баъд аз сайру гашти якмоҳа ба манзиле рафт, ки дару девор хароб, либосу палосу хӯрок нест, вале хонаҳо пур аз пасафкандаи гӯсфандон аст. Соҳибхона Фаршедвард ном дошт. Ҳар чиз ки шоҳ мепурсид, «нест» мегуфт. Ин хона гӯё хонаи бечорае ё камбағале буд ва он шахс худро марди дарвеши пир ба қалам медод, вале аз сӯҳбати Баҳром бо Фирӯзи хоркаш маълум шуд, ки ин шахс хасиси молдоре будааст, ки на худ мехӯрд ва на ба касе медод:

Чунин дод посух, ки «Фаршедвард
Яке озвармарди бехобу х(в) ард...
Шубонаш ҳама гӯшт ҷӯшад ба шир,
Худ ӯ нони арзан хӯрад бо панир».

Подшоҳ сад яки он боигариҳоро, ки ҳисоб надошт:

Шумораш падидор н-ояд ҳанӯз,
Нависандаро пушт баргашт кӯз.

ба хоркаш ваъда карда, фармуд, ки вакилони Баҳромро ба ҷои молу чизи Фаршедвард барад. Чунин карданд. Намояндаи Баҳром дар мактуби худ ҳамаро тасдиқ кард, вале қайд намуд, ки Фаршеварди ин чизҳоро бо роҳи ҳаром ҷамъ накардааст:

Наёвард гирд он зи дуздиву хун,
Набуд ҳам касеро ба бад раҳнамун.

Баҳром аз ин гуфтаи саркардаи худ ба хашм омада, фармон дод, ки худаш ва аскаронаш чизе нагиранд, пули нақдинаашро ба худаш монда:

Ниҳон карда динори Фаршедвард,
Бад-он пир мон, то набошад ба дард,

боқӣ ҳамаро ба мардуми бечораву бенаво диҳанд:

Қасеро, ки пӯшида дорад ниёз,
Ки аз бад ҳаме дер ёбад чавоз:
Ҳамон низ пире, ки бекор гашт,
Ба чашми гаронмоягон хор гашт.
Дигар мар киро чиз буду х(в)ард,
Қунун монд бо дарду бо боди сард.
Қасеро, ки вом асту динор нест,
Ба бозургонӣ касаш ёр нест.
Дигар кӯдаконе, ки бинӣ ятим.
Падар мурдаву несташон зарру сим.
Заноне, ки бешӯю бепӯшишанд,
Ки коре надонанду бекӯшишанд,
Бар эшон бубахш ин ҳама хоста,
Барафрӯз ҷони равонкоста.

Дар ин эпизод ҳам Баҳром ҳамчун подшоҳи одил ва халқпарвар тасвир ёфтааст. Агар дар ҳикояти пешина молҳои хасиси беҳимматро ба як шахси олиҳиммати бечора, ки буду шудашро ба меҳмон дода буд, бахш карда бошад, ин ҷо ҳамаро ба одамони оддии бечора ва бенаво дод. Дар ин тасвирҳо мусодираи моли давлатмандони муфтхӯр ва асилзода (чунон ки дар таълимоти Маздак ҳаст) набошад ҳам, хасисону мумсикон ва пастҳимматон низ ба гурӯҳе дохил карда шудаанд, ки моликияти онҳо сазовори мусодира аст. Лаҳзаи ҷолиби диққат ин аст, ки Баҳром ин молу мулкро ба хазинаи давлати худ нагирифтааст, ба мардуми бенаво додааст. Дар ин тасвир ақидаи инсондӯстӣ ва халқпарварии Фирдавсӣ намудор гаштааст. Баҳром ёрии моддиро ба халқ аз хазинаи давлат надода бошад ҳам, халқпарварии ӯ бо роҳи мусодираи моли давлатмандони мумсик зоҳир гаштааст.

Дар ҳикояҳо аксар хислатҳои инсонии Баҳром дар корҳои зиндагӣ ва соҳаи қаҳрамонию ҷасорат ва ҳунари шикор намудор гаштааст. Шикори ӯ дар нахчиргоҳ ва шеронро куштани вай тез—тез зоҳир шуда меистад. То ин ҷо ҳаёти ӯ бештар оромона гузаштааст. Аз оғози ҷанги «Хоқони Чин бар зидди Эрон» ҳаёти Баҳром дар корҳои давлатӣ — ҷангҳо мушоҳида мешавад. Аммо Фирдавсӣ, пеш аз он ки юришҳои ҳарбии Баҳромро тасвир намояд, ба кори давлатдории ӯ, ки аз бепарвоӣ, айшу нӯш ва шикор иборат буда, мамлакатро ба бенизомӣ овардааст, бо назари танқид нигоҳ карда, ин бепарвоии ӯро яке аз сабабҳои ба ватан ҳуҷум овардани бегонагон маънидод намудааст:

Пас, огоҳӣ омад ба Ҳинду ба Рум,
Ба Турку ба Чину ба ободбум,
Ки Баҳромро дил ба бозист бас,
Қасеро ба гетӣ надорад ба кас.
Талоя наю дидбон низ на,
Ба марз андарун марзбон низ на.
Чу хоқони Чин ин суханҳо шунид,
Зи Чину Хутан лашкаре баргузид.

Ба ҳамин тарик, аз Шарқ хоқони Чин, аз Ғарб Қайсари Рум ба Эрон ҳуҷум меоранд, вале қувваҳои ватандӯсти Эрон зуд ба атрофи Баҳроми Гӯр гирд омада, аввал ӯро ба бепарвоӣ ва айшу бозӣ сарзаниш кардаанд:

Бигуфтанд бо шоҳ чанде дурушт,
Ки бахти фурузон-т бинмуд пушт.
Сари шаҳриёрон ба разм андар аст,
Туро дил ба бозиву базм андар аст.

Баҳром дар ҷавоби таънаҳо аҳду паймони қатъии худро баён намуд, ки вай тайёр аст бо ёрии яздон, роҳбарии мӯбадон ва ҷонфидоии паҳлавонон Эронро аз ҳуҷуми душман мудофиа намояд:

Ба пирӯзии подшоҳи бузург,
Ман Эрон нигаҳ дорам аз ҷанги гург.
Ба бахту силоҳу ба шамшеру ганҷ,
Зи кишвар бигардонам ин дарду ранҷ.

Саркардагон ва мардуми Эрон бовар надоштанд, ки Баҳром бо ин гуна давлатдории худ пеши роҳи душманро гирифта метавонад:

Ҳамекард бозӣ бар ин ҳамнишон,
В-аз ӯ пур зи хун дидаи саркашон.
Хамегуфт ҳар кас бад-ин подшо,
Бупечид дили мардуми порсо.

Аммо Баҳром бо айшу нӯш банд бошад ҳам, дили бедор ва пинҳонӣ тайёрӣ дошт:

Дили шоҳ Баҳром бедор буд
В-аз он огаҳӣ пур зи тимор буд.

Вай ҳамаи саркардагон ва паҳлавонони Эронро ҷамъ карда, машварат намуд. Қарор доданд, ки бо душман ҷанг кунанд:

Силоҳ асту ганҷ асту мардони мард,
К-аз оташ ба ханҷар бароранд гард.

Баҳром ва саркардагонаш бо маслиҳати Ҳумой ном мӯбад қарор доданд, ки хоқони Чинро фиреби ҳарбӣ диҳанд. Номаи таслим навиштанд, ки тоби ҷанг надорем, ҳадьяву боҷ медиҳем, вале пинҳонӣ ба ҷанг тайёр шуданд. Хоқон бо умеди боҷи Эрон ва ҷавоби номааш хотирҷамъ буд, вале Эрониён ҳуҷуми ногаҳонӣ карда, лашкари хоқони Чинро мағлуб карданд. Баҳром душманро дар Тӯрон таъқиб карда, ҳар кӣ ба даст меафтод, мекушт. Саркардагони чинӣ хоҳиш карданд, ки гунаҳкор подшоҳашон, онҳоро накушад. Баҳром ба онҳо аз рӯи инсондӯстӣ нигоҳ карда гуноҳашонро бахшид:

Дили шоҳ Баҳром аз ишон бисӯхт,
Ба дасти хирад чашми хашмаш бидӯхт.

Баҳром аз онҳо бо гирифтани боҷ қаноат кард. Шимар ном касро ҳокими Тӯрон таъин намуда, сарҳади байни Эрону Тӯронро муайян карда, сутунҳои сарҳад созонд.

Ба ҳамин тариқ, ҳамчун шоҳи ғолиб ва раҳмдил аз ҷанг баргашт. Муносибати ӯ бо Қайсар бо он факт ба анҷом расидааст, ки фиристодаи Қайсарро қабул кард, мӯбадон ба ҳафт саволи ӯ ҷавоб доданд. Дар эпизоди «Сухан гуфтани Баҳром бо сардорон аз дод» Баҳром боз як бор ҳамчун подшоҳи одил ба қалам дода шудааст. Баҳром ба сифати подшоҳи баҳру бар ба подшоҳи Ҳинд Шангул нома навишта, аз ӯ талаб мекунад, ки тобеъ бошад ва боҷ диҳад, зеро падару бобоёни Шангул ҳамин тавр буданд. Вай ба ҷангу мағлубияти хоқони Чин ишорат мекунад. Ӯ бо номаи худ ба Ҳиндустон меравад, дар боргоҳи Шангул гӯштингирӣ ва ҳунарозмоӣ намуда, духтари шоҳи Ҳиндустонро ба занӣ гирифта, ҳамроҳи духтари Шангул ба Эрон мегурезад, вай аз паси ӯ мешитобад. Онҳо дар роҳ оштӣ карда, ҳар кадом ба мулки худ меравand. Эрониён Баҳромро хуш қабул мекунанд. Аз Фағфури Чин нома меояд, ки ӯ тобеи Баҳром аст, ба меҳмонӣ ояд. Шангул бо ҳафт подшоҳ ба назди Баҳром меояд. Ҳамаи инҳо далели он аст, ки Баҳром подшоҳи подшоҳони ҷаҳон аст. Вай дар охири подшоҳӣ ва умри худ хироҷро аз деҳқонон бардошта, аҳволи онҳоро сабук мекунад, ки нишонаи халқпарварии ӯст. Вай падари худ Яздигирдро, ки дар зулму худписандӣ пайрави Ҷамшеду Кайковус буд, мазаммат ва маҳкум кардааст:

Падар гар ба бедод ёзид даст,
Набуд поку донову яздонпараст...
Бубинед, то Ҷамму Ковусшоҳ
Чӣ карданд, к-аз дев ҷустанд роҳ.
Падар ҳамчунон роҳи ишон биҷуст,
Ба оби хирад ҷони тира нашуст.

Баҳром шахси таърихӣ бошад ҳам, ба вай бисьёр хислатҳои афсонавӣ—мифологӣ бор карда шудааст. Образи Баҳром асосан мусбат ва идеалист, вале Фирдавсӣ аз нуқсонҳои ӯ низ чашм напӯшидааст.

Ба ин тариқ, агар як гурӯҳ шоҳон, аз қабили Қаюмарс, Фаридун, Эраҷ, Манучеҳр, Кайхусрав ҳам шоҳони одил ва ҳам далеру тавоною ватандӯст шуморида шуда бошанд, гурӯҳи дигар, аз қабили Ҷамшед, Кайковус ва Гуштосп бо вуҷуди далеру қаҳрамон ва ватанпарвар будан, шоҳони одил нестанд, зеро корҳои ношоистае аз худ зоҳир кардаанд.

Гурӯҳи сеюми шоҳон золимони мутлақанд.

**Образи Заҳҳок**

Аз рӯи тасвири афсона падари Заҳҳок Мардос чорводори давлатманди араб буда, худи ӯ бадгуҳар аст. Рӯзе иблис ба вай наздик шуда, ӯро ба раъйи худ тобеъ ва ба муқобили падараш ра-

вона карда, падарро ба чоҳ меафтонад ва ба ҷои ӯ худ ҳоким мешавад:

Фурӯмоя Заҳҳоки бедодгар,
Бад-ин чора бигрифт гоҳи падар.

Баъд аз ин иблис роҳи дигареро пеш гирифта, худро дар шакли ҷавони ошпаз нишон дода, зимоми озуқаи шоҳиро ба даст гирифт ва дар ивази хизматҳояш ду бӯса аз китфи ӯ бистонда, худ ба замин пинҳон шуд, аз ду китфи вай ду мори сиёҳ баромад:

Ду мори сияҳ аз ду китфаш бируст,
Ғамӣ гашту аз ҳар сӯе чора ҷуст.

Заҳҳок он морҳоро бурид, вале мисли шохи дарахт боз сабзиданд. Ҳама барои маслиҳат чораҳо диданд. Иблис ба шакли табиб омада, маслиҳат дод, ки аз мағзи сари одамон ба морҳо хӯриш диҳад:

Ба ҷуз мағзи мардум мадеҳшон хӯриш,
Магар худ бимиранд аз ин парвариш.

Муроди ӯ ин буд, ки дар ҷаҳон одам намонад:

Нигар наррадев андар ин ҷустуҷӯй,
Чӣ ҷусту чӣ дид андар ин гуфтугӯй.
Магар то яке чора созад ниҳон.
Ки пардахта монад зи мардум ҷаҳон.

Баъд аз он ки аъёну ашрофи сипоҳ аз Ҷамшед рӯй гардонданд, ба Заҳҳок мурочиат карданд, то ки дар Эрон подшоҳ шавад. Заҳҳок ба тахт нишаста, баъди сад сол Ҷамшедро аз баҳри Чин ёфта, аз миёнаш бо арра бурронда кушт. Дар замони подшоҳии ҳазорсолаи ӯ хоҳиши Аҳриман ҷорӣ гардид, девон дастдароз шуданд, илму ҳунар хор, мардум забун гардиданд:

Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷманд,
Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.
Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,
Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз.

Хоҳарони Ҷамшед Шаҳрноз аз Арнозро ба қасри Заҳҳок бурданд. Вай онҳоро ба занӣ гирифт ва мардумро ба корҳои бад омӯхт:

Надонист худ ҷуз бад омӯхтан,
Ҷуз аз куштану ғорату сӯхтан.

Барои морҳои ӯ ҳар рӯз аз мағзи сари ду кас хӯрок тайёр мекарданд:

Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди ҷавон,
Чи кеҳтар, чи аз тухмаи паҳлавон...

Бикуштанд, мағзаш бурун охти,
Мар он аждаҳоро хӯриш сохтӣ.

Аммо ду каси доно бо номи Армоил ва Қармоил маслиҳат карданд, ки ба ҷои яке ҳаррӯз мағзи сари як гӯсфандро ҳамроҳ карда ҳар моҳ сӣ мардро аз куштан халос кунанд:

Аз ин гуна ҳар моҳиён сӣ ҷавон,
Аз ишон ҳаме ёфтандӣ равон.

Аз ду ҷиҳат Заҳҳок ҳамеша дар хавфу риҷо буд — аз ҷиҳати зулм ба халқ ва подшоҳии ғайриқонунӣ будан. Аз ин сабаб аз пайдо шудани подшоҳи қонунӣ ва меросии тахту тоҷи Эрон метарсид. Вай боре хоб дид, ки ду меҳтару як кеҳтар бо либосҳои шоҳона аз байни сипоҳ баромада бо гурзи гарон ба сари Заҳҳок заданд ва ӯро кашон-кашон ба кӯҳи Дамованд мебурданд. Вай аз хоб доди воҳимадор зада бедор шуд: Ӯ бо маслиҳати занаш Шаҳрноз калоншавандагонро ҷамъ карда, хобашро гуфт. Онҳо аз таваллуди подшоҳи оянда Фаридун хабар доданд ва маслиҳат карданд, ки аз аъёну ашроф ва намояндаи халқ ризоятнома—маҳзар гиранд, ки ӯ подшоҳи хуб аст: Ҳама, ба ғайр аз Қоваи Оҳангар, розӣ шуданд. Заҳҳок розӣ шуд, ки охирин писари Коваро диҳад, то ки ӯ ба маҳзар имзо кунад, вале вай писари худро гирифт, маҳзарро дарронда ба зери по партофт.

Шӯришчиён бо сардории Кова ва подшоҳи нав Фаридун Заҳҳокро аз тахт фароварда, дар кӯҳи Дамованд чормех карданд. Образи Заҳҳок аз аввали достон манфӣ аст. Вай, пеш аз ҳама, фарзанди нохалафи падар аст, ӯ бо маслиҳати шайтон барои манфиат ва ҳокимияти шахсӣ ба муқобили падари худ баромада, ӯро хоинона ва хирасарона ба чоҳ афканда, ба сари тахти подшоҳӣ нишаст. Ӯ ҳамчун подшоҳи ғайриқонунӣ ва золиму тарсончак дар назди подшоҳи соҳиби ҳақиқии тахту тоҷ, дар назди подшоҳи меросӣ ва намояндаи халқ оҷиз ва бечора аст.

Образи Заҳҳок таҷассуми зулми қувваҳои ҷабркунандаи ҷамъият буда, ҳукмронии ҳазорсолаи ӯ ифодаи вазнинии зулми иҷтимоӣ ва миллӣ буда, мағзи сарро хӯрдани морон дар давраи зулм забунии ақлу заковат ва дониши инсониро ифода намудааст.

Лаҳзаи халқияти ин эпизод дар он аст, ки аъёну ашроф дар кори ба тахти Эрон овардан ва ҳимоя кардани Заҳҳок моҳияти зиддихалқӣ ва зиддимиллии худро зоҳир намудаанд. Наҷотдиҳандаи халқу ватан аз зулми миллӣ ва иҷтимоӣ танҳо халқ аст. Ҳар чанд ки ин мафҳум дар плани подшоҳи одилпарастӣ ифода ёфтааст,вале мувофиқи шароити ҳамон замон ғояи халқӣ баён намудааст.

**Образи Афросиёб**

Афросиёб аз авлоди турк буда, писари Пашанг аст. Турониён ҳам дар навбати худ аз эрониён кини Тур ва Салмро, ки бо ёрии Сом аз тарафи Манучеҳр кушта шуда буданд, гирифтанӣ буданд. Онҳо баъд аз вафоти Манучеҳр ва Сом фурсатро мусоид

ёфта, ба Эрон ҳуҷум кардани шуданд, ки дар ин ҷанг роли паҳлавони беназири манфӣ Афросиёб калон аст. Афросиёб аз забони падараш чунин тасвир ёфтааст:

Ба мағзи Пашанг андаромад шитоб,
Чу дид он саҳиқадди Афросиёб.
Бару бозуи шеру ҳам зӯри пил
В-аз зӯ соя афканда бар чанд мил.
Забонаш ба кирдори бурранда теғ,
Чу дарьё дилу каф чу боранда меғ.

Афросиёб аз аввали фаъолият ва корнамоиҳои худ дили пур аз кинаи зидди эрониён дорад ва бинобар ин, вақте ки падараш ӯро ба ҷанги зидди эрониён даъват кард, шод шуд, аз шунидани вафоти Сом хурсанд гардид:

Зи гуфти падар мағзи Афросиёб
Биҷӯшид, омад сараш пуршитоб...
Хабар шуд, ки Соми Наримон бимурд,
Ҳама дахма созад варо Золи гурд,
Аз он сахт шодон шуд Афросиёб,
Бидид, он ки бахт андар омад зи хоб...
Маро бим аз ӯ буд ба Эронзамин
Чу ӯ шуд зи Эрон бихоҳем кин...

Афросиёб бераҳм ва хунрез аст:

Куҷо хостӣ гурд Афросиёб,
Ҳама хун шудӣ дашт чун рӯди об...
Ба шоҳӣ нишаст андар Эронзамин,
Саре пур зи ҷангу диле пур зи кин.

Вай бераҳму шафқат ва беандешаву хирад аст. Вақте ки бародараш Ағрирас ӯро ба бегуноҳ куштани одамон манъ кард, ӯро низ кушт:

Сипаҳбуд барошуфт чун пили маст,
Ба посух ба шамшер ёзид даст.
Миёни бародар ба ду ним кард,
Чунон некдил шуд ҳашивор мард.

Бо вуҷуди паҳлавонӣ ва кинаҷӯӣ, Афросиёб дар ҷанги аввал аз Рустам гурехт, аз ҷанг пушаймон шуд ва падарашро дар аҳдшиканӣ ва кинаҷӯӣ айбдор кард, хаёлҳои хоми ӯро, ки гӯё баъд аз кушта шудани Нӯзар Эрон бeподшоҳ монд ва онро забт кардан мумкин бошад, сарзаниш намуд ва аз Рустам тарси худро изҳор дошт:

Бад-ӯ гуфт:— Эй номбардор шоҳ,
Туро буд аз ин ҷанг ҷустан гуноҳ...
Намондаст бо ӯ маро тоб ҳеҷ
Бирав рой зан, оштиро бисеҷ.

Афросиёб аз мағлубият пушаймонии ҷанг кард, вале дар асл кинахоҳ ва ҳамеша қасосгиранда буда, барои ҳамла ҳамеша

лаҳзаи муносибе меҷӯяд. Вай аз асирии Ковус дар мулки Ҳамоварон ва набудани Рустам дар Эрон истифода бурда, ба тохту тоз гузашта, мамлакатро хароб мекунад:

Гашан лашкаре сохт Афросиёб,
Баромад сар аз хӯрду орому хоб...
Шикаст омад аз турк бар тозиён,
Зи ҷустан фузунӣ сар омад зиён.
Сипоҳ андар Эрон пароканда шуд,
Зану марду кӯдак ҳама банда шуд.

Ҳаракатҳои Афросиёб дар кишвари Эрон ба амалиёти роҳзанон монанд аст. Агар майдонро холӣ бинад, тохту тоз мекунад ва агар зӯр ояд, мегурезад ва ё сулҳи сохта таклиф мекунад. Вақте ки мардуми азобдида барои халосӣ аз ғоратгарии Афросиёб ба Рустам муроҷиат карданд, Рустам ба ҷанги зидди тӯрониён бархост, Афросиёб аз майдон гурехт, Рустам аз пас вайро пеш кард:

Сипаҳдори Турон чу з-он гуна дид,
Сабук сар аз он ҷанг берун кашид.
Инонро бупечиду бигирфт роҳ,
Ҳамешуд ба тезӣ чу абри сиёҳ.
Таҳамтан барангехт Рахш аз шитоб,
Паси пушти ҷанговар Афросиёб...
Ҳаметохт чун бод Афросиёб...
Шитобанда бигзашт аз рӯи об.

Аз он сабаб ки Афросиёб дил пур аз кини эрониён дошту ком гирифта нометавонист ва аз мағлубиятҳои худ хулосаҳои лозима намебаровард, аз ниятҳои таҷовузкорӣ даст намекашид. Бинобар ин, боз ба сари Эрон лашкар кашид. Ин дафъа, вақте ки лашкари Эрон бо сардории Рустам ва Сиёвуш ба ҷанги мудофиавӣ омаданд, қисме аз лашкари Афросиёб дар ҷанги аввал шикаст хӯрд. Вай шабона хоби воҳиманоке дид, ки дуньё торик, рӯи замин пур аз мор, лашкари беҳисоби Эрон ҳуҷум дорад ва худи ӯро баста бурда истодаанд. Вай ҳамчун шахси мутаасиб ва ба ҳар гуна хурофот боваркунанда эзоҳи хобашро аз мӯбадон пурсид. Мӯбадон дар таъбири хоб ӯро огоҳ карданд, ки аз Эрон лашкари зиёде бо сардории одамони кордида меояд, рӯзгори шоҳи Тӯрон табоҳ мешавад ва агар Сиёвуш кушта шавад, ҷангу кина як умр давом хоҳад кард. Вай аз ин хавф ба қароре меояд, ки агар бо Ковусу Сиёвуш ҷанг накунад, ҳама осоишта хоҳад буд:

Ғамӣ шуд, чу бишнид Афросиёб,
Накард ҳеҷ бар ҷанг ҷустан шитоб.
Ба Гарсеваз он розҳо бар кушод,
Нуҳуфта суханҳо ҳамекард ёд,
Ки гар ман ба ҷанги Сиёвуш сипоҳ
Наорам, наёяд касе кинахоҳ.
На ӯ кушта ояд ба ҷангу на ман,
Баросояд аз шарру шӯр анҷуман.

Вай маслиҳати дурустеро зарур медонад, то ки ба назди Сиёвуш бо тӯҳфаҳо кас фиристода, сулҳ хоҳад:

Ба ҷои ҷаҳон ҷустану корзор,
Мабодам ба ҷуз оштӣ ҳеҷ кор.
Фиристам ба наздики ӯ симу зар,
Ҳам аз тоҷу тахту фаровон гуҳар.

Вай қарор медиҳад, ки заминҳои пеш ишғолкардаашро гардонда диҳад:

Замине, ки бахшида будам зи пеш,
Аз он низ кӯтаҳ кунам дасти хеш.
Магар, к-ин балоҳо зи ман бугзарад,
Ки тарсам равонам фурӯ пажмурад.

Афросиёб ин маслиҳатро дар назди меҳтарони давлату қӯшуни худ низ гузошт. Ҳама розӣ шуданд:

Сарон як ба як посух оростанд,
Ҳама хубию оштӣ хостанд.

Ҳамин тавр, Афросиёб аз тарс шитобкорона роҳи сулҳро пеш гирифт, то ки давлати худро нигаҳ дорад. Ӯ ба Гарсеваз фармуд, ки вакилон бо тӯҳфаи арзандае назди Сиёвуш раванд ва гӯянд, ки бо Эрон нияти ҷанг надорад:

Ғулому канизак бубар ҳам дувист,
Бигӯяш, ки бо ту маро ҷанг нест.
Бипурсаш фаровону бо ӯ бигӯй,
Ки мо сӯи Эрон накардем рӯй.

Агар ин гуфтаҳои ӯро бо гуфтаҳои пеш аз ҷанг баёнкардааш муқоиса кунем, сохта будани сулҳталабии вай маълум мегардад, вале ба ҳар ҳол, аз тарс бошад ҳам ин қарори ӯ дар ногуворӣ чораҷӯй ва ба маслиҳат гӯш додани ӯро нишон медиҳад. Дар ин бобат ӯ аз Қайковуси мағруру худраъй, ки маслиҳатро қабул намекард, ба мағлубиятҳо гирифтор мешуд, афзалият дорад.

Сиёвуши аз падар ранҷидаро хуш қабул кардани Афросиёб, духтараш Фарангисро ба вай ба занӣ додани ӯ дар яке аз мулкҳо ҳоким таъин кардани вай нисбат ба Қайковус ва махсусан, Заҳҳок бадкирдор набудани ӯро нишон медиҳад. Вай бо ин роҳ бо шоҳи Эрон хешу табор шуда, ба пайдо шудани сулҳи умумии Эрону Тӯрон роҳ мекушояд. Аммо бародараш Гарсеваз барои мероси тахти Тӯрон аз ин ҳол рашк ва хавф бурда, дар бораи Сиёвуш ба Афросиёб бадгӯӣ мекунад, вале Афросиёб ба фикрҳои Гарсеваз бовар накард, ба Сиёвуш тарафдорӣ карданӣ ӯ дар ин кор як андоза боандешаву бамулоҳиза будани уро нишон медиҳад:

Се рӯз андар ин кор рой оварем,
Суханҳои беҳтар ба ҷой оварем...
Набастам ба ҷанги Сиёвуш миён,
Наёмад аз ӯ низ моро зиён.
Чу ӯ тахти пурмоя падруд кард,
Хирад тору меҳри маро пуд кард...
Гар эдун, ки ман бадсиголам бад-ӯй,
Зи гетӣ бароянд басе гуфтугӯй.

Афросиёб охируламр ба иғвои Гарсеваз бовар карда, ба Сиёвуш хашм мегирад ва ба гуфтаҳои ӯ бовар намекунад ва бо вай ба ҷанг медарояд ва ӯро асир мегирад, вале чанде дудила буд, зеро аз саркардагони ӯ Пилсам ӯро огоҳ кард, ки Сиёвуш шоҳ аст, куштани ӯ сабаби ҷанги байни Эрону Тӯрон хоҳад шуд:

Мафармой кардан бад-ин дар шитоб,
Ки Тӯрон шавад сар ба сар з-ин хароб...
Сипаҳбуд зи гуфтори ӯ нарм шуд,
Валекин бародарш бешарм шуд...
Бад-ишон чунин посух овард шоҳ,
К: — «Аз ӯ ман ба дида надидам гуноҳ...
В-ар эдун, ки хунаш бирезам ба кин,
Яке гард хезад ба Тӯронзамин...»

Барои нарм кардани раъйи Афросиёб ва исботи бегуноҳии Сиёвуш духтари шоҳ Фарангис бо гирьяву зорӣ муроҷиат мекунад:

Дилатро чаро бастӣ андар фиреб,
Ҳаме аз баландӣ набинӣ нишеб.
Сари тоҷдоре мабур бегуноҳ,
Ки напсандад ин довари хуру моҳ.

Аммо шоҳи аз иғвою тӯҳмат сару калобаи худро гумкарда ба духтараш дӯғ зада, маслиҳати ӯро қабул накард:

Бад-ӯ гуфт: — «Баргард эдар мапой,
Чӣ донӣ, ки эдар маро чист рой»

ва бераҳмона амр кард, ки ӯро дар хонае банд кунанд:

Дар он тирагиш андар андохтанд,
Дари хонаро банд барсохтанд.

Азбаски шоҳ дудила буд, Гарсеваз фурсатро аз даст надода, ба Гурӯй ишора кард, ки Сиёвушро кушад. Аз рехтани ин хуни ноҳақ ҳама чи ба шоҳ ва чи ба Гарсевазу Гурӯй нафрин карданд.

Афросиёб Гарсевазро барои беиҷозат куштани Сиёвуш ҷазо надод. Пас, агар бе амри шоҳ бошад ҳам, Афросиёб баробари Гарсеваз ба хуни Сиёвуш ҷавобгар аст. Гуноҳу бадкирдориҳои ӯ давом мекунад. Афросиёб фармуд, ки Фарангисро ҳам кушанд, ки аз Сиёвуш насл намонад:

Задандаш басе чӯб, то тухми кин
Бирезад бар ин буми Тӯронзамин.

Аммо меҳтари тӯронӣ Пирон коре карда ӯро наҷот дод ва аз вай писар таваллуд шуд. Афросиёб ба писари Сиёвуш Кайхусрав ҳам хашм дошт, аммо Пирон ӯро пинҳонӣ ба тарбияи чӯпоне дод ва чанде баъд вайро ба пеши бобояш оварда, ҳамчун бачаи носолим нишон дода, Афросиёбро хотирҷамъ кард. Дар ин факт нодонӣ, беэҳтиётӣ ва ноҳушьёрии Афросиёб зоҳир гаштааст.

Ҳамин тавр, кӯтоҳандешагӣ ва ба гапҳои иғво гӯш кардани ӯ тамоми мардуми Эронро ба муқобили Тӯрон бархезонд. Дар ҷанг, пеш аз ҳама, писари ӯ кушта шуд. Худаш ба кини писар омад, вале аз ҷанги Рустам гурехт. Вай хавф дошт, ки агар ба дасти Рустам афтад, Кайхусравро ба тахт менишонанд, бинобар ин аз Пирон хоҳиш кард, ки ӯро нобуд кунанд:

Бад-он гаҳ куҷо хост бигзошт об,
Ба Пирон чунин гуфт Афросиёб,
Ки — «Дар кори ин кӯдаки шумтан
Ҳушивор бо ман яке рой зан,
Ки гар Рустам ӯро ба ҷанг оварад,
Мар ӯро сӯи шаҳри Эрон барад.
Аз ин девзода яке шоҳи нав
Нишонанд бо тоҷ бар гоҳи нав.
Мар ӯро биёвард бар ин рӯи об
Дарафган в-аз ин ройи ман сар матоб!»

Аз ин андешаҳои пурғарази ӯ маълум мегардад, ки Афросиёб барои комьёбиҳои бахти худ тайёр аст, ки набераашро ҳам нобуд кунад.

Ҳамин тавр, аз беандешагӣ ва бадкирдориҳо Афросиёб аз тахти Тӯрон маҳрум шуда, гуреза дар хоки Чин мешавад ва Рустам ҳафт сол бар тахти ӯ менишинад.

Афросиёби гуреза аз рафтани Фарангису Кайхусрав ба Эрон дар хашм аст ва кинаи онҳо ҳанӯз аз дилаш нарафтааст, зеро медонад, ки ӯ барои хуни Сиёвуш боз бо вай ҷанг хоҳад кард:

Бигуфташ бад-ин теғи оҳангузор,
Ба кина барорам зи ишон димор.
Фарангисро чун ба ҷанг оварам,
Ба чашмаш ҷаҳон тангу тор оварам.
Чу Кайхусрав Эрон биҷӯяд ҳаме,
Фарангис бо вай чӣ пӯяд ҳаме.

Бераҳмӣ ва бешафқатии ӯ нисбат ба духтаронаш дар муносибати ошиқонаи Манижаву Бежан низ акс ёфтааст. Вай фармуд, ки Бежанро ба чоҳ андозанд, Манижаро аз даргоҳи худ дур карда, аз ҳуқуқи фарзандӣ маҳрум кард. Афросиёб аз сабаби кинаҳои дерина ва ниятҳои ғоратгарӣ аз ҷанг сер намешуд. Вай бо вуҷуди борҳо шикаст хӯрдан аз Рустам ва лашкари Эрон, боз ба ҷанг тайёрӣ дид ва аз оби Ҷайҳун гузашт:

Ҷафопеша, бадгавҳар Афросиёб
Зи кина на ором ҷӯяд на хоб.
Баровард хоҳад ҳаме сар зи нанг,
Зи ҳар сӯ фиристод лашкар ба ҷанг.
Ҳаме заҳр сояд ба нӯки синон,
Ки тобад, магар суи Эрон инон.

Афросиёб магар ба ғалабаи худ бовар надошт, ки ин дафъа ба фиребу найранг даст зад — вай бо ҳар роҳ набераи худро ром карданӣ мешуд, ки аз ҷанг даст кашад, зеро онҳо набераву бобо ҳастанд. Кина ба бобои эрониаш Ковус гузорад. Агар ӯ маслиҳати бобояшро қабул кунад, тахту тоҷу лашкару хазинаи Тӯронро ба вай мерос хоҳад гузошт:

Набера, ки ҷанг оварад бо ниё,
Сараш пур бадӣ бошаду кимиё...
Ба гавҳар нигар, то зи тухми манӣ,
Накӯҳиш ҳаме хештанро кунӣ.
Ту ин кин Гударзу Ковус мон,
Ки пеши ман оранд лашкар давон...
Чу кори Сиёвуш фаромӯш кунӣ,
Ниёро ба Тӯрон Сиёвуш кунӣ...
Зи ганҷи ниёгон маро ҳар чӣ ҳаст,
Зи динору аз тоҷу тахти нишаст.
Фиристам ҳама ҳамчунин пеши ту,
Писар паҳлавону падар хеши ту.

Вай ҳамчун гурги борондида, барои он ки тарс ва фиреби худро нафаҳмонад, таъкид кард, ки ӯ ин гапро аз тарс нагуфтааст. Қувваҳои ӯ бе мислу монананд:

На з-он гуфтам ин, к-аз ту тарсон шудам
В-агар пил гаштам, ҳаросон шудам.
Ҳама реги дарьё маро лашкаранд,
Ҳама наррашерону кундоваранд.

Кайхусрав аз найранги бобои худ пай бурда, дар ҷавоб таъкид кард, ки вай фиреби ӯро мефаҳмад, гӯл нахоҳад шуд:

Ҷаҳондида пурдониш Афросиёб,
Ҷуз аз чорасозӣ набинад ба хоб.
Надонад ҷуз аз тунбалу ҷодуӣ,
Фиребу бадандешиву бадхӯӣ.

Афросиёб баъд аз ҷангҳои пай дар паи бенатиҷа аз дасти набераи худ Кайхусрав кушта шуда, ба хуни Сиёвуш хун медиҳад. Ин буд оқибати подшоҳи ҷангҷӯ, ки ғоратгарӣ мекард ва хуни ноҳақ мерехт. Фирдавсӣ ӯро дар ҷангҳо мағлуб карда бошад ҳам, тавоноӣ, ҷанговарӣ ва азими ӯро кам накардааст, душманро хурд нашуморидааст:

Шавад кӯҳи оҳан чу дарьёи об,
Агар бишнавад номи Афросиёб.

Хулосаи шоир аз ин тасвир чунин аст: Золим ва ғоратгар ҳар чанд ки бузург ва қавӣ, вале олами маънавии вай сусту хароб аст, дар назди ҳақиқат оҷиз, охири кори золим мағлубияти ӯст. Қувваи золим чи қадар бузург бошад, нерӯи адолатхоҳӣ ва ватанпарварӣ аз вай зиёд аст.

## ОБРАЗИ ПАҲЛАВОНОН

Ҳар чанд ки номи эпопеяи Фирдавсӣ «Шоҳнома» аст ва паҳлавонон худро сарафканда, тобеъ, ходим ва ғуломи подшоҳон шуморида, дар хизмати шоҳу давлат истодаанд ва ба гирифтани давлату ҳукумат, ҳатто, аз шоҳони золим кӯшиш накардаанд, вале ҳалли воқеаҳои асосӣ бо дасту қуввай тавонои онҳо ба амал оварда шудааст. Симои аз ҳама бузурги онҳо Рустами Дастон аст. Силсилаи қаҳрамонон ва паҳлавонон низ мисли шоҳон ба гурӯҳҳои мусбату манфӣ ва якумдараҷаву дуюмдараҷа ҷудо мешаванд. Дар омади сухан бояд гуфт, ки шоҳон ҳам аз хислатҳои паҳлавонӣ маҳрум нестанд, зеро шоҳони аввала— сардорони қабилаҳо маҳз одамони шуҷоъ буданд. Ҳокимияти худро бо қуввай худ барқарор намудаанд ва ин хислат ҳамчун анъана омадааст. Баъдтар ин хислат хоси шахсҳои ғайришоҳон гардидааст.

**Образи Рустам**

Паҳлавонони «Шоҳнома», алалхусус Наримони гурд, Сом, Зол, Рустам аз меҳтарон буда, соҳиби ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ё сарлашкари шоҳ мебошанд, ки ҳукумати марказӣ ба онҳо такья кардааст. Масалан, Сом ҳокими Сиистон (Зобулистон, Нимрӯз) аст. Оғози амалиёти онҳо бо афсона—мифология алоқаманд мебошад. Масалан, дар оилаи Соми гурд писаре таваллуд шуд, ки мӯйҳояш сафед буд. Сом аз шарм ӯро дар домани кӯҳи Албурз гузошт. Симурғ онро ба болои кӯҳ бурда, парвариш кард, вақте ки ӯ ба воя расид, овозааш ҳамчун паҳлавон ба ҳар сӯ рафт. Сом Золро аз кӯҳи Албурз овард. Подшоҳии худро ба ӯ дод. Зол ба сайру гашти кишвари худ мебароияд ва ба Қобул мерасад, ҳокими он ҷо Меҳроб ном дошт, аз авлоди Заҳҳок буд. Зол ба меҳмонии Меҳроб меравад ва ба духтари ӯ Рудоба ошиқ мешавад. Рудоба ҳам ӯро дӯст медорад. Аммо аз сабаби дигар будани маҳаллу дин падарон — Сому Меҳроб ва подшоҳи Эрон Манучеҳр розӣ намешаванд, вале охируламр Золу Рудоба ба мақсади худ ноил мегарданд. Ҳамаи инҳо заминае барои ба дуньё омадани паҳлвони беҳамтои эронӣ Рустам буд.

Образи Рустам аз рӯзҳои обистании модар сар мешавад ва минбаъд хислатҳои мифологӣ ва муболиғавии бештаре ба худ мегирад: Гӯё аз сабаби зӯрии паҳлавони оянда шиками модар мисли санг сахт буд, бинобар ин, Рудоба пеш аз таваллуди кӯ-

даки худ беҳуш гашт, ин ҳол боиси ташвиши ҳама шуд. Зол пари Симурғро, ки дар вақти аз вай ҷудо шудан гирифта буд, дуд кард. Симурғ расида омада, аз таваллуди паҳлавоне хабар дод:

Аз ин сарви симинбари моҳрӯй,
Яке шер бошад туро номҷӯй...
Ба гоҳи хирад Соми сангӣ бувад,
Ба хашм андарун шери ҷангӣ бувад.
Ба болой сарву ба нерӯй пил,
Ба ангушт хишт афканад бар ду мил.

Бо маслиҳати Симурғ бо роҳи ҷарроҳӣ бачаро берун меоранд:

Яке бачча буд чун гави шерфаш,
Ба боло баланду ба дидор каш.
Шигифт андар ӯ монда буд марду зан,
Ки нашнид кас баччаи пилтан...
Ба якрӯза гуфтӣ, ки яксола буд,
Яке тӯдаи савсану лола буд.

Ба Рустам шири модараш кифоя намекард, даҳ доя шир медод. Вақте ки аз шир ба хӯрок гузаронданд, хӯроки панҷ мардро мехӯрд. Дар нӯҳсолагӣ Фили Сафедро кушт. Аспи ӯ Рахш, ки онро ҷӯпонон барои қаҳрамони оянда мепарвариданд, низ монанди ӯ муболиғавӣ буд. Фирдавсӣ ин маъниро дар эпизоди «Гирифтани Рустам Рахшро» баён кардааст:

Худованди инро надонем кас,
Ҳаме Рахши Рустам-ш хонему бас...
Ба шаб мурча бар палоси сиёҳ,
Бидидӣ ба чашм аз ду фарсанг роҳ,
Ба нерӯй пилу ба боло ҳаюн,
Ба заҳра чу шери кӯҳи Бесутун.

Рахш гӯё забони одамиро мефаҳмид, ҷангҳои Рахш бо аждаҳо ва шер чунин маъно дорад, ки ин ҳайвони безабон ёридиҳандаи Рустам аст. Рахш аспи бодпост, дар як муддати кӯтоҳ метавонад дусад фарсанг роҳро тай кунад. Ба зӯру вазни Рустам танҳо Рахш метавонист тоб орад.

Фаъолияти паҳлавонии Рустам аз Фили Сафедро куштан, бо супориши Зол ба кӯҳи Испанд рафтан ва овардани подшоҳ Кайқубод аз кӯҳи Албурз оғоз ёфтааст. Баъд аз кушта шудани Нӯзар ба дасти Афросиёб, Эрон бе шоҳу пур аз душман мешавад:

Ҳама марзи Эрон пур аз душман аст,
Ба ҳар дудае мотаму шеван аст.

Бинобар ин, Рустам бо супориши Зол аз кӯҳи Албурз Кайқубодро, ки аз авлоди Фаридун буд, ба Эрон меорад.

Аз аввалин ҷанги Рустам бо Афросиёб лашкари Тӯрон мағлуб шуда, Эронро тарк менамояд ва падари Афросиёб Пашанг бо Кайқубод сулҳ мекунад. Баъд аз ин ҳам хизмати Рустам

ба подшоҳи Эрон ба сифати паҳлавон ва наҷотдиҳандаи тахту тоҷ давом мекунад. Вай барои халос кардани Қайковуси моҷароҷӯ, ҷангҷӯ ва булҳавас, ки ба шоҳи Мозандарон асир афтода буд, меравад. Бо ин муносибат эпизодҳои ҳафт хони Рустам ба қалам омадааст, ки дар он қаҳрамониҳои бемислу монанди ӯ дар эпизодҳои ҷанги Рахш бо шер (дар вақти хоби Рустам), чашмаи об ёфтани Рустам, ҷанги Рустам бо аждаҳо, зани ҷодуро куштани Рустам, ба дасти Рустам гирифтор омадани Авлод, ҷанги Рустам бо Арҷангдев ва Деви Сафедро куштани Рустам тасвир ёфтааст. Дар натиҷа, Рустам Ковусро озод ва подшоҳи Мозандаронро ба Эрон тобеъ мекунад ва ба ватани худ боз мегардад. Аммо дере нагузашта, боз ба Рустам лозим меояд, ки барои халосии Ковуси моҷароҷӯ бо шоҳи Ҳомоварон ҷангад ва ғолиб ояд. Рустам Ковуси мағрурро, ки ба осмон парида, ба ҷангалзори Чин афтида буд, ба Эрон меорад.

Ҳамин тавр, Рустам дар хизмати шоҳу давлат бе ҳеҷ манфиати шахсӣ вафодор аст, вале ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳад, ки ба шараф ва номуси паҳлавонӣ ва хонадони ӯ таҳқире ояд. Вай ба қувва ва иродааш боварии том дорад, бинобар ин, мисли баъзеҳо аз рӯи хушомад ба хизмат намешитобад. Ин хислати ӯ борҳо, махсусан, ҳангоми муроҷиати Ковус, ки ба муносибати бо лашкари Турон ба ҷанг омадани Сӯҳроб карда буд, рӯй дод. Вай баъд аз омадани номаи шоҳ, ки базм дошт, боз се рӯз базму айшро давом дода, баъд ба назди Ковус омад, ки боиси кинаю ғазаби ӯ гардид ва бемулоҳиза фармон дод, ки Рустамро ба дор кашанд:

> Бифармуд пас Тӯсро шаҳриёр,
> Ки рав ҳар дуро зинда бар кун ба дор.

Аммо Рустам аз ин таҳдид натарсид, баракс, ба худи вай таҳдид намуд ва ӯро дар назди издиҳом шарманда карда, шараф ва номуси паҳлавониашро ҳимоя кард. Вай дар гуфтаи худ беибо қайд намуд, ки на ҳастии Рустам ва Ковусу давлати вай аст, балки баракс, пойдории давлати ӯ аз Рустам аст:

> Ту андар ҷаҳон худ зи ман зиндаӣ,
> Ба кина чаро дил пароакандаӣ?!
> Чу хашм оварам, Шоҳковус кист?!
> Чаро даст ёзад ба ман?! — Тус кист?!...
> Чӣ озорадам у, на ман бандаам,
> Яке бандаи офаринандаам.

Рустам дар қувваи худ зӯри худоӣ дидааст ва ҳамчун паҳлавон шаъну шараф ва мартабаи ҳақиқиро дар қувват ва аслиҳаи ҷангиаш мебинад, на дар подшоҳу лашкари ӯ, худро мағлубнашаванда ҳис мекунад:

> Маро зӯри фирӯзӣ аз довар аст,
> На аз подшоҳу на аз лашкар аст.

Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу миғфар кулоҳи ман аст.
Сари найзаву гурз ёри мананд,
Ду бозуву дил шахриёри мананд.
Шаби тира аз теғ рахшон кунам,
Бар овардгаҳ — бар сарафшон кунам.

Рустам на барои он дар хизмати давлату подшоҳ аст, ки вай оҷизу нотавон ва ё аз он метарсад, балки қоидаи давлати подшоҳиро, ки ба он итоат кардан ва ягонагии давлату ватанро нигоҳ доштан мебошад, ҳамчун лашкаркаши содиқ риоя мекунад. Бинобар ин, лашкариён ӯро ба шоҳӣ даъват карда бошанд ҳам, нахостааст:

Далерон ба шоҳӣ маро хостанд,
Ҳамон гоҳу афсар биёростанд.
Сӯи тахти шоҳӣ накардам нигоҳ,
Нигаҳ доштам расму оину роҳ.
Агар ман пазируфтаме тоҷу тахт,
Набудӣ туро ин буззургию бахт.

Рустам инро гуфту аз дарбор рафт. Ҳама афсӯс хӯрданд, ки подшоҳи беандеша дар айни ҳуҷуми душман — Афросиёб ва паҳлавони беназири ӯ Сӯҳроб, такьягоҳи ягонаи Эронро ранҷонд:

Ба эрониён гуфт: Суҳроби гурд
Биёяд, намонад бузургу на хурд.
Шумо ҳар яке чораи ҷон кунед,
Хирадро бад-ин кор дармон кунед.
Ба Эрон набинед з-ин пас маро,
Шуморо замин, парри каргас маро.
Бизад аспу аз пеши ишон бирафт,
Ҳаме пӯст бар тан-ш гуфтӣ бикафт.

Рустам бо вуҷуди ҷаҳонпаҳлавонӣ ва сахт ранҷиданаш аз подшоҳ, паҳлавони кинадор нест, зеро барои ӯ Эрон ва халқи он аз ҳама қимат аст, бинобар ин, гуноҳи подшоҳонро мебахшад ва манфиати давлату ватанро аз манфиат ва шарафи шахсии худ боло мегузорад, бинобар ин, вақте ки саркардагон подшоҳ Ковусро сарзаниш карданд, ӯ аз қаҳри худ пушаймон шуд ва ҳангоме ки паҳлавон Гударзро барои узрхоҳӣ ба назди вай фиристоданд, аз хашм ва ҷаҳл фаромад, гуноҳи шоҳро бахшид, узрро қабул кард:

Таҳамтан гар озурда гардад зи шоҳ,
Мар эрониёнро набошад гуноҳ.

ва бо лашкари Қовус ба ҷанги Сӯҳроб омад.

Ҷанги Рустам бо Сӯҳроб аз рӯи қоидаҳои ҷанг аст. Дар ҷанги якум аз вай бо фиреб халос шудан ва дар ҷанги дуюм ӯро мағлуб ва куштани ӯ аз рӯи тактикаи ҷангӣ ва ба душман, хеш бошад ҳам, раҳм накардан аст. Бинобар писари худро нашинохтан ӯро куштани Рустам лаҳзаи композиционии достон

аст, то ки амалиёти ҷангӣ бо душман давом кунад, вагарна вай медонист, ки писар дорад, бозубанди нишонавӣ додааст, Сӯҳроб борҳо дар ҷустуҷӯи падар ва писари Рустам будани худро гуфт. Дар назди ин ду паҳлавон ду вазифа гузошта шудааст: Сӯҳроб падарро меҷуст ва аз рӯи ғурури ҷавонӣ нописандона ва бемақсади муайян ҷанг мекард. Рустам дар ҷустуҷӯи писар не, мақсади асосии ӯ мудофиаи ватан аз душман аст, бинобар ин, ӯ хоҳ хеш аст, хоҳ бегона — бо душмани Эрон созиш надорад. Аз ин сабаб, ӯ ба кӯшишҳои падарҷӯии Сӯҳроб эътибор намедод. Шоир дар ин рафтори Рустам ба яке аз принципҳои ҷанг — ба душман, хеш бошад ҳам, душманона рафтор карданро дуруст риоя кардааст.

Фирдавсӣ дар айни замон мехоҳад хислатҳои инсонӣ ва падаронаи қаҳрамони худ Рустамро баён кунад, бинобар ин, ӯро дар ғафлат аз писари худ буданаш маънидод карда, вайро ҳамчун падар ба сари ҷасади писар мегирьёнад, ки ин масъала масъалаи дигар аст. Ба ин тариқ, Фирдавсӣ Рустамро ҳамчун паҳлавони ҷанговар, ки бояд бо душман душманона рафтор кунад ва ҳамчун падар, ки бояд раҳму шафқату ҳисси падарӣ дошта бошад, бо муваффақият ва бомаҳорат тасвир кардааст. Зорӣ кардани Рустам ба сари ҷасади писар, ки тасвири моҳиронаи психологист, ҳамин маъниро ифода менамояд:

Пиёда шуд аз аспу Рустам чу бод
Ба ҷои кулаҳ хок бар сар ниҳод...
Киро омад ин пеш, к-омад маро,
Ки фарзанд куштам бар пиронсаро...
Буридан ду дастам сазовор ҳаст,
Ҷуз аз хоки тира мабодам нишаст.
Чӣ гӯям чу огаҳ шавад модараш,
Чӣ гуна фиристам касеро бараш.
Чӣ гӯям чаро куштамаш бегуноҳ,
Чаро рӯз кардам бар ӯ бар сиёҳ.
Кадомин падар ҳаргиз ин кор кард,
Сазоворам акнун ба гуфтори сард.

Рустам дар плани муносибати падару писар тамоман одами дигар аст ва шоир олами психологии ӯро хеле моҳирона тасвир намудааст. Рустам дар масъалаҳои принципиалӣ якраҳа бошад ҳам, хислатҳои бахшандагӣ дар олами ботинии ӯ ҳамеша ниҳон аст. Вай барои халосии Сӯҳроб аз марг нӯшдору надодани Кайковусро бахшид, аз ӯ қасос нагирифт.

Рустам ҳамчун қаҳрамони халқӣ, ки таҷассуми тавоноӣ ва сулҳдӯстии халқ аст, ҷангҷӯ нест, тарафдори сулҳ аст, вай ҳамон вақт ба ҷанг бармехезад, ки ба сари халқу ватан хавфи истило ва ё рафтори ғайри одилона ба миёнояд. Ин хислати ӯ дар эпизоди ҷангталабии Афросиёб ва ҷангҷӯии Ковус, аз мағлубияти аввал сулҳ хостани Афросиёб, онро қабул кардани Рустаму Сиёвуш, вале ба онҳо ғазаб кардани Ковус, Рустамро аз сарлашкарӣ холӣ кардани подшоҳ, ба ватан баргаштани ӯ ва

ба тарафи Афросиёб рафтани Сиёвуш зоҳир гаштааст. Вай ба сарзанишҳои Ковус сулҳҷӯёна ҷавоб дод:

Ту гуфтӣ, ки бар ҷанги Афросиёб,
Марон тез лашкар бад-он сӯи об.
Бимонед, то ӯ биёяд ба ҷанг,
Ки ӯ худ шитоб оварад бедиранг.
Бибудем, то ҷанг ҷӯяд дуруст,
Дари оштӣ ӯ кушод аз нахуст.
Касе к-оштӣ ҷӯяду суру базм,
На некӯ бувад тез рафтан ба разм.
Ва дигар, ки паймон шикастан зи шоҳ, —
Набошад писандидани некхоҳ.

Вакте ки Ковус Рустамро аз сарлашкарӣ озод карда, ба ҷояш Тӯсро таъин кард, гуфт:

Агар Тӯс ҷангитар аз Рустам аст,
Чунон дон, чу Рустам ба гетӣ кам аст.

Рустам ба таври ихтиёрӣ ҳамон дам ба лашкари Эрон баргашт, ки овозаи Сиёвушро хоинона куштани Афросиёб паҳн шуд. Вай акнун, пеш аз ҳама, на ҳамчун паҳлавони лашкари Ковус, балки ҳамчун шахси адолатҷӯ ва кинахоҳ барои беадолатиҳо ба лашкар омад ва аввал неши касофат Судобаро бо ғазаб кушт ва ба ҷанги Афросиёб лашкар кашид. Ба ҳадде ба ғазаб лашкар меронд, ки на танҳо лашкари Тӯронро торумор кард, балки Афросиёбро то мулки Чин пеш карда, ҳафт сол дар он мулк подшоҳ шуда, бераҳмона касоси Сиёвушро мегирифт. Бо вуҷуди хислати бераҳмӣ, ҳамчун инсон хислати пандшунавӣ ва адлу додписандӣ ҳам дошт. Вакте ки бузургони Тӯрон арз карданд, ки дар вокеаи кушта шудани Сиёвуш Афросиёб гунаҳкор аст, на мардум, вай аз касосгирӣ боз истод ва ба мардум бахшиш кард:

Ҳар он ҷо, ки буд меҳтаре богуҳар,
Ҳама пеш рафтанд бо хок сар,
Ки безор гаштем з-Афросиёб,
Нахоҳем дидори ӯро ба хоб.
Аз он хун, ки ӯ рехт бар бегуноҳ,
Касеро набуд андар он рою роҳ...
Чу чира шудӣ, бегунаҳ хун марез,
Махон бо ҷаҳондор яздон ситез...
Чу бишнид гуфтори он анҷуман,
Бипечид барнодили пилтан.

Хислатҳои инсонӣ ва паҳлавонии Рустам дар задухӯрдҳои ӯ бо Исфандиёр хеле равшан тасвир ёфтаанд. Моҷарои Рустам бо Исфандиёр аз худбинӣ (эгоизм) ва ҳирси ҳукмронии Гуштосп, ки нияти ба худ тобеи мутлак кардани Зобулистон ва хонадони каҳрамонҳои сиистонӣ дошт, оғоз ёфтааст. Вакте ки Исфандиёр бинобар пир шудани падараш аз ӯ супурдани подшо-

ҳиро талаб кард, Гуштосп шарт гузошт, ки аввал Зобулистон ва Рустамро тобеъ кунад.

Талаби Исфарандиёр:

Писарро бинеҳ тоҷ акнун ба сар,
Чунон чун ниҳодат ба сар бар падар.

Ҷавоби Гуштосп:

Набинам кунун душмане дар ҷаҳон,
На дар ошкоро на андар ниҳон,
Ки номи ту ёбад, на печон шавад,
Чӣ печон? Ҳамоно, ки беҷон шавад,
Ба гетӣ надорӣ касеро ҳамол,
Магар пурҳунар номвар пури Зол.
Ки ӯрост то ҳаст Зобулситон.
Ҳамон Бусту Ғазнину Қобулситон,
Ба мардӣ ҳамон з-осмон бугзарад,
Ҳаме хештан кеҳтаре нашмарад.
Бупечад зи рою зи фармони ман,
Сар андар наёрад ба паймони ман...
Сӯи Систон рафт бояд кунун,
Ба кор оварӣ ҷангу рангу фусун.
Бараҳна кунӣ теғу кӯполро,
Ба банд оварӣ Рустами Золро.

Исфандиёр ҳамчун шахси донандаи қадру қимати Рустам барои таклифи беандеша падарашро сарзаниш менамояд:

Чӣ ҷӯӣ набарди яке марди пир,
Ки Ковус хондӣ варо шергир.
Зи гоҳи Манучеҳр то Қайқубод
Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ буд шод.

Вале азбаски дар оиладории феодалӣ ҳокимияти падар ба писар мутлақ аст ва худи Исфандиёр низ ғурури ҷавонӣ дошт, ӯ ба ин таклиф розӣ мешавад:

Валекин туро ман яке бандаам,
Ба фармону роят сарафкандаам.

Рустам пир шуда буд, аз ҷанги Исфандиёр барҳазар шуд ва ҳатто, аз рӯи гуфтаи Симруғ, ки хурофот аст, медонист, ки шаҳриёри қонунии мамлакатро куштан ба ӯ бадбахтӣ меорад:

Бад-ӯ гуфт Симурғ, к-аз роҳи меҳр,
Бигӯям, ҳаме бо ту рози сипеҳр,
Ки ҳар кас ки хуни ял Исфандиёр,
Бирезад, варо бишканад рӯзгор.
Ҳамон низ то зинда бошад, зи ранҷ,
Раҳоӣ наёбад, намонадш ганҷ...

Вале шаъну шарафи Рустам ва авлоди ӯ, ки то имрӯз писандида ва эътирофшудаи умум ҳастанд, барои халқу давлати Эрон хеле муҳим буданд, онхо дар назди Исфандиёру Гуштосп

хор шудан, сарафаканда буданро намехостанд, бинобар ин, Рустам маслиҳатҳои Зол ва Симурғ, ки бо Исфандиёри руинтан ҷанг карданро маслиҳат намедонад, қабул накард, зеро Исфандиёр ҳам маслиҳатҳои Рустамро дар бораи ҷанг накардан ба эътибор намегирифт:

Зи хоҳиш, ки гуфтӣ басе рондаам,
Бад-ӯ дафтари кеҳтарӣ хондаам.
Ҳаме хор гирад суханҳои ман,
Бупечад сар аз донишу рои ман...
Сухан чанд гуфтам ба чизе набаст,
Зи гуфтор бод аст моро ба даст...
Кунун гар гурезам зи Исфандиёр,
Ту дар Систон коху гулбун мадор.
Ба нирӯи яздони парвардигор,
Чӣ тарсам зи Гуштоспу Исфандиёр?!
Ман арчи шудам пир, рӯзи набард
Сари чарху моҳ андар орам ба гард.

Аммо дар ҷанги аввал Рустам ба Исфандиёр зафар намеёбад, зеро тирҳои ӯ ба тани оҳанини вай намегузарад, баракс, тири вай ба тани Рустаму Рахш медарояд ва Рустам маҷбур мешавад, ки ба болои кӯҳ гурезад. Зол бо ёрии Симурғ тирҳоро кашида, ҷароҳатро табобат мекунад ва бо маслиҳати Симурғ аз чӯби газ тир созонда, ба чашмони Исфандиёр мезанад, кӯр мекунад. Вай аз Рустам хоҳиш мекунад, ки ба писараш Баҳман ёрӣ расонад, ӯро тарбия кунад, ба воя расонад. Рустам барои шарафи паҳлавонии худ мубориза карда бошад ҳам, ба Исфандиёр ва авлодони вай бадхоҳӣ надошт, зеро ҳокимияти шоҳони меросиро эътироф мекард. Вай ҳамчун шахси ватандӯст ва ғамхори шоҳу паҳлавонони эронӣ ба ҳоли Исфандиёр дилаш месӯхт ва аз ин ҳол шарм медошт, ки шоҳи қонуниро ба ин ҳол овардааст. Ӯ ба иҷрои хоҳиши Исфандиёр ваъда медиҳад:

Таҳматан ба гуфтори ӯ дод гӯш,
Пиёда биёмад бараш бо хурӯш.
Ҳамерехт хун аз ду дида ба шарм,
Ҳаме мӯя кардаш ба овои нарм...
Таҳамтан чу бишнид бар пой хост,
Ба бар зад ба фармони ӯ даст рост,
Ки гар бугзарам з-ин сухан нагзарам,
Сухан ҳар чӣ гуфтӣ, ба ҷой оварам.
Нишонам-ш бар номвар тахти оҷ,
Ниҳам бар сараш бар дилафрӯз тоҷ.

Дар ҳамаи тасвирҳои Фирдавсӣ Рустам на танҳо образи қаҳрамони халқӣ, балки худи халқ аст, аз ин рӯ, мағлубнашаванда, вале дар назди шоҳу давлати қонунӣ, дар пеши вазифаҳои бошарафи халқи Эрон таслиму сарафканда мебошад, то ки ба дигарон намунаи ибрат бошад. Фирдавсӣ аз қаҳрамониҳои образи худ лаззати эстетикӣ гирифта, ҷангҳои мардонавори ӯро тавсиф менамояд. Ин ҳиссиёти ӯ дар эпизоди «Ҷанги Рустам бо Ашкбӯс» ва диалоги онҳо хеле бадеӣ ва равшан акс ёфта-

аст. Баъд аз ин диалоги ғолибона, тирандозии Рустам бо маҳорати тамом ва реалистона тасвир ёфтааст. Шоир ба тариқи руҷӯи лирикӣ суханро ба фалак дода, аз забони он ба ҷаҳонпаҳлавони худ офарин хондааст:

Қазо гуфт: гиру қадар гуфт: деҳ!
Фалак гуфт: аҳсант, малак гуфт: зеҳ!

Фирдавсӣ дар образи Рустам халқро тасвир намуда, сифатҳои мағлубнашавандагӣ, тавоноӣ, оқилӣ, чораҷӯӣ, аз душвориҳо ӯҳдаброёна ғолиб омаданро, ки аз сифатҳои халқ аст, ба вай додааст:

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Саворе чу Рустам наёмад падид.

Дарозумрии Рустам низ сифати халқист. Вале шоир ба масъала реалистона наздик шуда, мурданро қонуни ҳаёт ва насиби шахс шуморида:

Ба Гев он гаҳе гуфт Баҳроми гурд,
Ки — «Ҳар к-ӯ бизояд, бибояд-ш мурд».

охири умри ӯро низ нишон додааст. Аз дасти хиёнат мурдани Рустам чунин маъниро ифода мекунад, ки халқ ва паҳлавонони он мағлубнашавандаанд ва фақат метавонад хиёнат онҳоро ба рӯзи бад андозад.

**Сӯҳроб**

Писари Рустам Сӯҳроб аст. Рустам ҳангоми саёҳат ва шикори нахчир дар саҳрои Тӯрон аспашро гум карда, дар сурағи он ба шаҳри Самангон меравад, ҳамчун меҳмон пазироӣ мешавад. Шабона духтари шоҳ Таҳмина ба шабистони Рустам омада, изҳори ошиқӣ мекунад. Рустам ба вай қонунӣ хонадор шуда, ба ватани худ бармегардад, барои нишона бозубанди худро медиҳад. **Вақте ки писар таваллуд шуд,** ӯро Сӯҳроб ном гузоштанд. Вай ҳар соату ҳар рӯз бо суръати ҳайратовар калон шуда, торафт аломатҳои паҳлавонӣ аз худ зоҳир мекард ва падарашро сурағ дошт, таънаи мардум мешунид, ки вай бепадар аст. Вақте ки ба воя расид, ба таври қатъӣ аз модараш пурсид, ки кӣ будани падарашро гӯяд:

Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?
Чӣ гуям, чу пурсад касе аз падар?
Гар ин пурсиш аз ман бимонад ниҳон,
Намонам туро зинда андар ҷаҳон.
Бад-ӯ гуфт модар, ки — «Бишнав сухун,
Бад-ин шодмон бошу тундӣ макун.
Ту пури гави пилтан Рустамӣ,
Зи дастони Сомию аз Найрамӣ.
Азеро сарат з-осмон бартар аст,
Ки тухми ту з-он номвар гавҳар аст».

Аммо модар таъкид кард, ки ин гапро Афросиёб надонад, вагарна ӯро бо мақсадҳои ҷаҳонгирӣ ба ҷанги Эрон ба муқобили падараш хоҳад фиристод:

Бад-ӯ гуфт:—«Афросиёб ин сухун,
Набояд, ки донад зи сар то ба бун.
Чу донад, бихонад ба наздики хеш,
Дили модарат гардад аз дард реш».

Вақте ки Сӯҳроб фаҳмид, ки падараш Рустами ҷаҳонгир аст, фикре дар майнааш пайдо шуд, ки ӯро ёбад ва якҷоя бо вай ҷаҳонро соҳибӣ карда, чи Қовус ва чи Афросиёбро аз тахт ронда, ҳар ду подшоҳ шаванд:

Кунун ман зи туркони ҷанговарон,
Фароз оварам лашкаре бекарон.
Барангезам аз гоҳ Қовусро,
Аз Эрон бибуррам паи Тусро.
Ба Рустам диҳам тахту гурзу кулоҳ,
Нишонам-ш бар гоҳи Қовусшоҳ...
Бигирам сари тахти Афросиёб,
Сари найза бигзорам аз офтоб.
Чу Рустам падар бошаду ман писар
Набояд ба гетӣ касе тоҷвар.

Чӣ тавре ки аз идеалҳои Сухроб маълум мегардад, яке аз мақсадҳои ӯ ёфтани падар, дигаре ҳар ду ҳукмрони ҷаҳон шудан аст. Дар ин рафтори ӯ ғурури ҷавонӣ ҳам илова аст. Идеалҳои дуюми Сӯҳроб бо идеалҳои Рустам хилоф аст, зеро аввало Рустам ниятҳои ҷангҷӯӣ, подшоҳӣ, забт кардани Тӯрон, соҳиб шудан ба тахти Эронро надорад, вай ба ватан, ба подшоҳи қонунӣ ва ҳукумати марказии Эрон ҳамчун вассал содиқона хизмат намудан, ба муқобили душманони ватан мубориза бурдан ва ҳимояи ватанро вазифаи худ мешуморад. Сӯҳроб бошад, бо лашкари турки Тӯрон ба сари Эрону давлати он омадааст. Ҳар дуи ин ҳол, бар хилофи якдигар аст, аз ин рӯ, Рустам ҳануз Сухробро надида, ба вай зид гузошта шудааст. Ҳар чанд ки Рустам орзуи дидори фарзанд дорад, вале манфиатҳои давлатии ӯ аз манфиатҳои шахсиаш баланд меистад.

Ҳамин тавр, Сӯҳроб ба ҷанги зидди Эрон тайёр шуд. Афросиёби маккор ба ду саркардаи худ фармуд, ки ба падаршиносии Сӯҳроб халал расонанд. Дар ҷанги аввал Сухроб Қалъаи Сафедро фатҳ кард. Қовус Рустамро ба ҷанг фиристод. Жандарз, ки Рустамро мешинохт ва бинобар ин Таҳмина уро ҳамроҳи Сӯҳроб фиристода буд, ҳангоми разведкаи шабона бо дасти Рустам кушта шуд. Сухроб номи паҳлавонони Эронро мепурсид, то ки Рустамро шиносад. Ҳаҷир писари Гударз, ки асир афтода буд, аз тарси он ки агар Сӯҳроб Рустамро кушад, дигар каси ҳимоятгари Эрон нест, ӯ Рустамро паҳлавони аз давлати ҳамсоя ба ёриомада номид. Ба ҳамин тариқ, лаҳзаи гирехбанди ҳамаи фоҷиа дар он буд, ки писарро падар намешинохт, падар

кӯшиши писаршиносӣ надошт, намеҷуст, худро ба нодонӣ мезад. Ҳамдигарро нашинохтани онҳо аҳамияти композиционӣ дошт, зеро, агар онҳо ҳамдигарро мешинохтанд, чанд масъалаи ғояви, ки ба асоси сюжет гузошта шудааст, ҳал нашуда мемонд: аввало, агар онҳо ҳамдигарро мешинохтанд, сюжети воқеа дар ҳамин ҷо бурида мешуд ва конфликтҳои минбаъда барҳам мехӯрд. Сониян, идеалҳои Рустаму Сӯҳроб ба ҳам бармехӯрд, шояд байни писару падар моҷарои дигаре бармехост. Сӯҳроб бо ниятҳои сарнагун кардани тахти Эрон ва ба падар додани подшоҳӣ омадааст, ки ин равия ба идеалҳои Рустам хилоф аст. Ғайр аз ин, шоир он идеяро пеш рондааст, ки агар душман хешат бошад ҳам, бо ӯ душманвор рафтор кардан лозим аст. Ин буд, ки Фирдавсӣ нагузоштааст, ки онҳо бо ҳам шинос шаванд. Бинобар ин, ба саволҳои Суҳроб ҷавоби дурӯғ додани Ҳаҷир аз рӯи мантиқи ғоявӣ ва сюжет дуруст аст. Вай ба ғалабаи Рустам бовар дорад. Бинобар ин, ба ҳаяҷони Сӯҳроб, дӯғу пӯписаҳо ва суханҳои нарму гарми ӯ низ эътибор намедиҳад. Аз шиносонидани Рустам саркашӣ мекунад. Қаҳрамони мусбатро бо олами рӯҳии тарсончаки тасвир намудан хислати услуби Фирдавсӣ нест. Ин маънӣ дар диалоги Сӯҳробу Ҳаҷир акс ёфтааст.

Дар вохӯрии аввал Сӯҳроб ҳис кард, ки ҷанговар Рустам аст:

Ман эдун гумонам, ки ту Рустамӣ,
Гар аз тухмаи номвар Найрамӣ.

Аммо Рустам худро ба нодонӣ мезад:

Чунин дод посух, ки Рустам наям,
Ҳам аз тухмаи Соми Найрам наям.

Сӯҳроб дар вохӯрии аввал Рустамро дар гӯштингирӣ афтонд, вале ба найранги ҳарбии ин паҳлавони ҷаҳондида, ки гӯё одатан дар ҷанги аввал намекушанд, аз рӯи ғурури ҷавонӣ ва боварӣ ба қувваи худ гӯл шуда, ӯро накушт. Сӯҳроб шояд барои он ҳам ҳарифро накушт, ки дар тасаввури худ бо душман ҷанг надошт, дар ин ҳол ҳам вай падарро меҷуст:

Ба Ҳуммон чунин гуфт, к—«Ин шермард,
Ки бо ман ҳамегардад андар набард.
Зи болои ман нест болош кам,
Ба разм андарун дил надорад дижам...
Нишонҳои модар биёбам ҳаме,
Бад-он низ лахте битобам ҳаме.
Гумоне барам ман, ки ӯ Рустам аст,
Ки чун ӯ ба гетӣ набарда кам аст.
Набояд ки ман бо падар ҷангҷӯй,
Шавам хира, рӯй андар орам ба рӯй».

Сабаби як андоза сустӣ кардани Сӯҳроб шояд дар ҳамин бошад, ки вай на бо кин, балки бо нияти ҷустуҷӯи падар ме-

ҷангид. Фоҷиаи ҷавонии вай дар ин аст, ки падарро дар ҷанг меҷуст. Вай уро ҳамон вақт шинохт, ки аз дасти ӯ захми марговар гирифт. Чунин хотимаи кори Сӯҳроб — маҳкум кардани шитобкорӣ, мағрурӣ, худписандӣ ва манмании ҷавонист.

**Образи Исфандиёр**

Исфандиёр, ҳар чанд ки аз рӯи хоҳиши падар Гуштосп барои ҳокими мутлақ шудан бо Рустам ҷангида ҳалок шуд, вале умуман қаҳрамони манфӣ нест. Фаъолияти ҷангии ӯ аз разми вай бо Арҷосп оғоз ёфтааст, ки барои шарафи ватан ва кини Зарир меҷангид. Аз ҷанги ӯ кушандаи Зарир Бедирафши ҷодугар кушта шуд, Арҷосп аз ҷанг гурехт. Вай ҳамчун паҳлавони некраъй мардуми бегуноҳи Тӯронро бахшид. Ӯ мувофиқи супориши падар дини зардуштиро дар ҳамаи кишвар паҳн кард. Аз сарлашкарони Гуштосп Гуразм, ки бо Исфандиёр рақобат дошт, ӯро ба падараш бад кард, ки гӯё вай нияти банд кардани ӯ дорад, то ки худаш подшоҳ шавад. Гуштосп, ки васвасаи ҳукмронӣ дошт, ба ин иғво бовар карда, писарро ба зиндон фиристод. Аммо дар ин муддат аз нав мамлакатро фатҳ кардани Арҷосп, кушта шудани Луҳросп, ба кӯҳ гурехтани Гуштосп, озод кардани Исфандиёрро, ки низ мисли Рустам паҳлавони мағлубнопазир аст, тақозо кард. Гуштосп ӯро ба ҷанги Арҷосп фиристод, ғолиб омад.

Исфандиёр ҳам мисли Рустам ҳафтхони паҳлавонӣ дорад: гург, шер, аждаҳо, зани-ҷодугар, Симурғро куштан, аз барфу руд гузаштан ва Гургсорро куштан. Фарқи ҳафтхони Исфандиёр аз ҳафтхони Рустам дар ин аст, ки Рустам ба Мозандарон барои халос кардани шоҳи асир, ҳимояи ватан ва адои қарзи ватандӯстӣ рафтааст, аммо Исфандиёр аз сабаби ранҷидани худ аз падар, ки ӯро ноҳақ банд карда буд, барои қаҳрамонии худро нишон додан ин корро ба амал овардааст.

Дар моҷарои байни ҳокими худбин Гуштосп ва қаҳрамони халқӣ Рустам низ барои ҳокимият иштирок кардани Исфандиёр образи равшани ӯро хира кардааст. Ҳар чанд ки ӯ ба иродаи падараш Рустам ва авлодонашро бо кишварашон ба худ тобеъ кардан:

Ки чун ин суханҳо ба ҷо оварӣ,
Зи ман нашнавӣ з-он сипас доварӣ.
Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,
Нишонам-т бо тоҷ дар пешгоҳ.

зид баромад, вале барои иҷрои хоҳиши нодурусти ӯ ва ниятҳои ҳокими мутлақ шудан ба ин таклиф розӣ шудани вай ва оқибат мағлуб шудани ӯ аҳамияти тарбиявӣ ва ибратбахшии образи Исфандиёрро костааст. Ҳар чанд ки вай дар ин ҷангҳо ба муқобили Рустам корнамоӣ ва қаҳрамониҳо нишон дод, вале ин паҳлавонӣ ба вай шараф наовардааст, зеро ӯ ба муқобили қаҳрамони халқ ва нигаҳдорандаи тоҷу тахти Эрон мубориза кар-

дааст. Чи Гуштосп ва чи Исфандиёр ифтихори паҳлавонии Рустам ва авлодони ӯро ба таври ғалат—итоат накардани онҳо ба давлати шоҳии Эрон маънидод карда хостанд, ки ин оилаи боифтихорро бечуну чаро тобеъ кунанд. Ҳол он, ки Золу Рустам ва дигар паҳлавонони сиистонӣ вассалии шоҳаншоҳии Эронро қабул дошта бошанд ҳам, ба таҳқир шудани шарафи инсонии худ роҳ намедоданд. Онҳо талаб мекарданд, ки пушту паноҳи давлати Эрон будани онҳоро шоҳон эътироф кунанд, вале Гуштосп инро фаҳмидан намехост, Исфандиёр ба ин фикри хато пайрави кард. Баръакс, вай дар гуфтугӯй бо Рустам нажоди ӯро наҳ зад. Ӯ баъд аз мағлубияти худ ин хаторо фаҳмида, айбро ба Гуштосп партофт, вале дер шуда буд:

На Рустам, на мурғу на тиру камон
Ба разм аз тани ман бибурданд ҷон,
Ки ин кард Гуштосп бо ман чунин,
Бар ӯ барнахонам зи ҷон офарин...
Чу рафтӣ ба Эрон, падарро биҷӯй,
Ки чун ком дидӣ, баҳона маҷӯй...
Ба пеши сарон пандҳо додиям,
Ниҳонӣ ба куштан фиристодиям.

Гударз

Гударз ҳам паҳлавони беназир аст. Агар дар симои Рустам бештар қувваи тавонои ҷисмонӣ ва зӯроварӣ таҷассум ёфта бошад, дар симои Гударз бештар қувваи оқилӣ, фаросат ва андешамандӣ инъикос ёфтааст. Вай ҳамеша ба Кайковуси бефикру андеша маслиҳат медиҳад, ӯро ба роҳи дуруст равона карданӣ мешавад. Масалан, вай бемаънӣ ва хавфнок будани ба Мозандарон ва Ҳомоварон лашкар кашидан ва ба осмон паридани Ковусро мефаҳмонад:

Хирад бояд андар сари шаҳриёр,
Ки тезию тундӣ наёяд ба кор.

Ҳангоми вайрон шудани муносибати Ковус ва Рустам аҳли фаҳм Гударзро миёнарав интихоб карданд, то ки ба Рустам узр гуфта, ранҷишро аз дилаш барорад:

Чу Гударз бархост аз пеши ӯй,
Паси паҳлавон тез бинҳод рӯй...
Таҳамтан гар озурда гардад зи шоҳ,
Мар эрониёнро набошад гуноҳ...
Зи гуфтор чун сер шуд Таҳматан,
Чунин гуфт Гударз бо Пилтан,
Ки—«Шоҳу далерони гарданкашон
Ба дигар суханҳо барандӣ гумон,
К-аз ин турк тарсанда шуд сарфароз,
Ҳамегӯянд ин гуна ҳар кас ба роз...
Ва дигар ки танг андар омад сипоҳ
Макун тира бар хира ин тоҷу гоҳ».
Ба Рустам бар ин достонҳо бихонд,
Таҳамтан чу бишнид, хира бимонд.

Гударз ҳангоми солхӯрдагиаш ҳам паҳлавони далер буд. Вай дар ҷанги якка ба якка Пирони ҷангиро мағлуб кард. Ба ӯ борҳо сарлашкариро супоридаанд. Дар вақти ҷанги эрониён дар Тӯрон, вақте ки тӯрониён нохост шабохун заданд, Гударз бо ақибнишинӣ лашкарро моҳирона аз хавфи ҳалокат халос кард.

Гударз ҳамчун шахси оқил борҳо барои аз ҳолати бад халос шудани Эрон ёрӣ додааст. Вақте ки Қовус пир шуду Сиёвуш кушта, Эрон бе соҳиби тахту тоҷ монд, хавфи ҷангҳои дохилӣ ва ҳуҷуми хориҷӣ пайдо шуд, аз сарлашкарон Тӯс ба подшоҳӣ интихоб шудани Кайхусравро қабул накард, вале Гударз онро тарафдорӣ кард, то ки мамлакат беподшоҳ намонад:

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-эй камхирад,
Туро бихрад аз мардумон нашмарад.
Ба гетӣ касе чун Сиёвуш набуд,
Чун ӯ роду бедард хомӯш набуд.
Кунун ин ҷаҳонҷӯй фарзанди ӯст,
Ҳамон аст гӯй ба чеҳру ба пӯст.
Ба Эрону Тӯрон чунон мард нест,
Чунин хомгуфторат аз баҳри чист?

Вай дар ҷангҳо барои ватан худ ва писаронашро дареғ надоштааст. Масалан, ӯ бо вуҷуди хавфнок будан писараш Гевро ба ҷустуҷӯи шоҳзода Кайхусрав ба Тӯрон фиристод. Гударз ҳамчун падар ҳам одами меҳрубон, раҳмдил, ғамхор ва дорои меҳр аст. Вай ба ҳалокати фарзандони худ дар ҷанг аз таҳти дил сӯхта, гирья кардааст.

**Тӯс**

Тус яке аз ду писари шоҳ Нӯзар аст. Вай сарлашкари доимии Эрон, байрақбардори шоҳон аст. Баъд аз вафоти Нӯзар паҳлавонон ва хирадмандони Эрон бо маслиҳати Зол чи Тӯс ва чи бародараш Густаҳмро, аз он сабаб ки одамони оқил нестанду дар хислат тезу тунанд, ба подшоҳӣ ба ҷои падар лоиқ надиданд:

«...Агар дораде Тӯсу Густаҳм фар,
Сипоҳ асту гурдони бисьёр мар.
Ҳар он номвар, к-ӯ набошад-ш рой,
Ба тахту бузурги набошад сазой.
Назебад бар ишон ҳаме тоҷу тахт,
Бибояд яке шоҳи пирӯзбахт,
Ки бошад бад-ӯ фарраи эзидӣ,
Битобад зи гуфтори ӯ бихрадӣ».

Тӯс паҳлавони далеру ҷасур ва нотарс аст. Ӯ дар ҷанги эрониён ва тӯрониён бародари Пирон Ҳумонро гурезонд, вале дар ақлу фаросат баланд набуд, бинобар ин, бештар шӯҳратпарастӣ дошт. Масалан, вақте ки барои бо Афросиёб сулҳ бастан Қовус Рустаму Сиёвушро аз сарлашкарӣ озод карда, Тӯсро ба ҷои онҳо таъин кард, ӯ ақаллан барои хотири паҳлаво-

нони номӣ ба ин фармон эътирози рӯякӣ ҳам накард. Қимати лашкарии ӯ дар гуфтаи Рустам ифода ёфтааст:

Агар Тус ҷангитар аз Рустам аст,
Чунон дон, чу Рустам ба гетӣ кам аст.

Вай аз шитобкорӣ ва тезию беандешагии характери худ писари Сиёвуш Фурудро, ки ба пешвози лашкари эрониён омада буд, дар ҷанг кушт ва барои ин, модари Фуруд худро куштааст. Дар бораи хислатҳои беандешагии ӯ Баҳром дар сӯҳбат ба Фуруд нақл кардааст:

Бигӯям ман ин ҳар чӣ гуфтӣ ба Тӯс,
Ба хоҳиш диҳам низ бар дастбӯс.
Валекин сипаҳбуд хирадманд нест,
Сару мағзи ӯ аз раҳи панд нест.
Ҳунар дораду хоста, ҳам аз нажод,
Наёрад ҳаме бар лаб аз шоҳ ёд.
Бишӯрид ба Геву Гударзу ба шоҳ,
Зи баҳри Фарибурзу тахту кулоҳ.
Ҳаме гуфт аз тухмаи Нӯзарам,
Ҷаҳонро ба шоҳӣ худ андарх(в)арам.
Сазад гар бупечад зи гуфтори ман,
Гирояд ба тундию пайкори ман.

Аз ин характеристикаи Баҳром маълум мегардад, ки Тӯс бинобар аз авлоди шоҳ буданаш фахр мекунад:

Бад-ӯ гуфт Тӯс: «Эй сипаҳдори пир,
Чӣ гӯӣ суханҳои дилнопазир?
Агар ту зи Қашвод дорӣ нажод,
Манам Тӯси Нӯзаршаҳу шоҳзод»,

вале ба хислатҳои неки шахс эътибор намедиҳад. Масалан, вай барои писари боистеъдоди Қайковус Фарибурзро ба тахт нишондан бо Гударз баҳс карда, номзадии Қайхусравро рад карда буд:

Чунин гуфт Тӯси сипаҳбуд ба шоҳ,
Ки «гар шоҳ сер омад аз тоҷгоҳ.
Ба фарзанд бояд ки монад ҷаҳон,
Бузургиву дайҳиму тахти меҳон.
Чу фарзанд бошад, набера кулоҳ
Чаро барниҳад, бар нишинад ба гоҳ?
Фарибурз бо фарру бурзи каён,
Миён баста дорад чу шери жаён».

Маслиҳату андешаҳои бемаънии ӯ ба лашкари Эрон зарарҳои бисьёре овардааст, бинобар ин, ба хислатҳои тези ӯ баҳои манфӣ додаанд. Баҳои Гударз ба Тӯс:

Ту нӯзарнажодӣ, на бегонай,
Падар тунд буду ту девонай...
Миёни каён душмани афканӣ
В-аз он хештан дар манӣ афканӣ.

Вай бо Фуруд ҳам худбинона ва худписандона рафтор карда, боиси кушта шудани ӯ гардид. Вай дар ҷавоби Баҳром, ки ӯро бо Фуруд шиносонд, гуфт:

Чунин дод посух ситамгори Тус,
Ки «ман дорам ин лашкару бӯқу кӯс.
Туро гуфтам уро ба назди ман ор,
Суханро макун ҳеҷ аз ӯ хостор.
Гар ӯ шаҳриёр аст, ман худ киям?!
Бад-он лашкар андар зи баҳри чиям?!»

**Образи Баҳром**

Дар «Шоҳнома» ҳамагӣ чанд эпизод ба Баҳром бахшида шуда бошад ҳам, образи ӯ хеле равшан эҷод гардидааст. Вай паҳлавони боандеша ва хирадманд аст. У дӯсти шоҳзода Сиёвуш мебошад. Баъд аз он ки Сиёвуш аз падар ранҷида ба Тӯрон гузаштанӣ шуд, кору чизҳои худро ба ӯ супурд:

В-аз он пас бифармуд Баҳромро,
Ки андар ҷаҳон тоза кун номро.
Супурдам туро рахту пардасарой,
Ҳамон ганҷи огандаву тахту ҷой.

Баҳром ҳангоми лашкар кашидани Кайхусрав ба кини падар бо Фуруд писари Сиёвуш сӯҳбат ва ҳамкорӣ намуда, хашми Тӯсро ба тарафи худ кашида, кӯшиш кардааст, ки созиш ба вуҷуд ояд. Вай ин маъниро дар сӯҳбат бо Фуруд ва Тӯс ифода кардааст:

Бидон, к-он Фуруд аст фарзанди шоҳ,
Сиёвуш, куҷо кушта шуд беғуноҳ.
Намуд он нишоне, ки андар нажод,
Зи Қовус доранд в-аз Кайқубод.

Кӯшишҳои Баҳром фоида накард, дар натиҷаи худсариҳои Тӯс чанд паҳлавони эронӣ ва Фуруд ҳам кушта шуданд, ки Баҳром барои онҳо ғам хӯрдааст:

Чу Баҳром наздики он бора шуд,
Зи андӯҳ яксар дилаш пора шуд.
Биёмад ба болини фаррух Фуруд,
Рухаш пур зи обу дилаш пур зи дуд.

Баҳром шарафи паҳлавонӣ ва ҷанговариро аз ҳама баланд медонист. Вақте ки фориғи ҷанг гум шудани тозиёнаеро, ки дар рӯи чарми он номи ӯ навишта шуда буд, фаҳмид, шабона ба майдони ҷанг баргашт, то ки қамчини ӯ ба дасти душман нафтад:

Яке тозиёна зи ман гум шудаст,
Чу гиранд бемоятуркон ба даст,
Ба Баҳроми пурмоя бошад фусӯс,
Ҷаҳон пеши чашмаш бувад обнӯс.
Набишта бад-он чарм номи ман аст,
Сипаҳдори туркон бигирад ба даст...

Маро ин бад аз ахтар ояд ҳаме,
Ки номам ба хок андар ояд ҳаме.

Вай дар бозгашт дар байни издиҳоми душман ҷангҳои қаҳрамонона карда, аз дасти Тажав кушта шуд, вале шарафи паҳлавониро аз даст надод.

**Пирон**

Яке аз образҳои дар хислат зиддиятноки «Шоҳнома» аст. Зиддияти хислатҳои ӯ аз ҳисси барои тақдири ватан—Тӯрон оқилона ҷавобгар будан ва муросо кардан бо подшоҳи золиму камандешаи он Афросиёб ба миён омадааст. Вай кӯшиш дорад, ки миёни Тӯрону Эрон созише ба амал ояд, то ки гул-гулшукуфии ватанаш бо ин роҳ таъмин гардад. Аз ин ҷост, ки ӯ номаи ба Афросиёб омадаи Сиёвушро дуруст маънидод карда, ӯро аз дудилагӣ баровард ва ин воқеаро сабаби осоиши кишвар шуморид:

Баросояд аз кин ду лашкар магар,
Бад-ин оваридаш магар додгар.

Аз руи гуфтаи оқилонаи Пирон Афросиёб маслиҳатро қабул мекунад:

Чу солор гуфтори Пирон шунид,
Чунон ҳам ҳама буданиҳо бидид...
Чунин дод посух ба Пирони пир,
Ки «ҳаст ин суханҳо ҳама дилпазир.
Зи корозмуда гузидамеҳон,
Ба монанди ту нест андар ҷаҳон».

Пирон, ҳатто, шубҳаи Афросиёбро, ки дар бораи Сиёвуш «шерзода шер мешавад» гуфт:

«Валекин шунидам яке достон,
Ки бошад бар он рой ҳамдостон,
Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез кайфар бари.
Чу бо зӯру бо чанг бархезад ӯй.
Ба парвардигор андаровезад ӯй»

ҷавоби рад дод, ки ӯ аз падар хислатҳои бадро мерос нагирифтааст, вагарна тахту тоҷро тарк намекард:

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «андар хирад
Яке шоҳи кундоварон бингарад.
Касе, к-аз падар кажжию хӯи бад
Нагирад, аз ӯ бадхӯӣ кай расад?»

Пирон барои осоиштагии кишвар ва созиши Эрону Тӯрон, ҳамчунин барои дар кишвари бегона ором кардани Сиёвуш на танҳо хуш қабул ва Афросиёбро розӣ кард, балки духтари худ Ҷарираро ба занӣ дод. Вай барои боз ҳам мустаҳкам шудани ин дӯстӣ бар хилофи раъйи духтараш духтари Афросиёб Фарангисро ба зании Сиёвуш ибро дид:

Агарчи Ҷарираст пироста,
Аз ин анҷуман мар туро хоста,
Валекин туро он сазовортар,
Ки аз домани шоҳ ҷӯи гуҳар.
Фарангис беҳтар зи хубони ӯй,
Набинӣ ба гетӣ чунон рӯй мӯй.

Бо вуҷуди ҳамаи ин Пирон осоиштагӣ ва хотирҷамъии Сиёвушро таъмин накарда буд, зеро Гарсевази рашкбар ба Сиёвуш ва Афросиёби бадандеш ҳар лаҳза метавонистанд ба Сиёвуш бадӣ кунанд. Бинобар ин, вақте ки Сиёвуш хоб ва наздик шудани марги ногаҳонии худро ба Пирон гуфт, ӯ худро сарзаниш кард, ки чаро вайро ба Тӯрон даъват кард, зеро ин воқеа боиси кинаи нави эрониён ва тӯрониён хоҳад шуд. Дар вақти ба муқобили Сиёвуш лашкар фиристодани Афросиёб, бо вуҷуди сарлашкар будан, ба ҷанг наёмад, зеро ин гуна чорабиниро намеписандид. Зиддиятнокии хислати Пирон аз он ҳол сар задааст, ки аз як тараф, барои осоиштагии халқу ватан муносибати дӯстиро аз Сиёвуш кандани нест, аз тарафи дигар, ҳамчун шахси тобеъ бо Афросиёб низоъ кардан низ намехоҳад. Аз ин ҷост, ки бо вуҷуди ба Сиёвуш ваъдаи ёрӣ додан, дар вақти зарурӣ ба тарафи ӯ барнахост, ки аз он Сиёвуш гила кардааст:

Зи Пирон на з-ин гуна будам умед,
Ҳаме панди ӯ бод шуд, ман чу бед.
Маро гуфта буд ӯ, ки бо сад ҳазор
Зиреҳдору бургустувонвар савор.
Чу баргардадат рӯз ёри туам,
Ба гоҳи чаро марғзори туам.

Чаро Пирон бетараф истод? Бо Сиёвуш иттифоқи ҳарбӣ бастан на танҳо боиси ба ду қисм ҷудо шудани Тӯрон, балки ба вассалии Эрон афтидани он мешуд, ҳол он ки ӯ фикр карда буд, ки агар бо Сиёвуши ҷавон ҳамкорӣ кунад, баъд аз мурдани Ковус, ки пир аст, Афросиёб подшоҳи ҳар ду кишвар хоҳад шуд:

Набинӣ, ки Ковус дерина гашт,
Чу дерина шуд, ҳам бубояд гузашт.
Сиёвуш бигирад ҷаҳони фарох,
Басе ганҷи беранҷу айвону кох.
Ду кишвар туро бошаду тоҷу тахт,
Чунин худ кӣ ёбад магар некбахт.

Аз ин ҷост, ки ӯ Афросиёбро ягона подшоҳи давлати пурқуввати Тӯрон, ки ватани Пирон аст, медонист. Аммо дар айни замон бо Сиёвуш ба моҷаро даромадани ӯро низ намехост, зеро оқибати баде барои Тӯрон дошт, чунки тамоми Эронро ба қасоси Сиёвуш бархоҳад хезонд:

Ба гуфтори Гарсевази баднажод,
Мадеҳ шаҳри Тӯрону худро ба бод.

Бинобар ин, Пирон аз кушта шудани Сиёвуш сахт ғамгин гашт:

Чу Пирон ба гуфтор бинҳод гӯш,
Зи тахт андар афтоду з-ӯ рафт ҳуш.
Ҳама ҷомаҳо бар бараш кард чок,
Ҳамеканд мӯю ҳамерехт хок.
Ҳамегуфт зор: — «Эй сазовори тоҷ,
Ки чун ту набинад дигар тахти оҷ».

Ҳамин тавр, ҳисси вазифадорӣ дар пеши подшоҳи ягонаи Тӯрон Афросиёб ва ҳисси ҷавобгарӣ дар назди тақдири ватан ҳеҷ гоҳ аз хотири ӯ дур нарафтааст. Бинобар ин, ӯ кӯшиш мекард, ки ғазаби Афросиёбро паст кунад, ки оқибати он низ барои Тӯрон бад хоҳад шуд. Пирон Афросиёбро барои рафтори бераҳмонааш сахт маҳкум кардааст:

Чу бишнид Пирон чунин гуфтугӯй,
Хӯрӯшону ҷӯшон баромад зи кӯй...
Биёмад дамон пеши Афросиёб,
Дил аз дард хаста, ду дида пуроб...
«Чаро бар дилат чира шуд хирадев,
Бибурд аз дилат шарми кайҳонхидев?
Бикуштӣ Сиёвушро бегуноҳ,
Ба хок андар андохтӣ ному ҷоҳ.
Бар Эрон расад з-ин бадӣ огаҳӣ,
Барошӯбад ин рӯзгори беҳӣ...
Басо паҳлавонон зи Эронзамин,
Ки бо лашкар оянд пурдарду кин.
Ҷаҳон орамида зи дасти бадӣ,
Шуда ошкоро раҳи эзидӣ.
Фиребанда деве зи дӯзах бичаст,
Биёмад, дили шоҳи Тӯрон бихаст...
Пушаймон шавӣ з-ин ба рӯзи дароз,
Бупечӣ ҳамоно ба гардун гудоз...
Кунун з-ӯ гузашта ба фарзанди хеш,
Расиди ба озори пайванди хеш».

Пирон ҳамчун шахси некраъй ва накӯкор Фарангисро аз дасти падари золимаш раҳонда, ӯро ба хонааш ба Хутан бурд ва ба занаш Гулшаҳр фармуд, ки ӯро бонӣ кунад:

Чу омад ба айвон ба Гулшаҳр гуфт:
Ки «ин хубруҳро бибояд нуҳуфт.
Бад-он то аз ӯ шоҳ гардад ҷудо,
Пас он гаҳ бисозад яке кимиё.
Ҳамебош пешаш парасторвор,
Бубин, то чӣ бозӣ кунад рӯзгор».

Пирон шабе Сиёвушро дар хоб дид, ки шамшер ба даст дар тахт аст:

Чунон дид солор Пирон ба хоб,
Ки шамъе барафрӯхта з-офтоб.
Сиёвуш бар тахту теғе ба даст,
Ба овоз гуфтӣ, нашояд нишаст.

Баъд аз таваллуди фарзанди Сиёвуш хавфи уро нобуд кардани Афросиёб ба миён омад. Бинобар ин, Пирон чораи эҳтиётӣ дид, то ки шоҳи оянда нобуд нашавад:

Чунин гуфт бо номвар анҷуман,
Ки «гар бугсилад з-ин сухан ҷони ман,
Намонам, ки ёзад бар ӯ шоҳ чанг».
Маро гар супорад ба коми наҳанг».

Пирон хабари таваллуди фарзанди Фарангисро ба Афросиёб расонда, бо розигии ӯ онро ба тарбияи чӯпонҳо дод. Баъд аз он Пирон чорае дид, ки шоҳ ба набераяш Кайхусрав бо беэътиноӣ ва бепарвоӣ нигоҳ кунад, яъне аз қувваю ақли ӯ барои худ хавф набарад ва дар паи нест кардани ӯ нашавад. Вай шоҳзодаро ёд дод, ки дар назди бобояш худро гаранг нишон диҳад. Вақте ки Рустам ба Тӯрон ҳуҷум овард, Афросиёб фармон дод, ки набераашро ба об ғарқ кунанд:

Мар ӯро биёвар бар ин рӯи об
Дарафкан в-аз ин рои ман сар матоб,

аммо Пирон маслиҳат дод, ки ӯро ба Хутан фиристад:

Мар ӯро биёрем бо хештан,
Барему нишонемаш андар Хутан...
Фиристод Пирон маро ӯро чу дуд,
Бар он сӯ куҷо шоҳ фармуда буд.

Вақте ки Пирон бо ёрии Гев аз Хутан ба Эрон гурехтани Кайхусрав ва модарашро фаҳмид, муносибаташ бо ӯ тағйир ёфт, зеро акнун вай на сағираи бегуноҳу бепарастор, балки ба душманӣ ва шоҳи бузурги Эрон мубаддал шуда буд, ки бояд барои падар, модар ва азобҳои худ аз Афросиёб — аз Тӯрон ва туроният қасос мегирифт. Вай аз рӯи пешгӯиҳои мунаҷҷимон ва хобҳо медонист, ки Кайхусрав шоҳи бузург ва қавӣ хоҳад шуд. Ҳамин тавр, ҳиссиёти ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Кайхусрав дар олами ботинии ӯ бо ҳам дар муҷодала буд, вале ҳисси ҷавобгарӣ дар назди Афросиёбу Тӯрон ғалаба кард, бинобар ин, аз паи ҷустуҷӯ ва дастгир кардани вай рафт?

Зи лашкар гузин кард Пирон савор,
Далерону ҷангӣ ду раҳ се ҳазор...
Ки гар Геву Хусрав ба Эрон шаванд,
Занон андар Эрон чу шерон шаванд.
Намоянд бар ин буму бар хоку об
В-аз ин доғдил гардад Афросиёб.

Дар ҳолати гурехтани Кайхусрав аз ғазаби Афросиёб ҳам метарсид:

Бад-ин рафтан аз ман шиносад гуноҳ,
На аз гардишу ахтару хуру моҳ.

Дар роҳ Пирон ба гурезаҳо расида, онҳоро ба бозгаштан

таклиф кард, вале ҷавоби рад ӯро маҷбур сохт, ки бо Гев ҷанг кунанд, аммо мағлуб шуд. Гев мехост ӯро кушад. Фарангис ва Кайхусрав ба миён даромада, барои хотири некиҳояш вайро озод мекунанд:

Фарангисро дид дида пуроб,
Забон пур зи нафрини Афросиёб.
Ба Гев он гаҳе гуфт, к — «Эй сарфароз,
Кашида чунин ранҷи роҳи дароз.
Чунон дон, ки ин пирсар паҳлавон,
Хирадманду род асту равшанравон.
Пас аз додгар довари раҳнамун,
Бидон, к-ӯ раҳонид моро зи хун.
Зи бад меҳри ӯ пардаи ҷони мост,
Ва аз кардаи хеш зинҳор хост.
Ба мо бахшаш, эй номвар, ту кунун,
Ки ҳаргиз набуд бар бадӣ раҳнамун».

Гев қасам ёд карда буд, ки хуни ӯро резад, вале бо маслиҳати Кайхусрав ҳилаи шаръӣ карда, бо ханҷар гӯши ӯро бурида, хунашро рехта, қасамро ба ҷо меорад. Баъд аз ин, бо илтимоси Пирон ба вай асп медиҳанд, вале дастонашро баста мефиристанд ва қасам медиҳанд, ки дастонашро танҳо занаш Гулшаҳр кушояд. Пирон ба онҳо офарин гуфта меравад:

Бирафту ҳамехонд ӯ офарин,
Абар шоҳу бар паҳлавони замин.

Пирон дар роҳ ба Афросиёби гуреза вохӯрда, ҳамаи воқеаҳоро нақл кард, вай ӯро бо нафрат пешвоз гирифт. Дар ин азобҳо образи Пирон ҳамчун паҳлавонест, ки дар роҳи хизмати ватан хор шудааст, вале шарафи онро аз манфиати шахсии худ афзал донистааст.

Образи Пирон ҳамчун сарлашкари Тӯрон дар эпизоди шабохун кардани ӯ бар зидди эрониён (ҷанги ӯ бо писари Кайковус Фарибурз ва куштани ӯ) хеле равшан эҷод шудааст. Дар ин эпизодҳо ӯ ба сарлашкари моҳир ва ҷасури эрониён Тӯс, ки якраву сахтгир аст, муқобил гузошта шудааст. Подшоҳ Кайхусрав ба воситаи Тӯс ба Пирон бойгарии зиёде ваъда дода буд, то ки ӯ ба тарафи эрониён майл кунад. Аммо Пирон онҳоро фиреб дод. Вай ваъда дод, ки то омадани қувваҳои иловагии Эрон вақтро гузаронда, ҷангро сар накунад. Рӯзи дигар вай эрониёнро шикаст дода, онҳоро маҷбур кард, ки ақибнишинӣ кунанд. Тӯс ва сарони Эрон Пиронро ба аҳдшиканӣ муттаҳам карданд, ҳол он ки вай фиреби ҳарбӣ кор фармуда, бо ҳар роҳ ки бошад, ватани худро аз душман ҳимоя карда буд. Дар ин кор ӯро айбдор кардан дуруст нест, зеро ҷанг ба ҳар ҳол ҷанг аст.

Азоби ботинии Пирон, балки фоҷиаи шахсии ӯ дар ин аст, ки аз як тараф, дар назди ватан ва шоҳи мамлакат қарзи ватандӯстӣ ва вассалӣ дорад:

Аз Афросиёбаш набаргашт сар,
Кунун шаҳриёраш чунон дод бар,

аз тарафи дигар, ҳамчун шахси оқил ва доно ҳис мекунад, ки ба шоҳе хизмат дорад, ки каси якрав, ҷоҳил, худбин, золим буда, амалиёти беақлонаи ӯ (мисли Қайковус) халқу ватанро ба фоҷиаҳо, харобӣ ва ҳалокат мебарад. Ин ду ҳис ҳамеша дар олами ботинии вай дар мубориза аст. Чӣ тавре ки Рустам нуқсонҳои Қайковусро дида истода, аз рӯи вазифаи вассалӣ ва ҳисси ватанпарварӣ ба вай хизмат мекард, Пирон ҳам айбҳои Афросиёбро дониста истода, аз рӯи вазифадорӣ ба вай итоат ва хизмат мекард.

Хизмати Пирон (бо вуҷуди то охири умр ба фоидаи тӯрониён ҷангидан) барои Сиёвуш, Қайхусрав, Фарангис ва эрониён хеле калон аст, бинобар ин, баъд аз кушта шуданаш аз тарафи Қайхусрав барояш дар Тӯрон дахма сохта шудааст:

В-аз он пас бар он куштагон бингарид,
Чу рӯи сипаҳдори Тӯрон бидид.
Фурӯ рехт об аз ду дида ба дард,
Ки кирдори некаш ҳама ёд кард.
Ба Пирон ба он сон дилашро бисӯхт,
Ки гуфтӣ яке оташе барфурӯхт.
Яке достон зад пас аз марги ӯй,
Ба хуни ду дида биёлуда рӯй...
Қашидӣ ҳама сола тимори ман,
Миён баста будӣ ба ҳар кори ман.
Зи хуни Сиёвуш пур аз дард буд,
Бад-он кор кас з-ӯ наёзурда буд...
Яке дахма фармуд Хусрав ба меҳр,
Баровард сар то ба гардонсипеҳр.

**Гев** Ӯ писари Гударз, бародари Баҳром аст. Ҳарчанд ки оқилӣ, тамкинӣ ва пурандешагии падар ба ӯ насиб нашудааст, вале вай паҳлавони фидокор ва ватандӯсти шӯълавар мебошад. Вай дар ҷангҳои бисьёре иштирок кардааст, супоришҳои зиёдеро ба ҷо овардааст. Супориши аввалине, ки иҷрои он хеле хавфнок ва дар айни замон масъулиятноку бошарафона буд, дар ҷустуҷӯи подшоҳи оянда аз насли Сиёвуш Қайхусрав баромадани ӯст. Ёфтан ва ӯро аз хатарҳо халос карда аз мамлакати душманон— Тӯрон ба Эрон овардан, ки бояд ба тахти подшоҳии Эрон соҳиб шавад ва кини Сиёвушро аз Афросиёб ситонад, рафтори фидокорона, қаҳрамонона ва ватандӯстона буд. Сифатҳои ӯ аз забони падар баён карда шудааст:

Биёмад камарбаста Геви далер,
Яке боркаш бодпое ба зер...
Фуруд омад аз бори Геви далер,
Бибӯсид дасти сарафроз шер.
Падар танг бигрифт андар бараш,
Фаровон бибӯсид рӯю сараш..

Ба фармони ӯ Гев баста миён,
Биёмад ба кирдори шери жаён.
Ба танҳо ҳамерафт касро набурд,
Тани ноздида ба яздон супурд...
Забонро ба турки биёростӣ,
Зи Қайхусрав аз вай нишон хостӣ.

Гев дашту биёбону кӯҳу шаҳру деҳаҳо гашта, нишони Қайхусравро меҷуст:

Ҳамерафт ҳар ҷой чун беҳушон,
Магар ёбад аз шоҳзода нишон.
Чунин то баромад бад-ин ҳафт сол,
Миён суда аз теғу банди дувол.
Хӯриш гуру пӯшиш ҳама ҷарми гӯр,
Гиё хӯрд гоҳеву гаҳ оби шӯр.

Дар эпизоди «Ёфтан Қайхусравро» ҳаяҷони ботинии қаҳрамон тасвир ёфтааст:

Фуруд омаду аспро даргузошт,
Бихуфту ҳаме дил пурандеша дошт...
Зи Қайхусрав эдар наёбам нишон,
Чӣ дорам ҳаме хештанро нишон.
Кунун гар ба разманд ёрони ман,
Ба базм андарун ғамгусорони ман,
Яке номҷӯю дигар шодрӯз,
Маро бахт бар гунбад афшон кӯз.
Ҳаме барфишонам ба хира равон,
Ҳамида равонам чу хашми камон...
Дили пур зи ғам гирди он марғзор,
Ҳамегашт шаҳро шуда хостгор.

Охируламр дар марғзори зебое ба касе вохӯрд, ки аз фаросат шоҳзода Қайхусрав будани ӯро тахмин кард:

Ба дил гуфт Гев: — «Ба ҷуз шоҳ нест,
Чунин чехра ҷуз дархурӣ гоҳ нест».

Гев Қайхусравро ба Сиёвушгирд оварда, аз он ҷо модараш Фарангисро гирифта пинҳонӣ ба Эрон раҳсипор мешаванд. Пирон аз ин вокеа хабардор шуда, аз пушти онҳо лашкар мефиристад, вале Гев дар ҷанг ғолиб меояд. Худи Пирон бо 300 нафар лашкар гурезаҳоро таъқиб менамояд, вале дар ҷанг ӯ низ мағлуб мешавад. Ҳамин тавр, Гев супоришро қаҳрамонона ба ҷо оварда Қайхусрав ва модарашро ба назди бобояш Қайковус меоварад. Гев баъд аз ин дар лашкари эронии Қайхусрав хизмат карда, қаҳрамониҳо нишон медиҳад, вале танҳо аз паҳлавони беназири Тӯрон Қомуси Қашонӣ шикаст хӯрдааст.

**Сиёвуш**

Ин шахс дар «Шоҳнома» образи шоҳзодаи вориси тахту тоҷи Эрон, ҷавони оқил, боандеша, поквиҷдон, ҳокими одил, сулҳҷӯй ва паҳлавони қавиирода аст. Ӯ писари Қайковус аст, ки Рустам ӯро ба тарбияи худ гирифтааст:

Таҳамтан бибурдаш ба Зобулситон,
Нишастангаҳе сохт дар бӯстон.
Зи доду зи бедоду тахту кулоҳ,
Сухан гуфтану разму ропдан сипоҳ.
Ҳунарҳо биёмӯхташ сар ба сар,
Басе ранҷ бардошт, к-омад ба бар.
Сиёвуш чунон шуд,— к-андар ҷаҳон,
Ба монанди ӯ кас набуд аз меҳон.

Хабари ба камол расидани Сиёвуш ба падараш Қайковус расид. Гев ва Тӯс ӯро бо дабдабаи бузурге ҳамроҳи Рустам ба назди шоҳ оварданд:

Хиромон бари шаҳриёр омаданд,
Ки бо навдарахте ба бор омаданд.

Сиёвуш ҷавони зебо, тануманд ва боақл шуда буд:

Бар он бурзу болову он фарри ӯй,
Басе буданӣ диду бас гуфтугӯй.
Бад-он андаке солу чандин хирад,
Ки гуфтӣ равонаш хирад парварад...
Зи фарри Сиёвуш фурӯ монданд,
Бар ӯ бар басе офарин хонданд.

Қайковус баъд аз 7—8 соли ӯро санҷидан, ҳокимии қисме аз мулки худро ба вай дод:

Замини Кӯҳистон варо дод шоҳ,
Ки буд ӯ сазои бузургиву гоҳ.

Дар ин байн модари Сиёвуш вафот кард. Дар ин эпизод Сиёвуш ҳамчун фарзанди ғамхору меҳрубони модар, ки аз ғами марги ӯ афгор шудааст, тасвир ёфтааст:

Сиёвуш зи гоҳ андаромад чу дев,
Баровард бар чархи гардун ғирев...
Ҳаме буд бо сӯги модар дижам,
Ҳаме кард бо ҷони ширин ситам.
Басе навҳа кардаш ба рӯзу ба шаб,
Басе рӯз накшод бар ханда лаб.

Дар эпизоди «Вафот ёфтани модари Сиёвуш» қаҳрамони асар на ба образҳои афсонавӣ, балки ба шахси мотамдори реалии фарзанди оила монанд аст.

Сиёвуш ҷавони ниҳоят зебо буд. Аз ни рӯ, модарандараш Судоба ба вай дил мебандад:

Чу Судоба рӯи Сиёвуш бидид,
Пурандеша гашту дилаш бардамид.

ва ба воситаи шахсони наздик ӯро ба шабистони худ даъват менамояд. Вай ба назди Судоба омад ӯро ҳамчун модари худ маънидод карда, ишқи ӯро рад мекунад ва покии хислати неки инсонии худро нигоҳ медорад. Он гоҳ Судоба ба ӯ бо тӯҳмат

таҳдид карда, воқеаро ба падараш баракс маънидод мекунад ва ӯ бо ҳукми падар барои исботи бегуноҳии худ аз оташи муқаддас мегузарад, намесӯзад, зеро беайб буд. Судоба гунаҳкор бошад ҳам, Сиёвуш аз рӯи меҳрубонӣ ва раҳмдилӣ гуноҳи ӯро аз падар дархост мекунад, ки дорои хислати неки инсонӣ будани ӯст.

Баъд аз ин, образи Сиёвуш ҳамчун сарлашкари ҳимоякунандаи ватан, вале сулҳҷӯ намудор мешавад. Ин хислати Сиёвуш дар муносибати ӯ ба таклифи сулҳ кардани Афросиёби ҷангҷӯ ва онро қабул кардани вай зоҳир гаштааст. Вай бо мақсади сулҳ Рустамро назди падараш мефиристад, вале аз ӯ ҷавоби таҳдидомез мегирад. Сиёвуш илова ба кинаи пешина, ки аз тӯҳмати Судоба ва бовар кардани падар дошт, лашкарро то омадани фармондеҳи нав Тӯс ба Баҳром ва Занга супурда, худ ба сулҳ бо чанд нафар ҳамсилоҳаш ба тарафи Афросиёб мегузарад ва ба худ паноҳгоҳ меҳоҳад, зеро аз оштӣ бо Афросиёб ҷанг бо падар пеш омадааст:

Ки рав шоҳи тӯронзаминро бигӯй,
Қ-аз ин кор моро чӣ омад ба рӯй.
Аз ин оштӣ ҷанг баҳри ман аст,
Ҳама пӯши ту дарду заҳри ман аст.
Зи паймони ту сар накардам тиҳӣ
В-агарчи бимонам зи тахти шаҳӣ...
Яке роҳ букшой, то бугзарам,
Ба ҷое, ки кард эзид обиш(в)арам.
Яке кишваре ҷӯям андар ҷаҳон,
Ки номам зи Ковус гардад ниҳон.
Зи хӯи бади ӯ сухан нашнавам,
Зи пайкори ӯ як даме биғнавам.

Афросиёб илтимоси Сиёвушро аз ҷон хуштар қабул мекунад. Ӯ аз Сиёвуш хоҳиш мекунад, ки фардо дар назди мардум ҳар ду ҳунарнамоӣ кунанд. Сиёвуш ин таклифро қабул карда, ҳунарнамоӣ мекунад, то ки мардум далерӣ, қаҳрамонӣ ва ҳунарҳои вайро бинанд. Афросиёб ӯро ситоиш менамояд:

Бад-ӯ гуфт Афросиёб: — «Эй писар,
Ҳамеша будӣ шоду фирӯзгар...
Зи ҳар кас шунидам, ки чавгони ту
Набинанд гурдон ба майдони ту...
Ту бошӣ аз ин рӯю он рӯи ман,
Ба ду нима ҳам з-ин нишон анҷуман».

Сиёвуш аз рӯи одоб дар назди подшоҳ Афросиёб, ки низ паҳлавони номист, худситоӣ намекунад, балки изҳори хоксорӣ менамояд:

Сиёвуш чунин гуфт бо шаҳриёр,
Ки «кай бошадам дасту чавгон ба кор.
Баробар наёрам задан бо ту гӯй,
Ба майдон ҳамоварди дигар биҷӯй!»

Бо вуҷуди ин, Сиёвуш якҷоя бо паҳлавонони эрониаш бо тӯрониён мусобиқа карда, ҳунарнамой мекунад ва сазовори таҳсину офарин мешавад. Вай ҳамроҳи Афросиёб ба шикор рафта ҳунарҳо харҷ менамояд.

Афросиёб баъд аз борҳо санҷидани Сиёвуш ҳокимии яке аз вилоятҳои худро ба ӯ медиҳад, вай бо лашкариёнаш ва аҳолии мамлакат шаҳри Гангдиж ва Сиёвушгирдро бино мекунад. Барои мустаҳкам кардани дӯстӣ ва сулҳи Эрону Тӯрон бо маслиҳати Пирон ба духтари ӯ Ҷарира ва Афросиёб — Фарангис хонадор мешавад. Сиёвуш софдилона волигии Афросиёбро ба ҷо меорад. Аммо сарлашкари Афросиёб Гарсеваз аз ин ҳол— аз оштии Эрону Тӯрон, аз комьёбиҳои Сиёвуш розӣ набуд, бинобар ин, муносибати Афросиёбу Сиёвушро бо иғво, бадгӯӣ ва хабаркашӣ вайрон карда, онҳоро ба дараҷаи ҷанг овард, ки оқибати он ба ҷангҳои ояндаи Эрону Тӯрон сабаб мешуд. Сиёвуш ҳарчанд ба сулҳ кӯшиш кард, ба Афросиёб писанд наомад ва ба муқобили Сиёвуш лашкар кашид. Аз воқеаи ногувор Сиёвуш хеле ба ҳаяҷони рӯҳӣ омадааст ва дар ин ҳолат ягона дӯст ва маслиҳатчии ӯ занаш Фарангис аст. Сиёвуш фоҷиаҳои дар пешистодаро дар хоб мебинад ва онро ба Фарангис арз мекунад:

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к—«Он хоби ман
Ба ҷой омаду тира шуд оби ман.
Маро зиндагонӣ саромад ҳаме,
Ғами рӯзи талх андаромад ҳаме».

Сиёвуш дар ҷанг мағлуб шуда, асир меафтад ва бо маслиҳати Гарсевазу фармони Афросиёб бо таъҷил бо дасти Гурӯй кушта мешавад. Сиёвуш пеш аз кушта шудан ба худо илтиҷо мекунад, ки аз насли ӯ касеро тавлид кунонад, ки кини ӯро аз душманонаш гирад. Аз ин хоҳиши Сиёвуш, ки аҳамияти композиционӣ дорад, воқеаҳои фоҷианокиояндаро пай бурдан мумкин аст:

Сиёвуш бинолид бар кирдугор,
Ки «Эй бартар аз гардиши рӯзгор,
Яке шоҳ пайдо кун аз тухми ман,
Чу хуршеди тобанда бар анҷуман,
Ки хоҳад аз ин душманон кини ман,
Кунад дар ҷаҳон тоза оини ман.
Ҳунарҳову мардӣ ба ҷой оварад,
Ҷаҳонро саросар ба пой оварад.

Сиёвуш аз духтари Пирон Фуруд ном писар дошт, ки дар ҷангҳои ояндаи Эрону Тӯрон саҳван кушта шудааст. Кини Сиёвушро Рустаму Кайхусрав аз Гарсевазу Афросиёб гирифтанд.

Образи Сиёвуш пеш аз назми Фирдавсӣ дар мифология эҷод шуда буд, Фирдавсӣ онро такмил додааст ва аз унсурҳои

мифологи он лаҳзаеро нигоҳ доштааст, ки аз хуни ӯ гиёҳе руида буд:

Гиёҳе баромад ҳамон гаҳ зи хун,
Бад-он ҷо, ки он ташт шуд сарнагун.
Гиёро диҳам ман кунунат нишон,
Ки хонӣ ҳаме хуни Асьёвушон.

Образи Сиёвуш — образи мураккаби психологи аст. Пеш аз ҳама, Сиёвуш ҳамчун ҷавони поктинат тасвир ёфтааст, ки бо васвасаи шаҳвонии Судоба ва ҳисси ҷавонии худ муборизa бурда, ғолиб омад. Вай дар муборизаи психологи ба шубҳаву гумон ва беандешагиҳои падараш ҳам ғолиб омад. Ӯ дар масъалаи сулҳ ва ҷанг ҳам ба дағдағаи ҷангҷӯии Кайковус низ истодагарӣ кард. Бо вуҷуди ғолибият ва комьёбиҳо, таклифи сулҳи Афросиёбро қабул кардани Сиёвуш низ ғалабаи олами бои маънавии вай аст.

Ба тарафи душман — туроннён — Афросиёб гузаштани ӯ ва бо онҳо ҳамкорӣ кардани вай маъниҳои зиёди иҷтимоӣ, сиёсӣ, давлатӣ ва психологиро ифода кардааст: 1. Бе ворисi тоҷу тахт мондани мамлакат, пайдо шудани бетартибӣ ва ҷангҳои дохилӣ, пайдо шудани хавфи ҳуҷуми хориҷиён. 2. Сиёвуш бо созиш кардани худ бо душманони деринаю доимии туронӣ ин хавфро аз байн бурд. 3. Вале азбаски душман дӯсти доимӣ намешавад ва аз макру хиёнати ӯ эмин будан мумкин нест, тарки ватан кардани Сиёвуш ва бо душман созишу хешу табор шудани ӯ хавфу хатарҳои зиёде ҳам дошт, ки он хавфҳо, як навъ ҷазое барои тарки ватан буд. Дар эпизоди «Сухан гуфтани Сиёвуш бо Пирон аз буданиҳо» андешаҳои Сиёвуш баён шудааст, ки он хислати психологи дорад:

Аз он ҷои хуррам чу гаштанд боз,
Сиёвуш ҳаме буд бо дил ба роз.
Аз ахтаршиносон бипурсид шоҳ,
Ки эдар яке сохтам ҷойгоҳ.
Аз ӯ фарру бахтам ба сомон бувад
Ва ё дил зи карда пушаймон бувад.
Бигуфтанд як сар ба шоҳи замин,
Ки бас нест фархунда буньёди ин.
Аз ахтаршиносон баровард хашм,
Дилаш пур зи дарду пур аз оби чашм...
Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «эй ҳушьёр,
Чӣ будат, ки гаштӣ чунин сӯгвор?»
Чунин дод посух, ки «чархи баланд,
Дилам кард пурдарду ҷонам нажанд,
Ки ҳарчанд гирд оварам хоста,
Ҳамон коҳу ҳам ганҷи ороста,
Ба фарҷом яксар ба душман расад,
Бадӣ бад бувад, марг бар тан расад,
Шавад кохи ман тахти Афросиёб,
Кунад бегунаҳ марг бар тан шитоб...
Барошӯбад Эрону Турон ба ҳам,
Зи кина шавад зиндагонӣ дижам»...
Кӣ ин розҳо бар дили вай кушод,
Ҳамоно, ки Эрон-ш омад ба ёд?

Зи Ковус в-аз тахти шоҳаншаҳи,
Ба ёд омадаш рӯзгори беҳӣ.

4. Дар амалиёти аз фармони падар—Қайковус сар кашидан, тарки ватан кардан ва бо душман созиш доштани Сиёвуш боз чанд масъалаи дигари ғоявӣ ва композиционӣ ифода ёфтааст: Иҷро накардани фармони нодуруст, агарчи фармони падар—шоҳ бошад ҳам; сулҳҷӯӣ ва сулҳ таклиф кардани душманро қабул кардан; бо душманон ҳамкорӣ кардан бо нияти нигоҳ доштани сулҳи пойдор; бо некӯкорӣ ва хешутаборӣ душманро дӯст кардан, таъмин намудани осоиши умум; зарарнокии ба душман тамоман бовар кардан, ба макру қасди ӯ хотирҷамъ набудан ва ғайра. Фоҷиаи Сиёвуш аҳамияти композиционӣ ҳам дорад. Аввало, мазмуни мақоли «душман дӯст намешавад»-ро талқин намудан, сониян, ба воситаи ин воқеа идеали тамоман мағлуб кардани душмани доимӣ Афросиёб ва тӯрониён ва ғалабаи доимии Эронро пеш рондан. Бегуноҳ кушта шудани Сиёвуш ва кини ӯро гирифтан воситаест барои бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ ва нафрату адовати эрониён ба душмани деринаи онҳо тӯрониён ва бо ин восита ғалабаро таъмин намудан.

Чӣ тавре ки дар қисмҳои дигари «Шоҳнома» дида мешавад, ба воситаи «пешгӯии» мунаҷҷимон ба тақдир бовар кардан мавқеи калон дорад. Дар достони Сиёвуш иҷрокунандаи тақдиру бахти бад Гарсеваз бародари Афросиёб аст, ки аз наздик шудани муносибати Сиёвуш ва Афросиёб дар ғам буд, зеро дар ақидаи ӯ агар Сиёвуш зинда бошад, Гарсеваз аз тахту тоҷи меросӣ маҳрум хоҳад шуд. Аз ин сабаб, бо тӯҳмати он, ки гӯё Сиёвуш бо Қайковус забон як карда, бо ёрии лашкари Руму Чин ба тахти Тӯрон соҳиб шуданӣ аст, муносибати Афросиёбро бо Сиёвуш бад кард ва фурсатро аз даст надода, бо дасти Гурӯй иҷрои фармони қатлро амалӣ гардонид, вале фикр накард, ки ин воқеа муносибати Эрону Тӯронро аз нав вайрон ва ба баҳонаи кини Сиёвуш ба сари кишвар офатҳои нав хоҳад овард:

Пур аз ҷанг гардад саросар замин,
Замона шавад пур зи шамшери кин.
Басе зарду сурху сиёҳу бунафш,
К-аз Эрон ба Тӯрон бубини дурафш.
Сипаҳдори Тӯрон зи кирдори хеш
Пушаймон шавад ҳам зи гуфтори хеш.
Аз Эрону Тӯрон бароянд хурӯш,
Ҷаҳоне, зи хуни ман ояд ба ҷӯш.

Аз ин порча маълум мешавад, ки фоҷиаи Сиёвуш ва оқибатҳои бади он рамзи харобиҳоест, ки ҷангҳои чандинасраи Эрону Тӯронро ба бор овардаанд:

Басе горату бурдани хоста,
Парогандани ганҷи ороста,

Басо кишваро, к-он ба пои сутур
Бикӯбанду гардад ба ҷуй об шур.

Ба ҳамин тариқ, образи Сиёвуш нисбатан образи пурраи «Шоҳнома» буда, дар симои ӯ масъалаҳои хеле зиёди давлатӣ, ахлоқ, олами ботинии инсон, ҷиҳатҳои пурқувват ва сусти он, ҳолатҳои гуногуни олами рӯҳии шахс акс ёфтааст.

**Баҳроми Чӯбина**

Баҳроми Чӯбина прототипи шахси таърихӣ—Вахраи Чӯбин—сарлашкари шоҳи сосонӣ Хурмузи IV (579—590) аст, ки ба муқобили подшоҳи худ исьён бардошта буд. Вай аз ибтидои фаъолияти худ исьёнкор нест. Симои ӯ он вақт ба майдон мебарояд, ки ҳимояи ватан ба миён меояд. Совашоҳи Тӯронӣ ба Эрон лашкар кашид. Дар ин вақт паҳлавони диловар Баҳромро, ки писари лашкарии оддӣ буд, ба Ҳурмузд муаррафӣ менамоянд. Шоҳ дар сӯҳбат аз Баҳром, ки мисли падар лақаби «Чӯбина» дошт, маслиҳат мепурсад, ки бо Совашоҳ ҷангад ё сулҳ кунад:

Бипурсид аз он пас, ки «Бо Совашоҳ
Кунам оштӣ ё фиристам сипоҳ?»

Баҳром аз рӯи ҳисси ватандӯстӣ ва тактикаи ҷангӣ ба подшоҳ маслиҳат медиҳад, ки ҳуҷумкунандаро, ки ба хоки ватан зада даромадааст, бо ҷанг пешвоз гирифтан лозим, зеро, агар бо сулҳ пешвоз гирем, боз ҳам далертар ва берӯтар мешавад:

Чунин дод посух бад-ӯ ҷангҷӯй,
Ки «бо Совашоҳ оштӣ нест рӯй.
Агар ҷангро хоҳад орастан,
Ҳазимат бувад оштӣ хостан
Ва дигар, ки бадхоҳ гардад далер,
Чу бинад, ки коми ту ояд ба зер».

Ҳурмузд ҳисси ватандӯстӣ ва дониши ҷангии Баҳромро ба назар гирифта, ӯро сарлашкари худ таъин мекунад:

Шаҳаншоҳи Эрон аз он шод гашт,
Зи тимори он лашкар озод гашт.
Варо кард солор бар лашкараш.
Ба абр андар овард ҷангӣ сараш.

Ҳамин тавр, Баҳроми Чӯбина душманро бо ҷанг пешвоз мегирад. Вай ҳамчун солори ватандӯст, зирак ва батадбир ба найранги душман, ки агар Баҳром ба тарафи ӯ гузарад, бойгарии бисьёре, ҳатто, подшоҳии кишвареро хоҳад дод:

Фаровон биёбӣ зи ман хоста,
Шавад лашкараш як сар ороста...
Туро кадхудоиву духтар диҳам,
Ҳамон анҷумандиву афсар диҳам.
Биёбӣ ба наздики ман меҳтарӣ,
Шавӣ бениёз аз бади кеҳтарӣ.

Чу кушта шавад шоҳи Эрон ба ҷанг,
Маро бошад он тоҷу тахташ ба ҷанг.
Супорам ба ту тоҷу тахти варо,
Ҳамон афсару ганҷу рахти варо.

Вале Баҳром фирефтаи найранги ӯ намешавад ва бо сарбаландию ифтихор ба он таклиф розигӣ намедиҳад:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-ӯро бигӯй,
Ки гар дод хоҳӣ, баҳона маҷӯй.
Набинӣ маро ҷуз ба рӯзи набард,
Дирафше баси пушти ман лоҷувард...
Фиристодӣ аз коҳи сроста,
Ба наздики ман духтару хоста.
Чу ман дуст буди ба Эрон туро,
На разм омадӣ бо далерон туро...
Чу рафтӣ, сару тоҷу ганҷат марост,
Ҳамон духтару бурда ранҷат марост.

Совашоҳ бо мукотиба ва гуфтугӯҳои дипломатӣ комьёб нашуда, Баҳромро барои аз нажоди паст буданаш таҳқир мекунад. Баҳром ҷавоб медиҳад, ки аз нажоди пасти худ фахр мекунад:

Бигӯяш, ки гар ман чунин меҳтарам,
Ки нанг ояд аз кеҳтаре бар сарам.
Шаҳаншоҳ бо лашкар аз нанги ту,
Ба тундӣ наҷӯяд ҳаме ҷанги ту.
Ман аз хурдагӣ рондаам бо сипоҳ
Ки вайрон кунам дудаи Совашоҳ.

Баҳром дар қавли худ истода, Совашоҳро мекушад ва сари ӯро бо номаи фирӯзӣ ба подшоҳи худ мефиристад. Дар амалиёти Баҳроми паҳлавон лаҳзаҳои афсонавӣ ҳам ҳаст, вай пеш аз ҷанг ҷодугари Совашоҳро бо набард мекушад. Аз ғалабаи Баҳром бар Совашоҳ ва писари ӯ Пармуда, ки низ паҳлавони далеру дорои лашкари азими тӯронӣ буд, маълум мешавад, ки Баҳром на танҳо гурди беназир, балки донандаи ҷанг мебошад. Вай дорои ҳиммати баланд аст, зеро, вақте ки Пармудаи асир аз вай паноҳ талабид, ӯро бахшид ва аз подшоҳ Ҳурмузд бахшиши гуноҳи ӯро хоҳиш кард. Вай дар лаҳзаҳои беадолатӣ ва беҳурматӣ хашмгин аст. Вақте ки бо илтимоси Баҳром Пармуда номаи бахшиши шоҳро гирифт, худро одами наздики шоҳ тасаввур намуда, ба Баҳром нописандона нигоҳ кард:

Ҳамерафт бо лашкар аз диж ба роҳ,
Накард ҳеҷ Баҳроми ялро нигоҳ.

Аз ин рафтори ӯ ҳама, махсусан Баҳром, ба вай бо хашм нигоҳ карда, ӯро банд фармуд:

Ба тезиш як тозиёна бизад,
Бад-он сон, ки аз носазоён сазад.
Бубастанд ҳам бар замон пои ӯй,
Яке тангхиргоҳ шуд ҷои ӯй...

Ба як парра пашша надорад хирад,
Азеро касеро ба кас нашмарад.

Дар ин рафтори Баҳром тезӣ ва сабукии хислати ӯ зоҳир гаштааст. Вай бо панди дигарон аз кардаи худ, ки ҳангоми оштӣ бо хоқонзода зоҳир намуда буд, пушаймон шуда, уро озод мекунад ва бо иззату эҳтиром ба назди Ҳурмузд мефиристад ва аз Пармуда хоҳиш мекунад, ки дар ин бора ба подшоҳ нагӯяд. Аз ин рафтори ӯ маълум мешавад, ки вай одами реал аст ва олами пурталотуми маънавӣ дорад: метавонад ғолибона бо душман муомила кунад, хашм гирад, пушаймон шавад, узр гӯяд, ба қоидаҳои давлатӣ ва байни давлатӣ риоя кунад ва ғайра.

Баҳром ба молу чиз бетафовут нест, вай ғаниматҳоро ҷамъ карда бо мактубе ҳамроҳи Пармуда ба Ҳурмузд фиристод, аз байни онҳо баъзе чизҳои қиматбаҳоро ба худ нигоҳ дошт. Иғвогарон аз қабили Эзидгушасп ин ҳолро ба подшоҳ хабар доданд. Бинобар ин, шоҳ ба мактуби вай шубҳа карда, ӯро норосткор шуморида, бо хоқон аҳди дӯстӣ баста, ба Баҳром дук, калова ва либоси занона тӯҳфа фиристода, таҳқир кард. Баҳром азбаски дар байни сардорон ва лашкариён иззату эҳтиром дошт, барои нишон додани қадрношиносии подшоҳ либоси занонаро пӯшида ба назди саркардагон омад;

Чунин гуфт Баҳром, к — «Ин худ магӯй,
Ки аз шоҳ гирад сипаҳ обрӯй.
Ҳама сар ба сар бандагони ваем,
Диҳандасту дорандагони ваем».
Чунин ёфт посух аз эрониён,
Ки «мо худ набандем аз ин пас миён.
Ба Эрон кас ӯро нахоҳем шоҳ,
На Баҳоромро паҳлавони сипоҳ».
Бигуфтанду в-аз пеш берун шуданд,
Зи кохи сипаҳбуд ба ҳомун шуданд.

Бо вуҷуди ин ки Баҳром аз шоҳ сахт ранҷида буд, ба лашкар панд медод, ки ба ӯ содиқ бошанд:

Сипахбуд сипахро хамедод панд,
Ҳамедошт бо панд лабро ба банд.

Чунин рафтори ғайриодилона Баҳроми Чӯбинаро водор мекунад, ки ба муқобили подшоҳ исьён бардорад ва худро шоҳ эълон намояд, вале ӯ ин тавр фикр надошт. Баҳром танҳо баъд аз он исьён бардошт, ки дар вақти саёҳат дар марғзоре хушҳаво зани ҷодугареро дид, ки подшоҳ шудани ӯро пешгуи мекард. Баъд аз ин вай барои исботи ҳақ будани исьёни худ даъво мекард, ки агар ӯ пеши лашкари хоқонро намегирифт, на Эрон мемонду на тахти шоҳ, вале подшоҳ ноодамӣ кард, бинобар, ин, аз вай алоқаи худро кандааст:

Чу Пармудаи турк бо Совашоҳ,
Агар сун Эрон кашидӣ сипоҳ.

Наярзидӣ Эрон ба як мӯҳра мум,
В-аз он пас ҳамедошт оҳанги Рум...
Ман аз роҳ пардахта кардам дилам,
Аз он подшоҳӣ ҳаме бигсилам.

Ҳамин тавр, Баҳром аз сипаҳсолори содиқ ба шоҳ, ба шахси исьёнгар мубаддал гашт. Баҳром бо вуҷуди азми исьён доштан, ба саркардагон ва мӯбадон мурочиат менамояд, ки чунин кори ӯ дуруст аст ё не. Дар ин мавзӯъ ҳар кӣ ҳар чӣ мегӯяд. Баҳром дар шароити ҳукмрон будани ақидаи меросӣ будани шоҳӣ дудила аст. Вай, ҳатто, чанд далел меорад, ки дар вақти холӣ будани тахт ҳам одамон барои ба он соҳиб шудан кӯшиш намекарданд:

Басе буд, ки бекор буд тахти шоҳ,
Накард андар ӯ ҳеч меҳтар нигоҳ.

Ҳатто, Рустам ҳам ба он тавоноии худ қасди тахти шоҳӣ накардааст, зеро меросӣ аст:

Ту хоҳӣ, ки шоҳӣ кунӣ беножод,
Ҳама дударо дод хоҳӣ ба бод...
Кас аз кеҳтарон тоҷи шоҳӣ наҷуст,
В-агар чанд будаш нажоди дуруст.

Зарарнок будани исьёнро Фирдавсӣ аз забони хоҳари Баҳром Гурдия баён намуда барои исбот ба авлод зарар расондани чунин рафторро далел овардааст:

«Агар ман занам, панди мардон диҳам,
На бисьёр сол аз бародар кеҳам.
Мадеҳ коркарди ниёгон ба бод,
Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд».

Аммо аз сардорҳои лашкар Ялонсина, аз як тараф, ноодамии шоҳ, аз тарафи дигар, нимбегона—туркнажод будани Ҳурмуздро, ки аз зани турки Нӯширавон буд, далер оварда, ба ҷои ӯ Баҳроми эронинажодро беҳтар медонанд:

На бегона зебои афсар бувад,
Сазои бузургӣ ба гавҳар бувад...
Чу Ҳурмузд чунин бошад андар ҳунар,
Бародар-тро шоҳи Эрон шумар...
Сухан бас кун аз Ҳурмузи туркзод,
Ки андар замона мабод он нажод.

Дар байни ин гуфтаҳо дудилагии Баҳром намудор бошад ҳам, панди хоҳараш, ки ба подшоҳ, кӯрнамакӣ дуруст нест, мегуфт, ба ӯ писанд наёмад:

Чу Баҳромро он наёмад писанд,
Ҳаме буд аз овози хоҳар нажанд.

Вале Фирдавсӣ орзуи шоҳӣ кардани шахси қеҳтарзода—писари марзбон Баҳроми Чубинаро маҳкум кардааст ва бо ин во-

сита ақидаи аристократии худро зоҳир намудааст. Дудилагӣ, аз як тараф, бо ҳам ҷанг андохтани падару писар аз тарафи дигар, Баҳромро водор кардааст, ки сиккаи давлатро ба номи Хусрави Парвиз, ки писари шоҳи гуреза Ҳурмузд аст, занад ва ба ӯ мактуб нависад, ки агар шоҳзода ӯро ба меҳтарӣ қабул кунад, аз кардаҳои худ пушаймон хоҳад шуд:

Ба пӯзиш, к-аз он карда ҳастам ба дард,
Дилам пур пушаймониву боди сард
Аз ин пас бару буму марзу туро,
Наёзорам аз баҳри арзи туро.
Ағар бар ҷаҳон пок меҳтар шавам,
Туро ҳамчу кеҳтар бародар шавам.

Баҳром дар айни замон ба Ҳурмузди гуреза мактуб навишт, ки агар писараш бар тахт нишинад, хизмат хоҳад кард, вагарна шоҳи гуреза умеди худро аз тахт канад:

Ҳар он гаҳ ки Хусрав нишинад ба тахт,
Писар-т он гаронмояи некбахт,
Ба фармони ӯ роғ ҳамчун кунам,
Биёбон зи душман чу Ҷайҳун кунам,
Агар кӯдак аст ӯ ба шоҳӣ сазост,
Вафодор ӯ на чу ту бевафост.

Дар ин амалиёти Баҳром сиёсатдонии ӯ акс ёфтааст, зеро аз як тараф, ба меросӣ будани тахту тоҷ риоя намуда, дили умумро ба даст оварда, мавқеи худро мустаҳкам кард, аз тарафи дигар, шоҳи пешинаро аз тахт маҳрум карда, писари ӯро ба тарафи худ кашид. Хусрав аз пеши падар ба тарафи Баҳроми Чӯбина гурехт. Баҳром ҳамчун ғолиб Оингушаспро, ки Ҳурмузд ба муқобили вай фиристода буд, дар ҷанг кушт ва мавқеи худро боз устувор кард. Аз тарафи хешонаш кӯр карда шудани Ҳурмузд қувваи Баҳромро боз қавитар мекунад, вале вай аз ин хиёнат ва нокасие, ки дар ҳаққи шоҳ кардаанд, ба ғазаб омадааст, ки аломати адолатхоҳии вай аст:

Зи пастиву кундӣ ба мардӣ расид,
Тавонгар шуду гурдгаҳ баркашид...

Вай баҳри қасосгирӣ барои Ҳурмузд, ба писари ӯ Хусрави Парвиз ҷанг эълон мекунад ва бо ин роҳ покизагии ахлоқи худро исбот карданӣ мешавад:

Ту фарзанди ӯй, набошӣ, сазо
Ба Эрону Нерон шуда подшо...
Ки ту доғ бар чашми шоҳон ниҳӣ,
Қасе, к-ӯ ниҳад низ фармон диҳӣ.

Аз ҳамин дам сар карда дар ҳиссиёти Баҳром худбинӣ зиёд мешавад ва дар бораи подшоҳу подшоҳӣ ба тарзи дигар фикр мекардагӣ шуд. Вай акнун фикр мекард, ки онҳо сазовори тах-

ту тоҷанд ё не. Ҳол он ки пеш аз ин дар бораи тоҷу тахт фикр намекард ва иродаи шоҳро содиқона ба амал меовард.

Бинобар ин, Хусрави Парвиз Баҳромро дар сӯҳбат ба хашмгинӣ, худдонамӣ, худписандӣ ва сабуксарӣ сарзаниш ва аз насли шоҳон набудан таъна мезанад:

Ту шоҳе ҳаме созӣ аз хештан,
Ки гар маргат ояд, наёбӣ кафан...
На хону на мону на буму нажод,
Яке шаҳриёрӣ миён пур зи бод.
Бад-ин лашкару чизу номи дурӯғ,
Нагирӣ бари тахти шоҳӣ фурӯғ.
Зи ту пеш буданд кундоварон,
Ҷаҳонҷӯй бо гурзҳои гарон,
Наҷустанд шоҳӣ, чу кеҳтар буданд,
На андархури тахту афсар буданд...
Замона ба хашм орадат ҳар замон,
Биҷӯшад ҳаме бар бадат бад гумон.
Кунун тоҷро дархури кори кист,
Чу ман носазоям, сазовор кист?

Дар ин гуфтугӯ Баҳром бо Хусрав ғолибона сухан ронда худро аз насли ашкониён (аршакиён), ки хонадони онҳоро сосониён барҳам зада буданд, эълон карда, бар зидди сосониён мебароянд. Дар ин рафтори ӯ он кӯшиш намудор аст, ки ғосиби тахти шоҳӣ амалиёти худро аз ҷиҳати авлоду насабу ирсият қонунӣ гардониданӣ аст:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к — «Эй марди гурд,
Сазо он бувад, к-аз ту шоҳӣ бибурд.
Чу аз духти Бобак бизод Ардашер,
На ашкониёнро буд он дору гир.
На чун Ардашер Ардавонро бикушт,
Ба нерӯ шуду тахташ андар ба мушт.
Кунун сол чун понсад андар гузашт,
Сару тоҷи сосониён сард гашт.
Кунун тахту дайҳимро рӯзи мост,
Сару кор бо бахти пирӯзи мост.

Лаҳзаи ҷолиби диққат дар ин аст, ки Баҳроми Чӯбина барои исботи дурустии исьёни худ на танҳо бо ҳуқуқи меросии Аршакиҳо (ашкониён) такья кардааст, ки дар он вақт эътиборе надоштанд, балки ба айбҳои хонадони сосониён, махсусан, Ҳурмузду Хурсави Парвиз низ диққат додааст, ки ба моҳияти масъала хеле чуқур сарфаҳм рафтани ӯро зоҳир кардааст. Вай ба хислатҳои шахсии худ эътибор дода, онро аз хислатҳои Хусрав афзал донистааст. Вай ин маъноро дар ҷавоби пандҳои хоҳари худ Гурдия баён намудааст:

Ба хоҳар чунин гуфт Баҳроми гурд,
Ки «Уро зи шоҳон набояд шумурд.
На ҷангисаворе, на бахшандае,
На донсаре ё дурахшандае
Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунарманд бояд тани шаҳриёр».

Баҳрому Хусрав ҳарчанд суханҳои оташин гуфтанд, вале ҷанг накарданд, баракс Баҳром Хусравро аз ҳуҷуми паҳлавонони турк, ки ӯро асир гирифтанӣ буданд, ҳимоя кард:

Кӣ гуфтат, ки бо шоҳ ҷанг озмой,
Надиди маро пеши ӯ бар ба пой?!

Боз хоҳари Баҳром Гурдия ба миён даромада, ба ӯ панд медиҳад, вале Баҳром қабул намекунад:

Валекин кунун кор аз ин даргузашт,
Дилу мағзи ман пур зи тимор гашт.

Баҳром ба лашкари Хусрав шабохун зада, ӯро мағлуб мекунад ва шоҳ ба Рум мегурезад. Фирдавсӣ дар гуфтугӯҳо ва пандҳо ҳарчанд ҳаққи подшоҳӣ надоштани Баҳромро исбот кардааст, вале хавфнок ва пурқувват будани исёнгаронро низ исбот намудааст, ки шоҳон бо онҳо рафтори дуруст кунанд ва ҳолати рӯҳияашонро ба ҳисоб гиранд, зеро қувват танҳо дар меросӣ будани тахту нажоди бузург доштан нест. Баҳром аз нажоди табақаи поёнӣ бошад ҳам, ақлу тадбиру тавоноӣ ва таъсире дар байни лашкар дошт. Тавоноии подшоҳӣ ҳам на дар нажоду ҳуқуқи ӯст, балки дар халқ ва лашкари вай аст, ки аз мардуми оддианд. Бо ин муносибат, Фирдавсӣ тавоноии қувваи халқи оддиро низ ба подшоҳон фаҳмондааст ва дар ин гуфтаи ӯ халқияти эҷодиёти ӯ зоҳир гаштааст.

Ба ҳамин тариқ, Баҳром ба тахти Эрон нишаста, худро шоҳ эълон мекунад ва бо халқ сухан мегӯяд ва Хусравро ба хиёнат ба падар ва ватан сарзаниш менамояд, мардумро ба мубориза даъват мекунад:

Дигар Хусрав он марди бедоду шум,
Падарро бикушт, он гаҳ, шуд ба Рум...
Кӣ дорад, к-акнун бубандад миён,
Ба ҷой оварад роҳу расми каён?

Саркардагони Эрон дар мисоли дафъ кардани ҳуҷуми лашкари Тӯрон бо сардории Совашоҳ Баҳроми Чӯбинаро ҳамчун наҷотдиҳандаи Эрон маънидод карда, ӯро сазовори тахт мешуморанд:

Будӣ, гар набудӣ ту, он Совашоҳ,
Ки омад бад-ин марзи мо бо сипоҳ...
Ба як чӯба тири ту гаштанд боз,
Баросуд Эрон зи гурму гудоз.
Кунун тахти Эрон сазовори туст,
Бар ин бар гуво бахти бедори туст.

Дар ин тасвир Фирдавсӣ он ҳақиқати ҳаётро исбот кардааст, ки халқи оддӣ дар симои Баҳром метавонанд соҳиби ҳокимияти сиёсӣ бошанд ва бе подшоҳ ҳам халқу кишварро аз хавфу хатар наҷот диҳанд.

Хусрави Парвиз бо ёрии лашкари Рум бо Баҳром меҷангад, вале, бо вуҷуди он ки чордаҳ паҳлавони Хусрав бо се тан паҳлавонони Баҳром меҷангиданд:

Шумо чордаҳ ёру ишон се тан,
Мабодо ки бинем ҳаргиз шикан,

шикаст хӯрд, зеро азму иродаи Баҳром ва паҳлавононаш қавӣ, ҳақ ва ба ғалабаи худ бовар доштанд:

Бар он бист аз мо чаҳорон басем
В-агар боз оем аз ин, нокасем.

Хусрав аз Баҳром шикаст хӯрда ба кӯҳ мегурезад ва дар байни ӯю Баҳром ғоре пайдо мешавад, ки онҳоро аз ҳам ҷудо ва ҷони Хусравро халос мекард. Хусрави бечорамонда ҳамчун шахси оҷиз ба худо муроҷиат мекунад, ки ӯро наҷот диҳад:

Бад-ин ҷои бечорагӣ даст гир,
Ту бошӣ нанолам ба кайвону тир.

Ҳамин тавр, воқеаи таърихию ҳаётӣ хислати динӣ ва афсонавӣ пайдо мекунад. Он гоҳ бо хоҳиши яздон фариштаи Суруш омада Хусравро пинҳон мекунад. Чунин лаҳзаи динӣ-мифологиро, ки Фирдавсӣ ҳам кори тааҷҷубовар номидааст, чунин тасвир кардааст:

Фаришта бад-у гуфт: «Номам Суруш,
Чу эмин шудӣ, дур бош аз хуруш.
Ту з-ин пас шавӣ дар ҷаҳон подшо,
Набояд, ки бошӣ ҷуз ин порсо».
Бигуфт ину пас гашт аз ӯ нопадид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифта надид.

Ин шояд барои ҷавоб додан ба саволи хонанда бошад, ки чаро Баҳром бо ҳамаи ҷасорат ва қаҳрамонӣ рӯзи дигар шикаст хӯрд? Яъне ғалабаи Хусраву мағлубияти Баҳром аз хости худо буд:

Чу он дид Баҳром хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.
Чунон шуд, ки ҷангам кунун бо парист,
Бар ин бахти тира бибояд гирист.

Ин лаҳзаи мифологӣ шояд барои он буд, ки паҳлавонони румӣ мағлубияти Баҳромро аз фаъолият худ дониста, мағрур нашаванд, ба эрониён таъна назананд ва миннат нагузоранд, ки ғолибият аз болои душман аз ғайрати румиён аст. Фирдавсӣ ба ин маънӣ ишора ҳам кардааст.

Чу Баҳроми ҷангӣ шикаста шавад
Ва гар низ дар ҷанг хаста шавад,
Ҳама румиён сар ба гардун баранд,
Суханҳо аз андоза берун баранд.

Нахоҳам, ки рӯми шавад сарфароз,
Ба мо бар кунанд андар ин ҷанг ноз.

Хусрав фиреби ҳарбӣ кор фармуда, шабона ба даруни лашкари Баҳром кас фиристода ваъда дод, ки ҳар кӣ дар исьён гунаҳкор бошад, гуноҳашро мебахшад. Аскарон ва паҳлавонони Баҳром гурӯҳ-гурӯҳ ба тарафи лашкари шоҳ гузаштанд, Баҳром бо тарафдорони кам танҳо монд:

Ҳама номдорони баҳромиён
Ба рафтан бубастанд як-як миён.
Ҳама дашт бе мард хиргоҳ буд.
Ки Баҳром з-он шаб на огоҳ буд.

Баъд аз ин Баҳром бо ёрон ва чизу чораи худ бе ҷанг ба Чин ба назди хоқон Пармуд рафта паноҳ ҷуст.

Ин тасвири Фирдавсӣ, ки дар он «қувваи фавқуттабиа» кор фармуда шудааст, чунин маънӣ дорад, ки Баҳром мағлубнашаванда аст, ӯро танҳо бо фиреб ва «хости худо» шикаст додан мумкин аст. Ғайр аз ин, чунин ақидаи ватандӯстонаи Фирдавсӣ акс ёфтааст, ки бе эрониён румиён ҳеҷ гуна ғалаба ба даст оварда наметавонанд.

Баҳроми Чӯбина ҳамчун паҳлавони беназир боқӣ монд. Вай лашкари бо сардории Мақотура аз пасаш фиристодаи Хусравро мағлуб кард ва ӯро кушт. Дар Чин бо паҳлавонӣ ва ҷасорат шери канинро, ки духтари Хоқони Чинро хӯрда буд, кушта, сазовори эҳтиром мешавад ва ҳоқон духтари худро ба занӣ медиҳад. Хусрави Парвиз одамони худро ба Чин фиристода, бо роҳи хоинӣ Баҳроми Чӯбинаро мекушад. Аз ин фактҳо хулоса мебарояд, ки Баҳромро танҳо бо хиёнат мағлуб кардан мумкин аст. Ба ин маънӣ, ҳусни таваҷҷӯҳи Фирдавсӣ ба вай зиёд аст. Баҳром ҳамчун шахси ватандӯст васият мекунад, ки пайравонаш ба Хусрав таслим шуда, хизмати ватанро ба ҷо оранд, дар диёри душман наистанд ва ҷасади ӯро низ ба Эрон бурда дафн кунанд:

Маро дахма дар шаҳри Эрон кунед,
Ба Рай кохи Баҳром вайрон кунед.

Образи Баҳроми Чӯбина хеле зиддиятнок аст. Вай, пеш аз ҳама, дар эпизодҳои зиёде ҳамчун ҷанговари нотарс, далеру тавоное, ки барои рӯзҳои вазнини ватан лозим мебошад, тасвир ёфтааст. Сипаҳсолор таъин гардидани ӯ ва бе восита ба юруши ҳарбӣ рафтани вай ҳамин маъниро ифода менамояд. Баҳроми Чӯбина дар тасвири Фирдавсӣ таҷассуми адолат, инсоф ва ҳақиқат аст. Яке аз лаҳзаҳои адолатхоҳии ӯ ин аст, ки сарбозе коҳи занеро муфт гирифт, зан шикоят кард, Баҳром сарбозро ҷазо дод:

Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард,
Дили марди бадсоз пурбим кард.

Ҳар он кас ки ӯ барги коҳе зи кас
Ситонад, набошад-ш фарьёдрас.

Маълумоти Фирдавсӣ дар бораи Баҳроми Чӯбина, ки одами таърихист ва ҳамагӣ байнашон чорсад сол фарқ ҳаст, равшан нест, вале образи ӯ нисбат ба образҳои дигар пурратар офарида шудааст.

Дар тасвири Баҳроми таърихӣ Фирдавсӣ гоҳ-гоҳ услуби афсонавии тасвири қувваҳои ғайри оддӣ — фавқулоддаро истифода бурда, ба зиммаи одами реалӣ бори услуби мифологиро гузоштааст. Ин лаҳза дар тасвири ҷодузанро куштан, подшоҳии ӯро пешгӯӣ кардани шоҳзани ҷодугар, дар Чин аждаҳоро куштани ӯ, дар ҷанги зидди Хусрав Фиғро куштани ӯ, дар зери вай афтодани асп, ба муқобили 14 паҳлавони Хусрав баромадани се паҳлавон ва ғаира зоҳир гаштааст. Ин гуна тасвир дар қисмҳои дигар ҳам ҳаст. Масалан, ҳангоме ки Хусрави Парвиз аз Баҳроми Чубина сахт шикаст хӯрд, ӯро фириштаи Суруш пинҳон карда, аз ин ҳалокат наҷот дод.

Аз рӯи тасвирҳо маълум мешавад, ки Баҳром бо хислатҳои неки худ (бо вуҷуди исьёнкор будан) нисбат ба Хусрав бештар сазовори тахту тоҷ аст, вале аз нажоди аристократӣ нест. Шояд ҳамаи фоҷиаи ӯ дар ҳамин бошад, вагарна, барои соҳиби тахту тоҷ шудан ҳамаи нишонаҳоро дошт. Вай аз мансуб будан ба табақаи поён ор накарда, балки ифтихор мекард, ба муқобили таҳқирҳои Ҳурмузд, Совашоҳ, Пармуд ва Хусрав мубориза бурда, шарафи табакавии худро ҳимоя кард ва исбот намуд, ки шахсони аз табақаи поён баромада ҳам нисбат ба онҳое, ки аз табақаи болоянд, беҳтар кордорӣ карда метавонанд. Дар ин ҷо ҳам халкияти эҷодиёти Фирдавсӣ зоҳир гаштааст. Вай аввал ҳисси интиқом дошт, вале тадриҷан дар ҷараёни исьён хислатҳои ӯ тағьир ва обу тоб ёфта, ҳамчун паҳлавоне, ки донандаи ҳама кор аст, дар бораи тоҷу тахт фикр кардааст.

Исьёнкорӣ ба муқобили тахту тоҷи қонунии подшоҳони «худӣ» аз рӯи қонуни он замон гуноҳ буд, зеро лашкару сарлашкар бояд ба ҳамаи қоидаҳои фармонбардорӣ итоат мекарданд. Ба шоҳи қонунӣ Хусрав итоат накарда, ба тарафи душман — хоқони Чин, ки падарашро дар ҷанг кушта худашро асир гирифта буд, гузаштан гуноҳи ӯро зиёдтар мекард. Ҷанговарон ҳам аз ӯ рӯй гардонда рафтанд. Вай гоҳо ба олами ботиниаш ғӯта зада, аз кардаҳои худ пушаймон мешавад. Мо ин лаҳзаҳоро дар сӯҳбати ӯ бо хоҳараш мебинем:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-ин аст рост,
Бар ин ростӣ пок яздон гувост.
Валекин кунун кор аз ин даргузашт,
Дилу мағзи ман пур зи тимор гашт.
Агар меҳ шавам, гар диҳам сар ба марг,
Ки марг андар ояд ба пӯлодтарг.

Дар ин гуфтаҳои мухтасар ва мӯъҷаз шоир фоҷиаи шахсияти

қаҳрамон ва паҳлавонро ифода кардааст. Баҳром ноҳақии худро донад ҳам, муборизаи шадидро давом медиҳад, зеро аз шоҳон ба вай таҳқири сахт омадааст. Вақте ки кас дорои сифатҳои баланди одамист, магар ба табақаи поён мансуб будан гуноҳ аст.

Ҳалокати фоҷиавии қаҳрамони исьёнкор Баҳром дар Чин гӯё ибратест барои дигарон, ки аз паи чунин кирдор наравапд. Аз тақдир ва хости илоҳӣ маънидод шудани ҳалокати ҳамаи қаҳрамонҳо, аз як тараф, тақдирпарастии шоирро нишон диҳад, аз тарафи дигар, аз нуқтаи назари ҳаёт, қаҳрамон ҳар қадар ки умри дароз бинад, бояд ба марг маҳкум бошад.

## ОБРАЗИ ЗАНОН ДАР «ШОҲНОМА»

Ҳар чанд ки дар адабиёти даврап исломии Шарқ образи занон бештар манфӣ эҷод шудааст, вале Фирдавсӣ ба хислатҳои занони давраи пешазисломӣ ва образҳои фольклорӣ такья намуда, силсилаи образҳои мусбатро ба вуҷуд овардааст, ки ҳусни таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Дар симои занон Фирдавсӣ хислатҳои вафодорӣ, ҷасурӣ, далерӣ ва зебоиро тасвир кардааст. Образи занон дар «Шоҳнома» кам нест ва онҳо ду гурӯҳанд: мусбат ва манфӣ. Ҷолиби диққат он аст, ки типҳои мусбат миқдоран зиёд аст, манфӣ кам. Барои эҷод намудани образҳои мусбати «Шоҳнома» Фирдавсӣ ғайр аз образҳои достонҳои қадим, дар бораи подшоҳи массагетҳо Томариса ва ҳамзамони худ маликаи оли Буя Сайида низ маълумот дошт, ки дорои хислатҳои ҷасурӣ ва кавипродагӣ буданд.

Дар тасвири Фирдавсӣ гурӯҳи образи занон, ки вазифаҳои гуногун доранд, амал мекунанд, Фаронак—модари Фаридун. Вазифаи ӯ аз насли Ҷамшед барои наҷоти Эрон аз зулми Заҳҳок қаҳрамонеро таваллуд кардан ва ба воя расондан аст. Арнавоз ва Шаҳрнавоз — хоҳарони Ҷамшеданд, ки Заҳҳок баъди ғалаба онҳоро ба тариқи ғанимат ва асирон, вале ба занӣ гирифта буд. Фаридун онҳоро озод карда, ба занӣ мегирад ва аз онҳо наслҳои нав—Салму Туру Эраҷ таваллуд меёбанд.

Дар «Шоҳнома» принципи хуни нажодиро тоза нигоҳ доштан, аз бегонагон зан гирифтан, вале духтару зан надодан талқин шудааст: Орзу—номи зани Салм, Моҳи Озодхӯй—зани Тур, Саҳӣ—зани Эраҷ, ки ҳар се духтарони шоҳи Ямани араб мебошанд. Судоба — зани Қайковус—духтари шоҳи Ҳомоварон, Фарангис—зани Сиёвуш, Манижа—зани Бежан—духтарони Афросиёб, Ҷарира—зани Сиёвуш—духтари Пирон, Таҳмина—зани Рустам—духтари шоҳи Самангон, Қатаюн—духтари Қайсари Рум, Ноҳид—зани македонии Дороб ва ғайра. Дар «Шоҳнома» образҳои канизоне ҳастанд, ки ё дар хизмати мардонанд ва ё дар хизмати маликаву шоҳдухтарон.

Дар байни силсилаи образҳо чанд зани машҳур ҳастанд, ки дар «Шоҳнома» мавқеи калон ва намоён доранд:

Рудоба—духтари шоҳи Қобул Меҳробшоҳ аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки ояндаи ӯро мунаҷҷимон пешгӯӣ кардаанд, ки аз вай ва Золи Зар паҳлавони наҷотдиҳандаи Эрон таваллуд хоҳад шуд. Пас, ба зиммаи вай вазифаи ватанпарварӣ—модари тавлидкунандаи паҳлавони наҷотдиҳанда бор карда шудааст. Аз ин рӯ, вай ба сафедмӯии Зол, монеаи падар, дигар будани дин ва норозигии подшоҳи Эрону падари Зол Сом нигоҳ накарда, ишқи Золро ғоибона ва худи ӯро надида қабул мекунад ва аз ин роҳ барнамегардад. Вай дар зебоӣ ҳамто надошт.

У иродаи мустаҳкам дорад ва ишқи Золро мепарварад. Вай дар ин роҳ фаъол аст. У аз рӯи нақли падараш, ки Золро ҷавони далеру зебо, вале сафедмӯи ба худ зебанда тасвир карда буд, ғоибона ошиқ мешавад:

Сафедии мӯяш бизебад ҳаме,
Ту гӯӣ, ки дилҳо фиребад ҳаме.
Чу бишнид Рудоба ин гуфтугӯй,
Барафрӯхту гулноргун гашт руй.
Дилаш гашт пуроташ аз меҳри Зол,
Аз ӯ дур шуд хӯрду ором ҳол.

Фирдавсӣ ба муносибати ғоибона аз рӯи нақли падар ошиқ шудани Рудоба, дар бораи нисбат ба ақл зӯр будани ишқ ва дар назди занон аз он сухан нарондани мардон панд додааст:

Чу бигрифт ҷои хирад орзӯй,
Дигаргунатар шуд ба оину хӯй.
Чӣ некӯсухан гуфт он ройзан,
Зи мардон макун ёд дар пеши зан.
Дили зан ҳамон девро ҳаст ҷой,
Зи гуфтор бошанд ҷуяндаро́й.

Ҳарчанд Фирдавсӣ ба раъйи занон дар ишқу орзу танқидӣ нигоҳ кардааст, ошиқии онро аз рӯи ҳавас, орзу ва девонагӣ маънидод намудааст, вале дар роҳи ишқ ва интихоби ошиқ устуворӣ зоҳир намуда, дар ин роҳ ба монеаҳо муқобил истодааст. Рудоба аввал ба канизони худ маслиҳат карда, ошиқии худро таъкид менамояд:

Варо панҷ турки парастанда буд,
Парастандаву меҳрубон банда буд.
Бад-ин бандагони хирадманд гуфт,
Ки «бикшод хоҳам ниҳон аз нуҳуфт.
Бидонед ҳар панҷу огоҳ бед,
Ҳамасола бо бахт ҳамроҳ бед,
Ки ман ошиқеам чу баҳри дамон,
Аз ӯ бар шуда мавҷ бар осмон.
Пур аз меҳри Зол аст равшан дилам,
Ба хоб андар андеша з-ӯ нагсалам.
Дилу ҷону ҳушам пур аз меҳри ӯст,
Шабу рӯзам андешаи чеҳри ӯст.
Яке чора бояд кунун сохтан,
Дилу ҷонам аз ғам бипардохтан.
Надонад касе рози ман ҷуз шумо,
Ки ҳам меҳрубонеду ҳам порсо».

Қанизон ба ин кори Рудоба, ки духтари шоҳ шуда истода, ба роҳи бад меравад, ҳайрон шуданд:

Парастандагонро шигифт омад он,
Ки бадкорӣ ояд зи духти радон.

Онҳо ба маслиҳати Рудоба аввал ӯро тавсиф карда:

Ҳама посухашро биёростанд,
Чу Оҳарман аз ҷой бархостанд,
Ки «эй афсари бонувони ҷаҳон,
Сарафроздухтар миёни меҳон.
Сутуда зи Ҳиндустон то ба Чин,
Миёни шабистон чу равшаннигин.
Ба болои ту дар ҷаҳон сарв нест,
Чу рухсори ту тобиши Парв нест».

ва ҷавоби манфӣ доданд, зеро падараш Золро «нопокдин» шуморидааст:

Чу бишнид Меҳроб кард офарин,
Ба дил Золро хонд нопокдин.

Қанизакон ҳар чанд ки «оҳарманон» номида шудаанд, Рудобаро сарзаниш менамоянд, ки аз падараш шарм накарда, рӯйрост ишқи касеро, ки волидаш написандидааст, қабул дорад. Онҳо парвардаи одам не, Симурғ будани Зол ва пир таваллуд шудани ӯро далел оварда, вайро сазовори Рудоба намедонанд:

Туро худ ба дида дарун шарм нест,
Падарро ба назди ту озарм нест,
Ки онро, ки андозад, аз бар падар,
Ту хоҳӣ, ки ӯро бигирӣ ба бар,
Ки парвардаи мурғ бошад ба кӯҳ,
Нишонӣ шуда дар миёни гурӯҳ.
Қас аз модарон пир ҳаргиз назод
В-аз он пас, ки зояд, набошад нажод.

Рудоба аз рӯи иродаи маҳкаме, ки дар роҳи ишқи Зол дошт, маслиҳати духтарон, далелҳои онҳо, масъалаи ҳуқуқ ва раъйи падар, ки қонуни ҳатмии замони феодалист, рад карда, ба онҳо хашм мегирад ва аз рӯи қаҳру ғазаб ҷавоб медиҳад ва раъйи ӯ аз доираи маслиҳат берун омада, ба ҳукму фармон мегузарад:

Чунин гуфт: — «Хом аст пайкоратон,
Шунидан наярзид гуфторатон...
На Қайсар бихоҳам, на Фағфури Чин,
На аз тоҷдорони Эронзамин...
Гараш пир хонанд ё навҷавон,
Маро ҳаст ороми ҷону равон...
Маро меҳри ӯ дил надида гузид,
Ҳамон дӯстӣ аз шунидан гузид.
Бар ӯ меҳрубонам, на бар рӯю мӯй,
Ба сӯи ҳунар гаштамаш меҳрҷӯй.

Барои канизакон, ғайр аз фармонбардорӣ, чораи дигар набуд. Онҳо бо супориши Рудоба барои ба даст даровардани ишқи Зол,

ки бахти ӯст, ба дидани вай мераванд ва хабари хуши тавсифҳои ӯро меоваранд. Рудоба аз ин хабар шод шуда, пинҳонӣ аз хешовандони худ канизонро барои таклифи меҳмонӣ ба назди Зол мефиристад ва худаш ба пешвози ӯ тайёрӣ мебинад, ки дар ин рафтор низ амалиёти фаъоли вай дар роҳи расидан ба коми дил зоҳир гаштааст. Ин гуна рафтори ӯ торафт ҷасурона инкишоф меёбад. Вай Золро ба воситаи каманд шабона аз девори қалъа ба дарун гирифта, дар шабистони худ базм меорояд. Шоир зебоии Рудобаро дар ин ҷову дар ин базм аз назари Зол тасвир кардааст:

Шигифт андар он монда буд Золи Зар,
Бад-он рӯю он мӯю он зебу фар.
Або ёраву тавқи бегӯшвор,
Зи дебову гавҳар чу боғи баҳор.
Ду рухсора чун лола андар чаман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан.

Зол ҳам ишқи Рудобаро қабул карда, паймон медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ аз ӯ ҷудоӣ нахоҳад кард:

Пазируфтам аз додгар доварам,
Ки ҳаргиз зи паймони ту нагзарам.

Аммо ба аҳду паймони ошиқон падару модари ҳар ду тараф хам розӣ набуданд, ба номумкин будани пайванди онҳо дигар будани дину оин ва қавми якдигарро далел меоварданд. Рудоба бо матонати ишкии худ ин монеаҳоро рад карда буд, вале Зол аз норозигии Сом дар хавотир бошад ҳам:

Ҳамон Соми Найрам барорад хурӯш,
Каф андозаду бар ман ояд ба ҷӯш.

ваъда медиҳад, ки дили падар ва подшоҳи кишвар Манучеҳрро нарм кунад. Рудоба ҳам ба ин монеаҳо сар хам накарда, ва[...] дӯстӣ, садоқат ва вафодорӣ мекунад:

Бад-ӯ гуфт Рудоба: «Ман ҳам чунин
Пазируфтам аз довари кешу дин,
Ки бар ман набошад касе подшо,
Ҷаҳонофарин бар забонам гуво.
Ҷуз аз паҳлавони ҷаҳон Золи Зар,
Ки бо тоҷу ганҷ асту бо ному фар».

Ҳамин тавр, меҳри тарафайн дар айни ҷӯшу хурӯш буд:

Ҳаме меҳрашон ҳар замон беш буд,
Хирад дур буд, орзӯ пеш буд.

Агар монеаи Меҳробро худи Рудоба бо иродаи қавиаш бартараф карда бошад, монеаи Сомро илтимосу илтиҷои Зол, махсусан, пешгӯии мунаҷҷимон аз байн бурд, зеро аз ин ду ошиқу маъшуқ паҳлавоне таваллуд хоҳад шуд, ки наҷотдиҳандаи Эрон аз ҳамаи бадиҳост:

Ба Соми Наримон ситора шумар,
Чунин гуфт, ки «Эй гурди арринкамар!
Туро мужда аз духти Меҳробу Зол,
Ки бошанд ҳар ду чу фаррух ҳамол.
Аз ин ду ҳунарманду пили жиён,
Биёяд бубандад ба мардӣ миён...
Аз ӯ бештар бад ба Тӯрон расад,
Ҳама некӯӣ з-ӯ ба Эрон расад...»

Аз кору қавлу қарори Рудоба модараш Синдухт ва падараш Меҳроб огоҳӣ ёфта, ҳарчанд ӯро манъ карданд, натавонистанд иродаи ӯро бишкананд, зеро ӯ мегуфт:

Нахоҳам будан зинда берӯи ӯй,
Ҷаҳонам наярзад ба як мӯи ӯй.

Насиҳати модар таъсирбахш набуд:

Басе додамаш панду суде накард,
Дилаш хира бинам, ду рухсора зард.

Ғазаби Меҳроб хеле пуркин буд:

Ҳамегуфт Рудобаро:—«Руди хун
Бирезам ба рӯи замин ҳам кунун»,

вале иродаи ишқи Рудоба аз он қавитар аст. Вай бо ғазабу сарзанишҳои падар бо хомӯшӣ ҷавоб гардонд:

Сияҳ мижжа бар наргисони дижам,
Фурӯ хобниду назад ҳеҷ дам.

Ба занушавҳарии Золу Рудоба шоҳи Эрон ҳам зид буд, зеро ӯро аз авлоди Заҳҳоки морон медонист:

Фаридун зи Заҳҳок гетӣ бишуст,
Ки Меҳроби Кобул зи тухмаш бируст.

Ахтаршиносони Манучеҳр ҳам аз издивоҷи Рудобаву Зол тавлиди паҳлавони наҷотдиҳандаи Эронро пешгӯӣ карданд:

Аз ин духти Меҳроб аз пури Сом,
Гави пурманиш зояду некном.

Аз амалиёти далерона ва боиродаи Рудоба хислатҳои наҷиб зоҳир гаштааст: ба ҳисоб нагирифтани урфу одати динӣ, қабилавӣ, иҷтимоӣ, ҳукмронии падару модар бар раъйи фарзанд, ба ин маъно талаби озодии идораи шахс дар интихоби ошиқ ё маъшуқ, тақдири худро бо дасти худ сохтан, зоҳир кардани роли фаъоли занону духтарон ба муқобили заъфи мизоҷ, сӯҳбати озодона бо дилхоҳи худ, пурқувватии иродаи зан ва ғ.

Баъд аз таваллуди Рустам Рудоба ҳамчун модар тасвир ёфтааст, вале хеле кам ба хотир оварда мешавад. Ӯро гоҳ-гоҳе

Рустам пеш аз ҷанг барои қувваи дил ва илҳоми рӯҳ бар зидди душман ёдовари кардааст.

Масалан, Рустам ба Ашкбӯс мегӯяд:

Маро моми ман ном «марги ту» кард,
Замона маро путки тарги ту кард.

Ба ҳамин тариқ Рудоба—образи духтари мустақил, боирода, ошиқу маъшуқи вафодор, модари паҳлавоне, ки ҳамаи халқи Эрон тасаввур карда мешавад—модари ватандӯст аст.

**Синдухт**—зани Меҳробшоҳ — модари Рудоба аст. Синдухт образи модарест, ки барои бахти духтари худ мубориза мебарад ва хоҳишу орзуи фарзандро ба ҳисоб мегирад. Вақте ки ба миёни задухӯрди хислатҳои падару духтар даромад, рафтори оқилона карда, барои хушбахтии ӯ мубориза бурдааст.

Синдухт аз омаду рафти зани бегона, ки миёнарави Золу Рудоба буд, бадгумон шуда, ӯро медорад ва ба ҷавобҳояш бовар накарда, лагадкӯб менамояд, ки дар ин рафтор ҷасорати ӯ ва духтарашро аз ҳар офат эҳтиёт намудани вай зоҳир гаштааст:

Ба хашм андарун шуд, аз он зан ғамӣ,
Ба хорӣ кашидаш ба рӯи замӣ.
Бияфканд ӯро, ҳам он ҷо бубаст,
Ҳамекӯфт пою ҳамезад ба даст...
Бифармуд, то духтараш рафт пеш,
Ҳаме даст барзад ба рухсори хеш.

Аз иқрори зани миёнарав ва Рудоба маълум мегардад, ки духтараш ошиқи писари Соми гурд Зол аст, онҳо ҳамдигарро дӯст доштаанд:

Бад-он к-ӯ маро диду бо ман нишаст,
Ба паймон гирифтем дасташ ба даст.

ва он ҷомаи заррин, ки зани ношинос оварда мебурд, аломати хату хабари ошиқон ва розигии Сом будааст:

Фиристода орандаи нома буд,
Ҳамон посухи нома ин ҷома буд.

Синдухт ҳамчун модари боақл ба ин кори духтараш хашм нагирифт, баракс, онро писандид, ки вай мисли Зол паҳлавони номиро интихоб кардааст, вале хавф дошт, ки бинобар аз авлоди Заҳҳок буданашон шоҳи Эрон ин воқеаро меписандад ё не:

Фурӯ монд Синдухт аз ин гуфтугӯй,
Писанд омадаш Золро ҷуфти ӯй...
Шавад шоҳи Эрон бад-ин хашмнок,
Зи Кобул барорад ба хуршед хок.
Нахоҳад, ки аз тухми мо бар замин
Касе пои хеш андар орад ба зин.

Синдухт зани миёнаравро таъкид кард, ки дар ин бора лаб накушояд, вале худаш азоби рӯҳӣ мекашид:

Чунон дид духтарро дар ниҳон,
Куҷо нашнавад панди кас дар чаҳон.
Баёмад зи тимору гирьён бихуфт,
Ҳаме пӯст дар тан-ш гуфтӣ бикӯфт.

Ҳолати психологии Синдухт ҳамчун модари меҳрубон ва зани оқила дар муносибатҳои хашмноки Меҳроб бо зану духтараш, ки бе иҷозати падар ба паҳлавони ғайри дину кишвар муносибати ошиқона пайдо кардааст, зоҳир мегардад. Вақте ки Меҳроб пажмурдагӣ ва ғамгинии Синдухтро дид, аз ӯ ҳолпурсӣ кард:

Бипурсиду гуфташ: — «Чӣ дидӣ, бигӯй,
Чаро пажмуридат ду гулбаргрӯй?»

Вай аз ғам, аз дунъё, аз бевафоии он ва баргардидани хубиҳо ба бадӣ сухан ронда, шавҳарашро бо роҳи психологӣ тайёр кард, то ки ӯ хабари ба Зол ошиқ шудани Рудобаро бо қаҳру ғазаб қабул накунад. Дар ин рафтори ӯ зиракӣ, ҳушьёрӣ, фаросат ва рӯҳияи вай ифода ёфтааст. Вай воқеаро тарзе ба миён гузошт, ки гӯё писари Сом ба Рудоба дом ниҳодааст, то ки ба даст орад, балки аллакай дили духтарро бурдааст, панд ба вай таъсир надорад:

Басе додамаш панду суде накард,
Дилаш хира бинам, ду рухсора зард.

Бо вуҷуди тайёрии рӯҳӣ, Меҳроб ин хабарро бо ғазаб қабул кард, ӯ пурғазаб шуд:

Танаш гашт ларзону рух лоҷуворд,
Пур аз хун ҷигар, лаб пур аз боди сард...
Ҳамегуфт: «Чун духтар омад падид,
Бибоистамаш дар замон сар бурид».

Меҳроб, пеш аз ҳама, аз Сом ва подшоҳ Мануҷеҳр хавф дошт, ки агар фаҳманд, хоки Қобулистонро ба бод хоҳанд дод. Вале Синдухт ӯро ором кард, ки онҳо хабар доранд ва розиянд. Вай ҳамчун зани бетаассуби динӣ ва қабилавӣ аз бегона арус ва ё домод гирифтанро, ки падару бобоён манъ мекарданд, кори дуруст мешуморад:

Ҳар он гаҳ, ки бегона шуд хеши ту,
Бувад тира рӯи бадандеши ту.

Меҳроб аз гуфтаҳои оқилонаи Синдухт нарм шуда, Рудобаро ба назди худ даъват мекунад, вале Синдухт ҳамчун зани эҳтиёткор аз Меҳроб аҳду паймон мегирад, ки ба ӯ зарар нарасонад, ба вай қаҳру ғазаб накунад. Вай ба ин нияти худ ноил мешавад ва бо чеҳраи кушод ба назди Рудоба меравад:

Бари духтар омад пур аз ханда лаб,
Кушода рухи рӯзгун зери шаб.

Аммо Меҳроб ҳанӯз розӣ набуд, бинобар ин, ба Синдухт хашм гирифт, зеро ҳанӯз хавотир буд, ки Сому Манучеҳр аз ин кор ба ғазаб хоҳанд омад. Вале Синдухт ба вай маслиҳати оқилона медиҳад, ки худи Синдухт ба назди Сом рафта, ӯро аз ғазаб ва норозигӣ берун меорад, зеро аз гуфти оқилона масъалаҳо пухта хоҳад гашт:

Бигӯям бад-ӯ он чӣ гуфтан сазад,
Хирад хомгуфторҳоро пазад.

Вай бо суханҳои оқилона шавҳарро аз ғазаб бароварда, ӯро розӣ мекунад ва дар ин рафтори ӯ фарзанддӯстии вай намудор гаштааст:

Набояд, ки чун ман бувам чораҷӯй,
Ту Рудобаро сахтӣ орӣ ба рӯй.
Маро дар ҷаҳон андӯҳи ҷони ӯст,
Кунун бо туам, рӯзу паймони ӯст.
Надорам ҳаме андӯҳи хештан,
Аз ӯяст ин дарду андӯҳи ман.

Синдухт худро бо зару нуқраи шоҳӣ ороста, бо тӯҳфаи зиёде ба назди Сом рафт, ки дар ин кор ҷасорати вай зоҳир гаштааст. Синдухт бо ин рафтори оқилонаи худ дили ӯро нарм ва худро ба сафирӣ қаламдод намуд. Сом ҳарчанд ба фиристодазан бо назарногирӣ нигоҳ мекард:

Зи ҷое куҷо моя чандин бувад.
Фиристодани зан чӣ оин бувад.

аммо Синдухт бо тӯҳфаҳои гаронбаҳо ва суханони оқилонааш дили Сомро ба даст овард:

Паричеҳра Синдухт дар пеши Сом,
Забон кард гӯёву дил шодком.
Чу он ҳадьяҳоро пазируфта дид,
Расида беҳию бадӣ рафта дид.

Синдухт, баъд аз он ки аз дасти се канизи худ (се бутрӯй) ба Сом май таклиф кард, сифатҳои неки ӯро қайд намуда:

Чунин гуфт Синдухт бо паҳлавон,
Ки «бо рои ту пир гардад ҷавон.
Бузургон зи ту дониш омӯхтанд,
Ба ту тирагетӣ барафрӯхтанд».

барои гирифтани пеши роҳи ҷанги Сом бар зидди Қобулистон, чунин далели мантиқӣ овард, ки агар Меҳроб гунаҳкор бошад, халқи Қобулистон айбдор не, бинобар ин, барои гуноҳи як кас набояд кишвар хоктӯдаву мардумонаш қатл шаванд:

Гунаҳкор агар буд, Меҳроб буд,
Зи хуни дилаш мижжа пуроб буд.
Сари бегуноҳони Қобул чӣ кард?
Куҷо андаровард бояд ба гард?

Ҳама шаҳр зинда барои туанд,
Парастандаву хоки пои туанд.

Синдухт ҳамчун шахси диндор ва боваркунанда ба раҳму ғазаби «офаридагори» олам Сомро аз қаҳри худо тарсонданӣ мешавад, то ки бар зидди Қобул ҷанг накунад:

Аз он тарс, к-ӯ ҳушу зӯр офарид,
Дурахшанда Ноҳиду Ҳур офарид.

Синдухт дар ҷавоби талаби Сом, ки ӯ кӣ будани худ ва Рудобаро гӯяд, вай ҳамчун фиристодазани эҳтиёткор аввал аз Сом замонат металабад, то ки ба вай зараре нарасонад. У баъд аз гирифтани ваъдаи қатъӣ, одоби муносибатҳои инсонӣ ва дипломатиро ба ҷо оварда, аз авлоди Заҳҳок будани худ, зани Меҳроб буданаш ва духтари худ будани Рудобаро арз намуда, боз таъкид менамояд, ки чӣ будани раъйи Сомро фаҳмидан мехоҳад:

Кунун омадам то хавои ту чист,
Ба Қобул туро душману дӯст кист?...
Дили бегуноҳони Қобул масӯз,
К-аз ин тирагӣ андар ояд ба рӯз.

Баъд аз ин шоир хислатҳои неки Синдухтро аз забони Сом додааст. Вай ӯро зани боақл, бораъй ва равшанравон муаррифӣ менамояд, ки фикри аввали ӯ — назарногирӣ ба зани фиристодаро рад менамояд:

Суханҳо чу бишнид аз ӯ паҳлавон,
Зане дид борою равшанравон.
Чунин дод посух; ки «паймони ман
Дуруст аст, агар бигсалад ҷони ман».

Ҳамин тавр, Синдухт бо ақли равшани худ Сомро аз ҷаҳл фароварда, пеши роҳи ҷанги Зобулу Қобулро мегирад, дӯстӣ ба вуҷуд меояд ва шоҳии Меҳробу авлоди Заҳҳок боқӣ мемонад ва ба заношӯии Золу Рудоба розигӣ мегирад:

Бад-ин низ ҳамдастонам, ки Зол,
Зи гетӣ чу Рудоба ҷӯяд ҳамол...
Лаби Сом Синдухт пурханда дид,
Ҳама бехи кин аз дилаш канда дид.

Ба ҳамин тариқ, Синдухт ҳамчун зани ватандӯсту оқилаи ғамхори бахти фарзанд ва шавҳару кишвари худ бо роҳи муносибатҳои дипломатӣ пеши роҳи ҷангро гирифта, душманро ба дӯст мубаддал карда, ба ватан баргашт, осоиштагии халқу кишвар ва бахти фарзандашу шавҳарро ба даст оварда, шоду хурсанд ба ватан расид:

Шукуфта шуд он рӯи пажмурдамоҳ,
Ба некахтарӣ баргирифтанд роҳ.

Пас, дар образи Синдухт образи зан ва модари ғамхор, ватандӯст, сулҳҷӯй, дипломат, оқила ва кордон ба вуҷуд оварда шудааст. Синдухт ташаббускори тавлиди қаҳрамони Эрон Рустам ва ба ин маъно ватандӯст аст.

**Таҳмина** — духтари шоҳи Самангон аст. Дар зебоӣ ҳамто надошт:

Паси парда андар яке моҳрӯй,
Чу хуршеди тобон пур аз рангу буй.
Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,
Ба боло ба кирдори сарви баланд.
Равонаш хирад буд тан ҷони пок,
Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок.

Таҳмина баҳусну ҷамол ва соҳибхираду духтари шоҳ бошад ҳам, ҳамсару фарзанд надошт. Вай аз омадани Рустами паҳлавон ба меҳмонии падараш огоҳ шуда, ҷасурона шабонгоҳ ба хобгоҳи ӯ меравад ва аз ин раҳ ғаму андӯҳ доштани худро баён карда, аз вай орзуи фарзанд мекунад:

Чунин дод посух, ки Таҳминаам,
Ту гӯӣ, ки аз ғам ба ду нимаам...
Ба гетӣ зи хубон маро ҷуфт нест,
Чу ман зери чархи кабуд андакест.
Кас аз парда берун надидӣ маро,
На ҳаргиз касово шунидӣ маро.
Ба кирдори афсона аз ҳар касе
Шунидам ҳаме достонат басе...
Туроам кунун, гар бихоҳӣ маро,
Набинад ҷуз ин мургу моҳӣ маро...
Ва дигар, ки аз ту магар кирдугор
Нишонад яке пурам андар канор.
Магар чун ту бошад ба мардиву зӯр,
Сипеҳраш диҳад баҳри кайвону хур.
Яке он ки бар ту чунин гаштаам,
Хирадро зи баҳри ҳаво гаштаам.
Се дигар, ки аспат ба ҷӯй оварам,
Самангон ҳама зери пой оварам.

Таҳмина бо зебоӣ, оқилӣ ва илтимос дили паҳлавонро ба худ ҷалб мекунад, розигии уро мегирад. Онҳоро никоҳ мекунанд:

Чу Рустам бар он сон паричеҳра дид,
Зи ҳар донише назди ӯ баҳра дид
Ва дигар, ки аз Рахш дод огаҳӣ,
Надид ҳеҷ фарҷом ҷуз фаррахӣ.

Таҳмина аз рӯи иродаи қавии худ ба мурод мерасад ва мувофиқи таъиноти Рустам, ки бозубандашро ба ёдгорӣ дода рафта буд, то калон шудани фарзандаш Сӯҳроб нигоҳ медорад ва ба он рӯз муваффақ мешавад, ки писараш ба воя расида, монанди падараш паҳлавони беназир шавад. Акнун дар назди Таҳминаи модар душвории дигаре омада буд. Вай то ҳол аз писараш сир нигоҳ медошт, ки ӯ писари Рустам аст, то ки ба ҷус-

туҷӯи падар наравад ва ба модар илова ба доғи ҷудоӣ аз шавҳар, доғи ҷудоӣ аз писар ҳам ба вуҷуд наояд. Аммо Сӯҳроб ӯро водор менамояд, ки кӣ будани падарашро гӯяд:

Бад-ӯ гуфт модар, ки «бишнав сухун,
Бад-ин шодмон бошу тундӣ макун.
Ту пури гави пилтан Рустамӣ,
Зи дастони Сомию аз Найрамӣ»...
Бад-ӯ гуфт: — «Афросиёб ин сухун:
Набояд, ки донад зи сар то ба бун.
Чу донад, бихондат ба наздики хеш,
Дили модарат гирад аз дард реш».

Аз дасти падар кушта шудани Сӯҳроб фоҷиаи беандоза вазнини модар буд, зеро ҳам бешавҳар ва ҳам аз фарзанди яғонаи худ ҷудо шудааст. Андӯҳи беинтиҳо дар ин аст, ки писар дар ҷустуҷӯи падар аз дасти ӯ қатл шудааст. Бинобар ин, эпизоди «Огоҳӣ ёфтани модар аз кушта шудани Сӯҳроб» яке аз лавҳаҳои хеле ҳаяҷоновари «Шоҳнома»-и Фирдавсист. Дар ин лавҳа азову мотами модари ноком, ки бахту давлати ӯ фарзанди ягонаи вай буд, акс ёфтааст. Мотами фоҷиавии модар аз рафтори Таҳмина, ки ҳамаро ба либоси мотам дароварда буд, маълум мегардад:

Бизад чангу бидрид пироҳанаш,
Дурахшон шуд он лаъли зеботанаш.
Баровард бонгу гиреву хурӯш,
Замон то замон з-ӯ ҳамерафт ҳуш...
Ҳамегуфт: «Эй ҷони модар, кунун,
Куҷоӣ саришта ба хоку ба хун?!
Чу чашмам ба раҳ буд, ёбам магар,
Зи Сӯҳробу Рустам биёбам хабар...!»

Таҳмина барои ин ҳолати фоҷианок Рустамро маҳкум кардааст:

Дареғаш наёмад аз рӯи ту,
Аз он бурзу бозӯю болои ту.
Аз он ғирдгоҳаш наёмад дареғ,
Ки бибрид Рустам ба буррандатеғ.

Фоҷиаи модар боз дар ин аст, ки танҳо мондааст:

Кунун ман киро гирам андар канор?
Ки хоҳад будан мар маро ғамгусор?
Падар ҷустӣ, эй гурди лашкарпаноҳ,
Ба ҷои падар гӯрат омад ба роҳ.

Вай аз рӯи афсӯсу надомат худро низ гунаҳкор медонист, ки чаро ҳамроҳи Сӯҳроб нарафт, ки Рустам ӯро зуд мешинохт ва пешвоз мегирифт:

Чаро н-омадам, бо ту андар сафар,
Ки гаштӣ ба гурдони гетӣ самар?

Фирдавсӣ ҳолат ва хаяҷони фоҷиавии модарро дар лаҳзаҳои гуногун нишон додааст, то ки ҳолати рӯҳӣ ва оламӣ боти-

нии модари азодорро бо тамоми ҳиссиёташ тасвир намояд. Ӯ тоҷи Сӯҳробро гирифта, ба он менолид. Аспи вайро бӯса медод, ҷомаи ӯро мисли писараш ба оғӯш мегирифт, ҳамаи асбобҳои ҷангӣ ва абзоли аспи ӯро оваронда, ба онҳо нигариста фиғон менамуд, бо ханҷари Сӯҳроб думу ёли аспи ӯро бурид, ки аломати мотами паҳлавон буд. Ҳамаи чизҳои ӯро ба дарвешон дод. Дари қасрро баста, тахтро аз ҷояш каноид, дари хонаҳоро сияҳ сохт, ки ранги мотам гирад, дар ҷои базмгоҳи Сӯҳроб, ки аз он ҷо ба разм мерафт, нишаст, либоси кабуд пӯшид, шабу рӯз гирья кард ва дар ғами ӯ мурд.

Ҳамин тавр, образи Таҳмина образи модарест, ки дар орзӯи фарзанди паҳлавон буда, баъди ёфтан ӯро аз пастии толеъ аз даст дод ва аз алами фироқи шавҳар ва мотами фарзанд нобуд шуда, сар ба марг таслим кардааст:

Саранҷом ҳам дар ғами ӯ бимурд,
Равонаш бишуд сӯи Сӯҳроби гурд.

**Фарангис**—духтари Афросиёб, зани Сиёвуш, модари Кайхусрав мебошад. Вай дар қисмати аввал фаъол нест, зеро худи ӯ барои расидан ба муроди ишқиаш кӯшиш накардааст, вай предмети муносибатҳои сиёсӣ ва диломатии подшоҳон, сарлашкарон ва меҳмони кишвари бегона аст, ки ба воситаи осоиштагии халқу кишвар ба даст хоҳад омад. Аз ин сабаб, бар хилофи иззати нафси зани якуми Сиёвуш—духтари Пирон (Ҷарир) бо маслиҳат ва миёнаравии ӯ Фарангис ба зани Сиёвуш муносиб диниста мешавад. Дар ин кор розигии ӯ пурсида нашудааст. Сифатҳои шахсӣ ва зебоии Фарангисро шоир аз забони Пирон, ки ба Сиёвуш муаррифӣ мекард, тасвир кардааст:

Фарангис беҳтар зи хубони ӯй,
Набинӣ ба гетӣ чунон рӯю мӯй.
Ба боло зи сарви сиҳӣ бартар аст,
Зи мушки сияҳбар сараш афсар аст.
Ҳунарҳову дониш зи дидор беш,
Хирадро парастор дорад ба пеш.

Дар эпизоди «Арӯсии Фарангис бо Сиёвуш» ҷараёни арӯсӣ ва ҳиссу ҳаяҷони Фарангис тасвир наёфтааст, танҳо қайд карда мешавад, ки бо Гулшаҳр ном зан чизи бисьёре ба арӯс фиристонданду аз рӯи одат тӯй карданд:

Ба назди Фарангис бурданд чиз,
Забонҳо пур аз офарин буд низ...
Бидоданд духтар ба оини хеш,
Чунон чун бувад дархури дини хеш...
Биёмад Фарангис чун моҳи нав,
Ба наздики он тоҷвар шоҳи нав.
Бибуданд бо якдигар шодмон,
Фузуди ҳаме ҳар замон меҳрашон.

Баъд аз ин Фарангис то замони ба вуҷуд омадани зиддият ва ҷанг байни Афросиёб ва Сиёвуш намудор нагаштааст. Мо ӯро баъд дар он лаҳза мебинем, ки Сиёвуш аз пешомади бо Афросиёб ба вуҷуд ояндааш нақл карда, васият менамояд, ки бо писари ҳоло таваллуднашудааш, ки бояд Кайхусрав ном гузорад, ҳамроҳи касе, ки аз Эрон ба ҷустуҷӯи онҳо меояд, равад. Ин хабар Фарангисро ба ҳаяҷон овард ва аз ин фоҷиа ба фиғон омад:

Фарангис руххаставу канда мӯй,
Равон карда бар рух зи ду дида ҷӯй.

Ҳаяҷони фоҷиавӣ ва ҳузнангези Фарангис дар муносибати вай бо падари золим ва ҷаллодаш Афросиёб зоҳир гаштааст:

Фарангис бишнид, рухро бихаст,
Зиёнро ба зуннори хунин бубаст.
Ба пеши падар шуд пур аз тарсу бок,
Хурӯшон ба сар бар ҳамерехт хок...
Маро аз падар ин куҷо буд умед
Ки пардохта монад канорам зи шед?

Дар ин эпизод Фарангис аз падари подшоҳаш ва сарлашкару арбобони давлати ӯ мисли Гарсеваз оқилтар ва боандешатар тасвир ёфтааст. Ғаму ташвиши ӯ, аз як тараф, барои шавҳараш Сиёвуши бегуноҳ бошад, аз тарафи дигар, ғами халқу мамлакат, тахти шоҳии Тӯрон ва барои амну осоиштагӣ буд, ки бо шарофати омадани Сиёвуш ба Тӯрон ва муносибатҳои хешутаборип ӯ бо Афросиёб ба миён омада буд. Ҳукми қатли Сиёвуш муносибати хуби барқароршударо аз нав вайрон мекард ва ба хатар меандохт, зеро қасосгирони хуни Сиёвуш кишвари Тӯронро хароб ва тахту тоҷи Афросиёбро ба боди фано медоданд:

Аз ин бад ба Эрон расад огаҳӣ,
Барошӯбад он рӯзгори беҳӣ...
Ба сӯги Сиёвуш ҳамеҷӯшад об,
Кунад чарх нафрин бар Афросиёб...
Кунун зинда бар гоҳ Ковусшоҳ
Чу Дастону чун Рустами кинахоҳ.

Аммо Афросиёби ақлаш бо сухани бадгӯён хирашуда ба нолаву зорӣ ва гуфтаҳои оқилонаи духтараш эътибор надода, ӯро ба ҳабс ва Сиёвушро ба куштан фармон медиҳад:

Бад-ӯ гуфт: — «Баргарду эдар мапой,
Чӣ донӣ, ки эдар маро чист рой?»
Бифармуд, то рӯзбонон Кашон,
Маро ӯро кашиданд чун беҳушон.
Дар он тирагиш андар андохтанд,
Дари хонаро банд барсохтанд.

Доду фиғон ва мотамгирии Сиёвуш хашми ӯро ба падараш зиёд кард:

Биканду миёнро ба гесӯ бубаст,
Ба нохун гули арғувонро бихаст.

Бо овоз бар чони Афросиёб,
Ҳамекард нафрин, ҳамерехт об...

Он гоҳ Афросиёб фармон дод, ки мӯяшро тарошанд, либосашро дар назди мардум дарронанд ва чунон зананд, ки бачаи ӯ аз батнаш афтад, то ки аз Сиёвуш асаре ва ҷонишине боқӣ намонад:

Бигӯ то бигиранд мӯи сараш,
Бидарранд бар тан ҳаме чодараш.
Занандаш басе чуб, то тухми кин
Бирезад бар ин буми Тӯронзамин.
Нахоҳам зи бехи Сиёвуш дарахт,
На шоху на баргу на тоҷу на тахт.

Барои халосии Фарангис ва бачаи ӯ Пирон чораҷӯӣ мекунад. Фарангис ҳамчун модар, зани вафодор ва шахси мутанаффир ба зулми падари беинсофу золим аз баҳри падар, тахту тоҷи ӯ ва дабдабаву ҳашамати вай гузашта, бо вуҷуди хавфу ғазаби Афросиёб, далерона ба таклифи Гев розӣ мешавад. Аммо пеш аз рафтан васияти шавҳараш Сиёвушро ба ҷо оварда, писарашро ба назди галабонҳо ба кӯҳ мефиристад, то ки аспи таъинкардаи Сиёвуш Беҳзодро биёрад, ки дар роҳ саворӣ кунанд. Фарангис ҳамчун зани вафодор Беҳзодро дида, онро навозиш карда, шавҳарашро ба ёд меорад, ки дар ин амалиёти ӯ садоқат ва вафодории вай зоҳир гаштааст:

Фарангис чун рӯи Беҳзод дид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид.
Ду рухро ба ёлу бараш барниҳод,
Равони Сиёвуш ҳамекард ёд.

Вай на ҳамчун ҳориси молу пул, балки ҳамчун шахси баҳиммат хазинаи аз Сиёвуш мондаро ба писараш ва Геви наҷотдиҳанда мебахшад. Ба ҳамин тариқ, Тӯронро тарк мекунад ва пинҳонӣ ҳамроҳи онҳо ба Эрон меравад:

Фарангис тарге ба сар бар ниҳод,
Бирафтанд ҳар се ба кирдори бод...
Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Фарангису шоҳу яли ҷангҷӯй.

Вай дар роҳ на ҳамчун зани мушти пар, балки тавоно, пуртоқат рафтор мекунад. Ӯ писараш ва Гевро дар хоби истироҳат гузошта, худаш онҳоро посбонӣ мекунад ва аз омадани лашкари фиристодаи Пирон ҳамсафарони худро огоҳ менамояд:

Ба дигар карон гуфта буд Геву шоҳ,
Нишаста Фарангис бар дидгоҳ.
Фарангис аз он ҷойгаҳ бингарид,
Дирафши сипаҳдори Тӯрон бидид.
Давон шуд бари Геву огоҳ кард,
Бар-он хуфтагон хоб кӯтоҳ кард.

Вақте ки дар ҷанг Пирон ба дасти Гев асир афтод, Фарангис ҳаққи некии ӯро фаромӯш накарда, гуноҳи ӯро аз Гев дархост карда, аз асирӣ ва куштан озод кард, ки дар ин амалиёти вай баландҳимматии ӯ зоҳир гаштааст:

Фарангисро дид дида пуроб,
Забон пур зи нафрини Афросиёб...
Чунон дон, ки ин пирсар паҳлавон
Хирадманду род асту равшанравон.
Пас аз додгар довари раҳнамун,
Бидон, к-ӯ раҳонид моро зи хун...
Ба мо бахшаш, эй номвар, ту кунун,
Ки ҳаргиз набуд бар бадӣ раҳнамун.

Вай далерона ҳамроҳи Гев ва писараш аз дарёи Ҷайҳун мегузарад ва ба шавҳару писари эроннажоди худ содиқ мемонад:

Паси ӯ Фарангису Геви далер
Бурун шуд зи Ҷайҳуну аз обгир.
Бар он сӯ гузаштанд ҳар се дуруст,
Ҷаҳонҷӯй Хусрав сару тан бишуст.

Таҳсину офаринҳо ба хислати неки Фарангис, ки ҷуфти шоҳзодаи Эрон Сиёвуш шуду боиси тавлиди шоҳи меросии Эрон Кайхусрав шудааст ва бо хорию зори, ҳамчунин бо азоби роҳ худ ва шоҳи ояндаи Эронро ба манзили мақсад расонидааст, ин маънӣ аз забони Кайковус баён шудааст:

Фарангисро гулшани зарнигор
Биёрост бо тавқу бо гӯшвор.
Дар айвонҳо гоҳи заррин ниҳод,
Фарозаш ҳамаш дебаи Чин ниҳод.
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй бонуи бонувон,
Мабодӣ зи андӯҳ ҳаргиз навон.
Бару буму пайванд бигзоштӣ,
Фаровон ба раҳ ранҷ бардоштӣ.
Кунун шаҳри Эрон сарои ту аст,
Маро раҳнамоянда рои ту аст».

Ҳамин тавр, дар «Шоҳнома» як силсила образи занон — модарон эҷод шудаанд, ки қатъи назар аз нажодашон ба манфиатҳои миллию давлати Эрон хизмат кардаанд ва ба назди онҳо вазифаҳои гуногуни як мақсад гузошта шудааст: Модари Фаридун Фаронак шоҳи ояндаи аз Заҳҳок наҷотдиҳандаи Эронро, ки аз авлоди Ҷамшед буд, на танҳо тавлид кардааст, балки ӯро барои аз ғазаби Заҳҳок пинҳон доштан дар марғзоре, дар дасти чӯпон бо шири гови Бармоя тарбия кунонидааст:

Бад-ӯ гуфт: — «Ин кӯдаки ширхор,
Зи ман рӯзгоре ба зинҳор дор.
Падарвораш аз модар андар пазир
В-аз ин гови нағзаш бипарвар ба шир.

Модари Рудоба Синдухт модарвор кӯшиш кардааст, ки бахти духтараш бо Зол пайвандад, то ки боиси тавлиди паҳлавони

муҳофизаткунандаи ояндаи Эрон (Рустам) шавад. Рудоба модарест, ки ҳамин паҳлавони беназири умумихалқиро ба дунё оварда, ба воя расонд. Таҳмина модарест, ки кӯшиш дорад насли ин паҳлавонро ба вуҷуд орад ва нигоҳ дорад, вале зиддиятҳо ва саҳву хатоҳо ӯро аз комьёбии охирин маҳрум кардааст. Фарангис модарест, ки аз нажоди тӯронӣ бошад ҳам, аз як тараф, барои нигоҳ доштани сулҳу амнияти Эрону Тӯрон, аз тарафи дигар, барои тавлид ва парваришу ба мақсади шоҳӣ расондани шоҳи меросии Эрон (Кайхусрав) аз насли Сиёвуш кӯшиш кардааст.

Ҳамаи ин образҳои модарон мусбат, равшан, бо иродаи неку ғамхории модарона офарида шуда, хислатҳояшон моҳияти ватандӯстона доранд. Баъзе ҷиҳатҳои монандӣ, якравӣ ва схематикии тасвир образи ин занон — модарони боирода, мушфиқу меҳрубон ва ғамхору ватанпарвар, бовафову садоқатмандро хира накардааст.

**Судоба**—аз образҳои манфии занон буда, дар ин план аз ҳама намоёнтар аст. Судоба духтари Ҳомоварон, зани Кайковус, модарандари Сиёвуш буда, образи ӯ аввал мусбат, баъд манфист. Дар он тасвире, ки Судобаро ҳамчун духтари подшоҳи Яман, ки бар хилофи хоҳиши падараш ишқи шоҳи Эрон Кайковусро қабул карда, якҷоя бо ӯ азобҳоро паси сар карда, бо вай ба Эрон омадааст, мусбат аст. Вай дар авал духтари боирода, далер ва вафодор ба ишқу ошиқист. Таклифҳои падар ва фиристодагони ӯро ҷасурона рад мекунад:

Бад-ишон чунин гуфт, к:—«Ин банду дард,
Сутуда надонанд мардони мард...
Ҷудоӣ нахоҳам зи Ковус гуфт,
Агарчи варо хок бошад нуҳуфт.
Чу Ковусро банд бояд кашид,
Маро бегунаҳ сар бубояд бурид».
Бигуфтанд гуфтори ӯ бо падар,
Пур аз кин шуд сар, пур аз хун ҷигар.
Ба ҳуснаш фиристод наздики шӯй,
Ҷигар хаста аз ҳам зи хун шуста рӯй.
Нишаст он ситамдида бо шаҳриёр,
Парастанда ӯ буду ҳам ғамгусор.

Баъд аз ба Эрон омадан ва Сиёвушро дидан дар дили ӯ ҳиссиёти булҳавасӣ, пас хиёнат ба шавҳар ба вуҷуд меояд:

Чу Судоба рӯи Сиёвуш бидид,
Пурандеша гашту дилаш бардамид.
Чунон шуд, ки гуфтӣ, тарози нах аст
Ва ё пеши оташ ниҳода ях аст.

Судоба ба воситаи хизматгоронаш Сиёвушро ба назди худ даъват карда, ба вай изҳори «ишқ» ва бар акси ҳол таҳдид мекунад:

Кунун ҳафт сол аст, то меҳри ман
Ҳаме хун чаконад абар чеҳри ман,

Яке шод кун ниҳонӣ маро,
Бубахшой рӯзи ҷавонӣ маро
В-агар сар бупечӣ зи фармони ман,
Наёяд дилат сӯи дармони ман,
Кунам бар ту бар подшоҳӣ табоҳ,
Шавад тира бар чашми ту хуру моҳ.

Вақте ки Судоба аз Сиёвуш ҷавоби рад гирифт, даст ба тӯҳмат зад, ки гӯё ин таклифро Сиёвуш ба вай карда бошад. Ӯ бо роҳи худро ба ғашьён (истерика) задан:

Бизад дасту ҷома бидаррид пок,
Ба нохун ду рухро ҳамекард чок.
Биёмад хурӯш аз шабистони ӯй,
Фиғонаш зи айвон баромад ба кӯй...
Ба гӯши сипаҳбуд расид огаҳӣ,
Фуруд омад аз тахти шоҳаншаҳӣ...
Хурӯшид Судоба дар пеши ӯй,
Ҳамерехт обу ҳамеканд мӯй.
Ҳамегуфт, к—«Омад Сиёвуш ба тахт,
Баророст чангу баровехт сахт.
Ки аз туст ҷону танам пур зи меҳр,
Чӣ парҳезӣ аз ман ту, эй хубчеҳр?!»

шавҳарашро бовар кунонд, ки на ӯ, балки Сиёвуш изҳори шаҳват карда бошад. Ковус барои исботи ҳақиқат ин масъаларо тафтиш кард, исбот намуд. Аз ин воқеа Судоба ғами калон дошт, зеро фош мешавад:

Парастор Судоба буд рӯзу шаб,
Бупечид аз он дарду накшод лаб.

Судоба он гоҳ роҳи макрро пеш гирифт. Зани ҷодугареро, ки дар шабистони худ дошт, бо ваъдаи чизи бисьёр водор намуд, ки дору хӯрад, то ки бачааш афтад. Чунин кард, аммо Судоба бачаи аз батни модар афтодаро аз они худ эълон карда, Сиёвушро сабабгори он шуморид. Ковус ба тӯҳматҳо бовар карда, фармон медиҳад, ки Сиёвуш аз оташи муқаддас гузарад. Фармон иҷро шуд, вале Сиёвуш дар оташ насӯхт. Он гоҳ Ковус фармон медиҳад, ки Судобаро кушанд, вале Сиёвуш аз рӯи раҳмдилӣ гуноҳи ӯро аз падар мехоҳад, ҷони Судоба халос мешавад, вале ӯ дигар обрӯе надошт. Фирдавсӣ ба ин муносибат ақидаи худро дар бораи зани хубу бад баён кардааст:

Ба гетӣ ба ҷуз порсозан маҷӯй,
Зани бадкуниш хорӣ орад ба рӯй...
Чу фарзанд шоиста омад падид,
За меҳри занон дил бубояд бурид.
Забон дигару дил-ш ҷои дигар,
Аз ӯ пой ёбӣ, ки ҷӯӣ ту сар.

Аз касофати тӯҳматҳои Судоба Сиёвуш аз падар дилхунук шуда, ба Турон рафт, охируламр кушта шуд ва аз он фитнаҳои зиёде ба вуҷуд омад. Судобаро Сиёвуш аз куштан озод карда

бошад ҳам, гуноҳи ӯ шуста нашуда буд, бинобар ин, баъд аз фоҷиаи кушта шудани Сиёвуш, Рустам пеш аз рафтан ба ҷанги кини Сиёвуш, аввал ӯро мекушад:

Ба ханҷар ба ду нима кардаш ба роҳ,
Наҷунбид бар тахт Ковусшоҳ.

Фирдавсӣ дар рафтори Судоба кирдори фаҳшу фисқу фасоди занони дарбор ва оқибатҳои бади онро, ки ҳатто, ба кори давлат, авлод ва шоҳӣ халал мерасонад, ба назар гирифтааст.

**Манижа** — духтари Афросиёб, ошиқи Бежан аст. Вай принципҳои ба душман ва бегонанажод зан нашудан ва дар фармони падар буданро вайрон карда, ба паҳлавони эронӣ ошиқ мешавад ва ишқи ҷавонпаҳлавони зебо Бежанро қабул мекунад. Муошиқаи онҳо дар вақти аз лашкар дур мондани Бежан ва Гургин дар марғзоре оғоз ёфтааст, ки дар он ҷо Манижа бо канизонаш айшу истироҳат дошт. Аз дидани ҷавони зебо Бежан дар дили ӯ ҳаваси дидор ҷӯш зад:

Чу он хубчеҳра зи хайма ба роҳ
Бидид он рухи паҳлавони сипоҳ.
Ба парда дарун духти пӯшидарӯй.
Биҷӯшид меҳраш бар он меҳрҷӯй.
Фиристод мар дояро чун наванд,
Ки рав зери он шоҳи сарви баланд,
Нигаҳ кун, ки он моҳдидор кист,
Сиёвуш магар зинда шуд ё парист.

Чӣ тавре ки аз амалиёти Манижа дида мешавад, ӯ дар муносибатҳои ошиқона фаъол аст. Вай баъд аз шунидани хабари дидори Манижа рағбат доштани Бежан:

Магар чеҳраи духти Афросиёб,
Намояд маро бахти фаррух ба хоб.

боз ҳам далертар шуда, зуд ҷавоби тасдиқ медиҳад:

Фиристод посух ҳам андар замон,
«Қ-ат омад ба даст он чӣ бурдӣ гумон,
Ки ой хиромон ба наздики ман,
Барафрӯзӣ ин ҷони торики ман.
Ба дидори ту чашм равшан шавад,
Дару дашту хиргоҳ гулшан шавад».

Манижа меҳмони бегонаи эронии худ Бежанро:

Сиёвуш наям, на паризодагон,
Аз Эронам, аз шаҳри озодагон,

бо рӯи хуш, иштиёқи тамом ва қаноатмандӣ пешвоз гирифта, базми духтарон меорояд:

Нишастангаҳи руду май сохтанд,
Зи бегона хиргаҳ бипардохтанд...

Маи солхӯрда ба ҷоми булӯр,
Баровварда бо Бежани говзӯр.

Дар ин тасвир озодии ирода доштани Манижа, ба урфу одат ва қаҳру ғазаби падар ва гуфтаи мардум эътибор надодани ӯ намудор шудааст. Рафтори мустақилона ва озодонаи Манижа давом мекунад. Вай Бежанро дар ҳолати беҳушӣ, пинҳонӣ ба қасри худ мебарад. Бежан пагоҳии рӯзи дигар ба ҳуш омада, худро дар оғӯши Манижа мебинад. Аз Бежанро пинҳон ва эҳтиёт кардани Манижа маълум мешавад, ки ӯро аз ишқи ин ҷавон раҳоӣ нест ва ин кори ӯ ҳам хавф дораду ҳам роҳат:

Ниҳоданд ҳар ду ба хӯрдансаро,
Ки ҳам дор буд пешу ҳам минбаро.

Манижа ба шарафи Бежан дар кохи худ боз базм меорояд ва ҳамин тавр айшу роҳати онҳо муддате пинҳонӣ давом мекунад. Ин хабар охируламр ба гӯши подшоҳ—падари Манижа мерасад:

Қасе к-аз газофа сухан ронадо,
Дарахти балоро бичунбонадо...
Биёмад бари шоҳи Тӯрон, бигуфт,
Ки «духтар-т аз Эрон гузидаст ҷуфт».

Бо фармони Афросиёб Бежанро банд карда, аз базм ба назди шоҳ мебаранд ва ӯ фармон медиҳад, ки вайро ба дор кашанд. Пирон аз Афросиёб бахшиши гуноҳ мепурсад. Қарор медиҳанд, ки ба зиндон андозанд. Манижа ҳамчун духтари вафодори роҳи ишқи поки ҷавонӣ қасри падарро тарк карда, дар дашту биёбон ва гирди чоҳи зиндон гашта, нон гадоӣ карда, ба Бежан медод ва ӯро аз ҳалокати гуруснагӣ наҷот мебахшид:

Чу Гарсеваз аз чоҳи ӯ боз гашт,
Манижа або кард анбоз гашт.
Ғиревон ҳамегашт бар гирди дашт,
Чу як рӯзу як шаб бар ӯ баргузашт.
Биёмад хурӯшон ба наздики чоҳ,
Яке дастро андар ӯ кард роҳ.
Чу аз кӯҳ хуршед сар барзадӣ,
Манижа зи ҳар дар ҳаме нон чидӣ.
Ҳаме гирд кардӣ, ба рӯзи дароз,
Ба сӯрохи чоҳ оваридӣ фароз.
Ба Бежан супурдию бигристи,
Бад-ин шӯрбахтӣ ҳамезистӣ.

Манижа аз маҳрумӣ, бадбахтӣ ва хориву маъюс ва аз ишқи Бежан ноумед нашуда, роҳи халосии ӯ ва расидан ба ёри худро меҷуст. Вай аз омадани паҳлавони эронӣ, ки Рустам будани онро намедонист, истифода карда, дар бораи аҳволи Бежан ба вай хабар медиҳад:

Манижа хабар ёфт аз корвон,
Якояк ба шаҳр андаромад давон.

Бараҳнасар он духти Афросиёб,
Бари Рустам омад ду дида пуроб...
«Наёмад зи Бежан ба Эрон хабар?
Ниёяш нахоҳад будан чорагар?..
Кашида ба занҷиру баста ба банд.
Ҳама ҷома пурхун аз он мустаманд.
Наёбам зи дарвешии хеш хоб,
Зи нолидани ӯ ду чашмам пуроб.
Манижа манам духти Афросиёб,
Бараҳна надида танам офтоб».

Шахси эронӣ (Рустам), ки дар назари Манижа савдогар намуда буд, барои эҳтиёт ба муроҷиати Манижа бепарвоёна ҷавоб дод. Онгоҳ Манижа ӯро таъна зад, ки дар Эрон ба дарвешон ва мӯҳтоҷон магар ҳамин тавр нигоҳ мекунанд:

Чунин бошад оини Эрон магар,
Ки дарвешро кас нагӯяд хабар?

Манижа аз шахси ношинос хоҳиш мекунад, ки падару бобои Бежан ва паҳлавони эронӣ ӯро аз чоҳи зиндон халос кунанд. Рустам кӣ будани худро нагуфта, дар байни ду нон мурғбирьён ва ангуштарини худро гузошта, бо Манижа ба Бежан мефиристад. Бежан дар чоҳ аз ангуштарӣ омадани Рустамро фаҳмида, аз шодӣ хандаҳои баланд мекунад. Манижа дар ҳайрат меафтад, ки магар ӯ девона шудааст. Бежан ӯро савганд медиҳад, ки агар ба касе нагӯяд, сабаби хандаи худро изҳор менамояд.

Фирдавсӣ бо ёрии ҷавоби Манижа ба бадгумонии Бежан аҳволи бади ӯро ба сифати садоқат ва вафодории вай тасвир намудааст:

Манижа чу бишнид, нолид сахт,
Ки «бар ман чӣ омад бадхоҳ бахт.
Дареғо, ки шуд рӯзгорони ман,
Дили хаставу чашми гирьёни ман.
Бидодам ба Бежан дилу хонумон,
Чунин гашт бар ман чунин бадгумон.
Падар гашту безору хешон зи ман,
Бараҳна давон бар сари анҷуман...
Аз уммеди Бежан шудам ноумед,
Ҷаҳонам сиёҳу ду дида сапед.
Бипӯшад ҳаме роз бар ман чунин,
Ту огаҳтарӣ, эй ҷаҳонофарин».

Манижа ҷавоби Бежанро оварда, аз иқрори шахси эронӣ Рустам будани ӯро мефаҳмад ва бо маслиҳати вай амал карда, аз кӯҳ ба сари чоҳ ҳезум ҷамъ карда, оташ меафрӯзад, то ки сари чоҳ равшан шавад ва Рустам Бежанро аз чоҳ барорад:

Манижа ба ҳезум шитобид сахт,
Чу мурғон баромад ба шохи дарахт
Манижа бишуд оташе барфурӯхт,
Ки чашми шаби киргунро бисӯхт.

Ҳамин тавр, Манижа бо иродаи қавии худ дилдодааш Бежанро аз чоҳ озод карда ба мақсад мерасад:

Ба Бежан бифармуд Рустам, ки «шав
Ту бо Ашкашу бо Манижа бирав».

**Гурдофарид** — духтари сардори қалъаи сарҳади Гаждаҳам мебошад. Фирдавсӣ Гурдофаридро аввал на ҳамчун духтари зебо, балки ҷанговари пурҳунар ва ҷангдида тасвир намудааст. Аз ин рӯ, фахри ӯ на зебоии духтарона, балки аз кордонӣ, ҷасорат ва паҳлавонии ватандӯстонааш буда, мисли ватандӯстон ифтихори миллии эронпарастиро аз ҳама чиз афзал медонад:

Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Замона зи модар чунин н-оварид.

Гурдофарид барои орияти паҳлавонони Эрон ва ҳифзи ватан бевосита баъди ба дасти Сӯҳроб асир гирифта шудани солори қалъаи сарҳадӣ Ҳаҷир бар зидди Сӯҳроб ба майдони ҷанг даромад. Шоир бо як ҳисси ифтихор ва фараҳмандӣ хислатҳои далерӣ ва ҷанговарии ӯро тавсиф намуда, аз он лаззати маънавӣ гирифтааст:

Бипӯшид диръи савороні ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои даранг,
Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарги румӣ гиреҳ.
Фуруд омад аз ҷо ба кирдори шер,
Камар бар миён бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андар омад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вела кард,
Ки гурдон кадоманду ҷанговарон,
Далерону корозмузда сарон?!

Сӯҳроб аввал ба ин ҷангисавор бо назарногирӣ нигоҳ карда, шояд ба ҷасади нисбатан хурди ӯ ва ё умуман аз мағрурӣ нописандона ба вай механдад:

Чу Сӯҳроби шеравжан ӯро бидид,
Бихандиду лабро ба дандон газид.
Чунин гуфт, к-омад дигар бора гӯр,
Ба доми худованди шамшеру зур.

Сӯҳроб ба ҷанги худ бо Гурдофарид ҳамчун шикори оҳу нигоҳ карда бошад ҳам, вале ӯро ба муқобили чун Сӯҳроб паҳлавони мағлубнашаванда гузоштани шоир аҳамияти рӯҳӣ ва маънавии ин қаҳрамондухтарро ба пояи боз ҳам баландтар гузоштааст. Дар ҳақиқат, ҷангҳои ҷиддии ӯ Сӯҳробро, ки ба вай бо тамасхур нигоҳ карда буд, ба ташвиш ва хашм оварда, маҷбур кард, ки ҷиддитар ҷангад:

Биёмад дамон пеши Гурдофарид,
Чу духти камандафкан ӯро бидид.
Камонро ба зеҳ карду бикшод бар,
Набуд мурғро пеши тираш гузар.

Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.
Нигаҳ кард Сӯҳробу омад-ш нанг,
Барошуфту тез андар омад ба ҷанг.

Шиддати ҷанги онҳоро чунин тасвири шоир тасдиқ менамояд, ки гӯё аз ҷасади ҷанговарон хун ҷорӣ шудааст:

Сипар бар сар оварду бинҳод рӯй,
Зи пайкор хун андар омад ба ҷӯй.

Шиддати ҷанги Гурдофарид аз он тасвир маълум мегардад, ки вай аз ҳуҷуми Сӯҳроб ноумед нашуда, ҳуҷуми худро торафт зиёд мекунад ва диққати ҷанговари тӯрониро ҳар чӣ зиёдтар ба худ мекашад ва ҳаяҷони ҷанговаронро боз ҳам афзунтар мекунад:

Чу Сӯҳробро дид Гурдофарид,
Ки бар сони оташ ҳаме бардамид.
Камони базеҳро ба бозу фиканд,
Самандаш баромад ба абри баланд.
Сари найзаро сӯи Сӯҳроб кард,
Инону синонро пур аз тоб кард.
Барошуфт Сӯҳробу шуд чун паланг,
Чу бадхоҳи ӯ чорагар буд ба ҷанг.

Пешакӣ тахмин кардан мумкин аст, ки Сӯҳроби диловар Гурдофаридро мағлуб мекунад, зеро онҳо баробар нестанд. Дар ҳақиқат, Сӯҳроб зарбаҳои аввалин ба ҳарифи ҷангии худ мезанад:

Зи дуди синон он гаҳе даррабуд,
Даромад бад-ӯ ҳам ба кирдори дуд.
Бизад бар камарбанди Гурдофарид,
Зиреҳ бар бараш як ба як бардарид.
Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Чу чавгон ба захм андар ояд бад-ӯй.

Хусусияти асосии хислати Гурдофарид дар он аст, ки ба осонӣ ба душмани тавоно таслим намешавад. Сӯҳроб ӯро мисли гӯй аз зин бардошта бошад ҳам, вай ба зин сахт печида, худро гум накарда, аз миён ханҷар кашида, найзаи ӯро ду қисм кард ва савора роҳи гурезро пеш гирифт, ки он ҳам як навъ ҳилаи ҷангӣ буд:

Чу бар зин бупечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид.
Бизад найзаи ӯ ба ду ним кард,
Нишаст аз бари аспу бархост гард.

Шиддати ҷангу хашми Сӯҳроб ҳамон вақт суст шуд, ки баъд аз наздик шуда кулаҳхӯди Гурдофаридро гирифтан мӯи ӯ парешон гашт ва духтар будани вай маълум шуд:

Чу омад хурӯшон ба таг андараш,
Биҷунбиду бардошт хӯд аз сараш.

Рахо шуд зи банди зирех мӯи ӯй,
Дурахшон чу хуршед шуд рӯи ӯй.
Бидонист Сӯхроб, к-ӯ духтар аст,
Сару мӯи ӯ аз дури афсар аст.

Чунин ҷанги диловаронаи Гурдофарид аҳамияти калони психологӣ дошт, зеро душманро водор мекард, ки агар духтарони Эрон чунинанд, пас писарони ҷанговари он чӣ гуна бошанд ва ба дили душман ваҳм меандохт, Фирдавсӣ ин маъниро аз забони Сӯҳроб баён кардааст:

Шигифт омадаш, гуфт: — «Аз эронсипоҳ
Чунин духтар ояд ба овардгоҳ».

Акнун шахси Гурдофариди дар ҷанг шикастхӯрда барои Сӯҳроби ғолиб бозичаи дилхушӣ буд:

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз ман раҳой маҷӯй,
Чаро ҷанг ҷӯӣ ту, эй моҳрӯй?
Наёмад ба домам ба сони ту гӯр,
Зи ҷангам раҳой наёбӣ, машӯр».

ва ӯ каманд аз миён андохта ӯро асир гирифт:

Зи фитрок бигшод печон каманд,
Бияндохту омад миёнаш ба банд.

Гурдофариди асирафтода, ноилоҷии худро дониста, ба ҳилаи психологӣ даст мезанад, ки ба он эътибор надодани Сӯҳроб мумкин набуд. Духтарро дар ҷанг мағлуб кардани қаҳрамонписари диловар, алалхусус Сӯҳроб, ба вай обрӯю шараф намеовард. Гурдофарид аз ин фоида бурд ва Фирдавсӣ бо ин ақидаи замонаш ҳамфикрӣ кардааст:

Бидонист, к-овехт Гурдофарид,
Мар онро ҷуз аз чора дармон надид.
Бад-ӯ рӯй бинмуд гуфт: — «Эй далер,
Миёни далерон ба кирдори шер.
Ду лашкар назора бар ин ҷанги мо,
Бар ин гурзу шамшеру оҳанги мо.
Кунун ман кушоям чунин рӯю мӯй,
Сипоҳи ту гардад пур аз гуфтугӯй,
Ки бо духтаре ӯ ба дашти набарад,
Бад-ин сон ба абр андар овард гард!

Ин лаҳзаи психологӣ Сӯҳроби ғаюру далеру мағрурро бешубҳа аз ҷиҳати рӯҳӣ суст кард ва бинобар ин, ғайр аз қабули маслиҳати афсункоронаи Гурдофарид чораи дигаре надошт. Илова бар ин, Гурдофарид барои фиреби Сӯҳроб, ки ба рӯю мӯи ӯ мафтун шуда буд, ҳамаи қалъаву лашкару хазинаро таслими Сӯҳроб эълон мекунад:

Ниҳонӣ бисозем беҳтар бувад,
Хирад доштан кори меҳтар бувад...

Кунун лашкару диж ба фармони туст,
Набояд бар ин оштӣ ҷанг ҷуст.
Диже ганҷу дижбон саросар турост,
Чу ой, бад-он соз, к-ат дил ҳавост.

Гурдофарид на танҳо бо таклифи оқилона ва зоҳиран ростқавли худ, балки бо ҳусни беҳамтояш ҳам диққати Сӯҳробро ба худ ҷалб карда буд. Шоир бо ин муносибат тасвири ҳусни оламорои Гурдофаридро дар плани дуюм ба қалам додааст:

Чу рухсора бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушоб бигшод уннобро.
Яке бӯстон буд андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.
Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,
Ту гӯӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.

Чунин қавлу чунин ҳусни Гурдофарид, ки Сӯҳробро мафтун ва дилдода карда буд, гӯё акнун Сӯҳробро Гурдофарид асир гирифта мебурд. Бинобар ин, Сӯҳроб ҳамроҳи Гурдофарид ба сӯи қалъа мерафт. Дили Гурдофарид ҳам ба андозае ба ҳусну ҷамол ва далерию паҳлавонии Сӯҳроб майл пайдо карда буд, аммо дар назди ӯ на манфиат ва ҳиссиёти шахсӣ, балки ҳисси ватандӯстӣ ва баҳри ватан мубориза бурдан ҷои асосиро ишғол мекард. Бинобар ин, ҳамин ки вай аз дарвозаи қалъа ба дарун даромад, бо ишораи ӯ дарро бастанд, Сӯҳроб дар берун монд. Гурдофарид аз болои қалъа баромада ба лашкариёни худ нигоҳ кард ва ба ҳоли Сӯҳроби фиребхӯрда хандид:

Бихандид бисьёр Гурдофарид,
Ба бора баромад сипаҳ бингарид.
Чу Сӯҳробро дид бар пушти зин,
Чунин гуфт, к-«Ой шоҳи туркони Чин!
Чаро ранҷа гаштӣ, кунун боз гард,
Ҳам аз омадан ҳам зи дашти набард».

Гурдофарид бо ин фиреби ҳарбӣ аз дасти душмани қавӣ раҳоӣ ёфта, на танҳо ӯро ҳамчун паҳлавони ғолиб, балки ҳамчун ошиқи худ низ рад кард, зеро духтарони Эрон ҷуфти бегонагон нахоҳанд шуд:

Бихандиду ӯро ба афсӯс гуфт:
«Ки туркон зи Эрон наёбанд ҷуфт.
Чунин буду рӯзе набудат зи ман,
Бад-ин дард ғамгин макун хештан».

Дар ин достон ғамхории халқ ба паҳлавондухтарони худ ва таҳсину офарин ба ҷанговарӣ ва ҳилаву маҳорати ҳарбии онҳо, ки ба манфиати халқу ватан аст, ифода ёфтааст:

Зи озори Гурдофариду Ҳаҷир,
Пур аз дард буданд барнову пир.
Бигуфтанд, ки — «Ой некдил шерзан,
Пур аз ғам буд аз ту дили анҷуман,

Ки ҳам разм ҷустӣ ҳам афсуну ранг,
Наёмад зи кори ту бар дуда нанг».

Ватандӯстӣ ва образи равшани Гурдофарид дар охири достон дар он тасвир ҷамъбаст шудааст, ки ӯ бо Рустам ва паҳлавонони мағлубнашавандаи Эрон мефахрад:

Шаҳаншоҳу Рустам биҷунбад зи ҷой,
Шумо бо Таҳамтан надоред пой.
Намонад яке зинда аз лашкарат,
Надонам чӣ ояд зи бад бар сарат.

Бинобар ин, Гурдофарид ба Сӯҳроб таклиф мекунад, ки ба ватани худ Тӯрон баргардад:

Туро беҳтар ояд, ки фармон кунӣ,
Рухи номвар сӯи Тӯрон кунӣ.

Гурдофарид яке аз барҷастатарин ва равшантарин образҳои занон дар «Шоҳнома» буда, бо ҷасоратнокӣ, ироданокӣ, далерӣ, қаҳрамонӣ, душманбадбинӣ, ватандӯстӣ, вазифашиносӣ, ба ватан садоқат ва вафодорӣ, дорои ҳиссиёти инсонии маҳрамона будан, вале ба ҳиссиёти олами ботинии ошиқонаи худ мағлуб ва таслим нашудан, аз ин рӯ, қабул накардани муҳаббати душмани Эрон мисли Сӯҳроб, афзал донистани муҳаббати ватан, тобоварӣ ва зебоӣ диққати ҳар хонандаро ба сӯи худ ҷалб мекунад. Бо эътирофи Н. Г. Чернышевский он аз барҷастатарин образҳои ҷаҳонӣ мебошад: «Гурдофарид бо тандурустии худ шукуфон аст, аз аскарони Тӯронӣ танҳо Сӯҳроб дар ҷанги тан ба тан бо вай ҳамовард шуда метавонад, ки вай кулоҳи ҷангӣ (шлем) мепӯшад, дасташ аз дасти Ҳаҷир камқувват бошад ҳам, дили ӯ қавитар, назари вай ҷасуронатар, ҳаракатҳои ӯ босуръат ва чаққонтар, зарбаҳои ӯ аниқтар, вай аввалин ҳимоятгари Эрон аст. Дездимона ва Ҷульетта дар зебоӣ ва назокати духтарона ба вай баробар омада наметавонад»*. Образи Гурдофарид аҳамияти хеле зиёди тарбиявӣ дорад.

**Гурдия**—хоҳари Баҳроми Чубина аст. Агар Баҳроми Чӯбина шахси таърихӣ бошад, хоҳари ӯ низ чунин аст. Вай дар он лаҳзае ба майдон омадааст, ки Баҳроми Чӯбина ба муқобили Хусрави Парвиз исьён карда, худро подшоҳ эълон кардааст. Фирдавсӣ Гурдияро на аз рӯи ҳусну ҷамол, балки аз ҷиҳати ақлу фаросат тасвир кардааст:

Паси пардаи номвар паҳлавон
Яке хоҳараш буд равшанравон.
Хирадмандро Гурдия ном буд,
Парирух дилороми Баҳром буд.

---

* *Н. Г. Чернышевский*. Повести в повести. Полное собрание сочинение. М., Госкомиздат, 1949, ҷ. XII, саҳ. 132.

Гурдия ҳамчун панддиҳанда ба бародари худ ва сарлашкарони Эрон ба майдон даромада, исьёни зидди подшоҳӣ ва ҷангҳои дохилиро маҳкум менамояд. Вақте ки ҳамаи саркардагон дар ҷавоби даъвои подшоҳӣ кардани Баҳром хомӯш монданд, Гурдия аз онҳо талаб кард, ки мулоҳизаҳои худро гӯянд:

Чунин гуфт пас Гурдия бо сипоҳ,
Ки «эй номдорони ҷӯяндароҳ.
Зи гуфтор хомӯш чаро мондаед,
Чунин аз ҷигар ҷӯш биншондаед!
Чӣ бинед яксар ба кор андарун,
Чӣ бозӣ ниҳед андар ин дашти хун?!»

Ҳар кӣ ҳар чӣ мегуфт. Аксар ба тарафдории исьёни Баҳроми Чӯбина сухан меронданд:

Агар ҷанг созӣ ту, ёрӣ кунем,
Ба пеши саворон саворӣ кунем.

Гурдия аз маслиҳатҳо хурсанд набуд:

Зи гуфторашон хоҳари паҳлавон
Ҳамебуд пеҷону тираравон...

Вай дар ҷавоби саволи бародараш:

Бад-ӯ гуфт Баҳром «Аё некзан,
Чӣ бинӣ зи гуфтори ин анҷуман?»

аввал чизе нагуфта бошад ҳам, вале азбаски аз гуфтаҳои саркардагон хурсанд набуд:

Варо Гурдия ҳеҷ посух надод,
На аз рои он меҳтарон буд шод.

онҳоро, ки бо исьён мақсади давлат ва шоҳро барҳам заданӣ буданд, маҳкум кард, пеш аз ҳама, бародарашро сарзаниш намуд:

Гумонат чунин аст, к-ин тоҷу тахт,
Сипоҳу бузургиву фирӯзбахт,
Зи гетӣ касеро набуд орзӯй,
Аз он номдорони озодахӯй?!
В-агар шоҳӣ осонтар аз бандагист,
Бар ин дониши ту бибояд гирист.

Вай ба гузашта мурочиат карда, далел оварда исбот мекунад, ки одамони ҳаққи шоҳӣ надошта, ҳатто, дар вақти холӣ будани тахт ҳам орзуи онро накардаанд. Ҳатто, Рустам бо ҳамаи тавоноияш орзӯи тахт намекард, зеро тахту тоҷ meросӣ аст. Фирдавсӣ ба ин ақида пайравӣ карда, онро аз забони Гурдия ифода кардааст:

Басе буд, ки бекор буд тахти шоҳ,
Накард андар ӯ ҳеҷ кеҳтар нигоҳ...

На бегона зебои афсар бувад,
Сазои бузургӣ ба гавҳар бувад.
Чу Гударзу чун Рустами паҳлавон
Накарданд ранҷа бад-ин бар миён.
Ту хоҳӣ, ки шоҳӣ кунӣ бенажод,
Ҳама дударо дод хоҳӣ ба бод?!

Ҳамин тавр, Гурдия ҳамчун зани оқила ба бародар ва саркардагон насиҳат медод, ки ба муқобили подшоҳ исьён накунанд:

Агар ман занам, панди мардон диҳам,
На бисьёр сол аз бародар кеҳам...

Гурдия, ғайр аз он ки барои авлодӣ будани шоҳӣ ба исьён муқобил аст, аз зарар омадан ба авлоди худ, ки амалдори хурд буданд (марзбон—сарҳадчӣ), низ метарсад:

Шавад ранҷи ин тухмаи мо ба бод;
Зи гуфтори ту кеҳтари баднажод.

Фирдавсӣ, ҳамин тавр, Гурдияро барои ифодаи ақидаи зидди исьёнии худ тасвир намуда, суханони ӯро тасдиқ менамояд ва худашро дар хирадмандӣ аз мӯбади хирадманд Ҷомосп бартар медонад:

Сипаҳдор лабро ба дандон гирифт,
Ҳама анҷуман монд аз ӯ дар шигифт...
Ту гуфтӣ, ки гуфтораш аз дафтар аст,
Зи дониш ба Ҷомосп ӯ бартар аст.

Панд додани Гурдия ба Баҳром давом дорад. Ӯ аз масъалаҳои давлатӣ ба масъалаҳои ахлоқу одоб мегузарад. Ба ақидаи вай, агар шоҳ дар мисоли Хусрави Парвиз аз ҷавонӣ сабукӣ кунад, солори лашкар бояд вазнин, ботамкин бошад:

Гар ӯ аз ҷавонӣ шавад тезу тунд,
Магардон ту дар оштӣ рой кунд.

Гурдия ба муқобили шоҳ исьён бардоштанро фош кардани сирри давлати худ мешуморад, ки шоистаи шахси ватандӯст нест:

Макун рои вайронии шаҳри хеш,
Зи гетӣ чу бардоштӣ баҳри хеш.

Дар таассуроти Гурдия олами андешаву мулоҳизаҳо хеле васеъ аст. Вай гоҳ ғами давлати шоҳии Эронро мехӯрад, гоҳ ғами хонадони шоҳӣ, ки меросию авлодист:

Агар нестӣ ин ҷавон дар миён,
Набудӣ ман аз доғ тираравон.
Падар зиндаву тахти шоҳӣ ба ҷой,
Ниҳода ту андар миён пеш пой

ва гоҳе дар ғами авлоди худ аст:

Чӣ гӯянд: — «Чӯбина бадном гашт,
Ҳама номи Баҳром бадном гашт».

Вай, ҳатто, исьёни зидди шоҳро гуноҳи динӣ-виҷдонӣ мешуморад:

Бар ин низ ҳам хашми яздон бувад,
Равонат ба дӯзах ба зиндон бувад.

Ба ақидаи ӯ барои вазифаҳои давлатӣ аз шоҳ миннатдор будан лозим аст:

Нигар, то ҷуз аз Ҳурмузи шаҳриёр,
Кӣ буд дар ҷаҳон мар туро хостор?!..
Чу з-ӯ номвар гаштӣ андар ҷаҳон,
Бигӯӣ ҳаме тахти шоҳаншаҳон.
Ҳама некӯвиҳо зи яздон шинос,
Мабош андар ин тоҷвар носипос.

Маоли шикаст хӯрдани Баҳром аз Хусрави Парвиз, ба кишвари душман паноҳ овардан, аз дасти фиристодаи Хусрав кушта шудани ӯ ва оқибати кори Баҳром иҷолатан чунин маънӣ дошт, ки ӯ панди мӯбадон, аз ҷумла хоҳари худ Гурдияро гӯш накард.

Хоқони Чин, ки Баҳром бо тарафдорон ва хешовандонаш дар ҳимояи ӯ омада буд, ба сифати ғамхорӣ ба хешовандони ӯ Гурдияро ба занӣ гирифтанӣ мешавад. Бо ин восита сифатҳои зебоӣ ва олами маънавии Гурдия аз забони ҳоқон ифода ёфтааст:

Ҳамат ростиву ҳамат мардумӣ,
Сириштат фузуниву дур аз камӣ.
Беҳ аз худ надидам туро кадхудой,
Биёрой ин хонаи ман ба рой.

Гурдия, чунон ки аз эпизодҳои минбаъда маълум аст, зимнан Хусрави Парвизро дӯст медошт ва бегона шудани хуни эронии худро барои занон нодуруст мешуморид, вале азбаски ҳамчун гурезаи ватан дар Марв — дар қаламрав ва ихтиёри ҳоқони Чин буд, зоҳиран ин таклифро маъқул дониста:

Маро худ ба Эрон шудан рӯй нест,
Зани покро беҳтар аз шӯй нест,

вале барои бародараш азодор будан ва дар урфият хуб набудани тӯю сурро кори нозеб, айб ва хилофи одат шуморида, баъд аз чор моҳ ба номаи ҳоқон ҷавоб гардонданро ваъда дода, қосидро бо тӯҳфаҳои зиёде шод карда, равон намуд, ки дар ин кор низ оқилии ӯ зоҳир гаштааст:

Ба сӯг андар оҳанги шодӣ кунам,
На аз порсоиву роди кунам.
Хирадманд бешарм хонад маро,
Ва Хоқон беозарм донад маро.
Ҳама бишнавам ҳар чи бояд шунид,
Зи гӯяндагон то чӣ ояд падид.

Гурдия фиристодаи ҳоқонро розӣ карда бошад ҳам, бо паҳлавонони эронии лашкари бародараш маслиҳат карда, қарор медиҳад, ки аз Марв ба Эрон гурезад ва инро ба далерон гӯяд:

В-аз он пас ҷавону хирадманд зан,
Ба ором бишаст бо ройзан...

ва ба қароре омад, ки бо туркон омехтан натиҷаи хубе намедиҳад, чӣ тавре ки бо Сиёвушу Афросиёб рӯй дода буд. Гурдони эронӣ Гурдияро сарвари худ донистанд. Ин ҳол аломати боақлӣ чораандешӣ ва обрӯву эҳтироми вай аст:

Бад-ӯ гуфт, ҳар кас ки: — «Бону тӯӣ,
Ба Эрону Чин пушту бозу туӣ.
Наҷунбонадат кӯҳи оҳан зи ҷой,
Ялонро ба мардӣ тӯӣ раҳнамой.
Зи марди хирадманд бедортар,
Зи дастури дonанда ҳушьёртар.
Ҳама кеҳтаронему фармон турост,
Бад-он орзу рой, паймон турост».

Гурдия чораи аз хоқони турк халос шуданро дар гурехтан ба Эрон дидааст. Вай бе задухӯрд муяссар нашудани гурехтанро пешбинӣ карда, бо ҳазору саду шаст паҳлавони далеру пурҷасорат қарор дод, ки ба Эрон равад:

Бибояд, ки то сӯи Эрон шавем,
Ба наздики шоҳи далерон шавем.
Ба Тӯрон ғарибему бепушту ёр,
Миёни бузургони Чин суcту хор...
Шумо дил ба рафтан надоред танг,
Гар аз чиниён лашкар ояд ба ҷанг.

Ҳамаи лашкариён аз рӯи ҳисси ватандӯстӣ бо даъвати Гурдия қарор медиҳанд, ки ба ватан баргарданд:

Ҳамегуфт, ҳар кас ки мурдан ба ном,
Беҳ аз зинда, душман бар ӯ шодком.

Худи Гурдия ҳам дар қатори паҳлавонон бо асбобҳои ҷангӣ мусаллаҳ мешавад. Вақте ки хоқони Чин бародари худ Тувургро бо лашкари азим барои дастгир кардани Гурдия фиристод, ӯро дар ҷанги тан ба тан шикаст дод:

Чу буд Гурдия бо салеҳи гарон,
Миёнбаста бар сони ҷанговарон...
Бад-ӯ гуфт: — «Баҳромро дидаӣ?
Савориву размат писандидаӣ?
Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Ки бугзашт хафтону пайванди уй.
Чу аз пушти бора даромад нагун,
Ҳаме рег шуд зери ӯ ҷӯи хун.

Гурдия бо ғалабаи тамом бар лашкари чиниён аз дарьёи Омӯ гузашта ба ватан дохил шуд ва нома баҳри бародараш

Гурдӯй навишта, аз ин воқеа огоҳ кардани подшоҳро хоҳиш кард. Аммо дар роҳ сарлашкари исьёнкор бар зидди Хусрави Парвиз Густаҳам онҳоро аз роҳ мезанад, ки ба назди шоҳ нараванд, зеро ӯ инҳоро ҳамчун пайравони Баҳром ба ҷазо хоҳад расонд. Ин фикр Гурдияро дудила мекунад:

Зи гуфтори ӯ гашт Гурдия суст,
Шуд андешаҳо бар дилаш нодуруст.

Густаҳам ба Гурдия талабгор мешавад ва ӯ бо миёнаравии паҳлавон Ялонсина розӣ мешавад:

Чӣ гӯй Густаҳм ялхоли шоҳ,
Тавонгар, сипаҳбуд, саре бо сипоҳ?
Бад-ӯ гуфт: — «Шӯе, к-аз Эрон бувад,
Аз ӯ тухмаи мо на вайрон бувад.»

Гурдия бо таъсири мактуби шоҳ, ки ба воситаи зани бародараш Гурдӯй фиристода шуда буд, сарлашкари осӣ—шавҳари худро кушта, ҳамаи лашкариёнро, ки шоҳ бо қувваи аскар таслим кунонда натавониста буд, ба ихтиёри шоҳ овард. Бад-ин тариқа, дар мисоли шоҳпарастӣ ватандӯстӣ ва барои ягонагии Эрон мубориза бурдани вай ифода ёфтааст. Гурдия баъд аз ин амалиёти худ, ки ба Хусрави Парвиз садоқат изҳор карда буд, нома менависад. Фирдавсӣ Гурдияро аз забони худ «нобокзан» ва дар номаи ҷавобии шоҳ «гаронмоязан» номида, дар хизмати шоҳ содиқ будани ӯро нишон додааст:

Нишастам кунун, то чӣ фармон диҳӣ,
Чӣ овезӣ аз гӯшвори раҳи.

Хусрави Парвиз дар номаи худ ӯро тавсиф, навозиш ва офарин гуфтааст. Гурдия аз он хурсанд шуда, номаро ба лашкар хонда, ҳамаро ба хизмати ватан даъват менамояд:

Зани шер аз он номаи шаҳриёр
Чу рахшандагул шуд ба вақти баҳор.
Сипаҳро бадар хонду рӯзӣ бидод,
Чу шуд рӯз равшан, буна барниҳод.

Гурдия ва лашкариёнаш хуш қабул мешаванд. Шоҳ ӯро ба занӣ таклиф менамояд ва қабул мешавад:

Ба оини ин дин мар уро бихост,
Пазируфту бо ҷон ҳамедошт рост.

Гурдия дар назди шоҳ танҳо зани муқаррарӣ набуд, балки паҳлавон, кордон, ҷангозмуда ва оқилае буд. Вақте ки шоҳ тавсифи ҷанги ӯро бо Тувург дархост кард, Гурдия хост, ки онро амалӣ нишон диҳад ва бинобар ин, аспу аслиҳа хост:

Бифармой, то аспу зин оваранд,
Қамону каманду камин оваранд.

Ҳамон найзаву хӯду хафтони ҷанг,
Яке таркаш оганда тири хаданг.

Баъд аз ин Гурдия дар назди шоҳ ҳунарнамоӣ мекунад:

Пиёда хиромон зи ҷои нишаст,
Қамар бар миён баста, найза ба даст.
Бишуд Гурдия то ба наздики шоҳ,
Зиреҳ хост аз турку румӣ кулоҳ.
Ба шоҳи ҷаҳон гуфт:—«Дастур бош,
Яке чашм букшо, зи бад дур бош!»

Гурдия бар аспи шоҳ нишаста ҷанги бо Тувург кардаашро нишон медиҳад:

Буни найзаро бар замин барниҳод,
Ба болои зин андар омад чу бод...
Ҳаме ҳар замон асп баргоштӣ
В-аз абри сияҳ наъра бугзоштӣ.

Аз ҳунарнамоии Гурдия Ширин (зани Хусрав) ба ташвиш ва хавфу рашк меафтад, ки мабодо ӯ боз мисли бародараш— Баҳроми Чубина корнамоие накунад, ки боиси афсӯс хоҳад шавад:

Чунин гуфт Ширин, ки «эй шаҳриёр,
Ба душман диҳӣ олами корзор,
Ки хуни бародар ба ёд оварад,
Битарсам, ки корат ба бод оварад.
Ту бо ҷомаи пок бар тахти зар,
Варо ҳар замон бо ту бошад гузар».

Аммо Хусрав ором буд ва ба ӯ боварии том дошт:

Ба ханда ба Ширин чунин гуфт шоҳ,
К: — «Аз ин зан ҷуз аз дӯстдорӣ махоҳ».

Гурдия бо ҳунарнамоии худ ҳама, алалхусус, шоҳро ба ҳайрат гузошта, сазовори офарин гардид:

Ҳаметохт гирд андарун Гурдияҳ,
Ба овардгаҳ гуфт Хусрав, ки «Заҳ?»...
Бад-ӯ монда буд Хусрав андар шигифт,
Бад-он бурзу болову бозуву кифт.

Баъд аз ин Гурдия шоҳро бо ҷоми май санҷиданӣ мешавад:

Яке ҷоми пурбодаи хусравон
Ба каф барниҳод он зани паҳлавон...
Ба ёди сипаҳбуд ба як дам бих(в)ард,
Баровард аз он чашмаи зард гард.

Шоҳ аз ин кори ӯ низ ба ҳайрат монда, фармон дод, ки баъд аз ин нигаҳбони қасру аскарони ӯ бошад:

Аз ин пас нигаҳбони ишон туӣ,
Ки бо ранҷу тимори хешон туӣ.

Гурдия ин таклифро сарбаландона қабул мекунад:

Ҳамерӯфт рӯи заминро ба рӯй,
Ҳаме офарин хонд бар фарри ӯй.

Гурдия ҳангоми баҳор баъд аз бозие дар ҷавоби саволи шоҳ, ки аз ӯ чизе дархост кунад, ҳокимии Райро, ки аз сабаби зулми ҳокими он ҷо ватани ӯ хароб шуда буд, талаб менамояд. Шоҳ розӣ мешавад ва аз ҳукмронии одилонаи вай мулк обод, мардум осоишта мегардад.

Оқибати кори Гурдияро бо адолати ӯ тамом кардани Фирдавсӣ ақидаи адолатхоҳии ӯро акс кунонидааст.

Образи Гурдия дар байни образҳои занони «Шоҳнома» хеле мураккаб, бо тафсил ва дорои вазифаҳои гуногун аст ва аз образҳои дигари мусбати занон фарқ мекунад. Вай аз ҷиҳати ватандӯстӣ ва қабул накардани ишқи душманони ватан ба Гурдофарид монанд бошад ҳам, ҳиллаю афсуни ҳарбӣ надорад. Дар вай хислатҳои шоҳпарастӣ, мубориза барои ягонагии Эрон, норозӣ будан аз исьёнҳои сарлашкарон, ки ягонагиро вайрон мекунад, эътироф намудани меросӣ будани тахту тоҷ, ба кеҳтарии авлоди худ тан додан, дорои ақли солим ва раъйи матин будан, худро на бо хислатҳои занона, балки ҳунарнамоӣ вонамуд кардан, адолатхоҳӣ ва ғайра хеле равшан намоён аст. Аз ин рӯ, ин образ нисбат ба образи Гурдофарид ботафсил ва пурратар аст.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» мувофиқи ақидаи замони худ ҷо-ҷо ҳисси занбадбиниро аз забони қаҳрамонҳои худ баён карда бошад ҳам:

Зану аждаҳо ҳар ду дар хок беҳ,
Ҷаҳон пок з-ин ҳар ду нопок беҳ.
Қиро аз паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад.

аксарияти образи занони эҷодкардаи ӯ мусбат ва дорои хислатҳои неки инсонӣ мебошанд. Агар образҳои занони ҷодугарро мустасно кунем, ягона образи манфии Судоба низ дар аввали ҳол мусбат аст ва тадриҷан ба ҳисси шаҳвонӣ дода шуда, хислатҳои ношоиста пайдо мекунад: Фирдавсӣ ӯро дар охир бо бахшиш талабидани Сиёвуш ислоҳ карда бошад ҳам, барои гуноҳи давлатиаш, ки боиси аз амалиёти фаҳши ӯ охируламр Сиёвуш аз дасти душман кушта шуда, тахт беворис ва хавфи парокандагии кишвар ба миён омада буд, набахшида, ӯро ба дасти наҷотдиҳандаи ягонаи Эрон Рустам ҷазо додааст. Аксарияти образҳои занони «Шоҳнома» одамони солим, оқила, чораҷӯй, далеру тавоно, модарони мушфику меҳрубон, ватандӯст ва қаҳрамонони номианд, ки дар ҳама ҳол тайёранд, барои мақсадҳои олии халқу ватан қурбон шаванд.

## ОБРАЗИ ПЕШВОЁНИ ХАЛҚ

Дар «Шоҳнома» ғайр аз образи мӯбадони хирадманд, ки дар тамоми асар вомехӯранд (монанди Ҷомосп) ва вазирони оқилу доно (мисли Бузургмеҳр) силсилаи образҳои пешвоёни халқ мавҷуд аст, ки қатъи назар аз ақидаи диниашон ба манфиати халқ мубориза мебаранд:

**Коваи Оҳангар** — Кова, пеш аз ҳама, ҳамчун шахси меҳнаткаш, серфарзанде, ки бо кору бори зиндагии худ банд аст, ба назар мерасад. Ҳар чанд ки ин ҳолати ҳаёти ӯ тасвир наёфтааст, вале аз аҳли меҳнат будан ва ҳаждаҳ фарзанд доштани ӯ ба ин маънӣ гувоҳӣ медиҳад. Фирдавсӣ Коваро дар ҳолате ба қалам овардааст, ки Заҳҳоки Морон баъд аз Фаридунро дар хоб дидан дар ваҳм афтода буд ва аз калоншаванагони кишвари Эрон маҳзари розигӣ ва тасдиқ тақозо кард, ки «подшоҳи одил» будани ӯро эътироф кунанд ва ба маҳзар имзо гузоранд. Ҳама аз тарс розигӣ доданд:

Зи бими сипаҳбад ҳама ростон
Бад-он кор гаштанд ҳамдостон.
Дар он маҳзари аждаҳо ногузир
Гувоҳӣ набиштанд барнову пир.

Додхоҳии Кова дар чунин ҳолате тасвир ёфтааст, ки ҳамаи аъёну ашроф ба маҳзари бардӯғи Заҳҳок имзо гузоштаанд, вале намояндаи халқи меҳнаткаш Кова зид баромадааст. Дар ин гуна тасвир ду ҳолатро ба ҳам муқобил гузоштани Фирдавсӣ аз ҷиҳати манфиатҳои синфӣ: ба якдигар зид будани синфи ҳокими феодалӣ ва идораҳои давлатии он бо халқи меҳнаткаш акс ёфтааст:

Ҳамон гаҳ якояк зи даргоҳи шоҳ,
Баромад хурӯшидани додхоҳ...
Хурӯшиду зад даст бар сар зи шоҳ,
Ки «шоҳо манам Коваи додхоҳ.
Бидеҳ доди ман, омадастам давон,
Ҳаменолам аз ту ба ранҷи равон...
Зи ту бар ман омад ситам бештар,
Занӣ ҳар замон бар дилам нештар.»

Дар эпизоди Кова ва Заҳҳок зулми миллӣ ва иҷтимоӣ дар мисоли тасвири мифологии ба морон додани мағзи сари фарзандони халқ, ки ниҳояти зулм ва вазнинии аҳволи оммаҳои меҳнаткашро ифода кардааст, акс ёфтааст:

Маро буд ҳаждаҳ писар дар ҷаҳон,
Аз ишон яке мондааст ин замон...
Ҷавонӣ намондасту фарзанд нест,
Ба гетӣ чу фарзанд пайванд нест.
Ситамро миёну карона бувад,
Ҳам эдун ситамро баҳона бувад...
Яке безиён марди оҳангарам,

Зи шоҳ оташ ояд ҳаме бар сарам...
Ки морон-тро мағзи фарзанди ман
Ҳаме дод бояд ба ҳар анҷуман.

Ба ин тариқ, Қова бо додхоҳӣ баргардондани охирин писари худро талаб менамояд:

Бубахшою бар ман яке дарнигар,
Ки сӯзон шавад ҳар замонаш ҷигар.

Подшоҳи золим Заҳҳок, ба умеди ин ки намояндаи халқ ба маҳзар имзо кунад, писари Қоваро бармегардонад ва ба маҳзар имзо гузоштанро таклиф мекунад. Қова аввал писари худро озод карда, баъди хондани маҳзар онро ба таври қатъӣ рад мекунад ва аъёну ашрофро, ки розигӣ дода буданд, ба хиёнат маҳкум менамояд:

Хурӯшид, ки: — «Эй поймардони дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев.
Ҳама сӯи дӯзах ниҳодед рӯй:
Супурдед дилҳо ба гуфтори ӯй.
Набошам бад-ин маҳзар андар гувоҳ,
На ҳаргиз барандешам аз подшоҳ!»
Хурӯшиду барҷаст ларзон зи ҷой,
Бидарриду биспурд маҳзар ба пой.

Дар гуфтор ва рафтори Қова заковат ва ҷасорати халқ зоҳир гаштааст. Хислати умумихалқӣ доштани образи Қова аз он факти забонӣ ҳам маълум аст, ки ба ҷои «ман» «мо»-ро кор фармудааст:

Агар ҳафт кишвар ба шоҳӣ туро ст,
Чаро ранҷу сахтӣ ҳама баҳри мост?

Аломати дигари халқияти образи Қова дар ин аст, ки вай пир асту кори ҷавонӣ мекунад ва ба рӯи шоҳу синфи аъён нотарсона сухан меронад, зеро бо меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ дорад. Мутеи талаботи моддию маънавӣ нест. Дар ҳақиқат, халқ қадимӣ (пир) бошад ҳам, ҳамеша ҷавон ва қодири корҳои душвору вазнин аст:

Ки чун Қова омад зи даргаҳ падид,
Ду гӯши ман овои ӯро шунид.
Миёни маҳу ӯ ба айвон дар аст,
Яке оҳаникӯҳ, гуфтӣ, бар аст...
Ҳамерафт пеш андар он марди гурд,
Сипоҳе бар ӯ анҷуман шуд, на хурд.

Хислатҳои халқии образи Қова боз дар алоқаи ӯ бо халқ аст. Вақте ки вай аз дарбор бо писари худ хурӯшон баромада ба сари бозор рафт, мардум ба атрофи ӯ гирд омаданд:

Ғаронмоя фарзанди ӯ пеши ӯй,
Аз айвон бурун шуд хурӯшон ба кӯй...

Чу Кова бурун омад аз пеши шох,
Бар ӯ анҷуман гашт бозоргоҳ.
Ҳаме бархурӯшиду фарьёд хонд,
Ҷаҳонро саросар сӯи дод хонд.

Кова пешгири чармини худро ба нӯги найза байраќи озодихоҳӣ кардан, адолатхоҳӣ ва ғайра хеле равшан намоён аст. Аз Фаридун, ки аз нажоди шоҳи меросии Эрон Ҷамшед аст, даъват менамояд:

Аз он чарм, к-оҳангарон пушти пой
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой.
Ҳамон Кова он бар сари найза кард,
Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард.
Хурӯшон ҳамерафт найза ба даст,
Ки «эй номдорони яздонпараст!
Касе, к-ӯ ҳавои Фаридун кунад,
Сар аз банди Заҳҳок берун кунад...»

Баъд аз ин байраќи Кова ҳамчун рамзи халқи меҳнаткаш меъёри муайякунандаи дӯсту душман шуда, байраќи давлатии каёнӣ мешавад ва ҳар подшоҳе, ки ба сари тахт меомад, ба он санги қиматбаҳое менишонд:

Бар он бебаҳо носазовор пуст,
Падид омад овози душман зи дӯст...
Фурӯҳишт з-ӯ сурху зарду бунафш,
Ҳамехондаш «Коваёнидиравш».

Фирдавсӣ образ ва ақидаи иҷтимоии Коваро таърихан дуруст тасвир кардааст—муқобили подшоҳи золим ва бегона, тарафдори подшоҳи «одили худӣ» ва адолатҳоҳу шоҳпараст, ки хислати ақидаи оммаҳои меҳнаткаши замони феодалӣ мебошад. Пас, шоир дар симои Кова ва амалиёти ӯ муборизаи озодихоҳии миллӣ, иҷтимоӣ ва озодихоҳии халқро акс кунонида, ӯро ба таври қатъӣ ба муқобили аъёну ашрофи феодалӣ гузошта, худ дар ақиби коваҳо истодааст ва бо вуҷуди баромади иҷтимоии ашрофӣ доштан, аз сабаби дорои ақидаҳои халқпарварӣ ва адолатҳоҳӣ будан, дар мавқеи халқӣ истодааст ва дар ин рафтори эҷодии ӯ халқияти асараш зоҳир гаштааст.

**Монӣ**—Ин шахси таърихӣ чун даъвогари пайғамбарӣ бар хилофи дини расмии давлатии зардуштӣ—маздопарастӣ пешвои халқ аст ва дар шакли якуми баромадҳои зидди феодалӣ, ки баромади мистикист, хуруҷ намудааст. Таълимоти динии ӯ, чӣ тавре ки дар боби адабиёти қадим дидем, дорои моҳияти динӣ-мистикӣ буда, дар замони бӯҳрони ҷамъияти ғуломдорӣ ва пайдо шудани ҷамъияти феодалӣ эътирози оммаҳои мазлуми ҳалқро бар зидди аъёну ашроф ифода намудааст, вале аз рӯи хислати ақидаи замонҳои гузашта пардаи динӣ дорад. Аз рӯи тасвири Фирдавсӣ Монӣ наққоши беҳамтои Чин ва даъвогари пайғамбарист:

Биёмад яке марди гӯё зи Чин,
Ки чун ӯ мусаввир набинад замин.
Бад-он чарбдастӣ расида ба ком,
Яке пурманиш мард Монӣ ба ном.
«Ба суратгари, — гуфт — пайғамбарам,
Зи диноварони ҷаҳон бартарам».

Аз гуфтори Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки ӯ бо вуҷуди дорои ақидаи исломӣ будан, ки динҳои дигарро куфр медонад, муносибати манфӣ надорад, баракс, образи Мониро мусбат ба қалам додааст: мусаввири беназири ҷаҳон, марди гӯё, пурманиш, кушодазабон ва ғайра. Фирдавсӣ ақидаи Мониро қайд накардааст. Бо фармони шоҳ Шопур бо вай мунозира кардани мӯбад, вале банд шудани ӯро нақл карда, нуқтаи назари манфии мӯбадро бештар баён намудааст, ки он ақидаи худи Фирдавсӣ мӯбад Мониро дар суратпарастӣ ва дуньёро аз рӯшноию торикӣ иборат донистан сарзаниш кардааст, вале ҷавобҳои Мониро наовардааст:

Фурӯ монд Монӣ миёни сухан,
Зи гуфтори мӯбад зи дини кӯҳан.
Бад-ӯ гуфт, ки: — «Эй марди суратпараст,
Ба яздон чаро охти хира даст!?..
Куҷо нуру зулмат бад-ӯ андар аст?
Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст».

Азбаски дар муҳокима бештар мӯбад сухан рондааст, образи мӯбади худоҷӯи дини куҳан бисьёртар дида мешавад.

Аз рӯи тасвири Фирдавсӣ оқибати кори Монӣ бо фатвои мӯбад ва фармони шоҳ зиндонӣ гардидан, пӯст канда шудан ва ба дор овехта шудани пӯсти коҳҷойкардашудаи ӯ ба охир расидааст, зеро дар симои вай душмани ошӯбгари зидди дину давлатро дидаанд:

Чунин гуфт, к-ин марди суратпараст,
Нагунҷад ҳаме дар сарои нишаст,
Ки ошӯби гетӣ саросар бад-ӯст,
Бибояд кашидан саропой-пуст,
Ҳамон чармаш оганда бояд ба коҳ,
Бад-он, то наҷӯяд кас ин пойгоҳ.
Биёвехтанд аз дари Шорсон
В-агар пеши девор беморсон.

Дар симои Монии файласуфу наққоши озодиҳоҳ, ки худро дар ҷомаи пайғамбари дину оини нав ба қалам додааст, оқибати кори ӯ, муборизаи ваҳшиёнаи синфи ҳоким бо сардории шоҳ ва мӯбадон, муборизаи ақидаҳои кӯҳна бо нав, моней кардани қувваҳои нави озодихоҳ, гирифта шудани пеши роҳи прогресс инъикос ёфтааст. Муносибати Фирдавсӣ ба Монӣ ва воқеаи кушта шудани ӯ дар байти зерин акс ёфтааст:

Ҷаҳоне бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама хок бар кушта афшонданд.

**Маздак** — Образи Маздак дар тассавур ва тасвири Фирдавсӣ низ мусбат аст, зеро бо сифатҳои нек ёдоварӣ кардааст:

Биёмад яке мард Маздак ба ном,
**Сухангӯю бодонишу рою ком.**
**Гаронмоя мардеву донишфурӯш,**
Қубоди диловар бад-у дод гӯш.

Фирдавсӣ симои таърихии Маздакро дуруст тасвир карда, ӯро одами донишманд, таълимдиҳандаи дини нави бародарӣ ва баробарӣ, бо ин ният маслиҳатчӣ ва вазири шоҳ Қубоди Сосонӣ ба қалам додааст:

Ба назди шаҳаншоҳ дастур гашт,
Нигаҳдори ӯн ганҷу ганҷур гашт.

Вай сабабҳои ба пешвоии халқи мазлум ва меҳнаткаш омадани Маздак, ба вуҷуд омадани таълимоти иҷтимоӣ ва фалсафии баробарию бародариро на аз хости худо, балки аз воқеаҳои ҷамъиятӣ ва сабабҳои иқтисодӣ маънидод кардааст, ки дуруст аст. Сабаби асосии таърихии хурӯҷи Маздак ва пайравони ӯ зиёд шудани нобаробариҳои иқтисодӣ, торафт чуқур шудани ҷараёни феодалонидани сохти ҷамъиятӣ, афзун шудани моликияти феодалӣ, торафт хароб шудани общинаҳои деҳқонон, давом кардани ҳолати ғуломии халқ, худсарии аъёну ашрофи ғуломдору феодалҳо буд, вале ба зуҳуроти шӯриш хушксолӣ, қаҳтӣ, гуруснагӣ, ғалларо анбор кардани ашрофони феодалӣ баҳона гардид:

Зи хушкӣ хӯриш танг шуд дар ҷаҳон,
Миёни меҳону миёни кеҳон.
Зи рӯи ҳаво абр шуд нопадид,
Ба Эрон касе барфу борон надид.
Меҳони ҷаҳон бар дари Кайқубод
Ҳаме ҳар кас аз обу нон кард ёд.

Маздак дар мисоли одамони моргазида (одамони гурусна) ва тарьёку тарьёкдор (бо заҳри мор) дар бораи ёрӣ додан ба фалокатзадагони ҷамъият сухан ронда, мантиқан исбот кард, ки агар тарьёкдорҳо (давлатмандон) таркьёкашон (гандум)-ро ба мардум надиҳанд, моргазидагон мемиранд, гуноҳ бар зиммаи тарьёкдорон аст. Маздак баъд аз мубоҳисаҳо бо Қубод ва ба вай исбот кардани ақидаи худ, ки одамон бояд дар неъматҳои моддӣ баробар бошанд ва подшоҳи одил гуруснагонро дастгирӣ кунад, ба мардум муроҷиат карда, онҳоро даъват менамояд, ки аз анборҳо ғаллаҳоро гиранд:

Чу бишнид, Маздак, замин бӯса дод,
Хиромон биёмад зи пеши Қубод,
Ба даргоҳи ӯ шуд, ба анбӯҳ гуфт,
Ки «ҷое, ки гандум бувад дар нуҳуфт,
Шаведу ҳама баҳра з-ӯ баргиред,
Баҳо гар бигиранд, деҳ биспаред.

Давиданд, ҳар кас ки буд гурсина,
Ба тороҷ доданд гандум ҳама,
Чи анбори шаҳрӣ, чи они Қубод,
Ба як дона гандум набуданд шод.

Аммо аристократияи феодалӣ ба ин рафтори Маздак розӣ набуд ва ба подшоҳ муроҷиат карданд:

Чу диданд, рафтанд корогаҳон,
Ба наздики бедор шоҳи ҷаҳон,
Ки «тороҷ карданд анбори шоҳ,
Ба Маздак ҳаме боз гардад гуноҳ».

Қубод дар ин масъала (тороҷи анбор) Маздакро сарзаниш мекунад, вале Маздак баъд аз нақли заҳру позаҳр ва мору моргазида розӣ шудани шоҳро далел оварда, ҳақ будани кори худро тасдиқ менамояд ва аз рӯи адолат набудани дар анбор истодани ғалла, вале аз гуруснагӣ мурдани мардумро арз мекунад:

Сухан ҳар чӣ бишнидам аз шаҳриёр,
Бигуфтам ба эрониён хор-хор.
Ба шоҳи ҷаҳон гуфтам аз мору заҳр
В-аз он кас, ки тарьёк дорад ба шаҳр...
Агар додгар бошӣ, эй шаҳриёр,
Дар анбор гандум наёмад ба кор.
Шикам гурсина чанд мардум бимурд,
Ки анбор осуда ҷонаш бибурд.

Ба ҳамин тариқ, Маздак аз рӯи ироданокӣ ва мантиқи гуфтор Қубоди ба хашмомадаро водор мекунад, ки хомӯш монад. Шоир ба тариқи руҷӯи лирикӣ ба таълимоти Маздак ва рафтори ӯ баҳо додааст:

Зи чизе ки гуфтанд, пайғамбарон,
Ҳамон додгар мӯбадону сарон,
Зи гуфтори Маздак ҳаме каж гашт,
Суханҳо зи андоза андар гузашт.
Бар ӯ анҷуман шуд фаровон сипоҳ,
Басе кас зи бероҳӣ омад зи роҳ.

Ақидаи иҷтимоии Маздак, ки пардаи динӣ дорад, даъвои баробарӣ дар молу неъмат, ҷоҳу ҷалол ва зану фарзанд аст ва бо ин муносибат зиёд будани моликияти феодалҳоро маҳкум карда, онҳоро ба бародарӣ даъват менамояд:

Ҳамегуфт: «Ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Туҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Набояд, ки бошад касе барфузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.
Ҷаҳон рост бошад, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ ҳаром асту нохуб низ.
Зану хонаву чиз бахшида нест,
Туҳидаст кас бо тавонгар якест.
Ман инро кунам рост бо дини пок,

Шавад вижа пайдо баланд аз мағок.
Ҳар он кас ки ӯ ҷуз бар ин дин бувад,
Аз эзид бар он роҳ нафрин бувад».

Ҳар чанд ки Фирдавсӣ аз гуфтаи пайғамбарони гузашта берун рафтани Маздакро бо каме оҳанги норозигӣ қайд кардааст, вале ҳақ будани ӯро бо он факт тасдиқ менамояд, ки хурду калон ӯро тарафдорӣ кардаанд:

Ҳамегашт дарвеш бо ӯ яке,
Агар пир буданд, агар кӯдаке.
Аз ин бистудӣ чиз, додӣ бад-он,
Фурӯ монданд андар он бихрадон.

Ба ин тариқ, Маздак дини нави худро на танҳо ба мардум, ба шоҳ Қубод ҳам қабул кунонд ва ба сифати вазири маслиҳатчӣ пазируфта шуд:

Чу бишнид дар дини ӯ шуд Қубод,
Зи гетӣ ба гуфтори ӯ буд шод.
Варо ром биншонд бар дасти рост,
Надонист лашкар, ки мӯбад куҷост.

Ба ин равиш, на дину пешвои он ба хизмати давлат, балки давлат ба дини наву халқ ва пайғамбари он Маздак итоат кунонида шуд. Дар ин кор Маздак аз давлату подшоҳ истифода карда бошад ҳам, ба халқ такья мекард:

Бари ӯ шуд, он кас ки дарвеш буд,
В-агар нонаш аз кӯшиши хеш буд.
Ба гирди ҷаҳон тоза шуд дини ӯй,
Наёрост ҷустан касе кини ӯй.

Намояндагони синфи ҳоким ва доро маҷбур шуданд ба дину тартиби нав итоат кунанд:

Тавонгар ҳаме сар зи некӣ бикошт,
Супурдӣ ба дарвеш чизе ки бидошт.

Созиши синфи ҳоким қатъӣ ва доимӣ набуд, зеро зиддияти истисморкунандагон ва истисморшавандагон ҳамту ба осонӣ, ва ҳатто, бе задухӯрди мусаллаҳона ҳал намешуд. Бинобар ин, Маздак аз Қубод талаб кард, ки аз писараш Хусрави Парвиз, ки дини Маздакро қабул накардааст, забонхат гирад:

Чунин дон, ки Хусрав на бар дини мост,
Зи дин сар кашидан варо кай равост?!
Яке дастхатташ бибояд ситад,
Ки сар боз гардонад аз роҳи бад.

Маздак ба дини нав муқобил ва дар мавқеи дини кӯҳнаи давлатии расмӣ-зардуштӣ истодани Кисро—Ҳусравро фаҳмида, дар он дастхат ба панҷ чиз муқобил набуданро ба воситаи

Қубод аз валиаҳд Хусрав талаб кард: бар зидди рашку кина, хашму ниёз ва оз (ҳирс) будан, ки ба масъалаҳои рӯҳӣ-маънавии инсон дахл дорад:

Бупечонд аз ростӣ панҷ чиз,
Ки доно бар ин панҷ нафзуд низ.
Куҷо рашку кин асту хашму ниёз,
Ба панҷум ки гардад бар ӯ чира оз.

Ғайр аз ин, Маздак аз синфи доро дар симои Қубод ва Хусрав талаб кард, ки ба умумӣ кардани неъматҳои моддӣ ва занон розӣ шаванд:

Аз ин панҷ моро зану хостаст,
Ки дини беҳӣ дар ҷаҳон костаст.
Зану хоста бояд андар миён,
Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён.
Бад-ин ду бувад рашку озу ниёз,
Ки бо хашму кин андар ояд ба роз.

Дар гуфтаҳо зиддияти синфӣ ва ақидавӣ зоҳир гаштааст ва норозигии аввали синфи ҳоким дар он амалиёт рӯй дод, ки Хусрави Парвиз дар назди падараш Қубод ва Маздак ба он талабҳо ва шартҳои дастхат, ки Қубод ба он даст монда буд, имзо накард:

Чу ин гуфта буд, дасти Кисро гирифт,
Бад-ӯ монда буд шоҳи Эрон шигифт.
Аз ӯ номвар даст бистуд ба хашм,
Ба тундӣ зи Маздак битобид чашм.

Мувофиқи таклифи Қубод, ки Маздак ва Хусрав дар бораи якдигар андешаҳои худро гӯянд, Маздак ба дини нав қоил набудани Кисро ва Кисро роҳи дуруст набудани таълимоти Маздакро таъкид мекард:

Чунин гуфт Маздак, ки «Ӯ роҳи рост,
Ниҳонӣ надорад, на бар дини мост».
Бад-ӯ гуфт Кисро, ки ёбам замон,
Бигӯям, ки кажж аст як сар гумон.
Чу пайдо шавад кажживу костӣ
Дурафшон шавад пеши ту ростӣ».

Хусрав бо ризогии шоҳ Қубод ва Маздак барои фикр кардан панҷ моҳ мӯҳлат гирифта, дар ин муддат аз ҳама ҷои кишвар одамони худ—намояндагони синфи доро, арбобони давлат ва мӯбадони зардуштиро ҷамъ карда, ба муқобили Маздак ва пайравонаш аввал «мубоҳиса», баъд интиқоми хунин ташкил кард:

Фиристод Кисро ба ҳар ҷой кас,
Ки донандае диду фарьёдрас.

Мӯбадони зардуштӣ Маздакро аз мавқеи аристократияи феодалӣ ва қоидаву қонунҳои ҷамъияти синфии он муҳокима ва маҳкум мекарданд:

Яке дини нав сохтӣ дар ҷаҳон —
Ниҳодӣ зану хоста дар миён.
Чӣ донад писар, к-аш кӣ бошад падар,
Падар ҳамчунин чун шиносад писар?
Чу мардум баробар бувад дар ҷаҳон,
Набошанд пайдо кеҳону меҳон...
Ҷаҳон з-ин сухан пок вайрон шавад,
Набояд, ки ин бад ба Эрон шавад.

Қубод, ки аз рӯи тарс дини Маздакро «қабул» карда буд, зуд аз қавли худ гашт, писараш ва одамони ҷамъкардаи ӯ якҷоя шуда, Маздакро гунаҳкор мекунанд ва қарор медиҳанд, ки аз назди шоҳ дур карда шавад:

Зи диноварон ин сухан кас нагуфт,
Ту девонагӣ доштӣ дар нуҳуфт.
Ҳаме мардумонро ба дӯзах барӣ,
Ҳаме кори бадро ба бад нашмарӣ...
Пуровоз гашт анҷуман сар ба сар,
Ки «Маздак мабодо бари тоҷвар».

Фирдавсӣ дар ин «мубоҳиса» ва «мунозира» ба Маздак сухан надодааст, бинобар ин, маълум нест, ки ғайр аз таълимоташ дар ҷавоби онҳо чӣ гуфт. Қубод зуд аз дини Маздак гашта, худ ва пайравонашро ба Хусрав месупорад ва одамони тайёркардаи вай душманони ӯ, Маздак ва ҳаммаслаконашро бо фиреб ба боғи пешакӣ тайёр кардашуда бурда, ба дор мекашанд, мекушанд, зинда ба зинда гӯр мекунанд ва бадарға менамоянд:

Яке дор фармуд Кисро баланд,
Фурӯҳишта аз дор печон каманд.
Нагунбахтро зинда бар дор кард,
Сари марди бедин нагунсор кард
В-аз он пас бикушташ ба борони тир,
Ту гар боҳушӣ, роҳи Маздак магир!

Дар ин ду эпизод образи пешвои халқ Маздак дар пардаи динӣ, вале бо мазмуни иҷтимоӣ ва иқтисодиаш ба вуҷуд оварда шудааст. Фирдавсӣ ақидаи Маздакро нақл карда, намояндаи халқ будани ӯро таъкид намуда, синфи ҳоким ва бо манфиатҳои халқӣ созиш карда натавонистани онро объективона нишон дода, бо қатли хунин моликияти феодалҳоро ҳимоя намудани ҳукумати подшоҳиро тасдиқ кардааст:

Бузургон шуданд эмин аз хоста,
Зану зодаву ганҷи ороста.

Фирдавсӣ Маздакро тавсиф ва ба ӯ ҳусни таваҷҷӯҳ изҳор карда бошад ҳам, ҳамчун шахси диндор ва шахси мансуб ба

табақаи аристократия таълимоти ӯро бо ифодаи «ту гар бохуши, роҳи Маздак магир» рад карда, фикрҳои зиддимаздакиро аз забони мубадон ва Қисро, ки намояндагони синфи ҳоким, баён намудааст. Дар ин гуфтаҳо маҳдудияти синфии Фирдавсӣ зоҳир гаштааст.

**Образҳои мифологӣ ва рамзӣ дар «Шоҳнома»**

«Шоҳнома», ҳар чанд ки дорои достонҳои реалистона ва таърихист, дар он тасвирҳои мифологӣ кам нест. Ин хусусият аз он сабаб ба вуҷуд омадааст, ки асари мазкур дар айни замон маҷмӯи достонҳои афсонавӣ-мифологӣ ҳам мебошад ва тасаввури одамони қадимро дар бораи табиат ва ҷамъият акс кунонидааст. Образҳои мифологӣ ва реалӣ дар замонҳои қадим пайдо шуда, ҳамроҳи инсонҳо тағьир ва инкишоф ёфтаанд. Онҳо ба гурӯҳи мусбат ва манфӣ—фоидабахш ва зарарнок ҷудо мешаванд. Миқдору хели онҳо дар афсонаҳои қадим зиёд аст, вале чанде аз онҳо дар «Шоҳнома» нигоҳ дошта шудааст. Ба гурӯҳи образҳои мусбат Симурғ ва аспи Рустам—Рахш, ба гурӯҳи образҳои манфӣ девҳо, аждаҳо, ҷодугарҳо ва шерони даррандаро дохил намудан мумкин аст. Ин образҳои сеҳрангези қадим ҳамроҳи одамон буда ё фоида ва ё зарар мерасонанд ва дар асоси таассуроти динии хеле қадим ба вуҷуд омадаанд: **«Ҳар гуна дин маҳз инъикоси хаёлии дар майнаи одамон пайдошудаи ҳамон қувваҳои берунист, ки онҳо ба одамон дар ҳаёти ҳаррӯзаашон ҳукмронӣ мекунанд:— чунин инъикосест, ки дар он қувваҳои табиат мебошанд, ки онҳо дар рафти эволюцияи минбаъда дар байни халқҳои гуногун ба тарзи хеле гуногун шаклу рангоранг таҷассум ёфтаанд»***.

**Образи Симурғ**

Ин мурғи пурасрор ҳам дар адабиёти китобӣ вомехӯрад. Дар қадимтарин осори халқи тоҷик Авесто, дар қисмҳон Вандедод ва Яштҳо дар шакли «сенамурғ» зикр шудааст. Агар дар асрҳои VII—VI пеш аз милод эҷод шудани Авасто ва аз мифҳои қадим ба адабиёти китобӣ гузаштани ин гуна образҳоро ба назар гирем, образи Симурғ хеле қадим аст. Ин ном минбаъд дар китоби давраи паҳлавӣ Бундаҳишн «сенамурв» номида шудааст. «Сенамурв»-ро аксарияти олимон, аз ҷумла олими рус Қ. В. Тревер дар асари худ «Сенмур»—«сагмурғ» шуморидаанд. Маълум аст, ки саг, асп, барзагов, хар, хурӯс ва ғайра аз ҳайвонҳо ва паррандаҳои фоидарасон буда, дар замонҳои қадим тотем буданд. Мисли Говмард аз ду унсур (саг ва мурғ) иборат будани Симурғ дар пояи муайян ба ҳам пайвастани ин ду тотемро нишон медиҳад. Ин шакл дар суратҳои қадима низ дар ҳамин намуд (сар—саг, тана—мурғ) акс ёфтааст, ки ба асри VI то милод мансуб аст. Яке аз ин гуна суратҳо дар рӯи ғилофи шамшере кашида шудааст, ки аз теппаи Ҳафтдодарони скифҳо ёфт шудааст ва он ҳоло дар музеи Эрмитаж нигоҳ дошта мешавад.

* *Ф. Энгельс.* Анти Дюринг, Душанбе, «Ирфон», 1975, саҳ. 333.

Тасвири он чунин аст: «Сагмурғ» ба паридан тайёр аст, думаш паҳн, минқори гирое дорад, сари мореро ба минқораш сахт нигоҳ доштааст, болҳояш ба боло бардошта, дастонаш ба пеш дароз шудааст. Дар ин ҳол ин парранда парвозкунанда нест, зеро бо сари синаи амудӣ истодааст. Дар китоби М. М. Дьяконов — «Очерки истории древнего Ирана» (1961, саҳ. 334, расми 76) нақше ҳаст, ки сару гарданаш ба саг монанд буда, пару болу ҷуссааш ба уқоб шабоҳат дорад ва он ба асри V то милод мансуб буда, дар пушти сараш аломати сари саг ҳаст, ки он аз дандонҳояш маълум аст. Сурати дигаре дар рӯи кӯза кашида шудааст, ки сару гӯшу чашм ба саг монанд буда, пою дасту думи рӯбоҳӣ дорад (расми 78). Дар китобҳои пешина (Авасто ва ғ.) ҷои маскани сенамурв дарахт аст, ки табиӣ ва реалистона мебошад. Шакли Симурғ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шакли паррандаи серпарест (ниг. ба сурати ч. 1, с. 280, китоби номбурда), ки минқор, думи хеле дароз дорад, мисли кӯҳ бузургу азамат аст ва ҷояш болои кӯҳ.

Аз ин тасвир дида мешавад, ки шакли Симурғ дар асрҳои давраи баъд аз ислом (аз ҷумла замони Фирдавсӣ) тағьир ёфтааст. Акнун сари он мисли сари саг нест, монанди сари паррандагон аст. Аз сари Симурғ барҳам хӯрдани сари саг бояд ба ақидаи динии исломӣ ва урфу одатҳои он алоқаманд бошад, зеро аввалан ислом дини зардуштиро куфр ва осори динҳои қадимӣ, аз ҷумла тотемҳоро хурофот ва сагро ҳаром эълон кард. Сониян, шояд аз ҳамин сабаб ба ҷои Сенамурв мурғи Анқо ва Рухи арабӣ пеш ронда шуда бошад, вале Сенамурв дар шакли тағьирёфтааш ҳамчун некхоҳи инсонҳо боқӣ монд. Фирдавсӣ афсонаҳои қадимро ба назм даровардa, ба Сенамурв (Симурғ) муроҷиат накарда наметавонист. Сенамурв на танҳо аз ҷиҳати шаклу ҷой, тарзи зиндагӣ ва моҳияташ ҳам тағьир ёфтааст. Дар варианти афсонаҳои қадим бачаҳои Сенамурвро ҳамеша морон мехӯрданд, чӣ тавре ки дар ҳаёт ҳаст, вале Симурғ мисли Кенгура бачаҳояшро дар пушташ гирифта мегардад. Тасвири ҷуссаи Симурғ дар силсилаи достонҳои ҳафтхони Исфандиёр (хонн V) тасвир ёфтааст, ки дар куштани он паҳлавонии ӯ нишон дода шудааст. Фирдавсӣ тавсифи бузургии Симурғро аз забони сарлашкари асирафтодаи Арҷосп Гургсор барои он овардааст, ки ба муқобили манманий Исфандиёр Симурғи бузургро зид гузорад:

Яке кӯҳ бинӣ сар андар ҳаво,
Бар ӯ бар яке мурғ фармонраво,
Ки Симурғ хонад варо корҷуй,
Чу парранда кӯҳест, пайкорҷӯй.
Агар пил бинад, барорад ба чанг,
Зи дарьё наҳангу зи хушкӣ паланг.
Набинад зи бардоштан ҳеч ранҷ,
Мар ӯро чу гургу чу ҷоду масанҷ.
Ду баччаст бо ӯ ба болои ӯй,

Ҳамон рой пайваста бар рои ӯй.
Чу ӯ дар ҳаво рафт, густурд пар,
Надорад замин тӯшу хуршед фар.
Агар боз гардӣ ба вай судманд,
Наёзӣ ба Симурғ кӯҳи баланд.

Фаъолияти аввалини Симурғ аз сайру гашти ӯ дар кӯҳистони Албурз оғоз ёфтааст, ки барои бачагонаш озуқа меҷуст ва ногоҳ дар домони кӯҳ кӯдаки урьёнро дид, ки ба болои сангу хок гузошта шудааст. Вай кӯдакро нахӯрд ва эҳтиёткорона ба хона — лонааш бурда, бачаҳояшро нагузошт, ки ӯро ҳамчун озуқаи овардаи модар хӯранд. Симурғ кӯдакро бо ҳамроҳии бачаҳояш бо хуни ҳайвонҳои шикоркардааш мепарварид. Дар ин тасвирҳо Симурғ ҳамчун модари ғамхору дӯстдори инсон, дояи фарзанди одам тасвир ёфтааст:

Худованд меҳре ба Симурғ дод,
Накард ӯ ба хӯрдан аз он бачча ёд.
Фуруд омад аз абр Симурғу чанг
Бизад, баргирифташ аз он гармсанг.
Бибурдаш дамон то ба Албурзкӯҳ,
Ки будаш дар он ҷо куноми гурӯҳ.
Сӯи баччагон бурд, то бишканад,
Бад-он нолаи зори ӯ нангаранд...
Нигаҳ кард Симурғ бо баччагон,
Бар он хурд хун аз ду дида чакон.
Шигифте ба рӯ барфикананд меҳр,
Бимонданд хира бад-он хубчеҳр,
Шикоре, ки нозуктар он баргузид,
Ки бешир меҳмон ҳаме хун мазид.
Бад-ин гуна то рӯзгори дароз,
Баромад, ки буд кӯдак он ҷо ба роз.
Чу он кӯдаки хурд пурмоя гашт,
Бар он кӯҳ бар корвонҳо гузашт.

Амалиёти дигари некхоҳонаи Симурғ дар он лаҳза зоҳир гашт, ки таваллуди фарзанди Рудоба Рустам душвор гашт ва Зол пари Симурғро дуд кард, ӯ ҳозир шуд. Дар ин тасвир аҳду паймоне, ки байни Симурғу Зол буд ва ҳамеша ба ёрии инсон тайёр будани он акс ёфтааст. Дар рафтор ва гуфтори Симурғ ба ақлу қуввати худ бовар доштан, аз ояндаи кӯдак пешгӯӣ кардан ва дар ҳар вазъият чораҷӯ будан намудор шудааст, ки дар он хислати хирадмандӣ ба вай одат шудааст. Ин гуна хислат ва сифатҳои Симурғ дар китоби зардуштии «Минуги хирад» (рӯҳ ё ки ақли ҳалкунанда) низ акс ёфтааст. Ҳамин тавр Симурғ Золу Сомро ором мекунад, ки аз ҳолати вазнини Рудоба ғамгин нашаванд ва аз ӯ фарзанде тавлид хоҳад шуд, ки ҳеҷ паҳлавоне ба ӯ баробар нест:

Чунин гуфт Симурғ, к:—«Ин ғам чарост,
Ба чашми ҳижабр андарун нам чарост?
Аз ин сарви симинбари моҳруй,
Яке шер бошад туро номҷӯй».

Симурғ маслиҳат медиҳад, ки марди ҷарроҳ биёранд ва Рудобаро бо май маст карда, ҷарроҳӣ намоянд. Дар ин маслиҳат ба Симурғ хислати ҳакимӣ дода шудааст, ки образи ҳаким ва шахси хирадманд аст:

Биёвар яке ханҷари обгун,
Яке марди бинодили пурфусун.
Нахустин ба май Моҳро маст кун,
Зи дил биму андешаро паст кун.
Ту бингар, ки бинодил афсун кунад,
Зи сандуқ, то шер берун кунад.
Бикаффад тиҳигоҳи сарви саҳи,
Набошад мар ӯро зи дард огаҳӣ
В-аз ӯ баччаи шер берун кашад,
Ҳама паҳлӯи Моҳ дар хун кашад
В-аз он пас бидӯзад куҷо кард чок,
Зи дил дур кун тарсу андӯҳу бок.

Симурғ ҳамчун ҳакими хирадманд на танҳо роҳи ҷарроҳиро маслиҳат дод, доруи ҷои ҷароҳатро низ фармуд, ки аз гиёҳ аст ва аз рӯи он молидани пари худро тавсия намуд:

Гиёҳе, ки гӯям ту бо ширу мушк,
Бикӯбу бикун ҳар се дар соя хушк,
Бисою биёло бар он хастагиш,
Бубинӣ ҳам андар замон растагиш.
Бар он мол аз он пас яке парри ман
Хуҷаста бувад сояи фарри ман.

Симурғ яке аз парҳои худро дода бармегардад. Фирдавсӣ дар ин тасвир комьёбиҳои амали ҷарроҳии замони худро аз забони Симурғ нақл кардааст. Дар ин гуфтаҳои ӯ ҳама ба ҷуз иштироки Симурғ ва молидану додани пари ӯ ҳаётист. Ҳар чанд ки номи гиёҳи доругиро нагуфтааст, вале аз рустаниҳои дорувор хабар додааст. Лаҳзаи дигаре, ки инсон ба ёрии Симурғ мӯҳтоҷ шудааст, яъне ӯ ба дастгирӣ омадааст, дар ҷанги Исфандиёр ночор шудани Рустаму Рахш аст. Агар ҳангоми тавлиди Рустам ба халосии Рудоба, безарар гирифтани кӯдак ва Золро аз хаяҷон берун овардан хизмат карда бошад, акнун барои халосии қаҳрамон Рустам, Рахши ӯ ва аз ҳолати ногуворӣ раҳоӣ додани Зол ба ёрии ӯ омадааст. Зол боз бо усули афсонавӣ пари Симурғро месӯзад ва ӯ ҳозир мешавад. Ӯ аз ҳуҷуми Исфандиёр, вазъияти бади Рустам ва Рахши вай арзи ҳол менамояд. Симурғ ин дафъа ба масъалаи табобат бо худбоварӣ ва бепарвоӣ назар мекунад, ки аз ин рафтори вай ҳакиму табиби боэътимод будани ӯ намудор гаштааст:

Бад-ӯ гуфт Симурғ, к:-«Эй паҳлавон,
Мабош андар ин кор хастаравон.
Сазад гар намоӣ ба ман Рахшро,
Ҳам он сарфарози ҷаҳонбахшро».

Симурғ ин дафъа ҳам табиби ҳозиқу ҷарроҳу меҳрубон ва ғамхори инсон, дар навбати аввал паҳлавони беназири Эрон

Рустам аст, ба ин маъно умуман ғамхору ҳаводори эрониён мебошад. Вай аввал Рустамро табобат мекунад, бо нӯлаш тирҳо ва хуни бастаро аз бадани ӯ мегирад:

Нигаҳ кард мурғ андар он хастагӣ,
Биҷуст андар ӯ рӯи пайвастагӣ:
Ба минқор аз он хастагӣ хун кашид
В-аз ӯ ҳашт пайкон ба берун кашид.
Бар он хастагиҳош молид пар,
Ҳам андар замон гашт бо зӯри фарр.
Бад-ӯ гуфт: — «Ин хастагиҳо бубанд,
Ҳамебош як ҳафта дур аз газанд.
Яке парри ман тар бигардон ба шир,
Бимол андар он хастагиҳои тир!»

Симурғ на танҳо табиби инсон, ҷарроҳи ҳайвон ҳам мебошад. Вай Рахши маҷрӯҳро табобат кард. Ин ғамхорӣ ба шарофати он аст, ки вай ба қаҳрамони асосӣ Рустам мансуб аст, аз ин рӯ, барои хуб шудани аҳволи ӯ Рахшро ҳам табобат кард:

Бар он ҳам нишон Рахшро пеш хост,
Бад-ӯ ҳамчунин кард минқор рост.
Бурун кард пайкон шаш аз гарданаш,
Набуд эч пайкон дигар дар танаш.

Вақте ки ҳар ду сиҳат шуданд, Симурғ ба Рустам маслиҳат дод, ки бо Исфандиёр наҷангад, зеро вай фарри эзидӣ дорад. Ғайр аз ин, ӯ шаҳриёр асту паҳлавони қавӣ. Ӯро куштан ба кушанда бадбахтӣ меорад:

Гар эдун, ки бо ман ту паймон кунӣ,
Сар аз ҷанг ҷустан пушаймон кунӣ...
Бад-ӯ гуфт Симурғ, к:—«Аз роҳи меҳр
Бигӯям ҳаме бо ту рози сипеҳр,
Ки ҳар кас ки хуни ял Исфандиёр
Бирезад, варо бишканад рӯзгор.
Ҳамон низ то зинда бошад зи ранҷ,
Раҳоӣ наёбад, намонад-ш ганҷ».

Симурғ дар ҷавоби Рустам маслиҳат медиҳад, ки ба Исфандиёр аз роҳи сулҳ ва гуфтори нек сухан ронад. Дар ин гуфтаҳо сулҳдӯстӣ ва накӯкирдории Симурғ намудор гаштааст, ки дар он хислати халқӣ зоҳир гаштааст:

Бад-он раҳ, ки Симурғ буд раҳнамой,
Ҳаме буд бар торакаш бар ба пой.
Бад-ӯ гуфт: — «Акнун чӣ Исфандиёр,
Биёяд, ки ҷӯяд зи ту корзор.
Ту хоҳиш куну ҷӯй аз ӯ ростӣ,
Мазан ҳеҷ гуна дари костӣ.
Магар боз гардад ба ширинсухан,
Ба ёд оядаш рӯзгори куҳан».

Инчунин вай маслиҳат медиҳад, ки агар Исфандиёр ба гапи нағз ром ва ба сулҳ розӣ нашавад, бо тире, ки аз чуби газ

сохта шудааст, ба чашмонаш занад, зеро танҳо чашмони ӯ тиргузар аст:

Чу пӯзиш кунӣ чанду напзирадат,
Ҳаме аз фурӯмоягон гирадат,
Ба зеҳ кун камонрову ин тири газ
Бад-ин гуна парвардаи оби раз,
Абар чашми ӯ рост кун ҳар ду даст,
Чунон чун бувад мардуми газпараст:
Замона барад рост онро ба чашм,
Шавад куру бахт андар ояд ба хашм.

Ҳамин тавр, ҳар чанд ки Исфандиёр бо маслиҳати Симурғ ва тири газини Рустам кӯр ва кушта шуд, бо вуҷуди ин, Симурғ сулҳҷӯй аст. Дар айни ҳол айб дар Исфандиёр буд, ки бо ҳеҷ роҳ сулҳро аз рӯи ғурур, манманӣ ва ҳукмрони ягонаи олам шудан қабул намекард. Хулосаи шоир ин аст, ки ҷангҷӯёну мағрурон бояд ҷазо бинанд, чунон ки Исфандиёр дид. Чунин рафтори Симурғ як навъ қасос аз Исфандиёр буд, зеро дар хони панҷуми худ аз рӯи мағрурӣ ва нописандӣ, ки ӯ аз ҳама, ҳатто, аз Симурғ ҳам зӯртар аст, Симурғеро барои худнамоӣ дар назди Гургсор кушта буд.

Ба ҳамин тариқ, образи Симурғ дар «Шоҳнома» рамзи дӯстӣ, рафоқат, меҳрубонӣ, ғамхорӣ ба инсон буда, сулҳҷӯй ва некхоҳ аст. Ба қаҳрамони халқӣ Рустам ҳамеша ҳайрхоҳ, вале ба душманон аввалан сулҳӯй ва дар ҳолати якроҳагии онҳо бераҳм аст. Ба ин маъно ҳам Симурғ образи мусбати халқист. Ин маънӣ аз забони Сом ифода ёфтааст:

Ки эй шохи мурғон, туро додгар
Бад-он дод нерӯву зӯру ҳунар,
Ки бечорагонро ҳаме ёварӣ
Ба некӣ ба ҳар доварон доварӣ.
Зи ту бадсиголон ҳамеша нажанд,
Бимон ҳамчунин ҷовидон зӯрманд.

**Рахш** Дар «Шоҳнома» образи дигари мусбате ҳаст, ки он ҳамеша ҳамроҳ ва ёридиҳандаи қаҳрамони марказӣ — Рустам аст. Ин образи дорои хислатҳои мифологӣ Рахш аст. Рахш аспи зӯру тавоноест, ки чӯпонон барои паҳлавони оянда парвариш мекарданд ва онро танҳо Рустами ҷаҳонпаҳлавон бо зӯрӣ метавонист ба худ тобеу ром кунад. Дар кори тарбия карда ,ба воя расондани Рахш ва онро танҳо ба Рустам додани галабонҳо ҳиссиёти ватандӯстонаи халқ инъикос ёфтааст. Аввалан, Рахш аспи тавоноест, ки танҳо он ба вазни Рустам тоб оварда метавонад. Ғайр аз ин, ба Рахш хислатхои зиракӣ, ҷанговарӣ ва рамузфаҳмӣ дода шудааст, ки дар натиҷа ӯ аз хислатҳои реалистона дида, бештар хислатҳои мифологӣ пайдо кардааст. Масалан, Рахш ӯро аз зарарасонҳо бонӣ мекунад, вайро бедор менамояд ва аз омадани ҳайвонҳои даррандa ва мори аждаҳо огоҳ менамояд. Вақте ки Рустам ба тезӣ аз хоб бедор намешавад, худаш бо ҳайвонхои даранда ва аждахо меҷангад ва онҳоро нобуд менамояд.

Дар ин асари безавол образҳои мифологии манфӣ ҳам ҳастанд, ки онҳо дар шакли девҳо, ҷодугарҳо, аждаҳо ва ҳайвонҳои ваҳшию дарранда зоҳир гаштаанд. Ин образҳо дар амалиёти Рустам, Исфандиёр, Гаршосп ва ғайра намудор гаштаанд ва аз дасти инсон — қаҳрамонҳо мағлуб шудаанд, ки он идеали Фирдавсӣ мебошад. Ин образҳои манфӣ душманони инсонҳои некро ифода кардаанд.

## МАҲОРАТИ ЭҶОДИИ ФИРДАВСӢ

Методи эҷодии Абулқосим Фирдавсӣ бо ҷаҳонбиниаш вобастааст. Ӯ дар ҷаҳонбинӣ худоҷӯ, идеалист ва пайрави ақидаи динӣ буда, дар ақидаи иҷтимоӣ адолатхоҳ, халқпарвар, инсондӯст ва ватанпарвар мебошад. Аз ин ҷост, ки методи эҷодии вай бо анъанаҳои ғоявии фольклори халқҳои эронӣ ва назми классикии тоҷику форс дар асрҳои IX—X вобастагии зич дорад.

Дар «Шоҳнома» метод ва усули эҷодии мифологӣ ва тасвири қаҳрамонӣ ҷои асосиро ишғол кардааст, ки он хислати лироэпикӣ дорад. Реализм дар лаҳзаҳои ҷудогона мавҷуд бошад ҳам, мавқеи асосӣ надорад. Қисме аз лавҳаҳои «Шоҳнома» ба фактҳои таърихии давраҳои Ҳахоманишӣ, истилои Искандари Македонӣ ва юнониҳо, замони ҳукмронии ашкониҳо (аршакиҳо) ва Сосониён вобаста бошад ҳам, дар бисьёр ҳолатҳо ба рӯи онҳо пардаи услуби афсонавӣ пӯшонда шудааст, ки он ба тарзи баёни бадеии фольклорӣ монанд аст. Масалан, муносибати ошиқонаи Судоба бо писарандари худ Сиёвуш, ки дар ҳолати ком наёфтан ба вай тӯҳмат кардани ӯ, вале ба таври қатъӣ онро рад кардани Сиёвуш, ба тӯҳматҳои Судоба дар ҳаққи Сиёвуш ва макри ӯ бовар кардани падар—Кайковус, писари худро санҷидани ӯ ҳаёти пур аз фаҳши дарбориёнро реалистона тасвир кардааст, вале лаҳзаи аз байни оташи бузурги муқаддас безарар гузаштани Сиёвуш, ки аломати бегуноҳии ӯст, пардаи афсонавӣ дорад.

Ё барои мисол ҳикояти зани деҳқон ва Баҳромро гирифтан мумкин аст. Вақте ки деҳқонзан аз рӯи фаросат подшоҳ будани меҳмони худ Баҳромро шинохт, баъд аз кори ба ҷо овардани расми меҳмондорӣ дар ҷавоби талаби Баҳром, ки зан ҳикояте кунад, аз ҳокимони кишвар, ки деҳаро хароб карда буданд, шикоят кард:

Зани пурманиш гуфт, к:—«Эй покрой,
Бад-ин деҳ фаровон кас асту сарой.
Ҳамеша гузори саворон бувад,
Зи девони шаҳ кордорон бувад.
Яке номи дуздӣ диҳад бар касе,
Ки фарҷом аз он ранҷ ёбад басе.
Бикӯшад зи баҳри дирам панҷу шаш,
Ки нохуш кунад бар дилаш рӯзи х(в) аш.

Зани поктанро ба олудагӣ
Барад ному ёзад ба беҳудагӣ.
Зиёне бувад, к-он наёяд ба ранҷ,
Зи шоҳи ҷаҳондор ин аст ранҷ».

Шоҳ Баҳром аз ин тавр ошкоро ва ҳаққонӣ сухан рондани деҳқонзан хашмгин мешавад, зеро аз гуфтаҳои ӯ бадном мегардад. Ба ин андоза густох шудани халқи оддӣ ба вай маъқул нашуда, шаб то рӯз хоб накарда, фикр мекунад, ки сахтгирӣ бояд, то ки мардум аз вай тарсанд:

Пурандеша шуд з-ин сухан шаҳриёр,
Ки бад шуд варо ном аз он пойкор.
Ба дил гуфт пас шоҳи яздоншинос,
Ки «аз додгар кас надорад ҳарос.
Дурушти кунам з-ин сипас рӯз чанд,
Ки пайдо шавад меҳру дод аз газанд».

Ба чунин тасвири ҳақиқати ҳаёт унсури афсонавӣ илова шудааст—бо хашмгин шудани шоҳ шири гови деҳқон аз пистонаш гурехтааст:

Туҳӣ дид пистони говаш зи шир,
Дили мизбони ҷавон гашт пир.

Деҳқонзан аз ин ҳол пай бурд, ки дили подшоҳ ба ситамгорӣ моил шудааст:

Ситамгора шуд шаҳриёри ҷаҳон,
Дилаш душ печон шуд андар ниҳон.

Деҳқонзан аз зулми шоҳ вайрон шудани ахлоқи мардум ва кори ҷаҳонро ба шавҳари худ арз менамояд:

Бад-ӯ гуфт зан, к: — Эй гаронмояшӯй,
Маро беҳуда нест ин гуфтугӯй.
Ба пистонҳо дар шавад шир хушк,
Набӯяд ба нофа дарун низ мушк.
Зинову риё ошкоро шавад,
Дили нарм чун санги хоро шавад.

Подшоҳ Баҳром бо шунидани ин суханҳо аз андешаи худ пушаймон мешавад. Он гоҳ боз ба пистони гов шири фаровон меояд:

Чу шоҳи ҷаҳон з-ин суханҳо шунуд,
Пушаймонӣ омад аз андеша зуд...
Зи пистони говаш биборид шир.
Зани мизбон гуфт, к:— эй дастгир.

Чунон ки мебинем, дар як маврид бештарини воқеаҳо дар плани афсонавӣ-мифологӣ тасвир шуда, ба онҳо унсурҳои реалистӣ дохил карда мешавад, дар мавриди дигар, ба тасвири реалистӣ зуд хислатҳои мӯъҷизавӣ ва «таъсири қувваи илоҳӣ» ҳамроҳ мегардад, ки он рафти воқеаро тағйир медиҳад. Ма-

салан, дар ҷанги Баҳроми Чӯбина бо Хусрави Парвиз, ки хислати реалистонаи таърихӣ дорад, Хусрави шикастхӯрдаи аз аскаронаш дар байни кӯҳ ҷудо монда ба худо мурочиат мекунад, ӯ фариштаи Сурушро фиристода, вайро аз назари душман пинҳон медорад ва Хусрав халосӣ меёбад.

Ҳамин тавр, на услуби ягонаи тасвир, балки вобаста ба воқеаҳо тағьир ёфта истодани он ба назар мерасад. Вақте ки ба қисмҳои «Шоҳнома» назар меандозем, қисми аввал аз мифҳои қадим оғоз ёфтааст. Дар мифҳо тасаввуроти оддӣ ва соддалавҳонаи инсони ибтидоӣ дар бораи табиат ва ҷамъият акс ёфтааст. Аввалин душмани инсонҳо, ки сардорашон шоҳ Каюмарс аст, на одамон, балки рӯҳи нопок Аҳриман ва девҳо (Деви Сиёҳ, Деви Сафед ва ғайра) мебошанд. Қувваҳои некӣ аз қабили яздон дӯсти инсон аст. Гови Фаридунро бо шири худ парваришкарда, Симурғи Золро ба воярасонда ва ғайра аз персонажҳои мифи қадиманд. Дар эҷоди мифҳо Фирдавсӣ ба ақидаҳои қадимии халқҳои эронӣ такья кардааст.

Қисми қаҳрамонии «Шоҳнома» аз Сом, Зол ва Рустам оғоз ёфта бошад ҳам, дар амалиёти Фаридун ба муқобили Заҳҳок низ қаҳрамонии бемислу монанд тасвир ёфтааст. Қисми достонҳои эпикии қаҳрамонӣ бештар ҳақиқати ҳаётӣ дошта бошад ҳам, аз унсурҳои афсонавӣ холӣ нест. Масалан, қиссаҳои ҳафт хони Рустам, ҷанги Рустам бо Аквондев, Деви Сафед, Аржангдев, аждарҳо ва ҷодугарҳо. Ин гуна лаҳзаҳо дар тасвири амалиёти Гуштосп, ҳафт хони Исфандиёр ва ғайра низ мавҷуд аст. Дар айни замон дар ин гуна лаҳзаҳои мифологӣ тасвирҳои реалистона ҳам кам нест. Масалан, дар ҷанги тан ба тани Рустам бо паҳлавон Авлод аз лаҳзаҳои релистона бой аст. Қисми таърихии «Шоҳнома» ҳам аз унсурҳои мифологӣ холӣ нест, зеро тасвири афсонавӣ, аввало, услуби асосии Фирдавсист, сониян, воқеаҳои таърихӣ ба услуби асосӣ итоат кунонида шудааст. Агар кас воқеаҳои таърихиро бо услуби тасвир муқоиса кунад, ин лаҳза зуд ба назар мерасад. Аз ин фактҳои эҷодӣ маълум мешавад, ки тасвироти Фирдавсӣ гуногун бошанд ҳам, вале дар ҳар се қисми «Шоҳнома» онхо як навъ оҳанги ягона доранд. Бо вуҷуди ин, тасвири барҷаста, равшан ва намоёни ягон хислати қаҳрамон, предмет ва ё воқеаҷои алоҳидаро ишғол менамояд. Аз ин нуқтаи назар, манзараи зерин ба назар менамояд:

Каюмарс дорои хислати умумиинсонӣ ва асосгузори давлати шоҳӣ; Ҷамшед соҳиби хислати духӯра — аз як тараф, подшоҳи бузургест, ки дар замони ӯ тараққиёти куллӣ рӯй додааст, аз тарафи дигар, ба ғалаба ва комьёбиҳои худ мағрур; Заҳҳок шоҳест бегона (араб) ва бо таъсири Аҳриман тадриҷан аз подшоҳи одил, ки ба Ҷамшеди мағрур ҷазо дода буд, ба подшоҳи золими хунхор мубаддал мешавад ва ҳамеша аз пайдоиш ва ғалабаи подшоҳи қонунӣ ва меросии Эрон тарс дорад; Фаридун иродаи ягонае дорад, ки ватан — Эронро аз

ҳукмронии подшоҳии золими бегона наҷот диҳад; Эраҷ дорои хислатҳои нармӣ, раҳмдилӣ, бародарӣ ва инсондӯстӣ; бародаронаш дорои хислати рашку ҳасад ба бародари худ Эраҷ; Кайковус дорои кирдори сабукрӯҳӣ, булҳавасӣ, беандешагӣ ва мағрурӣ; Сиёвуш бо поквиҷдонӣ, сулҳпарварӣ ва дӯстии халқҳо; Нӯшинравон бо қатъият ва ироданокӣ; Гударз бо хирадмандӣ Баҳроми Чӯбина бо ифтихормандӣ ва қаҳрамонию ҷасорат; Гурдия бо хислати қабул накардани ишқи хориҷиён дар заминаи ватандӯстӣ ва бегона накардани хуни миллӣ; Манижа дар масъалаи ишқ ба ҳисоб нагирифтани ин масъала ва содиқ будан ба вафодорӣ ва муҳаббат; Исфандиёр бо мансаб — ҳокимиятпарастии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Илова бар ин, қисми хеле зиёди қаҳрамонҳо ғайр аз хислатҳои асосӣ хислатҳои дараҷаи дуюм ҳам доранд. Масалан, Зол қаҳрамони бемисл, мағлубнашаванда, нотарс, дар айни замон ҳурматкунандаи ҳуқуқи шоҳии меросӣ, фармонбардори бечуну чарои падар, вале дар роҳи ишқ ва дӯстии байни қабилаҳо устувор; Исфандиёр ҷӯяндаи ҳақиқатест, ки дар ин роҳ ҷангҳо ва қаҳрамониҳо нишон додааст. Вай оқил, нотарс, аммо сахтгир; Гударз, аз як тараф, сардори давлати бузурги рыцарӣ, қаҳрамони ҷасуру нотарс, дар ҷанги душман беамон, вале дӯстдори беҳамтои падар, марди доно ва боандеша аст.

Образи Рустам дар плани умумимиллӣ хеле гуногун аст. Вай ба масъалаҳои иҷтимоӣ, синфӣ дахл намекунад. Хислати асосии ӯ ҳамчун қаҳрамони мағлубнашавандаи умумихалқӣ дар ҳолати ба сари мамлакат омадани хавфи ҳуҷуми душман ҳамеша тайёр будан, ба душман, агар хеш бошад ҳам, раҳм накардан, талаби хокимият накардан ва барои давлати меросии марказӣ мубориза бурдан аст. Ба ин маъно образи Рустам нисбат ба образҳои дигар пурра, ҳарҷониба ва ҷолиби диққат аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ба он бояд эътибор дод, масъалаи аз нав кор кардани Фирдавсӣ дар болои материалҳои «Шоҳнома» аст. Маълум аст, ки Фирдавсӣ қисми Дақиқиро бетағъир овардааст ва шояд ин корро барои он карда бошад, ки услуби Дақиқиро нигоҳ дорад. Баъзе тадқиқотчиёни эҷодиёти Фирдавсӣ ақидае доранд, ки ӯ танҳо ривояткунандаи достонҳои «Шоҳнома» мебошад. Ин фикр аз нуқтаи назари тадқиқотчиёни советии «Шоҳнома» дуруст нест, зеро достонҳои гузашта мувофиқи талабот, ақида, ҷаҳонбинӣ ва вазифаҳои замони достонсарои нав эҷод мешаванд. Масалан, образи Каюмарс дар мифи қадим ба маънои рӯҳи илоҳӣ, дар шакли гавпошшо, сардори қабила ва гурӯҳи инсонҳо, вале дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки асари замони феодалист ва талаботи он шоҳпарастӣ мебошад, дар шакли подшоҳ тасвир ёфтааст.

Аз сабаби боқӣ намондани нусхаҳои «Шоҳнома»-ҳои пеш аз Фирдавсӣ (китоби Абӯмансур, Абулмуайяди Балхӣ, Масъ-

уди Марвазӣ) муқоисаи онҳо бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ душвор аст, вале гумон меравад, ки Фирдавсӣ аз он нусхаҳо хабардор будааст ва вариантҳои беҳтарини пешинро ҷомаи навин пушонда истифода бурдааст. Мо ин фарқҳоро, ҳатто, аз руи муқоиса нақлҳои таърихнависон (Табарӣ, Балъамӣ), тазкиранависон (Ассаолабӣ), ки аз сарчашмаҳои аввала гирифтаанд ва маънидод карданҳои Фирдавсӣ мефаҳмем. Табиист, ки Фирдавсӣ воқеаҳоро айнан нақл карда наметавонист, бинобар ин, вай нақлҳои пешинаро ба таври бадеӣ аз нав кор кард ва ба завқи худу замонааш мувофиқ мегардонид, махсусан, он нақлҳоро, ки ба назараш бештар ҷолиб менамуданд. Масалан, вай бар хилофи нусхаҳои пешина дар бораи подшоҳии Каюмарс ва авлодони ӯ, Ҷамшед, Кова, Заҳҳок, Фаридун ва ғайра ба таври мухтасар сухан рондааст, дар бораи подшоҳони ашконӣ, ки дар Хуросон ва Эрон қариб 500 сол подшоҳӣ карда буданд, чизе нагуфтааст, вале ба саргузашти Рустаму Таҳмина, фоҷиаи Рустаму Сӯҳроб, ба духтари Пирон Ҷарир хонадор шудани Сиёвуш, ҳалокати писари ӯ Фуруд, воқеаҳои романтикии ишқи Манижа ва Бежан, оворагиҳои писари Сиёвуш—Қайхусрави ҷавон, муносибати душманонаи бобояш Афросиёб, юришҳои ҳарбии Кайковус ва ғайра, ки эпизодҳои нав аст, таваҷҷӯҳи бештаре зоҳир кардааст. Аз ишораҳои зиёде, ки ӯ ба мӯбадон ва деҳқони куҳан медиҳад, маълум мешавад, ки аз забони қиссагӯйҳои халқ ҳам шунида навиштааст:

Зи гуфтори деҳқон яке достон
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.
Ба мӯбад бар он гуна баргашт ёд,
Ки Рустам баророст аз бомдод.

Муқоисаи мухтасари баъзе лаҳзаҳо аз эпизодҳои гуногун ба таври бадеӣ аз нав кор карданҳои Фирдавсӣ ва масъалагузории хоси ӯро тасдиқ менамояд. Масалан: Ассаолабӣ дар тасвири Кова Заҳҳокро ба золимӣ айбдор кардан ва аз вай адолат талабидани ӯро дохил накардааст, вале Фирдавсӣ ин лаҳзаро бо ранги эътирози халқӣ акс кунонидааст; муаррихи дарбори ғазнавиён Саолабӣ қайд кардааст, ки баъд аз исьён бардоштани Кова дар дарбор амалдорони подшоҳӣ ба вай ҳамроҳ шуданд, вале дар тасвири Фирдавсӣ Кова маҳзари Заҳҳокро, ки ҳамаи амалдорон ба он имзо карда буданд, дарронда, ба таҳи по партофтааст ва онҳоро «пойбандони дев» ва «рӯй ба дӯзах» номида, маҳкум менамояд. Дар атрофи ӯ на амалдорон, балки бозориён ҷамъ мешаванд.

Ё ки муносибати Ассаолабӣ ва Фирдавсиро ба Маздак ба назар гиред. Ҳар ду ҳам аз як сарчашма истифода кардаанд, вале муносибати онҳо ба Маздак дигар аст. Ассаолабӣ аз нуқтаи назари синфи ҳоким ба пешвои халқ баҳо додааст: Маздак писари Бомдод Шайтон дар сурати инсон аст. Симои

зебо, вале рӯҳияи тира дорад, дорои намуди хуби зоҳирӣ, вале ниятҳои бад, ширинсухан, вале дар амал талх ва ғайра. Фирдавсӣ раҳнамои мардум Маздакро аз мавқеъҳои халқӣ тасвиру тавсиф менамояд:

Биёмад яке мард Маздак ба ном,
Сухангӯю бо донишу рою ком.
Гаронмоя мардею донишфурӯш,
Қубоди диловар бад-ӯ дод гӯш.

Дар масъалаи баҳо додан ба шӯришчиёни халқ, ки мардуми гурусна буданд, муносибати Фирдавсӣ, ки ба мардуми бенаво ҳусни таваҷҷӯҳ ва ҳайрхоҳӣ дорад, аз муносибати мафкурадорони синфи ҳоким фарқ мекунад. Барои намояндагони синфи ҳоким халқи меҳнаткаш, вале гуруснаю бенаво «таҷовузкор, зинокор, роҳзан» (Табарӣ), «мардуми авоми камбағал, аламони бетартиб» (Саолабӣ), барои Фирдавсӣ пайравони Маздак одамони танҳо гуруснаанд, ҳеҷ гуна айбе надоранд, аз хушксолӣ ва қаҳтӣ ба бенавоӣ афтодаанд:

Шикам гурсина чанд мардум бимурд,
Ки анбор осуда, ҷонаш бибурд.

Маҳорати эҷодии Фирдавсӣ дар эҷод намудани хатти сюжети воқеаҳои «Шоҳнома» низ намудор гаштааст. Ӯ як қисми сюжети воқеаҳоро аз вариантҳои дигари ин асар қабул карда, ба онҳо лаҳзаҳои дилхоҳи худро дохил намуда, ҳамаро ба риштаи ягонаи хатти сюжет даровarda, аз онҳо як асари мукаммал ва пурраи достонҳои эпики ба вуҷуд овардааст. Қисми дигари онро ё аз вариантҳои халқӣ гирифтааст ва ё аз худ эҷод намудааст. Иштироки қаҳрамонҳо дар рафти воқеа як хел нест. Вай бешубҳа ба қаҳрамонҳои худ ҳолатҳои гуногуни психологӣ дода, ба амалиёташон пайвандҳои мантиқӣ додааст, ҳар чанд ки дар баъзе лаҳзаҳо хислатҳои мифологӣ-афсонавӣ дорад. Масалан, агар маслиҳату ёрии Симурғ намешуд, таваллуди паҳлавони беназир Рустам мумкин набуд, модар ва кӯдак ба ҳалокат дучор мешуданд. Фирдавсӣ дар ҷараёни эҷодӣ тасвири воқеа ва қаҳрамонҳоро ба идеалҳои худ тобеъ гардонида, образҳои равшан, пухта ва зиндаву реалро офаридааст, ки ба фаҳми мардуми замонаш мақбулу фаҳмо мебошад. Фаҳмиши реализм дар ҳар замон ҳар хел аст. Бештарини тасвирҳои Фирдавсӣ барои ҳамзамононаш реалистона буд ва аз он лаззати бадеии эстетики мегирифтанд, зеро он образҳо нисбат ба образҳои пешинаи ин образҳо, ки прототипи онҳо дар нусхаҳои гузашта ва эҷодиёти даҳонакии халқ мавҷуд буданд, хеле равшан ва индивидуалонидашуда мебошанд. Табиист, ки дар эҷоди ин гуна образҳо он қиссаҳоро интихоб кардааст, ки ба идеалҳои ӯ мувофиқ буданд, ба ин маънӣ мумкин аст, ки аз вариантҳои истифода кардаи ӯ баъзе ҳикоя ва қиссаҳои аз мадди назар дуршуда, аз эъти-

бор соқит гардида бошанд. Масалан, ҳалокати паҳлавони бе-ҳамто Рустам дар ду эпизод ё ки воқеа рӯй додааст: Яке, бо хиёнати бародараш Шағод дар чоҳи шикори гург афтода ҳалок шудааст, дигаре, дар ҷанги писари Исфандиёр Баҳман кушта шудааст. Аз ин ду вариант ба Фирдавсӣ варианти аввал маъқул афтодааст, зеро мувофиқи тасаввуроте дар бораи Рустам, ки мағлубнашаванда аст, аз дасти Баҳман на бояд кушта шавад. Чунин паҳлавонро фақат бо роҳи хиёнат ҳалок кардан мумкин аст. Ҳар чанд ки Фирдавсӣ марги ҳама, аз ҷумла Рустамро ҳам аз тақдир медонист:

Фаровон бимонӣ, сарояд замон,
Қасе зинда барнагзарад з-осмон,

вале дар ҷанг мағлубу кушта шудани ӯ дар сарнавишти Рустам набуд.

Образҳои асосии «Шоҳнома» дар баробари инкишофи ҳаётӣ ва психологии онҳо эҷод шудаанд. Ин гуна тасвир на ба ҳама қаҳрамонҳои Фирдавсӣ насиб шудааст. Қисме аз қаҳрамонҳои асар зуд ба арсаи ҳаёт даромада аз он мегузаранд, зеро олами ботинии онҳо хислати эпизодӣ доранд. Аммо асоситарин образҳо, чи мусбат ва чи манфӣ дар инкишофи психологӣ ва ҳаётиашон тасвир ёфтаанд. Масалан, образи Ҷамшед ҳарчанд инкишофи ҳамаҷониба надорад, вале тадриҷан аз шоҳзодаи муқаррарӣ дар тахт худро ба дараҷаи шоҳӣ ва мӯбадӣ тасаввур кардааст:

Манам, гуфт, бо фарраи эзидӣ,
Ҳамам шаҳриёриву ҳам мӯбадӣ.

Ӯ ҳамчун шоҳи ботадбир, кордон, маърифатпарвар ва тараққихоҳи соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагӣ, ҳарбӣ ва маданӣ корҳо ва ихтироъҳои зиёде бо ёрии одамон ба вуҷуд оварда, дар натиҷаи ғурур ва манманӣ аз подшоҳи оқилу яздоншинос, ба подшоҳи худбину худраъй, мағруру худоношинос мубаддал шуда:

Якояк ба тахти меҳи бингарид,
Ба гетӣ ҷуз аз хештан кас надид.

ҳамаро инкор менамояд. Аз ин кирдори ӯ халқ рӯ мегардонад, дар натиҷа, фарри давлат ва эзидӣ аз вай рафта, танҳо мемонад, пушаймон мешавад, зорӣ мекунад, вале фоидае намебахшад:

Ба Ҷамшед бар тирагун гашт рӯз,
Ҳамекост з-ӯ фарри гетифурӯз.
Ҳамеронд аз дида хун дар канор,
Ҳамекард пӯзиш бари кирдугор.

Оқибати кор аз давлати шоҳӣ маҳрум, гуреза ва дар зери оби баҳри Чин пинҳон шуда, ба дасти Заҳҳок афтода, бо хорӣ кушта мешавад. Дар образи Ҷамшед инкишофи олами бо-

тинӣ-психологии инсоне, ки аз комьёбиҳои худ мағрур шуда, оқибат ба бадбахтиҳо дучор шудааст, тасвир ёфтааст. Ҳарифи Ҷамшед Заҳҳок аз аввал ҷавони ҷасур ва далер буда, тадриҷан бо таъсири Шайтон ё ки Аҳриман ба падаркуш мубаддал мешавад: Дар вақти барои Эрон подшоҳ интихоб шудан шоҳи золим набуд, вале бо таъсири Иблис ба подшоҳи золими хунхор, айёш, беғам, маишатпараст ва тарсончак табдил меёбад. Вай бар зидди Фаридун аз рӯи ҳирси тахти шоҳӣ ва рашки занҳои худ, ки онҳоро Фаридун озод карда буд, хурӯҷи бемуваффақият карда бошад ҳам, вале ба хости худ мувафафқ намешавад ва гирифтори ҷазо мегардад.

Образҳои Баҳроми Чӯбина, Қайковус, Сиёвуш, Искандар ва ғайра дар инкишофи ботиниашон эҷод шудаанд. Аввали ҳаёти Искандар дар омӯхтани илму ҳунар, подшоҳӣ, ҷаҳонгирӣ, ғоратгарии беамон, шӯҳратпарастиву шаъну шарафхоҳӣ гузаштааст, аммо, ҳангоме ки дар ҳиссиёти ӯ ғамхорӣ ба одамони азобу ғурбатдида пайдо мешавад, аз подшоҳи истилогари беамон ба подшоҳи одили ғамхор табдил меёбад, ки гӯё баъд аз ин ҷангҳои ӯ барои ҳимояи мазлумон ва таҳқиршудагон аст. Ин ҳол на факти таърихӣ, балки идеали шоир аст, ки ӯро ҳамин тавр дидан мехоҳад.

Аз шахси қаҳрамон ва паҳлавони ватанпарвар ба сарлашкари исьёнкор табдил ёфтани Баҳроми Чӯбина, ҳаяҷони олами ботини ӯ, аз рӯи ҳимояи ифтихор ва шарафи шахсӣ барои таҳқир кардани ғайриодилонаи Хусрав исьёнкор шудани ӯ ва баъд аз мағлубият дар диёри бегона ҳамеша дар орзӯи ватан будани вай низ инкишофи образи ӯро нишон медиҳад.

Дар образҳои занон низ инкишофи характер, яъне олами ботинии онҳо мушоҳида мешавад. Образи Судоба аз зани дӯстдор ва бовафо тадриҷан бо таъсири ҳисси шаҳвонӣ ба ошиқи иғвогар, найрангбоз ва маккор мубаддал мегардад. Манижа аз шоҳдухтари комгору бофароғату роҳати зиндагӣ ба ошиқи вафодори Бежан ва маҳруми ҳимояти падару хору зор табдил ёфтааст, вале аз иродаи ишқии худ барнагаштааст. Фарангис аз шохдухтари дар аввал беташаббусе, ки ба воситаи миёнаравии Пирон зани дӯстдоштаи Сиёвуш шудааст, дар рӯзҳои сахтии шавҳараш муттакои дилдодаи хеш буд. Вай тарафдори дӯстии Эрону Тӯрон буда, аз ин ҷиҳат ба падари худ зорӣ мекунад, вале рӯи хуш намебинад. Он гоҳ вай тарки падар, шаъну шарафи ӯ ва тарки ёру диёр карда, ҳамчун модаре, ки аз фарзанди худ ҷудоӣ надорад, ба сарпаноҳии Гев бо писари ҳоло хурдсолаш Қайхусрав ба Эрон меояд ва дар роҳ таъқиби Пиронро, ки мехост гурезаҳоро баргардонад, бо ёрии Гев паси сар мекунад ва ҳамчун зани оқилаи ҳаққи намакшинос Пирони асирафтодаро аз дасти Гев озод менамояд.

Дар образи Гурдия — хоҳари Баҳроми Чӯбина низ инкишофи характер дар заминаи ватандӯстӣ ва шарафи номи авлод

мушоҳида мешавад. Вай аз як зани оқилаи панддиҳанда ба бародари худ, ки бояд аз роҳи исьён ва саркашӣ баргардад, ба зани риоякунандаи шарафи хуну ватан, ки ишқи хоқони Чинро дар диёри бегона рад кард, ба паҳлавону ҷанговари беназир, ки таъқибкунандаи худ Тувургро мағлуб кардааст, бо ҳунарнамоии ҷангии худ ба Хусрави Парвиз маъқул шуда, зани ӯ гардида, ҳамчун шахси одил барои ободии ҳокимияти вай таъсири муфиди зиёде расонидааст.

Маҳорати дигари Фирдавсӣ дар эҷоди лаҳзаҳои драматизми хеле амиқ ва ҷолиби диққат аст. Мо қаҳрамони асари уро дар ҳолатҳои душвор, сахт ва баъзан фоҷиавие мебинем, ки барои ҳалли вазифаҳои дар пешистодаашон ба миён омадаает. Ҳолати конфликтдори қаҳрамонҳо, ки дар он драматизация хеле равшан ифода ёфтааст, на танҳо дар муносибатҳои қаҳрамонони ба ҳам душман, ба ҳам дуст, балки дорои хислатҳои ба хам зид низ воқеъ гардидааст. Ҳалли чунин вазифаҳо аз шоир нутқи мувофиқи ифодаи мақсадро талаб менамояд. Масалан, вақте ки Кайковуси сабукрафтор ва беандеша барои бартараф кардани хавфи Сӯҳроб Рустамро талаб кард, вале ӯ каме дер монда омад, фавран фармон дод, ки вайро бесилоҳ карда, ба дор кашанд ва иҷрои онро ба Тӯс супорид. Рустам, азбаски мағлубнашаванда буду онро медонист, дасти Тӯсро ба осонӣ аз гиребони худ дур карда, нописандона дарборро тарк намуд ва арз кард, ки вай ба шоҳ не, шоҳ ба ӯ муҳтоҷ аст:

Маро зӯру фирӯзӣ аз довар аст,
На аз подшоҳу на аз лашкар аст.
Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу миғфар кулоҳи ман аст.
Сари найзаву гурз ёри манаид,
Ду бозуву дил шаҳриёри мананд...
Чи озорадам ӯ, на ман бандаам,
Яке бандаи офаринандаам.
Агар ман пазируфтаме тоҷу тахт,
Набудӣ туро ин бузургию бахт...
Нишондам бад-ин тахт ман Қайқубод,
Чӣ Ковус донам, чӣ хашмаш, чӣ бод?!

Ҳамин тавр, конфликте, ки аз як тараф, асоси он на бо роҳи душманӣ, балки бо худбинӣ ва аз тарафи дигар, нигоҳ доштани шарафи шахси гузошта шудааст, муносибати Исфандиёр бо Рустам аст. Дар ин драма, ҳар чанд ки воқеа бо фоҷиа анҷом меёбад, вале Рустам Исфандиёрро, ки аз рӯи шӯҳрати шахсӣ ва ҳокими мутлақ шудан Рустамро аз байн бурданӣ буд, куштанӣ набуд. Бинобар ин, вай кушиш кард, ки бо диалоги дӯстона ва пандомез ӯро аз роҳи хато гардонад, вале пардаи худбинӣ пеши чашми Исфандиёрро гирифта буд ва ба маслиҳати дӯстона розӣ нашуд, он гоҳ Рустам барои нигоҳ доштани шарафи худ, ки паҳлавони номии то ҳол мағ-

лубнашудаи Эрон буд, бо тири душоха чашмони Исфандиёрро кӯр кард.

Аммо драматизми воқеаҳо дар эпизоди ҷанги Рустам бо Сӯҳроб, Ашкбӯс, Афросиёб ва ғайра асоси душманона ва оштинопазир дорад. Чи дар ҳолатҳои асосӣ, ҳисси душманӣ доштан ва чи надоштани конфликти қаҳрамонон диалоги байни онҳо яке аз воситаҳои баёни эҷодиёти Фирдавсӣ мебошад. Ҳар чанд ки услуби «мунозира» дар услуби адабию замони Фирдавсӣ мисли асри XI ва минбаъд инкишоф надошт, вале шоир ин анъанаи услубиро шояд аз адабиёти то исломии форсу тоҷик истифода карда, давом ва инкишоф дода бошад. Масалан, дар адабиёти паҳлавӣ дар китоби «Дарахти Ассурик» мунозираи буз ва нахл ҳаст, ки Фирдавсӣ ҳамчун адиби донандаи забон ва адабиёти паҳлавӣ шояд аз он бохабар бошад.

Паҳлавонон пеш аз оғози ҷанги худ ҷанги забонии психологӣ карда, ҳарифи худро рӯҳан мағлуб ва худро ба ҷанги ғолибона тайёр мекарданд. Бо ин мақсад, авлоди худро таърифу тавсиф мекарданд, корнамоиҳои авлодон ва қаҳрамониҳои худро як-як баён менамуданд ва ҳарифи худро сарзаниш мекарданд. Худтавсифкунӣ ва душмансарзанишкунӣ аз доираи шахс ва авлод берун баромада, ба муносибати халқҳое, ки лашкари онҳо бо ҳам рӯ ба рӯ шудаанд, дахл мекард. Масалан, эрониён тӯрониёнро аз авлоди паст ва динашонро нопоки аҳриманӣ номида, нажоди худ ва оинашонро дини поки яздонӣ ба қалам медоданд. Ҳамин тавр, тӯрониён ҳам дар навбати худ эрониёнро аз авлоди писари хурди Фаридун ва худро аз нажоди писари калонии вай Тур номида, бо он фахр мекарданд. Худситоиҳои психологӣ тадриҷан аз таъриф ба таҳдид, таҳқир ва ба ёд овардани мағлубиятҳои гузаштаи ҳариф мегузашт. Дар ин мавзӯъ ҷанги тан ба тани Рустам бо Ашкбӯс намунаи беҳтарини ҳамин гуна диалог аст, ки дар он киноя, пичинг, муболиға ва тавсифу ташбеҳҳо мақоми баланде дорад. Рустам, баъд аз он ки Рӯҳҳом аз дасти Ашкбӯс шикаст хӯрда гурехт, ба муқобили Комуси Кашонӣ, Ашкбӯс пиёда ба ҷанг омада, ба Тӯс мегӯяд:

Ту қалби сипаҳро ба оин бидор,
Ман акнун пиёда кунам корзор.

Вай асбобҳои ҷангии худро тайёр карда:

Камонро ба бозу ба зеҳ барфиканд,
Ба банди камар бар бизад тир чанд.
Яке тир дар даст ранг обнӯс,
Хиромиду омад бари Ашкбӯс.

бо наъраву хурӯш ба ҳариф муроҷиат менамояд, то ки ӯро аз ҷиҳати маънавӣ ва рӯҳӣ ба ҳаяҷон биёрад, асабӣ кунад, бесаранҷом гардонад, дасту по хӯронад:

Хурушид, к:—«Эй марди ҷангозмой,
Ҳамовардат омад, марав боз ҷой!».

Аммо ҳариф ҳам, барои он ки тарси худро нафаҳмонад, баръакс, ҳарифашро ба ташвиш андозад, ба гуфтаҳои ӯ нописандона нигоҳ мекунад ва ҷавоб медиҳад, то ки ҳариф донад, ки ӯ натарсидааст:

Кашонӣ бихандиду хира бимонд,
Инонро гарон карду ӯро бихонд.
Бад-ӯ гуфт хандон, ки «Номи ту чист?!
Тани бесаратро кӣ хоҳад гирист?!»

Рустам дар ҷавоб аз вай баландтар меояд:

Таҳамтан чунин дод посух, ки «Ном,
Чӣ пурсӣ, ки ҳаргиз набинӣ ту ком?!
Маро моми ман ном «марги ту» кард,
Замона маро путки тарги ту кард!»

Ашкбӯс боз Рустамро назарногирона наҳ мезанад ва ба дили ӯ ваҳм андохтанӣ мешавад ва ба саворагии худу пиёдагии ҳарифаш ишора мекунад:

Кашонӣ бад-ӯ гуфт: — «Бебoрагӣ
Ба куштан диҳӣ тан ба якборагӣ!»

Рустам ӯро ба беҳудагӯӣ ва моҷароҷӯӣ сарзаниш намуда, худро ситоиш мекунад, ки бо Ашкбӯси савора пиёда ҷанг хоҳад кард:

Таҳамтан чунин дод посух бад-ӯй,
Ки: — «Эй беҳудамарди пархошҷӯй,
Пиёда надидӣ, ки ҷанг оварад?!
Сари саркашон зери санг оварад!
Ба шаҳри ту шеру palangу наҳанг
Савор андароянд ҳар се ба ҷанг?!
Ҳам акнун туро, эй набурдасавор,
Пиёда биёмӯзамат корзор.
Пиёда маро з-он фиристод Тус,
Ки то асп бистонам аз Ашкбӯс».

Кашонӣ суханони Рустамро худситоӣ, лоф ва дурӯғ номида, ӯро дар назди худ шахси беэътибор нишон додани мешавад, то ки бо ин роҳ вайро наҳ занад:

Кашонӣ бад-ӯ гуфт: — «Куят салеҳ,
Набинам туро ҷуз фиребу мазеҳ?!»

Рустам, вақте ки ба аспу саворагӣ нозу таманно кардани Ашкбӯсро дид, бо як тир аввал аспи ӯро аз пой даровардa, ба вай пичингҳо зад:

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Тиру камон
Бубинӣ, ки акнун сарорад замон!»
Чу нозаш ба аспи гаронмоя дид,
Камонро ба зеҳ карду андар кашид.

Яке тир зад бар бари аспи ӯй,
Ки асп андаровард зи боло ба рӯй.
Бихандид Рустам, ба овоз гуфт,
Ки «Биншин ба назди гаронмоя ҷуфт!
Сазад гар бидорӣ сараш дар канор,
Замоне баросой аз корзор,
Ки нозиданат буд бо ӯ басе,
Надорад чу ту низ ӯ кам касе».

Аз ин ҳодиса хашмгин ва асабонӣ шудани Ашкбӯсро шоир бо ифодаи «ларз-ларзон» ва Рустамро гирборон кардани вай баён намудааст. Рафтори Рустам ба ин ҳолати худ низ нописандона аст, ки то ҳариф бидонад, ки аз вай натарсидааст:

Камонро ба зеҳ кард пас Ашкбӯс,
Тане ларз-ларзон, рухе сандарӯс.
Ба Рустам бар он гаҳ биборид тир,
Таҳамтан ба рӯ гуфт бар хира-хир:
«Ҳаме ранҷа дорӣ тани хешро,
Ду бозуву ҷони бадандешро!»

Баъд аз ин Фирдавсӣ вазъияти ҷанги голибонаи Рустамро моҳирона ва реалистона тасвир намуда, худ аз ӯ ва аз он ҳолати ҷангии вай. ки бо як тир синаи Ашкбӯсро шикоф карда, ҷо ба ҷо хобонда буд, лаззат мегирад ва конфликту драматизми онро ба фоидаи қаҳрамони мусбат ҳал мекунад. Хулосаи конфликт бо таҳсину офарин гуфтани осмон ба Рустам ва гӯё беному нишон мурдани Ашкбӯс ба анҷом расидааст.

Қазо гуфт:— Гиру-қадар гуфт:— Деҳ!
Малак гуфт: Ахсант—фалак гуфт:— Зеҳ!
Кашонӣ ҳам андар замон ҷон бидод,
Ту гуфтӣ, ки ӯ худ зи модарназод.

Чӣ тавре ки аз тасвири манзараи боло дида шуд, дар тасвири саҳнаи ҷанг ва вазъияти ҷанговарон Фирдавсӣ услуби хосе дорад. Вай дар тасвири ҷангҳо аз рӯи кодекси ҷангҳои замони феодалӣ амал кардааст. Ӯ истилоҳоти ҳарбии замонашро аз қабили «марзбон, қалби сипоҳ, маймана, майсара, пешгард, гурз, гӯпол, ҷавшан, хӯд, найза, синон, ханҷар, каманд, камон, табарзин» ва ғайра бодиққат кор фармудааст.

Дар «Шоҳнома» ду хел манзараи ҷанг тасвир ёфтааст: ҷанги умумӣ, мағлуба, шабехун ва тан ба тан. Дар ҷанги тан ба тан, чӣ тавре ки дар боло дидем, ҷанговарон — паҳлавонон хислатҳои наҷиби худро як-як ба ҳариф арз карда, ӯро наҳ мезананд. Ҷанги тан ба тан баъд аз диалог бо тирпарронӣ оғоз меёбад, пас аз он ба найзаву сипару шамшеру каманд даст дароз карда, ба шашпару гурзу амӯд мегузаранд. Агар силоҳҳои ҷангӣ аз кор бароянд, он гаҳ гувваи дастонро ба кор медароранд ва ҳар кӣ ҳарифашро аз болои зин афканад ва дар гӯштин мағлуб кард, бо ханҷаре ё синаашро медарад

ва ё сарашро мебуррад. Қоидаи ҷанги тан ба тан ҳамин аст. Чунон ки аз тасвири Фирдавсӣ мебинем, на ҳама ин тавр меҷангиданд. Дар ҷанги ру ба рӯи тан ба тан як навъ тафриқа ва шарт дида мешавад: масалан, шоҳон ё шоҳзодагон дар ҷанг бо паҳлавонон ҷангиданро ба худ ор медоданд. Ғайр аз ин онҳо пиёда намеҷангиданд. Ҳар кас ин қоидаро вайрон мекард, аз майдон мебаров止арданд: Мисол, вақте ки Тур ба ҷанги Фуруд ва Ашкбӯс ба ҷанги Рустам савора, яъне шоҳона даромаданд, ҳарифашон, пеш аз ҳама, аспашонро дар зери пои душман кушта, ӯро маҷбур мекунад, ки аз майдон барояд (мас. Тус) ва ё баъд аз он меҷанганд.

Намунаи беҳтарини ҷанги тан ба тан, ки Фирдавсӣ тасвир кардааст, ҷанги Рустам бо Ашкбӯс ва Сӯҳроб аст, ки дар боло дидем. Дар ин ҷанг Рустам ба муқобили Ашкбӯси савора пиёда ба майдон медарояд. Чунин рафтори Рустам ба Ашкбӯс имконият дод, ки ӯро масхара кунад, ки ба ҷанги саворае мисли Ашкбӯс пиёда омадааст ва ҳоли ҳозир қурбон хоҳад шуд. Чунин вазъият дар айни замон ба Рустам имконият медиҳад, ки афзалияти худро бар Ашкбӯс нишон диҳад, ки вай бо савора пиёда хоҳад ҷангид, вале, азбаски вай бо аспи худ фахр мекард, аввал онро ба як тир аз пой афтонд, ҳар чанд ки аз аспдорию савора будани ҳарифи худ ваҳму ҳарос ё ки ҳаяҷону ғазаб надошт, ба ин ҳолат хунсардона нигоҳ мекард, ки ин аломати ба худ боварӣ доштани қаҳрамон ва мағлубнашавандагии ӯст. Бинобар ин, дар чунин вазъияти марг ё ҳаёт парвое надорад. Вай, чӣ тавре ки дар диалог бо Ашкбӯс ҷавобҳои ҷанговарона, вале ором дошт, дар тирпаронӣ, ки ботафсил тасвир ёфтааст, низ дар ҳолати муқаррарӣ аст, тарсу ларз надорад:

Таҳамтан ба банди камар бурд чанг,
Гузин кард як чӯба тири ханданг.
Хаданге баровард пайкон чу об,
Нихода ба рӯ чор парри уқоб.
Бимолид чочикамонро ба даст,
Ба чарми гавазн андаровард шаст.
Сутун кард чапрову хам кард рост,
Хурӯш аз хами тири чочӣ бихост.
Чу суфораш омад ба паҳнои гуш,
Зи чарми гавазнон баромад хурӯш.
Чу пайкон бибӯсид ангушти ӯй,
Гузар кард аз мӯҳраи пушти уй.
Чу зад тир бар синаи Ашкбӯс,
Сипеҳр он замон дасти ӯ дод бӯс.

Дар «Шоҳнома» ҳамаи ҷангҳои тан ба тан як хел тасвир наёфтааст. Вазъияти Рустам дар ҷанги Деви Сафед тамоман дигар хелтар ба қалам оварда шудааст. Азбаски Дев аз ҷинси одамӣ нест, аввало, Рустам ба ғалабаи худ боварӣ надорад:

Накард эч Рустам ба рафтан шитоб,
Бад-он, то баромад баланд офтоб.

Ба дил гуфт Рустам: — «Гар имрӯз ҷон
Бимонад ба ман, зиндаам ҷовидон»,

сониян, ҷангро на бояд аз руи қоида кунад, бинобар ин, дар ҷанги Рустам бо Деви Сафед тартиби ҷанги замонаш риоя нашудааст:

В-аз он ҷойгаҳ сӯи Деви Сапед
Биёмад ба кирдори тобанда шед.
Ба монанди дӯзах яке чоҳ дид,
Тани ҷоду аз тирагӣ нопадид.
Чу мижгон бимолиду дида бишуст,
Дар ин ғори торик чанде биҷуст.
Ба торикӣ андар яке кӯҳ дид,
Саросар шуда ғор аз ӯ нопадид.
Ба ғор андарун дид рафта ба хоб
Ба куштан накард эч Рустам шитоб.
Биғуррид, ғурридане чун паланг,
Чу бедор шуд, андаромад ба ҷанг.
Суи Рустам омад, чу кӯҳи сиёҳ,
Зи оҳан-ш соид, зи оҳан кулоҳ.
Яке ссиёсангро даррабуд,
Ба наздики Рустам даромад чу дуд...
Барошуфт бар сони шери жиён,
Яке теғи тезаш бизад бар миён.
Ба нерӯй Рустам зи болои ӯй
Бияндохт як дасту як пои ӯй.
Бурида баровехт бо ӯ ба ҳам,
Чу пили сарафрозу шери дижам.
Ба як по бикӯшид бо номвар,
Ҳама ғорро карда зеру забар.
Гирифт он бару ёли гурди далер,
Ки орад магар паҳлавонро ба зер.
Ҳаме гӯшт канд ин аз он, он аз ин,
Ҳаме гил шуд аз хун саросар замин.
Ҳам эдун ба дил гуфт Деви Сафед,
Ки «аз ҷони ширин шудам ноумед.
На меҳтар, на кеҳтар, на номоварон
Набинанд рӯям ба Мозандарон».
Ҳамегуфт аз ин гуна Деви Сапед,
Ҳамедод дилро бад-он сон навид.
Бад-ин гуна бо якдигар размҷӯй,
Зи танҳо равон буд хаю хун ба ҷӯй.
Таҳамтан ба нерӯи ҷонофарин,
Бикӯшид бисьёр бо дарду кин.
Саранҷом аз он кинаву корзор,
Бупечид бар худ гави номдор.
Бизад ҷангу бардошташ наррашер,
Ба гардан даровარду афканд зер.
Задаш бар замин ҳамун шери жаён.
Чунон к-аз тани вай бурун кард ҷон,
Фурӯ кард ханҷар, дилаш бардарид,
Ҷигар-ш аз тани тира берун кашид.
Ҳама ғор яксар тани кушта буд,
Ҷаҳон ҳамчу дарьёи хун гашта буд.

Чӣ тавре ки аз тасвири боло дида шуд, дар ин ҷанги тан ба тан на инсон бо инсон, балки дев иштирок дорад, ки бузур-

гиаш ба андозаи кӯҳ аст. Ҳарчанд иштирокчии ин ҷанг дев аст, вале тасвири он реалистона аст, зеро ба ҷангҳои одамон монанд аст, фақат аслиҳаи ҷанги надорад ҷанги тан ба танро ба хотир меорад, вале дар он муболиға бешгар кор фармуда шудааст.

Ин гуна манзараи ҷанг дар гиру мони Рустаму Сӯҳроб дида намешавад, зеро онҳо одаманд, силоҳи ҷанги доранд ва аз рӯи қоидаи ҷангии асрҳои миёна меҷангиданд. Дар ҷанги онҳо муболиға аз ҳад зиёд нест. Онҳо ҷангро аввал аз найза сар карда, баъд ба шамшер гузаштанд. Вақте ки шамшерашон кунд шуд, ба шашпару гурз даст заданд. Баъд аз он ки гурзҳо қат шуданд, ба тирпарронӣ гузаштанд, вале ҳеҷ зараре надиданд. Он гоҳ аз тасмаҳои миёни якдигар гирифтанд, вале ҳеҷ кас ҳарифашро мағлуб карда натавонист, бинобар ин, аз ҳамдигар ҷудо шуданд, ба дамгирӣ рафтанд ва ба андешаву хаёл афтоданд. Фирдавсӣ ҳолати рӯҳии паҳлавонҳоро тасвир карда истода, муҳокимаи онҳоро давом медиҳад ва дар бораи сабабҳои душмании байни одамон фикр мекунад. Барои чунин фикр кардан эпизоди ҷанги Рустаму Сӯҳроб, ки подшоҳ нестанд, барои молу мулк намеҷанганд, ҳар чанд ки ҳамдигарро намешиносанд, вале падару писаранд, материали хубе дода метавонад, ба маврид аст, аммо Фирдавсӣ сабаби ин душманиро ёфта натавониста, танҳо ҳамин қадарашро қайд менамояд, ки бадӣ дар ниҳоди инсон нест. Бо вуҷуди ин, Рустам барои пагоҳ ба ҷанг тайёр аст, вале мисли пештара ба худ боварӣ надорад, зеро ҳамоварди ҷавонро дар қувват аз худ тавонотар дид ва бинобар ин, ба бародараш Завора таъин кард, ки агар мабодо мағлуб шавад, падару модарамро тасалло деҳ, ки кори ҷаҳон чунин аст:

Бикӯшам, надонам, ки фирӯз кист,
Бубинам, то рои яздон ба кист...
В-агар худ дигаргуна гардад сухун,
Ту зори масозу нажанди макун...
Ту хурсанд гардон дили модарам,
Чунин ронд эзид қазо бар сарам...
Қас андар ҷаҳон ҷовидона намонд,
Зи гардун маро худ баҳона намонд...
Агар сол гардад фузун аз ҳазор,
Ҳамин аст роҳу ҳамин аст кор.

Фирдавсӣ дар тасвири ҷангҳои як ба як услуби хосе дорад, ки он дар тасвири ҷанги ду лашкар нест. Дар ҳар ду ҳолат ҳам тасвири ӯ аниқ, ибораву ифодаву воситаҳои тасвир дар ҷои худ, сухани зиёдатӣ нест. Фарқи тасвири ду манзараро дар мисоли ҷанги Рустаму Сӯҳроб, Рустаму Ашкбӯс ва ҷанги ду лашкарро дар ҷанги лашкари Нӯзар ва Афросиёб дидан мумкин аст. Дар ҷанги умумӣ дабдабаи душман аз нақораву карнай оғоз меёбад:

Рада баркашиданд эрониён,
Чунон чун бувад сози ҷанги каён.

Биғуррид кӯсу бинолид ной,
Ту гуфтӣ замин андар омад зи пой.
Чу Афросиёб он сипаҳро бидид,
Биёмад баробар, сафе баркашид.
Чунон шуд зи гарди саворон ҷаҳон.
Ки хуршед, гуфтӣ, шуд андар ниҳон
Аз он сон сипаҳ дар ҳам овехтанд,
Чу руди равон хун ҳамерехтанд...
Ба ҳар ҷо ки Қоран шудӣ размхоҳ,
Фурӯ рехтӣ хун дар он размгоҳ.
Куҷо хостӣ гурд Афросиёб,
Ҳама хун шудӣ дашт чун рӯди об.
Саранҷом Нӯзар зи қалби сипоҳ,
Биёмад ба наздики ӯ кинахоҳ.

Ҳамин гуна тасвир дар аксарияти ҷангҳои умумӣ, ки дар он ҳамаи лашкар иштирок дорад, ба назар мерасад:

Зи ду рӯя танг андаромад сипоҳ,
Яке абр, гуфтӣ, баромад сиёҳ,
Ки борони ӯ буд шамшеру тир,
Ҷаҳон шуд ба кирдори дарьёи қир.
Зи пайкони пӯлоду парри уқоб
Сиёҳ гашт рахшон рухи офтоб.
Синоҳову найза ба гард андарун,
Ситора бинолид, гуфтӣ ба хун.
Ҷарангидани гурзаи говчеҳр,
Ту гуфтӣ, ҳаме санг борад сипеҳр.
Дурахшидани теғи алмосгун
Шуда абру борони он абр хун.
Ба хуну ба мағз андарун хору хок
Шуда ғарқ, тарки сарон чок-чок...
Надидам, ки разме бувад з-ин нишон,
На ҳаргиз шунидам зи гарданкашон.

Чунон ки аз тасвири манзараҳои ҷанги ду лашкар мебинем, предметҳо ва одамони ҷангӣ дар муболиғаҳо пинҳон шудаанд: «Замин аз пой даромад, хуршед дар ҷаҳон дар гарди сипоҳ пинҳон шуд, биёбонро аз кӯҳ фарқ кардан душвор, аз ҷанги мағлуба хун мисли оби дарьё мерехт, сипоҳ мисли абри сиёҳ баромад, шамшеру тир мисли борон меборид, аз сиёҳи дуньё мисли дарьёи қир буд, аз тиру пари уқоби он рӯи рахшони офтоб сиёҳ шуд» ва ғайра аз образҳои муболиғавианд, ки барои тасвири ҷангҳои лашкар лозим шудаанд ва онҳо борҳо такрор шуда меистанд. Фирдавсӣ бо ёрии ин гуна воситаҳои тасвир роҳҳои гуногуни типизацияро вобаста ба предмет ва воқеаҳо ба кор мебарад.

Намуди дигари гуфтори қаҳрамонҳои «Шоҳнома» монолог аст. Монолог дар нутқи шоҳон, номаҳои онҳо, муроҷиати сарлашкарҳо ба қӯшун, ба халқ ва подшоҳон, гуфтори паҳлавонони ҷудогона дар ҳангоми вохӯрӣ бо ҳариф, дар мушоиқа ва ғайра. Дар эпизоди «Хашм гирифтани Ковус бар Рустам» як силсила монологҳо аз забони Рустам, Гударзи Кашвод ва аз забони гурӯҳи одамон оварда шудааст. Ҳангоме ки

Ковус ба Рустам хашм гирифта, ба Тӯс фармуд, ки уро ба дор кашанд, Рустам бо виқор ва боварии тамом Ковуси беандешаро писанд накарда, аз дарбор баромада, хитобан ба шоҳ ва мардуми дарбор мегуфт: «Қувваи вай зӯри илоҳист, бинобар ин, на ба Ковус итоат мекунад ва на ба Тус». Вай на танҳо Ковус, балки Қубодро ҳам аз банду душвориҳо озод карданашро миннат кард, зеро қадрношиносӣ аз Ковус зоҳир шуд:

Чу хашм оварам, шоҳ Ковус кист?
Чаро даст ёзад ба ман, Тус кист?
Маро зӯру фирӯзӣ аз довар аст.
На аз подшоҳу на аз лашкар аст.
Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу миғфар кулоҳи ман аст.
Сари найзаву гурз ёрӣ мананд,
Ду бозуву дил шаҳриёри мананд.
Шаби тира аз теғ рахшон кунанд,
Бар овардгаҳ бар сарафшон кунанд.
Чӣ озорадам ӯ на ман бандаам,
Яке бандаи офаринандаам...
Нишондам бад-ин тахт ман Кайқубод,
Чӣ Ковус донам, чӣ хашмаш, чӣ бод?!

Ҳамин тавр, монологи Рустам сар то по пур аз ифтихори шахсии ӯст, ки дар он ҳисси мағлубнашавандагии вай, ба ӯ мӯҳтоҷ будани подшоҳ, парвои тахту тоҷи шоҳӣ надоштани вай ифода ёфтааст.

Монологи Гударзи Кашвод мазмуни монологи Рустамро инкишоф додааст. Вай хитобан ба подшоҳ муроҷиат намуда, бегуноҳии Рустам, ба вуҷуди ӯ вобаста будани ҳастии Эрону тахти шоҳии онро ба воситаи ба хотир овардани банд шудани Ковус дар Мозандарону Ҳомоварону бешаи Чин ва ӯро озод кардани Рустам, шоҳро ба худшиносӣ даъват менамояд ва ба вай таъна мезанад:

Ба Ковуси Кай гуфт: — «Рустам чӣ кард,
К-аз Эрон баровардӣ имрӯз гард?!
Фаромӯш кардӣ зи Ҳомоварон
В-аз он кори девони Мозандарон?!
Ки гӯӣ: варо зинда бар дор кун,
Зи шоҳон набояд газофа фузун.
Кӣ дорӣ, ки бо ӯ ба дашти набард
Шавад, барфишонад бар ӯ тирагард?..
Касеро, ки ҷангӣ чу Рустам бувад,
Биёзорад ӯро хирад кам бувад»

Тарзи гуфтори Рустам дар ҳамаи лаҳзаҳо як хел нест. Агар бо шоҳи бемағзу беандеша Ковус бо миннату таъна задан сухан ронда, сарпасту бандаи шоҳ набудани худро баён карда бошад, бо Сӯҳроб ҳамчун паҳлавони бо душмани манфур сухан ронда, бинобар ба ғалаба бовар надоштан ва ба душман сир надодан номи худро пинҳон дошт, вале дар ҷанги Ашкбӯс номи худро пинҳон накарда, бо вай ошкоро бо

писханд ва назарногирӣ сухан ронд, зеро чи хонанда ва чи худи ӯ ба ғалаба бовар дошт. Аммо Рустам дар муносибат бо Исфандиёр босабру тоқат ва боандеша аст, зеро медонад, ки вай шоҳзодаи худӣ, душман нест, танҳо мағрур аст, бинобар ин, ӯро даъват менамояд, ки аз нияти бади худ даст кашад.

Ҳамин тавр, Фирдавсӣ диалог ва монологҳои худро бо мазмуни ҳаяҷоновари ҷангӣ гоҳ дӯстона ва гоҳ бо хашму ғазабу гилаомез ва таънаву миннатгузорӣ эҷод намудааст.

*Тасвири манзараҳои табиат* ҳамчун яке аз воситаҳои тасвири бадеӣ дар «Шоҳнома» кам нест ва он бештар вобаста ба воқеаҳои иҷтимоӣ, саргузашти шахс истифода шудааст. Масалан, дар хони 2-юми ҳафтхони Рустам табиат вобаста ба душвории сафари паҳлавон, ки дар пеш ҷанг бо аждаҳо меистод, манзараи табиат хатарнок тасвир ёфтааст:

Биёбони беобу сармои сахт,
Қ-аз ӯ мурғ гаштӣ ба тан лахт-лахт.
Чунон гарм гардид ҳомуну дашт,
Ту гуфтӣ, ки оташ бар ӯ баргузашт.
Тани Рахшу гӯё забони савор
Зи гармию аз ташнагӣ шуд зи кор.

* * *

Биёбон ҳама сар ба сар бингарид,
Ҷуз аз тирагӣ шаб ба дида надид.

Ҳамин гуна тасвири табиат дар ҳафтхони Исфандиёр низ омадааст, то ки бо роҳи бартараф кардани душвориҳои мудҳиши табиии ҷасорат ва тавоноии қаҳрамон тасвир ёбад:

Баҳорӣ — яке хушманиш рӯз буд,
Дилафрӯзу ҳам гетиафрӯз буд...
Ҳам андар замон тундбоде зи куҳ
Баромад, ки шуд номвар з-он сутӯҳ.
Ҷаҳон як замон гашт чун парри зоғ,
Надонист касе боз ҳомун зи роғ,
Буборид аз он абри торик барф,
Замин шуд пур аз барфу бода шигарф.
Се рӯзу се шаб ҳам бад-он сон ба дашт,
Дами бод аз андоза андар гузашт.
Саропардаву хаймаҳо гашт тар,
Зи сармо касеро набуд пой сар.
Ҳаво пур шуд, барф чун тор гашт,
Сипаҳдор аз он чора бечора гашт.

Аз предметҳои табиӣ бештар хуршеду моҳ, аз лаҳзаҳои вақт— шабу рӯз, шому саҳар, аз чизҳои ҷуғрофӣ кӯҳу биёбон ба тариқи тазод тасвир ёфтааст:

**Баромадани офтоб:**

Чу аз кӯҳ хуршед сар барзадӣ,
Манижа зи ҳар дар ҳаме нон чидӣ.

* * *

Чу хуршед сар барзад аз кӯҳсор,
Саворони Тӯрон бубастанд бор.

**Нишастани офтоб ва пайдо шудани шафақ дар осмон:**

Чу хур чодари зард дар сар кашид,
Бишуд Бохтар чун гули шанбалид.

**Оғози торикии шаб:**

Сапеда чу аз кӯҳ сар баркашид,
Шабон чодари шаър бар сар кашид.

Ин гуна тасвирҳо дар «Шоҳнома» хеле зиёд аст ва онҳо бештар дар образҳои маҷозӣ — «Хуршед чодари зард бар сар гирифт» — гуногун тасвир шудаанд, ки дар он маҳорати Фирдавсӣ дар боби пейзаж намудор гаштааст. Предметҳои табиӣ дар баъзе мавридҳо ташхисонда мешавад:

Чу харшед аз он чодари нилгун
Ғамӣ шуд, бидарриду омад бурун.

**Лалзаҳои поэтикӣ дар «Шоҳнома»**

Поэтикаи «Шоҳнома» бо услуби эҷодии шоир ва фольклор алоқаи зич дорад. Услуби асар асосан эпикӣ буда, бо анъанаи услубии адабиёти қадим ва фольклор вобаста аст. Нутқҳо аз тахти шоҳӣ, диалог ва монолог, панддиҳӣ, тасвири олами рӯҳӣ — ботинии қаҳрамонҳо, мактубот, баҳсу мунозира, тасвири манзара, ифодаҳо ва истилоҳоти қолабӣ, воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ асоси услуб ва поэтикаи «Шоҳнома»-ро ташкил намудаанд. Хар чанд ки дар асри X услуби ягонаи умумӣ ба вуҷуд наомада буд, вале услуби поэтикии «Шоҳнома» бо шеърҳои лирикӣ ва панду ҳикматҳои шоирони ин аср як хел нест. Услуби Фирдавсӣ бо услуби достонҳои қаҳрамонии «Шоҳнома»-и Дақиқӣ ва «Шоҳнома»-ҳои мансури асри X қаробат дорад.

Ҳар достони «Шоҳнома» одатан аз сухани муқаддимавӣ оғоз ёфта, бештар бо гуфтори хотимавии фалсафӣ дар бораи дунъё ва ё панд анҷом меёбад. Масалан, ба муносибати ба тахт нишастани Ковус дар бораи тағйирёбанда будани дунъё, аз яке ба дигаре гузаштани тахти шоҳӣ сухан ронда:

Дарахти барӯманд чун шуд баланд,
Гар эдун, ки ояд бар ӯ бар газанд.
Шавад барг пажмурдаву бех суст,
Сараш сӯи пастӣ гирояд нахуст.
Чу аз ҷойгаҳ бугсилад пои хеш,
Ба шоҳи навоин диҳад ҷои хеш,

дар эпизоди «Бар тахти шоҳӣ нишонидани Ковус Кайхусравро» дар бораи якеро овардану дигареро бурдани ҷаҳон мулоҳизаҳои фалсафӣ рондааст:

Ҷаҳонро чунин аст созу ниҳод,
Зи як даст бистуд, ба дигар бидод.
Ба дардем аз ин рафтан андар фиреб,
Замоне фарозу замоне нишеб.

Суханҳои муқаддимавӣ на ҳамеша барои як достон, дар айни замон сухани хотимавӣ барои достони дигар аст. Ҳамин сухани хотимавӣ сухани муқаддимавӣ барои достони сонӣ мебошад. Дар эпизоди боло, ки хотимаи подшоҳии Ковус асту оғози шоҳии Кайхусрав, шоир дар бораи кори дунъё некбинона мулоҳизаҳо рондааст, зеро оғози қори подшоҳи нав аст ва Фирдавсӣ ба ояндаи нек бовар дорад:

Агар дил тавон доштан шодмон,
Чуз аз шодмонӣ макун то тавон.
Ба хубӣ биёрою хубӣ бубахш,
Макун рӯзро бар дили хеш пахш...
Набинӣ, ки гетӣ пур аз хостаст,
Ҷаҳоне ба хубӣ биёростаст.

Ҳамин тавр, хотимаи як достон ба нақлу ҳикояти достони дигар сароғоз мешавад:

Суханҳои ин достон шуд ба бун,
Зи Сӯҳробу Рустам сароям сухун.

Пеш аз он ки ба нақли достон шурӯъ кунад, ба тариқи руҷӯи лирикӣ чанд мулоҳизаи фалсафӣ ронда, охири онро бо номи Рустаму Сӯҳроб ба анҷом дода:

Кунун разми Сӯҳроб ронам нахуст,
Аз он кин, ки ӯ бо падар чун биҷуст.

қиссаро аз забони деҳқоне оғоз менамояд:

Зи гуфтори деҳқон яке достон,
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Аз забони деҳқон сухан рондан ифодаи расмии маъмулест, ки такрор шуда меистад. Масалан, чӣ тавре ки дар миёнаи «Шоҳнома» қиссаи Рустаму Сӯҳроб аз гуфтаи деҳқон оғоз ёфтааст, аввали «Шоҳнома» дар бораи Қаюмарс низ аз сухангӯии деҳқон сар шудааст:

Сухангӯй деҳқон чӣ гӯяд нахуст,
Ки тоҷи бузургӣ ба гетӣ кӣ ҷуст?

Руҷӯи лирикӣ бисьёр вақтҳо қиссаро бурида бошад ҳам, Фирдавсӣ бо ягон байти пайвандкунанда нақли буридаашро васл менамояд. Дар он лаҳзаҳое, ки байни ду қисса сухани муқаддимавӣ ё хотимавӣ нест, гардиши сабуки мантиқӣ оварда мешавад, ки ифодаи маъмули он «яке рӯз», «чу бигзашт», «аз он пас», «чунон буд», «рӯзе» ва ғайра аст:

Чунон буд, ки Меҳроб рузе пагоҳ,
Хиромон биёмад аз он боргоҳ.

Ин гуна ибораҳоро дар байни як достон ҳам дидан мумкин аст, ки ҷои аз руи зарурат буридаи шоирро бо ин васила мепайвандад:

Бар ин низ бигзашт чанде сипеҳр,
Ба дил дар ҳамедошт наимуд чеҳр.

Маҳорати ҳайратбахши Фирадвсӣ дар сухан ин аст, ки агар такрорҳои ҷоиз ва бомавридро истисно кунем, сухани беҷо дар риштаи назми ӯ нест. Мавзунии вазну оҳанг, равшании фикр ва образҳо, барҷастагии фикру образҳо, соддагӣ ва дар айни замон ҳашаматнокии тасвир, тантананокии сухан ва гуфтори қаҳрамонон, оқилона будани ҷаҳонфаҳми шоир аз хислатҳои намоёни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад. Ҳамаи поэтикаи Фирдавсӣ на аз руи талаботи санъат барои санъат, балки шаклест барои ифодаи идеалҳои олии шоир. Аз ин сабаб, суханҳои аз сари тахти шоҳӣ гуфташуда панду ҳикматҳо, мунозираҳои мӯбадону ҳакимон, диалоги қаҳрамонон ва ғайра ҳама ба идеалҳои асосӣ: адолатхоҳӣ, мубориза бо зулм, бо истилогарони хориҷӣ, муҳаббати ватан, халқпарварӣ, бодиёнатӣ, ростӣ, покӣ ва ғайра, ки дар замони Фирдавсӣ шоистаи қадру қимат буданд, хизмат кардаанд. Дар асоси ҳамаи инҳо идора кардани давлати феодалӣ, ки ба ақидаи одамони он замон доди худост, ба назар дошта шудааст. Ҳамаи одамон дар назди он баробар ва подшоху ходими давлат дар хизмати халқанд. Бесабаб нест, ки пешдомани Кова байрақи давлати ковьёнӣ шуда буд. Услуби эҷодии Фирдавсӣ ҳамаи ин лаҳзаҳоро боҳашамат гардонидааст. Бузургӣ ва санъаткорона будани услуби ӯ аз он ҳақиқати бадеӣ маълум мегардад, ки дар як-ду байт манзараи васеъ ва равшанро тасвир менамояд:

Ба рӯзи набард он яли арҷманд,
Ба теғу ба ханҷар, ба гурзу каманд,
Дариду бориду шикасту бубаст,
Ялонро сару синаву пову даст.

Дар ин ду байт, ки манзараи ҷанги паҳлавоне хеле равшан ва муҷассам тасвир ёфтааст, на танҳо як калимаи зиёдатӣ нест, балки асбобҳои ҷанг, амалиёти қаҳрамон ва фаъолияти онҳо чунон мунтазам ҷо ба ҷо гузошта шудааст, ки гирифта партофтани як калимаи он боиси коста гаштани мазмун мешавад. Дар ин тасвир Фирдавсӣ санъати лаффу нашри мунтазамро хеле моҳирона истифода кардааст, ки он оҳанги шеър ва таъсири маънавиашро пурқувват мегардонад.

Тазод ва муқобила аз санъатҳои дӯстдоштаи Фирдавсӣ аст, ки онро чи жанри «Шоҳнома» ва чи материали тасвири он тақозо менамояд. Шоир тазодро бештар дар тасвири рангҳо,

замон, муқобиларо дар тасвири хислатҳо ва ҳолатҳо хеле моҳирона кор фармудааст. Масалан, барои намуна **тазодро** мегирем:

Чунин аст кирдори гардандадаҳр —
Гаҳе **нӯш** ёбӣ аз ӯ, гоҳ **заҳр.**

* * *

Дар ӯ ҳар чӣ обод бинӣ бисӯз,
**Шаб** овар ҳар он ҷо, ки бинӣ ба **рӯз.**

**Муқобилгузорӣ** дар кӯшишҳои бар зиди Заҳҳок Фаридунро талабидани халқ ва ғайра мушоҳида мешавад:

Ба шаҳр андарун ҳар кӣ барно буданд,
**Чу пирон, ки дар ҷанг доно буданд,**
Сӯи лашкари Офаридун шуданд,
Зи найранги Заҳҳок берун шуданд.
Ҳама пиру барнош фармон барем,
Якояк зи гуфтори ӯ нагзарем.
Нахоҳем бар **гоҳ** Заҳҳокро,
Мар он аждаҳопӯши нопокро.

**Кор фармудани тамсил:**

**Зи булбул** шунидам яке достон,
**Ки бархонд аз гуфтаи бостон,**
Ки «чун маст бозомад Исфандиёр,
Дижам гашта аз хонаи шаҳриёр».

**Талмеҳ** бо мақсади исботи тавоноии Рустам аз забони худи ӯ:

Ҳамон аҳди Ковус дорам нахуст,
Ки бар ман баҳона набояд чуст...
Чу ман баргузаштам зи Ҷайҳун бар об,
Зи Тӯрон ба Чин рафт Афросиёб.
Чу Ковуси Кай шуд ба Мозандарон,
Сухан гуфт дастон басе андар он.
Шунидӣ, ки бар вай чӣ омад зи дев,
**Зи кӯрӣ зи ҷонаш баромад ғирев...**

**Таҷоҳули ориф:**

Ба шаҳри ту шеру наҳангу паланг,
Савора дароянд ҳар се ба ҷанг?!

**Кор фармудани зарбулмасал:**

Зи гоҳи бузургӣ чу **мӯй аз хамир**
**Бурун омадӣ,** меҳтаро, чора гир!

**Кор фармудани мақоли халқӣ:**

Ду гетӣ ба Рустам нахоҳад фурӯхт,
Қасе чашми дилро ба сӯзан надӯхт.

Аз воситаҳои тасвири бадеӣ муболиға, тавсиф, ташбеҳ ва истиора дар «Шоҳнома» мавқеи калон дорад, зеро поэтикаи «Шоҳнома» бештар ба васф асос ёфтааст:

**Муболиға:**

Ки айвон-ш бартар зи Кайвон намуд.
Ту гуфтӣ ситора бихоҳад рабуд.

* * *

Шаб омад яке **оташе** барфурӯхт,
Ки таффаш ҳаме **осмонро бисӯхт**.

**Ташбеҳи бевосита:**

**Яке мард** ҳамчун **кӯҳи Бесутун,**
Дарахте гирифта ба чанг андарун.

* * *

**Биёроста ҳамчу боғи баҳор,**
Саропой пуррангу бӯю нигор.

**Ташбеҳи бевосита:**

Зи **андоми Рустам** ҳаме рафт хун,
Шуда сусту ларзон **кӯҳи Бесутун.**

**Истиора:**

Чаро **пили ҷангӣ** чу рӯбоҳ гашт?
Зи ҷангаш чунин даст кӯтоҳ гашт?

**Тавсиф:**

Завора биёвард аз он сӯ **сипоҳ,**
Яке лашкари **доғдил, кинахоҳ.**

Фирдавсӣ на танҳо аз санъатҳо ва воситаҳои бадеии тайёри пеш аз худ фаровон истифода бурдааст, балки худаш низ эҷод кардааст. Аз мисолҳои боло мушоҳида мешавад, ки Фирдавсӣ дар кори истифода бурдани санъатҳо ва воситаҳои тасвири бадеӣ маҳорати баланд дорад ва сазовори тадқиқ аст, зеро ғайр аз бойгарии образҳо, дар онҳо ҷаҳонбинии шоир, ақидаву тасаввуроти онрӯзаи мардум низ акс ёфтааст. Масалан, дар байти:

Фурӯ шуд ба моҳию бар шуд ба моҳ
**Буни найзаву қуббаи** боргоҳ.

ҳам таносуби сухан (моҳию моҳ), ҳам тазод (фурӯ, бар), ҳам муболиға (ба моҳии зери замин расидани буни найза ва ба моҳ расидани қуббаи боргоҳ), ҳам санъати лаффу нашр: ба моҳӣ — буни найза, ба моҳ — қуббаи боргоҳ — аз як тараф, ҳашамати дарбори подшоҳон ва қувваи пурзӯри лашкари онҳо идеализация шудааст, аз тарафи дигар, ақидаи динию фантастикии мардум, ки замин бар болои моҳӣ аст, акс ёфтааст.

Ё ки ба тариқи маҷоз овардани мафҳуми «дунё — бозӣ»-ро

намуна меорем. Дар тасаввури одамони қадим дуньёи моддӣ, алалхусус, сайёраҳо ба тақдири инсон бозие дорад, ки он аз фиреб иборат аст ва одамон ба он набояд фирефта шаванд:

Яке нагз бозӣ бурун оварад,
Ба дил андар аз дард хун оварад.

Ин анъанаи ғоявӣ баъд аз Фирдавсӣ ба таври васеъ инкишоф дода шудааст. Махсусан, дар ин рубоии Хайём:

Мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатбоз,
Аз рӯи ҳақиқат на ки аз рӯи маҷоз.
Бозича ҳаме кунем бар наъти вуҷуд,
Афтем ба сандуқи адам як-як боз.

## ХУЛОСАҲО

1. Фирдавсӣ мувофиқи талаботи ҷамъияти асри X халқҳои Эронӣ давом, такмилдиҳанда ва ба пояи баланду устувор бароварандаи анъанаи шоҳномасарой мебошад.

2. Фирдавсӣ шоҳномасароиро баъд аз кушта шудани Дақиқӣ ва гирифтани нусхаи «Шоҳнома»-и насрии Абӯмансурӣ оғоз накардааст, вай пеш аз ин дар бобати достонҳои афсонавӣ ва қаҳрамонӣ таҷрибаи эҷодие дошт. Ӯ бешубҳа, бо роҳи ташаббуси шахсӣ яке аз ғункунандагони материали достонҳои қадимӣ ҳам мебошад, вагарна якбора ба ин ҳама комьёбии эҷодӣ ва ба эҷоди чунин кори бузург ва шоҳасар ноил шуда наметавонист.

3. Аз баъзе қитъа ва ғазалҳои Фирдавсӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки Фирдавсӣ ҳам монанди шоирони дигар таҷрибаи эҷодиро аз шаклҳои хурди шеър оғоз кардааст, дар сароидани достонҳои ҷудогонаи афсонавӣ ва таърихӣ пухта шудааст. Мумкин аст, ки ӯ ин достонҳояшро минбаъд боз аз нав кор карда, ба таркиби «Шоҳнома»-и худ ҳамроҳ карда бошад.

4. Эҷоди «Шоҳнома» кори якбораву якдавра нест, балки ҷараёни давомдори кори эҷодии 30—35-солаи азнавкоркуниҳо ва такомулот мебошад, ки ҳоло ҳамаи қисмҳо ҷо ба ҷо ва ҳар байт мавқеи устувор дорад.

5. «Шоҳнома» маҷмӯи аз нав ба таври бадеӣ эҷодшудаи мифология ва таърихи халқҳои эронӣ мебошад, ки бештар заминаи тоҷикӣ — эронии шарқӣ дорад.

6. «Шоҳнома» як навъ муҷассамаи бадеии ақидаҳои шуубия — ақидаҳои озодихоҳии миллии эрониён буда, ифодаи ватандӯстӣ, ҳимояи ватан ва истиқлолиятҷӯӣ ба муқобили истилои араб ва хавфи дар пешистодаи истилои аристократияи ҳарбии турк дар охири асри X буд.

7. «Шоҳнома» ҳар чанд ки номаи шоҳон аст, вале маънои номаи бузургро ҳам ифода менамояд. Дар ҳар ду маъно ҳам

асоси ғоявии халқӣ дорад, зеро мундариҷаи ғоявии онро адолатхоҳӣ, подшоҳпарастии одилона ва бомаърифат, халқпарварӣ, ватандӯстӣ, истиқлолиятҷӯӣ, озодихоҳӣ ташкил кардааст ва композицияи ғоявию сюжети он низ ҳамин маънороо тасдиқ менамояд.

8. «Шоҳнома» вобаста ба шароити таърихӣ аз ҷиҳати композицияи ғоявӣ, дарбаргирии воқеаҳои таърихӣ асари нотамом аст ва ҳатто, ба иродаву хоҳиши шоир зид аст, зеро асоси композицияи ғоявии асар мубориза қувваҳои некиву бадӣ буда, аз таълимоти Зардушт омадааст ва аз рӯи таълимоти некбинонаи ӯ бояд қувваҳои некӣ ғалаба кунад, вале «Шоҳнома» бо ғалабаи қувваҳои бад — истилои араб ба анҷом расидааст. Ҳар чанд ки Фирдавсӣ дар «Номаи Рустам ба Саъди Ваққос» «Дар Эрон туро зиндагонӣ бас аст», гуфтааст, вале ғалабаи ислом ва онро қабул кардани аксарият ба шоир имконият надодааст, ки воқеаҳои таърихии асрҳои VIII—Х-ро ки дар он муборизаи халқии зидди истилогарони араб (шӯриши Абӯмуслим, Сумбод, маздакиҳо, хуррамиҳо, Муқаннаъ, ҳаракати исмоилиҳо ва қарматиҳо) ривоҷу равнақ ёфта буд, пурра акс намояд. Дар ин бобат ҳарорати ватандӯстии шоирро ақидаи исломии худи ӯ низ хомӯш кардааст.

9. «Шоҳнома» асоси фольклорӣ ва таърихӣ дорад. Қисмҳои асосии он аз достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва таърихӣ иборат аст.

10. Ин асар на танҳо аҳамияти қаҳрамонӣ, панду ахлоқӣ, балки фалсафӣ ва этнографӣ ҳам дорад. Панди Фирдавсӣ аз ҷаҳонбинии рационалии ӯ зуҳур кардааст. Мазмуни панду ҳикматҳои вай хеле васеъ аст. Аз ҷумла ватандӯстӣ:

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Аз рӯи ин гуфтаҳои шоир, аввало, ӯ бо ҷавонони далеру диловари ватани худ фахр дорад, сониян, мафҳуми ватан дар тасаввури ӯ танҳо аз замину шаҳру деҳоти кишвар иборат нест, балки халқи он, пеш аз ҳама, зану фарзанд ва хешу таборро ҳам дарбар мегирад. Фирдавсӣ дар мудофиаи ватан, пеш аз ҳама, иттиҳоди маънавии халқро зарур шумоaридааст:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Ҳама аз паи ганҷу пайванди хеш
Бубандед бо якдигар домано,
Намонед бадхоҳ пиромано.

Ватандӯстии Фирдавсӣ, чӣ тавре ки дар боло дидем, мафҳуми конкрет, реалӣ ва ҳаётӣ дорад. Яке аз ин гуна мафҳумҳо дар замони ҷангҳо барои мудофиаи ватан, аз ҷиҳати иқтисо-

дӣ ва маънавӣ дастгирӣ кардани зану фарзанди касонест, ки барои ҳимояи халқу ватан ҷон ба каф ба ҷанги беамон рафтаанд. Чунин дастгирӣ қарзи ватандӯстонаи ҳар ватандӯст буда, шоир ба адои ин қарз даъват намудааст:

Гиромӣ чу онро, ки дар пеши ту
Сипар кард ҷон аз бадандеши ту.

* * *

Чу некӣ намоянд, подош кун,
Намон, то шавад ранҷи некон куҳун.
Ғанимат бар ӯ бахш, к-ӯ ҷанг ҷуст,
Ба марди дил аз ҷони ширин бишуст.
Ҳар он кас ки шуд кушта дар корзор
В-аз ӯ хурду кӯдак бувад ёдгор.
Чу номаш зи дафтар бихонад дабир,
Дирам пеши кӯдак бувад ногузир.

Хусусияти дигари ватандӯстӣ ва халқу инсонпарварӣ — душманбадбинист, зеро барои бар душман чирадаст шудан онро бояд хуб омӯхт. Ин маънӣ дар панди Фирдавсӣ хеле баланд садо додааст:

Ҳама размро дил пур аз кин кунем,
Тани душманон ҷои зӯбин кунем.

Ватандӯстии Фирдавсӣ ба ақидаи озодихоҳии ӯ ва озодии шахсро тараннум кардани вай вобастааст, ба ин маъно, асиру залилу хор буданро маҳкум карда, маргро аз он афзал донистааст:

Чунин гуфт мӯбад, ки «мурдан ба ном —
Беҳ аз зинда душман бар ӯ шодком».

Панди оқилонаи Фирдавсӣ дар бобати шахси ватандӯст танҳо аз далерӣ, говзӯрӣ, озодихоҳӣ иборат нест, вай бояд одами оқил, доно, ҳунарманду ҳушьёр ва донандаи ҳунару асли ҳаи ҷанги бошад:

Диловар, ки н-андешад аз пилу шер,
Ту девона хонаш, махонаш далер,
Ҳунар худ далерист бар ҷойгоҳ,
Ки баддил набошад сазовори гоҳ.
Далерӣ зи хушьёр будан бувад,
Диловар сазои сутудан бувад.

Дар «Шоҳнома» хислатҳои неки инсон дар бобати меҳнатдӯстӣ, аз меҳнати худ роҳат кардан ва дӯст доштани илму дониш тавсиф шудааст, ки маънои он тарғиби хислатҳои некӣ мебошад. Вай бо ин муносибат акси он хислатҳоро сарзаниш кардааст:

Ҳар он кас ки бигрезад аз коргард,
Аз ӯ дур шуд ному нангу набард.
Ҳама коҳиши мардум аз баддилист,

Ҳамовоз бо баддилӣ коҳилист.
Таносоиву коҳили дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун,
Ки андар ҷаҳон суди беранҷ нест,
Қасеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.
Чу коҳил бувад марди доно ба кор,
Аз ӯ сер гардад дили рӯзгор.
Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ранҷ нобурда ганҷ.

Азбаски Фирдавсӣ дар ҷамъияти антагонистии синфии феодалӣ зистааст, оммаҳои меҳнаткаш ҳамеша дар азоб ва зери зулми синфи ҳоким буданд. Аз ин ҷост, ки шоир ба синфи ҳокиму золим мурочиат карда, онҳоро ба некӣ кардан даъват намудааст:

Кашоварз ё мардуми пешавар —
Касе к-ӯ ба размат бубандад камар.
Набояд, ки бар вай вазад боди сард,
Накӯшед ҷуз бо касе ҳамнабард.
Ба ҳар ҷойгаҳ ёри дарвеш бош,
Ҳама роҳ бар мардуми хеш бош.

Фирдавсӣ ба синфи ҳоким панд дода, онҳоро бо усули мистикии ба ғазаби худо гирифтор шудан тарсонидааст, ки гӯё ӯ ҳомӣ ва ғамхори бечорагон аст. Вай дар ҷаҳон мукофоти амали бадро ҳатмӣ мешуморад:

Ҳамон гаҳ, к-ат омад ба бад дастрас,
Зи яздон битарсу макун бад ба кас.
Ба назди кеҳону ба назди меҳон
Ба озори мӯре наярзад ҷаҳон.
Дароз аст дасти фалак бар бадӣ,
Ҳама некӯӣ кун, агар бихрадӣ.
Чу некӣ кунӣ, некӣ ояд барат,
Бадиро бадӣ бошад андархӯрат.

Масалан, некию бадиро ба таври фактҳои ҳаётӣ муҳокима намуда, аз он хулосаҳои умумӣ низ бароварда тавонистааст: Яке дуньёро ба одамони бад надодан:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем,

дигар—азбаски умри инсон пойдор нест, беҳ, ки некӣ аз худ ёдгорӣ бошад, на бадӣ:

Набошад ҳама неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Пандҳои Фирдавсӣ дар тариқи муҷаррад — маҳз барои панд гуфта нашудааст. Ӯ ин суханони ҳакимонаи худро ба муносибати воқеае, ҳикояте овардааст, то ки бепредмет набошад ва онро аз забони мӯбадон ва вазирони доно ифода намудааст. Вай аз забони вазири донои Нӯшинравон Бузургмеҳр

р бораи сухан кӯтоҳ ва бо маънӣ гуфтан, аввал андеша — ъд гуфтор, дар сухан шитобкор набудан, дурӯғ нагуфтан ғайра мулоҳизаҳои ҳакимона рондааст:

Сухангӯи доно забон баркушод,
Зи ҳар гуна дониш ҳамекард ёд.
Ҳар он кас ки магзаш бувад бошитоб,
Фаровон сухан бошаду дерьёб.
Дигар гуфт: Равшанравон он касе,
Ки кӯтоҳ гӯяд ба маънӣ басе.
Чу гуфтори беҳуда бисьёр гашт.
Сухангӯй дар анҷуман хор гашт...
Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ.

Гуфтаҳои ҳакимонаи боло қатра аз баҳр аст. «Шоҳнома» р аз суханони ҳакимона мебошад.

11. Тасвирҳои «Шоҳнома» пур аз истилоҳот ва номи асбоб- зу либосҳои ҷангӣ буда, ҳамчунин тарзи ҷангҳои феодали- ӣ хеле хуб тасвир кардааст. Аз ин рӯ, дорои аҳамияти этног- фӣ ҳам мебошад.

12. Маҳорати эҷодии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба ҳадде мил ва булӯғ мебошад, ки онро асари ҷовидонии умумиҷаҳо- гардонидааст.

## АДАБИЁТ


1. Айнӣ. С. Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнама»-и у. Сталинобод, 1935.
2. Бертельс Е. Э. Абулкасим Фирдоуси и его «Шах-наме». Москва, 1935.
3. Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. М., 1965.
4. Болдыров А. Н. Фирдавсӣ. Сарсухан ба нашри мунтахаби «Шоҳнома» Сталинобод — Ленинград, 1938.
5. Гафуров Б. Г., Цибукидис Д. И. «Восток». М., 1980.
6. Османов М. Н. Фирдоуси (Жизнь и творчество). М., 1959.
7. Османов М. Н. Рустам и Сухраб. М., 1959.
8. Сафо Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон, нашри II.
9. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон, ч. 1, Теҳрон, 1338 х. ш.
10. Стариков А. А. Фирдоуси и его поэма «Шах-нама». Охирсухани нашри рӯн «Шоҳнома», ч. 1, М., 1957.
11. Тагирджанов А. Т. Историко-сравнительный анализ содержания героической части «Шах-наме» Фирдоуси. Маҷмӯаи илмии кафедраи адабиёти тоҷ. Образ ва маҳорат. Душанбе, 1979.
12. Фрай Ричард. Наследие Ирана. М., 1972.

## МУНДАРИЧА

Мадхал . . . . . . . . . . . . . . . . 3
I. Адабиёти давраи қадими форсу тоҷик то асри VIII . 15
II. Адабиёти давраи устуворшавии феодализм (Асарҳои VIII-X) . . . . . . . . . . . . . . . . . 103
Намояндагони назми муосир . . . . . . . . 211
Шаҳиди Балхӣ . . . . . . . . . . . . 215
Абӯшакури Балхӣ . . . . . . . . . . . 226
Робиаи Балхӣ . . . . . . . . . . . . 212
Қисоии Марвазӣ . . . . . . . . . . . 230
Дақиқӣ . . . . . . . . . . . . . . . 235
Мунчики Тирмизӣ . . . . . . . . . . . 240
Мунтасир . . . . . . . . . . . . . . 243
Абӯабдулло Рӯдакӣ . . . . . . . . . . 247
Абулқосим Фирдавсӣ . . . . . . . . . . 288
«Шоҳнома» ва таҳлили он . . . . . . . . . 305

**МИРЗОЗОДА ХОЛИК**

# История Таджикской литературы

*(на таджикском языке)*

Муҳаррир *Ч. Ҳамдамов*
Муҳаррири ороиш *А. Бабушкин*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳон *Л. Нурариев., А. Маҳмадалиев*

ИБ № 692

Ба матбаа 13.11.86 супорида шуд. Ба чопаш 29.07.87 имзо шуд. Формати $60\times90^1/_{16}$. Қоғази типографии № 2. Чопи барчаста. Ҷузъи чопӣ 30,5. Ҷузъи рангаи шартӣ 30.56. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 31.870. Супориши № 2918. Адади нашр 10000 нусха. Нархаш 1с. 50 тин.

Нашриёти «Маориф» Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.
734025, Душанбе, хиёбони Ленин, 37.